193110





ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

# ТАХТИ ВОЖГУН

ҚИСМИ САВВУМИ РОМАНИ СЕГОНАИ
«ДУВОЗДАҲ ДАРВОЗАИ БУХОРО»

НАШРИЁТИ «ИРФОН» ДУШАНБЕ 1974

Дар дасти Шумо романи «Тахти вожгун». Он қисми саввуми асари сегонаи Ҷ. Икромӣ «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» буда, дар он корномаҳои мардум барои барқарор кардани Ҳокимияти Советӣ дар Бухорои Шарқӣ, мубориза бо душманони дохилӣ, процесси озодшавии занон, вуруди чизи тоза дар ҳаёти мардуми тоҷик — ҳуллас он табаддулоте, ки дар он солҳои пурошӯб дар рӯзгори мардуми тоҷик ба вуқӯъ пайвастаанд, ниҳоят марғуб ба қалам дода шудааст.

Тоҷик 2
И 25

$\frac{7-3-2-2}{67-73}$ М 501 (13)

Государственная
респуб. б-бл. Тад.ССР
им. А. Фирдоуси
193110
Тоҷикӣ



## ФАСЛИ АВВАЛ

### I

Дар Бухоро ҳам хурсандӣ буду ҳам мотам.

Кӯчаҳои качу килеб, печ дар печ ва сераҳолии шаҳр он рӯз серғавғотар шуданд. Дар байрақҳои сурхе, ки ба дари ҳавлиҳо ва болои пештоқҳои биноҳо зада шуда буданд, як порча-як порча лентаҳои сиёҳ илова шуда буданд. Байраки сурхи инқилоби Бухоро аввалин бор ба худ чунин сиёҳӣ илова карда буд...

Аммо баҳори чавон бо ҳамаи хушию хуррамиҳои худ ҳукм меронд. Офтоб торҳои заррин ва навозишкори худро ба болои шаҳр бедареғ нисор мекард, насими форам аз беруни шаҳр бӯи сабзаи навхезро меовард. Дарахтҳои мевадор гул бароварда, ҷомаи рангин ба тан карда буданд. Мардум бетарсу ваҳм ба боғзорҳо ва сайргоҳҳои беруни шаҳр мебаромадагӣ шуда буданд: Асад махсум ва дастаи горатгари ӯ аз атрофи шаҳр нест шуда буд... Ҳамаи ин хурсандӣ буд, ҳамаи ин ба дили кас фараҳ ва шодӣ меовард.

Лекин хабар омад, ки дар касалхонаи Когон, аз захми беамони тири милтиқи Асад махсум Саид паҳлавон ҷон

додааст. Ин хабар дарҳол дар байни мардум паҳн шуд. Он рӯзҳо хурду калони мардуми Бухоро Саид паҳлавонро медонистанд, шунида буданд; қаҳрамонӣ ва диловарии ӯ чун достони Рустам аз забон ба забон гузашта, бо обу тоб нақлу баён мешуд. Аллакай воқеаи Қозимзода, халос карда шудани вай ва зарбаи корони дастони Саид паҳлавон ба сари Наими талх, ҳоли фанои ӯ дар шаҳр овоза шуда буд. Мегуфтанд, ки Саид паҳлавон аксарияти бегуноҳ хабсшудагонро халос карда будааст. Саид паҳлавон тирҳои қӯрғошимаш дур кардашударо ба ҷаллодони Асад дода, ба парронда мешудагон меомӯхтааст, ки бо шунидани садои тир худашонро ба замин мурдавор партофта, бо ранги сурх сари дил ва куртаҳояшонро олоянд (ранги сурхи хунмонандро пеш аз вақт ба шишачаҳо андохта, тайёр карда медодааст). Баъд худаш бо таппонча ба сари онҳо рафта пахтапаррон мекардаасту аскарҳоро гирифта мерафтааст. Пас аз рафтани ҷаллодон «мурдаҳо» аз ҷояшон хеста, бадар мекандаанд... Саид паҳлавон лаҷоми Асадро дошта меистодааст, Саид паҳлавон одами чека будааст. Саид паҳлавон як мушт занад, одам мемурдааст... ва ҳоказо ва ҳоказо...

Пас аз ин қадар васфу тамҳиди мардум, пас аз ҳосил шудани ин қадар муҳаббати халқ омада расидани хабари мурдани ӯ ҳамаро ғамгин кард. Газетаи «Бухоро ахборӣ» он рӯз як саҳифаи худро ба мотами Саид паҳлавон бахшида бароварда буд. Дар миёни саҳифа сурати ӯ чоп шуда буд. Расми ӯро аз як сурати умумии аскарони Асад махсум ҷудо карда, калон карда буданд. Аз саҳифаи газета чашмони бодомшакли марди доно, бо меҳру муҳаббат ба шумо менигаристанд. Дар лабу даҳони ӯ андак табассум менамуд, гӯё вай шарм мекард, ки дар ин рӯзи баҳор ин қадар кору бор, ин қадар вазинини сохтмони ҳаёти навро ба гардани шумо партофта, аз миён рафтааст. Ришу мӯйлабаш мошу биринҷ, вале дар ваҷоҳат ва симои ӯ ҳанӯз осори ҷавонӣ ва паҳлавонӣ ҳувайдо буд. Дар поёни он расм, ки ба чорчӯбаи сиёҳ гирифта шуда буд, навишта буданд:

«Марҳум, шаҳид, қурбони озодӣ ва истиқлоли халқи Бухоро — Саид паҳлавон».

Инчунин, дар газета эълон буд, ки имрӯз дар соати ёздаҳи рӯз «ташъеи ҷаноза»-и Саид паҳлавон мешавад. Ба ин муносибат дар вокзалча (яъне вокзали Бухорои кӯҳна) митинг барпо мешавад. Ин хабарро шунида, аз

худи аввали пагоҳ ба сӯи вокзал чараёни мардум оғоз шуд. Хурду калон, пиру барно, тоҷику ӯзбеку рус мерафтанд. Байрақ бардошта, тӯда-тӯда шуда мерафтанд. Лекин сурудхонӣ ва нақоранавозӣ набуд. Ҳама хомӯш, ҳама ғамгин буданд.

Дар паси вокзали Бухоро майдончаи сангфарше буд. Милиционерҳо мардумро ба ҳамон майдонча роҳнамун мешуданд. Ба рӯи саҳни вокзал аъзоёни ҳукумат ва роҳбарони ташкилотҳо ҷамъ шуда буданд. Дар байни онҳо ҳозир будани Файзулло Хоҷаев, Муҳиддинов, Оқчурин ва дигарон аҳамияти ин митинги мотамро нишон медод. Дар як канори саҳни вокзал зани Саид паҳлавон ва духтаронаш дар рӯи нимкат гирья карда менишастанд. Байрақҳои сурх андаке хам карда шуда ва лентаи сиёҳи онҳо бараъло намуда меистоданд. Дар соати ёздаҳ аз дур овози паровоз шунида шуду баъд худаш намуд, ки оҳиста ба рӯи роҳи оҳан гӯё шорида меомад ва аз паси худ фақат як вагонро меовард. Дар пеши паровоз ҳам байраки сурху сиёҳ буд ва сурати Саид паҳлавонро калон карда, ба чорчӯбаи сиёҳ гирифта, атрофашро бо лентаҳои сурх ва гулҳо оро дода гузошта буданд.

Паровоз гузашту вагон дар рӯ ба рӯи бинои вокзал истод. Дари вагон кушода шуду аз даруни он Ҳайдарқул, Қозимзода пеш-пеш, Асо ва Насимҷон аз қафо тобути бо матои сурху сиёҳ печонидашударо бардошта баровარданд. Пас аз он аз вагон Мирак, язнаи ӯ ва ошноёни Саид паҳлавон баромаданд. Аъзоёни ҳукумат, ки ба вагон наздик шуда буданд, тобутро иҳота карданд. Файзулло Хоҷаев ва Оқчурин ҳам китфони худро ба зери тобути Саид паҳлавон гузоштанд. Оркестри ҳарбӣ навои мотамро менавохт, занҳо садои гирьяю ноларо баланд карда буданд. Мирак «дадаҷонам» гуфта фарьёд мекард, дигар хешовандон низ мегиристанд. Дар чашмони Файзулло Хоҷаев, Асо ва Насимҷон низ ашк чарх мезад. Ҳайдаркул гирья намекард, дандон ба дандон гузошта, қавоқҳояшро овезон карда, бо симои пурсалобат пеш мерафт. Тобутро аз даруни бинои вокзал гузаронида, ба майдончаи зинаи қафои бино баровარданд. Дар он ҷо столи васеи калоне гузошта буданд, ки рӯяш бо байраки сурх пӯшида буд. Тобутро ба рӯи он гузоштанд. Мусиқии мотам хомӯш шуд. Дақиқае ҳама хомӯш монданд. Дар он майдончаи паси вокзал, ки қариб ду ҳазор кас ҷамъ омада буданд, ба ғайр аз ҳуқ-ҳуқи садои гирья

ва нимнолиши Мирак дигар овозе шунида намешуд. Фазоро рӯҳи мотам фаро гирифта буд.

Митинги мотамро, ки ба дафни Саид паҳлавони шаҳид бахшида шудааст, Файзулло Хочаев кушод.

Ҳайдаркул телпаки худро аз сар гирифту пештар баромад ва ба тобут хитоб карда гап сар кард. Овози вай ғафс, пирона ва хаста буд:

— Бародари азизам, паҳлавонам, қаҳрамонам Саид! — гуфт вай.— Кӣ гумон мекард, ки мани пир, мани аламзада — бародари калонии ту зинда мемонаму ту аз ин ҳаёти хуррам чашм мепӯшӣ?!

Инро шунида Мирак, язнаи ӯ, занҳо ва бисьёриҳо овози гирьяю фиғонро баланд карданд.

— Кӣ гумон мекард, ки тани паҳлавононаи ту,— ба гапаш давом дод Ҳайдаркул,— кӣ гумон мекард, ки чисми рустамонаи ту аз тири беамони душман дар айни корузор, дар айни ҳаракат ва чӯшиш бемадорона меафтад ва нақши замин мешавад?! Ҳеҷ кас! Инро танҳо худат медонистӣ. Худат синаи бекинаатро сипар карда дӯстонатро раҳонидӣ! Худат пеши роҳи душманро гирифтӣ, то ки дигарон наҷот ёбанд ва ту қурбон шавӣ!

Мо бояд аз ин тобут дарси ибрат гирем. Марги Саид паҳлавон бояд чашми моро боз кунад ва дӯстро аз душман фарқ карда тавонистанро омӯзад. Акнун бас, кифоя! Дар кори инқилоб сустиродагӣ, дудилагӣ ва мулоиматии бардурӯғ ҳалокат меорад! Бар зидди душмани инқилоб бераҳм шудан лозим! Ба хун хун гирифтан, ба куштан бо куштан ҷавоб додан лозим аст!

Ҳайдаркул ғарм шуда рафт. Дар сари тобути беҳтарин рафиқи худ ҳамаи дарду аламҳои дилашро гуфт ва мардумро ба ҳушьёрӣ, ба муборизаи синфӣ бар зидди душманони инқилоб даъват кард.

Пас аз вай Козимзода гирья карда-гирья карда сухан гуфт ва мухтасар воқеаи халос карда шуданашро баён карда, ба хотираи Саид паҳлавон таъзим кард, ваъда дод, ки аз душманони вай қасд мегирад.

Баъд аз ин Файзулло Хочаев митингро пӯшида эълон карда гуфт, ки маросими дафн дар пуштаи Шаҳидон, дар беруни дарвозаи Уғлон мешавад.

Тобутро бардоштанд. Дар поёни зинаҳо ба чор аспи бо лентаҳои сиёҳу сурх оро додашуда, аробаи тӯпро баста оварда, муҳайё медоштанд, ки бо расми ҳарбиҳо, то-

бути Саид паҳлавонро ба рӯи он гузоштанд. Аз паси он Мирак, язнаи ӯ ва хешовандон, аз паси онҳо роҳбарони ҳукумат Ҳайдаркул, Асо, Насимҷон, Козимзода ва дигарон ва баъд оркестри ҳарбӣ ба роҳ даромаданд. Пеш-пеши ин маросим ду ҷавон расми калони Саид паҳлавонро, ки бо лентаҳо ва гулчамбарҳо оро дода шуда буд, мебурданд. Садои марши мотам баланд буд.

Сарҳо бараҳна ва хам...

Дар байни онҳое, ки аз паси роҳбарон мерафтанд, Низомиддин ва инчунин раиси чека Олимҷон Аминовҳо низ буданд. Онҳо хомӯш, аз зери абрӯ ба атроф синча карда мерафтанд. Ҳар дуи онҳо низ ғамгин буданд ва ҳар ду низ худро дар ин фоҷиа то андозае масъул ва гунаҳгор медонистанд, фақат бо як фарқ: Низомиддин барои нобарорӣ ва шикасти кори худ, раиси чека барои кори инқилоб!

Дар даруни шаҳр кӯчаҳо аз ду тараф пур аз одам буд. Мардум ҳатто ба болохона ва бомҳо баромада, маросими дафну мотамро тамошо мекарданд. Дар лаби ҳавзи Девонбегӣ Низомиддин яке аз одамони Оқиловро дид, ки дар байни издиҳом истода, ба сӯи вай ишорате мекунад. «Аҳмақи разил!» гуфт дар дили худ Низомиддин ва рӯяшро аз вай тофта, ба раиси чека муроҷиат кард:

— Дар сари қабристон одамони шумо роҳбаронро ҳушьёрона муҳофиза мекунанд, албатта... Ман фармудам, чанд нафар одамони милиция аз дишаб ин тараф навбатдорӣ мекунанд. Имрӯз атрофи қабристон бо ду силсила муҳофиза иҳота шудагӣ...

— Нағз кардед! — гуфта монд раиси чека.

Ин хел муомилаи хунук аз тарафи раиси чека нисбат ба вай нораво буд. Вай нозири дохилия, вай то як дараҷа хоҷаи ҳамаи корҳои дохилӣ, вай Низомиддин афандӣ мебошад! Пас, чаро раиси чека, ин бачаи беадаб ба вай ин тавр муомила мекунад? Ё мабодо аз вай шубҳа дорад? Ё муносибати вай бо Асад махсум ошкор шудааст? Аҷаб не. Кӣ медонад, аз шикасти Асад махсум ба воҳима афтода, ягон разил асрори онҳоро фош кардагист?... Набошад, чаро раиси чека ба вай ин тавр муомила мекунад?! Бар акси кор, ин одами аҳмақ — ин гумоштаи Оқилов ба вай ким-чӣ ишорае кард. Илоҳӣ раиси чека ва ё каси дигар инро надида бошад.

Низомиддин хеле асабӣ шуда буд. Ҳар чиз, ҳар сухан ӯро ба шубҳа меафтонд. Аз ҳар кас шубҳа мекард.

аз ҳар кас метарсид. Зиндагии ӯ хеле талх ва ногувор буд. Ба Асад махсум ҳасад мебурд, ки корашро яктарафа кард, рӯйрост муқобилат изҳор карда баромада рафт ва дар назди касе чоплусӣ намекунад, аз ҳеҷ кас наметарсад ва дурӯғ намегӯяд, сохтакорӣ намекунад; мезанад, мекушад, пас мегардад, ҳуҷум мекунад... Аммо вай...

— Рафиқ Низомиддин! — гуфта хитоб кардани касе ӯро ба ҳуш овард. Баргашта нигоҳ кард, Оқчуринро дид, ки аз паҳлуи ӯ қадам мезанад. Низомиддин дарҳол ба сӯи ӯ тамоми баданашро гардонида, чоплусона табассуми сунъӣ карду «лаббай» гуфт.

— Шумо,— гуфт Оқчурин,— бояд дар сари қабр нутқ кунед, дар бораи ҳушьёрӣ, дар бораи худмудофиакунӣ гап занед!

— Майлаш, майлаш,— гуфт Низомиддин хурсанд шуда,— кӯшиш мекунам.

Оқчурин аз вай дур шуд. Низомиддин то як дараҷа осуда шуда ба атрофаш назар кард ва қадаммониҳояш дигар шуд. Вай донист, ки ҳанӯз асрораш кашф нашудааст, ҳанӯз ба вай боварӣ доранд ва дар чунин маросими муҳим — дар дафни Саид паҳлавон ба вай сухан медиҳанд. Оё вай чиҳо бояд гӯяд? Аввал дар бораи Саид паҳлавон, васфи ӯ, қаҳрамониҳои ӯ, кушта шудани ӯ... дар бораи Асад чӣ? Не, не! Дар ин бора гап сар кардан, ба ёди баққол кам доданро овардан чӣ даркор! Беҳтар ки дарҳол дар бораи ҳушьёрӣ, дар бораи кори назорати дохилия, дар бораи ҳушьёрии худи вай, дар бораи дареғ надоштани ҷони худ дар роҳи халқ... Алвидоъ, эй дӯсти азиз! Осуда бихоб, ки мо кори туро давом медиҳем, аз душманонат интиқом мегирем! Ва ғайра... ва ғайра.

Дар қабристон ҳам одами бисьёре ҷамъ омада буд. Дар он ҷо ба рӯи суфаи сербаре барои нотиқон ҷо тайёр карда буданд ва дигарон ҳама дар гирди суфа ва қабри навканда қарор гирифтанд. Мирзо Абдулқодир Муҳиддинов бо нутқи мухтасаре митинги сари қабрро кушода, сухани аввалро ба Низомиддин дод. Низомиддин ба рӯи суфа баромада:

— Рафиқон, бародарони арҷманд! — гуфт ва баъд як дараҷа хомӯш монд. Чашмаш ба Ғуломҷон Махсум афтод, ки ба сӯи ӯ бо назари суол нигоҳ карда меистод. Ӯро диду ҳамаи гапҳо ва тезисҳои тайёр кардаашро фаромӯш кард. Бинобар он, барои аз миён бурдани хомӯшии но-

гувор ҳар чӣ ба забонаш омад, гуфт: — худо гуфтааст, ки ҳар кас дар роҳи ҳақ кушта шавад, шаҳид аст. Шаҳид ки шуд, ҷояш ҷаннат мешавад. Ҷои Саид паҳлавон ҳам ҷаннат аст. Осуда хоб кун, эй дӯсти азиз, эй рафиқи меҳрубон! Мо корҳои нокардаи туро давом медиҳем...

Дар ин дам вай аз қафояш шунид, ки Оқчурин оҳиста ба вай луқма мепартояд:

— Дар бораи ҳушёрӣ, дар бораи ҳушёрӣ!

Низомиддин худро ба даст гирифт:

— Рафиқон! — гуфт вай, — Саид паҳлавон қурбони роҳи инқилоб шуд. Инқилоб ҳушёрӣ, ҳушёрии синфиро мехоҳад. Ҳар ҷанд ки амир Олимхон аз хоки поки Бухоро дафъ шуд, лекин тарафдорони вай ҳанӯз бисёранд. Онҳо бар зидди халқ, бар зидди ҳукумати шӯроӣ сар мебардоранд. Агар мо ҳушёр нашавем, ҳокимиятро аз дастамон мегиранд ва боз ҳамон тартиботи кӯҳнаро ҷорӣ мекунанд. Бинобар он, ҳушёр будан лозим аст...

Вай боз ким-чиҳо гуфт, ки ҳатто баъд худаш ҳам фаромӯш кард. Пас аз вай суханро ба қозӣ Саид доданд. Ин ардаки гарданкӯтоҳу галча, ки риши кулӯтаи сиёҳ ва дар сар салла дошт, дар ҳақиқат ҳам қозӣ буд, қозии нав, қозии аз тарафи ҳукумат таъиншуда буд. Ӯро «қозӣ бирунчӣ» (қозии якум) мегуфтанд. Вай, ки дар Станбул ва Арабистон зиндагӣ карда, қуръонро ба арабӣ хонда метавонист, ҳар вақт ба нутқ баромада, аз китобҳои динӣ ва гуфтаҳои пайғамбар далелу шайъ меовард. Ҳоло низ дар нутқи худ аз ояти қуръон далелҳо оварда, шаҳид будани Саид паҳлавонро исбот карду фотиҳа хонд.

Пас ҷасадро аз тобут бардошта ба лаҳад гузоштанд. Боз овози гиръяи Мирак ва наздикони Саид паҳлавон баланд шуд. Баъд аз пур кардани хоки лаҳад ва бардоштани теппачаи ёдгорие, ки ҷои охирини инсон аст, боз овози тиловати қуръон аз тарафи қозӣ Саид баланд шуд. Вай бо услуби арабӣ нолишкунон мехонд ва ба дили ҳама як нармӣ, ҳасрат ва надомат пур мекард. Дар асной тиловати қуръон ҳама ба замин нишастанд ва баъд омин гуфтанд.

Бо ҳамин маросими дафн ба охир расид. Мардум парешон шудан гирифтанд. Файзулло Хоҷаев, Муҳиддинов, Оқчурин ва дигарон ба фойтунҳои худ савор шуда рафтанд. Ҳайдарқул ба раиси чека наздик шуд, ки вай равандагонро нигоҳ карда меистод.

— Калонатон нутқ мекунам гуфта чиҳо гуфт? — пурсид вай.

— Гапашро якбора гум карда монд, — гуфт раиси чека. — Ба гумонам, дар миёни мардум касеро диду забонаш гирифт. Бедарак не, албатта... Бегоҳӣ биёед, камтар гап ҳаст.

— Майлаш, — гуфт Ҳайдарқул ва аз ӯ дур шуд.

Асо аз дасти Мирак дошта, ӯро тасаллӣ дода меистод. Ҳайдарқул онҳоро ба фойтуни худ савор карда, ба сӯи шаҳр раҳсипор гардид. Мирак акнун ягона ёдгории дӯсти бовафои вай буд.

## II

Пеши дарвозаи ҳавлии Саид паҳлавон рӯфта, об пошида шудагӣ буд. Дар дами дарвоза ва кӯча хешу таборон, ёру ошноён даст пеш гирифта меистоданд ва мардуми ба фотиҳа меомадагиро ба даруни ҳавлӣ роҳнамун мегаштанд.

Дар рӯи ҳавлӣ ва меҳмонхона чой тайёр карда, дастурхон партофта, нону лаълиҳои ширавор гузошта буданд. Ҳам дар хона ва ҳам дар рӯи ҳавлӣ қориҳо ва муллоҳо нишаста буданд, ки барои ҳар фотиҳахон аз қуръон як сура-як сура мехонданд. Домулло имоми гузар, ки одами хеле хоксор ва номуроде буд, дар рӯи ҳавлӣ нишаста, аз дилу чон қуръон мехонд ва бо овози баланд ба арвоҳи Саид паҳлавон раҳмати худоро мехост. Вақте ки андак пои оянлагон канда шуд, аз даруни хона имоми бовиқори гузари Пои Остона барои даст ба хок кардан баромаду баъд таҳорат карда омада ба назди шарикаш — имоми гузари ҳамсоя нишаст ва гуфт:

— Шарик, мешунавам, ки хеле аз таҳти дил қуръон тиловат карда дуо мегӯед!

— Ҳа, чӣ кор кунем, аз дасти мо меомадагеш ҳамин! — гуфт муллои хоксор.

— Албатта, аз дасти мо дигар чӣ меомад! — гуфт имоми бовиқор ва бо овози паст илова намуд: — Лекин, мегӯям, раҳматӣ дар айни чон доданаш калима гуфта бошад, ё не? Дар дасти урусҳо, дар касалхонаи Когон вафот кардааст...

— Ҳар чӣ бошад ҳам аз тири бадқасдон, мӯъминонро мудофиа карда истода ҷон додааст. Ман ба шаҳид будани марҳум шубҳа надорам.

— Шаҳид ҳамон аст, ки дар роҳи ислом, дар ғазот мурда бошад, на ин ки...

— Роҳи ислом — роҳи ҳақ аст. Ҳар касе, ки дар роҳи ҳақ ҷон фидо карда бошад, вай шаҳид аст, шарик, ба ин шубҳа накунед ҳам мешавад!

— Шумо роҳи ҳақ гуфта кадом чизро мефаҳмед? — пурсид муллои бовиқор.

Муллои хоксор ҳанӯз ба ҷавоб лаб накушода буд, ки аз берун Ҳайдарқул, Асо, Насимҷон Мираки гирьёнро ҳамроҳ гирифта омаданд. Мирак дадаҷонам гӯён ба ҳавлии дарун даромада рафт, калонсолҳо ба кати рӯи ҳавлӣ нишастанд. Муллои хоксор қуръон хонд, ҳама даст бардошта, омин гуфтанд. Пас, муллои хоксор, ки Ҳайдарқулро медонист, ба вай муроҷиат карда пурсид:

— Ҷаноби Ҳайдарқул, дар сари қабр тиловати қуръон мекардагӣ одам буд, ё не? Ё ки...

— Буд, — гуфт Ҳайдарқул мақсади ӯро фаҳмида, — Қозӣ Саид тиловати нағз кард, бо ҳамаи қонуну қоидаи мусулмонӣ ба хок супоридем. Саид паҳлавон мусулмон буд, одами боэътиқод буд.

— Дар Когон, дар духтурхона тамом шуд, мегӯянд, — гуфт боз мулло, — оё аз наздиконаш ҳеҷ кас дар наздаш буд, дар вақти назъи ҷон?..

— Ҳа, ман будам, Қозимзода буд, хешу таборҳо, домодҳо, писарҳо буданд... Чӣ, одами мусулмон, дар духтурхона қазо кунад, аз дин мебарояд-мӣ?

— Худо накунад! — гуфт муллои хоксор. — Раҳматӣ бандаи худоҷӯй, мусулмони комил буд, албатта дар дақиқаҳои охири умр одамони худӣ дар атрофаш бошанд беҳтар-дия.

Ҳайдарқул гап назаду ба андеша фурӯ рафт. Имоми хоксор маънидорона ба имоми бовиқор нигоҳ карда монд. Вай бошад, сангҳои ба сараш расида истодаро ҳис карда, хомӯш ва хап менишаст. Асо ба миён даромаду хомӯшии ногоҳ ба миён омадаро вайрон кард:

— Одами худоҷӯй буд, ё ки дигар, ба ҳар ҳол аз миён рафт. Акнун гуфтаҳои мо каті вай на мусулмон мешавад, на кофир! Ман ба ҷони шумо, ҳазрат, мешудам, ба қавмҳои худ насиҳат дода мегуфтам, ки ба ҳукумати шӯ-

рои ситеза накунанд! Як нафар ду нафар большевикҳоро куштан катӣ ба мурод расида наметавонанд. Баръакс, большевикҳо ба ҳар катраи хуни ноҳақ рехтаи рафиқонашон сари даҳ ҳоинро аз тан ҷудо мекунанд.

— Албатта рост мегӯед, писарам Асо,— гуфт имоми хоксор.— Лекин қавмҳои мо ҳама одамҳои худотарс, ҳеҷ кас ба ҳукумат ситеза намекунад... Шабу рӯз дуои ҷондарозии ёшбухориҳоро мекунем...

— Албатта, албатта! — гуфта монд имоми бовиқор.

Ҳайдаркул, ки дар бораи вазъияти онрӯзаи зиндагии Бухоро ба фикр фурӯ рафта буд ва аз суолҳои имом ба хотираш расид, ки ҳанӯз аксарияти мардуми Бухоро то чӣ андоза ба таъсири дину хурофот мондаанд, гуфтаҳои Асо ва ҷавоби имомҳоро шунида, зери лаб табассуме карду гуфт:

— Бо ҳукумат ситеза мекардагон бо худову пайғамбар ҳам ситеза мекунанд!

— Наузан биллоҳ! — гуфта монданд ҳар ду мулло.

— Не, рост-дия! — гуфт ба гапаш давом дода Ҳайдаркул.— Он хел одамҳо ба масҷид ҳам намеоянд, сухани ҳаққи ҳазрати имомро ҳам намешунаванд... Лекин гуфтаҳои Асо ҳамин қадар ҷон дорад, ки ба ҳар ҳол ба қавмҳоятон насиҳат карда истоданатон ба гӯши дигарҳо ҳам мерасад ва аз фоида холӣ намешавад.

— Мо шабу рӯз дар ҳаққи ҳукумати одиламон дуо мекунем! — гуфт тамаллуқкорона имоми бовиқор ва аз ҷо бархост. Чунки дар ин дам аз дарвоза фотиҳахони бисьёре омада медаромад. Вақте ки ними одамони омадагӣ ба даруни меҳмонхона ва нимашон дар берун нишаста қуръон гӯш карданд ва ба фотиҳа даст бардошта омин гуфтанду аз ҷо бархостанд, аз таки дарвоза истода Насимҷон Ҳайдаркулро бо ишора ба тарафи худ чег зад. Ҳайдаркул одамҳоро гусел карда истода ба Насимҷон наздик шуду:

— Ха, чӣ хабар?— гуфт.

— Шумо ва ака Асоро раис чег мезананд. Маслиҳати таъҷилӣ...— гуфт Насимҷон.

Ҳайдаркул фаҳмид, ки ӯро раиси чека чег мезанад, бинобар ин, бо сараш ишораи «хуб»-ро карду ба соҳибони ҳавлӣ, ба домодҳои марҳум нигоҳ карда гуфт:

— Хайр, бародарҳо, ба ману Асо ҷавоб... Агар холӣ шавем, бегоҳӣ албатта меоем. Ба Мирак нигоҳ кунетон, бисьёр тапид.

Дар ҳақиқат Мирак метапид. Вай ба як кунҷи хонаҷаи дар паҳлуи ошхона будагӣ хазида, гоҳо «дадаҷон!» гӯён фиғон мекард, гоҳо бесадо мегирист, гоҳо ба як нуқта чашм дӯхта, хомӯш моту мабҳут ва ғамгин менишаст. Модараш, апаҳояш, Фирӯза, Ойими Шоҳ ва дигарон, ки дар ҳавлии дарун буданд, ҳарчанд насиҳат мекарданд, фоида намебахшид, вай гуфтаҳои онҳоро намешунид, ба маънои суханонашон пай намебурд. Дар пеши назараш ҳамеша симои меҳрубон, самимӣ ва нуронии падараш намуда меистод. Ҳеҷ гоҳ вай дар чашмҳои падараш қаҳру ғазабу оташиниро надида буд, ҳеҷ гоҳ вай аз ӯ суханони бад, ҳақорат ва дағалиро нашунида буд. Ягон бор дастони боқувват ва пурзӯри ӯ ба сари Мирак баланд нашуда буданд. Падараш буд, дили Мирак бақувват ва осуда буд; бо падараш якҷоя кӯҳро талқон кардан барои ӯ ҳеҷ менамуд. Падараш ақли ӯ, хиради ӯ, қуввати дасту бозуи ӯ буд. Падараш буд ҳар чӣ мехост мекард: беғамона бо ҷӯраҳо бозӣ мекард, мактаб мехонд, ё намехонд, бозори шаб мерафт, ба поездча савор шуда Когон мерафт, ба модараш ба корҳои хона ёрӣ медод, дар бораи нону ош фикре намекард, кайфе дошт... Акнун, якбора дасташ аз замину осмон канда шуд, якбора аз ҳама ҳузуру ҳаловаташ ҷудо гашт: бепадар, сағира, бекас шуда монд. Акнун ғами рӯзғор, ғами зиндагӣ ба сари вай афтод. Акнун бозию бепарвой не, акнун кору меҳнат ва фикру андеша кардан лозим мешавад.

Дар байни як-ду рӯз Мирак ба якчанд сол калон шуда монд.

Модари Мирак на аз он қабил занҳое буд, ки: те ки хӯрам, зан ки мурам, гуфта шинад. Вай аз хурдӣ ба меҳнат ва нодорамӣ одат карда буд, аз тирҳои ногаҳонии «қазою қадар» чандон афтода ва маъюс намешуд. Гӯё ки ҳамин ҳолатҳоро пештар медонист ва мунтазир буд. Вай аз рӯзе ки Саид паҳлавон ба хизмати Асад Махсум даромад, ҳамеша нороҳат, ҳамеша дар ҳавотир буд. Сад бор, ҳазор бор ба шавҳараш гуфта буд, ки аз ин кораш даст кашад, бо Асад Махсум кор кардан — чун бо паланги тездандон бозӣ кардан аст. Лекин, магар Саид паҳлавон ба сухани ӯ гӯш мекард. Ӯро тасаллӣ медоду осуда кардани мешуд. Ана, охир ба ҷони худаш ҷафо кард, онҳоро бекас монда рафт.

— Худо илоҳӣ Миракамро аз чашми бад нигоҳ дорад. Феълу кирдораш худи дадеш барин,— мегуфт вай ба Фи-

рӯза.— Ин қадар сӯхтанаш бедарак не, падару писар як хел буданд. Раҳматӣ як рӯз набинанд, кор карда наметавонистанд. Ин ҳам ба дадеш ӯч[1] буд...

— Миракро хонондан лозим,— мегуфт Фирӯза... Хату саводаш ҳаст, акнун хонданҳо осон шудагӣ, ана-мана гуфтана як муаллими доно мешавад.

— Намехонам мегӯяд,— гуфт кампир.— Агар ман хонам, зиндагӣ чӣ мешавад мегӯяд, ба мо кӣ нигоҳ мекунад, мегӯяд.

— Зиндагӣ, ба ҳар ҳол мегузарад,— гуфт Фирӯза — ҳукумат шуморо гушна намемонад!

— Ҳа, худо подшоҳ! — гуфт кампир,— ҷон додааст, ризқу рӯзӣ ҳам мерасонад. Баъд, кор мекунам гуфтанаш қатӣ, чӣ кор ҳам мекард, аз дасти ин сағира чӣ кор ҳам меояд?!

— Ман машкобӣ мекунам! — гуфт Мирак, ки ба рӯи ҳавлӣ баромада, гуфтаҳои модарашро шунида буд.

Занҳо ба сӯи ӯ баргаштанд. Вай дигар гирья намекард. Бо чашмони сурхгашта ва қавоқҳои варамида ва рӯи пажмурда, вале сарбаландона ва қомати рост меистод.

— Як кӯза обро аз ҳавлии берун то ба ин ҷо оварда наметавонию машки обро мебардорӣ?! — Сарзаниш кард модараш.

— Метавонам... Лозим шавад, метавонам! — Якрахагӣ мекард Мирак,—Асо акем ҳам аз хурдешон машкобӣ кардагӣ, Абдуллоҷон ҷӯрем ҳам аз хурдеш машкобӣ мекунад... Ман ҳам! Акнун дадем нестанд ки...

Ба чашмони Мирак боз ашк намоён шуд. Кампир ва Фирӯза ҳам рӯмолчаҳояшонро ба чашмонашон гузоштанд. Мирак аз назди онҳо гузашта, ба ҳавлии берун баромаду аз берун овози хаста ва беҳолонаи ӯ шунида мешуд, ки: «во дадаҷонам!» мегуфт.

Он рӯзҳо дар Бухоро ва атрофи он «во дадаҷонам!» мегуфтагиҳо якто-дуто, даҳто бисто набуданд, бисьёр хонадонҳо дар мотами падарон, шавҳарон, фарзандон ва ҷигаргӯшагони худ месӯхтанд.

Ҷанги якҳафтагии соли 1920 кайҳо тамом шуда бошад ҳам, амиру амалдорони вай несту нобуд шуда бошанд ҳам, зиддиятҳо, задухӯрдҳо тамом нашуда буданд, баръакс, акнун оташ мегирифтанд, шуъла бар меафрӯх-

[1] Ӯч — ӯзбекӣ, ба маънои омӯхта, часпон, ҷудонашаванда.

танд... Халқи камбағал ва ситамдида неъмати инқилобро чашида, ба роҳи озодӣ ва ҳаёти нав қадам гузошта буданд. Баръакс, ситамкорон ва золимон маҳвияти худро баръалоина дида, бо ҳавли ҷон ба по хеста буданд.

Дар Бухоро баҳор омада буд, латофати он дар ҳама ва дар ҳар ҷо мушоҳида мегардид... вале лаккаҳои абри сиёҳ гоҳо осмони нилгунро пӯшидан мехостанд, бодҳои сарди нофорам, ки ёд аз зимистони гузашта медоданд, гоҳо тунд вазида, гулу райҳонҳо ва мугчаҳои ниҳолонро аз миён бурданӣ мешуданд... Хайрият ки офтоби хуррами баҳор лутфу эҳсони худро аз сари мардум кам намекунад.

## III

Фирӯза дар кабинети худ нишаста ба газетаи имрӯза ва ба расми Саид паҳлавон чашм дӯхта, дар айни замон дар бораи рафти корҳои зиндагӣ фикр мекард. Барои он ки вай — Фирӯза аз фақирию бенавоӣ ва беҳуқуқӣ халос шуда, ана дар ин кабинет ба сари кор омада нишинад, ҳамин қадар заду хӯрд, кашмакаш ва хунрезӣ! Хайр, агар нашавад чӣ буд? Одамҳо ба тақдирашон тан медоданду хомӯш мешиштанд? Амир дар тахташ менишаст, ҳокимони вай халқи меҳнаткашро кор мефармуданд, ҳар чӣ мехостанд, ба ҳаққи онҳо раво медоштанд, мезаданд, ғорат мекарданд, ба номусашон мерасиданд, мекуштанд, зери по мекарданд... Не, ба он зулму мазаллат одам тоб оварда натавонист. Сар бардошт, тахту тоҷро зеру забар кард ва ба сӯи озодӣ, ба сӯи зиндагии озодона қадам гузошт. Аз ғуломӣ ва ҳақирӣ барои озодӣ ҷон доданро ба худ авло донист. Саид паҳлавон ҳам ҳамин тавр. Вай як шохи заҳрини боқимондаи зулмро аз бехаш канда истода ҷон дод! Инро авлоди наврас фаромӯш намекунад...

Соат аз се гузашта буд, дар клуб духтарҳо дарси охиринро мехонданд, занҳои миёнсол кӯрпа лаганда мекарданд, дарз медӯхтанд ва зеҳ мебофтанд. Дар ошхона бакавулҳо наҳорӣ мепухтанд. Ҳама ба кори худ машғул буданд... Фирӯза аз корҳои клуб хотирҷамъ ва осуда буд, ҳеҷ набошад, ҳамон рӯз, ҳамон соат ягон кори таъҷилие надошт, ё ки дасту дилаш ба кор намерафт. Дилаш хафа ва ҳанӯз ҳам дар чашмонаш осори бисьёр гирья

2 Ҷ. Икромӣ

карданаш намуда меистод. Сурати Саид паҳлавон ба рӯи ӯ бо андак табассум нигоҳ карда истода, гӯё мегуфт, ки: «Ана, духтарам, мо ҳам корамонро карда шудем. Ҳар чанд кӯшидем, ки пеши роҳи душманро гирем ва ҳудамонро аз хатар эмин дорем, нашуд. Душман маккорӣ кард. Лекин шумо ҳушьёр бошед, ки душман ғафлат намекунад! Дирӯзакак буд, ки аз Қогон пиёда ба Бухоро омадем, дар дами дарвозаи Мазор шуморо дидем ва ана акнун худамон ба мазор рафтем...»

«Мазори шумо зиёратгоҳи мардуми меҳнаткаши Бухоро мешавад!» гуфт ба дилаш Фирӯза ва ба ёдаш Мирак расид. Бачаи қобил, ҳушьёр, падараш барин дилсоф... Ӯро тарбия кардан лозим, ба мактаб мондан лозим... Албатта, ҳукумат барои оилаи бепарастормондаи Саид паҳлавон нафақа мебарорад, ба машқобӣ кардани Мирак ҳоҷат намемонад...

Фирӯза ба ин фикрҳо банд буд, ки дар кушода шуду Ҳамроҳхон бо чашмони пурашк даромада омад. Фаранҷию чашмбандаш дар даст овезон, сарбанд ба гарданаш афтодагӣ, мӯҳояш фаҳ кардагӣ, парешон, вазъияташ асафангез...

— Хӯш, хӯш, чӣ шуд? Чӣ гап? — гуфт Фирӯза, ки медонист Ҳамроҳхон албатта бо Насимҷон ҷанг карда омадагӣ.— Боз Насимҷон ранҷонд?

Ҳамроҳхон ҳуқ-ҳуққунон гузашту худро ба рӯи диван партофт.

— Ман аз он ҳусни рӯзафзун ки Юсуф дошт, донистам, ки ишқ аз пардаи исмат бурун орад Зулайхоро! — гуфт Ҳамроҳхон, шеъри Ҳофизро ба забон оварда.— Ман ҳам ин фаранҷию чашмбандро мепартояму сарлуҷу полуҷ аз қафои Насимҷон давида мегардам.

— Барои чӣ? Баръакс, фаранҷию чашмбандро напартоед беҳтар мешавад, ки аз қафояш давида гаштани шуморо намедонад.

— Механдед! Майлаш, хандидан гиред! Шоир рост гуфтааст:

> — Ту, эй кабӯтари боми Ҳарам, чӣ медонӣ
> Тапидани дили мурғони риштабарпоро!

Фирӯза ҳайрон буд. Ин зани боақл, бамаънӣ, шеърдон ва шеъргӯй, ки дар ҳар маврид тамсил гуфта метавонад, ба худаш омада банд шуда мондааст: рашки бемаънӣ мантиқро зер, ақлро лол карда мондааст.

— Агар яке аз он мурғони риштабарпо шумо бошед,— гуфт Фирӯза,— ҳаминро донед, ки ҳеҷ кас ба пои шумо ришта набастааст. Худатон бо ёрии рашки бемаънӣ поятонро ишкелбанд карда мондед. Набошад, бахту саодате ки шумо доред...

— Ҳеҷ кас надорад! — гуфт Ҳамроҳхон сахт карда.— Ва ба ҳеҷ кас раво ҳам намебинам!

— Нодуруст!

— Гуфтам-ку шумо кабӯтари боми Ҳарам!

— Хайр чӣ шудааст?

— Рӯзона то худи бегоҳ баромада рафтанаш бас набуд, ки акнун шабҳо ҳам бедарак мешавад. Пурсам, дуруст ҷавоб намедиҳад. Ҳис мекунам, ки то рафт ба ман хунук шуда истодааст... Кӣ медонад, ягонта аз худаш ҷавонтараш, аз ман нағзтарашро ёфтагист! Ҳозир чӣ бисьёр, ҷавонзанҳои шӯталаб! Ана, клуби шумо пур-пур шуда хоб кардааст.

— Ана халос! Акнун занҳои клуби мо ҳам боиси рашки шумо шуданд-мӣ? Метарсам, ки як рӯз аз ман ҳам рашк мекунед?!

— Албатта!— гуфт Ҳамроҳхон ба таври ҷиддӣ.— Гунҷишк дар боғ магар аз ягон меваи ширин рӯ метобад?! Насимҷони ман аз кадом гунҷишк ва шумо аз кадом меваи ширин камӣ доред?

— Шарм кунед!— гуфт Фирӯза ҳам ба таври ҷиддӣ— Насимҷони шумо гунҷишк будан катӣ ҳар меваи ширин ба вай хӯш-лаббай намегӯяд. Ақлатонро камтар кор фармоед, Ҳамроҳхон! Агар кор ба ҳамин тарик рафтан гирад, Насимҷон аз бахри ҳама чиз мегузарад, ҷонашро халос мекунад ва боиси он бадбахтӣ шумо мешавед. Худатон ба пои худатон теша зада истодаед.

Ҳамроҳхон аз суханони Фирӯза хеле ба худ омаду оби чашмашро пок карда, ба хаёл рафт.

— Рост мегӯед, Фирӯзаҷон! — гуфт ниҳоят вай бо овози хаста.— Ҳаман гапҳои шумо рост ва ҳақиқатанд. Аммо чӣ кор кунам? Ман девона шудагӣ...

— Ман девона шудагӣ гуфта худатонро сар дода мондед! — гуфт Фирӯза таънаомез.—Кас бояд пеши рохи хаёлҳои ботилашро худаш гирад, дар ин хусус ҳеҷ табиб ба шумо даво дода наметавонад. Як дуруст фикр кунед, шавҳари шумо танҳо касе нест, ки шабу рӯз ба кор машғул бошад. Ана, Асои ман ҳам гоҳо ду шабу ду рӯз, се шабу се рӯз ғоиб шуда меравад. Кори онҳо ҳамин

хел, замона осуда не. Аксулҳаракатчиёни лаънатӣ ҳар замон аз ҳар ҷо сар бароварда истодаанд. Агар онҳо ҳушьёрӣ накунанд, ба сарамон фалокатҳои сахт омаданаш мумкин.

— Инро ман медонам...

— Набошад, барои чӣ...

— Гуфтам-ку, вақтҳои охир ман бо тамоми ҳастии худ ҳис мекунам, ки Насимҷон ба ман хунук шуда истодааст. Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам! Инро ман аз аввал медонистам. Насимҷон барои ман аз ҳад зиёд ҷавон аст. Ҷавонӣ хоҳ-нохоҳ кори худро мекунад. Бале, бале девонагиҳои ман бефоида! Бефоида! Шумо рост мегӯед!

Фирӯза дар ин суханони Ҳамроҳхон бӯи ҳақиқат ва ростиро пай бурд. Вай ба фикру андеша фурӯ монд. Ба ҳоли ин зани бадбахт дилаш сӯхт. Зане, ки ба ҳар эҳтиром ва навозиш сазовор аст, зане, ки пас аз дарду ранҷу бадбахтиҳои бисьёре домани бахтро доштааст ва акнун метарсад, ки мабодо онро аз даст бидиҳад ва ё ки аз дасти ӯ рабоянд. Вай то андозае ба девона шудан ҳақ ҳам дорад. Бахте, ки бадин мушкилӣ ба даст омадааст, аз ҳад зиёд ширин мешавад ва касе намехоҳад, ки онро аз даст бидиҳад... Ана, дарди Ҳамроҳхон дар чист!

Фирӯза худро маломат кард, ки бедарак, нафаҳмида, Ҳамроҳхонро сарзаниш мекунад. Бале, Фирӯзаро лозим буд, ки аз таҳти дили ин сарсахт дуруст огоҳӣ ёфта, ҳеҷ набошад, бо маслиҳате, бо сухани нарме дардашро сабук кунад, на ин ки оймуллоҳо барин ба вай дарси ахлоқ ва мантиқ хонад!

— Истед ки,— гуфт Фирӯза хатои худро ислоҳ карданӣ шуда,— аз куҷо донистед, ки вай ба шумо хунук шудагӣ? Муомилааш? Рафтораш? Чӣ?

— Ҳамекаш! — гуфт Ҳамроҳхон ва каме хомӯш истода, баъд шарҳ дод: — Пештар дар рӯзҳои аввали хонадор шуданамон ҳар чизе ки ман пухта биёрам, ҳай-ҳаю бай-бай гуфта мехӯрд, акнун илоҷ надорад, ки ба хӯроки ман пухтагӣ ягон айб намонад. Пештар фақат таърифи ҳусну ҷамоли маро мекард, аз бӯсаю канорам сер намешуд, акнун на ин ки мадҳи маро намекунад, балки гоҳ ба куртапӯшиам, гоҳ ба сарбандам, гоҳ ба ӯсмаю сурмаам айб мемонад. Ман, ки қаҳр кардам, зӯр-базӯрӣ омада мечаспад. Пагоҳӣ барвақт ба кор рафта, аз ҳама баъд, бевақт карда ба хона бармегардад. Ман ҳайвон не-

ку, мефаҳмам... ба дилаш задаам, ҷавонтарашро мехоҳад.

— Насимҷон ҷавони булҳавас не, инро ман медонам,— гуфт бо қатъият Фирӯза.— Агар ҳамин тавр мешуд, шуморо ба худаш никоҳ намекард, безан гаштан мегирифт. Шумо ҳеҷ гоҳ ба дили вай намезанед, ба ин боисе нест, бедарак воҳима мекунед! Агар шумо дуруст-тар ба ойина нигаҳ карда ба худатон диққат кунед, аз ҳазор духтар зеботар ва барнотар ҳастед!.. Аммо Насимҷон як фақат ба ҳусни зоҳирии шумо ошиқ нашудааст, вай ба Ҳамроҳхон мафтун аст!

— Аз забонатон шаҳду шакар мерезад!

— Бемуболиға рост мегӯям!

— Аммо рафтори вай...

— Аз кор дер мондани вай... имрӯзҳо як сабаб дорад, ки... сабаби муҳим... кори сиёсӣ...

— Хӯш, чӣ сабаб? — пурсид Ҳамроҳхон.

Фирӯза зуд ҷавоб надод, зеро ки худаш дуруст намедонист ва фақат ҳис мекард, ки имрӯзҳо дар чека аз ҳарвақта дида кор бисьёртар шудагӣ, дар шаҳр чӣ як нотинҷӣ, чӣ як бесаранҷомие ҳаст. Аммо чӣ будани онро ба тафсил гуфта наметавонист. Бинобар он, фикр мекард, ки чӣ гуфта Ҳамроҳхонро ба сухани худ бовар кунонад, андак осуда намояд.

— Аз Москва хабар расидааст, ки — гуфт ниҳоят аз худаш бофта,— дар даруни шаҳри Бухоро аксулинқилобчиҳо ба ҳаракат омадаанд... гӯё ки амир чандин дуздҳои сарбурро пинҳонӣ ба шаҳр даровaронидааст... Акнун то ёфта гирифтани ин дуздҳо ба мардҳои мо осудагӣ нест.

— Хайр, ҳаминро худаш ба ман гуфта, фаҳмонида диҳад намешавад?

— Мумкин набудагист! Одамони чека ҳақ надоранд, ки ба касе чизе гӯянд.

— Ба занашон ҳам?

— Ҳатто ба занашон ҳам!

— Аҷиб! — гуфта монд Ҳамроҳхон ва пас аз андаке давида аз ҷо бархосту илова намуд: — Хайр ман равам, шояд худаш омада бошад...

— Аммо осуда бошед, ғаму ғуссаро партоед! — гуфт Фирӯза ӯро гусел карда истода.

— Кӯшиш мекунам! — гуфт Ҳамроҳхон ва берун баромад.

Фирӯза ғазетаи кушода истодаро то ба охир диду боз қат карда ба канори стол гузошт ва мехост, ки аз ҷо бархоста берун бароянд, касе дарро тақ-тақ зад.

— Дароед, марҳамат! — гуфт Фирӯза.

— Аз даҳлез як марди миёнсин, бечораахвол, ассалом гуфта даромада омаду ба таклифи Фирӯза ба рӯ ба рӯи стол курсӣ гирифта нишаст. Фирӯза сарбанди худро ба пешона ва рӯ поёнтар кашида монд. Мардак ҳам ба ӯ нигоҳ намекард. Чашмони вай сурх буда, дард кардагӣ ба назар менамуд ва ҳамеша ба замин мутаваҷҷеҳ буд. Дар танаш аз рӯи кулӯча шалвори кӯҳнаи аскарӣ, ҷомаи нимдошти кампахтаи сатини сиёҳ пӯшида, дар пояш ҳам мӯзаи нимдошти чанг зер кардагӣ дошт. Фирӯза ин мардро ҳеҷ гоҳ надида ва намедонист, ки ҳоло барои чӣ ин ҷо омадааст ва чӣ тавр аз назди милицияи пеши дарвоза берухсат гузаштааст. Ба назди ӯ занҳо ба арз меомаданд, ёрӣ талабида меомаданд, лекин мардҳо наомада будаанд... Ачабо, ин чӣ мегуфта бошад...

— Хӯш — гуфт хомӯшии ба амал омадаро вайрон карда Фирӯза.— Хизмат?

— Ман шунида будам, ки шумо дар ин ҷо арзи мардхоро ҳам шунида, ба дардашон дармон медодаед ва аз дасти афтодагон медоштаед... Ман шунидам, ки шумо ба арзи дармондагон гӯш дода, роҳи наҷот нишон медодаед... барои ҳамин ҷуръат кардаму омадам...

— Марҳамат, гӯшам ба шумо!

— Ман дар Бозори Нав саройбонӣ мекунам. Дар сари роҳи калон, рӯбарӯи масҷиди Атолиқ як саройча, хархона ҳаст, дар ҳамон ҷо... Ҳавлиамон дар гузари Чорхарос, ҳамсояамон ҷаноби нозир... Низомиддин афандӣ.

Мардак ба Фирӯза сар бардошта нигоҳ карду гӯё пурсидан мехост, ки вай, Фирӯза, Низомиддин афандиро мешиносад ё не. Фирӯза маънии нигоҳи ӯро фаҳмида гуфт:

— Мешиносам, нозири корҳои дохилӣ.

— Бале, бале,— гуфт мардак ва боз ба як нуқтаи дигар, ба теғаи стол нигоҳ карда ба гапаш давом дод: — Худам пештар дар Кармина мӯзадӯзӣ мекардам. Дар ҳунармандӣ овоза доштам. Баъд бо як саркардаи аскари амир гапамон гурехту ман ба Самарқанд рафтам. Дар Самарқанд бо инқилобчиҳо ҳамроҳ шудам ва ба даст милтиқ гирифта, ба ҷанги Бухоро омадам, дар ҷанг ба

поям тир расид, дастам ҳам маиб шуда монд. Бинобар он, дигар мӯзадӯзӣ карда наметавонистам. Лекин ҳукумат ёрӣ дод, зану духтарамро аз Кармина кас монда оварданд, як ҳавличаи подшоҳиро бепул доданд ва ҳамин саройбониро супориданд...

Мардак саргузашти худро гуфта тамом кард, аммо ин саргузашт ба Фирӯза чӣ дахл дорад, вай ҳанӯз намефаҳмид ва дар даст каламро бозӣ карда истода, босаброна охири сухани мардакро мепоид.

— Номам Бақочон, Бақочони мӯзадӯз... Як зан доштам, аз вай як духтар дидам, номашро Ҳалима мондем. Баъд занам мурд. Ҳалимаро калон кардан ба ман мушкилӣ кард. Боз як зан гирифтам. Ҳалима дар тарбияи модари ӯгай калон шуд. Духтар ҳозир ҳаждаҳсола шудагӣ, ба шавҳар лоиқ... Якта-дуто талабгорҳо ҳам пайдо шуда буданд, лекин як бадбахтии калон ба сарам афтоду ҳайрону гаранг шуда мондам ва хеста ба пеши шумо омадам.

— Хӯш, чӣ ҳодиса рӯй дод? — бесаброна пурсид Фирӯза.

— Ман ҳозир гуфта медиҳам,— гуфт Бақочон саросема нашуда,— тартибаш катӣ гуфта медиҳам. Шумо бояд ба дарди ман даво ёфта диҳед, дигар илоҷ нест. Ман чӣ гуфтан мехостам? Ҳа, номи зани дуюми ман Зӯҳра, Зӯҳрабону... занаки хушрӯй, чаққон ва бодаступо... Аммо духтарам Ҳалима ба худам рафтагӣ, фақир, бисёр фақиру номурод, меҳрубон, нармдил, хомӯш... Зӯҳрабону ба Бухоро омадан ин ҷониб дар ҳавлии Низомиддин афандӣ хизмат мекунад. Он кас тааллуқ надоранд-ку, аз обу ошашон хабар мегирифтагӣ кас нест. Бинобар он Зӯҳрабону рафта хизматашонро мекунад. Гоҳо духтарам Ҳалима ҳам бо модараш рафта ба корҳои пухту паз ёрӣ мерасонад. Албатта, аз давлати ҷаноби нозир рӯзгори мо ҳам ба подшоҳӣ мегузарад... Каму беш пасандоз ҳам кардем ва мехостем, ки Ҳалимаро сиҳат-саломат бароварда, ба дасти соҳибаш тӯю тамошо карда супорему ба муроду мақсадамон расем, лекин ҳодисаи ногувор рӯй дода монд.

Мардак боз хомӯш шуд. Фирӯза фикр кард, ки вай, яъне Бақочон ин ҳодисаи ногуворро гуфта наметавонад, забонаш намеравад, бинобар он гапро ин қадар кашол дода истодааст. Бале, Фирӯза ба шубҳааш то андозае ҳақ буд. Бақочон хеле фикр карда истоду охир гуфт:

— Ҳодисаи ногувор ҳамин ки як се рӯз пеш аз ин занам дар танҳоӣ ба ман гуфт, ки Ҳалима дучор шудааст. Ман аввал гапи ӯро нафаҳмидам. Чӣ хел дучор мешавад, духтари бокира ба шавҳар нарафта чӣ хел дучор мешавад? Баъд Зӯҳра гирья карда гуфт, ки намедонам, кадом як марди беинсоф духтари моро аз роҳ бароварда, ба номусаш таҷовуз карда мондааст... Хун ба сарам зад, дунё ба назарам торик шуд. Чунки ман Ҳалимаро аз ҳад зиёд дӯст медорам ва ҳамаи ҳастӣ ва нестии худамро ба вай фидо кардан мехоҳам. Агар он марди беинсофро, ки ба номуси духтари ман таҷовуз кардааст, ҳамон вақт ба дастам медоданд, бо нохуну дандонҳоям часпида пора-пора мекардам. Лекин, занам гуфт, ки Ҳалима дараки он мардакро намедиҳад. Кушед ҳам намегӯям гуфтааст. Баъд ману Зӯҳра, ба тахмин кардан сар кардем. Охир духтар шабу рӯз аз модараш ҷудо не, чи тавр мешавад, ки... Не, ин ҳодиса, гуфт занам, ё дар клуби занҳо, ё дар гирду атрофи он бояд рӯй дода бошад. Чунки Ҳалима чандин бор клуб меравам гуфта, чанд соат-чанд соат ғоиб шуда будааст... Зӯҳра ба Низомиддин афандӣ арз карда, чораи корро диданӣ шуд, ман намондам. Баъд бе маслиҳати занам хеста ба ин ҷо омадам. Наход ки дар клуб-а? Охир, дар ин ҷо мардҳо нестан-ку?!

Фирӯза аввал чӣ гуфтанашро надониста монд. Дар бораи бадном кардани клуб душманони озодӣ ҳарчӣ тӯҳмат бофта мебароварданд, лекин то ба ин дараҷа разолат расидани онҳоро тасаввур накарда буд.

— Шумо чиҳо гуфта истодаед, худатон мефаҳмед?! Духтари шумо ба клуби занҳо қадамашро намондааст. Агар ба клуби мо омада мерафт, шояд ин бало ба сари шумо намеомад.

— Шумо, отун, аз гуноҳи мани аблаҳ гузаред, ман як одами нахондагӣ, бесавод, лекин дилам соф... Ман мегӯям, ки ҳамаи одамҳои ба ин ҷо меомадагӣ ба шумо вонамехӯрдагиянд, охир клуб ҷои васеъ, чанд ҳавлӣ дарун ба дарун...

— Ҳамаи онҳоеро, ки ба клуби мо омада меистанд, ман медонам. Онҳо бисьёр не, аз берун як бисту панҷ-сӣ нафар омада мераванд. Дар байни онҳо на зани шумо ҳаст, на духтаратон. Ба шумо лозим буд, ки ҳалли ин муамморо аз худи духтаратон мепурсидед. Дар ин ҷо ба ғайр аз худи вай касн дигар ба шумо ёрӣ расонида наметавонад.

— Вай гап намезанад. Ҷанг кардем, тарсондем, ғапи хуш задем, бефоида!

— Аз ин мебарояд, ки духтаратон ба он мардак даъво кардан намехоҳад.

— Аммо мо даъво дорем.

— Худи духтаратон даъво надошта бошад, на суд ҳукм мекунад, на қозӣ. Бинобар он, беҳтар ки ба игвои душманҳои озодӣ дода нашуда, ба клуб даъвогар нашавед ва худи духтарро ба гап андозед?

— Сари ман чандто ки ба клуби занҳо, ба клуби ҳукуматӣ даъвогар шавам?! Ман фақат барои хабар гирифтан, барои маслиҳат омадам. Нағз шуд, ки фаҳмидам. Ба клуб меравем, гуфтани бачаҳои мо дурӯғ будааст. Акнун ман корамро дониста мекунам. Хайр саломат бошед.

Мардак аз ҷо бархост.

Баҳоҷони мӯзадӯз рафту Фирӯза танҳо монд. Вай чунон дар ҳайрат буд ва чунон авзоаш тағьир ёфта буд, ки ҳатто аз ҷояш бархоста, баромада аз дарбон напурсид, ки чаро ва чӣ тавр Баҳоҷонро ба назди ӯ гузоштаанд? Магар ӯро мешиносанд? Магар зану духтари ӯро дидаанд? Ягон хабаре доранд? Не, натавонист, ки баромада ин суолҳоро ҷавоб ёбад, баръакс дар баҳри ҳайрат ғӯтавар шуда монд...

Аз афту андом ва гуфтори мардак намуда меистод, ки вай дурӯғ намегӯяд. Ҳақиқатан духтари ӯро беномус кардаанд ва ин бадбахтиро ба сари ӯ бор карда, дидаю дониста ба муқобили клуби занҳо барангехтаанд. Маълум ки ин кори душманони ҳокимияти шӯроӣ, кори аксулҳаракатчиён аст.

Наход ки фақат барои ба клуб тӯҳмат задан, барои обрӯи клуби занҳоро рехтан ин корро кардаанд? Магар душман ҳамин қадар нодон аст? Охир ин даъвои хушку холӣ-ку! Ба клуби занҳо рафта номусашро барбод додааст?! Инро кӣ бовар мекунад?! Шояд Баҳоҷонро ба клуб роҳнамун гашта, боз ягон мақсади дигареро ба пеш гузоштаанд? Аз тарафи дигар, вазъияти Баҳоҷон ҳам хӯровар аст. Ягона духтараш, духтари ба қад баробаращро беномус карда партофтаанд. Акнун кӣ ба доди вай мерасад? Чӣ бояд кард? Ба Баҳоҷон Фирӯза чӣ хел ёрӣ расонида метавонад? Одам фиристода духтарашро чег зада, худаш гап пурсад? Ё ба милиция, ба назорати ад-

лия маълум кунад? Магар ба ин корҳо Бақочон розӣ мешавад? Қаҳраш намеояд? Аммо ин корро партофта мондан ҳам хуб не. Аввалаш ин ки ба клуби занҳо исподи сахт аст, сониян, мардаки бечора ёрӣ ва мадад хоста омад...

Не, вай дигар осуда намешавад, вай ин корро таҳқиқ карда бояд ба охираш расонад. Дар даврац ҳукумати шӯрой, дар давран адлу инсоф набояд Бақочон ва оилаи ӯ ҷафо бинанд ва арзашон ба ҷое нарасад! Ҳукумати одил ҳаст, фиркаи пурзӯри коммунистӣ ҳаст! Фирӯза пеш аз ҳама ба Кумитаи Марказӣ, ба шӯъбаи занҳо меравад, маслиҳат мепурсад, баъд бо Асо машварат мекунад... Бале, бале, ин муаммои чандон мушкил не, инро идораҳои дахлдор дар андак муддат ҳал мекунанд....

Занги телефон Фирӯзаро ба худ овард. Трубкаро ба гӯшаш монда, лаббай, гуфт. Асо аз идорааш гап мезад:

— Аҳволатон чӣ тавр? Корҳо? Ҳеҷ кас телефон накард? Не? Ягон мард, ё зане барои арзу дод омада буд?

— Ҳа, омада буд,— гуфт ҳайрон шуда Фирӯза.— Шумо аз куҷо медонед?

— Ба ман телефон карданд... Ман ҳозир ба клуб меравам...

Асо трубкаи телефонро гузошт. Фирӯза боз ҳайронтар шуд. Кӣ ба Асо телефон кардааст? Вай барои чӣ ба клуб меояд?.. Ҳамаи ин муаммоҳое буданд, ки дили Фирӯзаро беқарор мекарданд.

Фирӯза аз ҷо бархост, мехост ки берун, ба тан дарвоза баромада, аз милиционн дарбон дар бораи Бақочон гап пурсад. Лекин дар рӯи ҳавлӣ бо Ҳамроҳхон ва Насимҷон рӯбарӯ шуд, ки хурраму шодон меомаданд.

— Хоҳараки ширинам! — гуфт Ҳамроҳхон,— мо боз ба пеши шумо омадем, кор кардан ва осуда нишастан намемонем...

— Марҳамат, марҳамат, хуш омадетон! — гуфт Фирӯза ва аз роҳаш баргашта, бо омадагон боз ба хона даромад.

— Ин дафъа Ҳамроҳхонро ман маҷбур кардам,— гуфт ба рӯи курсӣ нишаста истода Насимҷон.— Ман маҷбур кардам, ки ба назди шумо омада, ҳамаи гапҳоро гуфта шуморо осуда кунем...

— Ман осуда... — гуфта монд Фирӯза.

— Не,— гуфт Ҳамроҳхон.— Мо ба ҷони шумо расо-

нидем. Мо вею ман! Дар ҳақиқат аз ҳад зиёд буд. Лекин дигар чора ҳам надоштам: сирдон ва роздони мо, маслиҳатгӯи мо шумо ҳастед! Ба назди шумо наомада куҷо мерафтем?.. Не, хайрият ки аввал насиҳат ва маслиҳатҳои шумо, баъд худи Насимҷон чашми маро кушод...

— Чашми шумо кушода буд!

— Не, ман кӯр будам... дурусттараш ин ки маро кӯр карданӣ буданд... Не, хайрият шуд.

— Хайр, оштӣ-мӣ?

— Оштӣ!

— Туф-туф чашм нарасад! — гуфта монд Фирӯза.

— Бале, бале,— гуфт Насимҷон,— чашм нарасад! Чунон чашмҳои бад ба сӯи мо ало-ало нигоҳ мекунанд, ки аз заҳри нигоҳи онҳо алҳазар! Хусусан дар ҳамин рӯзҳои охир...

— Аҷиб! — гуфт Фирӯза.— Наход ки ба муносибати оилавии шумо ҳам?

— Ха, ба муносибати оилавии мо ҳам! — гуфт Насимҷон.— Ман маҷбур шудам, ки ба Ҳамроҳхон баъзе як гапҳоро фаҳмонам. Дар худи даруни шаҳри Бухоро андак нотинҷӣ ҳаст... Мо ба паи онҳо афтодем, кӯшиш мекунем, ки зарар расонида натавонанд. Бинобар он, дар идораи мо имрӯзҳо шабу рӯз кор меҷӯшад.

— Онҳоро медониста бошетон, дошта ҳабс кардан мушкил-мӣ? — пурсид Ҳамроҳхон.

— Медонем, аммо на ҳамаашонро...— гуфт Насимҷон.— Баъд агар онҳоро дар сари кор ё ки исбот карда нагиред, намешавад.

— Наход ки онҳо ба ҷони шумо ҳам қасд кардаанд?— пурсид Ҳамроҳхон.

— Гӯё ҳамин тавр, ба рӯйхат номи ман ҳаст. Бедарак нест, ки одами номаълум ба хонаи мо телефон карда, шуморо ба васваса меандозад.

— Чӣ хел? — пурсид Фирӯза.— Телефон карда?

— Ха,— гуфт Ҳамроҳхон.— Як мардак се-чор бор телефон карда, гуфт, ки Насимҷон дар чека ба як занаки рус ошиқ шудагӣ, намемонад, ки он занак ба дилдодаи худаш расад... Аввал ман ба ин гап бовар накардам. Баъд дараки он занакро дод: аз фалон тиреза қад боло карда нигоҳ кунед, рангаш ин, либосаш ин, номаш Нина Сергеевна... Ин тавр ки гуфт, иттифоқан як рӯз рафта аз тирезаи он мардак гуфтагӣ нигоҳ кунам, ин кас дар пеши ҳамон занак, ким-чиҳо гуфта, хандида, шӯхӣ карда

истодаанд... Ҳамин шуду рашки сабили ман ҷунбид ва ҳеҷ худдорӣ карда натавонистам. Ана имрӯз боз ҳамон мардак телефон карда мегӯяд, ки шумо буздилӣ кардед, пеши роҳи шавҳаратонро нагирифтед, акнун илоҷи корро худамон мекунем, бинобар он, ба шумо маслиҳат медиҳем, ки бо шавҳари дӯстдоратон видоъ кунед! Дар байни ду рӯз аз вай ҷудо мешавед!

— Наход? Наход ки ҳамин тавр гуфт? — бо тарсу ваҳм суол дод Фирӯза.

— Аҳамият надорад,— гуфт осудаҳолона Насимҷон.— Инҳо ҳама дӯғу пӯписа, фиребу найранг! Лекин аз найранги душман ғофил шуда, осуда нишастан ҳам хуб не. Ҳушьёр будан ва амал кардан лозим аст! Ман боварӣ дорам, ки Ҳамроҳхон пас аз ин ба кори мо халал намерасонад, балки ёрӣ медиҳад.

— Ба кори шумо,— гуфт Ҳамроҳхон,— ёрии ман гумон асту лекин халал надодаам!

— Рашк изҳор кардан, нобоварӣ...

— Хайр, дигар намекунам! — гуфта хандид Ҳамроҳхон.

— Офарин! — гуфта монд Фирӯза, вале ҳушаш ба шавҳараш банд буд, ки чаро вай нохост телефон карду нохост ба ин ҷо омаданӣ шуд. Насимҷон гуфтагӣ барин, дар ин ҷо найранги душман набошад? Ба он рӯйхате, ки номи Насимҷон даровардa шудааст, чаро номи Асо ҳам набошад?! Пас, вазъият торафт мудҳиш шуда истодааст?.. Майлаш, ба ҳар ҳол худро осуда нигоҳ доштан лозим, набояд хавфу ҳарос изҳор кард! Хусусан дар назди Насимҷон ва Ҳамроҳхон! Баръакс, ба Ҳамроҳхон тасалло дода, осуда карда, оштӣ шуданашонро табрик карда узот кардан лозим...

— Ман акнун рашк намекунам! — гуфт Ҳамроҳхон.— Дигар ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз маро аз Насимҷон ва Насимҷонро аз ман ҷудо карда наметавонад. Ман ба ин бовари сахт ҳосил кардам. Лекин дар хона танҳо нишастан ҳам ба дилам зад. Мехоҳам, ки ба идораи Насимҷон рафта ба кор дароям... Ба ин чӣ маслиҳат медиҳед?

— Нағз мешавад,— гуфт аввал беихтиёр Фирӯза, вале баъд тааммул карда истода, илова намуд: — Чаро маҳз ба идораи Насимҷон?! Ба гумонам, кори он идора ба занҳо намезебад. Агар кор карданӣ бошед, ҳазор кор ҳаст. Дар клуби мо, дар шӯъбаи занҳо, дар артельҳои нав ташкилшудаистода...

— Не,— гуфт Ҳамроҳхон якравона.— Ман кори идораи инҳоро нағз мебинам. Мехоҳам, ки либосҳои мардона пӯшида ба миёнам таппонча овехта гардам.

— Ман ҳам мехоҳам, ки ҳамаи фаранҷиҳоро сӯхта худам ва ҳамаи занҳои дар клуб бударо яке-якбора озод кунам...— гуфт бо табассум Фирӯза.— Лекин намешавад. Роҳбарони мо, фирқаи мо ба ин роҳ намедиҳанд, ҳоло андак барвақт, мегӯянд.

— Бале, андак барвақт! — гуфта монд Насимҷон ҳам.

— Шумо аъзои фирқа, шумо одами калон ва сардори идора, аммо ман чӣ?! Ман аввалин шуда ба кӯча бефаранҷӣ набароям, номамро мегардонам. Ана, тамошо мекунед! Ман бояд ёридиҳандаи ҳақиқӣ ва шарики доимии Насимҷон шавам, дар ҳама ҷо ба паҳлуи вай бошам... рост. Насимҷон ба ман бо тапонча муомила карданро омӯхт. Пага-фардо ман ба киссаам тапончаи майда гирифта мегардам.

Фирӯза ва Насимҷон аз гапҳои Ҳамроҳхон хуб хандиданд. Худи Ҳамроҳхон низ хандид, вале таъкид мекард, ки суханҳои вай ҳазл не, ҷиддӣ ва рост аст. Ҳарчанд ки ин суханони ӯро Насимҷону Фирӯза чандон ҷиддӣ қабул накарданд, лекин Ҳамроҳхон рост мегуфт. Вай, ки зани чандон қафомонда ва бесавод набуд, ҳар рӯз газета мехонд, китобҳои нав ва романҳои ғалатиро, ки аз дигар забонҳо ба форсӣ ва туркӣ тарҷима шуда буданд, аз ҷевони Насимҷон якта-якта гирифта мехонд, рӯз то рӯз ҷаҳонбинии худро вусъат медод, ҳоло ба қарори қатъӣ омада буд, ки дар Бухоро пеш аз ҳама фаранҷию чашмбанди худро партофта ба кӯча бароянд, ҳамаи душманҳои озодиро сӯзонда, кушта, бар қасди онҳо мисли мардон озод гардад. Ба ин кори вай ҳукумат ва фирқа муқобил намешаванд; баръакс ӯро муҳофиза мекунанд, ба ӯ раҳмат мегӯянд, ки ба дигарон намуна шудааст. То имрӯз дар натиҷаи ғалатфаҳмиҳо ва фитнаи душман рашку ҳасад чашми ӯро кӯр карда буд, лекин ҳоло пас аз телефони охирини мардаки гумном ва гуфтаҳои Насимҷон, вай ба ҳуш омад, чашмашро кушод, оламӣ равшанро дид, ҷаҳон ба назараш гулгун тофт: хурсанд шуд, ба шавҳараш оштӣ карда, акнун табъаш болид, орзу ва омол пайдо шудан гирифтанд...

— Хайр, саломат бошед, хоҳарам Фирӯзаҷон! — гуфт Насимҷон аз ҷо ҷунбида.— Мо равем, боз маслиҳат кар-

да мебинем, дар ҳақиқат Ҳамроҳхон ба ягон идора даромада кор кунад, беҳтар. Ҳамин ки ба ягон қарор омадем, боз барои маслиҳат ба назди шумо меоем...

— Боз маслиҳат мекунем, албатта,— гуфт Ҳамроҳхон,— лекин ман аз Насимҷон дур намешавам...

— Майлаш, майлаш,— гуфт Фирӯза,— маслиҳат кунетон, ҳартарафа санҷетон-канӣ...

Дар ин дам дарро тақ-тақ зада аз берун Асо даромада омад.

— Оҳо ҷамоа ҷамъ-ку! — гуфт вай, бо рӯи кушод табассум намуда.— Салом, салом!

— Як ҷои шумо холӣ буд,— гуфт Фирӯза аз ҷо бархоста.

Асо бо Насимҷон ва Ҳамроҳхон вохӯрдӣ ва пурсупос карду ба рӯи курсии холӣ нишаст.

— Якеро баранд, дигареро биёранд ба ҷо, гуфтагӣ барин,— гуфт Насимҷон хандида,— мо рафта истода будем, ки шумо омадед...

— Ҳа, хезед равем! — гуфт Ҳамроҳхон сарбандашро ба сараш дуруст карда истода.— Ба сӯҳбати дугона халал нарасонем...

— Не, не, ҳеҷ гоҳ! — гуфт Асо.— Шумо ҳеҷ вақт ба сӯҳбати мо халал намерасонед, балки баръакс дар ҳалли баъзе муаммо ёриатон мерасад.

— Ҳа, шинетон,— гуфт Фирӯза ҳам, ки дилаш ноором буд.— Канӣ, бинем, ин кас чӣ хабарҳои тоза оварда бошанд.

— Хабарҳои тоза ба тоза имрӯзҳо бисьёр,— гуфт Асо ва ба Насимҷон муроҷиат намуд: — Аз идора кай баромада будед?

— Ягон соат шуд,— гуфт Насим.— Чӣ буд?

— Ҳеҷ... Ҳамроҳхон пазмон шудагистанд?

— Ҳамроҳхон катӣ мо қарор додем, ки шабу рӯз аз ҳамдигар ҷудо нашавем... Акнун ин кас ҳам ба идораи мо ба кор медароянд.

— Бисьёр нагз,— гуфт ба таври ҷиддӣ Асо.— Фирӯза ҳам рӯзҳои аввали инқилоб дар посбонии дарвозаи шаҳр бо ман ҳамроҳ буд, хеле ёрӣ медод.

Дар ин дам Фирӯза аз ҷояш бархоста берун баромад, ба рӯи ҳавлӣ ва даҳлез нигоҳ карда баргашту ба рӯи Асо чашм дӯхт:

— Хӯш, гап занед-канӣ, ба шумо кӣ телефон кард? Чиҳо гуфт?

— Аҷиб! — гуфт Ҳамроҳхон,— ба шумо ҳам одамони номаълум телефон мекунанд?

Асо тугмаи гиребони гимнастёркаи худашро кушоду ба ҳозирон бо табассум нигоҳ кард.

— Ба мо ин хел телефонҳо ҳар рӯз шуда меистад. Лекин имрӯзангӣ телефон маро ҳайрон кард...

Насимҷон, ки ба сӯҳбат осудаҳолона гӯш мекард, пас аз ин сухан чашмак заду, пенснеи худро гирифта пок карда монд.

— Касе гуфт, ки Бақоҷони мӯзадӯз ном шахсе ба клуби занҳо даъвогар шудааст, гӯё ки...

— Медонам,— гуфт сухани шавҳарашро бурида Фирӯза,— худи Бақоҷон ба ин ҷо омада буд...

Ва мухтасар мазмуни даъвои ӯро баён намуд.

— Мардак аз телефон таҳдид карда мегӯяд, ки,— гуфт Асо,— агар чораи кори Бақоҷон дида нашавад, роҳбарони клуби занҳо бо сарашон ҷавоб медиҳанд. Хун ба хун!

Асо хомӯш истоду баъд ба суханаш давом дод:

— Бинобар он, омадам ки аз худи шумо тафсили воқеаро фаҳмам: магар ҳамин хел одамҳо ба клуб омада мерафтанд?

— Ман худи Бақоҷонро имрӯз дидам,— гуфт Фирӯза,— зану духтари вай ягон бор ҳам ба клуб наомадаанд. Ҳеҷ кас онҳоро намедонад

— Худи Бақоҷон чикора? Аз куҷо? — пурсид Насим.

— Саройбонӣ мекардааст,— ҷавоб дод Фирӯза.— Дар Бозори Нав. Ҳавлиаш дар гузари Чаҳор Харос, ҳамсояи Низомиддин афандӣ будааст...

— Ин тавр бошад, масъала маълум! — гуфт Насим.— ҳамаи ин иғвоҳо кори ҷаноби нозир!

— Зани Бақоҷон ба хонаи ҷаноби нозир гузашта кор мекардааст. Духтараш ҳам...

— Ана, ана, дигар ҳеҷ ҷои шубҳа нест: — гуфт боз Насимҷон.

— Аммо инро исбот кардан лозим,— гуфт Асо.— Низомиддин он қадар ҳам одами содда не.

— Дар ин кор фақат худи духтар ёрӣ дода метавонад, калиди ин кор дар дасти духтар! — гуфт Фирӯза.— Лекин назар ба гуфтаи Бақоҷон, духтараш сир намедодааст.

Асо, ки хеле кушода шуда, гӯё сабук шуда буд, гуфт:

— Аз ин тафсилот бехабар, ман хеле ба ташвиш аф-

тода будам. Акнун масъала маълум шуд. Шумо, Фирӯзахон, хотирҷамъ бошед, на ба клуби шумо ва на ба худи шумо офате расонида наметавонанд. Дар байни андак муддат бояд парда аз рӯи асрор бардошта шавад.

— Низомиддинро аз кор гирифта, ҳабс кардан лозим! — гуфт Ҳамроҳхон, ки хунаш дар ҷӯштар буд.

Ҳама хандиданд.

— Барои чӣ механдетон? — гӯё ба таври ҷиддӣ пурсид Ҳамроҳхон.— Хас каму ҷаҳон пок, гуфтаанд...

— Дуруст, дуруст,— гуфт Асо,— хас каму ҷаҳон пок, лекин вазифаи мо ҳамин ки хас будани Низомиддин афандиро исбот кунем. Зеро ҳанӯз одамҳое ҳастанд, ки Низомиддинро гуҷуми боғи давлат медонанд.

— Барои исботи ҳамин корҳо мо шабу рӯз кор мекунем,— гуфта монд Насимҷон.

Меҳмонҳои Фирӯза баромада, ба корашон рафтанд. Фирӯза ҳам ба ҳавлии дарун даромада, аз ҳамаи хонаҳо ва зану духтарҳо хабар гирифт. Ба мураббия ва муаллимаҳо супоришоти лозимаро доду боз гашта ба кабинети худ омад, мехост сарбандашро баста даҳлез барояду фаранҷию чашмбандро гирифта ба хона равад, лекин фаррошзанак омада арз кард:

— Фирӯзаҷон! Се-чор нафар занҳои ӯзбеку туркман омадаанд, ба шумо арз доштаанд.

— Гӯед, биёянд,— гуфт Фирӯза ва баргашта ба ҷояш нишаст.

«Аҷабо ин ӯзбеку туркманҳо киҳо бошанд? — аз хаёл мегузаронид вай.— Агар овозаи неки клуби занҳо то ба ҷоҳои ӯзбеку туркманнишин паҳн шуда бошад, бисьёр нағз! Модоме ки омадаанд, паноҳ ҷуста омадагиянд...».

Дари даҳлез кушода шуду ба хона панҷ нафар занҳои саҳроиталъат, бо куртаҳои сурху сафед ва фаҳӯл ва сарбандҳои докаю читу шол салом дода даромада омаданд.

Фирӯза ба пешвози онҳо аз ҷо бархост ва онҳоро, ки се нафарашон гӯё ӯзбек буданду ду нафарашон туркман (аз сару либос ва андомашон маълум буд) ба диван ва курсиҳо шинонду баъд худаш ҳам ба ҷояш нишаста, бо табассум ба рӯи омадагон назар кард. Яке аз туркманзанҳо хеле ҷавон, келинча барин ба назар метофт, ӯзбекзанҳо ҳамаашон қариб ҳамсол барин миёнсин буданд.

— Хӯш, марҳамат! — гуфт Фирӯза бо рӯи кушод,— Хуш омадетон! Хизмат?

Меҳмонҳо ба рӯи якдигар нигоҳ карда, аввал гапе назаданд ва баъд туркманзанаки солхӯрда лаб ба сухан кушод:

— Мо аз Чорҷӯй омадем,— гуфт вай ба забони нимӯзбекию нимтуркманӣ.— Мо ҳама деҳқонҳои қамбағал, аз қишлоқи Равот Қалъа... Ана имрӯз даҳ рӯзи расо шуд, ки шавҳарони моро ба маҷлис чег заданду гирифта бурданд, дигар на номашонро шунидему на нишонаашонро дидем.

— Аз қишлоқи мо қариб сӣ нафар деҳқонҳоро гирифтанд,—гуфт яке аз ӯзбекзанҳо.— Дар Чорҷӯи Нав маҷлис мегузаронем гуфтанду ба аробаҳо бор карда оварданд...

— Ба куҷо оварданд? Барои чӣ оварданд? — ҳайрон шуда пурсид Фирӯза.

— Ба аскарӣ овардаанд, ба Бухоро,— гуфт яке аз занҳои ӯзбек.

— Шумо онҳоро дидетон-мӣ? — пурсид Фирӯза.

— Худашонро надидем, аммо ҷои онҳо истодагиро ба мо як аскар нишон дод. Мо ба он ҷо рафтем, гирди ҳавлӣ ҷатма задагӣ, қаровул наздик рафтан намемонад.

— Мо ду рӯз боз ҳайрону саргардон,— гуфт туркманзан.— Хеҷ кас ба додамон намерасад. Охир, дар Регистон, дар пеши арк гирьяю нола карда шишта будем, ки як милиса ба мо раҳм кард ва ба ин ҷо гирифта овард, дар ҳамин ҷо ба доди шумо нарасанд, дар ҷои дигар намерасанд, гуфт.

— Илоҳӣ барака ёбед, отун! — гуфт дигаре,— ба доди мо расед, шавҳарҳои бадбахти моро аз ҳабс озод кунед, онҳо хеҷ гуноҳе надоранд. Онҳо ҳама деҳқон, камбағал...

— Дар даври амир ҳам деҳқон азоб мекашид, дар даври ҳукумат ҳам... Наход ки адолат набошад!

Занак рост мегуфт, гӯё ки адолат набуд. Фирӯза, ки аз шунидани ин моҷаро ҳайрону гаранг шуда монда буд, намедонист ба онҳо чӣ гӯяд ва аз куҷо ба дардашон дармон ҷӯяд. Вай хост, ки пеш аз ҳама ба ин ҷо-он ҷо телефон карда сурати воқеаро фаҳмад ва баъд ба дармонҷӯӣ сар кунад. То ба он даме ки Фирӯза дар такопӯст, мо ба хонанда ба таври мухтасар боиси сарсону саргардон шудани ин занҳоро баён мекунем:

Ҳукумати ҷумҳурияти Бухоро қарор қабул кард, ки аз халқи маҳаллӣ сафарбар карда аскар ҷамъ кунад. Барои ин кор тайёриҳои бисьёре дида шуд, қоида ва дастуруламалҳои бисьёре ба маҳалҳо фиристода шуд ва бо қарори анҷуман дар марказ назорати ҳарбӣ ташкил карда шуда, маъмурони бисьёре ба кор гирифта шуданд. Як рӯз дар Бухоро, дар Регистон мардуми бисьёреро ҷамъ карданд, аз ҳама гузарҳо ҷавонҳои синнашон ба аскарӣ муносибро оқсақолҳо қариб зӯран ба Регистон ҳай карда бурданд ва дар он ҷо Мирзо Абдуқодир Муҳиддинов, Муинҷон Аминов ва Оқҷуриҳо нутқ эрод карданд ва бо далелу бурҳони бисьёре исбот карданӣ шуданд, ки ҳукумат бе аскар намешавад. Хусусан дар давраи ҳозира, ки аксулҳаракат дар миён аст, бояд ва албатта қувваи мусаллаҳ бошад.

Онҳо кӯшиш карданд, ки эҳсосоти ватанпарварӣ ва довталабии мардумро бедор кунанд ва низ фаҳмонида додан, ки аскари сурхи ҳукумати ҷумҳурияти Бухоро аскари амир барин намешавад. Ин аскари адолат ва ҳақиқат аст. Ин аскари халқ, аскари мудофиакунанда ва аскари пурзӯру тавоно мешавад. Ҳар кас, ки ба сафи аскарӣ гирифта шавад, аз тарафи ҳукумат бо либос, бо хӯрок ва ҷои хобу истиқомат таъмин карда мешавад ва ҳар моҳ барои харҷу хароҷоташ моҳона ҳам дода мешавад. Ба сафи аскари сурхи ҷумҳурияти Бухоро даромадан ихтиёрист. Лекин дар давраи аввал бо қуръапартой аскар гирифта мешавад.

Дар худи ҳамон ҷо, дар поёни тахтапули арк сандуқҳои муҳаррики қуръа ҳозир карда шуда буданд. Милиционерҳо ва маъмурияти идораи ҳарбӣ ва оқсақолҳо ҷавонҳоро қатор саф оростанд ва онҳо ба навбат аз сандуқи шишагини муҳаррик даст даровардa лифофаҳои қуръаро мебардоштанд ва ба ҳайати комиссияи махсус, ки дар худи ҳамон ҷо ба сари столҳо нишаста буданд, бурда медоданд. Ба қуръаи ҳар кас бо хатти сурх навишта шуда бошад, ки сазовори аскарист, ба як тараф мегузарад, ба қуръаи ҳар кас ки чизе набошаду сафед бошад, ба тарафи дигар мегузарад. Бо ҳамин тариқ дар ҳамон рӯз тахминан панҷоҳ нафар ҷавон ба сафи аскарӣ гирифта шуданд. Лекин онҳоро монданд, ки ба хонаҳояшон раванд ва гуфтанд, ки пас аз ду рӯз ба идораи ҳарбӣ тайёр шуда биёянд.

Аммо дар маҳалҳо ин чорабиниҳоро накарданд ва

ҳар сардор ба таври худ роҳе ва чорае пайдо карда, ба Бухоро аскар ҷамъ карда фиристод. Дар Чорҷӯй корку-нони идораҳои маъмурӣ ба қишлоқҳо баромада бо ҳар баҳонае деҳқонҳоро ҳай карда, ба Чорҷӯи Нав овардаид, ба вагонҳо бор карда, ба Бухоро фиристоданд. Дар бай-ни ин фиристодашудагон ҷавонҳо ҳам буданд, пирҳо ҳам буданд, миёнсолҳо ҳам. Баъзе аз онҳо ҳатто бемор ва қудрати роҳ гаштан надоштанд. Ин «аскарҳо»-ро дар Бу-хоро дуруст қабул карда гирифта натавонистанд. Зеро ки назорати ҳарбӣ дуруст ба кор сар накарда ва ҳанӯз казарма ва шароит надошт. Ҳанӯз маблағи муайян ҷудо карда нашуда буд, ҳанӯз либосу яроқу ҷои таълим на-буд; ҳанӯз командир, роҳбар ва муаллимҳо набуданд, ҳанӯз дар боло гуфтугӯ ва баҳс мерафт, ки аскари сурхи ҷумҳурияти Бухоро дастаи мустақил ва алоҳида меша-вад, ё ки ҷузъи аскари сурхи Россия буда, аз ҳар ҷиҳат тобеи фармондеҳии умумии аскарони сурх мешавад? Қасоне буданд, ки метарсиданд: ба дасти халқи маҳаллӣ яроқ дода, онҳоро ба кор фармудани он яроқ ошно ку-нем, оё онҳо бар зидди худи мо қиём намекунанд? Оё онҳо яроқро ба синаи худи мо равона намекунанд, ме-гуфтанд...

Ба ҳар ҳол назорати ҳарбӣ ташкил шуда буд ва ин назорат дар натиҷаи пачалкории дигар назоратҳо ҳанӯз бояду шояд ба кор сар накарда буд. Аммо дар маҳалҳо баъзан барои нишон додани «ғайрат ва кордонии» худ ба ҷои овардани салла, калларо бурида овардан мегириф-танд. Инак, қариб панҷоҳ нафар одамоне, ки аз Чорҷӯй оваронида шуда буданд, дар як ҳавлии подшоҳии Бухо-ро мисли ҳабсиҳо нигоҳ дошта мешуданд. Онҳо на ҷои хоб доштанд, на хӯрок. Милиционерҳое, ки онҳоро пос-бонӣ мекарданд, гоҳ-гоҳ обу кам-кам нон ёфта медоданд. Бисьёрии онҳо касал ва беҳол шуда хоб мекарданд. Касе набуд, ки аз ҳоли онҳо хабар гирад.

Инак Фирӯза пас аз ба бисьёр ҷоҳо телефон кардан, аз ҳеҷ ҷо дар бораи ин одамҳо хабаре ёфта натавониста, ниҳоят ба нозири ҳарбия — ба худи Файзулло Хоҷаев те-лефон кард:

— Ман Фирӯза, аз клуби занҳо. Бале. Имрӯз ба клу-би мо аз Чорҷӯй панҷ нафар занҳои камбағал-деҳқон бо арз омаданд. Маълум мешавад, ки аз қишлоқҳои атрофи Чорҷӯй одами бисьёреро ба маҷлис мебарем гуфта, фи-реб дода ба Бухоро ҳай кардаанд. Ҳоло як ҳафта-даҳ рӯз

боз заву бача ва хешу таборони онҳо бехабар, ҳама дар воҳима ва дар гирьяндагӣ... Ба гумонам, қоидан аскаргирии мо ин тавр набуд-ку... Намедонам. Майлаш, ин занҳои омадагиро ба наздатон мебарам. Ана, худатон гуфту шунид кунед. Хӯш, ман ҳозир!

Фирӯза дастаки телефонро ба ҷояш гузошту ба занҳо муроҷиат намуд:

— Хезетон, ба назди Файзулло Хоҷаев меравем. Албатта, шунидагистед? Сардори ҳукумати Бухоро, ҳам нозири ҳарбия. Шавҳарони шуморо барои ба аскарӣ қабул кардан гирифта овардаанд. Ин кор ба он кас тааллуқ дорад.

— Илоҳӣ ба муродатон расонад! — гуфт туркманзан. Дигарон омин гуфтанд ва ҳама аз ҷо бархоста берун баромаданд.

## IV

Хонаи ёздаҳболори бошукӯҳ пешаш айвони баланд дошт ва аз ду тирезаи ба таври нимевропоӣ сохташудаи он нури офтоб даромада, даруни хонаро равшан карда буд. Низомиддин ба рӯи дивани начандон калон, вале чармини базеб поҳояшро ба рӯи қолини фарши хона дароз карда, боҳузур менишаст. Дар тани вай аз рӯи куртаэзори сафед ҷомаи васеи алочаи қаршигӣ, сараш луч, ба нӯги пояш кафши бепошнаи мулоим буд. Зӯҳрабону — зани Бақоҷони мӯзадӯз, ки бо вуҷуди миёнсин буданаш ҳанӯз ҳусну тароваташ баҷо буд, дар паҳлуи Низомиддин нишаста бо қайчӣ нохуни дасти ӯро мегирифт. Занак чашмони калон-калони сиёҳи ҷозибадор, абрӯи баҳам пайвастаи думи мор, рӯи на гирдаю на дароз, мӯҳои чингилаи сиёҳ дошт. Дасташ кор мекарду аз даҳонаш беист гап мерехт:

— Агар ман даъво кунам, лиги шумо аз осмон мебиёд. Ба шумо худи ман бас набудам, ки духтари яктою ягонаи маро аз роҳ баровардед, бо ангуштарини тиллою халқаи алмоскорӣ ба доматон даровардa, корашро кардед. Акнун ман чӣ кор мекунам? Кошкӣ ба ман мегуфтед, кошки аз ман маслиҳат мепурсидед!

— Э, ту чӣ мегуфтӣ?! — гуфта монд Низомиддин. — Ман шуморо ахта карда мемондам! Рост мегӯям,

ахта мекардам, ки дигар ба касе зиёнатон нарасад. Ман нозир, ман безан, ман бадавлат гуфта одам ба ҳар зани рост омадагӣ чақидан мегирад-мӣ?

— Вох, оҳистатар! — гуфт Низомиддин дасташро аз зери қайчӣ кашида. — Девона шудӣ магар!

— Ха, дард кард?! Дар вақти чашматон сурх шудан ба дигарҳо раҳм намекунед, ҷонашон дард мекунад намегӯед! Яктаю ягона духтари бечораи маро...

— Чаро духтари ту мешудааст?!

— Духтари ман! Ман калон кардагӣ! Акнун ман чӣ кор мекунам? Ин расвоиро чи тавр аз сарам дур кунам? Хайр, корро кардед, акнун илоҷашро ҳам ёбед

— Ман гуфтам-ку, духтур овардан лозим! Ҳар чӣ қадар пул масриф шавад, аз ман.

— Ҳалима намехоҳад, метарсад!

— Гӯй ки натарсад. Духтур чунон осон гирифта мепартояд, ки худаш нафаҳмида мемонад.

— Хуб, ин корро мекунем, бача афтондан кори осон, аз дасти худам ҳам мебиёяд, лекин баъд чӣ?

— Баъд чӣ мешуд! Пас аз ин корашро дониста мекунад! Ба шавҳар мерасад, осуда шуда меравад.

— Туя газад, мана чӣ ғам! — гуфт занак бо таассуф сар ҷунбонида. — Акнун кадом мард ба вай шавҳар мешавад?

— Меёбем!... Парво накун! — гуфт Низомиддин аз ҷо бархоста ва чашмаш ба соати деворӣ афтод, ки қариб ба ёздаҳ наздик шуда буд. — Соат ёздаҳ шудааст! — гуфт хамъёза кашида. — Афсӯс, ки ҳам вақти ба хона омадани шавҳари ту ва ҳам вақти аз хона баромадани ман расидааст, набошад...

— Набошад чӣ? — гуфт худро қасдан ба нодонӣ зада занак.

— Набошад, набошад... дарро аз дарун занҷир мекардем... Балота гирам, худат аз ҳазор духтар нағз! Мани нодон гоҳо ҳаминро фаромӯш мекунам. Хайр, ба хонаат рав, ба ман хӯрок лозим не, дер мегардам.

— Қай мебед?

— Бевақт... Пагоҳ биё!

Занак гап назаду сарашро хам карда берун баромад. Низомиддин зуд ҷомаро кашида, куртаи сафедро пӯшид ва ба гиребони оҳарии он шапалаки сиёҳи калон барин бантикро гузаронид, ба чашм айнак, ба сар телпак ва ба тан костюми моҳути обирангро пӯшида берун баромад...

* * *

Дар яке аз рӯзҳои нимаи апрель, вақти қиёми офтоб аз роҳи калони сангфарш фойтуни дуаспаи калон ба наздн мадрасаи Қалобод омада истод. Низомиддин афандӣ дар чашм айнаки кабудчаранг, дар даст асои сабук, дар тан ҳамон костюми базеб аз моҳути обиранг, дар по мӯзаи хиромн ялдарросӣ аз фойтун ба роҳи калон пиёда шуд ва ба фойтунчӣ чизе гуфту онро иҷозат дод, ки равад ва худаш сарбаландона роҳ гашта, аз зинаҳо ба рӯи саҳни мадраса баромад. Дар саҳни мадраса касе набуд, фақат дар зери пештоқи он як марди муллобачанамо китоб дида менишаст. Низомиддин ба қафо баргашта аз боло кӯчаи калонро аз назар гузаронид. Равандагон кам буданд. Дар рӯ ба рӯи саҳни мадраса ҳавзи гузари Қалобод воқеъ шуда буд, ки дар он ҷо машкобҳо об мегирифтанд ва дар зери сояи дарахти тути калон ду-се нафар сӯҳбат карда менишастанд.

Низомиддин хуб диққат карда, шахсони дар лаби ҳавз нишастаро нашинохт. Чӣ одамони бекор ва аҳмақанд, ки дар ҳамин нимрӯзӣ дар сари ҳавз мешинанд, мегуфт ба дилаш, дар ин ҷо одамони чека набояд бошанд. Онҳо чӣ хабар доранд, ки рӯзи ҷумъа дар ҳамин вақт ман ба ин ҷо меоям. Агар бошанд ҳам, боке нест. Ман нозири корҳои дохилӣ ҳастам. Ба ин ҷо бемақсад наомадаам. Ҳозир аз ин муллобача пурсида мутаваллии мадрасаро ёфтан лозим, мадрасаро, ҳуҷраҳои онро аз назар гузаронидан лозим...

Низомиддин ба марди китобхон наздик шуд.

— Бародар, шумо дар ҳамин мадраса истиқомат доред?

Мардак аз китоб сар бардошту гуфт:

— Ҳа, дар ҳамин мадраса.

— Мутаваллии ин мадраса дар куҷо бошад?

— Намедонам, дар ҳавлиаш будагист.

— Ҳавлии мутаваллӣ дар куҷо?

— Дар паси мадраса, ана ба он кӯча рафта пурсед, ба шумо дарак медиҳанд.

Ин гап ба Низомиддин маъқул шуд. Зеро ки худаш ҳам ба ҳамон кӯча бояд равад буд ва ин нағз шуд, ки дар назари бинанда гӯё ба ҷустуҷӯи ҳавлии мутаваллӣ меравад.

— Дар ин ҷо, дар ин мадраса одам бисьёр аст?

— Не, мо як панҷ нафар муллобачаҳои кӯлобӣ мондаем... Ҳаво гармтар шавад, меравем.

— Куҷо меравед?

— Ба мулкамон меравем.

Дар мулкат босмачӣ мешавӣ, гуфт ба дилаш Низомиддин ва муллобачаро ба ҳолаш гузошта ба даруни мадраса даромад.

Мадрасаи Калобод яке аз мадрасаҳои хеле калон ва хеле қадимии шаҳри Бухоро буд. Саҳни пеши даромади он аз кӯча ба қадри се газ баланд, васеъ ва бо санги кӯҳу мармар истеҳком ёфта буд. Пештоқи баландаш нақшу нигорин, ҳуҷраҳояш нисбат ба дигар мадрасаҳо калонтар ва баҳавотар буданд. Тамоми мадраса дукабата сохта шуда буд. Дар ин мадраса ҳуҷра гирифта, дарс хондан пештар ба ҳар кас муяссар намешуд. Ҳамаи ҳуҷраҳои он ба нархи калон дода мешуданд ва бе ошнобозию бе харҷи зиёд муллобачае ба он ҷо қадам монда наметавонист. Аммо ҳоло аксарияти ҳуҷраҳои он бекас монда буданд. Низомиддин ба ҳавлии мадраса даромада, каме ба дару боми он нигоҳ карду ба қафо баргашт.

Дар берун, дар суфаи зери пештоқ ҳамон муллобача нишаста китоб медид ва дигар касе набуд. Низомиддин аз назди муллобача гузашта истода гуфт, ки ба назди мутаваллӣ меравад ва ба тарафи рост баргашта, аз зинаи дигар ба кӯчаи паси мадраса фаромад. Дар ин кӯчаи начандон калон се-чор нафар бачаҳои хурдсол буҷулбозӣ мекарданд. Низомиддин аз назди онҳо ба суръат гузашта ба охири кӯча расид ва оҳиста ба қафояш нигоҳ кард, ки оё касе ӯро таъқиб мекунад ё не. Хайрият ки касе наменамуд. Вай зуд ба паскӯчаи дигар баргашт ва нафаси осудае кашид. Пинҳонкорӣ осон не, хавфи марг дорад. Ин корро медонистагиҳо кунанд. Ҳамин, ки ба ин кор одамони камтаҷриба ва ноҳушьёр ҳамроҳ шуданд, алҳазар, таҳдиди хавф садчандон мешавад, чи тавре ки ҳозир!..

Кӣ намедонад, ки барои пинҳонкорӣ шаб бехтар аст. Ҳарчанд ки душман ҳам дар шаб ҳушьёртар мешавад, лекин пардаи сиёҳи шаб ҳар чизро зуд пинҳон мекунад. Рӯзона чеғ зада шудани сӯҳбати пинҳонӣ хуб не. Кас чӣ медонад, ки ин муллобача бо кадом мақсад дар саҳни мадраса нишаста китоб мехонад. Ба ҳуҷра даромада,

осуда нишаста китоб хонад намешавад? Пас дар ин ҷо бемақсад нанишастагист? Худо медонад, ин бачаҳо чаро маҳз дар ҳамин кӯча бозӣ карда истода бошанд! Вақти хӯроки пешинӣ, ҳеҷ кадом падару модар иҷозат намедиҳад, ки фарзандаш дар кӯча бошад! Хайрият, ки ин паскӯча аз одам холӣ. Ҳозир боз як кӯчаи дигар ва баъд сумалакфурӯш бояд пайдо шавад...

Дар баҳорон дар кӯчаҳои Бухоро гаштани сумалакфурӯш аҷобате надорад. Аммо ин сумалакфурӯш гӯё монда шуда буд, ки ба рӯи суфаи назди дарвозае менишаст ва пинак мерафт. Лекин чашмони нимпӯши вай ҳар ду тарафи кӯчаро бо диққат менигаристанд ва набудани одам, набудани харидор айни муддаои вай буд. Сумалакфурӯш хеле нишаст, ниҳоят дилаш тангӣ кард магар ки хамъёзае кашиду аз ҷо бархост.

Дар ҳамин вақт аз хамгашти кӯча Низомиддин намудор шуд, ки яккаю танҳо, осуди қадам монда меомад. Сумалакфурӯш ӯро дида лаганди сумалакро ба сар бардошту мунтазир шуд, то ки наздик расид.

— Сумалаки нағз! — гуфт вай бо овози паст.— Марҳамат!

— Коса доред? — пурсид Низомиддин.

— Ҳозир меёбем,— гуфт сумалакфурӯш ва пеш даромад.

Низомиддин табассуме карду аз қафои сумалакфурӯш рафтан гирифт. Ин нағмаи бад не, гуфт вай ба дилаш, лекин дар кӯчаи беодам хуб аст. Агар як-ду нафар одамони шубҳанок мебуданд, чӣ мекардем? Магар ман барин одами калоншаванда аз паси сумалакфурӯш мерафтам? Магар ман ба косаи сумалакфурӯш мӯҳтоҷам? Не, ин корҳо ҳама аз бетаҷрибагӣ, ҳама аз нодонӣ. Баъд аз ин дониста кор кардан лозим, ҳар эҳтимолро дар назар доштан лозим!

Онҳо пас аз каме роҳ рафтан ба тангкӯчае баргаштанд. Дар ин ҷо сумалакфурӯш бо овози маҳини худ се бор «бӯи баҳор аст сумалак, хӯрданба боб аст сумалак», гуфта ашӯла хонд ва ба Низомиддин роҳ дода, худаш ба кӯчаи дигар гашта рафт. Вақте ки Низомиддин ба охири тангкӯча ба назди дарвозаи калони дутабақа расид, касе аз дарун сулфа карду онро кушод. Дар рӯ ба рӯи Низомиддин марди кӯсаи ғалча, ки дар танаш камзӯли дароз ва дар сараш каллапӯши ироқии чуқуре пӯшида буд, рост меистод.

— Салом, нозир афандӣ,— гуфт вай бо табассум ба Низомиддин муроҷиат карда,— Марҳамат!

— Салом! — гуфт Низомиддин ва зуд ба даруни дарвоза даромада, бо ишора фармуд, ки онро пӯшонад ва гуфт: — Ҳанӯз ҳам хушьёр нестед, гарчанд ки лақабатон Хушьёр! Ба чӣ номаъқулӣ бо овози баланд «Нозир афандӣ» мегӯед? Магар нафаҳмидаед, ки девор муш дорад, мушҳо гӯш доранд?!

— Кӯча аз одам холӣ буд, Нозир афандӣ!

— Шумо аз куҷо медонед?

— Сумалакфурӯшамон бедарак овоз намебаровард. Модоме, ки...

— Ба даруни ҳар як дарвоза одам буданаш ва поида истоданаш мумкин!

— Не, ҳамсояҳои мо ҳама аз они худӣ, одамони маълум...

— Ба ҳар ҳол ҳушьёр шавед, дар кӯча фақат ишорат! Канӣ пеш дароед!

— Хӯш!

Кӯса пеш даромад ва ба воситаи долони торику дарозе ба Низомиддин раҳнамун шуда, ба рӯи ҳавлии хиштфарш баровард.

— Сумалакфурӯшатон чӣ хел одам? — боз пурсид Низомиддин.

— Сумалакфурӯш одами пухта ва содиқ! Ҳозир лагандашро монда бармегардад ва дар таки дарвоза нигаҳбонӣ мекунад.

— Ба ҳар ҳол худатон ҳушьёр истед! — таъкид кард Низомиддин.

— Бисьёр хуб! — гуфт кӯса ва пеш рафт.

Онҳо аз ҳавлии берун, ки фақат ду хона дошту чандон калон набуд, гузашта, ба роҳрави ҳавлии дарун даромаданд. Роҳрав як тоб хӯрда, ба рӯи ҳавлии калон, ки тахсуфаю болосуфа дошт, мебаромад. Дар ошхона ва хонаи поёни он ҳавлӣ ҷунбуҷӯл карда гаштани занҳоро дидан мумкин буд. Марди кӯса, ки пеш-пеши Низомиддин роҳ нишон дода мерафт, сулфаи баланде карду ба занҳо огоҳӣ дод, ки пинҳон шаванд. Занҳо, ки гӯё ба ин кору вазъият одат карда буданд, ё ки таълим дода шуда буданд, ба омадани мардҳо чандон аҳамият надода, ба корашон машғул монданд. Низомиддини булҳавас бо вуҷуди доштани чашмҳои тезбин, рӯи занҳоро дида натавонист, бо баҳонаи аз киса рӯмолчаашро гирифтан ба ин

тараф ва ба он тараф нигоҳ кард, фоида набахшид ва маҷбур шуд, ки аз қафои кӯса ба хонаи калони рӯи суфа рафта дарояд.

Дар даҳлези он хона Низомиддинро марди қадбаланди хушсару либос бо тааруфоти дӯстона ва кушодарӯй пешвоз гирифт. Ин мард соҳиби ҳавлӣ Ғуломҷон махсум буд, ки ба сар саллачаи базеби сафед, ба тан камзӯли дарози чесучаи наботиранг ва аз болои он чомаи абра-астари алочаи қаршигӣ, ба по кафшмӯзаи америкоӣ дошт. Чашмони калон-калони сурхчатобаш (гӯё ки одам кушта бошад) аз зери абрувони сиёҳ ва барроқаш бо меҳрубонӣ ба кас нигаранд ҳам, дилраманда буданд. Ришу мӯйлаби баандом харротӣ карда шудааш, ки сиёҳ буд, ба ранги гандумгунаш ҳамнишин ва умуман аз афту андом ва либоспӯшиаш намуда меистод, ки вай яке аз махсумҷонҳои ҷадидмаоб ва хушманшат аст.

— Марҳамат, марҳамат! — гуфт вай ба Низомиддин.— Хуш омадед! Биёед, чашмамон ба роҳи шумо буд.

— Магар ҳама омаданд? — пурсид Низомиддин вохӯрдӣ карда истода.

— Бале,— гуфт Ғуломҷон махсум,— ҳама омадагӣ...

— Домодхоча?

— Домодхоча ҳам.

— Ман бевақт мондем-дия...

— Боке нест, марҳамат!

Онҳо ба хона даромаданд. Он хонаи калони сездаҳболор яке аз хонаҳои ба таври классикӣ оро додашуда ва гулу гулбуррӣ кардашудаи шаҳри Бухоро буд. Ба сохтан ва ороиши он беҳтарин меъморон ва ҳунармандони Бухоро меҳнат карда, ҳамаи маҳорат ва санъати худро барои зебу зинати он хона сарф карда буданд. Сақфи хона «тахтамурабаъ»-и нақшин набошад ҳам, ҳазор бор аз он беҳтар, аз он нозуктар ва аз он зеботар буд. Ба ҳар болор, ба ҳар васса ҳазорҳо нақшу гул партофта, ба ҳар кадом алоҳида маҳорат ба кор бурда буданд. Ранги чӯб дигар нашуда буд, лекин чунон чӯб шуда буд, ки аз ҳама ҷояш назокат мерехт. Ҳалли тиллоро ба кор бурда буданд, лекин ба ҷояш шинам карда, дилрабо карда буданд. Дар пешгоҳ дар ду тарафи дари мадон тоқу тоқчаҳои панҷарагулчиндори рангин сохта буданд. Дар ҳар кадоми он тоқу тоқчаҳо ба рангаш муносиб карда чизе-пиёлае, косае, чойнике, гулдоне ва ҳоказо гузошта буданд. Деворҳо ба усули лавҳи китобҳои зарнигор мунаққаш,

пойдеворҳо суфта ба ранги баҳор — сабзгун ранг кардашуда, се тирезаи калони он хона низ аз тирезаҳои қадимисохт буда, бо шишаҳои сабзу кабуду пистоқию яшм оро дода шуда буданд. Як қолини хушобуранги «қизилаёқ» тамоми фарши хонаро гирифта, ба гирдогирди он даври хонаҳо ва кӯрпаю кӯрпачаҳои шоҳию махмалу сатин партофта буданд. Ба миёнаҷо як миз — хонтахтае аз чӯби чанор ва кандакорӣ кардашуда гузошта шуда буд.

Низомиддин ва Ғуломҷон махсум ба хона даромаданд. Дар он ҷо се нафар нишаста буданд. Дар пешгаҳ марди миёнсин, ки ба сипоҳиёни пештара монанд карда шалғамӣ салла баста буд ва гирифту гираш ҳам ба ҳамонҳо монанд буд, менишаст. Вай домоди амир Олимхон — Абдураҳмонхон буд. Боиси ҳабс нашудан ва дар Бухорои инқилобӣ озодона сайр карда гаштани вай ҳамин буд, ки ӯ гӯё, ба ҷадидон, ба гурӯҳи рости онҳо тарафдорӣ мекард ва муносибате дошт. Бинобар он буд, ки ҳоло вай дар ин хона, дар ин хонаи яке аз ҷадидони гурӯҳи рост,—дар хонаи Ғуломҷон махсум садрнишин гаштааст. Он ду нафари дигар — яке аз одамони наздики сафоратхонаи давлати хориҷа, дигаре як дӯсти қарини Ғуломҷон махсум буданд.

Аҳбоб бо Низомиддин гарму ҷӯшон вохӯрӣ ва пурсупос карданд. Низомиддин пеш аз нишастан фармуд, ки пардаҳои шоҳиро, ки нима-нима бардошта шуда буданд, тамом ба рӯи тирезаҳо партоянд.

— Хона хилват кардан ҳамин хел мешавад! — гуфт хандида Низомиддин.

— Бале, бале,— гуфт Ғуломҷон ӯро дастгирӣ карда.— Суханро ба парда гуфтан лозим аст.

— Мо сиёсатмадор не-дия! — гуфт Абдураҳмонхон,— соддаю тӯғрӣ, нозукиҳои корро намедонем, баҳузур пардаҳоро боло зада шиштем...

— Не, домодхоҷа! — гуфт Низомиддин дарҳол,—ин аз бетаҷрибагӣ аст. Ба саратон ҳанӯз кор наафтодааст ва илоҳӣ наафтад.

— Эй, афандӣ, ба шумо чӣ гӯям! — гуфт оҳ кашида домодхоҷа.— Аз ин зиёд боз чӣ меафтид?! Молу мулк равад, давлат равад, ҳокимият равад, қадру қимат равад, боз дигар чӣ мемонад?! Рафтани ҳар кадоми ин — омадани як балоро ба сари кас хабар медиҳад... Хайр ин гап-

хоро монда истем, аз шумо гап пурсем. Чӣ хабарҳои нав овардед?

Аз рӯзе, ки Асад махсум гурехту беху решаи фитнаю фасоди Низомиддин ва тарафдоронаш ба тазалзул омад, вай худро хеле бохта буд. Акнун аз ҳар кас шубҳа мекардагӣ, аз ҳар кас мерамидагӣ, хеле эҳтиёткор, хеле тарсу шуда монда буд. Гоҳо худ ба худ нишаста фикр мекарду мегуфт: «Эй соддаи нодон, ба ту чӣ зарурат дошт, ки ба ин фитнаю фасодҳо ҳамроҳӣ кунӣ, ҷонета ба хатар андозӣ, дарди сару ғавғои бисьёреро харида гирӣ?! Магар обрӯю мартаба надорӣ?! Магар пулу давлат надорӣ?! Магар ягон чизат намерасид, ки бо оташ бозӣ мекунӣ?! Асад махсум одами ҷангҷӯй, одами ғаюр ва бебок аст, ки ин корҳо ба вай мезебад ва баръакс, бе ин ташвишҳо зиндагӣ ба вай ҳаром аст. Аммо ба ту чӣ?!» Инро мегуфту худро сарзаниш мекард, азоби виҷдонӣ мекашид, вале боз тааммул карда боварӣ ҳосил мекард, ки ин ҳама давлат, ин ҳама обрӯй, ин ҳама калонии вай аз ҳамин фитнаю фасодҳо омадааст. Агар вай манмандоной намекард, агар вай ба хизмати ин гурӯҳи фитнакорон дохил намешуд, ҳоло ҷояш ниҳояте сардори милицияи районӣ буд. Вай ҳам маълум не. Шояд милиционери қаторӣ мешуду бас. Баъд, рӯзҳои аввал умеду орзуҳои калон хеле наздик метофтанд... Хайр, ҳозир ҳам кор тамом аз даст нарафтааст. Модоме, ки ёрон дар сари коранд, ба вай осебе намерасад. Фақат дониста кор кардан лозим... Асад махсум, Иброҳим беки лақай, боз дигарон аз берун ва ана ин гурӯҳи хунхӯрҳо аз дарун истода кор кунанд, ҳамаи большевикҳоро дар як моҳ зада несту нобуд кардан мумкин буд. Баъд, насиб бошад дар давлатхонаи нав мансаби аз ин ҳам калонтарро гирифта, ба мақсад мерасад. Ҳоло кор кардан лозим, ки ин гурӯҳи Ғуломҷон ва домодхоча натарсида ба кор сар кунанд. Вазифаи Низомиддин дар ин моҷароҳо мардумро ба ҳамдигар рӯбарӯ кардан, киш-киш додан, тезондан ва барангехтан аст. Хушбахт он оқиле, ки ду хасмро ба ҳам ҷанг андохта, аз байн луқмаи равғаниро ҳудаш рабояд!

— Хабарҳои нав ва хабарҳои хурсандиовар ҳаст! — гуфт вай диққати аҳли суҳбатро ба худ ҷалб карда.— Ман аз ҷои таъин фаҳмидам, ки ба кори мо аз давлатҳои хориҷӣ дасти ёрӣ дароз мешавад...

— Ин маълум! — гуфт Муҳаммад Валӣ, ки бо сафоратхонаи давлати хориҷа рафтуомад дошт.— Давлати

мо ба ҳукумати Бухоро дасти ёрӣ дароз мекунад, то ки русҳо аз ин ҷо хориҷ шаванд.

— Бале,— гуфт Низомиддин,— лекин ёрии амалии дигар аз тарафи давлатҳои калонтари Аврупо фиристода мешавад. Англия, Германия, Туркия барин давлатҳо намехоҳанд, ки Бухоро зери дасти большевикон ва урусон бошад. Қарор шудааст, ки Анвар пошшо ба Бухоро омада, ба ҷиҳоди мардуми Бухоро сардорӣ кунад...

— Чӣ, Анвар пошшо? — гӯён аҳли сӯҳбат ҳама ба пурсиш даромаданд.

— Ин кадом Анвар бошад? — гуфта монд домоди амир.

Низомиддин ба дилаш хандид. Домоди амир шуда истода намедонад, ки Анвар пошшо кист! Ба ростӣ, пештар ин мардум ба ғайр аз айшу ишрату танпарварӣ дигар чизеро намедонистанд. Дар ҷаҳон чиҳо шуда истодааст, кадом давлат бо кадом давлат меҷангад, дар кадом давлат инқилоб шуд, кадом халқ подшоҳашро гирифта партофт, кадом халқ ҷумҳурият сохт, барои инҳо аҳамият надошт. Ҷаҳон он тараф истад, дар беруни шаҳри Бухоро чӣ моҷароҳо мешавад, ба парвои инҳо намеомад. Ин кадом Анвар будааст! Худат чандто Анвари машҳурро медонӣ? Анвар пошшо — қаҳрамони ҷанги ҷаҳон, фотеҳи майдон, сарлашкари Туркия ва Гермонро аз куҷо донанд!

— Анвар пошшо домоди халифаи ислом, домоди халифаи Рум, сарлашкари давлати Туркия,— гуфт Низомиддин ваҷоҳати олимона ба худ гирифта.— Дар ҷанги ҷаҳон қаҳрамони дараҷаи якум буд.

Ман сураташро дар газетаи «Тарҷимон» дида будам. Аз чашмонаш оташ меборад, аз симояш нур. Агар насиба шаваду Анвар пошшо ба Бухоро биёяд, кори калон мешавад.

— Чӣ кори калон мешавад? — пурсид домодхочаи «содда» Низомиддинро дар ҳайрат гузошта.—Омадани як Анвар ҷанҷоли моро ҳал карда наметавонад. Анвар омадан катӣ бо худаш лашкар биёрад, тӯпу тӯпхона биёрад, аэроплану пулемёт биёрад, он вақт дар ҳақиқат кори калон мешавад.

— Мешавад, ҳамаи гуфтаҳои шумо мешавад! — гуфт худбоварона Низомиддин.— Лекин монед, ки ман гапамро тамом кунам, худо ки гуфтам, додашро ҳам гӯям!

— Марҳамат, марҳамат!

Низомиддин, ки ҳанӯз худаш дуруст ҳабар надошт ва намедонист, ки Анвар пошшо, дар куҷост ва бо кадом роҳ ба Бухоро меояд ва чи тавр кор сар мекунад, дар ин ҷо лозим донист, ки аз дурӯғбофии майнааш дурусттар истифода барад.

— Дар урфият мегӯянд, ки то бача нагирьяд, модар шир намедиҳад! Давлатҳои бузурги хориҷӣ ҳам ҳамон дам ба мо ёрии амалӣ мерасонанд, ки мо ба гирифтани он тайёр бошем. Анвар пошшо омада, бо ёрии мо албатта ба мардум муроҷиат мекунад, онҳоро ба по мехезонад ва ба ғазот тайёр мекунад: он гоҳ тӯпу тӯпхона, пулемёту милтиқҳои ёздаҳтира омадан мегирад, он гоҳ лашкари ҷаррор ва нотарси афғон, турк ва англис аз сарҳад гузашта ба ихтиёри сарлашкари бузург Анвар пошшо мерасанд ва ҳангомаи калон сар шуда меравад.

— Инро ба шумо кӣ гуфт? — боз пурсид Абдураҳмонхон.

— Сардорҳоямон гуфтанд, аз Берлин хабар омадагӣ...

— Хайр, чӣ хуб! — гуфт Абдураҳмонхон, ки марди ба кори худ пухта ва амалӣ буд.— Агар ин ваъдаю вандҳо рост бошанд, кори мо осонтар мешавад. Лекин инқилоби Бухоро ва бадбахтиҳои бисьёре, ки дар натиҷаи он ба сари ман омад, маро ба ҳама ва ҳар чиз нобовар карда монд. Ҳоло ман ҳамин тавр ақида дорам: ба умеди худо нашав, буттая дор! Қувваи нақди ба назар намоён — ҳамин худамон ҳастем. Боз ана, милицияҳои шумо, ки сардоронашон аксарият зобитони турк мебошанд; инчунин як даста ҷавонҳо ва хайрхоҳони мо! Ана ҳамин қувва, ана ҳамин одам! Ҳоло мо фақат ба ҳамин такья карда, бо ҳамин мардум кор бурда метавонем. Агар рафту насияҳои шумо гуфтагӣ шуда монанд, нураи ало нур!

Низомиддин, ки дар бораи Абдураҳмонхон тамом дигар хел фикр мекард, пас аз ин сухани ӯ дар рӯ ба рӯи худ як марди оқил, ҷасур ва тавоноро дид. Вай Абдураҳмонхонро бо Асад махсум муқоиса кард. Асад махсум ҳам ҷасур, бебок ва ғаюр буд, лекин чандон оқил набуд, чандон дурбин ва баандеша набуд. Дар вай фақат як ҳис — ҳисси ҷоҳу амалхоҳӣ, ғурур ва саркашӣ афзунӣ мекард. Аммо Абдураҳмонхон ин тавр не, вай баандеша ва оқил аст, вай ба ҳар гап ва ба ҳар кас бовар кардан намегирад, вай ба қувва ва тавоноии худ эътиқод дорад... Пас Низомиддинро лозим аст, ки бо ин мард доништа рафтор кунад ва худи ӯро ба кор андозад.

— Ин сухани шумо оқилона аст,— гуфт Низомиддин.— Ҳозир вазифаи мо омадани Анвар пошшоро мунтазир шуда истодан набуда, баръакс ба омадани вай замина тайёр кардан аст.

Соҳиби хона Ғуломҷон махсум, ки то ба ин дам ба меҳмонҳо ляҷоми суханро дода, аз рӯи одоб хомӯш менишаст, як сулфа карда монду гуфт:

— Мурод аз сӯҳбати имрӯза ҳам ҳамин аст, ки бо маслиҳат ба чораҳои амалӣ гузарем. Дар даври амир ҷадидҳо дигар хел рафтор мекарданд, лекин мо бояд дигар хел рафтор кунем. Ҳар рӯз ҷамъ шуда, машварату маслиҳат карда, боз хона ба хона наравем, худи ҳамин рӯз ҳар кадом бояд вазифае гирифта, аз ҳамин ҷо баромада ба иҷрои он бикӯшем. Маҷлиси оянди мо пас аз се рӯз, бегоҳи чоршанбе мешавад.

— Албатта, албатта! — гуфт Абдураҳмонхон, ки худро дар ин маҷлис сардор медонист ва ляҷоми суханро боз ба даст гирифт:— мо ҳоло фақат як хабари нав шунидем. Гумон мекунам, ки ҷаноби Низомиддин ба мо боз хабарҳои дигарро мегӯянд. Аввал ҳамаи гапҳоро шунавем, баъд ба ҳамон нигоҳ карда, кори амалии худро дуруст мекунем. Чӣ гуфтед, ҷаноби нозир афандӣ?

— Дуруст аст,— гуфт Низомиддин.— Хабари дигаре, ки ман гуфтан мехостам, оид ба анҷумани якуми фирқаи иштирокиюни Бухоро мебошад. Шояд аҳбоб дар ин бора шунидагистанд, вале аз гуфтугӯҳои дохилии он анҷуман дуруст хабар надоранд. Лекин донистани он шарт аст, хусусан ба ҳаёти гурӯҳи мо! Анҷуман дар охири моҳи феврали ҳамин сол шуда буд. Дар анҷуман коммунистҳо ва ёшбухориҳо (ҷавонбухориҳо) ба се гурӯҳи муайян ҷудо шуданд: гурӯҳи чапҳо, гурӯҳи ростҳо ва гурӯҳи миёна...

— Ин аз аввал маълум буд...— гуфта монд Ғуломҷон махсум.

— Аҷобаташ дар ин ки,— гуфт Низомиддин,— Оқчурин барин одам ба гурӯҳи чапҳо дохил будааст ва яке аз зӯртарин тарафдори Наҷиб Ҳусайнов будааст.

— Наҷиб Ҳусайнов кӣ? — пурсид Абдураҳмонхон.

— Наҷиб Ҳусайнов котиби масъули кумитаи марказии фирқаи иштирокиюни Бухоро буд. Баъд ӯро бекор карданд ва ӯ қаҳр карда ба Маскав рафт. Дар қарибӣ аз Маскав истода ба ҳамфикронаш.— Оқчурин, Қиличзода, Шайхҳасан Алиев ва дигарон мактуб навишта фар-

мудааст, ки онҳо кумитаи марказии махфии худашонро созанд ва бар зидди ҳукумати Бухоро ҷанг сар кунанд. Худи ҳамин нишон медиҳад, ки гурӯҳи чап ҳам асосан бо гурӯҳи рост, яъне бо гурӯҳи мо ҳамфикр аст, лекин онҳо худашонро сурх нишон дода корашонро махфӣ гирифта мебаранд. Дар анҷумани фирқа Қиличзода аз номи ҷавонҳо баромада, қариб буд сари ҳамаро зада кафонад. Вай ҳатто худи Куйбышевро танқид кард, ки ӯ тарафдории Файзулло Хоҷаевро мекунад!

— Чӣ, Куйбышев тарафдори Файзулло аст магар? — пурсид Абдураҳмонхон.

— Тарафдор. Дар ҳама ҷо сахт тарафдорӣ мекунад. Маскав ҳам Файзуллоро дӯст медорад ва бинобар он аст, ки ҳукумат дар дасти гурӯҳи Файзулло! Ин гурӯҳи чапҳо гӯё бо мо мубориза бурда истода так-таки мақсади моро ба амал меоранд. Лекин Оқчурин барои сафед кардани худаш, барои сурх нишон додани худаш дар анҷуман баромада кумитаи марказиро ва хусусан ростҳоро танқид кард, ки онҳо аз Тошканд Мунаввар қориро, сардори миллатчиёни ӯзбекро, чеғ зада овардаанд...

— Наход? — гуфт Ғуломҷон махсум музтарибона. — Сардори миллатчиён гуфт-мӣ?

— Ҳа, сардори миллатчиёни Тошканд гуфт.

— Дигарҳо чӣ гуфтанд?

— Азбаски ҷанҷоли асосӣ ба болои чапҳо буд, масъалаи Мунаввар қориро бисьёр пурсупос накарданд. Аммо ин далели он нест, ки чека аз Мунаввар қорӣ фориғ бошад. Аз як даҳан ки баромад, ба сад даҳан меафтад!

— Худи Мунаввар қорӣ инро медонад? — пурсид Абдураҳмонхон.

— Албатта медонад ва бинобар он ҳам ба ман таъин кард, ки ба шумо расонам: зудтар кор сар кардан лозим.

— Бале, зудтар кор сар кардан лозим! — гуфт сухани Низомиддинро тасдиқ карда Абдураҳмонхон. — Ба фикри ман, кори мо аз ҳамин сар мешавад, ки сардорҳои ҳукуматро аз миён мебардорем...

— Ин кор барои ҷаноби амир Олимхон ва ҳукуматхои хориҷа як ишораи хубе мешавад! — гуфта монд Муҳаммад Валӣ.

Низомиддин лаппӣ карда ба Ғуломҷон нигоҳ кард, Ғуломҷон ба вай чашмак зада, осуда бошед, гуфт. Бале, Низомиддин номи амир Олимхонро шунидан намехост. Ғуломҷон ҳам бо вай ҳамфикр буд. Онҳо ҷони худро ба

каф гирифта, бо большевикҳо кашмакаш мекунанд, на барои баргашта овардани ҷаноби олӣ, балки барои ба дасти худ гирифтани ҳукумати Бухоро, барои сохтани ҷумҳурияти миллӣ ва мустақил, барои тантанаи ғояи олӣ — иттиҳоди миллати турк ва ислом! Ба ин амир Олимхон дахле надорад. Домоди амир ҳам, агар аз тахти дилаш пурсед, баргашта омадани падарарӯси худро намехоҳад, балки мехоҳад, ки худаш ба тахти салтанат ҷойгир шавад. Майлаш, ҳар чӣ фикр кунанд, кардан гиранд, дар лаҳзаи ҳозира аз ҳама ва аз ҳар восита истифода бурдан лозим, баъд ҳисоби кор ёфт шуда меравад!

— Пеш аз ҳама Файзулло Хоҷаро аз миён бардоштан лозим аст,— гуфт ба гапаш давом карда Абдураҳмонхон.— Ин вазифаро ман ба худам мегирам.

— Кай? — пурсид Низомиддин ва ҷавобро нашунида илова намуд: — Гап дар ҳамин ки ҷудо-ҷудо кушта шудани онҳо чандон таъсири дуруст намедиҳад. Агар, масалан, гӯем, дар байни ду-се рӯз хабари кушта шудани ину он шунида шавад, дар байни мардум воҳима меафтад ва таъсираш калон мешавад.

— Ин, албатта, хуб мешавад, лекин киҳоро аз миён бардоштан лозим? — пурсид Муҳаммад Валӣ.

— Рӯйхат хаст,— гуфт Ғуломҷон! — Ба фикри ман, ба русҳо даст кофтан лозим не. Агар ягонтаи онҳоро, масалан Қуйбышевро, аз миён бардоштанӣ шавем, аввалаш ин ки кори осон нест, сониян ба орухона чӯб хастагӣ барин мешавем. Русҳо якбора ба по хеста, дар паи мо меафтанд. Аз ин рӯйхат номи русҳоро кӯр карда, фақат большевикҳои маҳаллиро мондан лозим. Масалан: Ҳайдарқулро, Каримро, Асоро ба қатори аввалиҳо мондан лозим.

— Фирӯзаю Насимҷонро ҳам! — гуфт Низомиддин.

— Ба ин таклифҳо ҳама розӣ! — гуфт домодхоҷа.— Пас, Ҳайдарқулро, Каримро, Асоро кӣ ба гардан мегирад?

— Кариму Асоро ман нест мекунам! — гуфт Муҳаммад Валӣ.

— Ҳайдарқулро ман! — гуфт Ғуломҷон.

— Набошад, Фирӯзаро ҳам Муҳаммад Валӣ гиранд,— гуфт Низомиддин,— зеро ки Асою Фирӯза зану шӯ, агар дар хонаашон ин кор иҷро шавад, фарқ надорад.

— Майлаш,— гуфт Муҳаммад Валӣ.

— Насимҷон ва раиси чекаро ман ба ӯҳда мегирам!—

гуфт Низомиддин.— Ин ҳар дуро аз миён бардоштан хеле мушкил, вале таъсираш калон мешавад.

— Ман аз худи ҳамин рӯз ба кор сар мекунам,— гуфт домодхоча.— Насиб бошад, дар байни ду рӯз, то бори дигар ҷамъ шуданамон вазифаро адо мекунам.

— Не,— гуфт Низомиддин.— Ба ин кори масъул ва пураҳамият ин тавр саҳл нигоҳ кардан намешавад. Ман медонам, ғазабу кинаи ҷаноби Абдураҳмонхон аз ҳад зиёд аст, лекин саросема шудан лозим не. Тайёрӣ дидан хуб аст, ҳар тарафи корро пухта карда, рӯзи сешанбе дар маҷлис ҳар кадом аз кори худ арз кунад ва пас аз писанд шудан корашро ба иҷро расонад.

— Ин фикратон дуруст! — гуфт Ғуломҷон махсум, дигарон ҳам фикри Низомиддинро маъқул ёфтанд ва домоди амир дандон ба дандон монда розӣ шуд.

## V

Бозори нав дар фосилаи байни Регистон ва Лаби Ҳавзи Девонбегӣ, дар қарибии мадрасаи Турсунҷон ва масҷиди Атолиқ воқеъ шуда буд. Дар «бозор» ду-се кӯчаи кӯтоҳи растаи болопӯшида даҳ-понздаҳ дӯкони баққолӣ, атторӣ, қаннодӣ ва ғайра мавҷуд буд. Ҳар пагоҳӣ дар саҳни масҷиди Атолиқ, ки аз як бари он роҳи калони сангфарш гузашта мерафт, бозори ширу қаймоқ мешуд. Шояд барои ҳамин бозори ширу қаймоқ, дар рӯ ба рӯи саҳни масҷид, дар он тарафи роҳ як саройча барои харбандӣ сохта буданд, то ки деҳқонҳои ширу қаймоқ меовардагӣ хару аспи худро ба он ҷо банданд.

Бақоҷони мӯзадӯз дар ҳамин сарой саройбонӣ мекард. Дар даруни дарвозаи сарой, ки болопӯшида буд (дар боло як хона ва шабгаҳ буд) кати баланди тахтагӣ гузошта шуда ва ба рӯи он кат як намади сиёҳи кӯҳна ва як кӯрпаю болишти чиркин паҳн карда шуда буд, ки Бақоҷон пойҳои худро ба поён дароз карда ба рӯи он менишаст ва бо мардум муомила мекард. Кори асосии вай аз саҳари барвақт то ба нимирӯз давом мекард, баъд сарой аз хару асп холӣ мешуд, дигар фақат гоҳ-гоҳе, агар ягон мусофир аспу улови худро набандад, ҳамеша сарой холӣ меистод.

Он бегоҳӣ низ дар сарой харе ва ё аспе набуд, Бақоҷон танҳо, ба болои кат, болиштро ба зонуяш гузошта

ҳа ба он оринчи ҳар ду дасташро монда, манаҳашро ба байни кафҳояш нигоҳ медошт. Чашмонаш раҳ медиданд ва хаёлот манзараҳои гуногунро ба пеши чашми ӯ зинда карда меовард...

Рӯз бегоҳ мешуд, аз кӯчаи калон ҳам гузарандагон кам мешуданд ва ба парвози хаёлоти ӯ халалдиҳанда набуд, фақат чирчираке дар кунҷи кадом деворе нишаста якзайл чир-чир мекард, ки ин ба Бақоҷон халал намедод. Вай ба он одат карда монда буд. Ҳамин ки атроф хомӯш шуд, овози чирчирак баралоина шунида мешуд ва ин овози маҳин ва якнавохт домани хаёлоти Бақоҷонро то рафт вусъат медод.

Ҳамин сарой, ҳамин дарвозаи калони сарой, ҳамин роҳи сангфарш ва саҳни масҷиди Атолиқ ҳам ба вай аз гузаштаи наздик нақлҳо мекарданд. Бале, ҳамин дирӯзак буд, ки вай — Бақоҷони мӯзадӯз дар даст панҷтира, ба миён қаторвазна, ба сар кулоҳи нӯктези аскарӣ, аз тарафи Лаби Ҳавз тозон-тозон дар қатори дигарон ба Бозори Нав омада расида буд...

Аскарҳои мағлубгаштаи амир асосан гурехта, шаҳрро холӣ карда бошанд ҳам, сета-чорта ба ғоратгарӣ машғул шуда мондагон гурехта истода тирпаррони мекарданд ва гоҳо, ҳатто ба пеш рафтани аскарҳо халал ҳам медоданд. Инак, дар Бозори Нав ҳам се-чор нафар аз он ғоратгарон тирпаррони карда, сахт муқобилат нишон доданд. Вай, Бақоҷон, нағз дар хотир дорад: бо се-чор нафар аз тарафи ҳавзи Атолиқ гузашта, ба саҳни масҷиди Атолиқ баромад ва хост, ки душманро аз қафо зада нест кунад. Вале дар он дам ба ногоҳ аз тарафи Регистон ҳам панҷ-шаш нафар аскарони аспакии амир пайдо шуданд ва онҳоро ба зери тирборон гирифтанд.

Он гоҳ Бақоҷон бо рафиқони худ ҳамин саройро ба худ сангар карданд ва деворҳои онро, ки ба тарафи кӯчаи Регистон буд, зада сӯрох карда, сарбозҳои амирро ба нишон гирифтанд. Ду нафар аз ғоратгарон ба замин афтоданд, дигарашон ба тарафи Регистон гурехтанд. То ба ин дам шарикони онҳо Бозори Навро ҳам аз сарбозони амир тоза карда расида омаданд ва сӯи Регистон ба ҳуҷум рафтанд. Бақоҷон ва шарикони ӯ низ аз сарой баромада, ба ҳамон сӯ тохтанд. Байни Бозори Нав ва Регистон он қадар ҳам наздик набуд, вале он рӯз Бақоҷон чунон саргарми ҷанг шуда буд, ки ин масофаро надониста монд...

Аммо дар Регистон бо аскарҳое, ки дар арк руст шуда монда буданд, сахт ҷанг рафт. Баҳоҷон аз ҳамгашти масҷиди Поянда мепарронд, сарбозҳои амир аз болои арк, ҷойҳои хеле хуб ва муносибро ишғол карда мепаррониданд. Дар поён аскарҳои сурхро дуду оташу борони тир таҳдид мекард. Растаю дӯконҳои он гирду атрофе, ки Баҳоҷон истода буд, месӯхтанд, дидан ва нишон гирифтан мушкил буд ва бинобар он ҷанг ба тӯл анҷомид... Ногоҳ овози «Урро!» баланд шуд ва аскарони сурх ба борони тир аҳамият надода, худро ба тахтапул ва дарвозаи арк заданд. Баҳоҷон ҳам давид ва бо тамоми қувваташ «Урро!» мегуфт. Лекин то ба тахтапул рафта расиду боло баромада натавонист. Ба зонуяш чизе омада расиду вай чаппа шуда афтид. Дар айни афтодан ба бозуяш ҳам тир расид ва ӯ аз ҳуш рафт... Чашмашро кушода, худро дар даруни масҷиди Поянда, сарашро ба зонуи яке аз рафиқонаш дид. Курта ва шалвори ӯро дарронида, захмҳояшро мебастанд.

— Ну, Бако!— гуфт марди русе, ки захми ӯро мебаст.— Ҳеҷ гап не, сиҳат мешавӣ!

— Илоҳӣ сиҳат шавам!— гуфт Баҳоҷон.— Илоҳӣ пас аз ҳамин қадар захмату азоб, пас аз ҳамин қадар умеду орзу сиҳат шуда хезам ва аз неъмати озодие, ки ҷангида ба даст даровардем, ман ҳам баҳраманд шавам...

Дунёи ҳамин тавр найрангҳо дорад: ташналабро ба канори оби зулол мерасонаду дар дами лаб тар карданаш якумрӣ маҳрум мекунад; шаби пураламро кас бо сад машаққат ба рӯз мерасонаду баромади офтобро надида, аз ҳарорати ҳаётбахши ӯ баҳра набурда ҷон медиҳад; ба сад умеду орзу боғбон гул мепарварад, вале мешавад, ки ғунчаи муродаш нашукуфта худаш ба зери хок меравад... Чаро? Баҳоҷон як умр аз меҳнати ҳалоли худ нон мехӯрд, ба ҳаққи касе хиёнате накард, моли касро нахӯрд, вале чӣ сабаб бошад, ки ӯро фиреб доданд, ба ҳаққи ӯ ҷабр карданд, ӯро саргурез карданд... Вай дид, ки намешавад, ба сангзан сангшикан шуд. Дуруст кард, баҷо кард! Ҳаққу ҳуқуқро аз дасти золим зада гирифтан лозим. Ана, ҳоло Баҳоҷон бо ёрии ҳамаи дӯстонаш, бо ёрии Аскари Сурх амирро зада гурезонд, наход, ки акнун неъмати озодиро начашида ҷон диҳад?! Не, Иван гуфт, ки сиҳат мешавӣ. Бояд вай, Баҳоҷон, сиҳат шавад! Бояд сиҳат шавад!

Бақочонро ба бемористони ҳарбӣ бурданд, табобат карданд...

Бақочон сиҳат шуда, ба по бархост, аз бемористон ба кӯчаҳои Бухорои озод қадам гузошт. Чи тавр нағз, чӣ тавр фараҳфазо буд он рӯзи тирамоҳ! Офтоб бедареғ нур мепошид, шӯълаи вай сӯзон набуд ба кас мефорид. Шамоли форам вазида, байрақҳои сурхи инқилобиро, ки ба болои дарвозаҳо ва тоқу пештоқҳо зада шуда буданд, мечунбонид. Дар кӯча аксулинқилобчиҳо, одамони амир, сарбозҳои вай набуданд, балки ёшҳо (ҷавонҳо) хурсанду шод, шарқиҳонон мегаштанд...

Вай сурогу пай карда ба идораи Куйбышев рафт. Зеро ки ӯро мешинохт. Дар Самарқанд ва дар Когон Куйбышев бо вай чанд бор сӯҳбат карда буд ва аз ғалабаи инқилоб мужда дода буд. Вай боварӣ дошт, ки Куйбышев ӯро фаромӯш накардааст, албатта ба вай ёрӣ мерасонад.

Дар ҳақиқат ҳамин тавр ҳам шуд. Куйбышев барин одами калон, сафири ҳукумати шӯроии Руссия, фиристодаи Ленин дар Бухоро ӯро ба кабинеташ қабул кард, ба рӯи курсии мулоим таклифи нишастан кард; чой дод, аҳволпурсӣ кард... Пас аз шунидани саргузашти вай амр дод, ки аз номи вай ба ҳукумати нави шӯроии Бухоро нависанд ва илтимос кунанд, ки ба ӯ, яъне ба Бақочон, ёрӣ диҳанд, барои осудагии ӯ ҳамаи чораҳоро бинанд... Ҳукумати Бухоро амр дод, ки аз Кармина зану духтари ӯро кӯчонида биёранд. Ба кадом як идора фармуд, ки ба вай аз ҳавлиҳои мусодирашуда якеро бидиҳанд, асбобу анҷом бидиҳанд ва боз ба кадом як идора амр дод, ки ба вай ягон кори ба худаш муносиб ва сабуктарро ёфта диҳанд ва низ фармуд, ки аз ҳисоби ҳукумат ба вай як лак сӯм ёрӣ диҳанд...

Дар дунъё ҳар хел одамҳо мешаванд: нағз, ганда, золим, мазлум, ҳаққимардумхӯр ва одилу баинсоф... Раҳмат ба азиз Куйбышев, ки ӯро фаромӯш накард, ба вай ёрӣ дод, ба роҳи инқилоб хун рехтанашро ба назар гирифт. Ба ҷои вай агар ягон беинсоф мешуд, аввалаш ба кабинеташ қабул намекард, ман ба ҳар лайталаалла ба гап зада нишастан вақт надорам мегуфт, баъд, агар қабул кунад ҳам, ман туро намешиносам, дар ҷанги инқилоб ҳазорҳо кас буданд, бо ман гап заданд, магар ҳамаро дар ёд медорӣ, мегуфт ва агар зӯр ҳиммат кунад, як чанд сӯм нона мекарду бас!

Ҳавлии нағз доданд, на хурд, на калон, асбобу анҷоми рӯзғорро ҳам доданд. Зану духтари ӯро кас монда овар-данд. Вай гӯё, аввалин бор дар умри худ роҳати оилави-ро дид. Ба ҳеҷ кас мӯҳтоҷ набуданд, аз ҳеҷ кас қарздор набуданд, дар хонаашон ҳама чиз ба қадри ҳол буд. Дух-тараш Ҳалимаи меҳрубон, занаш Зӯҳробону ӯро навозиш мекарданд, саробонӣ мекарданд, хӯрокҳои мувофиқи табъашро пухта медоданд. Ана-мана гуфтана Бақоҷон тамом сиҳат ва тандуруст шуд, фақат пояш мелангид ва дасти росташ дуруст кор намекард.

Акнун дар бораи мӯзадӯзӣ фикр кардан ҳам мумкин набуд. Бо ин дасту бо ин панҷа асбоб гирифта чарм бу-ридан намешавад. Пас, чӣ бояд кард? Бақоҷон, ки ҳанӯз пиру барҷомонда нашудааст? Вай бояд ба худ ягон кор ёбад, аз ягон ҷо барои майдахарҷӣ даромаде чакида ис-тад. Ба дасти зану духтар нигарон шуда мондани мард ҷоиз нест. Ҳарчанд ки Зӯҳробону хизмати нозир афан-диро карда, ба хона хӯрокӣ мекашонд, лекин танҳо ба ҳа-мин қаноат карда нишастани мард камоли нодонист!

Идораи Таъминоти Иҷтимоӣ ба вай ҳамин вазифаи са-ройбониро ёфта дод. Ин саройӣ ба идораи Авқоф таал-луқ дорад. Ба вай ҳар моҳ сад танга медиҳад. Кифоя. Кор ҳаст, кори сабук. Ҳар пагоҳ саҳар катӣ, баробари ҳам-момбуғ [1] ба саройӣ меояд, фонусро дар мегиронад, ба зе-ри собот, ки ба он ҷо хар мебанданд, низ як пилсӯзро дар мегиронад ва дари саройро калон кушода мемонад.

Фурсате нагузашта қарориҳо омадан мегиранд. Баъ-зеҳо ба вай як нимкосагӣ қаймок, баъзеҳо як коса шир, баъзеҳо чакка, қурут ва тобистонҳо мева ва ғайра сав-ғотиҳо меоваранд ва харҳои худро баста мераванд. Ба-қоҷон чойҷӯшро ба болои олав мемонд, чои кабуди талх-ро дам карда, бо дуто-сетоҳо ҳамроҳ нонушта мекард ва баъд бо кори саройбонӣ машғул шуда менишаст. Пас аз тамом шудани бозори ширу қаймоқ, чоштгоҳ дар саройӣ хару асп кам мемонд. Вай таги собroom rӯфта, андак то-за мекунаду боз ба болои кат мебарояд ва кӯчаро тамо-шо карда мешинад.

Баъзан бо ҳайвоноти безабон танҳо ба танҳо мондан ҳам бад не. Як қисм хару аспҳо аз як қисм одамҳо ҳазор бор беҳтаранд. Онҳо бори соҳибашонро мебардоранд,

[1] Ҳаммомҳои Бухоро тахминан дар соати панҷ-шаши саҳар буғ (карнай) зада, дар бораи ба кор сар кардани ҳаммом хабар медоданд. *Муаллиф.*

худашонро мебардоранд, ба як каф чав ва ё кохи хушк қаноат карда, дар саройи роҳи соҳибашонро поида мешинанд ва соҳибашон ки омаданд, овози нарме бароварда ӯро табрик мекунанд... Гоҳе ду хар — ду рафиқ ба ҳам наздик мешаванд, ба забони ҳол ба ҳамдигар суханҳои бисьёре мегӯянд. Яке шикоят мекунад, ки дар зери полон пушташ яғир шудааст, дигаре мегӯяд, ки аз бисьёр роҳ гаштан поҳо ва шонаҳояш ба дард омадааст ва онҳо шонаҳои ҳамдигарро бо дандон охиста-охиста мехарошанд ва бо ҳамин ба дарди ҳамдигар каме ҳам бошад, даво кардагӣ барин мешаванд. Аспи тӯруқ пинак рафта истода майнаеро, ки аз болои сағраи ӯ пашм канда ба хонааш мебарад, намеронад. Майлаш, мегӯяд, кандан гир, барои бачаҳои урьёни худ ҷои хоби нарму гарм тайёр кун, пашми ман боз мерӯяд...

Гоҳо ҳамроҳи соҳибаш саги гӯшу думбуридае ҳам меояд. Саги бовафо ба фармони соҳибаш гӯш медиҳад: ба зери кат ё ба кунҷи роҳрав мехазаду тумшукашро ба рӯи поҳои пешаш гузошта пинак меравад. Ҳар чизе, ки Бақоҷон ба вай инъом кунад, нон, устухон, юндуқ... ноз накарда мехӯрад ва бо чашмони пур аз меҳр ба саройбон нигоҳ карда, дум меҷунбонад. Бале, саг нағзии касро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад. Аз дасти кас як порча нон хӯрад, ба ивазаш вафо ва меҳр нишон дода, то метавонад хизмат мекунад...

Хизмати саг ба одам чӣ мешуд? Посбонӣ! Худи соҳибаш, молу мулки соҳибашро аз бадқасдон мудофиа кардан! Ин бад не. Посбонӣ кардан — кори калон аст! Ана, Бақоҷон ҳам посбонӣ мекунад, аскарҳо ҳам мамлакатро посбонӣ мекунанд. Ин кори калон аст! Бе посбон дар ин рӯзҳои мо ҳанӯз осудагӣ нест.

Лекин осудагии Бақоҷонро дуруст посбонӣ мекардагӣ кас нест. Ақаллан як саг нест. Зану духтараш — худашон ба посбон мӯҳтоҷ! Бале, агар вай посбон медошт, имрӯз ба ин ҳол, ба ин варта намеафтод. Дод аз дасти бекасӣ! Ин одамҳое, ки ба гирду атрофатон мегарданд, баъзан лофи дӯстӣ мезананд, ҳама забонбозанд. Қаси ҳақиқӣ, каси дилсӯз ва фидокорро ёфтан мушкил аст!

Бале, вай ҳанӯз ҳам фаромӯш накардааст ва шояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад:

Устохонаи мӯзадӯзии Бақоҷон дар ҳавлии берунаш буд. Фақат як шогирд дошт. Субҳи барвақт шогирдаш омада дари устохонаро мекушод, мерӯфт, мегундошт ва

ба кор менишаст. Бақоҷон дар ҳавлии дарун ношто карда мебаромаду ба кор сар мекард. То худи пешин — то ба ними рӯз аз кор сар намебардошт ва ҳеҷ кас омада ба ӯ халал намедод. Аммо пас аз нимрӯзӣ, вақте ки соя мегашт, яке аз паси дигар ҷӯраҳо, гапхӯрҳо, бекорхоҷаҳои лофзан омадан мегирифтанд ва сӯҳбат сар мешуду кор суст мерафт. Шогирдаш ҳам кор карда наметавонист: чой дам карда биёр, аз нонвой нони гарм биёр, ангур биёр, харбуза биёр, қанд биёр...

Бақоҷони гулдаст ҳар чӣ қадар кор кунад ҳам, рӯзгораш чандон сериюю пурӣ набуд. Бисьёр вақт аз баққолу аз нонвой қарздор шуда мемонданд.

Дар байни онҳое, ки ба устохона омаду рафт мекарданд, як нафар муллобачаи қашшоқе буд, ки гоҳ-гоҳе дар вақтҳои кас набудан омада, сӯҳбатҳои аҷоиб карда мерафт. Боиси ошноии онҳо ҳамин шуд, ки рӯзе Бақоҷон ба бозор баромада, як қуръон харидани шуд (ҷӯраҳо маслиҳат дода буданд, ки албатта дар тоқи устохонаи вай як нусха қуръон бошад — бахосият мешавад). Дар бозор, дар дасти ҳамин мулло якчанд китоб дида, пурсид, ки қуръон дорад ё не. Мулло (номаш Муҳаммад Мурод буд) ба рӯи усто нигоҳ карда истода пурсид, ки қуръонро кӣ мехонад, худаш ё писараш. Усто аввал аз ин суол тааҷҷуб кард: ин ба фурӯшанда чӣ дахл дорад, ки қуръонро кӣ мехонад. Хост, ки гапи сахт гуфта, гузашта равад, лекин ба чашмони калон-калони меҳрубони мулло назар андохту рости гапро гуфт:

— Барои хосияташ ба тоқи устохона мегузорам.

— Ҳа, шумо устои мӯзадӯз ҳастед...— гуфт мулло бо табассум.—Ман шуморо мешиносам... Агар саҳв накунам, шумо усто Бақоҷон ҳастед?

Усто ба он мардаки миёнақади назарногир нигоҳ карда истода, ҳам аз мардумшиносии ӯ дар ҳайрат шуд ва ҳам аз шӯҳрати худ каме болид:

— Ҳа, ман усто Бақоҷони мӯзадӯз ҳастам. Шумо аз куҷо медонед?

— Устои гулдастро ҳама мешиносанд! — гуфт бо рӯи кушод Муҳаммад Мурод.— Набошад, аз ман ана ин қуръони лавҳдори дастхат ба шумо ёдгорӣ... Гиред!

— Нархаш чанд?

— Ман ёдгорӣ гуфтам-ку! — гуфт мулло Муҳаммад Мурод.— Гиред, пул даркор не. Дар устохонаи шумо ба-

рин устои гулдаст истода хосият биёрад, ба ман аз сад тилло ҳам гаронтар мешавад. Гиред!

Усто куръонро гирифт, вале таъкид кард, ки мулло албатта ба дӯкони вай биёяд, як пиёла чой хӯрда равад.

Чанд гоҳ аз мулло дарак нашуд. Баъд, як рӯз, нохост бо писарчааш аз дар даромада омад.

— Чанд вакт нотоб шудам,— гуфт вай— омада натавонистам. Имрӯз писарча, ҳошо кӯча меравем, тамошо мекунем гуфта намонд... Хайр, гуфтаму ба ин ҷо гирифта овардам...

Бақочон хурсанд шуда падару писарро навозиш кард, бо чою нони гарм ва халвои лавз зиёфат кард. Дар асноп сӯҳбат дид, ки писари мулло Муҳаммад Мурод дар пояш чизи мепӯшидагӣ надорад, як кафши даридагӣ... Бақочон давида аз ҷо бархосту аз рафи болои сараш як мӯзачаи хушрӯи хиромро гирифта ба дасти писарча дод:

— Гир писарам, аз ман ба ту ҳадья! — гуфт вай бо хурсандӣ ва ба дилаш сад шукр мекард, ки худо ӯро дар назди мулло қарздор намонд.

Ин кори ӯро дида шогирдаш чашмонашро чалақ-палақ карду чизе гуфтанӣ буд, аммо захри чашми усто ӯро ба хомӯш мондан маҷбур кард. Пас аз рафтани мулло Муҳаммад Мурод ва писараш шогирд тоқат накарду гуфт:

— Усто, мӯзача бо фармоиши қаровулбегӣ дӯхта шуда буд-ку!

— Писари қаровулбегӣ боз ду-се рӯз сабр кунад, пои луч намемонад!

Лекин қаровулбегӣ ҳа нагуфта, барои гирифта бурдани мӯзача омада монд.

— Се рӯз шуд, як мӯзача тайёр не, ин чӣ бемазагӣ!— гуфт дӯғу пӯписа карда.

— Тайёр шуда буд,— гуфт усто,— лекин... лекин... чармаш вайрон баромад, қолиб зада будем, ки дарида рафт... Зарар надорад, ду рӯз баъд омада гиред, худам аз сарой рафта барои шумо чарми хироми бедона харида овардам.

Қаровулбегӣ оташин шуда бошад ҳам, қаҳрашро фурӯ бурда рафт, вале ошнони мулло Муҳаммад Мурод боқӣ монд.

Вай дар ҳар бори омаданаш як китоб-як китоб панду насиҳатҳои нағз ва сӯҳбатҳои оличаноб карда мерафт.

Ѓоре дар аснои сӯҳбат ғапро ба сари дӯстӣ ва рафоқат оварда гуфт:

-- Шайх Саъдии Шерозӣ гуфтаанд:

Тавон шинохт ба як рӯз дар шамоили мард,
Ки то кучош расидаст пойгоҳи улум,
Вале зи ботинаш эмин мабошу ғарра машав,
Ки хубси нафс нагардад ба солҳо маълум!

Одамро шинохтан мушкил, хеле мушкил! Хусусан шумо барин касони дилсоф ва бекина ба ҳама бовар карда ҳамаро дӯст ва ёри ҷонӣ гуфтан мегиранд. Аммо дар байни ин дӯстҳо чунон касон ҳастанд, ки... агар дар сӯҳбаташон шинед, аз даҳонашон шаҳду шакар меборад, лекин заҳри холис беҳтар аз он шаҳду шакар!

Ман дида истодаам, ки шуморо ҳам ҳамин хел «дӯстҳо» иҳота кардаанд. Агар маслиҳати беғаразонаи маро шунавед, аз онҳо даст кашед! Онҳо ба нону оши шумо дӯстӣ мекунанд...

Аммо Ѓақочони мӯзадӯз ин суханони беғаразона гуфта шударо шуниду пас аз соате фаромӯш кард. Боз ҳамон «дӯстҳо» омаданд, боз сӯҳбати беғамона сар шуд. Пас аз кор, бегоҳӣ ӯро гирифта ба як тӯй бурданд. Аз он ҷо бевақт, ниммасту нимҳушьёр баргашт. Фақат ба рӯи ҳавлии дарун қадам монда, садои ғаш кардани кӯдак ва нолаи зани бемораашро шунида ба хотир овард, ки онҳоро танҳо монда рафтааст...

Бале, бале ба мурдани занаш то як дараҷа вай, худаш, сабабгор аст. Сарсахти муштипарро азобе ки дод, ҳеҷ бераҳм ба душманаш онро раво надидааст. Чандин бор маст шуда омада зада буд, бемор шуда хоб кунад ҳам, табибе наовард, дорую давое накард, ба ҷӯрабозӣ ва гашту ғалаки худаш машғул монд. Дар натиҷа занаш духтарчаи даҳсоларо сағира монда аз ҷаҳон чашм пӯшид. Дар вақти гӯру ҷӯби занаш ба қарз ғӯтид, дасташ аз замину осмон канда шуда монд... Дар он рӯзҳои сахт ҷӯраҳо ҳам аз вай рӯ тофтанд, ягонтоаш ақаллан ба холпурсӣ наомад. Усто Бақочон худаш касал шуд, дӯконашро баст, ба ғаму андӯҳ гирифтор гашт... Аммо «ҷӯраҳо» ёрӣ надоданд. Ѓоз худо хайри ҳамон мулло Муҳаммад Муродро диҳад, ки ӯро танҳо намонд. Аз дасташ гирифт, дорую даво дод, духтарчаи ӯро ба хонааш гирифта бурд, худашро табобат карда ба ҳол овард.

Бақочон ҷавон буд, аз меҳнат ва кор рӯ наметофт.

Дар баробари чон гирифтанаш ба кор сар кард, шаб нагуфт, рӯз нагуфт, ҳунарашро нишон додан гирифт ва дар муддати як сол-якуним сол аз ҳамаи қарзҳо халос шуда, сарбаланд гашт.

— Акнун ба шумо зан гирифтан лозим,— гуфт як рӯз мулло Муҳаммад Мурод.— Духтарчаатонро нигоҳубин ва тарбия кунад, ба дасти шумо оби таҳорат диҳад, хонадонатонро саришта кунад... Лекин ҳушьёр шуда зан гиред! Мабодо ба зани нобоби шаттоҳ ва домаи ба сар гирифтор нашавед, ки аз ин хел зан доштан, безан гаштан садавло!

Бақочон ин маслиҳати оқилонаро бо дилу чон қабул кард. Лекин ин кор осон набуд. Зан мол набуд, ки кас аз бозораш рафта, хуш карда гирад. Худо ба миёнаравон инсоф диҳад! Агар онҳо хоҳанд, албастиро парӣ гуфта оварда ба оғӯши мардак мепартоянд. Ба ҳар ҳол Бақочон хеле диққат кард, пурсупос намуд ва бо маслиҳати бисьёре зан гирифт.

Рӯзҳои аввал Зӯҳробону ба ӯ хеле маъқул буд. Зани дилкаш, коркун, хушфеъл ва ширинзабон ҳастии ӯро печонида гирифт ва ӯ худашро хушбахт мешуморид... Аммо баъдтар маълум шуд, ки Зӯҳробону сабукиҳо ҳам дорад, шарму ҳаёяш камтар ва на ҳамеша гуфтаҳои шавҳарашро ба чо меорад. Оҳиста-оҳиста феълу хӯи Бақочонро дониста гирифта, ба вай фармон медодагӣ, бо вай сахт гап мезадагӣ хам шуд. Лекин ба бача парвона шуд, бачаро дӯст медошт ва мисли духтари зоидан худаш ӯро парво мекард, бо вай машғул мешуд. Барои ҳамин кораш, барои ҳамин ҳунараш Бақочон дигар ҳамаи гуноҳони ӯро мебахшид ва зиндагиаш ба хубӣ мегузашт... Агар боз ҳамон қаровулбегӣ намешуд!

Қаровулбегӣ ин дафъа ба худаш мӯза фармуд, лекин ҳар рӯзи худо ба дӯкони вай меомадагӣ, чақ-чақ карда мешиштагӣ шуда монд. Боре дар вақти сӯҳбат гуфта монд, ки вай, яъне қаровулбегӣ, зани ҳозираи ӯро мешиносад, Зӯҳробону ба зани амаки ӯ хеш мешудааст...

Бақочон аз сӯҳбати ӯ безор шуда, дар байни се рӯз мӯзаро дӯхта тайёр кард. Лекин ба болои музди кор ва нархи мӯза гапашон гурехт. Агар пештар мешуд, Бақочон аҳамият намедод, садақаи сар мегуфт, лекин дар он дам вай ба пул мӯҳточ буд ва ҳар як танга ба ҳисоб буд. Қаровулбегӣ бошад, дағалӣ карда, қариб нимаи ҳаққи мӯзаро намедод. Ниҳоят ба миёна ду-се қас аз чӯраҳои

Бақочон даромадаанд. Дар он ҳол қаровулбегӣ дар назди ҳама хандакунон, тамасхуркунон боқимондаи пули мӯзаро баровардa партофту гуфт:

— Гир, ҳалолат шавад, нархи мӯза ин қадар набошад ҳам майлаш, ман аз Зӯҳробону қарздор шуда монда будам.

Инро шуниду замину замон ба назари Бақочон торик шуд. Маънои сахти ҳақоратомези сухани қаровулбегӣ хонаю ҷон ӯро оташ медод, майлаш буд... Лекин дар назди мардум, дар назди ин даҳанкалонҳо ӯро даюс гуфта ҳақорат додан, зани ӯро ба миён даровардан, муносибати разилонаи худро баръало эълон кардан... ин аз ҳад вазнин аст. Ба ин тоқат овардан мумкин нест, мумкин нест, мумкин нест!..

Бақочон дар ёд надорад, ки чӣ тавр аз гиребони қаровулбегӣ гирифт ва чи тавр исканаи тези чармбурриро ба синаи пуркинаи ӯ зад... Ҳаминро дар ёд дорад, ки чӣ фарьёде ӯро ба ҳуш овард, нигоҳ карда дид, ки дар атроф касе нест, ҳама гурехта рафтаанд ва қаровулбегӣ бо фарши хона баробар шуда, ба хуни худ оғушта гаштааст...

Дар назди ӯ аз куҷое мулло Муҳаммад Мурод пайдо шудааст.

— Кори хуб нашудааст! — мегуфт вай. — Акнун ягона илоҷ гурехта халос шудан аст. Ҳамин ҳозир гурезед, ба Самарқанд равед, табааи рус шавед! Ман аз зану бачаи шумо бохабар мешавам.

Мулло Муҳаммад Мурод ба ҳолу ҷони ӯ намонда, аз дари партав гирифта баровард ва бо тангкӯчаҳою пасткӯчаҳо гузаронида, аз куҷо асперо ёфта дод ва ба роҳи дур, ба роҳи сахт, ба роҳи гурезагӣ раҳнамун гашт...

Ҳоло куҷо бошад он марди фариштамизоҷ? Қанӣ вай, ки боз ба дарду алами Бақочон марҳам диҳад ва ба ӯ ёр гардад?

Бақочон оҳи чуқуре кашиду сар бардошта ба атроф нигоҳ кард. Рӯз бегоҳ мешуд, офтоб ба тарафи ғарб хамида буд. Акнун саройро баста ба хона рафтан мумкин. Вай аз ҷо бархосту аввал тани соботро аз ахлот тоза карда, рӯфта, баъд аз пеши кат гузашта, ба кӯча баромаданӣ шуда буд, ки чашмаш ба қуттии коғазпеч афтод, ки дар як канори кат меистод. Дар қуттӣ як сарбанди абрешимии шилшиладоре буд, ки домодшаванда аз Самарқанд барои Ҳалима савғотӣ оварда буд.

Бақоҷон мехост, ки дар бораи Ҳалима, дар бораи тӯй, дар бораи ҷанҷолҳои дигаре, ки бо дуҷон шудани Ҳалима ба майдон омаданашон мумкин буд, фикр накунад. Лекин ин қуттӣ!

Бақоҷон қуттии когазиро аз болои кат бардошту ба бағалаш гузошт ва пас дари саройро қулф карда, аз роҳи калон ба сӯи лаби ҳавзи Девонбегӣ ба роҳ даромад. Қуттӣ дар бағалаш, «халаи биқин» буд. Ин қуттӣ аз домодшаванда ёдоварӣ мекард. Беист ба тани бағалаш мерасид ва «ҳушьёр шав! Ҳушьёр шав! Ту ва духтарат беномус шудед! Беномус, беномус, беномус!» мегуфт. Вале, имрӯз аз тарафи домодшаванда кас омада буд, барои таъхири ҷавоби лаълии фиристодашуда ӯро сарзаниш кард: Нағз не, мардак ба умед ба остонаи шумо нигарон аст; имрӯз-пагоҳ гуфта, як мусулмонро гаранг карда гаштан аз инсоф не. Ҳар кас ҳам ба қадри ҳоли худ кору кочол дорад: агар мешуда бошад, ҳа гӯед, мардак тараддудашро кунад; агар намешуда бошад, вайша гӯед, ки мардак аз ҷои дигар тараддуд кунад...

Бақоҷон ҳазор узрҳои дурӯғӣ оварда, боз як ҳафтаи дигар фурсат талабид. Акнун пас аз як ҳафта «сафедӣ» бояд дода шавад, яъне барои фотиҳа иҷозат дода шавад. Аммо Ҳалима дуҷон шудааст, Ҳалима обрӯю иззати падару модарашро ба замин задааст, Ҳалима дуньёро ба Бақоҷон танг кардааст. Агар инсофан фикр кунед, гуноҳ ба Ҳалима ҳам нест. Кӣ медонад, шояд духтари бечораро аввал тарсонида, баъд фиреб дода ба номусаш расидагистанд? Ҳалима духтараки содда, ба гапи мардаки беинсоф ва золим бовар кардагист...

Акнун метарсад, ҳатто ба падару модараш ҳам номи он золимро намегӯяд! Бале, ӯро тарсонидагӣ, сахт тарсонидагӣ, ҷунон тарсонидагӣ, ки духтар ба мурданаш розӣ, лекин номи ӯро намегӯяд. Чаро одамҳо ин қадар ноинсоф, ин қадар бадкирдоранд?!

Вақто ки Бақоҷон дар Кармина мӯзадӯзӣ мекард, ба ҳеҷ кас коре надошт, ба ҳеҷ кас бадие кардан намехост. Ақидаи вай ҳамин буд, ки ҳар кас ҳар чӣ кор кунад, ихтиёраш, ҳатто нисбат ба худи ӯ беинсофӣ кунанд ҳам майлаш, худо ҷазои бадро ҳам медиҳад, сазои некро ҳам. Лекин вақте кор ба ҷон ва корд ба устухон расида буд, натавонист, ба муқобили золим қиём кард ва ҳатто яроқ ба даст гирифта ҷангид. Аз ҳамон

вакт ин чониб ақидаи вай тағйир ёфт. Акнун вай ба ҳар беинсофӣ айнан бо ҳамон беинсофӣ, ба ҳар чабр айнан ҳамон тавр бо чабр чавоб доданро омӯхтааст. Чаро золимон ва касони бемурувват бемалол чабру зулми худро ба ҳаққи бечорагон кор мефармоянду бечораҳо хомӯш бошанд? Модоме, ки осудагии шуморо касе посбонӣ намекунад, худатон ба худатон посбон шавед! Яроқатон ҳамеша аз ғилоф кашидагӣ ва ба ҳамла тайёр бошад: ана ҳамон вақт шумо метавонед осудагии худро таъмин кунед, вагарна ба болоятон сувор шуда мегиранд ва ба даҳонатон лачом мезананд! Оҳ, агар Бақочон медонист, ки ба номуси вай — ба номуси духтари вай кадом ноинсоф тачовуз кардааст! Ҳар кӣ бошад, ҳар чӣ коре ки карда тавонад, Бақочон аз вай никор мегирад, никори хунин!

Бақочон аз пеши масчиди гузарашон гузашт, ки мардум намози асрро хонда мебаромаданд. Аҳли гузар ба вай қисман салом диҳанд ҳам, умуман бо назари бегона нигоҳ мекунанд, «ӯзикелдӣ» мегӯянд. Бинобар ин, Бақочон ба онҳо коре надорад, бо ягонтои онҳо омаду рафт надорад, фақат занаш ҳизмати Низомиддин афандиро мекунаду бо ҳамин муносибат бо якто-дутоҳо шинос шудааст. Аммо вай бо ин мардум саломy алейк мекунаду бас...

Бақочон тезтар роҳ гашта ба ҳавлиаш расиду ғалақаро кушода даромад. Дар хона Ҳалима шикамашро дошта, гирья карда мехобид.

— Ҳа, ҳа, ба ту чӣ шуд? — гуфт давида ба назди ӯ рафта Бақочон ва сарашро сила карда, оби чашмашро пок кард.

— Ҳеч чиз не, — гуфт базӯр Ҳалима ва боз гирист.

— Чаро шикаматро медорӣ? Дард мекунад? Бо худат ягон кор накарда бошӣ? Гап зан!

— Не, — гуфт Ҳалима, — онем заданд... лағадашон катӣ ба шикамам заданд...

— Лағадаш шиканад! — гуфт Бақочон ва духтаршро тасаллӣ дод: — Дурусттар, ин тавр рӯйнокӣ хоб кун. Зарар надорад, мегузарад. Онаи аҳмақат худаш чораи коратро диданӣ шудааст: хунрав шазӣ, гуфта задагист... Намедонад, ки маиб карда мондан мумкин. Хуло чазоша диҳад, ин беақла! Ҳаман гуноҳ аз худат, аз беақлии худат!

Ҳалима гап назаду хомӯш монд ва бо кафи ҳар дӯ дасташ болои чашм ва рӯяшро пӯшонда буд. Бақоҷон аз бағалаш қуттиро баровардa кушода аз даруни он сарбанди абрешимии шилшиладорро баровард ва ба сари дили духтарак партофт.

— Ана, ин сарбандро домодшаванда аз Самарқанд ба ту савғотӣ овардааст.

— Даркор не, ба ман! — гуфта Ҳалима сарбандро аз сари дилаш гирифта ба рӯи хона партофт.

Ин ҳаракати духтар падарро каме ранҷонид. Ин чӣ беадабӣ, ин чӣ гап?! Ҳалима ин тавр набуд-ку?! Ҳеҷ гоҳ ба рӯи падар намедавид, густохие намекард?! Ба вай чӣ шуд?! Ё ки дар ин моҷаро гунаҳкор худаш аст?! Наход ки бо розигии худаш Ҳалима, духтари хомӯшаки ман ба ҳамин беномусӣ рафта бошад? Наход ки акнун бе рухсату фотиҳаи падару модар, бе никоҳи мусулмонӣ бо кадом як худобехабар даст ба даст дода рафтан мехоҳад? Не, худи духтар вайрон шудааст?! Не, ҳеҷ бовари кас намеояд. Вай, ки фақиру номуроду хомӯшак буд, ба фиреби нокасон афтид! Аммо кист он номард?!

— Исто ки ин чӣ кори кардагет?! — гуфт Бақоҷон сахт карда. — Ҳадьяи домод фиристодагиро гирифта партой, пас чӣ мехоҳӣ?!

Ҳалима гапе назаду боз гирист.

— Шояд ҳамон худобехабарро, ҳамон номардро мехоҳӣ?! Гӯй, вай кӣ? Натарс! Агар муносиб донем, туро ба худи вай никоҳ карда медиҳем.

Ҳалима боз гап назад. Бақоҷон овозашро баландтар карда, бо дӯғу ҷазаба такроран пурсид. Ҳалима боз хомӯш монд ва беовоз мегирист, вале модари ӯгай — Зӯҳробону, ки аз дари хона даромада буд, гуфт:

— Қори мешудагӣ шуд, акнун пурсу пос чӣ лозим! Агар илоҷаш мешуд, духтаратон худаш мегуфт. Модом, ки намегӯяд, ягон гапаш будагист, аз шумою аз худаш метарсидагист!

— Аз чии ман метарсад?

— Аз ҳаётатон, аз обрӯятон, аз ҳама! Як фикр кунед!

Бақоҷон фикр кардан он тараф истад, аз фикр ҷудо намешавад, лекин ҳеҷ чиз фаҳмида наметавонад. Ё дар ин ҷо гапе ҳаст, ки майнаи вай аз дарк карданаш оҷиз?! Ҳаёт, обрӯй дар ин ҷо чӣ дахл дорад?!

Не, маълум мешавад майнаи Бақоҷон аз кор баромадааст. Занаш аз вай дида бофаҳмтар аст, ба ин шубҳа нест.

— Хайр, чӣ кор мекунем, охир? — гуфт оҷизона ба рӯи қолин нишаста Бақоҷон.

— Беҳтар ки ба ягон духтур нишон дода, ҳаромзодаашро гирифта партоем! — гуфт занаки шайтон. — Мегӯянд, ки духтур беозор гирифта мепартояд ва дар байни ду рӯз сиҳат шуда мехезад.

Бақоҷон боз оташин шуд:

— Баъди бачапартой, ин духтар ба кӣ даркор?!

— Ягон савобталаб ёфт мешудагист...

Бақоҷон гап назаду дандон хоид. Он дам агар ба сараш шамшер мерасид, ин қадар аламнок, ин қадар ғамнок намешуд. Нангу номус гуфта овораҳои вилоят шуд, нангу номус гуфта вай ҷанг кард, нангу номус гуфта вай кор мекунад, ҷонашро дареғ намедорад! Акнун вай ба беномусӣ, беобрӯӣ овоза мебардорад ва номаш вирди забони нокасон мешавад! Акнун ба тарафи домодшаванда чӣ ҷавоб медиҳад? Қошки онҳо одам бошанд! Ин роз ошкор шавад, дар назди мардум — аҳли гузар чӣ хел сар бардошта мегардад? «Ягон савобталаб» гуфта, духтарашро ба ҳар одами рост омадагӣ додан намегирад-ку! Ба нокас духтар дода, азобу укубаташро кашидан осон не!...

— Хайр, — гуфт ниҳоят ба хомӯшӣ ҳалал дода Зӯҳробону, — ба пеши Фирӯза рафтед, чӣ гуфт?

— Чӣ мегуфт? — ғурунгос зад мардак ва боз хомӯш монд.

— Албатта шумон лаблесро гирифта ба зери кунаш мондагист, вай лачари мамаддоно!

— Э, даҳоната банд, аҳмақ! — гуфт оташин шуда Бақоҷон. — Агар ман лаблес бошам, худат рафта пурс!

— Рафтан мегирам! — даҳонкалонӣ кард Зӯҳра. — Ман шумо барин тарсончаки буздил не! Ман ҳаққамро аз ҳар ҷое ки бошад, ҳатто аз коми аждаҳор рӯёнида мегирам! Духтари ҳалолу покизаи маро фиреб дода, ба найрангашон андохта, боз пешхезӣ ҳам мекунанд, тавба!

— Ба Фирӯза туя чӣ кор?! — гуфт мардак. — Агар он худобехабарро донистанӣ бошӣ, аз ин, ана аз ин духтарат пурс! Барои чӣ гап намезанад? Барои чӣ ном намегирад! Аз ман мулоҳиза кунад, ба ту гӯяд!

— Ба ман гуфт, ман медонам! — Зӯҳра ғолибона ба шавҳараш назар кард.

— Кӣ будааст он золим? — Якбора ба шӯр омада пурсид мардак. Ҳалима, ки суханони падару модарашро шунида меҳобид, якбора бо чашмони ҳаросон аз ҷо бархост ва ба модараш нигоҳ кард. Аммо Зӯҳра осуда буд.

— Хотирҷамъ бош! — гуфт вай ба духтар ва ба шавҳараш рӯ оварда ба суханаш давом дод: — Агар кӣ будани он бемурувватро донистан хоҳед, хезед ба ҳавлии нозир гузаред, он кас ба шумо гуфта медиҳанд.

— Нозир?! Нозир ба ин чӣ дахл дорад?! — боз ҳам оташинтар шуд падар. — Агар медониста бошӣ, худат гӯй!

— Ба шумо гӯям! — гуфт занак ва давоми гапашро ба ӯзбекӣ гардонид, ки Ҳалима нафаҳмад: — Магар дар пеши духтари бадбахт ҳамин хел гапҳоро мегӯянд?! Нозир афандӣ аз ҳамаи воқеа огоҳ мебошанд, лекин ба мо нагуфтанд, мехоҳанд ба худи шумо гӯянд... Гап, аз он чизе ки мо гумон мекунем, калонтар барин!

Хун ба сари Бақоҷон зад. Аз ин зиёда чӣ мешуд?! Гапи калонаш чӣ?! Ин занак ё дурӯғ мегӯяд, ё чӣ воқеае шудааст, ки ақли ӯ намерасад...

— Баъд, — гуфт занак осудаҳолона. — Нозир афандӣ ба шумо дараки хонаи духтурзанакро ҳам медиҳанд, рафта гирифта биёред, илоҷи ин духтарро кунад. Агар аз бача гирондани Ҳалима ягонтаи аз занҳои гузар хабардор шавад, тамом! Беобрӯй, расвой! Духтур, ба ҳар ҳол урус, даҳонаш баста, ба ҳеҷ кас намегуяд.

— Тавба кардам, тавба кардам худоё! — гуфт мардак ба ҷавоби занаш сухане наёфта. — Ин чӣ рӯз буд-а!

— Дигар илоҷ нест! — гуфт боз таъкид карда занак. — Хезед, аз паи кор шаведу ғам нахӯред!

Ғам нахӯрдани Бақоҷон мумкин-мӣ? Духтари бокира дуҷон шавад, пас онро духтур оварда, гиронда партоянд, боз ғам нахӯрад будааст! Ин куҷоя гапаш, ин ба кадом мусулмонӣ ҳаст?! Бача гирондан худаш ҷиноят, ҷинояти дуқабата аст! Ин кор — одамкушӣ, ваҳшигарӣ аст! Агар дар вақти амир ин кор мешуд, кабиру сағири он оиларо сангсор мекарданд...

Не, Бақоҷон дигар дар байни мардум сар бардошта гашта наметавонад. Беҳтар ки рафта аз нозир

кӣ будани ин ҷинояткорро фаҳмад, онро ба ҷазояш расонад, баъд худаш ҳам нест шавад!

Вай ҷаҳида аз ҷо бархост ва ба қафояш нигоҳ накарда аз хона баромад.

Бақоҷонро Низомиддин хеле меҳрубонона, бо ҳурмат ва тавозӯъ пешвоз гирифта, ба рӯи дивани мулоими чармин шинонид.

— Хуш омадед! — гуфт вай ба рӯ ба рӯи ӯ нишаста. — Саломатии шумо, умедворам, хуб аст!

— Саломат бошед, — гуфт базӯр буғзу кинаю ғазаби худро андак фурӯ нишонда Бақоҷон.

— Лекин, — гуфт Низомиддин хунсардона ва бо таанӣ, — ман дида истодаам, ки хавосатон парешон, димоғатон сӯхтагӣ ва...

— Напурсед, нозир афандӣ, напурсед! — гуфт Бақоҷон.— Бадбахтии калон рӯй дод, ба сарам кӯҳи гарон афтода мачақ кард, ноилоҷ шудам, дармонда гаштам!

— Барои чӣ?! — Низомиддин бо дилсӯзӣ ба ҳамсӯҳбаташ муроҷиат кард. — Шумо, марди далер ва дилоьар, инқилобчӣ ва қаҳрамони замон бечораю бадбахт нестед ва намешавед! Мо ҳама дар хизмати шумо, мо ҳама хайрхоҳ ва дӯсти шумо ҳастем. Асло парво накунед!

— Не, охир! — гуфт аз забони нозир афандӣ таърифу тавсифи худро шунида Бақоҷон, ки хеле мулоим шуда буд. — Ҳалима, духтарам Ҳалима...

— Медонам, аз ҳама гап хабар дорам! — гуфт Низомиддин ва қуттии папиросро кушод, аввал ба меҳмон таоруф кард ва пас аз он ки вай даст ба дил гузошта аз кашидан узр хост, худаш папирос оташ дод ва даме хомӯш монд. Дар як лаҳза Бақоҷон, ки аз таърифу бололо бардоштани нозир якбора худро ҳақиқатан қаҳрамон ва далери беҳамто пиндошта, хеле рӯҳбаланд шуда буд, дар ҳаққи ӯ чизи бксьёреро фикр кард: Бедарак инқилоб нашуд, бедарак ҷумҳурияти халқии Бухоро ташкил нашуд, албатта! Инқилобро одамон, меҳнаткашон карданд, онҳо ба ҷон расида буданд. Ба онҳо Куйбышев барин касон роҳбарӣ карданд... Ба сари инқилоб ана ҳамин хел одамони ҳақгӯ ва мӯътабар буданд... баъд Низомиддин барин касон имрӯз лаҷоми давлатро ба даст гирифта идора мекунанд! Пештар кадом амалдори амир бо вай ин тавр, дар як ҷо, зону ба зону нишаста

сӯҳбат мекард! Сӯҳбат он тараф истад, бо нӯги пояшон нишон медоданд ва фақат амру фармон медоданд. Ана имрӯз бошад, Бақоҷонро ҳурмат ва тавозӯъ мекунанд, ӯро қаҳрамон, ӯро далер ва тавоно ва инқилобчии сурх меноманд. Худи нозири дохилия, дар хонаи хоси худ бо вай нишаста, сӯҳбат мекунад... Ин хел одам ба дарди ҳар кас даво ёфта метавонад!..

— Ман медонам, — гуфт боз Низомиддин ба суханаш давом дода, — дар ҳақиқат, ба ҳаққи шумо ва ба ҳаққи духтараки маъсумаи шумо ҷабр кардаанд. Барои оилаи шумо ин таҳқири хеле сахт аст. Кошки дар байни мардуми шаҳри мо иғвогарҳо кам бошанд! Онҳо маътали шунидани ҳамин хел моҷароҳо мебошанд. Инро мо медонем. Як зумра аксулинқилобчиҳо ҳастанд, ки аз тани нохун чирк кофта мегарданд, то ки инқилобчиҳои сурхро — ба мисли шумо одамони покро — бадном ва шарманда кунанд. Ин ҳодисаи Ҳалима барои онҳо як тӯй мешавад. Дарҳол ба тамоми шаҳр, балки ба тамоми қаламрави Бухоро овоза паҳн карда, бо созу-боз аз худашон ҳазорҳо чизҳои бемазаро илова карда, номи шуморо сиёҳ мекунанд. Ҳо, духтари фалонӣ шавҳар накарда дуҷон шудаст, ҳамаи ин ҷадидҳо, ин инқилобчиҳо ана ҳамин хел! Акнун никоҳу заношӯӣ аз миён бардошта мешавад; акнун дил-дили Зайнаб гуфта, зану мард қатӣ шуда рафтан мегиранд ва хоказо ва хоказо... Инро шунаванд, эшони Файзуллохоҷа ҳам хафа мешаванд, обрӯи инқилобчиҳоро рехтааст, мегӯянд...

— Бадбахт сарам! — гуфта монд Бақоҷон.

— Аммо шумо парво накунед! — гуфт ба зонуи ӯ даст монда гирифта Низомиддин.— Асло ғам нахӯред! Ман зинда ҳастам, пеши ин корҳоро гирифтан аз ман расад.

— Чӣ хел? Чӣ хел карда пеши ин расвоиро гирифтан мумкин?!

— Ҳозир, ҳозир! — гуфт Низомиддин ва аз ҷо бархоста ба даҳлез бароmаду ба рӯи ҳавлӣ нигоҳ карда, набудани касеро дида, гӯё хотирҷамъ шуда баргашта ба суханаш давом дод: — Аввал ман ба шумо гӯям, ки ин ҷиноят аз кӣ сар задааст...

— Ҳа, бале! — гуфт Бақоҷон.— Сад раҳмат ба шумо!

— Ин кор пеш аз ҳама аз Насимҷон — писари Ҳоҷӣ Малеҳ сар задагӣ! Шумо ӯро мешиносед, ҳавлиаш

дар рӯ ба рӯи клуби занҳо, дар гузари ҳаммоми Қаф-шолак.

— Шуд, шуд!— гуфт Бақоҷон, — мешиносам. На-чайлуки ҳабсхона, ҷавонаки олуфтаи айнакӣ!

— Бале, бале,— гуфт Низомиддин.— Лекин вай тан-ҳо не. Ба ин кор Фирӯза ҳам даст дорад.

— Наход?

— Ҳа, — гуфт Низомиддин. — Аз рӯи хабарҳое, ки воқеанависҳои ман овардаанд, Ҳалимаро аввал Фирӯ-за ба доми худаш мекашад, мебинад, ки духтараки гап-даро, содда ва хушрӯй... Барои мартаба ёфтан ва ба калонҳо маъқул шудан аз вай истифода бурданӣ меша-вад. Ба ин мақсад Ҳалимаро ба Насимҷон ҳамроҳ ме-кунад. Насимҷон ӯро донхӯрак карда ба ҳавлии худаш мебарад. Зани Насимҷон — Ойими Шоҳ рашк карда, де-вонагиҳо мекунад. Ҳатто ман аз рашк кардани вай огоҳ шуда будам, лекин афсӯс ки беаҳамият... Ба гумонам, Ойими Шоҳро бо найрангу фиреб ё ки тарсонда хомӯш карданд... Аиа баъд... Насимҷон раиси Чекаро бо Ҳали-ма ошно мекунад, ё ки аввал худаш, баъд раис... Ба ҳар ҳол, духтари бечораро тарсонда монда, мегӯянд, ки ба ҳеҷ кас лаб накушо, ки падару модаратро ҳабс карда мепарронем, худатро ба аскарҳо медиҳем... Барои он ки духтар алда шавад, ба вай як ангуштарини алмос ва намедонам, боз як чизи дигар ҳадья медиҳанд.

— Оҳ, лаънатиҳо! Оҳ, бемурувватҳо! Оҳ, золим-ҳо! — мегуфт Бақоҷони хушбохта ва дандон мехоид.

— Акнун ~~ӯбраи~~ ин кор ҳамин ки ман ба шумо да-раки як духтурзанакро мегӯям. Вай одами худӣ, даҳо-наш маҳкам... Аз номи ман рафта мегӯед, ба хона ас-бобҳояшро гирифта омада, духтарро сабук мекунад. Баъд, худо пошшо. Ҳалима ҳам, насиб бошад, бахташ-ро меёбад. Лекин шумо ҳам, мо ҳам ин сирро аз даҳон намебарорем. Мабодо душман нафаҳмад!..

— Не, афандим! — гуфт Бақоҷони дар ғазаб.—Ман бояд аз душмани нангу номусам қасос гирам! Ман аз он хел, ба қавли занак, аз лаблесҳо нестам, ки ҳар кас ҳар чӣ мехоҳад, бо ман ва бо аҳли аёли ман карда раф-тан гирад! Не, ман дар вақти амири золим натарсида, бо саркарда ҷанг карда будам ва ҷунон ба синааш за-дам, ки воҳ нагуфта ҷонаш баромад. Ҳозир ҳам худоба шукр, қувват дорам, аз милтиқу таппонча нишон гириф-та метавонам.

— Хайр, шумо чӣ кор кардан мехоҳед? — пурсид Низомиддин.

— Аввал бо Насимҷон ҳисобамро баробар мекунам, сонӣ бо дигарҳояш.

— Онҳо одамҳои зӯр, соҳиби чека! — гуфт Низомиддин воҳима карда. — Набошад худи ман онҳоро ба масъулият кашида, суд кунонда, ҷазояшонро медодам... Аммо шумо...

— Ман бесуду бемурофиа! — гуфт заҳрханде карда Бақоҷон ва аз ҷо бархост.

— Ба ҳар ҳол, маслиҳати ман ҳамин ки дониста кор кунед! — гуфт Низомиддин ва аз даруни қуттии стол таппончаеро гирифт: — инро гиред, даркор шуда мемонад. Шумо одами душманнок! Лекин, агар ҷуръат карда натавонед, беҳтар ки ба ин роҳ қадам намонед! Бо маслиҳат ягон ҷораи дигарашро меандешем...

Дастони Бақоҷон аз кинаю ғазаб меларзиданд. Он дам вай ҳеҷ чизро фикр намекард ва қудрати муҳокима кардан ҳам надошт, фақат як ҳирси пурдаҳшат, ҳисси интиқом ӯро печонида гирифта буду бас!..

## VI

Занги соати деворӣ шаш бор дар фазои калон таниннандоз гашту хомӯш шуд. Ойими Шоҳ, ки ба рӯи нимкат дароз кашида китоб мехонд, чашм аз китоб бардошту ба рӯи ҳавлӣ нигарист. Дар он ҷо холаи Насимҷон хас-хас карда мегашт, дигар касе набуд. Вай хост, ки боз ба китоб назар кунад, лекин соати дигар, ки хеле қадимисохт буда, дар тоқи хона меистод, садое бароварду даричаи болои ақрабакаш кушода шуд ва аз даруни он булбуле сар бароварда чаҳ-чаҳ зад, қанотак зад ва боз ғоиб шуду дарича пӯшида гашт ва он соат ҳам шаш бор занг зад. Ойими Шоҳ табассуме карда боз ба китоб чашм дӯхт. Он китоб куллиёти Саъдӣ буду дар он ин шеър навишта шуда буд:

Ман надонистам аз аввал, ки ту бемеҳру вафоӣ,
Аҳд нобастан аз он беҳ, ки бубандию напоӣ.
Дӯстон айб кунандам, ки чаро дил ба ту додам,
Бояд аввал ба ту гуфтан, ки чунин хуб чароӣ!
Эй ки гуфтӣ марав андар паи хубони замона,
Мо куҷоем дар ин баҳри тафаккур, ту куҷоӣ!

Гуфта будам чу биёӣ, ғами дил бо ту бигӯям,
Чӣ бигӯям, ки ғам аз дил биравад, чун ту биёӣ.

Ойими Шоҳ ба фикр фурӯ рафт. Бале, вай ҳам мехоҳад, ки ғами дилашро ба дилдораш бигӯяд, аммо вақте ки дилдорашро бинад, чӣ гуфтанашро намедонад. Кошки худи дилдораш ин ҳолати ӯро донад, ӯро танҳо нагузорад! Рост аст, ки Ҳамроҳхон чанд гоҳ ба бемории рашки беҳуда гирифтор шуда, ҳам худаш ғусса хӯрд, ҳам рӯзи Насимҷонро сиёҳ кард. Баъд ки фаҳмид, хеле осуда гашт; ҳатто бисьёр вақт ба он кирдору ҳаракаташ худаш механдидагӣ шуд...

— Ҳамаи ин девонагиҳо аз муҳаббат, аз ишқи бепоёни ман буд! — мегуфт вай ба худаш. — Дар миёна иғвои душман ҳам буд. Мани нодон қариб ба оташи душман равған рехта будам... Лекин худро ба даст гирифтан лозим. Фикрҳои беҳударо, ки гӯё Насимҷон ӯро мепартояд, зани дигар мегирад, аз худ дур кардан лозим. Лекин Насимҷон ҳам бояд ба вай ёрӣ расонад, ӯро бисьёр танҳо намонад, беҳтараш, ки ба назди худаш ба кор гирад. Майлаш, Ҳамроҳхон бо фаранҷӣ рафта, дар идора бефаранҷӣ кор карда, боз фаранҷиро ба сар гирифта ба хона бармегардад. Рост аст, ки дар идора буданаш беҳтар. Ин аз ҳар ҷиҳат хуб мешавад. Занҳо агар озодӣ хоҳанд, бояд аз ҳар ҷиҳат баробари мардҳо шаванд; ба ҳама кор қодир шаванд, аз ӯҳдаи дур кардани ҳар мушкилӣ бароянд, набошад озодӣ ба ном мешавад...

Вай як умр меҳнат кашид, як умр дар орзуи бахти нек шабро рӯз, рӯзро шаб кард... Акнун ки дари бахт кушода, висоли ёр муяссар гаштааст, чаро вай боз дар хонаи танҳо ба ғами ҳиҷрон гирифтор шуда монад?! Чаро вай бо воҳимаю ҳарос зиндагӣ кунад!

Бале, бале, воҳима! Воҳимаи хеле сахт! Зеро ки замона нобоб, хатарҳои калон ба пеши роҳи Насимҷон истодааст... Насимҷон бошад, шоирмизоҷ, бепарво, наметарсад. Душмани бадкирдор дар ҳар қадам ба ҷони ӯ қасд карда метавонад. Охир, ба хона, ба ӯ занг зада, таҳдид кардаиҳои он шахси номаълум бедарак набуд. Ба Насимҷон қасд кардаанд, ӯро, надонам барои чӣ, куштан мехоҳанд... Насимҷон имрӯз ваъда дода буд, ки барвақт меояд, аммо то ҳоло даракаш нест. Идораҳо кайҳо баста шуданд, рӯз бегоҳ шуда монд. Аммо На-

симҷон нест... Насимҷон нест!.. Илоҳӣ саломат бошад, илоҳӣ ҳодисае рӯй надода бошад!..

Ҳамроҳхон ҳамин тавр ақида дошт, ки вай як умр Насимҷонро мехост, як умр ӯро дӯст медошт ва бинобар он буд ки ҳаман ҳастии худро барои Насимҷон нигаҳ дошт, ҳаман ҳастии худро барои Насимҷон фидо кард!.. Насимҷон гуфт, аз баҳри ҳама ва ҳар чиз гузашт! Чаро?

Ишқ! Ишқу муҳаббат!

Қошки дили ӯ бехабар аз ишқ мешуд! Аммо, диле ки ишқ надошта бошад ва дар тапиданҳои вай эҳсосоти муҳаббати бепоён набошад, магар дил номида мешавад?! Ҳамин ишқу муҳаббат аст, ки чӣ будани олами ҳастӣ ва зиндагиро ба ӯ шарҳу баён менамояд, ҳамин оташи ҷигарсӯз аст ки ба тани ӯ ҳарорат ва руҳ медамад...

Бале, Ҳамроҳхон хушбахт аст, Ҳамроҳхон ба маҳбубаш, ба дилхоҳаш расидааст... Толеъ аз ин баландтар намешавад! Вале Ҳамроҳхон худаш ноҳинҷор! худаш дилтанг... Шоир рост мегӯяд:

> Ҳастии ҳайрат маро маҳрум кард аз завқи васл,
> Ёр дар оғӯшу ман муштоқи пайғомам ҳанӯз!

Насимҷон аз они ман, Насимҷон дар оғӯши ман аст, ӯро ҳеҷ кас аз ман рабуда наметавонад... Аммо чаро вай ҳанӯз наомадааст? Ана, соат қариб ҳафт шудааст.

Вай давида аз ҷо бархост, чун девонагон ба рӯи ҳавлӣ пойлуч зада бароманду бо овози баланд аз холаи Насимҷон пурсид:

— Бибиҷон, кӣ омад? Насимҷон омад магар?

Кампир сар аз ошхона бароварда, ба сӯи ӯ бо ҳайрат назар кард ва гуфт:

— Ҳеҷ кас наомадааст, қизам, хотирҷамъ бош.

— Насимҷон чаро ин қадар дер кард?

— Ҳоло дер нашудааст, омада мемонад, осуда бошед!

Насими бегоҳирӯзӣ ба сару рӯи вай расид, димоғаш тоза шуд, андак осуда гашту боз ба хона даромада китобро ба даст гирифт. Саҳифае варақ зад, ё не, боз ваҳму ҳарос ба вай ҳуҷум карданд, домани хаёли ӯро ба ҳар тараф кашиданд; гоҳо ӯро ба оташ заданд, гоҳо ба оби сард партофтанд.

Вай давида ба хонаи дигар, ба сари телефон рафт. Занг зада чекаро пурсид. Насимҷон дар кабинеташ набуд. Як занак ҷавоб дод, ки Насимҷон назди комеданти чека фуромадааст, кори муҳим баромадааст.

Аҷаб, ин занак дар кабинети Насимҷон чӣ кор мекарда бошад, дар ин вақт, дар ин бегоҳирӯзӣ?!

Хуни рашку ҳасад ба сараш зад, вале боз худдорӣ кард: эҳтимол занаки хонарӯб бошад... Пас аз кор ҳамаи кабинетҳоро рӯфта, мегундоранд-ку... Аммо Насимҷон ба назди комендант чӣ кор мекунад?..

Вай ҳанӯз ба суолаш ҷавоб наёфта буд, ки аз рӯи ҳавлӣ овози марде, баъд баланд гап задани хола шунида шуд:

— Вой, мураме, шумо кӣ? Шумо кӣ? Худаш чӣ гап? — мегуфт хола.

Ҳамроҳхон тохта рӯи ҳавлӣ баромада дид, ки як мардаки бегона, миёнақад, кулӯтариш, дар тан ҷомаи сатини сиёҳи нимдошт, дар сар телпак тез роҳ гашта ба сӯи вай меояд. Ҳамроҳхон беихтиёр бо нӯги остинаш рӯяшро пӯшида ба он мард фарьёд зад:

— Истед, ба хонаи бегона қадами номаҳраматонро нагузоред!

Аммо мардак ба сухани ӯ гӯш накард, ӯро тела дода ба хона даромад ва ғоиб шуд. Ҳамроҳхон ва аз паси ӯ хола ҳаш-ҳашкунон ба хона даромаданд. Мардак дар миёни хона рост истода, бо чашмони пурхун, ранги аз ғазаб тағьирёфта ва бо дасту поҳои ларзон ба онҳо нигоҳ мекард.

— Мардакат канӣ? Насимҷони фосиқ канӣ?

— Худи ту кистӣ, ки ин тавр беодобӣ мекунӣ? Мардаки ман ба ту чӣ даркор?

— Ман аҷали шавҳари ту мешавам! — гуфт он мард ва ба ӯ наздик шуда бо таҳдиду ғазаб илова намуд: — гӯй, ки вай дар куҷост?

— Насимҷон бо як даста аскари чека ба хона омада истодааст. Сабр карда ист, худи ту аҷалатро мебинӣ!

— Агар бадбахт ва фиребхӯрда будани туро намедонистам, — гуфт он мард бо чашмони хунгирифта ба Ҳамроҳхон нигоҳ карда, — ба ҳаққи худо, ки аввал ҷони туро гирифта, баъд ба пешвози Насим мерафтам. Афсӯс, ки медонам, ту ҳам ҷабрдида ҳастӣ... Хайр, парво накун, рӯзи сиёҳат ба охир расид, худи ҳамин рӯз аз дасти фосиқи бемурувват наҷот меёбӣ!..

Инро гуфту занҳоро гарангу моту мабҳут гузошта берун ҷаҳид ва дар як чашм задан аз ҳавлӣ ғоиб шуд.

— Вой мураме, ин чӣ рӯз буд! — гуфтани хола Ҳамроҳхонро ба ҳуш овард. — Ин мардак кӣ буд? Дузд буд магар?

— Не, дузд не, — гуфт Ҳамроҳхон. — Душмани ҷони Насимҷон буд...

— Душмани ҷони Насимҷон?! Ибӣ, набошад хезед, ягон илоҷ кунем! Дод гуфта ҳамсояҳоро ҷамъ кунем!

— Не, дод гуфтан фоида надорад. Мардак кайҳо рафт, ба пешвози Насимҷон рафт. Илоҳӣ вай дар идора бошад, илоҳӣ аз идора набаромада бошад...

Ҳамроҳхон боз телефон кард. Хуб занг зад, вале чӣ шуда буд, ки аз он тараф, аз чека ҷавоб нашуд. Ё дар идора касе набуд, ё ки телефон вайрон буд.

Ҳамроҳхон андаке тааммул карда истоду давида ба хонаи майда гузашт ва аз сандуқчаи худаш таппончаи хурдеро гирифта ба кисаи камзӯлаш гузошт ва аз рӯи куртаи хонагӣ он камзӯли бахмали нофармонрангро ба бар карда, ба сар калапӯши зардӯзиро аз тоқи хона гирифта гузошту рӯи ҳавлӣ баромад. То ба ин дам хола ҳам аз хонаи дигар ба рӯи ҳавлӣ баромада, бо ҳарос ба рӯи Ҳамроҳхон нигоҳ мекард:

— Ҳа, духтарам, ба куҷо?

— Худам рафта пеши роҳи аҷалро нагирам, намешавад! — гуфт Ҳамроҳхон ва ба сӯи дарвоза равон шуд...

— Истед, аз дасти шумо чӣ мебиёд! Истед, ягон касро ба ёрӣ ҷег занем!

— Аз дасти ман ҳар кор меояд! — гуфт Ҳамроҳхон ва ба доду фарьёди хола аҳамият надода, ҳамон ист, бефаранҷӣ ба кӯча баромада рафт...

— Вой мураме! — гуфт кампир бо ҳар ду дасташ худашро зада, — ин чӣ рӯз буд!

Аммо Ҳамроҳхон бефаранҷӣ, бечашмбанд ва бепарда, бо сари баланд ва мағрур, бо қатъият қадам гузошта, ба сӯи растаи челонгарӣ ва таи тоқи Телпак равон буд. Дар Бухоро ин аввалин зани маҳаллие буд, ки бефаранҷию чашмбанд ва бепарда ба кӯча мебаромад, аз ҳеҷ кас боке надошт ва ба ҳеҷ кас аҳамияте намедод. Агар он дам фоторепортёрҳои имрӯза мешуданд, ин аввалин хуруҷ, ин аввалин ҳуҷум, ин аввалин қадами далеронаи роҳи озодиро садҳо бор ва ба ҳазор шаклу ранг ба су-

рат мегирифтанд ва ба тамоми газетаю журналҳои олам мунташир месохтанд...

Ин, алҳақ ҳодисаи таърихӣ, ҳодисаи ҳеҷ вақт диданашуда, ҳодисаи инқилобӣ буд. Аммо аҳамият ва моҳияти ин саркашӣ, ин бебокӣ ва кирдори таърихиро он дам на худи Ҳамроҳхон донист, на Насимҷон донист, на холаи вай ва на онҳое, ки дар кӯча зани маҳаллӣ — зани мусулмони бухороиро аввалин бор бефаранҷӣ дида, моту мабҳут, аз паси ӯ нигарон мемонданд!

Харчанд ин ҳолати фавқулодда ҳолати диданашуда ва бар зидди ҳамаи анъанаҳо ва расму русумот буд, лекин ҳолати қонунӣ ва ҳолати шуданаш лозим буд. Ин буд, ки Ҳамроҳхон дар кӯчаю бозори бегоҳирӯзии Бухоро ин тавр озодона қадам гузошта, ин тавр бебокона мерафт.

Кӯчаю бозорҳо ҳанӯз аз ояндаю равандагон холӣ нашуда буданд, дӯкондорҳо дар тараддуди дӯконҳои худро баста, ба ҳавлиҳо баргаштан буданд, ҷавонҳо барои сайру гашти бегоҳирӯзӣ ба лаби ҳавзи Девонбегӣ мерафтанд, дӯконҳои баққолӣ дар таи тоқи Телпак ва дигар чоҳо боз буданд ва бо чандин фонус гирду атрофро равшан карда, матоъҳои худро ба назари харандагон гузошта буданд.

Ҳам баққолҳо, ҳам атторҳо, ҳам нахӯдпазҳо, ҳам посбонони саройҳо ва дӯконҳо — ҳама-ҳама бефаранҷию бечашмбанд, дар либоси гулгун, бо шукӯҳи тамом аз наздашон гузашта рафтани зани бухороиро дида, ё гиребонашонро мегирифтанд, ё ҳайрон мемонданд ва ё худро қасдан ба тағофул мезаданд... Онҳо агар ин ҳолатро як-ду сол пеш аз ин медиданд, агар ҳокимият дар дасти амир ва муллоҳо мешуд, бо аввалин фармони аввалин муллобача ҳама ба сари ин зан мерехтанд ва ӯро пора-пора мекарданд. Ин мӯъҷизаи инқилоб буд, мӯъҷизаи таърихии инқилоб буд, ки ҳамаи ин фурӯшандагон, дӯкондорон, ҳамаи ин кӯчагардон бар акси расму қоида, бар акси одати қадима кор мекарданд: зани бефаранҷиро медиданду фақат ҳайрон мешуданд ва дигар илоҷе надоштанд. Аммо ҷавонҳо хурсанд буданд. Ҳатто панҷ-шаш нафари онҳо аз паси Ҳамроҳхон мерафтанд ва аз дидани ӯ сер намешуданд. Зани бефаранҷӣ!

Дар кӯчаҳои Бухоро шӯру валвалаи бесадое барпо гашта буд. Пас аз гузашта рафтан ва баъд аз дур шу-

дани Ҳамроҳхон дӯкондорҳо гӯё ба чашми худ бовар накарда аз ҳамдигар мепурсиданд:
— Дидед-мӣ? Зани бухорой-а!
— Ман ҳам хайрон! Наход ки зани мусулмон бошад?
— Зани мусулмон? Аҷоиб гапҳо мезанед! Ҳар кӣ бошад, бошад, бефаранҷию бечашмбанд, ки ба кӯча баромад, имон надорад!
— Қаллапӯши зардӯзия шинам карда монданаша дидед?
— Хушрӯй ҳам будааст!
— Акнун ин хелҳо бисьёр мешаванд. Замон-замони ҳуррият-ку!
Сӯфии гузар, ки чашмаш ба аввалин зани бегонаи бефаранҷӣ афтод, тохта ба масҷид, ба назди имом даромаду гуфт:
— Тақсир, як занаки мусулмон, бефаранҷӣ, сарлуч гузашта рафт!
— Девона будагист?
— Не, ба девона монанд набуд. Чунон қадам мемонд, ки заминро миннатдор мекардагӣ барин.
— Хуб тамошо кардед-дия! Нағз не, эшони сӯфӣ, кас аз имон ҷудо мешавад!
Посбони тан токи Телпак давида ба растаи атторӣ рафт, дар он ҷо ба аввалин милиционере, ки рӯ ба рӯ омад, бо сарсемагӣ нақл карда дод:
— Даҳбошӣ, занаки бефаранҷӣ гузашта рафт!
— Хайр, чӣ? — гуфт милиционери ҷавон, — рафтан гирад, ба ту чӣ?!
— Не, охир зани мусулмон сарлуч, бефаранҷӣ?
— Ҳеҷ боке не, акнун зану мард баробар!
— Не, охир имони кас мепаррад!
— Ту имон дошта бошӣ, зуд рафта посбонии худатро кун, ки ҳодисае нашавад! Агар ҳодисае шуда монад, ҳам аз имон ҷудо мешавӣ, ҳам ҷавобгар дар назди суд!..
Аммо Ойими Шоҳ — Ҳамроҳхон аз ин шӯру валвала бехабар буд. Ақлу ҳуши вай ба Насимҷон банд буд: илоҳӣ аз идора набаромада бошад, илоҳӣ ба душман рӯ ба рӯ нашуда бошад! Илоҳӣ сиҳат-саломат бошад!
...Роҳ ин қадар дур, растаҳо ин қадар кашол, чека аз хонаи онҳо дур афтодааст... Тезтар, тезтар қадам мондан лозим, Насимҷон ва шарикони ӯро, аз хатар огоҳ кардан лозим... Агар он мард рӯ ба рӯ шуда монад,

ба сари дилаш таппончаро рост карда истода, ба милиция супоридан лозим, ё ки даст боло кунонда ба чека бурдан лозим... Аммо он мардак наменамояд. Дар кучо паноҳ шуда истода бошад? Дар кучо поида истода бошад? Насимҷон ба вай чӣ гуноҳ кардааст? Ҷаро ба қасди ҷони ӯ шудааст, ин мард? Аз афташ намуда менистод, ки ҷавон не, ринду олуфта не, занбозу авбош не... Одами сингирифта, ланг ва оддӣ... Ин тавр одам барои як зан, барои рашки беҳуда ба ин роҳи душманӣ қадам намегузорад. Ин вай одаме нест, ки аз телефон хабар медод! Не, не, ин каси дигар аст!

Аммо ҳар кӣ набошад, нияташ ифлос аст! Ӯро ёфта ҳабс кунондан, нест кунондан лозим. Набошад ба Ҳамроҳхон рӯз нест. Ин тавр одами бадқасд ҳар чӣ кор карда ба мақсадаш мерасад. Аз мурдани худаш ҳам наметарсад. То вай зиндааст, хавфу ҳарос аз Насимҷон дур намешавад. Инро ба сардорони чека фаҳмонидан лозим...

Лекин ҳамаи гап дар он аст, ки Ҳамроҳхон пешдастӣ кунад, Ҳамроҳхон дар сари вақт рафта расад ва душман коре карда натавонад!

Пас, ба ҳеҷ чиз ва ба ҳеҷ кас аҳамият надода, зуд роҳ гаштан лозим, зуд қадам мондан лозим... ишқи пок, эй тақдири нек, мадад!

Башӯрафтодаи дигар — Бақоҷони аламзада, таҳқиргашта ва сарпаст, хунталаб, дилаш пур аз кину буғзу ғазаб дар пасткӯчаи пассажи дуюм, ки ба рӯ ба рӯи он идораи чека воқеъ гашта буд, касеро поида рост меистод. Аз толеи вай ин пасткӯча торик буд ва дар он ҷо истодани ӯро ҳеҷ кас намедид. Сонияю ва дақиқаҳо барои ӯ хеле оҳиста мегузаштанд... Тақ-тук, тақ-тук... Ин задани соат не, ин тапиши дили вай аст...

Ҳаво торафт ториктар мешуд. Дар тамоми Сесӯ фақат ду фонус месӯхт: яке дар дами дари чека, дигаре дар дами дари банк. Инчунин аз тирезаи равшани комендантхона ҳам ба кӯча шӯълаи лампа меафтод.

Дили Бақоҷон сахт мезад, гурс-гурси дилашро худаш мешунид. Майнааш беист кор мекард, духтараш Ҳалима, занаш Зӯҳрабону, нозир Низомиддин ва боз ким-киҳо беист ба ӯ гӯё гап мезаданд, таъна мекарданд, сарзаниш мекарданд, ба қасосгирӣ тарғиб мекарданд... Ду чашмаш ба дари комендантхона буд. Аз он ҷо бояд душмани дину душмани номуси вай, одами бераҳм ва

золим, одами фосиқ ва расво барояд. Бақочон метавонад ӯро аз ҳамин ҷо парронаду гурехта равад. Лекин вай инро намехоҳад. Дилаш ҳамин ки душманаш дар дами охири ҳаёташ фаҳмад, ки аз дасти қасоси вай, аз дасти никоргирандаи Бақочон ҳалок мешавад; донад, ки дунъё ҳамеша ба коми вай намешавад! Ҳалимаи шӯрбахтро қурбони ҳирсу ҳаваси худ сохта, номусу нанги вай ва падари вайро зери по кардан муфт намеравад! Бигузор Бақочон ба даст афтад, бигузор ӯро парронанд, лекин вай бояд қасоси худро ситонад. Кас як бор аз модар зонда мешавад ва як бор мемирад. Ҳалима ҷавон аст, шояд боз хушбахт шавад... Кӣ медонад, дар зиндагӣ ба касе вомехӯрад, ки ӯро чун гавҳари ғалтон аз байни чангу хоки бадбахтӣ бармедорад ва ба кулоҳи худ нигин месозад!

Қошки модари Ҳалима намемурд, кошки Бақочон Зӯҳрабонуро намегирифт! Зӯҳра духтари ҷавонро дуруст тарбия карда натавонист, ӯро тарсончак карда мондааст. Духтари бечора ҷуръати дуруст сухан кардан надорад. Ҳамин ки Ҳалима лаб кушод, Зӯҳра сухaнро аз лабу даҳони ӯ канда мегирад, намемонад, ки бача андешаи худро баён кунад. Ҳар чӣ бошад ҳам модари ӯгай аст, дилаш намесӯзад...

Аммо Ҳалима барои Бақочон бақадр аст. Вай барои хушбахтӣ ва толеи неки Ҳалима зиндагӣ мекунад, ба ҳама ва ҳар гуна сахтиҳо ва бадбахтиҳо тоб овард — барои Ҳалима! Бо лашкар ва саркардаҳои амир ҷанг карда, ба роҳи инқилоб даромад — барои Ҳалима! Озодӣ ва хурриятро хостгор шуд — барои Ҳалима! Пас аз марги модараш худо ба дили вай ана ҳамин тавр меҳру муҳаббати Ҳалимаро ҷо кардааст! Акнун илоҷ надорад, ки вай аз марде, ки ба ҳаққи Ҳалима ноинсофӣ кардааст, қасос нагирад!

Нозир афандӣ аз ҳама гап хабар дорад. Ҷои кораш, вазифааш ҳаминро талаб мекунад. Назорати корҳои дохилӣ! Албатта гапчин ва ҷосусҳои бисьёре дорад, дар ҳама ҷо чашму даст дорад. Ба вай хабар додаанд, вай ҳатто шарикон ва ёрдиҳандагони ин мардакро медонад, лекин илоҷаш нест. Барои Ҳалима бо чека муқобилат кардан намехоҳад. Шояд далели шайъ надорад, аз сустӣ ва тарсончакии Ҳалима мулоҳиза мекунад...

Дар ҳақиқат ба ин кор агар рӯйрост, бо даъвои қонунӣ мурочиат кунед, исбот кардан мушкил шуда ме-

монад. Чека идораи зӯр, ҳама аз вай метарсанд. Судҳо ва қозиҳо даъворо пуч ва ботил карда мебароранд. Батар кас расво ва бадном мешавад... Нозир афандӣ инро медонад, бинобар он ҳукмро ба дасти худи ман дод. Гап нозада ҳамин таппончаро дароз кард. Маънои ин ҳамин ки рав, худат қасос гир! Натарс, ман дар қафоят ҳастам! Ҳомии ту манам! Дуруст, офарин! Агар аз ин варта сиҳат-саломат халос шавад, нангу номусро пок кунад, як умр хизмати нозирро мекунад, бе машварати вай коре намекунад...

Ҳамин тавр, Бақоҷон фикру андеша карда, вале бо диққат ба сӯи чека назар мекард, ки ногоҳ дар равшании фонуси Сесӯ занеро дид, зани сарлуч ва бефаранҷии мусулмонро дид, ки дар сар каллапӯши зардӯзӣ, дар тан камзӯли махмали нофармон пӯшидааст ва дар рӯи ҳавлии худаш роҳ мегаштагӣ барин қадам монда омада истодааст. Бақоҷон аввал ба чашмонаш бовар накард, гумон кард, ки ин ягон русзанак ва ё тотор аст, ки либосҳои тоҷикӣ пӯшидааст. Лекин диққат карда дид, ки ин Ҳамроҳхон аст, аз паси вай ба шавҳараш хабар доданӣ омадааст.

Бақоҷон ҳайрон шуда монд, чӣ кор карданашро надонист, чаро вай ба хонаи Насимҷон рафта, чаро будан ва ё набудани ӯро дуруст нафаҳмида, зада ба ҳавлии дарун даромад? Чаро ба ин занак хабар дод, ки шавҳарашро мекушад? Аҳмақ! Нодон! Нодон! Бетаҷрибаи гӯл! Ба занфҳои нотавон дод задан, дӯғу пӯписа кардан ва онҳоро аз нияти худ бохабар карда тарсондан чӣ ҳоҷат буд? Ана, акнун ин зани беобрӯй ва домаи ба сар ҳеста омад, ҳатто бефаранҷӣ омад, ба шавҳараш, ба чека хабар медиҳад, ҳамаи кори мешудагиро намешудагӣ мекунаду мемонад! Ҳай дареғ, ҳай дареғ!

Бақоҷон диққат карда дид, ки занак ба тирезаи комендантхона наздик шуд, ба касе имо кард. Аз дарун гӯё Насимҷон буд, ки дари комендантхонаро кушода, занакро ба дарун даровард... Тамом, омин оллоҳу акбар! Бақоҷони соддаи нодон, корро расво кардеду мондед, акнун ақиб гардед, ки аз сад саратон яктош ҳам саломат намемонад!

Бақоҷон худро ба торикӣ кашида, ба даруни долони бечороғи пассаж ғоиб шуд...

Ҳамроҳхон Насимҷонро зинда, солим ва тандуруст дида якбора чашмаш равшан гашту беихтиёр гуфт:

— Ибй, хайрияте, шуморо саломат медидем-дия! — Ва ба рӯи курсӣ нишаста монд.

Насимҷон, ки аз бефаранҷӣ омадан ва ҳолати ваҳмангези Ҳамроҳхон на ин ки ҳайрон, балки ҳаросон гашта буд, чӣ гуфтанаш ва чӣ кор карданашро намедонист.

— Ба шумо чӣ шуд? Ба шумо чӣ шуд? Худаш чӣ гап? — мегуфт ва ёрӣ талабидагӣ барин гоҳ ба рӯи занаш, гоҳ ба рӯи комендантн чека, ки дар он ҷо ҳайрон монда нишаста буд, нигоҳ мекард. Аммо Ҳамроҳхон ёрои сухан гуфтан надошт, фақат аз дасти Насимҷон сахт дошта буд ва аз рӯяш чашм намеканд.

Дар ин байн комендант худро ба даст гирифту аз ҷо бархост ва як пиёла чои хунук оварда ба Ҳамроҳхон дод, ки нӯшад ва осудатар шавад. Ҳамроҳхон чойро нӯшиду як нафаси осуда кашида, бо табассум ба рӯи шавҳараш нигарист ва гуфт:

— Хайрият ки шумо аз идора набаромада будед, набошад шуморо мекуштанд...

— Маро мекуштанд? — хандид Насимҷон.— Барои чӣ ва киҳо?

Ҳамроҳхон ҳодисаи шудагиро, таҳдид кардани одами ношиносро мухтасар гуфту илова намуд:

— Мардак ба азмаш хеле ҷазм буд...

— Аҷиб? — гуфт ин дафъа бо ҷиддият Насимҷон. — Чӣ хел мардак будааст вай? Нашинохтед?

— Не, дар хоби шабам ҳам надида будам. Мардак чандон ҷавон не, синнаш гузаштагӣ, ришаш мошубиринҷ, миёнақад, андак мелангад... Афташ бухоройи барин не, саҳроинамо... Дар танаш ҷомаи нимдошти сатинии сиёҳ буд, маёнаш бо рӯймол бастагӣ, дар сараш телпак буд, телпаки бухорӣ... Чашмонаш аз косахона баромадагӣ, дастонаш аз ғазаб меларзиданд.

— Ин хел одам... — гуфт комендант, — ба ёди ман ҳам нест... Кӣ бошад?

— Агар дузди одамкуши зархарид мебуд, ин тавр рӯйрост ва бо ҳаяҷон намеомад,— гуфт Насимҷон.—Ин ягон қасдлори ҷиддӣ барин... Хайр, ба куҷо рафт? Боз чӣ гуфт.

— Намедонам ба куҷо рафт. Маро ҷабрдида, гуфт ва эълон кард, ки ҳамин рӯз аз дасти шавҳари фосиқам халос мешавам, яъне ки вай шуморо мекушад.

— Ин воқеаро ба роҳбарият хабар додан лозим! —

гуфт комендант. — Раис дар ҳамин ҷо, ҳанӯз нарафтаанд. Зуд боло бароед, хоҳарам дар ҳамин ҷо ба шумо мунтазир мешаванд.

— Майлаш, — гуфт Насимҷон ва аз дари дигар ба тарафи ҳавлии чека баромад.

Ҳамроҳхон бо комендант танҳо монд.

— Акнун рӯзи ман сиёҳ! — гуфт вай ба комендант. — Агар ин мардак ба даст наафтад ва кӣ буданаш маълум нашавад, хавфу хатар аз мо дур намешавад.

— Меёбем,— гуфт беғамона комендант, ки ҷавони бӯзбала ва беғам буд: — Аз дасти мо гурехта ба ҳеҷ ҷо намеравад.

— Шабу ними шаб аз бом фаромада корашро карда рафтанаш мумкин...

— Ман боварӣ дорам, ки аз худи ҳамин рӯз дар гирди ҳавлии шумо одам мемонанд. Раиси мо батадбир!

— Ҳозир мо чӣ тавр ба хона меравем?

— Албатта танҳо намеравед, одам ҳамроҳ мекунанд, хотирҷамъ бошед!

Дар ин дам телефон занг заду комендант бо касе гуфтугу шунид кард, ки ягон калима сухани ӯро Ҳамроҳхон нашунид, хаёли ӯ ба воқеаи имрӯза банд буд...

Хайр, имрӯз ба онҳо одам дода узот мекунанд, пагоҳ чӣ? Фардо чӣ? Магар ҳар рӯз Насимҷонро бо одамҳо иҳота карда бурда меоранд? Вай мардаки бадкирдорро кай ба даст мегиранд? Не, ба даст гирифтани вай осон не! Беҳтар ки то ба даст афтодани он мардак Насимҷонро ба ягон шаҳри дигар фиристонанд. Аммо, агар он мардак қасд кунад, ба ҳамон шаҳр ҳам рафтанаш мумкин... Аз дасти қасддор халос шудан мушкил! Илоҳӣ касе ба ҷонатон қасд накунад! Агар қасд кунад, албатта ягон зиён мерасонад.

Аслаш худи ман хосият надорам, мегуфт вай худ ба худ, аз бехосиятии худам ягон рӯзи осоишта надорам. Албатта, ҳодисае, воқеае шуда меистад...

Насимҷон омад, хушҳолу хандон буд. Ҳамроҳи вай як мардаки кадбаланди лоғарандом, ки ба сараш шапка ба танаш кулӯча — шолвори сиёҳранг дошт ва чашмони кабуду мӯи зардчааш гувоҳи он буданд, ки маҳаллӣ нест.

— Ана, шинос шавед,— гуфт Насимҷон ба он мар-

дак Ҳамроҳхонро нишон дода. — Зани ман — Ҳамроҳхон! Аввалин зане, ки дар Бухоро фаранҷӣ партофта ба кӯча баромадааст...

— Вой мурам! — гуфт хиҷолат кашида Ҳамроҳхон, — ҳоло ман бефаранҷӣ омадам магар?

— Бисьёр нағз, бисьёр нағз, табрик мекунем! — гуфт он мард ба забони туркӣ ва ба Ҳамроҳхон даст дароз кард. — Номи ман Ҳабибуллин, шарики кори шавҳари шумо. Хӯш, аз пӯписаи як аҳмақ тарсидед-мӣ?

— Ҳа, — гуфт аввал Ҳамроҳхон, ки дар назди он мард худро ноҳинҷор ҳис карда буд ва баъд илова намуд: — Вай пӯписа набуд!

— Медонам, — гуфт боз бепарвоёна Ҳабибуллин. — Ин нағмаҳои аксулинкилобчиҳост; тарсонда, обрӯ лой карда, моҳиро доштан мехоҳанд. Онҳо ба шумо барин занҳои муштипар зӯрии худашонро нишон доданӣ мешаванд. Парво накунед, тухми ҳамаашонро аз рӯи олам нест мекунем!

— Ҳа, осуда бошед! — гуфт Насимҷон ҳам. — Раис фаҳмиданд, хеле супоришҳо доданд. Ана ҳозир рафиқ Ҳабибуллин моро бурда ба ҳавлӣ монданӣ шуданд... Ҳар чанд ки ман не гуфтам, аммо ин кас...

— Фармони раис! — гуфта монд Ҳабибуллин.

Бо ҳамроҳии худ он марди нотарс ва бебокро дида, Ҳамроҳхон хеле осуда гашт ва ба лабонаш табассум давид:

— Майлаш, — гуфт вай ба Насимҷон, — баҳона катӣ ин рафиқ ҳавлии моро дида мемонанд, як пиёла чоямонро хӯрда мераванд.

— Ҳо, албатта! — гуфт Насимҷон, — имшаб меҳмондории дуруст мекунед!

— Ҳеҷ чиз лозим не, — гуфт бо табассум Ҳабибуллин. — Саломатии шумо лозим.

— Хайр, рафтем набошад! — гуфт Насимҷон.

Онҳо бо комендант хайру хӯш карда баромаданд. Дар кӯча, дар гирду атрофи чека касе набуд. Ҳабибуллин дар равшании фонуси назди чека рост истода, аз киса куттии папиросашро баровард, аввал ба Ҳамроҳхон, баъд ба Насимҷон таоруфӣ кард. Вақте ки онҳо ташаккур изҳор карда, нагирифтанд, худаш як дона папирос гирифта, ба даҳон гузошту оташ дод ва гӯгирди сӯхтаистодаро то сӯхта тамом шуданаш дошта

истода баъд партофт ва «рафтем» гуфта сӯи растаи чинифурӯшӣ равона шуд. Онҳо ҳар се қатор мерафтанд. Ҳабибуллин дар тарафи рости Насимҷон ва Ҳамроҳхон дар тарафи чапи ӯ. Баланд-баланд гапзанон, хандакунон мерафтанд.

Растаи чинифурӯшӣ аз равандаю оянда холӣ буд. Ин раста, аз Сесӯ сар шуда то ба таи тоқи Телпак дароз шуда буд, тахмин саду панҷоҳ метр дарозӣ дошт ва фақат дар миёнаҷои он як фонус хира месӯхту бас. Ҳамин ки ба даруни ин раста даромаданд, тарсу воҳима боз ба Ҳамроҳхон ҳуҷум овард. Вай ҳатто ларзида ба бозуи шавҳараш сахт часпида буд. Вақто ки онҳо ба равшании шӯълаи фонус расиданд, аз паси онҳо овози даҳшатноки касе баланд шуд, ки мегуфт:

— Хиёнатгарӣ золим, исто! Ҳаққатро гир!

Онҳо ҳар се якбора ба қафо нигаристанд, ки ҳамон мардаки Ҳамроҳҳон дидагӣ дар даст таппонча ба сӯи онҳо нишон гирифтааст. Ҳанӯз ягонтаи онҳо коре накарда, чизе нагуфта овози гулдуроси таппонча баланд шуд ва дар айни замон чиррос зада афтодани Ҳамроҳхон ҳамон буд...

Ҳабибуллин ҳам аз киса дасти таппончадорашро бароварду ба сӯи он мард ду тир парронд. Он мард ҳам афтид...

Насимҷони ҳушбохта, девонавор фарьёде заду ба сари Ҳамроҳхон хам шуд, ки ӯ дилашро бо ҳарду дасташ дошта, рӯйнокӣ афтида буд. Насимҷон ӯро аз замин бардошту сару танашро ба рӯи зонуҳояш гузошт. Занак ҳанӯз ҷон дошт ва шавҳарашро наздик ҳис карда, андак чашм кушод ва дар лабони қуташ кандаи ӯ, табассуми омехта ба шарм намудор гашт:

— Аз... азиз... азизам! Шумо... шумо зинда... Сад... шукр!

— Ман... ман фидои шумо! Ҳамроҳхон! — гӯён растаро ба сараш бардошта Насимҷон фарьёд кард. — Азизи ман! Ҷони ман! Истед! Чашм кушоед! Наход ки... Наход ки... Наход ки тири золим?! Наход ки ба шумо?!

Ҳамроҳхон чизе гуфтанӣ буд, натавонист, чашм пӯшиду хомӯш монд ва аз як кунҷи лабаш хатти борики сурхе намудор гашт.

— Ҳамроҳхон! Ҳамроҳхон! — гуфт Насимҷон аз лабу рухсори ӯ бӯсакунон. — Нарав! Нарав! Чашм кушо! Мардум! Дод! Хонем сӯхт!

Ҳамроҳхон дигар овозеро намешунид ва танаш ларзише надошт. Вай то як дараҷа ба мурoду мақсадаш ҳам расида буд: ёри азизашро, Насимҷонашро диду аз қасди бади душман огоҳ кард ва ҷонашро ба тани ӯ сипар намуд... Бале, табассуми шармолуде, ки дар лабони беҷонаш нақш баста монда буд, ҳаминро талқин мекард. Ҷони ҷафодида, азобу машаққати рӯзгорро чашида, ба ёр расида ва рӯз надидаи ӯ қурбон ва фидои роҳи ишқ гашта буд. Дигар тани ӯ дар оғӯши Насимҷон беҳиссу ҳаракат меосоид...

Вақто ки мардум аз чека ва дигар ҷоҳо давида ба сари онҳо расиданд, ҳарду ҳам беҳис, дар оғӯши ҳамдигар афтода буданд.

## VII

Низомиддин ба сад андешаю хаёл ба хона омада даромаду айнаки сиёҳро аз чашм, телпаки баррагии кафкозидӯхтро аз сар гирифт ва як нафаси осуда кашида ба диван нишаст. Дар даҳлез лампае месӯхт, даруни хона аз шӯълаи он андаке равшан буд. Низомиддин фақат ҳозир ба ласисан аҳмақонаи худ пай бурд ва танашро канда-канда мегирифт, ки фоидае надошт. Вай дар маҷлиси ташкилот ваъда дод ва ба ӯҳда гирифт, ки Насимҷон ва раиси чекаро аз миён мебардорад, аммо фикр накард, ки дар ин роҳ тарҳи кашидаашро ҳам як дараҷа бо дӯстон ба миён гузорад... Балки вақт нашуда монд, воқеа ва ҳодисаҳо чунон чанбар-часп омаданд, ки Низомиддин нохост фурсатро аз даст диҳад. Аммо ноомади корро фикр накард ва чорае наандешид. Вай гумон кард, ки Бақоҷон ҳеҷ набошад Насимҷонро мекушад, баъд вақти ба қафо гурехтанаш агар аз чека хабардор шуда монанд одамони вай ба сараш зада, ҷо ба ҷо ӯро ҳам мекушанд, агар хабардор нашаванд, дошта бурда ҳабс мекунанд ва бо ҳамин сир пинҳон мемонад. Аммо аз чека расида омаданд. Бақоҷон сахтҷон будааст, тири таппончаи Ҳабибуллин фақат ярадор кардааст. Ӯро бардошта бурданд. Албатта ба ҳуш меоранд, албатта истинтоқ сар мешавад ва хоҳ-нохоҳ Бақоҷон иқрор мешавад...

Низомиддин аз ҷо бархост, ҷомаи алочаи кампахтаро ба китф партофту оҳиста ба рӯи ҳавлӣ баромад.

Атроф хомӯшӣ буд. Дар рӯи ҳавлӣ касе наменамуд. Як кампир ва писарчаи вай, ки аз хешовандони худаш буда ва дар хонаи поёни суфа зиндагӣ мекарданд ва чун посбонҳои ҳавлӣ буданд, ҳоло шамъашонро кушта мехобиданд. Дар ҳавлии берун хизматгори қадимаи вай Қамбар бояд ҳоло хоб накарда бошад. Рафта хабар гирифтан лозим.

Низомиддин фонуси электрикии дастиро равшан карда аз роҳрави ҳавлии дарун ба ҳавлии на чандон васеъ, вале хуштарҳи берун баромад, ки дар ҳақиқат Қамбар дар меҳмонхонаи берун шамъ гиронда, кор карда менишаст. Кори вай «ҷурт-чуртигӣ» буд. Зарфҳои шикастаи чиниро қадоқ мекард. Вақте ки Низомиддин дарвозаи берунро аз дарун занҷир карда, ба меҳмонхона даромад, Қамбар чойники қирмизиеро ба байни зонуҳояш гирифта, бо камонак пармаро гардонда, ба чойник ҷои меҳро сӯрох мекард.

— Ҳа, монда нашавед, мулло Қамбар! — гуфт Низомиддин. — Дар ин бевақтӣ дарвозаро набаста шиштед?

— Э, ҳамту-мӣ? — гуфт Қамбар чойникро монда аз ҷо нимхез шуда. — Ман ба кор овора шуда, гузаштани вақтро надониста мондем, ба гумонам ки шумо худи ҳозир ба ҳавлии дарун гузашта рафта бошед... Хайр, ҳозир!

— Ман занҷир кардам!

— Саломат бошед, нозир афандӣ! Худи шумо чаро истироҳат намекунед?

— Намедонам, хобпар шудем...

— Коратон мушкил.

— Бале, кор мушкил! — гуфт Низомиддин ба Қамбар бо ҳасад нигоҳ карда. — Ана, кори шумо нағз, тинҷ бемалол... Ғами ҳеҷ касро намехӯред, ба касе кор надоред, чойнику пиёлаҳои шикастагӣ аз гиребони шумо дошта, ин тавр кун ё он тавр кун, намегӯянд... Дар каламрави шумо ҳамеша осудагӣ ҳукмфармо...

— Ин рост, — гуфт Қамбар пиёлаеро ба даст гирифта. — Ман ғуломи даргоҳи шумо бошам ҳам, бо марҳамат ва меҳрубониатон ба касби бечорагии худам ҳам машғулият дорам. Ман аз пора бутун месозам, чизи аз байн рафта ва нодаркорро корой ва муҳим карда мемонам. Ана ҳамин пиёла ба санг расида се пора шуда буд, ман он пораҳоро ба ҳамдигараш часпонда, пиёлаи бутун сохтам. Акнун дар ин пиёла чой нӯшидан мумкин,

об нӯшидан мумкин, шароб нӯшидан мумкин; акнун ин чинипора не, балки пиёлаи корӣ аст. Ҳамин тавр, ҳар пораро бутун кардан мумкин, фақат дили одамро не! Дили одамон дар дасти марҳамати шумост, нозир афандӣ! Бо дил эҳтиёт бошед! Агар дили одам пора шавад, шиканад, дигар илоҷе нест. Дили пора-пораро ямоқ карда намешавад, он дил дигар бутун намешавад...

— Бале, рост мегӯед! — гуфт ба таъсири суханони ҳаққонии Қамбар беихтиёр дода шуда Низомиддин ва пас аз хомӯшие илова намуд: — Ана, дидед, аз ин ҷиҳат ҳам кори шумо, касби шумо аз кору касби ман беҳтар аст. Шумо дилозорӣ намекунед, дилҳоро пора намекунед, намешиканед; шумо баракс пораҳоро бутун мекунед! Аммо ман бо тақозои вазифа маҷбурам гоҳе дилозорӣ кунам, дилҳоро пора кунам, шиканам... Чӣ илоҷ? Замони мо ҳамин тавр як замона шуда монд. Мо пора мекунем, шояд баъд бутун шавад гуфта: мо мешиканем, шояд баъд моро нашикананд гуфта... Ҳамин тавр, бародар, замони мо — замони бишкан-бишкан шуда монд. Агар ту нашиканӣ, туро мешикананд...

— Худо нигаҳ дорад! — гуфт Қамбар. — Шуморо мешикастагиҳо кайҳо шикаста шуданд, пора-пора гаштанд. Акнун замон — замони ҳуррият, замони шумо, замони ёшбухориҳо шуд. Ин давлату ин ҳашамате, ки шумо доред, ба кӣ ҳаст? Мардум ба даргоҳатон дасти ниёз бардошта қатор мешаванд, шуморо ба худашон пушту паноҳ ва ҳомӣ медонанд; ҳаман корҳои дохилии мамлакати Бухоро дар дасти корозмуди шумост. Акнун шумо мешиканед, шумо пора мекунед, ҳукм — ҳукми шумост!

— Ба ҳар ҳол мушкил! — гуфта монд Низомиддин ва ба сӯи дар равон шуд. — Хайр, хоб кунед, агар касе омада дарвозаро тақ-тақ занад, накушоед, аввал зангӯларо кашида ба ман хабар расонед... Эҳтиёт шарт!

— Хуб шудааст, хотирҷамъ бошед! — гуфт Қамбар ва хоҷаи худро то ба ҳавлии дарун гусел карда баргашт.

Аммо суханони охирини ӯ Низомиддинро ба андеша водор карданд: «Ҳаман корҳои дохилии мамлакати Бухоро дар дасти корозмуди шумост!» Аммо ин «дасти корозмуд» маҷбур аст, ки корҳои дохилии мамлакатро партофта гурезад! Агар нагурезад, акнун ӯро пора мекунанд, мешикананд. Афсӯс, сад афсӯс! Давлат, ҳаша-

мат, ҳокимият, фармонфармой... ҳама-ҳамаро партофтан, худро ба канор кашидан лозим. Ин осон аст магар? Низомиддин ба ин мансаб ба осонӣ нарасидааст, ки партояду равад. Наход ки дигар илоҷе набошад? Наход, ки ҳаман умедҳо барбод рафта бошанд?

Низомиддин ба хона даромада, дастаки телефонро бардошт, ба чека ба «одами» худаш занг заду бо рамз ба ӯ гуфтугӯ карда донист, ки Бақоҷонро ҳоло ба ҳоли худ гузоштаанд ва раиси чека аз Каркӣ барнагаштааст. Вай як нафаси осудае кашиду боз худро ба рӯи диван партофт.

Агар рафту Бақоҷон сир надиҳад, рафту мардонагӣ кунад, номи Низомиддинро ба забон набарад, чекагиҳо метавонанд Зӯҳрои аҳмақро гирифта баранд, худи Ҳалимаро гирифта бурда чорбарӯ кунанд. Дар он ҳол албатта, ҳаман сирру асрори вай ошкоро мешавад. Ҳалима, ки падарашро дӯст медорад, барои наҷоти ӯ иқрор мешавад ва ба даст афтодани Низомиддин аз офтоб ҳам равшан аст. Пас, коре карда, ин ду шоҳидро аз миён бурдан лозим. Агар ин дуро аз миён бурдан муяссар гардад, дигар Бақоҷон он қадар хавфнок намешавад. Дар ҳабсхона ягон илоҷашро меёбанд.

Низомиддин боз аз ҷо бархоста ба рӯи хона қадам задан гирифт. Лампае, ки дар даҳлез месӯхт, равғанаш қариб ба охир расида, хира шуда буд. Низомиддин лампаи рӯистолиро даргиронд, ки ба воситаи қалпоқи кабудаш фақат рӯи столро равшан карда, умуман ба хона нури сабзе мепошид. Низомиддин ба даҳлез баромада, лампаи хомӯш шуданистодаро «пуф» гуфта, куштанӣ шуд. Лекин бо вуҷуди он ҳама бемадорӣ лампа хомӯш нашуд, аз нафаси ӯ забонаки оташи пилта як хам шуду як дуде бароварду боз хира-хира сӯхтан гирифт. Низомиддин боз сахттар «пуф» кард, лекин забонаки оташи пилта боз хомӯш нашуд, вале дуд кард ва ниҳоят дар бори сеюм «пуф» гуфтани ӯ чароғ хомӯш гашт ва шишаро дудолуд, даҳлезро бо бӯи карасин пур кард.

Ин ҳол Низомиддинро боз ба андеша водор кард:

Ҳар қадар бемадор бошад ҳам шамъ даргирифтан мехоҳад, пас шамъи ҳаёти инсон чӣ? Магар ҷон додан осон аст? Хусусан Низомиддин, ки ин қадар зиндагиро дӯст медорад ва зинда мондан мехоҳад! Ҳанӯз равғани лампаи ҳаёти вай ба охир нарасидааст, ҳоло вай дергоҳ хонаашро равшан карданист. Аҷобат дар ин ҷост,

ки барои ин ҳаёт, барои зинда мондан ӯро лозим аст, ки чандин шамъи ҳаётро хомӯш кунад. Бале, дигар илоҷ нест! Зинда мондан, рӯз дидан, аз умр баҳра бурдан лозим...

Аммо чӣ тавр карда аз ин ду шоҳид, аз Ҳалимаю модараш наҷот ёфт? Мумкин аст бо дасти Зӯҳра ба Ҳалима заҳр дода, баъд ӯро қонунан ба ҳабс гирифт? Дар ҳабсхона... Не, дар вақти истинтоқ ба худи ӯ ҳам дору дода...

Дар ин дам овози милтиқпарронии бисьёре, ки аз тарафи беруни дарвозаи Мазор, ё ки дарвозаи Самарқанд шунида мешуд, ӯро ба худ овард. Дере нагузашту телефон занг зад. Низомиддин ҳаросон гӯшаки телефонро бардошт.

— Хӯш, кӣ гап мезанад? — пурсид вай. Аз он тараф гуфтанд, ки як даста босмачиён то ба бозори асп — беруни дарвозаи Ҳазрати Имом омада, магазини давлатиро ғорат кардаанд.

— Шумо чӣ кор кардед? Баъди кор аз кор гузаштан рафтед? Ҳе, бале! Ягонтаи босмачиёнро ҳам нагирифтед? Рост? Чанд кас? Эҳтиёт карда нигоҳ доред! Не, ба ҳабсхона фиристодан хуб не, дар идораи милиция нигоҳ доред, ман саҳар худам рафта гап мепурсам. Эҳтиёт бошед!

Низомиддин гӯшаки телефонро ба ҷояш гузошту як хамьёзаи дуру дарозе кашид...

Сахари барвақт дарвозаро тақ-тақ заданд. Қамбар кайҳо бедор шуда, рӯи ҳавлиро мерӯфт.

— Кист? — гуфта пурсид вай.

— Ака Қамбар, ман кушоед! — гуфт касе аз берун. Қамбар номи худро шунида беибо дарвозаро кушод ва як одами тамоман ношиносро дида ҳайрон шуд. Вай марди қоматбаланд, гандумгун, дар танаш кулӯча, ҷолвори хокистарранг, каме ба милиционер монанд, аммо беяроқ, дар дасташ як портфели чармин, зуд ба даруни ҳавлӣ даромаду аввал дарвозаро баста аз дарун занҷир кард, баъд бо Қамбар салому алейк карду гуфт:

— Маро нашинохтед, зарар надорад, ман ҳам шумо барин, одами ҷаноби Нозир афандӣ мебошам. Ба он кас аз маркази иҷроия мактуби таъҷилӣ овардам. Рафта гӯед, ки Рӯзибой омадааст.

Қамбар ҳайрон шуда истоду баъд зангӯлаи ҳавлии дарунро кашид. Пас аз фурсате аз ҳавлии дарун худи

Нозир афандӣ бо чашмони хоболуд омада баромад ва Рӯзибойро дида шинохт.

— Ҳа, шумо-мӣ? — гуфт каме осуда гашта, — биёед!

Онҳо ба ҳавлии дарун гузашта, ба хонаи хоси Нозир даромаданд.

— Хуб, аҳволатон чӣ тавр? — гуфта Рӯзибой пурсид, вақто ки ба рӯи курсии мулоим менишаст.

— Нағз... — гуфта монд Низомиддин ва дар ойина мӯяшро шона зад.

— Хотирҷамъӣ гӯед? — боз пурсид мардак.

— Гап занед, хотирҷамъӣ! — гуфт Низомиддин дари даҳлезро сахттар пӯшида. Рӯзибой бо овози паст гуфт:

— Ба шумо аз раис салом. Қори нағз нашудааст, гуфтанд. Акнун дар ин ҷо мондан барои шумо аз ҳар тараф хавфи калон доштааст...

— Агар чора бинем? — бо беқарорӣ пурсид Низомиддин.

Рӯзибой ба рӯи ӯ бо назари суол нигоҳ карда чизе нагуфт.

— Агар чорае бинем, — гуфт ин дафъа маслиҳатомез Низомиддин. — Пеши хатарро гирем намешавад? Наход ки дигар илоҷе набошад?

— Ба гумонам, — гуфт мардак бо ҳамон овози паст, — марказ дигар чорае надорад. Аммо шуморо аз даст доданӣ ҳам нест. Бинобар он, худи ҳамин рӯз шумо аз Бухоро бо баҳонаи командировкаи Қаршӣ баромада меравед...

— Ба куҷо?

— Ба назди Асад махсум!

Низомиддин бо назари ҳайрат ва суол ба рӯи мардак нигоҳ кард.

— Бале, ба назди Асад махсум, ба кӯҳҳои Бойсун! — гуфт ба суханаш шарҳ дода Рӯзибой. — Корҳои махсум хуб не, ба вай ёрӣ дода меистед. Дар ҳамин қарибӣ Анвар пошшо бояд омада монад. Дар он ҳол ба тахти байраки вай ҷамъ мешавед ва бо фатҳу зафар ба Бухоро бармегардед.

— Ин ҷо чӣ мешавад? Корҳои ин ҷо? Ҳавлии Ғуломҷон махсум?

— Ин корҳо ба каси дигар супорида мешавад. Шумо хотирҷамъ! Ана ин ба шумо мандат барои командировка. Имрӯз барвақт ба идора меравед ва корҳоро ба маовинатон супурда, гӯё барои тафтиши корҳои Қар-

шӣ бо супориши фавқулоддаи комиҷроияи Марказӣ зуд ба Коғон баромада меравед. Кӯшиш кунед, ки ин рафтани шумо гӯё махфӣ бошад, ҳатто дар идора ба ғайр аз маовинатон каси дигар нафаҳмад.

— Аҷаб! — гуфт Низомиддин. — Наход ки илоҷи дигар набошад?

— Шумо ба дасти чека «забон» додед, аз Бақоҷон ҳамаи корҳо кушода шуда рафтанаш мумкин.

Дар ин дам телефон занг зад. Низомиддин бо дастони аз ҳаяҷон ларзанда, гӯшаки телефонро гирифта, гӯё бо садои хоболуд «ҳа» гуфт ва аз он тарафи сим овози шиносро шунида, якбора тағьир ёфт ва каме гӯш карда истода гуфт:

— Афсӯс, афсӯс ки Бақоҷон асрори бисьёреро ба худ ба он дуньё бурдааст. Хайр, чӣ илоҷ...

Вай гӯшаки телефонро ба ҷояш гузошту як дараҷа бо тантана ба Рӯзибой нигоҳ кард:

— Тамом, масъала ҳал!

— Чӣ шудааст?

— Имшаб одами мо тавонистааст кори Бақоҷонро тамом кунад. Беистинтоқ, бе ҳеҷ гапу ҳарф Бақоҷон заҳр хӯрдааст. Ин воқеа ҳамаи корҳоро дигар мекунад. Аз шумо хоҳиш мекунам, ки зуд ба назди раис равед, он касро аз масъала огоҳ кунед ва баъд бо рамз дар телефон ба ман фаҳмонед, ки раис қарори худашонро дар ҳаққи ман дигар карданд, ё не?

Рӯзибой ба аломати ризо сар ҷунбониду аз ҷо бархост.

Низомиддин дасту рӯ шуста истода аз хотир мегузаронид: Бақоҷон агар нест шуда бошад, дигар чӣ мемонад? Зӯҳра ва духтараш! Кори инҳо саҳл! Лекин худи ҳамин рӯз ин ду шоҳиди зӯрро аз байн бурдан лозим, набошад чекагиҳо хабар ёфта инҳоро гирифта бурданашон мумкин... Бале, ин дардисарҳо, ки аз байн дур шуданд, баъд ба фикри кори дигар, андешаи дигар афтодан мумкин, ҳоло ҳама гап садқаи ин гап шавад!

Ғуломҷон, домоди амир, дигар ва дигарҳо корашонро кардан гиранд. Шояд худи Рӯзибой ба онҳо роҳбарӣ мекунад... Ин бад намешавад. Низомиддин бошад, якчанд муддат дуруст хизмат карда, фаъолият нишон дода, боварии чека ва Комитети Марказиро ба худ ҷалб кунад. Аминов ва Ҳайдарқулро сахт дошта гирифтан, ба онҳо тарҳи дӯстӣ сохтан лозим. Аминовро бо муш-

килй бошад ҳам, ба дом андохтан мумкин мешудагист, лекин Ҳайдарқул бало! Мӯйсафед дуруст ҳис мекунад, мефаҳмад, ки Низомиддин дӯсти холис шуда наметавонад. Бинобар он, ба вай андак дағалтар, худаш барин муомила кардан хуб мешавад. Баъзе як некиҳоро карда, худро ба тағофул задан лозим. Шояд бо ҳамин роҳ эътимод ҳосил шавад...

Низомиддин дасту рӯ шуста шуд, нашуд ки Зӯҳрабону аз дар нолишкунон, гиръкунон даромада омад:

— Хӯш, хӯш, чй гап, чй ҳодиса? — гуфт худро ба нодонй зада Низомиддин.— Ҳалима сиҳат-мй?

— Қошкй Ҳалима ҷувонмарг мешуд! — гуфт занак худро ба рӯи диван партофта. — Қошкй Ҳалима ба дунъё наомаданак мешуд! Барои вай шуда мардаки ман ба ҳабс афтодааст, барои вай шуда ҷонашро ба хатар андохтааст.

— Яъне чй? Дуруст гӯед, бегирья!

— Яъне ки ҳамин шаби гузашта аз Насимҷон никоҳ мегирам гуфта, зани ӯро, Ойими Шоҳро парронда куштааст, одамҳои чека ӯро дастгир карда бурдаанд. Наход ки шумо беҳабар бошед?

— Ман қариби саҳар омадам, босмачиҳо ба беруни дарвозаи Ҳазрати Имом омада буданд.

— Акнун чй мешавад? Бақоҷон чй мешавад?— гуфт занак ба сухани Нозир аҳамият надода.

— Агар Ойими Шоҳро, зани Насимҷонро кушта бошад, — гуфту Низомиддин нафас фурӯ бурд ва дақиқае андеша карда истод.— Нағз нашудааст, нағз нашудааст...

— Нағз нашудааст?! Набошад барои чй ӯро ба ин кор водор кардед.

— Ман водор кардам? Девона шудй!

— Ҳа, шумо водор кардед, шумо ба дасти вай таппонча додед, шумо ба ҳамаи ин моҷаро сабаб шудед! Акнун худи мана бурда ҳабс мекунанд, хонумони мана ба пуштам мекунанд! Дод аз дасти шумо!

— Ту аз ростй гуфта истодй-мй? Ё ки ақлата хӯрдй?! — Низомиддин якбора боз ба воҳима афтод.

— Дод аз дасти шумо! — гуфт занак ва боз гирист.

Нохост Низомиддин хост ки ҳамин ҳоло якбора ҳамла карда, ин занаки шаттоҳ ва беақлро буғй карда кушад ва ҷонашро халос кунад. Зеро ки занак рӯйрост

ҳукми марги ӯро такрор карда истодааст. Агар ин суханони ӯро касе фаҳмад...

Дар дасти Низомиддин дастурӯпоккунак буд, онро напартофта якбора аз паҳлӯи занак нишасту хост, ки ба гарданаш ҳалқа кунад, лекин занак остинашро аз чашмаш гирифту бо дидаҳои ашколуд ва ҳайрон ба сӯи ӯ назар кард ва марди муқтадирро дар паҳлуи худ ин қадар наздик ҳис карда, якбора мулоим шуд ва ба сари дили ӯ худро партофта, бо ҳарду дасташ аз гардан ва зери бағалаш оғӯш намуда, синаҳояшро ба ӯ часпонид. Ин ҳаракати ӯ Низомиддинро аз амали девонавор ва пурдаҳшат боздошт ва ба майнаи ӯ монанди барқ равшанӣ пайдо шуда, ба лабонаш табассум дамид. Хайрият, хайрият! — гуфт ба дилаш: — Ин чӣ кор буд, ки ман карданӣ шудам?! Аҳмақӣ, нодонӣ!

Вай ҳам занакро сахт дар оғӯш карду аз рӯҳои ашколуди ӯ ва аз лабу даҳонаш бӯсид, ба дастони ларзонаш бадани занакро молид, палмосид ва то метавонист ҳиссу ҳаросати ӯро бедор кард ва баъд, гӯё бо камоли майл гуфт:

— Балота гирам, Зӯҳра, дардата гирам, Зӯҳра! Биё, биё, ман туро тасаллӣ диҳам, аз дилат барорам!..

— Не, — гуфт занак худро кашида, — ба дилам намеғунчад, ман ба воҳима афтодем. Чӣ мешавад? Ман чӣ кор мекунам?

— Ту аҷаб одами тарсончак будай! — гуфт бо овози тасаллобахш Низомиддин. — Шавҳарат беақлӣ карда бошад, ба ту чӣ?! Ба ту чӣ кор доранд?! Лекин, агар лозим шуда монад, барои кушодани чигил туро бурда баъзе гапҳо пурсиданашон мумкин. Агар вақти допрос — яъне вақти гап пурсиданашон дониста, ҳушьёрона, худатро ба нодонӣ занӣ, худатро аз ҳама гап бехабар, як зани соддалавҳи хонагӣ карда нишон диҳӣ, мегӯянд, ки раҳмат, ба хонаатон равед. Агар шаттоҳӣ кунӣ, агар ман-мандонӣ кунӣ, гапҳои беҳуда гуфта монӣ... масалан, духтарам дуҷон шуд, шавҳарам қасд гирифтанӣ шуд, фалонӣ таппонча дод ва ғайра ва ҳоказо, дар он сурат худи туро ҳам ба масъулият кашиданашон мумкин.

— Хайр, агар пурсанд, ки шавҳаратон Ойими Шоҳро барои чӣ кушт, ман чӣ мегӯям?

— Ту чӣ мегуфтӣ? Ман намедонам мегӯӣ, эҳтимол сарлуч ва бефаранҷӣ баромадани занакро дида рашк

кардагист мегӯй; шавҳарам бисьёр бадрашк ва динпараст буд... ва динпараст буд... ва динпараст аст, мегӯй.

— Хайр, агар аз ин бало ҳам халос шавам, бешавҳар ман чӣ кор мекунам? Бақоҷонро чанд вақт нигоҳ медоранд?

— Худо медонад, чанд вақт нигоҳ медоранд. Агар дер мерафта бешад, ту ариза дода, хати талоқ мегирӣ, баъд ман худам туро никоҳ карда мегирам.

— Ман духтарчаи лӯлак, даҳонамро бо ҳамин ваъдаҳои ғалатӣ ширин кунед!

— Ба ҳурмати қуръони маҷид! — гуфт қасам хӯрда Низомиддин. — Ман рости гап, зани бисьёреро дидам. Лекин ту баринаш дар олам нест. Пас, барои чӣ туро бикка ва фармонфармои ин хонадон накунам?! Ту аз кӣ мондагӣ дорӣ?! Дигар, синну соли ман ҳам ба як ҷо расид, акнун безан гаштан кифоя. Насиб бошад, тӯю тамошо карда, туро ба худам никоҳ карда мегирам, бо ту мешавам.

Зӯҳра зани ишратӣ ва сершаҳват буд; вақте ки ин суханони шаҳдомезро шунид, ҳамаи ғаму ғуссаи худро фаромӯш кард ва бо табассуми ширин гуфт:

— Одамҳо чӣ мегӯянд, Нозир афандӣ зан гирифта аз дунъё даст кашиданд, ҳамаро фаромӯш карданд, намегӯянд?

— Гӯянд, гуфтан гиранд! — гуфт ба соат нигоҳ карда, Низомиддин. — Ман ҳам одам, ман ҳам ба айшу ишрат кардан, ба зани никоҳии худ комронӣ кардан ҳақ дорам! Хайр, ҷонакам, ту осуда бош, имшаб ман дар хона мешавам, як палавча паз, дукаса мехӯрем... Лекин ба ҳеҷ кас лаб накушо, шавҳарам ҳабс шудаст ҳам нагӯй. Ман рафта хабар гирам, фаҳмам, канӣ чӣ гап. Ҳозир хотирҷамъ, ба корат машғул шав! Гӯё ки ту аз чизе хабар надорӣ! Ҳа, воқеан, аз кай боз мехостам ба ту як ҳалқаи ғалатии ҷочадор ҳадья кунам, ҳамеша фаромӯш мекардам. Исто, меҳрам тофт, ҳаминро диҳам, имрӯз бегоҳ ба гӯшат карда биё, бояд ба ту хеле зебад.

Вай аз кисааш калидро бароварда, сандуқчаи оҳанини гулдорро, ки дар тоқи хона бо мурувввати гардон маҳкам карда гузошта шуда буд, кушод ва аз он як ҷуфт ҳалқаи тиллои марворидкориро бароварда ба занак дод. Дар айни ҳол ба хаёлаш расид, ки чӣ ме-

шавад, агар ҳозир дору гуфта барои Ҳалима заҳрро ба худи Зӯҳра диҳад ва пас ӯро ба одамкушӣ айбдор карда ба ҳабс гирад...

Лекин телефон занг зад ва ӯ ба як қарор наомада, назди телефон рафт...

Дар чека кор меҷӯшид. Асо имшаб ҳатто ба хонааш нарафта буд. Ҳар чӣ қадар кӯшид, ки Бақоҷонро ба хуш оварда, гап пурсад, натавонист. Аз касалхона духтур оварда ҷароҳати Бақоҷонро бандонд, лекин дуруст ба хуш оварда натавонистанд. Дар вақти афтодан сараш сахт ба санг хӯрдааст. Аз аптекаи Когон доруи ноёб оварда сӯзан кунонид, лекин Бақоҷон андак ба хуш омаду мадори фикр карда, ба суолҳо ҷавоб доданро надошт. Ду бор ба касалхона, ба назди Насимҷон рафта ҳабар гирифт. Вай ба хуш омада буд. Бетоқатӣ мекард ки ӯро ҷавоб диҳанд, аммо духтурҳо рухсат намедоданд. Ба ин кор Асо ҳам ёрӣ дода натавонист. Духтурҳо аз дили вай хавф доштанд, ҳатто ба худаш гуфтанд, ки ҳаяҷон зиёд шавад, дил аз кор мемонад ва ин дафъа ӯро наҷот дода наметавонанд.

Асо қариби саҳар ба хонааш рафту боз дар соати ҳашт чеғ зада оварданд. Ӯро барои он чеғ зада оварданд, ки касе ба оби нӯшидани Бақоҷон заҳр рехта додааст.

— Ҳайрият ки ҳамаи оби пиёларо нанӯшидааст, — гуфта навбатдори масъул ба вай рапорт дод, — хӯрдатешро ҳам қай кардааст. Ба болои ҳамин духтур хабар гирифтанӣ омада монд. Даромада бинам, ки бандӣ шикамашро дошта талвоса мекунад. Духтур пеш аз ҳама пиёлаи оби нимкола мондаи ӯро гирифту эҳтиёт кард, баъд сӯзан карду қариб як кӯза оби сода ҳамроҳ кардашударо зӯраи хӯронд ва шикамашро тоза кард, ана баъд ба фойтун сувор карда, бо ду нафар солдат ва духтур ба касалхонаи Шайхҷалол бурда мондем. Қаровулҳо дар ҳамон ҷо.

— Ба тамоми шаҳр нишон додед, ки шумо чӣ кор карда истодаед?! — бо қаҳр гуфт Асо.

— Не, — гуфт навбатдор, эҳтиёт кардем. Болои фойтун пӯшида буд, сару рӯи бандиро ҳам печондем ва ба миён гирифта бурдем. Ҳеҷ кас надидааст.

— Дар касалхона чӣ хел, як худаш дар як хона-мӣ?

— Ҳа, як худаш дар як хона, тирезаи хона панҷараи оҳанин дорад. Посбонҳо яктеш дар пеши бандӣ, дар хона, яктеш дар таки дар...

— Заҳр доштани обро аз куҷо донистед?

— Духтур шубҳа карда буд, дар духтурхона имтиҳон карда дида, тасдиқ карданд.

— Хуб, ин кори кӣ бошад?

— Намедонам... — гуфт навбатдор ва хомӯш монд.

Асо дар ғазаб буд, барои он ки дар худи чека ҳам душман будааст, дар худи чека! Вай то ба имрӯз дар ин бора фикре ҳам намекард ва ба ин ташкилот пурра боварӣ дошт. Аммо маълум мешавад, ки душман одами худашро ба ҳамин ҷо ҳам даровард тавонистааст. Асо нағз медонист, ки Бақоҷон бояд сари калобаро ба дасти онҳо кушода диҳад. Вай кӣ будан ва чикора будани Бақоҷонро нағз медонист ва боварӣ дошт, ки ӯ ба доми душман афтодааст. Дар ин кор иштироки вай фақат иҷрои супориш аст. Бинобар он, умеди калон дошт, ки Бақоҷон ҳеҷ набошад номи яке аз супоришдиҳандагонашро мегӯяд ва бо ҳамин вай метавонад ба лонаи ҳақиқии аксулҳаракат роҳ ёбад. Инро душман ҳам нағз медонад ва бинобар он Бақоҷонро дар ҳуҷраи махсус монда, кӯшиш кард, ки ӯро зудтар ба ҳол орад.

— Баъди рафтани ман ба пеши Бақоҷон кӣ даромад? — пурсид аз навбатдор.

— Ба гумонам, ҳеҷ кас надаромадааст, — гуфт саросема шуда навбатдор.

— Ҳуҷра қулф буд?

— Қулф буд.

— Қалид дар шумо буд?

— Бале...

— Пас ба пиёлаи Бақоҷон заҳрро шумо ҳамроҳ кардед?

Ранг аз рӯи навбатдор парид.

— Чиҳо мегӯед, рафиқ... рафиқ муфаттиш!... — гуфт вай. — Ман... Наход ки... Ман чекист, одами чека шуда истода ҳамин корро кунам?! Барои чӣ?!

— Намедонам барои чӣ? Инро шумо бояд ба ман гӯед!

— Ман? — ҳайрон ва музтар шуда гуфт навбатдор ва араки пешонаашро пок кард.

Асо ин навбатдорро ҳам нағз медонист. Вай аз кор-

гарони роҳи оҳан буд, одами содиқ ва фидокори роҳи инқилоб буд... Лекин, кӣ медонад, мабодо фурӯхта шуда бошад!

— Набошад дурусттар фикр кунед, ба назди бандӣ ягон касро мондед ё не? Масалан, ягонтаи аз муфаттишҳо-мӣ? Раис омаданд-мӣ? Иван омад-мӣ? Кӣ омад?

— Э, ҳа! — гуфт навбатдор бо табассуми талх, — Ҳабибуллин имшаб навбатдорӣ мекард. Қарибӣ саҳар омада гуфт, ки аз бандӣ хабар гирифтан лозим... Худи дар ҳамон дам шумо аз духтурхона телефон кардед, баъд се туркмани гурезаро оварданд. Боз намедонам чиҳо шуд, ки бехабар мондем... Як вақте Ҳабибуллин калидро оварда ба ман доду гуфт, ки хотирҷамъӣ. Ин гап тамом аз хотирам баромадааст.

— Аҷиб! — гуфт Асо,— Ҳабибуллин?

Вай ин одамро дуруст намедонист. Ҳабибуллин аз вай пештар ба кори чека даромада буд ва мисли ӯ муфаттиш буд. Фақат як бор аз даҳони раис шунид, ки Ҳабибуллинро нисбат ба маҳаллиҳо хеле сахтгир ва бераҳм гуфта буд. Наход, ки вай гӯё ки аъзои фирқа, коммунист шуда истода ба кори инқилоб хиёнат кунад? Ба ҳар ҳол тафтиш карда дидан лозим аст.

— Ҳабибуллин ҳоло дар куҷо бошад? — пурсид вай аз навбатдор.

— Барои тафтиши шабона ба бозори асп рафт,— гуфт навбатдор.

Асо аз ҷо бархост. Вай ба худ қарори қатъӣ дод, ки ҷасурона, худаш ин корро тафтиш мекунад. Майлаш, баъд раис ӯро ҷанг кунад, ҷазо диҳад, ҳар чӣ шавад, шудан гирад. Лекин ҳоло аз фурсат истифода бурда, кабинети Ҳабибуллинро дидан лозим.

Қалиди кабинети вай дар куҷо?

— Дар худаш, — гуфт навбатдор, — лекин мо ҳам калид дорем.

— Ҳамон калидро гиред ва бо ман биёед. Ҳар чизе ки мебинеду мешунавед, ба ҳеҷ кас намегӯед.

— Бисьёр хуб, — гуфт навбатдор ва аз даруни қуттии стол калидеро гирифта, бо Асо ба боло, ба кабинети Ҳабибуллин баромад. Дар кабинет ҳаман қуттиҳои стол қулф буд. Лекин онҳо дукаса калид ёфта, онҳоро кушоданд. Асо тамоми коғаз ва делаҳоро дид, вале ягон чизи шубҳаовар наёфт. Фақат дар як дела протоколи суолу ҷавобҳои Ҳакимчаи табибро дида ҳайрон шуд.

Хонда дид, чизи муайяне набуд. Ҳаким ваъда медод, ки мувофиқи қонуни ҳукумати шӯрой рафтор мекунад. Ҳайрон шуда истода буд, ки ноҳост телефон занг зад. Асо гӯшаки онро гирифта, овозашро ғафстар карда ба забони русӣ ҷавоб дод. Аз он тарафи сим касе пурсид, ки рафиқ Ҳабибуллин куҷост. Асо гуфт, ки Ҳабибуллин гӯш мекунад ва сулфа карда монд. Он шахс боз пурсид: аҳвол чи тавр? Корҳо нағз-мӣ? Асо гуфт, ки корҳо нағз. Бақоҷон дуруст... Шахсе ки дар он тарафи сим буд, якбора бо овози тағьирёфта пурсид: Бақоҷон дуруст? Чӣ, сиҳат шуд-мӣ? Асо осудаҳолона ва боз андак сулфида гуфт, ки не, мурод ҳосил! Ин гапи ӯро шунида шахси он тарафи сим осуда гашту «хайрият» гуфта монд... Асо гуфт, ки аз куҷо гап мезанад. Вай гуфт, ки аз идора. Асо бо овози пасти гирифта гуфт, ки хотирҷамъ бошед, чека вазифаашро бекамбудӣ иҷро мекунад. Он шахс хурсандона гуфт, ки офарин ва гӯшаки телефонро гузошт...

Дигар барои Асо шубҳа намонд, ки Ҳабибуллин хоин аст.

Раис дар соати даҳ расида омаду пеш аз ҳама Асоро ба кабинети худ даъват кард.

## VIII

— Синну соли мо ба як ҷо расида мондагӣ. Акнун ба ин кор ҷавонҳо муносиб будагиянд, — гуфт муаллим Назарӣ ба Ҳайдарқул. — Ба аскарҳо касе дарс диҳад, ки худаш ҳам каму беш салобати аскарӣ, салобати командирӣ дошта бошад.

Онҳо се кас дар кабинети Ҳайдарқул нишаста сӯҳбат мекарданд. Назарӣ марди миёнсин, қадбаланд ва ғандумгун, дар чашм айнак, дар сар телпаки сабуки баррагини кафкозидӯхт гузошта буд. Дар рӯи дарози лоғари ӯ риш набуд, маълум ки ҳар рӯз бо диққати махсус ришу мӯйлабашро метарошад.

Рафиқи ӯ дар сар саллачаи базебе гузошта, риши мошу биринҷи худро нағз харротӣ кунонида буд.

— Бале, — мегуфт вай сухани рафиқашро тасдиқ карда. — Синну соли мо гузаштагӣ, инчунин маориф ташкили дорулмуаллиминро ба мо супурдагӣ...

Ҳайдарқул табассум кард:

— Мефаҳмам, — гуфт вай, — ҳамаи суханони шумо ҳақ, лекин вазифаи мо, коммунистон, ҳамин, ки аз чандин кори муҳим ва зарурӣ муҳимтараш ва заруртарашро интихоб кунем ва пеш аз ҳама онро ба ҷо биёрем. Дорулмуаллимин зарур, синну соли шумо тӯғрӣ намебиёд, ғайра ва ҳоказо... Лекин дар байни аскарҳои сурхи маҳаллӣ кор бурдан, мақсад ва ғояи ҳукумати шӯроиро ба онҳо фаҳмонидан ва онҳоро ба роҳи дуруст даровардан аз ҳама чиз муҳимтар аст. Вазъияти республика ба худатон маълум: Бухорои Шарқиро аз одамони амир ва босмачиён тоза кардан шарт аст. Дар атрофи Бухоро дастаҳои босмачиён ба мардум имкони кор кардан намедиҳанд. Баҳор гузашта истодааст, аммо деҳқон ба сари замин рафта наметавонад. Бинобарон, ҳукумати Бухорро ба ёрии аскарони сурхи омадагӣ дастаҳои аскарони сурхи маҳаллиро ташкил дод. Лекин ин дастаҳоро тарбия кардан, омӯхтан лозим. Дар ин кор аз шумо муносибтараш нест. Мо иро ҳартарафа санҷида баромадем. Шумо метавонед, либоси аскарӣ напӯшед, ҳар рӯз набошад ҳам, ҳафтае се-чор рӯз дусоатӣ машғул мешавед. Дигар корҳоятон ҳам пеш рафтан мегирад.

— Бо Ҳайдарқул гап кифоя намекунад! — гуфт Назарӣ. — Майлаш, меравем, лекин дар моҳи сентябрь ҳардуи моро аз ин кор озод мекунед.

— Хуб шудааст, — гуфт Ҳайдарқул ва ба онҳо коғазҳои тайёр кардашударо дода, ба суханаш давом кард: — Илтимос ин ки худи ҳамин рӯз ба кор сар кунед. Фармондеҳи аскарон ба шумо мунтазир.

Муаллимҳо коғазҳояшонро гирифта, бо Ҳайдарқул хайру хуш карда баромаданд. Онҳо муаллимҳои зӯр ва коммунист буданд. Вай боварӣ дошт, ки ин ҳар ду корҳои таълиму тарбия ва ташвиқоту тарғиботро байни аскарони сурхи маҳаллӣ нағз ба роҳ мемонанд ва аз тахти дил кор карда мақсаду мароми фирқа ва ҳукуматро ба аскарбачаҳо мефаҳмонанд. Ҳайдарқул газетаи «Бухоро ахборӣ»-ро, ки нав оварда буданд, гирифту лекин ҳанӯз як саҳифаи онро надида, ба кабинет як марди саллакабуд, мӯйлабовезон ва бинидароз омада даромад.

— Салому алайкум, — гуфт вай даст дароз карда, — ман Шайх Рамазон ҳастам, ҷаноби Ҳайдарқул афандӣ, худам аз форсҳои Бухоро...

— Марҳамат, гӯшам ба шумо! — гуфт газетаро таҳ карда ба ҷояш гузошта, Ҳайдарқул.

— Азбаски ман дар Иттифоқи деҳқонҳо кор мекунам, — гуён ба гапаш давом кард Шайх Рамазон, — бо халқ, бо деҳқонҳо сахт вобастагӣ дорам, аз аҳволи онҳо огоҳ ҳастам, дарду ғамашонро медонам...

— Басьёр нағз...

— Ҳам бисьёр нағзу ҳам бисьёр бад! — гуфт Шайх Рамазон таъкид карда.—Чунки аҳволи бади деҳқонҳоро дида дилам хун мешавад. Инқилоб шуд, ҳокимият гуё ба дасти меҳнаткашон гузашт, аммо ҳоли деҳқони камбағал тағьир наёфт.

— Чӣ тавр? — ҷиддан ҳайрон шуда Ҳайдарқул пурсид.

— Гӯё ки шумо намедонед! — истеҳзо кард Шайх.— Дар сари ҳокимияти Бухоро чанд нафар деҳқон ҳаст? Бойҳои қишлоқро чӣ кор кардед? Замини ӯро мусодира кардед? Деҳқонони бенаворо аз дасти бой халос кардед? Қозию муллою эшонҳоро нест кардед? Не! Пас, худатонро ба нодонӣназанед!

Ҳайдарқул дид, ки дар рӯ ба рӯи ӯ шахси муқаррарӣ, хизматчии оддии идораи «Деҳқони камбағал» не, балки одами хеле зӯр ва даъвогар нишастааст. Ин хел баромад карданҳои коммунистони «чап»-ро вай чандин бор шунида буд ва ҳатто аввалҳо худаш ҳам то як дараҷа ба онҳо ҳамфикр шуда буд. Вале, вақте ки чандин бор бо Қуйбышев вохурда, дар ин бора гап зад ва нуқтаи назари фирқаро дуруст фаҳмида, хуб мулоҳиза кард, аз роҳаш баргашт ва донист, ки аз котиби собиқи Қумитаи Марказӣ — Наҷиб Ҳусайнов сар карда, ҳамаи ин Алиевҳо ва Қиличзодаҳо ба роҳи хато, ба роҳи аксулинқилоб рафтаанд ва ҳамаи ин камбағалпарварӣ ва инқилобчитарошиҳо руяки будааст...

Ана ҳоло ин Шайх ҳам, ки медонад аз тарафи кадом гуруҳе омадааст, ки ба намояндаи Қумитаи Марказӣ даъвои худро баён кунад. Кадом гуруҳ чап ва ё рост фарқ надорад. Чапӣ ва ростии онҳо низ рӯякӣ аст, хоҳ нохоҳ онҳо дар асли мақсад ба як ҷо ҷамъ мешаванд. Маром ва мақсади ҳар дуи ин гурӯҳ аз миён бурдани ҳокимияти шӯроӣ аст. Пас, сухани ин «намояндаро» то ба охир шунидан лозим.

— Шумо, бародар, — гуфт Ҳайдарқул бо садое ки

оҳанги осудагӣ ва хотирҷамъиро дошт, — одами бафаҳм ва огоҳ ҳастед, ин аз гуфторатон аён гашт ва маълум, ки дар дилатон дарде ҳаст ва барои гуфтани он ба ин ҷо омадед. Бинобарон, маро сарзаниш накарда, ба мақсад наздик шавед.

— Хуб! — гуфт Шайх мӯйлабашро андаке бардошта монда. — Ман одами рӯздида, умрам ҳам ба як ҷо расида... Ман на аз Чека метарсам ва на аз ҷои дигар! Ниҳояте ҳабс мекунанд, мепарронанд, боке не! Ҳар чӣ ки медонаму ақида дорам, гуфтан мегирам.

— Ин бисьёр нағз, марҳамат, гап занед!

— Гапи ман ҳамин ки ин қадар хунрезӣ, ин қадар харобкорӣ ва як дуньёи бутунро зеру забар кардан, инқилоб кардан чӣ даркор буд, агар аз дастатон ҳеҷ кор намеомада бошад?! На аскар доред, на ҳукумат доред, на пул доред! Дандонатон дард кунад ба урус мурочиат мекунед; ташна монед, ба урус мурочиат мекунед; барои тарошидани карандош қаламтарош надоред, ба урус мурочиат мекунед! Ҳар чӣ ки урус гӯяд, ҳамонро ба ҷо меоред! Начиб Ҳусайнов ва ҳайати пештараи фирқа чӣ бадӣ доштанд, ки иваз кардед? Чӣ бадӣ доштанд?

— Онҳо аз ӯҳдаи кор набаромаданд, натавонистанд ба инқилоби Бухоро роҳбарӣ кунанд...

— Онҳо ба табъи Куйбышев нафориданд, гуфтаҳои ӯро иҷро накарданд. Онҳо инқилоби миллӣ карданӣ шуданд, ана барои ҳамин бо фармони коминтерн онҳоро бекор кардед. Файзулло Хоҷаеви шумо, писари миллионер, ба Москва рафта, ҳастию нестии Бухороро фурӯхта омад. Вай нағз, вай доҳии инқилоб, вай раиси ҳукумат! Дигарҳо ганда, дигарҳо чап! Ман ба пеши шумо омадам хабар диҳам, ки аз чапҳою ростҳо даст кашед, мамлакатро ба бегонаҳо нафурӯшед! Дар паси ин кор одам ҳаст, ҳомӣ ва додхоҳ ҳаст, ки аз шумо сахт интиқом мекашад. Гапи ман тамом!

— Ин ултиматуми шумо?

— Ҳар чӣ ки гӯед! Ҳаминро ҳам гуфта монам, ки шумо ба маҳбус кардани ман бедарак ҳаракат накунед! Аввалаш ин ки гирифта шудани ман ба коре ки ман гуфтам, дахле надорад ва шумо аз ман чизе рӯёнда наметавонед! Сониян, барои ҳабс кардани ман ҳақ надоред! Ман ба шумо чизе нагуфтаам, ман барои супоридани нусхаи мурочиатнома ба деҳқонҳо

омадагӣ! Солисан ин ки маро аз як соат зиёд ҳабс карда наметавонед, маро одамҳои мо озод мекунанд, фаҳмидед?!

— Ҳоҷат ба ин гап нест. Ман дар фикри маҳбус кардани шумо нестам, ҳарчанд ки ба зиёдтараш меарзед! Аз рӯи қоида фиристодаи душманро намедоранд. Баръакс, мароМу мақсади худро ба вай нағз ҳолӣ мекунанд, ки ба сардоронаш рафта гӯяд, то ки даниста монанд!

— Ин гапи маъқул!

— Бале, — гуфт Ҳайдарқул, — рафта ба хоҷаҳои худ гӯед, ки мо онҳоро шинохта гирифтем, ҳарчанд ки ба ҳазор ранг дароянд, ҳарчанд ки гоҳ худро ба чап зананд, гоҳ ба рост! Мо кӣ будани онҳоро медонем! Дигар ҳеҷ кас ҳукумати шӯроии Ҷумҳурияти Бухоро ва фирқаи иштирокчиёни онро аз роҳ зада, бар зидди халқ гузошта наметавонад. Бедарак аз номи деҳқонҳои камбағал даъво накунед! Деҳқони камбағал соҳиби замин шуд, соҳиби об гашт, аз андозҳои вазнин озод гашт ва худаш соҳибу молики бахти худ шуд. Дигар ҳеҷ кас ӯро истисмор карда наметавонад. Бинобар он, чашми вай кушода шуд ва акнун медонад, ки дӯст дар куҷо, душман чикора! Инчунин рафта ба хоҷаҳоятон гӯед, ки мо нафақат аз «чап» ва «ростҳо» даст намекашем, балки онҳоро зада торумор мекунем. Дар ин роҳ мо аз ҳеҷ кас ва ҳеҷ ҳомӣ ва додхоҳи онҳо наметарсем. Ҳомӣ ва додхоҳи мо Россия аст, мо бо Россия даст ба даст дода кори худро пеш мебарем. Инро хоҷаҳои шумо хоҳанд ҳам мекунем, нахоҳанд ҳам мекунем! Акнун, агар гап надошта бошед, рафта метавонед!

— Не, гапи ман тамом, — гуфт Шайх аз ҷо бархоста, — саломат бошед.

Вай баромада рафт. Ҳайдарқул аз ҷо бархосту камтар дар рӯи хона қадам зад ва баъд аз чойник як пиёла чои хунук рехта нӯшид ва боз гашта ба ҷояш нишасту газетаро ба даст гирифт. Як-ду сатр хонд, ё не, хаёлаш босуръат кор карда, ӯро ба ҷоҳои дигар гирифта бурд.

...Вай ҳеҷ гумон надошт, ки Оқчурин барин одам саҳв мекунад ва намедонад, ки саҳв кардааст. Ана ҳамин Шайх Рамазон барин касонро тарафдорӣ кардан чӣ маънӣ дорад. Ростҳо ҳам мехоҳанд, ки зимоми давлатро ба даст гирифта, мувофиқи программаи худашон

зиндагӣ кунанд, чапҳо ҳам. Аммо ҳеч кадом дар бораи халқ, дар бораиояндаи мамлакат фикр намекунад. Мақсадашон ки ба рӯи об набаромад, даст ба яроқ мебаранд, чун дуздони роҳзан аз хамгашти кӯча ба сӯи мухолифони худ тир мебаранд. Кушта шудани Ойими Шоҳ бешубҳа аз қурбониҳои ҳамин роҳ аст...

Дар тақ-тақ шуду ба кабинет Турсун Хоҷаев, котиби Қумитаи Марказӣ даромада омад. Вай марде буд миёнсин, серҳаракат, чаққон ва хушгап. Ду-се моҳ пеш аз ин бо тавсияи комиссияи Осиёимиёнагии РКП(б) котиби якуми Қумитаи Марказии Фирқаи Коммунистии Бухоро интихоб шуда буд. Дар ин муддат бо Ҳайдарқул хеле меҳрубон ва дӯсти самимӣ шуда гирифт. Вай дар тан аз болои костюми тунуки баҳорӣ пальтои сабуки хокистаррангe пӯшида, ба сараш шапкаи базебе монда буд.

— Салом, рафиқ Ҳайдарқул! — гуфт вай. — Мебахшед, ки огоҳ накарда омадам. Ҳозир ба сафоратхонаи Русия, ба назди рафиқ Юреньев меравем. Мехоҳам шуморо бо он кас шинос кунам.

— Майлаш, — гуфт Ҳайдарқул, — меравем. Баъзе гапҳо ҳаст, ки дар роҳ мегӯям.

— Бисьёр хуб, фойтун ҳамин ҷо!

Онҳо ба дами дарвоза баромаданд. Дар кӯча фойтуни калони дуаспа истода буд, ки онро фойтунчии кулӯтарише дар сар телпаки баррагии қарокӯлӣ, дар тан ҷомаи нимдошти алоча, миёнаш бо рӯмоли шоҳӣ баста шудагӣ, бо савлати махсусе ба рӯи козла нишаста, аспҳоро идора мекард. Турсун Хоҷаев ва Ҳайдарқул паҳлу ба паҳлу нишастанд. Турсун Хоҷаев гуфт, ки ба сафоратхонаи Россия ҳай кунад ва пас осуда нишаста ба сӯи Ҳайдарқул нигоҳ кард:

— Аз чашмонатон дида истодаам, ки ба ман гапҳои муҳим доред.

— Шумо валӣ, рафиқ Турсун Хоҷаев! — гуфт Ҳайдарқул. — Агар намеомадед, ман худам ба наздатон рафтанӣ будам. Ба пеши ман Шайх Рамазон ном шахсе омада буд.

— Аз чека Насимҷон дар бораи ин шахс ба ман хабар дода буд, ташвиқоти аксулинқилобӣ карда мегардад гуфта буд...

— Акнун бо ултиматум ба назди ман омадааст...

Дар вақти сӯҳбат як-ду бор нохост Ҳайдарқул дарк кард, ки фойтунчӣ гуфтугӯи онҳоро гӯш мекунад. Суханро мухтасар карду гуфт:

— Ба ҳар ҳол хушьёр будан лозим. Чека нағз мекунад, ки аз паи ин одамкушҳо афтодааст.

— Ростҳо сирт мункир, ки Асад махсумро тарафдори мекарданд ва моро таъна мезаданд,— гуфт Турсун Ҳоҷаев.— Акнун намехоҳанд, ки барои мубориза бо аксулҳаракати рӯйрост ва барои тамоман тоза кардани Бухорои Шарқӣ аз босмачиён ва одамони амир, мо ба ёрии аскари сурх муроҷиат кунем, бе он ҳам урус бисьёр мегӯянд.

— Инчунин намехоҳанд, ки мо аскарҳои маҳаллӣ ва дастаҳои махсуси назорати дохилияро ба зери фармондиҳии умумии аскарони сурх дарорем.

— Ин чапҳои шумо ҳам ба ростҳо ёрӣ медиҳанд. Ман боварӣ дорам, ки Шайх Рамазон аз тарафи як марказ омадааст, ки он ҳам ба чапҳо ҳам ба ростҳо номаълум роҳбарӣ мекунад. Хайрият ҳамаи ин ҳолатҳоро рафиқ Ленин медонад ва Қумитаи Марказӣ рафиқ Юреневро ба фикри худ ошно кардааст, ки ҳоло вай ба мо баён мекунад.

Дар ин дам фойтуни онҳо аз дарвозаи қавола берун баромад, вале рост, аз роҳи калон нарафта, ба тарафи вокзалча, ба кӯчаи пурчанг баргашт, ки дар як тарафи он аз зери девори калъа, устохонаҳои аробасозӣ ва бологонаҳои он, дар тарафи дигар саройӣ аз дӯконҳои дигар буд. Ба суоли Турсун Ҳоҷаев фойтунчӣ гуфт, ки роҳи калон дар ин байн вайрон шудааст. На Турсун Ҳоҷаев ва на Ҳайдарқул ба ин аҳамият надоданд. Аммо чӣ шуда буд, ки дастони фойтунчӣ меларзиданд ва базӯр лаҷомҳоро медоштанд. Вай навъе карда, аспҳоро аз роҳи пурчанги қад-қади қалъа ба сӯи вокзалчаи Бухоро баргардониду аз тарафи дигар боз ба роҳи калон баромад ва пас аз чанд дақиқа дар назди дари сафоратхона фойтунро дошт.

Сафири РСФСР Юреньев меҳмонҳоро бо хурсандӣ пешвоз гирифта, дар меҳмонхона ба сари столи пур аз нозу неъмат даъват кард, ба онҳо як стаконӣ чои фомилӣ таоруф карду хуш омадед гуфт.

— Дирӯз ба назди ман намояндагони коммунистони «чап» омада буданд,— гуфт Юреньев.— Ман ба онҳо аз номи ҳукумати РСФСР ва аз номи Комитети Марказии

РКП(б) ба таври расмӣ баён намудам, ки роҳи онҳо ғалат аст ва мо онро бар хилофи роҳи партия медонем. Зеро ки «душманони РСФСР дар ҳаққи вай тӯҳмат ва бӯҳтон паҳн карда мегӯянд, ки гӯё мақсади асосии ӯ дар Шарқ паҳн кардани коммунизм аст». Ман ба онҳо фаҳмонида додам, ки партия ба таври қатъӣ чунин роҳро пеш гирифта аст: Социализмро бо фармону зӯр ба зӯрӣ гузаронидан мумкин нест, давраи демократии революцияро тай накарда гузаштан илоҷ надорад. Қорҳоеро, ки ҳанӯз барои иҷрояшон заминаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ муҳайё нашудааст, ба амал овардан нашояд ва мумкин ҳам нест! Пас аз сӯҳбати дуру дарозе Оқчурин ва дигарон гуфтанд, ки дар ҳақиқат онҳо ғалат кардаанд ва дар Бухорои аз феодалӣ нав наҷотёфта ва ҳанӯз ақибмонда, бе тайёр кардани заминаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ инқилоби социалистиро гузаронидан номумкин аст.

— Набошад шуморо табрик мекунам! — гуфт Турсун Хоҷаев. — Яроқашонро гузошта таслим шудани «чап»-ҳо барои республика аҳамияти калон дорад.

— Лекин, — гуфт Ҳайдарқул, — ба гапи онҳо, ба таслим шудани онҳо бовар кардан мумкин бошад? Назар ба шунидам «чапҳо» дар Бухоро дар Чорҷӯй ва Каркӣ шӯъбаҳои махфии худро ташкил кардаанд.

— Ин шӯъбаҳои ночиз! — гуфт Юреньев. — Ҳар чӣ кор кунанд ҳам, онҳо такьягоҳ надоранд ва мардум аз паси онҳо намераванд.

— Дар байни тоҷикони Бухоро як мақол ҳаст, — гуфт Турсун Хоҷаев, — мегӯянд ки «магас чизе нест у аммо дилро ғашшон мекунад!» Ин «чапҳо» ҳам ҳамин тавр, агар то ба охир решакан карда напартоем, дилро ғашшон карда мегарданд.

— Ин гапатон дуруст! — гуфт Юреньев аз ҷо бархоста. — Ман мехоҳам ба шумо матни эзоҳоти Валериян Владимирович Куйбышевро хонда диҳам, аз фоида холӣ нест...

— Марҳамат, марҳамат! — гуфтанд меҳмонҳо.

Юреньев аз сари столи корӣ коғазеро гирифту гуфт:

— Азбаски дар съезди якуми фирқаи коммунистии Бухоро махсусан аз тарафи Қиличзода ба унвони рафиқ Куйбышев эроди ночизе гирифта шуда буд, Валериян Владимирович ба КМ РКП(б) чунин эзоҳотро навишта дод:

«Бюрои коминтерн барои сабабҳои зерин лозим шуморид, ки ҳайати КМ ПКБ иваз карда шавад:

1. Уҳдабароии он ҳайати КМ ва иҷро карда натавонистани он вазифаҳоеро, ки инқилоб ба пеш гузошта буд (зимнан қайд кардан лозим, ки ин вазъиятро худи КМ ПКБ дар қарори оид ба истеъфои худ қабул намудааст).

2. Дар Комитети Марказӣ моҳияти революцияи Бухороро, революцяеро, ки дар мамлакати патриархалӣ-феодалӣ, дар мамлакате, ки пролетариати шаҳрӣ вуҷуд надошт, ба амал омадааст, дуруст намедонистанд...»

Рафиқ Юреньев мактуби муфассали В. В. Куйбышевро ки ҳамин тавр сар мешуд ва дар он ақидаҳои худро нисбат ба революцияи Бухоро шарҳ дода буд, хонда доду илова намуд:

— КМ РКП(б) низ ҳамин ақидаҳоро дорад. Бинобар он, рафиқ Турсун Хоҷаев, мо сиёсат ва низомеро, ки ҳоло шумо ва гурӯҳи Файзулло Хоҷаев дар идора кардани давлат доштаед, тақвия мекунем. Рафиқ Ленин бо вуҷуди корҳои бисьёри дохилӣ ва хориҷие, ки дар Россия дорад, нисбат ба Бухоро ва Хева ҳусни таваҷҷӯҳ дорад. Вай ба мо супориш дод, ки ба қадри имкон ба шумо ёрӣ расонем.

— Ташаккур мекунам! — гуфт Турсун Ҳоҷаев.— Ҷумҳурияти Бухоро бо ёрии бевоситаи Россияи шӯроӣ, бо мададгории бевоситаи Владимир Ильич Ленин ташкил шуд. Агар дасти мададгории халқи рус намешуд, ҳамаи мо нобуд шуда мерафтем. Халқи Бухоро инро фаромӯш намекунад. Ҳоло ҳам мо бе ёрӣ ва мададгории халқи рус қомати худро рост карда наметавонем.

— Назар ба шунидам,— гуфт Юреньев,— дар Бухоро карасин, қанд, газвор барин чизҳо намерасидааст. Рафиқ Ленин супориш дод, дар ҳамин рӯзҳои наздик ин мушкил бояд осон шавад.

— Миннатдорем! — гуфт Ҳайдарқул.— Лекин агар имконият бошад, барои дастаҳои нав ташкилшудаи аскарони сурхи Бухоро яроқу аслиҳа ва муаллиму роҳбарони ҳарбӣ мефиристодед. Меҳнаткашони Бухоро барои торумор кардани босмачиён сахт миён бастаанд. Агар онҳоро нағз омӯхта, ба ёрии аскарони сурхе, ки дар Бухорои Шарқӣ ҳастанд, фиристем, ғалаба наздиктар мешавад.

— Бале,— гуфт Турсун Хоҷаев,— ин муаммо ҳатто

аз карасину қанд ҳам муҳимтар аст. Босмачиро нест накарда, хоҷагии халқро боло бардошта наметавонем.

— Дуруст аст,— гуфт Юреньев.— Ман дар ин бора ба Москва маълум мекунам. Дар ҳамин қарибӣ ба Тошканд баъзе аз фармондеҳони аскарони сурх меоянд. Бешубҳа, онҳо дар ин боб ба шумо ёрӣ расонида метавонанд. Воқеан, аз Асад Махсум чӣ хабар?

— Асад Махсум,— гуфт Турсун Хоҷаев,— дар кӯҳҳои Бойсун ва атрофи он пинҳон шуда гаштааст. Вай ба чизе мунтазир аст. На меравад, на ҷанг мекунад, на таслим мешавад. Лекин ба худ наздик шудан намемонад.

— Аммо,— гуфт Ҳайдарқул,— ба кори мо халали куллӣ мерасонад. Бойсун дарвозаи Бухорои Шарқист. Ин дарвозаро аз душман тамоман тоза накарда, масъалаи Бухорои Шарқиро ҳал карда наметавонем.

— Дар ин ҷо,— гуфт Юреньев,— Карим ном як ҷавони ҳарбӣ ҳаст. Пештар бо Валериян Владимирович кор мекардааст. Вай мехоҳад, ки мо ёрӣ диҳем, худаш рафта илоҷи Асадро карданӣ...

— Дарди вай зӯр,— гуфта монд Ҳайдарқул.

— Чӣ, ягон нақша дорад магар? — пурсид Турсун Хоҷаев.

— Ҳозир худашро ҷеғ мезанем,— гуфт Юреньев ва аз ҷо бархоста, берун баромад.

— Ин ҳамон бачае, ки номзади ӯро Асад зӯран бурда буд? — пурсид Турсун Хоҷаев.

— Бале,— гуфт Ҳайдарқул,— ин ҳамон Карим аст, ки Ойишаи худро ҳеҷ фаромӯш карда наметавонад. Ман гумон мекунам, ки охир аҷали Асад ҳамин Карим мешавад.

— Шояд, гуфт Турсун Хоҷаев, папирос оташ дода,— шояд нақшаи дурусте сохта бошад.— Вай, кӯҳистонро медонад.

— Не, аслан кӯҳистонӣ бошад ҳам, дар Ғиҷдувон калон шудагӣ.

Дар ин дам Юреньев баргашта, узр хост, ки меҳмонҳоро танҳо монда рафтааст. Аз паси вай Карим ба хона даромад. Вай дар тан либоси ҳарбӣ дошт, сараш луч, мӯҳои сиёҳи ҷингилааш боло шона зада шуда буданд. Дар чашмони сиёҳи калон-калони вай ғами вазнин сояи ҳузнангез партофта буд. Лекин рангаш солим, дар лабонаш табассум гул мекард.

— Салом!— гуфт вай ба меҳмонҳо ва ҳарбиёна даст ба чакка бурда монд.— Карим Сафарзода ба хизмат тайёр аст.

— Биё, шин! — гуфт Юреньев.— Ба мо нақшаи худатро гуфта те, канӣ, Асад Махсумро чӣ тавр ба даст овардан мехоҳӣ?

— Итоат! — гуфт Карим ва аз рӯ ба рӯи меҳмонҳо ба курсӣ нишасту гуфт:

— Асад дар Бойсун, дар гирди кӯҳи Санг Қалъа аскарҳояшро ба даҳ-дувоздаҳ гурӯҳ тақсим намуда, ҷангида гаштааст. Ҳеҷ кас худи Асад Махсумро дар ҳеҷ ҷо надидааст. Ё мурдагӣ, нест шудагӣ ё ки қасдан аз назарҳо пинҳон шуда мегардад. Онҳо ҳеҷ вақт рӯ ба рӯ истода ҷанг намекунанд, ҳамеша ногоҳ ба аскарҳои мо ҳуҷум карда, зуд гурехта мераванд. Чи тавре ки мегӯянд, дар он гирду атроф ба байни мардум сахт ташвиқоту тарғибот ронда, худашро тарафдори бечораҳо, инқилобчии ҳақиқӣ карда нишон додааст. Кам одам ёфт мешавад, ки дараки дастаҳои Асадро хабар диҳад...

— Пас чӣ бояд кард? — пурсид Ҳайдарқул.

Карим андаке фикр карда истоду баъд бо табассум гуфт:

— Ё ба зӯрӣ, ё ба зар.

— Яъне чӣ? — пурсид Турсун Ҳоҷаев.

— Яъне ки агар ба зӯрӣ нашавад, бо Асад Махсум сулҳ кунем ҳам мешавад. Махсум худашро инқилобчӣ меномад-ку!

— Инқилобчигии вай барои ҷоҳу мансаб буд?— гуфта монд Юреньев.

— Баъд,— гуфт Ҳайдарқул, ки Асадро нағз медонист,— вай ҳеҷ гоҳ гардан хам карда, таслим намешавад.

— Мушкилии кор дар ин ки Асадро, худи Асадро ёфта намешавад...— гуфт Карим.— Агар ҷои худи Асадро донем, бо қувваи калон торумор кардан осон аст...

— Агар мо дар қишлоқҳои он атроф ва дар байни аскарҳои Асад одам медоштем...— гуфта монд Юреньев.

— Одамҳо ҳастанд, албатта,— гуфт Турсун Ҳоҷаев,— лекин бо онҳо робита бастан лозим!..

— Ҳеҷ набошад Ойшаю модаршро ёфта мегирифтем,— гуфт Ҳайдарқул.— Ман боварӣ дорам, ки онҳо ба мо ёрӣ медиҳанд.

— Бале, рост мегӯед,— гуфт хурсанд шуда Карим.— Ман ҳам дар ҳамин фикр будам. Назар ба шунидам Асад махсум Ойишаю модарашро бо худаш гирифта нагашта дар кучое пинҳон медорад. Коре карда ба онҳо алоқа бастан лозим ва агар Ойиша ба мо ёрӣ диҳад, кор хеле осон мешавад.

— Бале, бале,— гуфт Ҳайдаркул ҳам.— Агар бо Ойиша робита бандӣ, кор тамом, албатта, он гоҳ ба пан Асад афтодан мумкин мешавад. Лекин оё онҳоро ёфтан ва муносибат кардан мумкин мешавад? Ба фикрам ин муаммои зӯр!

— Рост аст, ки ин муаммои зӯр,— гуфт Турсун Хоҷаев.— Лекин агар ҷиддан ба ин кор машғул шавем, роҳи ҳаллашро ёфтан мумкин аст. Онҳое, ки бо Асад ҳамроҳ шуда рафтаанд, на ҳамаашон аксулинқилобчӣ ва душмани ҳокимияти шӯроианд. Балки бисьёрии онҳо фиреб хӯрда, ба найранги Асад гирифтор шудаанд. Аз байни онхо ба худ ёридиҳанда ёфтан лозим.

— Рост мегӯед,— гуфт Юреньев.— Комитети Марказии РКП(б) ҳам тавсия мекунад, ки афви умумӣ эълон кунем ва на ин ки фақат бо одамони Асад махсум, балки ба ҳамаи босмачиён хитобнома паҳн карда, даъват кардан лозим, ки таслим шаванд. Ҳукумат онҳоро мебахшад, ба онҳо замин медиҳад, кор медиҳад ва бигузор ба меҳнати ҳалол ба деҳқонӣ машғул шаванд.

— Ин дуруст аст,— гуфт Турсун Хоҷаев.— Ҳатто агар кӯрбошиҳо ҳам таслим шаванд, онҳоро бахшидан лозим. Баъзе ташкилотҳои мо ба фиреби Асад махсум даромада, Ҷаббор кӯрбошӣ ва одамони ӯро, ки таслим шуда буданд, рӯйрост бароварда парронданд ва дар натиҷа ҳамаро аз мо рамонданд. Ҳоло баръакс то мумкин аст, босмачиёнро таслим кунондан лозим. Каримҷон! Мо коре кунем, ки ҳар чи зудтар ба фитнаи Асад хотима диҳем. Вай, ба гумонам, ёрии калонеро мунтазир шуда, аскарҳояшро бо ваъда нигоҳ дошта истодааст.

— Дуруст аст! — гуфт Карим.

— Хӯш нақшаи ту чист? — пурсид Юреньев.

— Нақшаи ман ҳамин ки,— гуфт Карим,— ҳукумати Бухоро ба ихтиёри ман як дастаи калони аскарони ҷавони навдаъватшударо медиҳад. Ман ва командири мо полковник Соловьев бо он даста чанд гоҳ машғул ме-

шавем. Баъд ба газетаҳо хабар менависем, ки фалонӣ бо дастаи махсус ба ҷанги ба муқобили Асад меравад, гуфта... боз даҳонакӣ ҳам овоза паҳн мекунем. То ки ба ҳамон гирду атроф рафтани ман ба Асад ва одамони ӯ маълум шавад. Пас, ман боварӣ дорам, ки Ойиша ором наменистад, албатта ба ман хабаре мерасонад. Ман ҳам дар паи ҷустуҷӯи вай мешавам. Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки мо ба мақсад мерасем.

— Майлаш, гуфтаи ту шавад! — гуфт Турсун Хоҷаев.— Худи пагоҳ ба назди ман биё, боз ҳамаи майдачуйдаҳои корро мулоҳиза карда мебароем... Ман ба рафиқ Файзулло Хоҷаев мегӯям, он кас ҷун сардори ҳукумати Бухоро ва нозири ҳарбия туро қабул карда, нақшаатро дида мебароянд.

— Чӣ гуфтӣ, Карим? — шӯхиомез пурсид Юреньев.

— Ман хурсанд ва мамнун! — гуфт Карим.— Агар ёрӣ ва рухсат шавад, ҳарчи ки аз дастам меояд, дарег намедорам!

— Офарин! — гуфт Ҳайдарқул.— Дар ин ҷо нағз тайёрӣ дида ба сафар барой, ба мақсад мерасӣ! Ман ҳам ҳар чӣ аз дастам ояд, ба ту ёрӣ мерасонам. Агар имкон шавад, ҳамроҳат ба Бойсун меравам.

— О, ин кори хуб мешуд! — гуфт Юреньев.— Кошки шумо ҳам ҳамроҳ рафта, роҳбарӣ мекардед.

— Мебинем,— гуфт Турсун Хоҷаев,— агар имкон шавад, агар ягон кори муҳимтари дигар набарояд, майлаш, рафиқ Ҳайдарқулро ҳам бо ту мефиристонем. Ҳарчанд ки ба синну соли ин кас ин хел сафарҳо мувофиқ намеояд, лекин мо ба дили ҷавонашон боварӣ дорем!

— Бешубҳа! — гуфта монд Ҳайдарқул.

— Набошад, ба ман рухсат? — пурсид Карим.

— Рафта метавонӣ,— гуфт Юреньев,— лекин пагоҳ аввали рӯз ба назди рафиқ Хоҷаев ҳозир шав, ки ин кас дигар корҳо ҳам доранд.

Карим аз хона баромад. Меҳмонҳо боз як ним соати дигар дар назди Юреньев нишаста баъзе як масъалаҳои муҳимми давлатиро муҳокима карданд ва баъд онҳо ҳам аз ҷо бархостанд.

Дар дами дарвозахонаи сафоратхона фойтуни калон бо ду аспи сиёҳи «амрикоӣ» ва ҳамон фойтунчии кулӯтариш истода буд. Турсун Хоҷаев ва Ҳайдарқул ба ҷои худ нишастанд. Фойтун ба ҳаракат омад.

— Юреньев яке аз дипломатҳои зӯр ва машҳури Ру-

сия аст,— гуфт Турсун Хоҷаев.— Маълум ки Ленин ба вай боварии калон дорад.

— Наход ки Бухорои мо ҳамин қадар ба дипломатҳои зӯр эҳтиёҷ дорад? — пурсид Ҳайдарқул.

— Агар дурусттар диққат кунед, Бухоро ва Хева дар миқёси сиёсати дунё аҳамияти калон доранд. Англисҳо ва дигар давлатҳои Ғарбу Шарқ, ки ба давлати Шӯроии Русия дандон тез кардаанд, аз аксулҳаракат ва аксулинқилобиюни Бухоро ва Хева истифода мебаранд. Ба воситаи Эрон, Афғонистон ва қисман Туркия сарзамини Бухороро майдони тохту този мақсадҳои хунини худ карданӣ ҳастанд. Бинобар он, Русия беҳтарин одамон ва сиёсатмадорони худро ба ин ҷо мефиристад. Як андак хатои мо боиси бадбахтиҳои бисёр шуданаш мумкин.

— Дуруст аст,— гуфта монд Ҳайдарқул.

— Ҳа, Шодӣ?— гуфт Турсун Хоҷаев ба фойтунчӣ муроҷиат карда,— боз чаро аз роҳи калон гаштӣ? Ҳанӯз роҳ дуруст нашудааст?

— Дар ҳамин байн роҳи сангфарш вайрон шудагӣ, надонам кай дуруст мекунанд,— гуфт вай.— Зарар надорад, чарх зада меравем.

Турсун Хоҷаев дигар гап назад. Фойтун аз қарибии биноӣ вокзали Бухоро гузашта, боз ба ҳамон роҳи пурчанг даромад ва аз байни дӯконҳо ва устохонаи аробасозӣ, ки гӯё баста шуда буд, раҳсипор гашт. Дар ҳамин дам аз тирезаи нимкушоди болохонаи устохонаи аробасозӣ ду тир ба сӯи фойтун парронда шуд. Азбаски Ҳайдарқул дар ҳамон сӯ нишаста буд, зуд худро ба тани Турсун Хоҷаев сипар кард. Аз садои милтиқ аспҳои маст ба шӯр омада тохтанд ва тири сеюм омада ба паҳлуи Ҳайдарқул зад ва ӯ фақат «ӯҳ» гуфту ҷои тиррасидаро маҳкам дошт ва ба даруни фойтун афтод.

То ба ин дам фойтун ба даруни дарвозаи шаҳр даромада буд, дарвозабонҳо, аскарҳо овози тирро шунида, давида бароманданд. Фойтунчӣ мехост бо тамоми қувваташ лаҷоми аспҳоро кашида, боз дорад, лекин зӯраш намерасид. Аспҳои зӯр фойтунро то ба қарибии идора гирифта тохтанд ва хайрият ки аз рӯ ба рӯ аробае, фойтуне набаромад ва фақат дар ҳамгашти кӯча ки аспҳо ба ҳамон тараф майл карданд, фойтунчӣ дошт.

Дар ин муддат Турсун Хоҷаев Ҳайдарқулро бардошта ба ҷояш шинонд ва ба ранги кандаи ӯ нигоҳ кард.

— Ҳайдаркул амак! — мегуфт вай.— Шумо чӣ кор кардед?! Ба кучоятон тир расид? Эй вох, хун!

Ҳайдаркул чашм кушоду гӯё табассум кард:

— Хайрият шумо саломат мондед... Ман... Ҳеч гап не, андак... андак...

Дар ин дам чашми Турсун Хочаев ба фойтунчӣ — Шодӣ афтод, ки аспҳоро дошта, бо ранги парида ва тарсу ларз ба сӯи ӯ нигоҳ мекард.

— Чӣ истодӣ?! Ҳай кун, ба тан дарвозаи идора!

Фойтунчӣ пиёда-пиёда фойтунро ҳай карда ба тан дарвозаи идораи Кумитаи Марказӣ гирифта бурд. Охири рӯз буд, хизматчиёни идора корашонро тамом карда мебаромаданд...

## IX

Ҳабибуллин ҳамеша кавокаш овезон, ҳамеша асабӣ менамуд. Дар идора хеч кас ягон бор табассум карданн ӯро надида буд. Мегуфтанд, ки вай гӯё аз пушти котиби собики Кумитаи Марказӣ — Начиб Хусайнов калонигарӣ мекардааст ва бо тавсияи ӯ ба кори чека омадааст.

— Имрӯз дар идора кори худро карда, зуд баромада рафта буд. Вакте ки раис ӯро суроғ кард, ба зудӣ ӯро наёфтанд. Ниҳоят бегоҳӣ худаш даромада омаду комендант гуфт, ки раис ба вай мунтазир аст. Ҳабибуллин дарҳол фаҳмид, ки гап дар кучост. Вале азбаски дар ин боб пештар фикрхое карда монда буд, боварии катъӣ дошт, ки ба домани вай гард партофта наметавонанд, бинобар он бо кадамҳои катъӣ ба кабулгоҳи раис рафта даромад. Даромадан ҳамон ду нафар аз ду тараф ба сӯи вай таппончаҳоро рост карданд ва Асо, ки дар рӯ ба рӯи ӯ меистод, гуфт.

— Дастонатонро боло кунед, Ҳабибуллин!

— Худаш чӣ гап?! — бо каҳру ғазаб дӯғ зад вай.

— Ҳеч гап не, ин вактҳо ба назди раис даромадан ба ҳамин тарика мешавад. Канӣ зудтар! Таппончаашро гиред, дуруст санчед, ки дигар яроке надошта бошад! Акнун шумо озод, марҳамат, ба назди раис!

— Безобразие! — гуфт Ҳабибуллин ва ба тарафи кабинет равон шуда аз хаёлаш гузаронид: «Дигар ҳеч шубҳа намонд, ки сир фош шудагӣ. Маълум, ки Ба-

қочон намурдааст ва саҳар ба назди ӯ даромадани Ҳабибуллинро Асо ва раис донистаанд. Аммо Асо ба чӣ ҳаққу ҳуқуқ Бақочонро монда рафтааст? Агар мақсаде намедошт, чаро корро тамом накарда, ҳамин тавр бандии муҳимро танҳо монд? Чаро, ки худи Асо ба Насимчон қасд дорад. Бале, худи Асоро муттаҳам кардан лозим!»

Дар кабинети раис, дар сари столи махсус котибе қоғазу қаламро тайёр карда нишаста буд. Ҳабибуллин донист, ки ин сӯҳбати муқаррарӣ набуда, истинтоқ аст. Рангаш сахл канд ва дасту пояш ларзиданд. Вале дарҳол худро ба даст гирифту ба рӯи раис бо қаҳр нигоҳ кард:

— Рафиқ Аминов, ин чи беадолатӣ?! Ман ба Қумитаи Марказии РКП(б) шикоят мекунам, ба Тошканд арз мекунам! Ман коммунист, ман чекист!

— Бас, бас! — гуфт Аминов ҳам бо қаҳр.— Кӣ буданатонро медонем! Ҳу, аз он чо шинед! Ба шумо тартиби кори мо маълум. Бинобар он, гапро кашол надода, аз худи кор сар мекунем. Саҳар барои чӣ ба назди Бақочони бандӣ даромадед?

— Ман навбатдор будам, ман ҳақ надоштам, ки аз бандии хавфнок хабар нагирам ва ин вазифаи ман буд.

— Инро ба шумо ягон кас супурд? Асо илтимос кард?

— Не, ман худам...

— Бо чӣ мақсад ба Бақочон заҳр додед? Бо супориши кӣ?

— Чаро ман заҳр дода бошам? Чаро худи Асо боиси ин кор нашуда бошад? Чаро бандии хавфнокро гузошта корашро тамом накарда баромада рафт?!

— Гапҳои бемаънию бемантиқро монда истед! Медонед, ки бедараку бесабаб мо Ҳабибуллин барин хизматчии даркориро ба курсии айбдорӣ намешинонем. Мо медонем, ки аз кадом аттор заҳр харидед, чанд мисқол, дар кадом қоғаз! Шумо содда будед, магар заҳри аттор коргар мешавад? Вай шуморо фиреб додааст.

— Ман ҳеч як атторро намедонам.

— Мо медонем, ки шумо ба киҳо хизмат мекунед!

— Ман ба халқ хизмат мекунам!

— Дурӯғ мегӯй, бехаё! — гуфт дар ғазаб шуда Аминов.— Ба Низомиддин афандӣ кушта шудани Бақочон чӣ лозим буд?

— Ман чӣ донам?! Ман...

— Ба ту маслиҳат ҳамин, ки мардона иқрор шав, бо ҳамин гуноҳатро сабуктар мекунӣ! Гурӯҳи аксулинқилобии шумо, ба мо кашф шуд, дигар пинҳон карда наметавонед!

Ҳабибуллин гап назад ва сар фуруд овард. Шунида шудани номи Низомиддин ҳуши ӯро бурда буд. Маълум, ки инҳо чизҳои бисьёреро медонанд, набошад нозири дохилия — Низомиддинро ном намебурд. Аммо худи Низомиддин дар куҷо бошад? Наход ки ӯро ҳам ҳабс карда бошанд?!

Ногоҳ телефон занг зад, Аминов гӯшаки онро бардошт.

— Чӣ, чӣ? — гуфт вай бо овози баланд,— дар куҷо? Ҳайдарқул?... Ман ҳозир меравам!

Вай занг зад, аз берун котиб даромад.

— Асоро чеғ занед ва маҳбусро баред!

— Ман маҳбус? — пурсид Ҳабибуллин.

— Бале,— гуфт Аминов.— Мувофиқи қонуни инқилобӣ ба ҳабс гирифта мешавӣ ва бо ҳамаи дастаи аксулинқилобӣ ба трибунал дода мешавӣ!

— Ин ноҳаққорӣ, ин...

— Бас аст! — фарьёд кард Аминов.—Афсӯс ки пештар надониста будам, дар остини худ мор мепарваридаам! Разилон!

Аз берун Асо ва котиб даромаданд. Асо ба Ҳабибуллин ишора кард, ки берун бароад. Вай мутеона аз ҷо бархоста берун рафт, аз паси ӯ котиб баромад.

— Ба Турсун Хоҷаев, сӯиқасд шудааст! — гуфт Аминов ба Асо нигоҳ карда.— Ман гумон мекунам, ки ҳамаи ин ҳодисаҳо як марказ дорад. Ҳозир рафтан лозим.

— Дар куҷо? Чӣ хел? — бо ҳайрат пурсид Асо.

— Дар пеши дарвозаи Қавола, аз болохонаи устохонаи аробасозӣ се тир холӣ шудааст, як тир ба паҳлуи Ҳайдарқул расидааст.

— Эй вой,— гуфт Асо гӯё тир ба тани ӯ расида бошад.— Пас, аҳволи Ҳайдарқул чӣ бошад?

— Намедонам. Ӯро ба касалхона бурдаанд. Қанӣ рафтем.

— Дар бораи Низомиддин чӣ мегӯед?

— Баъд, баъд! — гуфт Аминов ва [illegible]сӯи дар равоч шуд.

— Дер нашавад гуфта метарсам,— гуфт Асо.— Низомиддин бояд ба мо чизи бисьёреро гӯяд.

— Гашта омада фикр мекунем, аз Кумитаи Марказӣ ва Шӯрои нозирон рухсат гирифтан лозим. Мо ҳанӯз асоси мустаҳкам надорем.

Асо гап назад. Ҳарду аз хона баромаданд.

## X

Пас аз баровардани мурдаи Ойими Шоҳ Фирӯза соате дар азохона нишасту ҳамроҳи Оймуллои Танбӯр, ки аз зӯри гирья беҳол шуда буд, ба клуб гузашт. Ҳаво гарм шуда буд, дар либоси азоӣ ва сару-сарбанд ҳар ду ҳам ба арақ ҷӯлида буданд. Лекин кабинети Фирӯза, ки хонаи рӯ ба боло ва барҳаво буд, салқин ва оромбахш буд. Ҳарду ҳам сарбандҳоро аз сару гардан гирифта, ба як сӯ гузоштанд ва ҳар ду ҳам бемадорона худро ба рӯи диван партофтанд.

Соати калони деворӣ чиқ-чиқ мезад, аз рӯи ҳавлӣ овози қуқуи мусичагон шунида мешуд. Дар ҳавлиҳои клуб чун ҳаррӯза набзи ҳаёт дар ҳаракат буд. Духтарҳо дарси охиринро хонда шуда, дар зери айвони баланди ҳавлии дарун дойра зада, рақс мекарданд, суруд мехонданд.... Онҳо аз мурдаи Ойими Шоҳ хабар надоранд, агар хабардор шуда бошанд ҳам, на ҳамаашон афсӯс хӯрданд ва на ҳамаашон ӯро мешинохтанд. Ҳоло аз наздиктарин касони вай модари бемораш, Анбар хола, Оймуллои Танбӯр ва Фирӯза монда буданд, ки дар мотамаш сӯгворӣ мекарданд, месӯхтанд, менолиданд ва аз дидагонашон ашк мерехтанд...

Фирӯза дар намуд ором, вазнин ва гӯё осуда буд. Зиндагонии сахту ҳаёти пурмашаққати гузашта ва тарбияи модаркалонаш — Диломканиз ӯро ҳамин гавр бурдбор, баандеша ва дидагонашро ба кулфат ошно карда буданд. Вале дили ӯ ҳоло хун, рӯҳаш пажмурда ва маҳзун буд. Дар пеши назараш қомати мавзун ва фарас, чашмони сиёҳи ҷозибадор ва лабу даҳони базеби Ойими Шоҳ ҷилва мекарданд, гоҳ наздик мешуданд, гоҳ дур мегаштанд. Гоҳ дар гӯшонаш садои ҷарангосии ӯ шунида мешуд, гоҳ вай қаҳ-қаҳ механдид, гоҳ бо дарду алам мегирист... Бале, Ойими Шоҳи сарсахт менолид,

ба вай бо таваллою зорӣ арзи матлаб мекард, аз ишқи худ, аз муҳаббати худ қиссаҳо мегуфт: ман гуноҳ надорам, ман бадбахт, ман шӯрбахт, ман рӯзнадида — ба рӯзрасида будам мегуфт: ба ғайр аз ҳамин кор дигар чорае надоштам: ман қурбони Насимҷон шудам, ман фидои ишқи пок шудам, ман ба мақсад расидам, мегуфт....

— Аҷаб! — гуфт ба хомӯшӣ халал дода Оймулло — ин дунъёи бевафо чӣ нағмаҳое дорад! Барои чӣ Оймии Шоҳ ба кӯча баромад, барои чӣ маҳз Оймии Шоҳ ҳадафи тири золим гашт?! Ман намефаҳмам! Оймии Шоҳ гул буд, гули хушбӯе, ки зеби дастори беҳтарин марди даврони мо бошад! Аммо ин гул дар баҳори умри худ хазон шуд...

Оймулло каме хомӯш монду баъд бо садои гирьяолуд ин шеърро аз Анварӣ хонд:

Бар ҳар баҳор гул аз зери гул барорад сар,
Гуле бирафт, ки н-ояд ба сад баҳори дигар.
Гуле бирафт, ки имрӯз то ба домани ҳашр,
Гулоби ӯст, ки зорӣ бувад ба дидаи тар.
Гуле бирафт, ки бо он ки ғунча буд ҳанӯз,
Ду ғунча дошт ба ҳар як ҳазор тунги шакар...

Хонда шудани ин шеър, ки бо садои пур аз ҳасрат, пур аз алам ва пур аз дард буд, ба чашмони сиёҳи Фирӯза ашки сӯзонро пур кард. Вай оҳи аламноке кашиду оби чашмашро пок карда гуфт:

— Ҳамроҳхон, ки як умр дар бадбахтиҳо Насимҷонро орзу мекард, ба васли ӯ расида, бовар намекард, хушбахтии худро дида наметавонист ва ҳамеша вирди забонаш ҳамин буд:

Ҳастии ҳайрат маро маҳрум кард аз завқи васл,
Ёр дар оғӯшу ман муштоқи пайғомам ҳанӯз!

— Вай ҳақиқатан ошиқ буд, вай маликаи ғолдори диёри ишқ буд! — гуфт Оймулло ба як нуқта нигоҳ карда истода.— Вай мисли Шамсияи ноком дар мактаби ишқ тарбия ёфта, чун шеър латиф, чун илҳом рӯҳбахш ва чун зарҳали китоби ошиқона нозук ва аз олоиш пок буд.

— Бале, рост мегӯед, Оймуллоҷон! Вай зане буд, ки ба шоирон илҳом, ба ҳофизон оҳанг, ба ошиқон шӯри ишқ бахшида метавонист. Вай зане буд саркаш, озоди-

хоҳ ва боифтихор. Ба хеҷ кас мутеъ намешуд, магар ба ҳукми дилаш, ба хеҷ ҳокиме сар намефаровард, магар ба подшоҳи ишқ! чун ғунча аз нури офтоби инқилоб шукуфон гашт, чун лаъл аз шӯълаи инқилоб дурахшид... Аввалин зане буд, ки мардонавор ба роҳи ҳуррият қадам гузошт ва бебокона фаранҷию чашмбанди сиёҳро зери по кард. Афсӯс, сад афсӯс, ки вай дар ин роҳи озодӣ дуртар нарафт, қурбон шуд!

Оймуллои Танбӯр ин суханони шогирди худро гӯш карда истоду баъд, гӯё сухани аз миён кандашудаи худро давом дод:

— Ин дидагони ман чаро аз рехтани ашки бегарон хушк нашуданд! Ин сари қоқи ман чӣ тавр ба ин зарбаҳои пай дар паи гардун тоб овард? Чи тавр, ман марги Шамсияро дидам, марги Ҳамроҳҳонро дидам, намурдам, маҳв нашудам? Оҳ, чӣ ҷонсахту чӣ азобрӯзию чӣ кулфатӣ будааст, ин Оймуллои ту! Ин пири бадмур!

Ҳарчанд ки марги ногаҳонии Ойими Шоҳ ба Фирӯза ҳам таҳаммулфарсо ва мушкил буд, лекин ба ҳоли Оймулло нигоҳ карда ғамаш афзунтар мешуд. Оймуллои Танбӯр, ки як зани ҳассос, нозуктабъ ва шоирмизоҷ аст, ин рӯзҳо дар синни пирӣ боз ҳам нозуктар, боз ҳам нармдилтар ва ҳассостар шуда буд. Бинобар он Фирӯза хост, ки ба устодаш, ба мураббияаш, беодобӣ ҳам шавад, каме тасаллӣ бахшад:

— Ин тавр нагӯед, Оймуллоҷон! — гуфт вай.— Илоҳӣ ба сари мо ҷавонҳо шумо сиҳат ва саломат бошед, бо панду насиҳати худ мо гӯлонро аз роҳи бад баргардонед, ба дили мо меҳри зиндагӣ ва умедро ҷо кунед! Шамсиябону қурбони ҷаҳолат ва истибдод шуд, замони ӯ чунон буд, ки чунин шуд. Дар он замон худатон медонед, ки Шамсияҳо кам набуданд... Аммо Ойими Шоҳ қурбони озодӣ, қурбони зиндагӣ ва ҳаёти нав шуд. Чӣ тавре ки мегӯед, қурбони ишқи пок шуд. Инро дидан барои ману шумо дар ҳақиқат сахт ва ҷонгудоз бошад ҳам, ҷуз сабр чора чист?

— Бале, сабр мекунем! — гуфта монд бо нимсадо Оймулло ва оби чашмашро пок кард.

— Лекин, замони мо — замони мукофот ва муҷозот аст! — гуфт Фирӯза сар бардошта.— Агар некӣ кунӣ — некӣ биситон! Агар бадӣ кунӣ — бадӣ! Ман боварӣ дорам, ки кушандагони Ойими Шоҳ ''''ои сазоворашонро хоҳанд кашид...

— Мегӯянд, ки Бақоҷон ном мардаки саройбон ин корро кардааст.
— Ҳа. Бақоҷон...
— Ба даст афтодааст?
— Ҳа, ба даст афтодааст,— гуфт хаёл карда истода Фирӯза. Лекин...
— Чӣ?
— Лекин,— гуфт Фирӯза хаёлашро ҷамъ карда.— Бақоҷон танҳо нест, Бақоҷонро ба ин роҳ андохтагиҳо бояд бошанд. Ман аз ин кор андак хабар дорам. Якчанд рӯз пеш аз ин Бақоҷон ба назди ман омада буд...
Фирӯза воқеаи омадан ва ба клуб бӯҳтон кардани Бақоҷонро нақл карда доду илова намуд:
— Ҳалима — духтари Бақоҷон бояд қотили асосиро донад. Зеро ки падари ӯро ба роҳи ғалат ва даҳшат равона кардагӣ ҳамон касе аст, ки Ҳалимаро ҳомила кардааст...
— Идораҳои тафтиш пурсуков карда, ёфта мегиранд,— гуфт Оймулло.— Қотил ва қотилон ҷазо ҳам мебинанд, лекин аз ин ба марҳума фоидае нест. Ҷони ҷавони вай аз даст рафт!
Ин суханони Оймуллоро Фирӯза қариб намешунид. Боз ба пеши назари вай симои ҷавонона хандон ва шукуфони Ойими Шоҳ омада истода буд ва ӯ аз Фирӯза мехост, ки аз кушандагонаш қасос гирад, намонад, ки дасту панҷаи хунини онҳо боз ба гардани як бегуноҳи дигар часпанд.
— Не,— гуфт вай қаҳру ғазаби худро фурӯ нишонда,— не! Ман қасос мегирам! Ман худи ҳозир ба ҳавлии Бақоҷон меравам, аз он Ҳалимаи беномусу беанг, аз он Ҳалимаи разила, ки барои ҳифзи ҷони айғири худ дасти хунини падарашро ба сӯи бегуноҳон равона кард, гап мепурсам. Вай бояд ба ман ҷавоб диҳад, ба ман!
— Ту девона шудӣ! — гуфт Оймулло бо даҳшат.— Ман туро ба ҳеҷ ҷо рафтан намемонам. Тафтиш кардани ин кор вазифаи ту не. Батар корро расво карданат мумкин.
— Не, расво намекунам! — гуфт тараддуди рафтанро карда аз ҷо бархост Фирӯза.— Ман раги сахтаи ин хел зотҳоро медонам. Чунон гап пурсам, ки худаш надониста монад, ҳамаи асрорашро гуфта медиҳад. Шумо парво накунед!

— Не, не! — Оймулло ҳам аз ҷо давида бархост.— Ман туро ба ҳеҷ ҷо рафтан намемонам, ин кори ту не! Баъд имрӯзҳо ба ҳавлии Бақоҷон рафтан умуман хуб не, худи вай дар ҳабс, кораш дар тафтиш... Ақлатро ба ҷо биёр Фирӯза, девонагӣ накун!

Аммо Фирӯза якраҳа буд. Вақте ки ба як қарор омад ӯро аз роҳаш баргардонидан мушкил мешуд. Хусусан ки дар ин тавр мавридҳо, дар мавридҳое, ки вай оташин шавад ва бо ғазаб як кор карданӣ шавад. Сарбандашро аз китфи стул гирифт, рӯи столашро аз назар гузаронида ба тарафи дар равон шуда, гуфт:

— Оймуллоҷон, аз ман хотирҷамъ бошед, бо занҳо кашмакаш кардан аз дастам меояд. Ин масъаларо партофта мондан нашояд. Ман аз Ҳалима гап мепурсаму зуд ба ҳавлӣ меравам. Шумо ҳозир ба ҳавлӣ баргардед, ки Гулбаҳоратон аз хонаи доя омадагист.

— Ба ту мегӯям, ки нарав! — гуфт боз таъкид карда Оймулло.— Дилам гувоҳӣ надода истодааст... Тафтиш кардан кори ту не, барои ин кор идораҳои махсус ва одамҳои таҷрибаноки хондагӣ ҳастанд. Нарав, фикру ақидаи худатро ба ҳамонҳо гуфта, навишта те!

— Хуб, хуб — гуфту Фирӯза зуд қадам гузошта аз хона баромад ва дар як чашм задан фаранҷию чашмбандашро гирифта ба сӯи кӯча равон шуд.

— Э, худое, ин чӣ рӯз буд! — гуфт худ ба худ Оймулло ва рост истода фикр кард, ки чӣ кор кунад, ба кӣ муроҷиат намояд... Нохост ба ёдаш Асо расид. Асоро ёфтан, ба вай ҳамаи гапро гуфта додан лозим! Лекин аз куҷо?

Оймулло ба телефон наздик шуду аммо даст дароз накард. То ба имрӯз ягон бор ба касе телефон накарда буд. Баъд намедонист, ки Асоро бо телефон чӣ хел ҷеғ мезанад, аз куҷо мепурсад... Фикр карда истода нохост чизе ба хотираш расиду зуд сарбандашро ба даст гирифта аз хона баромад...

Фирӯза пас аз ба кӯча баромадан донист, ки ҳавлии Бақоҷонро намедонад. Вай ба хотираш овард, ки Бақоҷон ҳавлии худро дар ҳамсоягии ҳавлии Низомиддин гуфта буд, аммо дар кадом гузар буданашро фаромӯш карда буд. Инчунин вай намедонист, ки Низомиддин дар кадом гузар зиндагӣ мекунад. Аммо нағз медонист, ки Бақоҷон дар саройчаи рӯ ба рӯи Масҷиди Атолиқ, дар болои роҳи калон саройбонӣ мекард. Бинобар он, аввал

рост ба ҳамон ҷо рафт. Аз фикр гузаронид, ки шояд дар он ҷо касе бошад ва он кас дараки ҳавлии Бақоҷонро медодагист. Дар сарой ҷавонаке ба рӯи кат, ба ҷои Бақоҷон нишаста буд.

— Ҳавлии Бақоҷон дар гузари Чорхарос,— гуфт ҷавон.— Ана ҳамин роҳ кати лаби ҳавзи Девонбегиба нигоҳ карда рафтан гиред. Рӯ ба рӯи масҷиди Говкушонба ки расидед, ба дасти рост гардед, дар ҳамон кӯча аз ягон кас ҳавлии Бақоҷони мӯзадӯз канӣ гуфта пурсед, нишон медиҳанд.

— Шумо ба он кас кӣ мешавед? — пурсид Фирӯза нохост.

— Ман? Ман домодшавандаашон мешавам. Бақоҷон барои тараддуди тӯи мо ба тумани Ғиҷдувон рафтанд, ман ба ҷояшон дари сарояшон кушода шиштем...

— Ҳа, дуруст! — гуфт Фирӯза.— Илоҳӣ ба тӯю тамошо расед!

Пас аз ин бо роҳи нишондодаи домодшаванда ба роҳ даромада Фирӯза фикр мекард, ки оё ба ин бачаи гӯл ҳабс шудани Бақоҷонро хабар надода бошанд! Ё ки худаш сир нигоҳ доштанӣ шуда, ғиҷдувонравии падарарӯсашро бофта баровард? Ба ҳар ҳол ин бечора умедвор, ки духтари бокираи Бақоҷон насиби ӯ мешавад, вале намедонад, ки дар паси парда чӣ ҳодисаҳо шуда гузашт!

Надонистан ва бехабарӣ аз ҳамин ҷиҳат хуб аст, ки кас осуда ва бепарво мегардад. Кас намедонад, ки кай мемурад ва чанд сол ё ки чанд рӯзи дигар умр ба сар мебарад. Агар одам инро медонист, дунё ба назараш тор мешуд. Хайрият кас мурдани худро намедонад. Ана ҳамин барин аз дигар ҳодисаҳо ҳам бехабар будан, нодон омада, нодон рафтан бад намешуд, ғам кам мешуд... Аммо, не! Агар аз фитнаю фасоди замона бохабар шуда наистӣ, замона туро нобуд мекунад; замона ба сари ту чунон рӯзҳоеро меорад, ки ҳар дақиқа мурданашро орзу мекунӣ! Ҳамаи бадбахтиҳои мо аз нодонӣ ва аз бехабарист. Мурдани худро надонистан мумкин, вале зистани худро донистан шарт аст. Зиндагиро донистан — дониста огоҳ аз ҳаводиси олам умр ба сар бурдан аст, мисли инсон, зиндагӣ кардан аст. Гӯсфанд намедонад, ки қассоб барои чарбуи ширини ӯ ҷон канда ему хошокашро таҳия мекунад, вай мехӯрад, фарбеҳ мешавад ва ниҳоят аз дасти қассоб кушта мешавад

Майлаш, сахт бошад ҳам, кас ҳақиқатро дониста истад...

Фирӯза ба гузари Говкушон расида омад, ба паскӯчаи рӯ ба рӯи масчиди Говкушон гашт ва хост дар он чо истода аз касе дараки ҳавлии Бақочонро пурсад. Иттифоқан ба рӯ ба рӯяш зани қадбаланди фаранчинокеро диду овозашро андак тағйир дода аз вай ҳавлии Бақочонро пурсид.

— Бедарак зӯр зада овозатонро дупӯста накунед, ойим! — гуфт ба чавоб он занак.— Ман ба шумо ҳавлии Бақочони саройбонро нишон медиҳам!

— Хола Анбар? — гуфт ҳайрон шуда Фирӯза.— Шумо дар ин чо чи тавр ҳозир шудед?

— Дар ҳар чо лозим шавам, дар як чашм задан ҳозир мешавам! — гуфт хола Анбар чашмбандашро андак бардошта ва бо Фирӯза вохӯрдӣ карда.— Наход ки ба ҳамин хел чоҳои наҳсу пурхавфу хатар танҳо биёед? Худо хайри оймуллоро диҳад, ки хабар доданд, ман роҳро миёнбур карда давида омадам, ки ҳанӯз омада нарасида будед... Ба авлиёҳо назр додан лозим мешавад...

— Барои чӣ ин тавр мегӯед? Ман духтарча не ки...

— Кошки духтарча мешудед, ба гапи аз худ калон гӯш медодед! — гуфт хола Анбар нимҳазлу нимчиддӣ.— Биёед, даҳшатро бо чашми худатон бинед! Лекин шарт ҳамин ки овоз намебароред, пешхезӣ намекунед, рӯятонро ба касе нишон намедиҳед! Фақат ба имою ишораи ман итоат карда қадам мемонед!

Фирӯза аз паси хола Анбар ба даруни паскӯча равон гашт. Пас аз бист қадам ба дарвозае расиданд, ки аз даруни он овози доду фарьёди зане баланд буд. Ба он ҳавлӣ бачаҳои кӯча ва як-ду мард низ саросема дохил мешуданд. Хола Анбар ба он ҳавлӣ даромад. Фирӯза ҳам аз дарвозаи ҳавлӣ ба дарун даромада дид, ки дарҳои ягона хонаи калони он ҳавлӣ кушода, дар назди дари даромад ду-се нафар хурду калон рост истода ба хона нигоҳ мекунанд ва овози фарьёди занак аз даруни хона баланд буд, ки мегуфт:

— Э вой, э дод! Хонем сӯхт! Ягона духтарам, ягона касам, пушту паноҳам аз даст рафт, худаша худаш кушт...

Фирӯза давида рафта аз дари миёна, ки дар он чо ба ғайр аз як-ду бача касе набуд, ба хона нигоҳ кард. Дар миёни хона, рӯ ба замин, дастонашро ба ду тараф

дароз карда духтаре мехобид. Занаки гандумгуни ҷуссахурде дар сари вай нишаста доду фарьёд мекард. Дар поёни хона ду мардак рост меистоданд ва гӯё ба чизе ба касе мунтазир буданд.

— Ба замин Ҳалима мурда хобидааст,— гуфт оҳиста, сарашро ба сари фаранҷиноки Фирӯза наздик оварда хола Анбар.— Он занак модари ӯгаи духтарак — Зӯҳра. Яке аз он мардҳоро ман мешиносам: хизматгори Низомиддини нозир, мулло Қамбари чурт-чуртӣ... Эҳтимол, ба омадани хоҷааш мунтазир...

Дар ҳақиқат, дар ин вақт дар рӯи ҳавлӣ мардум ба ҳаракат омаданд ва аз миёни онҳо Низомиддин, рангаш сафед кандагӣ, саросема омада ба хона даромаду:

— Хӯш,— гуфт,— ин чӣ воқеа?

— Намедонам, намедонам! — боз фарьёд кард занак.— Аз кӯча омадам, ки ана ҳамин ҳол... дар дасташ шишаи заҳр... Мурда мондааст.

— Заҳрро аз куҷо ёфтааст?

— Намедонам.

— Дар хона каси дигар набуд?

— Ҳеҷ кас набуд.

— Дар кӯча будани шуморо касе дид?

— Не, не... Кӣ медид?

— Низомиддин бо кароҳат қадам монда аз ҳар тараф ба ҷасади Ҳалима назар кард. Баъд ба марде, ки бо Қамбар рост меистод, муроҷиат намуд:

— Ёрмуҳаммад афандӣ! Шумо одами босавод ва огоҳ ҳастед, дар ҳол коғазу қалам гиреду акт нависед. Мо чун шоҳид даст мемонем. Ин кор... Ин кор шояд ҷиноят бошад, шояд Ҳалимаро маҷбур карда бошанд, шояд зӯраи ӯро кушта бошанд... Ба ҳар ҳол...

— Кӣ зӯраи мекушт? — гуфт якбора аз ҷо нимхез шуда Зӯҳра.— Ба даҳонатон нигоҳ карда гап занед! Мурдани духтарам бас набуд, ки акнун ба мани сиёҳсари муштипар тӯҳмат мекунед! Аз худо тарсед, нозир афандӣ!

— Ҳеҷ кас нагуфта, аст, ки шумо зӯраи куштед,— гуфт Низомиддин,— лекин вазифаи мо, вазифаи тафтиш ҳамин ки ба ҳама чиз бо шубҳа нигоҳ кунем, то ки ҳақиқат ошкор шавад. Ёрмуҳаммад афандӣ нависед!

Мардаки дуюм, ки Ёрмуҳаммад ном гирифт, ба поёни хона нишаста, аз дасти касе қалам, аз дасти касе коғаз гирифта ба навиштан сар кард. Низомиддин мегуфт:

— Мо — бофандагони гузари Чаҳорҳарос...

Вай қисми расмии акт, таърих, рақам ва номҳоро гуфта шуда, заҳр хӯрда ба рӯи хона афтода мондани Ҳалимаро нависанду баъд илова намуд:

— Ин аҷиб! Ҳалима духтари зиндагидӯст ва солим буд, вай ҳеҷ гоҳ ба худкушӣ иқдом намекард. Дар ин ҷо як асрор бояд пинҳон бошад...

— Чӣ асрор мешуд? — гуфт боз овозашро баланд карда Зӯҳра. Вай акнун гиръя намекард, дар чашмонаш оташи ғазаб дар мегирифт: — Чӣ асрор мешуд, нозир афандӣ?! — гуфт вай такрор карда ва дар оҳанги истеҳзо ба суханаш давом дод: — Шумо, нозир афандӣ, ҳамсояи мо, аз ҳамаи асрори хонадони мо хабардор ҳастед, бояд шумо ин суханро ба забон нагиред! Сирру асрор!

— Хомӯш!— гуфт таҳдидомез Низомиддин.— Дар ин ҷо Ҳалима мурда хобидааст, падараш бо ҷиноят ҳабс шудааст, мурда болои мурда: ҷиноят болои ҷиноят! Инро мо намемонем, тафтиш мекунем! Шумо, хоним бо доду ғавғо ба кори мо халал нарасонед! Ман ба милиция телефон кардам. Ҳозир онҳо расида меоянд. Мо маҷбур ҳастем, ки шуморо якчанд рӯз...

— Худи шумо,— гуфт Зӯҳра сахт карда.— Худи шумо ҷиноятқор!

— Хомӯш — фарьёд кард Низомиддин ва ба занак наздик шуда бо овози паст чизе гуфт, ки ӯ лаб газид ва пас хомӯш нишаста монд.

Фирӯза чунин ранг гирифтани ҳодисаро ҳеҷ гумон накарда буд. Вай боварӣ дошт, ки аз Ҳалима гап пурсида, манбаи фасодро мeёбаду ба Асо хабар медиҳад, ки корашро дониста кунад. Лекин дар ин ҷо ҳодисае рӯй дод, ки кори Асоро боз ҳам вазнинтар гардонид. Чаро Зӯҳра бо Низомиддин ин тавр гуфтугӯ мекунад? Чаро худи ӯро ҷиноятқор гуфт? Дар ҳақиқат ҳам ҷиноятқори калон Низомиддин набошад?! Инро ба Асо фаҳмондан лозим! Чаро ба Ҳалима заҳр додаанд? Барои пӯшидани ҷиноят?! Заҳрро кӣ медиҳад? Чӣ тавр медиҳад? Наход ки худаш, худи Ҳалима тарадуд карда заҳр пайдо карда ва дар набудани модараш хӯрда бошад? Ё ки кушта шудани Ҳамроҳхон ва ярадор гашта ҳабс шудани падаршро шунида ғусса хӯрданаш мумкин... Ба ҳамаи ин корҳо боис шудани худашро дарк карда, аз ин тавр зин-

дагӣ мурдаиро беҳтар донистанаш мумкин... Агар ҳамин роҳро интихоб мекард...

— Дидед, ойим? — гуфт ба вай наздик шуда хола Анбар.— Ин ҳавлию ин хонадон ба наҳс чӯлидагӣ... Агар ҳай-ҳай нагӯяд, ин занаки шаллоқӣ Нозир афандиро ҳам ҷинояткор карда мемонад... Нотарсии ӯро тамошо кунед!

— Кӣ медонад,— гуфт Фирӯза.— Низомиддин афандӣ ҳамсояи ин занак ва ӯ ҳамеша дар ҳавлии нозир мешудааст, ҳамтабақу ҳамкоса ки шуданд, ҳамкор шуданашон мумкин...

— Хайрият ки аз ман пештар омада ба наҳсияти ин хонадон олуда нашудед.

— Рост мегӯед,— гуфт ин дафъа аз нияти беҷои худ пушаймон шуда Фирӯза,— хайрият шуд...

Акт ҳанӯз ба охир нарасида, аз берун марди қадбаланде ба хона даромаду сулфида монд. Низомиддин сар бардошта нигоҳ карду якбора рангаш тағьир ёфт ва бо овози паст, ғурунгӣ карда монд:

— Хӯш, чӣ гап?

— Ба шумо кори муҳимми давлатӣ!—гуфт он мард ва ба сӯи берун имо кард.

— Бисьёр хуб,— гуфт Низомиддин ва ба Ёрмуҳаммад муроҷиат намуд: — Актро навишта ба милиция месупоред, баъд ман худам...

Ва берун баромада аз дарича ба ҳавлии худаш гузашт...

— Биёед, мо ҳам меравем,— гуфт Фирӯза,— зудтар ба хона рафтан лозим.

Онҳо номаълумак аз ҳавлии, ба қавли хола «ба наҳсият чӯлидагӣ» берун баромаданд.

— Хайрият ки омадани шуморо ҳеҷ кас надиду надонист! — гуфт Анбар хола дар кӯча.— Охир, шумо одами маълум, ба ҳама шинос...

— Ҳайрият, хайрият! — гуфта монд Фирӯза ва ба хаёлҳои худ банд шуда ба сӯи ҳавлиаш равон гашт.

— Хӯш? — гуфт дар хона ба сӯи Рӯзибой нигоҳ карда Низомиддин.— Боз чӣ гап шуд?

— Ҳабибуллин ҳабс шудааст! — гуфт Рӯзибой.— Бақоҷон сиҳат шуда истодааст. Бинобар он, худи ҳамин

шаб, балки худи ҳозир аз шаҳр баромада рафтани шумо шарт будааст.

— Ман? Чӣ тавр? Ба куҷо? Бо чӣ? Бо кӣ? — Якбора саросема шуда монд Низомиддин.

— Қоғази командировкаатон хаст. Бо худатон бисьёртар пул мегиред, яроқ мегиред, аз дарвозаи Мазор ё ки ягон дарвозаи дигар бо фойтуни кироя, ба чашм айнак монда мебароед. Дар соати даҳи шаб аз Когон ба тарафи Қаршӣ поезд меравад. Пеш аз ба поезд савор шудан ба муовинатон телефон карда мегӯед, ки ногоҳ ба Каркӣ рафтан лозим шуда монд ва азбаски ин супориши махсус ва махфист, ба касе гап назада, корро давом диҳед. Дар Қаршӣ шуморо пешвоз мегиранд ва рост ба Бойсун ва аз он ҷо ба назди Асад Махсум.

— Майлаш, майлаш...— гуфт Низомиддин ва қуттии столашро кушода, таппончаашро гирифт, аз сандуқча пули коғазӣ ва тиллои бисьёрero гирифта ба қапчуқаш андохт. Дастонаш меларзиданд, вай чӣ кор карданашро намедонист.

— Хайр, ман баромада фойтун чеғ мезанам, шумо тайёр шуда бароед. Бехтар ки либоси рӯятонро тағьир диҳед!

— Майлаш, майлаш! — гуфт Низомиддин ва боз қуттиҳои столашро кушода, намедонист ки чиро мековад. Вай, ки аслан одами тарсу ва бесубот буд, аз хабари Рӯзибой якбора дилашро бой дод, ҳаман гар-гар ва калонгариҳояш тамом шуданд ва дар ин дам, дар ин дақиқаҳои пурхарос ва бим симои аслаш — Низомиддини буздил, худпараст ва ноодам равшан аён шуда монд. Вай мисли муш, мисли муше, ки ба чанголи гурба афтода бошад, метапид ва ҷон мекоҳонд. Қариб буд, ки ба Рӯзибой часпад, аз ӯ имдод ҷӯяд ва илтимос кунад, ки ӯро танҳо нагузорад, ӯро то ба Когон мушойиат кунад. Дасту поҳояш меларзиданд, сараш ғуввос мезад ва намедонист, ки кадом чизашро гирад, кадомашро монад. Ба назараш менамуд, ки одамони чека барои дастгир кардани вай омада истодаанд, ӯро мегиранд, ба қатори хабсиҳо ба таххонаи чека мепартоянд...

Ногоҳ телефон занг зад. Вай беихтиёр даст дароз карда, гӯшаки телефонро гирифтанӣ шуд, вале боз худдорӣ кард. Агар гӯшаки телефонро гирад, агар дар хона будани ӯро донанд, зуд одам фиристода, ӯро ҳабс кунанд... Рафту ин аз тарафи одамони худӣ бошад. Раф-

ту боз ягон илоҷи корро ёфта бошанд, рафту хавфу хатар аз роҳи ӯ бардошта шуда бошад, бинобар он гурехта рафтани ӯро манъ кунанд? Телефон хомӯш шуду боз баргашта бошиддат занг зад. Ин дафъа Низомиддин тоқат накарду ҳар чи бодобод гӯён гӯшаки телефонро бардошт ва бо овози хаста гуфт:

— Бале, кӣ мепурсад?

Аз он тарафи сим овози шиноси Файзулло Хоҷаев ба вай ҷавоб дод:

— Ман, шумо, Низомиддин афандӣ? Ҷаро овозатон хаста? Касал шудед? Шамол хӯрдед? Боке не, мегузарад. Эҳтиёт кунед. Ҳа, фаҳмидед, ки нӯги сӯиқасд ошкор шудагӣ барин... Хабар надоред? Афсӯс, аз ин корҳо хабардор будани шумо лозим. Фойтунчӣ Шодиро ба ҳабс гирифтаанд... вай албатта шарик. Бале, ман аз шумо хоҳишмандам, посбонҳои даруни шаҳр ва атрофи шаҳрро пурзӯртар кунед! Ман аз кори Алиризо афандӣ розӣ не. Аз ин хел сардори милиция, миршаби амир беҳтар буд. Ягон одами дилсӯз ва чаққонро ёфтан лозим. Агар имрӯз омада натавонед, пагоҳ аввали рӯз ҳар кор карда ба маҷлиси шӯрои нозирон ҳозир шавед. Ба шумо гап хаст. Хайр, эҳтиёт карда хобед, дору хӯред!

Низомиддин гӯшаки телефонро ба ҷояш гузошт. Дастонаш бештар ба ларза даромада буданд. Ҳабс шудани Шодии фойтунчӣ боз як нахи дигарро ба дасти чека ёфта медиҳад. Пас, оҳиста-оҳиста ҳамаи нахҳо ба дасти чека меафтанд ва бо як кашидан ӯро ва тамоми ташкилотро аз по медароранд. Лекин маълум ки Файзулло Хоҷаев ҳанӯз аз вай шубҳа надорад, чека ҳанӯз ба вай, ба раиси ҳукумат дар бораи нозири дохилия чизе нагуфтааст. Пас, ҳанӯз фурсати халосӣ ҳаст, пас аз ин истифода бурдан лозим... Зудтар! Зудтар!

## XI

— Об агар нест, зиндагонӣ нест, мегӯянд,— гуфт машкоби пир Бобо Умед ба шогирд ва ёрдиҳандаи худ Мирак, ки дар лаби суфачаи поёни ҳавз ба суханони ӯ бо диққат гӯш карда меистод.— Об ҳаст, ки дунёӣ ҳаст, набошад на одам мешуд, на дарахт ва на мурғу моҳӣ! Дунёе, ки дар он одам набошад, сабзаю гиёҳ набошад, мурғу моҳию ҷонварон набошад — дунёи чӣ! Бинобар

он, ҳар касе ки ба халоиқ роҳи обро кушояд — роҳи зиндагӣ, роҳи умрро кушодагӣ мешавад. Мову ту ҳам ба халоиқ шаҳди зиндагӣ мекашонем. Бинобар он, касби мо — касби муқаддас, қасби авлиёй аст, бачем! Пири мо — Ҳазрати Аббос дар вақташ пайғамбари худоро шодоб кардаанд, маълум, ки ба он ҳазрат шаҳди зиндагӣ бахшидаанд. Мову ту ҳам ба халқи худо об кашонда боиси зиндагӣ, боиси равнақу ривоҷи корашон мешавем. Ана, аз барои ҳамин аз ин касб асло ор накун ва ҳар кас ки ор мекунад, хор мешавад!

Мирак аз ҳеҷ кас, ҳатто аз падараш, ки ба назарҷ вай оқилтарин, донотарини одам менамуд, ин тавр суханони пуртаъсир ва айни муддаоро нашунида буд. Гӯё ки Бобо Умед асоси мақсади вай, муддаои дили вайро медониста бошад, сухан мекард. Мирак ҳам гӯё ҳамин тавр гуфтан мехост, лекин чӣ буд, ки Бобо барин ғалатӣ, маъқул ва фаҳмо карда гуфта наметавонист. Бале, вай бедарак машкобиро касб накардааст, вай медонист, ё ки ҳис мекард, чӣ тавре ки бобо гуфт! Лекин машки пуробро аз зинаҳои ҳавз бардошта бароварда, ба болои суфаи машкбардорӣ гузоштан мушкил, нафаси кас ба дарун мекашад, поҳои кас меларзанд... баръакс, ин зинаҳо лағжонак! Агар ҳавз пуроб бошад-ку, гап не, аз лаби ҳавз то ба суфа ду қадам, он тарафаш машкро ба китф бардошта рафтан мегирӣ. Лекин барои чӣ буд, ки ба шаҳрӯд дер-дер об сар медиҳанд ва бинобар он, ҳавзҳо бисьёр вақт камоб, панҷ-шаш зина поён фаромада машкро пур кардан лозим мешавад. Ин хуб не. Об, ки боиси зиндагонӣ бошад, чаро онро ҳамеша ва дар ҳама ҷо ҷорӣ намекунанд? Чаро маҷбур мекунанд, ки машкобҳои Бухоро ба таги ҳавз фаромада, оби кӯҳнашударо гиранд? Миробҳо канӣ? Чӣ кор мекунанд? Наход аз ҳамин об калонҳои ҳукумати Бухоро, Файзуллохоҷа, Ҳайдарқул амак ва боз дигарҳо ҳам хӯранд? Ё ки онҳо ба ҷои об лимунод менӯшанд? Охир, бо лимунод ошу шӯрбо пухтан намешавад! Бо лимунод чой намекунанд! Об даркор, оби софу тоза ва бекиҷҷа даркор...

— Об одамро азиз, одамро соф ва пок мекунад! — гуфт ба шарҳи фалсафаи худ давом дода Бобо Умед.— Об на ин ки одамро, балки тамоми рӯи заминро мусаффо ва пок мекунад. Лекин одамҳое ҳастанд, ки бо шустан пок намешаванд. Аз сари онҳо ҳаман оби ҳавзро резед, фоида надорад, наҳсияти як кас ба сад кас, аз

они сад кас ба ҳазор кас мерасад. Дар гузари мо як баққол буд, аз васвасаи нафси носераш ба наҳс ҷӯлида монд. Вай ба одамҳо пул қарз медоду дахчанд карда руёнида мегирифт. Аз беруни шаҳр замин харид, чор дикор андохт. Азбаски хуни мардумро макид, ба наҳсият ҷӯлид. Одамҳои нек насиҳат карданд, фоида набахшид. Ана, чӣ мегӯед, ки дар як рӯз ҳавлиаш сӯхт. Аз наҳсияти вай ҳавлии ҳамсоя ҳам даргирифт. Ҳосили заминашро малах зер карда, пок-покиза хӯрда рафт. Писараш ба ҳавз афтода ғарқ шуд ва... баққоли наҳсият зер кардагӣ девона шуда ба Хоҷаӯбониҳо афтод. Ҳар кас ки бо ҳамон баққол ҳамдаст буд, низ ба наҳсият ҷӯлид... Аммо ҳамсояи мо — аробакаши бечора, ки одами нек буд, модаговаш дуто зоид. Занаш кирмак парво карда будааст, сол омад карду пиллаи бисьёре фурӯхт, зиндагониаш якбора хуб шуда монд. Афсӯс ки нотавонбинҳои наҳс рӯзи неки ӯро дида натавонистанд, чадид гуфта тӯҳмат заданду болои арк бурда сар заданд... Инқилоб шуд, нағз шуд, акнун касе ба касе тӯҳмат зада наметавонад.

— Наход ки,— гуфт Мирак,— ҳамаи тӯҳматчиҳо нест шуда бошанд?

— Ҳамаашон нест нашуда бошанд ҳам,— гуфт Бобо,— лекин ҳукумат одил шуд ва тӯҳматчӣ акнун метарсад.

Мирак ба ин хулосаи устодаш бовар кард ва қоил шуд, вай гуфта натавонист, ки тӯҳматчиҳо ва нотавонбинҳо ҳанӯз ҳам ҳастанд ва кори худро карда гаштаанд. Ҳоло солҳои бисьёре лозим, ки ин хел одат ва хислатҳои бад аз шуури одам нест шуда равад...

— Бобо, шумо ба ҳавлии ҳар кӣ, об гӯяд, кашондан мегиред,— пурсид нохост Мирак.

— Ҳа, бачем,— гуфт Бобо.— Ҳар кас об хоҳад, ӯро аз об сер кардан шарт аст. Пири мо ҳамин тавр мефармоянд.

— Одами наҳс бошад ҳам?

— Мо аз куҷо медонем, ки вай наҳс аст ё пок? Мо мебинем, ки бандаи худо обталаб аст.

— Одами золим ва хунхӯр бошад-чӣ?

— Золим? Не, ҳеҷ кадоми мо ба ҳавлии одами золим об намекашонем. Лекин дар замони пеш аз инқилоб золимҳо ҳукмрон буданд. Иҷрои фармони ҳукмрон бар фуқаро маҷбурӣ буд...

— Ман ҳеҷ вақт ба хонаи золим об намебарам, хоҳ ҳукмрон бошад, хоҳ не.

— Эй бачем, ба ту чӣ гӯям! — гуфт Бобо.— Ту золимро надидӣ ва аз гирудори ӯ хабар надорӣ... Зулми банда, аз зулми худо ҳам сахттар аст, мегӯянд. Рӯзҳое ки мо дидем, илоҳӣ душманат набинад!

— Ман золимро дидам! — гуфт Мирак калонсолҳо барин.— Асад махсум золим аст...

— Асад махсум золим буд,— гуфт сухани ӯро тасдиқ карда Бобо,— лекин худораҳматӣ дадет ба даргоҳи ӯ кор мекард. Барои чӣ? Чунки Асад махсум ҳукмрон буд.

— Не, гуфт Мираки якрав,— дадем барои нест кардани золим кор мекарданд.

— Ҳа,— илоҳӣ худо раҳмат кунад! — гуфта монд мӯйсафед ва шояд барои дар ин мавзӯъ чуқуртар нарафтан, гапро ба охир расонид.— Хайр, хез бачем, вақт ҳам бегоҳ шуд, як раҳ-як раҳ ба қароризо об барем.

Мирак аз ҷо бархост, аз сари мех машкчаи худро, ки ба ӯ Асо дода буд, гирифту ба китф партофт, баъд дӯлчаи махсуси онро ҳам, ки дар ҳамон мех буд, ба дасти рост гирифт ва аз паси Бобо бо зинаҳои ҳавз ба поён, ба худи оби такнишастаи ҳавз фаромад.

— Ману ту ба мардум хизмат мекунем,— гуфт мӯсафед ба машкаш бо дӯлчаи калон об андохта истода,— мардум ҳам ба мо хизмат мекунанд. Ана ҳамин дӯлчаю ҳамин машкро ба мо дӯхта намедоданд, мо чӣ кор мекардем?! Ҳавзро намеканданду гирдогирд зинаҳои сангин намесохтанд мо аз куҷо об мегирифтем? Ин корҳоро одамҳо барои мо карданд, мо ба онҳо об мекашонем... Дунъё ана ҳамин тавр сохта шудагӣ, бачем, ҳама бояд кор кунанд, ҳама бояд ба ҳамдигар мадад расонанд ва кори ҳар кас ба қадри ҳоли худ, албатта.

Мирак хаёл кард, ки ин гуфтаҳои Бобоaccess ҳам гӯё вай медонист, гӯё дар фикраш ҳамин гапҳо буданд, лекин равшан набуданд ва агар як кас пурсад, ин тавр нагз карда гуфта наметавонист. Дар ҳақиқат, Мирак асоси ҳаёт ва моҳияти дунъёро дар кор, дар меҳнат ва дар ҳаракат медонист. Деҳқон дар замин кор мекунаду гандум мерӯяд, алаф мерӯяд, гову гӯсфандро парвo мекунад... Аз меҳнати деҳқон ҳама сер, ҳама шодоб, ҳама таъмин мешаванд... Оҳангар кор мекунад, асбоби деҳқониро месозад, асбоби зиндагиро месозад... Бофанда

кор мекунад, қаламй, карбос, шоҳй, адрас бофта мебарорад, мардумро мепӯшонад... Ошпаз ош мепазад, усто хона месозад, машкоб об мекашонад... Лекин муллобачаҳо чй кор мекунанд? Китоб мехонанд! Аз китоб хондан ва валвала карда нишастани онҳо ба мардум чй фоида! Имому сӯфии гузар чй кор мекунанд? Намоз мехонанд! Аз намоз хондани онҳо ба мардум чй фоида? Акнун одамони бисьёре дар идораҳо рафта, ба сари столҳо мешинанд, нозирҳо фойтун савор шуда мегарданд — аз онҳо ба мардум чй фоида? Ҳеч! Ҳаман ин хел одамҳо ба ғайри муфтхӯрй дигар коре надоранд. Мирак бекориро бад мебинад. Мирак кор карда, кори бо фоида карда нон хӯрданй аст. Барои чй ҳам Асо амак, ҳам Фирӯза хола ӯро ба хондан даъват мекунанд? Ҳамин қадар хонданаш бас не-мй? Вай хату савод дорад, навишта, хонда метавонад, камтар ҳисобро медонад. Чанд бор ба модараш аризаҳо навишта дод, газета хонда метавонад, эълонҳоро мехонад... Кифоя! Боз агар хонад, чй мешавад? Нозир?! Даркор не! Аз ҳама беҳтараш машкобй!

Машки вай аз об пур шуд, машки пуробро бязӯр бардошта боло бароварду ба рӯи суфача гузошт. Ҳоло мӯйсафед ба машкаш об андохта истода буд.

— Ба куҷо барам? — пурсид Мирак.

— Ба ҳавлии Ғуломҷон махсум! — гуфт мӯсафед.

Мирак машкро қулай карда ба китфаш бардошту андак хам шуда ба роҳ даромад. Дар дами кӯчаи ҳавлии Ғуломҷон махсум як фойтуни дуаспа ва ду аскар дар болои аспҳои худ истода буданд. Онҳо ҳеч касро гузаштан намемонданд. Мирак ба дигарон аҳамият нада дода, хост, ки аз паҳлуи фойтун гузашта равад, лекин яке аз аскарҳо ӯро аз роҳ дошт:

— Ҳой машкоб, баргард, мумкин не!

— Ман ба ҳавлии ҷаноби нозир...— гуфт Мирак, ба гумони он ки ба ҳавлии нозир гузаштан мумкин бошад.

— Мумкин не, баргард! — гуфт боз дӯғ зада аскар ва бо сари асп пеши роҳи ӯро гирифтанй шуд.

— Машкам вазнин, амак,— гуфта илтимос карданй буд Мирак, лекин гапаш нотамом монд. Дар ин дам аз даруни дарвозаи калон ва кушоди ҳавлии Ғуломҷон махсум пеш-пеш Асо дар дасташ таппонча, аз пасаш Ғуломҷон махсум бо ранги сап-сафед канда ва ҳоли парешон, боз ду нафари дигар одамҳои салланок ва аз

паси онҳо се нафар одамони Асо барин таппончаноқ баромада омаданд. Аскари аспакӣ аспи худро ба қафотар ронд, чашми Асо ба Мирак афтоду табассум кард. Мирак ҳам ба вай салом дод. Асо Ғуломҷон махсум ва ду одами салланокро ба фойтун савор карду худаш ҳам нишаст ва аз ду тараф ду одами дигар ба зинаҳои фойтун савор шуданд. Ҳанӯз фойтун ба роҳ надаромада, Асо, ки ба Мирак наздик буд, гуфт:

— Аҳволат чӣ тавр? Пага ба хона биё, албатта, кор ҳаст.

— Хуб шудаст,— гуфт Мирак.

Фойтун ба роҳ даромад, аз паси он ду аспакӣ рониданд ва аз паси онҳо бачаҳои кӯча ва тамошобинон рафтанд ва инчунин аз ҳавлӣ як занак додгӯён баромаданӣ шуд, ки ӯро писараке ҳамсинни Мирак пешгирӣ карда, намонд, ки ба кӯча барояд. Аз ин манзара Мирак як дарача ғамгин шуду чӣ кор карданашро надониста монд: обро ба ҳавлӣ дарорад, ё ки аз роҳ баргардад... Ногоҳ як насиҳати падараш ба ёдаш расид, ки гуфта буд: мард бояд аз роҳаш барнагардад! Инро ба хотир овар-ду ба пеш қадам монд ва ба ҳавлӣ даромада, рост ба сӯи ошхона рафт ва машкашро ба хум холӣ карда баромад. Дар ин дам Бобо Умед ҳам машкашро бардошта овард. Мирак ба вай роҳ дода, аз ошхона баромад. Дар рӯи ҳавлӣ писарӣ Ғуломҷон махсум истода буд, гӯё Миракро мунтазир буд.

— Ҳа, одами чека! — гуфт вай бо ғазаб ба сӯи Мирак хитоб карда.— Машкобӣ карда аз ҳавлии мо гап чиндию рафта ба соҳибонат хабар додӣ!

Мирак гаранг шуда монд ва намедонист, ки ба ин писараки аблаҳ чӣ ҷавоб диҳад.

— Дадема ҳабскунондагӣ ту! — гуфт боз ба вай наздик шуда писарак.— Ман ба ту нишон дода мемонам, лаънатии хабаркаш, ҷосус!

— Даҳонатба нигоҳ карда гап зан, фалокат! — гуфт Мирак ва бо як ҳаракати тез даст мушт карда, ба сӯи ӯ равона гардидан писаракро дошта гирифту сахт тела дод, ки ӯ қариб афтода буд. Аммо писарак боз қоматашро рост карду ин дафъа бо ҳар ду дасташ ба ӯ ҳуҷум кард. Мирак боз аз ҳар ду дасти ӯ гирифту ба пас тела дода фиристод. Писарак кам монда буд, ки ғелида равад, лекин ба лаби суфа лакка хӯрда худро дошта гирифт ва иттифоқан офтобаи мисине, ки дар он ҷо буд,

ба дасташ афтод ва онро гирифта ба тарафи Мирак партофт. Мирак хушьёрӣ кард, офтоба тараққос зада ба дари хонаи поён расид ва ғиреви занҳо баланд шуд. Дар ин дам Бобо Умед ҳам аз ошхона машкашро холӣ карда бароварду ба миёни писарак ва Мирак даромад:

— Ҳай, ҳай махсумҷон! — гуфт вай ба писарак.— Гуноҳи ин камбағали обкаш чӣ, ки ба сари вай офтобаро мепартоед?

— Вай хабаркаш, вай ҷосус! — гуфт чир зада писарак.

— Худи ту, дадаи ту ҷосус! — гуфт Мирак.— Агар бегуноҳ мешуд, ӯро ҳабс намекарданд.

— Ана, ана дидед! — боз фарьёд кард ба сари Мирак хуҷум карданӣ шуда писарак. Лекин Бобо, ки ба миёна даромада буд, намонд. Дар ин вақт занҳо ҳам доду фарьёд карда ӯро ҷанг карданд ва ба хона чег заданд. Бобо ба Мирак ишора кард, ки аз ҳавлӣ барояд. Мирак ба сӯи писарак бо тамасхур нигоҳе карду аз ҳавлӣ баромад.

— Дигар поят ба ҳавлии мо нарасад! — гуфта монд аз паси вай писарак.

Дар кӯча Бобо Умед гуфт:

— Оқибат гургзода гург шавад, гарчӣ бо одамӣ бузург шавад! Худи бачагиҳои дадеш: берӯй, шаттоҳ, ҷангара...

— Шумо дар вақти бачагии дадеш ҳам ба ин ҳавлӣ об медодед? — пурсид аламн худро даме фаромӯш карда Мирак

— Ҳа, бачем, аз хурдӣ касби ман машкобӣ буд... ҳамаи мардуми ин хонадон аз машки ман об нӯшида ба воя расидагӣ, лекин қадрдонӣ куҷо! Боз ҳам агар як соат дер кунӣ, пирсаги беимон, чаро дер мондӣ, мегӯянд. Э, бачем, қадри меҳнаткашро меҳнаткаш медонад, муфтхӯр чӣ медонад!

— Падарлаънати сагбача! — гуфта монд Мирак.

— Биё, нағз шуд! — гуфт Бобо Умед, ки ҳамеша некбин буд ва ноумедиро намедонист.— Ба ҳамин гузар, ба ҳавлии Шамсиддинбеки иноқи гурехта рафтагӣ дар ҳамин қарибӣ як одами ҳукумат омада ҷойгир шуд. Бачакачон бисьёр дорад. Аз ман хоҳиш кард, ки ба ҳавлии вай об кашонам. Ман чӣ гуфтанамро надониста гашта будам. Акнун дигар ба ҳавлии Ғуломҷон махсум об на-

мекашонем, ба ҳавлии ҳамон одами ҳукумат об мебарем. Ҳавлии вай ба ҳавз наздик, ду қадам.

— Майлаш,— гуфт Мирак.— Гургзодаҳо худашон об кашондан гиранд.

— Ҳа,— гуфт Бобо Умед,— қаҳр кардани моро шарикҳо фаҳманд, ягонтаашон ҳам ба онҳо об намебаранд.

— Гӯед, ҳеҷ кас об накашонад! — гуфт Мирак.— Худашон кӯр шуда равғанашонро об кунанд!

Мирак бисьёр оташин шуда буд, барои он ки ба вай тӯҳмат зада буданд. Вай дурӯғгӯиро намедонист, ба ҳаққи касе тӯҳмат накарда буд, бедарак ба кас озор намедод... Аммо, вақте ки ба ӯ бедарак озор расонанд, чунон дар қаҳр мешуд, чунон оташин мегашт, ки озоррасонандаро пора-пора кардан мехост. Ҳоло ҳам истодаистода аламаш омада буд, худашро сарзаниш мекард, ки барои чӣ ба вай хурӯсчаи бодӣ нағзакак сабақ надод. Падараш ҷосус, худаш ҷосус!

— Ҷосус чӣ гуфтанӣ гап? — гуфта нохост аз Бобо Умед пурсид вай.

— Ҷосус,— гуфт пушти сарашро хорида истода мӯсафед,— ҷосус одами ҷонаш суст, одами беоқибат, одами кадрношинос будагист... Ман ҳам дуруст намедонам, ин ҳамин гапи ҷадидҳо... Ҳар хел «ҳуррият, мусовот, яшасун» барин гапҳоро бофта, тофта баровардаанд, кас намедонад, ки чӣ гуфтагешон бошад.

— Ҳамин Ғуломҷон махсум ҳам ҷадид-мӣ?

— Ҷадид будагист,— гуфт мӯсафед,— бедарак дар идораи адлия калон намешуд-дия! Ҷадидҳо инқилоб карданду ба сари кор баромада гирифтанд. Боз намедонам ин чекааш чӣ бошад, ки худи ҷадидҳоро ҳабс карда истодааст.

— Чека идораи зӯр, идораи нағз! — гуфт донишмандии худро фаҳмониданӣ шуда Мирак.— Агар чека намешуд, Асад махсум зада шаҳрро мегирифт. Агар чека намешуд, ҳамаи инқилобчиҳоро қир мекарданд. Амаки Асо дар чека кор мекунад, шабу рӯз хоб накарда кор мекунад, шаҳрро, мардуми шаҳрро аз босмачиҳо муҳофиза мекунад.

— Ҳамин тавр гӯй! — гуфта монд мӯсафед.

Онҳо сӯҳбаткунон ба сари ҳавз расида буданд. Рӯз бегоҳ мешуд. Машкобҳо машку дӯлчаҳои худро ғундошта, ба хонаҳояшон бармегаштанд. Ба ҳавз аз нова

шаррасзанон об мерехт. Маълум ки ба шаҳррӯд об омадааст.

— Хайрият об омад,— гуфт мӯсафед,— чанд вақт корамон осон мешавад.

— Мардум оби софу ҳалол мехӯранд! — гуфта монд Мирак.

— Ин гапат ҳам рост,— гуфт мӯсафед ва тасмаи миёнашро кушода истода илова намуд: — Хайр, акнун миёната кушо, дӯлчаатро гир, ба хона рафта истироҳат кун! Пагоҳ, насиб бошад, аз оби нав мардумро саршор мекунем.

Мирак миёнашро кушод, дӯлчаро аз мех гирифта ҳамроҳи мӯсафед ба кӯчаи калон баромад.

— Агар хоҳӣ, биё, ба хона барам,— гуфт Бобо,— кампир ягон оши явғон кардагист, хӯрда меравӣ.

— Не, раҳмат,— гуфт Мирак.— Ба хона равам, очам барвақттар биё, гуфта буд.

— Хайр, майлаш, ба очат салом гӯй!

Онҳо аз ҳамдигар ҷудо шуданд. Ҳавлии Мирак аз гузари Қалобод дуртар буд. Махсусан ба ин гузар ва ба ин ҳавз ба кор омадани вай ду сабаб дошт: аввалаш ин ки, Бобо Умед дар ин ҷо буд ва ӯро Асо бо Мирак шинос карда, ба шогирдӣ дода буд. Сониян, ин ҷо аз ошно-рӯшноҳо дуртар, рӯзҳои аввал то омӯхта шудан ба кори машкобӣ ба ҳавлиҳои одамони бегона об кашондан беҳтар намуд. Бинобар он, ҳар рӯз аввали пагоҳ кӯчаю паскӯчаи бисьёреро гузашта, ба сари ҳавз меомад ва бегоҳӣ, ки аз кор монда мешуд, машки холӣ ва дӯлча дар китф, оҳиста-оҳиста хаёлкунон роҳ гашта, ба хона меомад. Имрӯз, ки андак оташин шуда гирифта буд, дар бораи одамон фикр мекард. Барои чӣ одамҳо ба ҳамдигар душманӣ мекунанд, бо ҳамдигар қасд мекунанд, ҳамдигарро мезананд, мекушанд, ҳабс мекунанд? Ҳамаи ин корҳо аз нодонӣ, аз нофаҳмӣ! Имрӯз писари Ғуломҷон бедарак, тахти гапро нафаҳмида бо вай ҷанг кард, дили ӯро сиёҳ кард. Амаки Асо дадаи ӯро ҳабс карда бошад, ягон гуноҳ кардагист.

Аммо ин кор ба вай чӣ дахл дорад?! Вай аз куҷо медонад, ки Ғуломҷон махсум ва шарикони вай кистанд, чикораанд. Агар ба Мирак мебуд, ҳеҷ гоҳ онҳоро ҳабс намекард, ба сӯи онҳо таппонча рост намекард, мемонд, гаштан мегирифтанд... Лекин амаки Асо дар чека ягон гапро медонад. Амаки Асо ҳам одами раҳмдил ва хуш

феъл аст. Худи ӯро Асад махсум бе хеҷ гуноҳ гирифта ҳабс карда буд. Агар дадаи Мирак намешуд, амаки Асоро азоб медоданд. Фирӯзахола барои он кас шуда чӣ қадар гирьяҳо карданд. Ҳайдарқул амак чӣ қадар безобита шуда буданд. Аз барои пеши роҳи Асад махсумро гирифтан, барои хайрияти мардум он кас ҳам рафта бо дадаи Мирак якҷоя кор карданд... Ана, охираш Асад махсум худи онҳоро ҳабс кард ва хунрезӣ карда баромада рафт... Бечора дадаи Мирак тир хӯрда ҳалок шуд, Миракро танҳо монда рафт...

Дар ҳавлӣ меҳмонҳои дилхоҳи ӯ бо модараш сӯҳбат карда нишаста буданд. Асо ва Фирӯза дар рӯи суфа чой нӯшида менишастанд ва модараш косаҳоро шуста, дар тараддуди кашидани шӯрбо буд.

— Ана машкобҷони ман ҳам омад! — гуфт модараш.— Марди майдони ман, писари коркуни ман, меҳнатии ман!

— Салом, салом! — гуфт хурсандона Мирак.— Хуш омадетон, хуш омадетон!

— Саломат бош! — гуфт Асо.— Ту ба ҳавлии мо нарафтӣ, мо ба ҳавлии ту омадем. Қанӣ, зиёфата барор!

— Ҷонам катӣ! — гуфт Мирак машку дӯлчаро ба мехи таки айвон овехта.— Барои чӣ ба хона надаромадетон? Оначон, хона хуб набуд-мӣ?

— Не, гуфтанд,— гуфт кампир ду коса шӯрборо ба назди меҳмонҳо оварда.

— Тобистон рӯи ҳавлӣ нағз-дия! — гуфт Фирӯза.— Ту нағз ҳастӣ додарам, мондаҳои кору меҳнат!

— Саломат бошед! — гуфт Мирак ба назди меҳмонҳо рафта нишаста.— Ман бо гуфтаи шумо пагоҳ ба хонаатон рафтанӣ будам.

— Ҳа, аммо имрӯз ту зарур шудию мо ба хонаи ту омадем,— гуфт Асо.

— Хайрият ки ба ҳавлии мо, камбағалҳо, ҳам меомадед!

— Ту барои чӣ камбағал мешудӣ?! — гуфт Фирӯза табассумкунон.— Ту меҳнаткаши даврони ҳукумаҳи шуроӣ ҳастӣ! Дар ин даврон меҳнаткаш соҳиби ҳама чиз ва соҳиби давлат аст.

— Шикамат хуб гушна будагист? — гуфта Асо пурсид.—Обкашонӣ ба кас иштиҳо меорад. Ма, ана ин шӯрборо хӯрдан гир!

— Не, не,— гуфт Мирак,— ана оварда истодаанд.

Модраш ба худаш ва ба Мирак ҳам шӯрбо овард.

— Бисьёр вақт сер мебиёд,— гуфт модари Мирак.— Мардум як коса-ним коса хӯрок медиҳанд, баъд дар лаби ҳавз ҳамаи машкобҳо ҷамъ шуда мехӯранд, ба хонаҳошон мебаранд. Аммо ин додари оракии шумо ба ҳавлӣ чиз намекашонад, ҳар чӣ ёбад, ба устодаш медиҳад.

— Нағз мекунад! — гуфт Асо.— Назарбаландӣ аз падараш мерос!

Баъд аз хӯрок Асо мақсади омаданашонро гуфта дод:

— Ба ту Ҳайдарқул амак мунтазир! — гуфт вай.— Он кас дар касалхона хобидаанд, дирӯз душманҳо аз пастхамӣ тир парронда ярадор кардаанд.

— Ярадор? — пиёлаи чойро ба рӯи дастурхон гузошт Мирак.— Қадом душман? Барои чӣ?

Асо мухтасар карда ҳодисаи шудагиро баён кард ва илова намуд:

— Одами тир паррондагиро наёфтем, лекин ба паяш афтодем. Як мардаки кавказӣ будааст...

— Кавказӣ ба Ҳайдарқул амак чӣ кор доштааст?

— Вай одами ба пул харида шудагӣ, қотилҳои асосӣ дигаранд, ки як қисмашонро ту дидӣ.

— Ғуломҷон махсум?

— Ҳа, Ғуломҷон махсум, домоди амир Абдураҳмонхон ва боз дигарҳо... бисьёриашон ба даст афтоданд.

— Ӯҳ, лаънатиҳо! — гуфт муштонашро гиреҳ карда Мирак.— Хайрият ки чека ҳаст, хайрият ки шумо ҳастед, амаки Асо, набошад ин душманҳо ҳамаи одамҳои нағзро якто-якто парронда мекуштанд... Хайр, Ҳайдарқул амак чӣ тавр!

— Он касро духтурҳо табобат карда истодаанд. Сиҳат мешаванд, парво накун.

— Илоҳӣ ба умру ҷонашон худо барака диҳад! — гуфта модари Мирак дуо кард.

— Хайр, набошад тезтар равем, Ҳайдарқул амак мунтазир нашаванд,— гуфт Фирӯза.

Ҳама омин гуфта аз ҷо бархостанд. Модари Мирак дар як табақ аз гӯшти шӯрбо монда, ба болояш дуто нони мулоим гузошту ба дастурхонча печонда ба дасти вай дод.

— Инро ба амакат бурда те,— гуфт вай.— Аз ман салом гӯй. Ҳарчӣ дилашон хоҳад, ба ту гӯянд, пухта мефиристонем.

— Бисьёр хуб! — гуфт Мирак.

## XII

Ҳайдаркул дар касалхонаи калон, ки дар қарибии дарвозаи Шайх Ҷалол буд, дар як хонаи алоҳида мехобид. Тири душман тугмаи костюм ва тасмаи миёнбандашро сӯрох карда, ба паҳлуяш даромада буд. Духтурҳо зуд ҷарроҳӣ карда, онро бароварда гирифтанд ва гуфтанд, ки ба аъзои дохилӣ он қадар зарари калон нарасидааст. Лекин азбаски хуни бисьёр рехтааст, мӯсафед хеле беҳол шудааст. Рӯзи дуюм ҳарорат баланд шуда, Ҳайдаркулро безобита кард. Духтурҳо ва ҳамшираҳои шафқат як дам ӯро танҳо намемонданд. Ҳамеша дору гузаронда, ба пешонааш латта нам карда мегузоштанд. Дар нимаи дуюми рӯз таб андак паст шуд, Ҳайдаркул чашм кушод.

— Ҳеҷ кас наомадааст? — пурсид вай аз ҳамшира.

— Не, гуфт ҳамшира.— Агар биёяд ҳам духтур ба ин ҷо даромадан намемонанд.

Ҳайдаркул андак тааммул карду гуфт:

— Духтурро ҷеғ занед!

Духтур омаду бо табассум ӯро табрик кард:

— Ҳар чӣ таб поён фаромадааст. Бисьёр нағз... Акнун осудагӣ ва хоб ба шумо қувват мебахшад.

— Гапатон дуруст,— гуфт Ҳайдаркул бо овози паст,— лекин ман аз шумо хоҳиш дорам, одамоне, ки имрӯзу пага ба дидани ман меоянд, монед ки дароянд. Ман ба баъзе дӯстонам гапҳои мегуфтагӣ дорам.

— Ба шумо осуда хобидан зарур аст! — гуфт боз таъкид карда духтур.— Камтар ки ҳолатон беҳтар шавад, марҳамат!

Ҳайдаркул бо дастони бедармонаш аз дасти духтур дошт:

— Аз шумо хоҳишмандам: Асо, Фирӯза, Карим барин одамҳо ба ман бисьёр зарур! Ҷон духтур!

— Майлаш, майлаш! — гуфт духтур, он хоҳиши қатъии Ҳайдаркулро шунида: — Ҳамин одамҳо биёянд, мемонем... Аммо шумо ҳозир истироҳат кунед!

Духтур рафт. Ҳамшираи шафқат дар пеши тирезаи хона нишаста китобашро кушод. Дар хона ва берун хомӯшии том ҳукмфармо шуд. Ҳайдаркул чашмонаш нимпӯш, ором нафас гирифта, ба хаёли чуқур фурӯ рафт. Ба хотираш Саид паҳлавон расид. Ҳақиқатан одами содиқ, одами хоксор ва меҳрубон буд. Умраш дар меҳнат ва нодорамӣ гузашт. Умед мекард, ки дуньё дуньё шаваду вай барин камбағалхо рӯз бинанд. Барои ин даъвати ӯро қабул кард, ба хизмат омад...

Мардак хеле вазнин, бо таҳаммул ва чиддӣ буд. Аз дар бо қавоқҳои овезон, гӯё димоғаш сӯхтагӣ бошад, медаромаду бо овози ғафс ва мулоими худ салом медод...

— Нағз-мӣ ту, ҷӯра? Аҳволат чӣ тавр? Духтурҳо азоб надоданд? Ҷаррохӣ нағз гузашт? Ҳа, дуруст! Ҷарроҳӣ шуда бошад, тирро гирифта партофта бошанд, шудагеш, ҳеч боке не, сиҳат мешавӣ! Пир шуда бошӣ ҳам, ту ҳоло боқувват, базарба... Мурданро фикр накунӣ ҳам мешавад. Мурдан осон, зиндагӣ кардан мушкил! Мурдӣ — хок мешавӣ, меравӣ! Ҳунар дар он ки зинда бошӣ, ба мардум некӣ кунӣ, гуфтаи худат: хизмати халқро кунӣ!

— Ба ман насиҳат доданба усто, аммо худат чӣ?! Рафтӣ, вале маро сӯзондӣ ва рафтӣ... Ту ба ҳар ҳол паҳлавон будӣ, баҳодур будӣ, тани рустамона доштӣ. Аммо тири як душман, тири милтиқи кадом як разил ва нокас туро аз по даровард. Кӣ медонад, шояд ҳамон одаме, ки хуни туро рехт, боиси афтодани ман шуда бошад... Рост гуфтӣ, ҳамаи ин одамкушҳо аз як зоту аз як забаранд! Мақсадашон ҳам як: пеши роҳи бахти меҳнаткашро доштан мехоҳанд. Масалан, Асад махсум! Мехоҳад, ки амир шавад... Амири вопасин гуфта шунида бошӣ, ана ҳамин Асад махсум аст! Ба ту, ба ман ва бисьёр ҷанговарони роҳи озодӣ ҳамин Асад махсумҳо аз гӯшаю канор тир мезананд. Тири душман ба паҳлуи ман расид, аммо вай Турсун Хоҷаевро нишон гирифта буд, котиби Қумитаи Марказиро куштанӣ буд... Тири душман ба ман расид, майлаш, ман рӯз дидагӣ, умрам ба як ҷо расидагӣ...

Хаёли Саид паҳлавон хира шуд, дам назада монд, хомӯш гашт... баъд аз фурсате наздиктар омаду гуфт:

— Аз ту айб аст, бародар, айб! Шарм надошта аз умрат даст мешуӣ! Агар, аз Асад махсум интиқоми ма-

ро нагирифта даст аз ҷон шӯй, беҳтар, ки маро ёд накун! Ман ба наздат, ба сари болинат омадам, ки ҳаминро ба ту гӯям. Ту Асад махсумро, дӯстони ӯро, душманони ӯро, кирдору рафтори ӯро, ҳилаю найрангҳои ӯро нағз медонӣ. Бояд ба Карим роҳбарӣ кунӣ, бояд Каримро омӯхта истӣ! Мабодо вай дар кораш саҳве кунад, мабодо фиреби душманро хӯрад, мабодо ба доми ҳилаю тазвир афтад... Карим ҷавони далер аст, вай аз роҳаш барнамегардад, лекин ҷавон аст! Ҳаман ҳилаю мэкри Асадро намедонад. Ту бояд ба вай гуфта истӣ, ту бояд ӯро аз шарри душман эмин кунӣ!

— Майлаш, гуфтаи ту шавад... Агар умр боқӣ бошад, агар сиҳат шуда хезам, ман ҳамин супориши туро ба ҷо меорам, мардумро аз шарри Асад эмин карда, баъд худро ба канор мегирам. Бигузор дигарон ҳам камтар кор кунанд, мазаи нони меҳнатиро чашида бинанд! Бале, бале, ман худро ба канор мегирам, оромона дам мегирам!

— Ба канор мегирӣ?! Худатро ба канор мегирӣ?! Барои чӣ? Магар монда шудӣ? Монда шуда ба канор баромадан — бозиро бой додан аст! О худат намегуфтӣ, ки то қатраи хун дар бадан ҳаст, хизмати халқу Ватанро мекунӣ?! Боз канорагирӣ барои чӣ?! Не, ту ҳоло ба сохтмони давлати нави шӯрой даркорӣ! Дида истодай, ки мо одам надорем, дида истодай, ки ин ҳукуматдоронамон чихела! Яке ба рост мекашад...

Не, ҷӯра, ноумед нашав! Ту ҳоло бояд бисьёр корҳо кунӣ! Ба Асо ёрӣ расон, ба Карим роҳбарӣ кун, ниҳоят писари ман, писари кенҷаи ман — Миракро хононда одам кун! Вай андак гарданшаҳи мактабгурез аст. Ӯро бо ҳар роҳе, ки тавонӣ, ба даст даровардa ба хондан мон! Ана баъд ихтиёрат.

— Майлаш, майлаш, Саид паҳлавон! Писаратро ба хондан мефиристонам, лекин ҳозир камтар роҳат кунам мегӯям...

Саид Паҳлавон ғоиб шуд, дигар чизе намонд, дақиқае ҳама ҷо торик шуд... Кӣ медонад дақиқае буд ин ё ки як рӯз, як ҳафта... Як умр... Фақат як торик шуда гирифт... Пештар дар афсонаҳо мегуфтанд: дуньё якбора торик шуд, аз ҳаво, аз осмон ба ҷои нур зулмат борид, пас аз он деви зулмат ҳозир... Бале, бале, Асад махсум аз кадом деви зулмат мондании дорад! Ҳозир Асад махсум омад... Баъд дуньё равшан мешавад... баъд

малоикан умед — Фирӯза, ё ки... ё ки Ойишаҷон мешояд... Инро медонам... майлаш, модоме, ки деви зулмат омадааст, бо вай гап мезанем... Мақсадашро гӯяд!

— Мақсади ман чӣ мешуд? Мақсади ман тоҷу тахти Бухоро! Мақсади ман фармонфармои кул шудан аст. Ойишаро дуздидам, барои ҳамин мақсад; яроқ ба даст гирифтам, барои ҳамин мақсад; хун рехтам каму ғам не, барои ҳамин мақсад!.. Ту одами содда, ба ман тобеъ нашудӣ, аз ман баръакс дур шудӣ, лекин хато кардӣ! Агар мо даст ба ҳам медодем, ҳеҷ қувва моро мағлуб карда наметавонист. Ту инро нахостӣ, ба ман хиёнат кардӣ!

— Аҷоиб чашмносер ҳастӣ, Махсум! Ба тахту тоҷ соҳиб шуда амир Олимхон чӣ кор кард, ки ту кунӣ!? Халқ дигар ба ҷабру зулм тоқат надорад, хоҳ ноҳоҳ ту баринҳоро аз пеши роҳи бахташ гирифта мепартояд, хоҳ ноҳоҳ бо ин мақсад ва омолат ту худатро ба нестӣ ва нобудӣ мепартоӣ! Дониста бош, ки шамшери интиқоми халқ дар паят бараҳна аст. Механдӣ? Писханд мекунӣ? Беҳуда мекунӣ? Имрӯз не, пагоҳ ба ҷазо гирифтор мешавӣ! Афсӯс ки Ойишаи бадбахт ва Бибираҷаби сарсахт бо ту! Илҳой ба сари онҳо балое нахезад. Майлаш, ман қурбон шавам, аммо ҷавонҳо намуранд, гул кардани бахташонро бинанд! Инқилоби Бухоро пойдор ва устувор аст! Бале, бале! Устувор аст!

— Ту инро дониста бош ки, Ҳайдарқул, ман сад ҳилаю найранг дорам, барои иҷрои мақсадам аз ҳеҷ васила даст намекашам. Агар лозим шавад, рӯбоҳ мешавам, мор мешавам, каждуми таги бӯрьё мешавам... Агар лозим шавад санг мешавам, оҳан мешавам, об мешавам... Ҷояш ояд булбул мешавам, гул мешавам, фаришта мешавам, авлиё мешавам... Лекин кори худам медонистагиро мекунам! Аз паси ман Қаримро фиристода чӣ мекунед?! Вай бачаи гӯлро бо як ангуштам зада нест мекунам!

— Ҳоло ту сабр карда исто, Махсум, ба сад ранг не, ба ҳазор ранг дарой ҳам, мо туро зада нест мекунем! Ман ҳанӯз намурдаам ва намемурам. Бале, бале! То туро нест накунам, намемурам! Қарим танҳо не, ман бо вай ҳастам! Халқ бо вай аст! Ман туро, ҳилаҳои туро медонам, золим!

— Мехоҳӣ ман ба ту ҳозир як ҳилаи худро нишон диҳам? Дар як чашм ба ҳам задан хоҳарат ва ҷиянат — Ойишаро ба назди болинат ҳозир мекунам. Бо онҳо гап

зан — дарди дилатро гӯй, шояд ба воситаи онҳо ман ба ту қарин шавам!.. Қанӣ, як чашм ба ҳам зан! Чашмонатро пӯш! Чашмонатро пӯш!

— Хоҳари азизам, ҷиянаки меҳрубонам, мазлумагонам! Барои чӣ гап намезанед?! Ман аз рангу рӯятон дида истодаам, ки ҳолатон бад аст, дар азобу машаққат зиндагӣ мекунед, хору зор шудаед... Эй воҳ, рӯи гул барин тару тоза ва рухсораҳои сурху сафеди туро чӣ шуд, Ойиша? Барои чӣ инқилоб шуд, ки шумо аз азоб халос намешавед?!

Барои чӣ мо хун рехтем, қурбонӣ додем, тахту тоҷи амирро ба хок яксон кардем, ки шумо рӯзи некиро намебинед?! Хайр, сабр кунед, бисьёраш гузашт, андакаш монд! Карим бо лашкари инқилоб барои халосии шумо, барои зер кардани фитнаю фасод ба роҳ медароянд, бале, Карим!.. Ҳа, Карим! Каримҷон!..

...—Ҳайдарқул чашм кушода, дар болои сараш ҳамшираи шафқатро дид, ки бо табассум ба рӯи ӯ нигоҳ карда истодааст.

— Чӣ шуд, хоб дидед магар?— мепурсид вай.— Карим гуфта чеғ задед.

— Ҳа, хоб!— гуфт Ҳайдарқул.— Соат чанд?

— Соат қариб панҷ шуд,— гуфт ҳамшира ва ба тарафи дар нигоҳ карда илова намуд:— Ба дидани шумо як аскарбача омадагӣ, хобатон бурдагӣ буд, сабр карда исто гуфтам.

— Чеғ занед, Карим будагист!— гуфт Ҳайдарқул ва чашмонашро молида, сарашро ба тарафи дар баргардонид.

Дар ҳақиқат аз дар Карим дар либосҳои ҳарбӣ даромада омаду ба рӯ ба рӯи кати ӯ ба вазъияти ҳарбӣ честь дода истод ва гуфт:

— Ассалому алейкум, рафиқ комиссар! Командири хурд Карим ба дидани шумо ҳозир шуд.

— Раҳмат!— гуфт Ҳайдарқул ҳам бо нимовоз, вале бо лаҳни форам.— Биё, шин!

Карим ба рӯ ба рӯи Ҳайдарқул дар курсӣ нишаст. Вай, ки Ҳайдарқулро ҳамеша солим, дар ҳаракат ва зиндадил дида одат карда буд, ба рӯи кат бемадорона афтодани ӯро дида, дилаш як дараҷа нозеҳ шуд ва хӯрнаш омад, вале изҳор накарду зӯран бо табассум гуфт:

— Рафиқ Ҳакимов аз номи намояндагии коминтерни сеюм ва рафиқ Юреньев аз номи сафорати ҳукумати Рос-

сия ба шумо салом расонида, зудтар сиҳат шуданатонро орзу доранд. Худашон, эҳтимол, рӯзи дигар ба дидани шумо биёянд.

— Саломат бошанд!— гуфта монд Ҳайдаркул ва пас аз нафасе пурсид:— Аҳволат чӣ хел? Худат нағз?

— Ман нағз, саломатӣ бачо,— бо хурсандӣ ҷавоб дод Карим.— Саломатии шумо айни муддао! Ҳар чӣ ҷарроҳӣ дуруст гузаштааст, шунида ҷон гирифтем. Духтурҳо хурсанд, акнун ба хестан иҷозат медодагиянд!

— Намедонам,— гуфт Ҳайдаркул,— ҳоло номаълум... Ту кай меравӣ?

— Корҳои тайёрӣ ба охир расида истодааст, ман ба зудӣ, пас аз ягон ҳафта ба роҳ баромаданӣ...

Ҳайдаркул тааммул карда, чӣ андоза бесабрии ӯро дар пеши назар овард. Шубҳа нест, ки Карим ҳарчӣ зудтар ба сӯи Бойсун рафтанӣ, ҳарчӣ зудтар душмани ҷон ва душмани ёрашро аз миён бардоштанӣ ва ба васли маҳбубааш расиданӣ. Лекин фармондеҳон ӯро нағз медонанд. Агар Ҳайдаркул сиҳат мешуд, албатта бо Карим ҳамроҳ мегашт, ба Карим маслиҳатдиҳанда мешуд.

— Афсӯс, ки ман ҳамроҳи ту рафта наметавонам,— гуфт вай бо надомат.— Ҳилаю найрангҳои Асадро ман нағз омӯхта гирифтам. Метарсам, ки туро фиреб диҳад.

— Шумо, албатта, беҳтар медонед. Лекин ин дафъа дастаи махсус аз ҷавонҳои кӯҳистонӣ ва фидокор ташкил дода, роҳбарони донишманд ва ботаҷрибаро бо мо ҳамроҳ карданд. Ду тӯпи сабуки кӯҳзан доданд, пулемётҳои чархӣ ва дастӣ дорем, аспҳоро бардам кардем... Мо рафта якбора ба ҷанг намедароем. Аввал чанд гоҳ бо вазъият ошно мешавем, қувваҳоро ба гирди ӯ ҷо ба ҷо мемонем, баъд ба ҳуҷум мегузарем.

— Дониста кор кун, дониста!— гуфт Ҳайдаркул!— Худашро нишон надода гаштани вай бедарак не... Аз худаш метарсад, аз одамонаш метарсад, аз ҳама шубҳа мекунад... Вай мисли артист афташро дигар карда ҳам метавонад, вай метавонад ногоҳ пайдо шуда монад, метавонад дар он ҷое пайдо шавад, ки ту ҳеҷ гумон накутавонӣ... Вай туро чапгалат дода аз пасат, аз паҳлуят омада мондан аш мумкин... Бадии кор дар ин ҷо, ки вай мардуми қишлокҳои он гирду атрофро намедонам бо чи макру фиреб ба таъсири худ гирифта, ҳукумати Бухороро ба назари онҳо бад карда нишон медиҳад. Инро ту медонӣ...

Бинобар он, дониста, босаброна кор бурдан лозим. То тавонӣ аз байни одамони Асад ба худат ёрдиҳанда пайдо кун, бо Ойиша робита пайдо кун, вай духтари ҷасур... Бале, ҳамин тавр кун?! Ба ман хабар расонда исто, ҳаман ҳодисаҳоро навис! Дониста бош, ки дар дасти Асад Ойиша ва Бибираҷаб асиранд. Мабодо ба онҳо, ба мазлумаҳои ман осебе расонад...

— Дар ин бора мо фикр кардем. Қорамонро дониста мекунем.

— Ин нағз...

— Лекин,— гуфт Қарим,— мо супориши рафиқ Турсун Хоҷаевро дар назар дорем...

— Чӣ супориш?

Қарим ҳанӯз лаб накушода дарди сахте авзои Ҳайдарқулро тағьир дод ва ӯ беихтиёр нолид ва бо дасташ паҳлуяшро қапид. Ҳамшираи шафқат, ки дар он ҷо буд, зуд ба сари ӯ расид ва кадом як доруеро ба ӯ хӯронида, ба Қарим гуфт, ки аз хона бароял. Қарим ҳанӯз чӣ кор карданашро надониста истода буд, ки духтур даромада омад ва ӯ Қаримро ба сӯи дар бурд ва баъд худаш ба сари бемор нишаст...

Дарди сахт ва қаттол қариб ним соат давом кард. Духтурҳо ҳар чӣ тавонистанд, карданд: доруҳои гуногун сӯзан карданд, ки ба дилаш қувват диҳанд, доруи дафъи дард сӯзан карданд, ки осуда шавад ва ниҳоят муваффақ шуданд.

Ҳайдарқул пас аз ним соат оромид ва чашм пӯшида осуда нафас гирифт. Қарибии фурӯрафти офтоб вай чашм кушоду пурсид, ки Асо омад ё не. Ба ӯ гуфтанд, ки духтур омадани одамонро манъ кардааст. Ҳайдарқул бо зорию тавалло илтимос кард, ки духтурро чег зананд. Духтур омад. Ҳайдарқул гуфт, ки агар Асо ва Мирак ном писарбача омада бошанд, албатта ба назди ӯ гузоранд, вай ба онҳо гапи зарур дорад, дигар ҳеҷ илтимос намекунад. Духтур дид, ки агар илтимоси ӯро рад кунад, шояд ҳолаш аз ин ҳам бадтар шавад ва бинобар он, ҳамширара фармуд, ки хабар гирифта истад, агар одамони номбурда биёянд, барои понздаҳ дақиқа сӯҳбат кардан гузорад. Лекин аз дасти онҳо ягон чизи хӯрданӣ нагирад.

Пас аз ним соати дигар Асо ва Мирак дар назди Ҳайдарқул нишаста буданд.

— Ман умри зиёд дидам,— мегуфт вай бо овози паст.— Ман гармию сардии замонаро ҳис кардам, ширинию талхии дуньёро чашидам... Акнун мурам ҳам чандон ормон надорам. Лекин як супориши ҳамдам ва рафиқи худам — Саид паҳлавонро ичро накарда мондам. Вай ҳам бошад, хононда ба майдони корузор баровардани ҳамин Мирак! Ин корро ман ба ту, Асоҷон, месупорам.

— Ин тавр нагӯед, амак!— гуфт Асо, ки дилаш ганда шуда буд.— Худатон сиҳат шуда баромада, ҳамаи корҳоятонро буд мекунед, дар он қатор ин корро ҳам!

— Маълум не, писарам, маълум не! Албатта, то реша дар об аст, умеди самар аст, гуфтаанд. Ман ҳам, ки ҳанӯз дилам аз тапидан намондааст, умед дорам, ки калон шуда, ба воя расида, ба чашм намоён шудан ва одами дуруст шудани Миракро бинам, лекин кӣ медонад! Олам ҳодис!

Аз суханони Ҳайдаркул, ки бо овози хаста, оҳиста ва дардмандона гуфта мешуданд, Мирак тоқат накарда гирист.

— Гирья накун, писарам!— гуфт Ҳайдаркул.— Беҳтар ки ҳозир ба ман ваъда кун ва қавл те, ки машкобиро ғундошта монда, албатта, ба хондан меравӣ. Модарат бекас не, хоҳаронат ҳастанд, язнаҳоят ҳастанд, саробонӣ мекардагиҳо ҳастанд. Аммо ту бояд хонӣ, ба Тошканд ё ба Москва рафта хон! Ман боварӣ дорам, ки ту одами дуруст мешавӣ. Чӣ гуфтӣ?

Мирак аз зӯри гирья дарҳол ҷавоб дода наметавонист. Аз ҷониби вай Асо ҷавоб дод:

— Албатта, қавл медиҳад, ки ба хондан меравад. Кай гапи шуморо рад карда буд, ки акнун кунад.

— Қавл... медиҳам!— гуфт Мирак ҳам оҳиста.

Ҳайдаркул андак табассум карда монд ва пас аз даме хомӯшӣ гуфт:

— Бале писарам! Албатта хонда мулло шав, олим шав! Ба мамлакат одами даркорӣ шав: Ман дар бисотам чизу ҷораи казоӣ надорам, лекин Асоҷон, васияти ман ба ту ҳамин ки ман ҳамаи чизу ҷораҳои андаки худ ва ҳавличаи худамро ба Мирак мебахшам. Хоҳишмандам, ки то пагоҳ аз номи ман васиятнома навишта биёр, ман имзо мекунам.

Асо ба аломати ризо сар ҷунбониду гап назад, гирья гулӯи ӯро ҳам сахт фишурда буд...

# XIII

Низомиддин яккаю танҳо дар хонаи нимторики деҳқонӣ, ба рӯи намади чиркин хӯрҷинеро ба зери сараш гузошта, бедор дароз кашида буд. Ҳоло дар тани вай он костюми ҳавоsupport moҳут набуд, балки аз рӯи кулӯча — шолвори оддии хокиранги аскарӣ як чакмани сабуки сафедранг, дар поҳо мӯзаи пошнаборики бухоридӯхти хром, дар сар телпаки қарокӯлии саглобадори нимдошт... Дар чашм пенсьнэ набуд ва риши ду-се рӯз боз тарошида нашуда сихча зада баромада, таи манаҳ ва нимаи рӯрэ фаро гирифта буд.

Яккаю танҳо дар хонаи нимторики деҳқонӣ дароз кашида хобида, вай сургузашти рӯзҳои охирро аз пеши назараш мегузаронид. Бале, тинҷӣ, фароғат, давлат, ҳашамат ва кайфу сафо ҳама ба қафо, ба ким-куҷо мондаиду рафтанд; баръакс ғурбат, бекасӣ, хорию зорӣ, сахтию машаққат пеш омад ва гӯё ин абадӣ ва ҳамешагӣ буду онҳо умуман набуданд, хобу хаёл буданд! Васли ёр рафту фироқи ӯ бимонд! Қас дар айни кайфу ҳузур, дар айни лаззату комронӣ намедонад, ки он дақиқаҳо тез мегузаранду меравап ва он дам мисли зарҳали қалбакии рӯи оҳан аст; аз як молиши дасти фалак мепаранду меравапд ва абадулобод ҳамин оҳани сахт, матин ва сард мемонад!

Низомиддин озода, нозуктабъ, инҷиқ ва эрка буд, эркан давлату пулу мол буд. Ҳар чизро намехӯрд, дар ҳар ҷо нишасту бархост намекард ва ба ӯ тобеонаш аз бинӣ боло гап зада наметавонистанд... Ҳоло, вай ба рӯи намади чиркини пур аз кайку ифлосӣ дароз кашида хобидааст ва дирӯз ин тараф нони дуруст нахӯрдааст. Ин ҳам майлаш, дар вақти аз Бухоро дар фойтуни кироя баромаданаш намедонист, ки сиҳат-саломат аз дасти чека наҷот ёфта метавонад ё не. Тамоми баданаш варача гирифтагиҳо барин меларзид ва чашмаш сиёҳ мерафт. Ба Коғон нарасида аз фойтун пиёда шуд ва то фурӯ рафтани офтоб дар шӯразорҳо ва хористони атрофи Коғон, дур аз чашми мардум, тарсида гашт ва ниҳоят, пас аз торик шудани ҳаво мондаю хаста шуда ба вокзал омад.

Аз воҳимае, ки дар вокзали Коғон ба вай рӯй дод, қариб дилаш кафида буд. Соат аз ҳашти бегоҳ гузашта,

фонусҳои зали калони вокзалро афрӯхта буданд. Вай яккаю танҳо, дар байни халқи авоми бисьёре, ки рус ҳам буд, қазоқ ҳам буд, ӯзбеку тоҷик ҳам буд, менишаст. Ягон нафар шиносе, ошное ба назар наменамуд. Ин хуб буд. Дар толори интизорӣ ҳаво фосид шуда буд, мардум папирос, махорка ва боз чим-чиҳоро мекашиданд, бачакачаҳои мардум дар худи ҳамон ҷо хӯрда, шоша карда мехобиданд: ғал-ғали мардум гӯшу майнаи ӯро бечо карда буд. Лекин ба ғайр аз сабр дигар илоҷе набуд. Ба як канори нимкати дароз менишаст ва газетаеро, ки дар даст дошт, намехонд, вале бо он ҳар замон рӯяшро аз нав воридшудагон пинҳон мекард. Ҳанӯз билет нахарида буд. Дар назди дарчаи билетфурӯшӣ одам бисьёр буд. Вай наметавонист дар баробари онҳо истода, ба навбат билет гирад. Фикр кард, ки ҳамин тавр, бе билет ба поезд савор мешавад. Дар роҳ агар билет пурсанд, кӣ будани худро мефаҳмонад, ё ки пул дода халос мешавад. Дар ҳамин фикру андешаҳо буд, ки ногоҳ як нафар коргари роҳи оҳан, дар либоси сиёҳ ва фуражкаи расмии коргарони роҳи оҳан ба назди ӯ омада истоду бо лаҳни аҷибе, ба забони туркии шикаста гуфт:

— Бубахшед, сардор таклиф доранд, ки шумо ба кабинети он кас биёед!

Ҳуш аз сари вай парид ва аниқ гумон кард, ки чека фармони табиди ӯро ба даст даровардa, акнун аз ҳамин ҷо бандӣ карда, ба Бухоро мебаранд. Лекин бо вуҷуди он худро ба даст гирифта гуфт:

— Шояд шумо саҳв карда бошед, медонед, ба кӣ мурочиат кардаед?

— Не, ман саҳв накардаам,— гуфт он мард бо ҷиддият.— Ман ба нозири дохилияи ҷумҳурияти Бухоро муроҷиат мекунам.

Дигар барои вай ҷои шубҳае намонд. Мардонавор аз ҷо бархост, газетаро чоркат карда, ба кисаи шолвори моҳути ҳавоиранг андохт, пенсьэро дурусттар карда гузошт ва худро сад таъна зад, ки чаро аз худи Бухоро либос иваз накардааст! Агар либос иваз мекард, ба чашмаш айнаки сиёҳ мемонд, шояд ӯро намешинохтанд... Акнун кори мешудагӣ шуд, далер истодан лозим!

Дар кабинет сардор аз ҷо бархоста ӯро пешвоз гирифт, дигар касе набуд. Низомиддин ҳайрон шуду изҳор накард.

— Салом, салом рафиқ нозир афандӣ!— гуфт сардор

ба забони русӣ.— Марҳамат, марҳамат! Омадеду чаро ба назди ман надаромадед?

— Шуморо ба ташвиш мондан чӣ лозим!— гуфт табассум карда Низомиддин.— Баъд ман хостам, ки камтар дар байни халқ бошам, аҳволи онҳоро фаҳмам...

— Маро танқид кардан мехоҳед, майлаш, майлаш!— гуфт сардор ва ба Низомиддин ҷо нишон дода, худаш ҳам ба ҷояш нишаст:

— Бинои вокзалро ремонт карда, шикасту рехташро дуруст карда, барои мусофирон шароити беҳтар муҳайё кардан лозим, лекин пул нест, асбобу анҷом нест, масолеҳ... Агар ҳукумати Бухоро камтар ёрӣ медод, ҳеҷ набошад худи вокзали Қогонро ремонт мекардем.

— Майлаш,— гуфт Низомиддин.— Ман дар ин бора ба ҳукуматамон арз мекунам. Албатта, ёрӣ мерасонем. Қогон ҳам истансаи худамон-ку!

— Бале, бале!— гуфт сардор хурсанд шуда.— Қогон ҳам тобеи Бухоро! Истед ки чи тавр шуду шумо ба ин ҷо қадам ранҷа фармудед?

— Ман то ба Каркӣ рафтан мехоҳам. Супориши таъҷилӣ ва то як дараҷа махфӣ шуд. Хоҳишмандам, ки ба Қаркӣ рафтани маро касе нафаҳмад.

— Хотирҷамъ бошед. Лекин билет ба вагони класси сеюм мешавад. Моро маъзур доред... маъзур доред, ки ҳоло ба ин хатти роҳи оҳан поездҳои скорий ва почтавой намегарданд.

— Боке не, ман медонам.

Сардор ба касса телефон кард. Зуд ба вай якто билет оварда доданд.

— Ман худам шуморо мешинонам, дар купеи алоҳидаи хизматгори вагон меравед.

— Саломат бошед!— гуфта монд Низомиддин.

То ба расидани поезд гӯё ки сол гузашт. Намедонист, ки ба суолҳои сардори вокзал чӣ ҷавоб диҳад ва метарсид, ки одамони чека якбора омада монда, ӯро дар кабинети сардор дошта гиранд. Ҳар занг задани телефон ӯро як қад мепарронд. Баръакси кор ҳар замон телефон шуда меистод. Хайрият, ки сардорро ҳар замон ҷег мезаданд ва ӯ узр гуфта берун мебаромад ва дақиқаҳо нест шуда мерафт...

Ниҳоят поезд омад, худи сардор ӯро ба вагон баровардa дар хоначаи алоҳидаи посбони вагон ҷойгир кард ва хайру хӯш карда рафт. Пас аз ба роҳ афтодани поезд

вай охи сабуке кашиду ба посбон супорише дода сарашро ба болин гузошт. То ба Қаршӣ осуда хобид, дар соати дуи баъд аз ними шаб ӯро бедор карданд:

— Ба Қаршӣ расидем, бедор кунед, гуфта будед...

— Ҳа, ҳа!— гуфт саросема аз ҷо бархоста, Низомиддин ва аз вагон поён фуромад. Дар поён ду нафар одамони ба милиционер монанд ӯро пешвоз гирифтанд, ба вагон баромада, хӯрҷинашро гирифта фуромаданд ва ба паси биноя вокзали Қаршӣ гузарониданд, ба аспи йӯрға савор карданд...

Тамоми шаб роҳ гаштанд. Қариби сафед шуда истодани рӯз ба як кишлоқ расида дам гирифтанд. Боз бегоҳӣ ба роҳ даромада, рӯзи дигар ба ин кишлоқи домани кӯҳ расиданд. Мушойиаткунандаҳо ӯро ба ҳамин хона гузошта, худашон барои аз роҳ хабар гирифтан баромада рафтанд. Назар ба гуфти мушойиаткунандагон ягона роҳи манзили Асад махсум аз тарафи аскарони сурх ишғол шуда ва гузарандагонро медоштаанд. Бинобар он, ҷавонҳо рафтанд, ки роҳи дигаре пайдо кунанд...

Ба рӯи ҳавлӣ қадам монда омадани касе шунида шуду хаёлхои Низомиддини пароканда гашт. Аз дар як марди миёнсине, дар сар саллаи хокистарранги дупеча, дар тан ҷомаи қаламии абраостар, миёнаш бо рӯмоле баста шудагӣ, ба пойгаҳи хона кафшро кашида, бо пойҳои чиркин ба рӯи намад қадам монда ба ӯ наздик шуд. Низомиддин аз ҷо бархоста нишаст ва дасти дарозкардаи марди ришкалонро гирифта, андаке фушурда монд.

— Хар чӣ саломатак ҳастед, хуш омадед ба кулбаи камина ғуломатон!

— Шумо соҳиби ин ҳавлӣ ҳастед, магар?— пурсид Низомиддин.— Вақте ки мо расидем, шуморо надидем.

— Ман саҳар катӣ ба кӯҳ рафта будам, корам буд, баъд камтар чукрӣ канда овардам,— гуфт он мард.— Бачаҳо гуфтанд, ки шумо омадед, ба бечорахонаи мо манзил кардед, бисьёр нағз. Ин ҷо хонаи худатон, бо хузур роҳат кунед, дилатон ҳар чӣ ҷӯяд, фармоед, ба қадри ҳол хизмат мекунем.

— Раҳмат, ташаккур!— гуфта монд Низомиддин ва аз дилаш гузаронид, ки агар ту одам мешудӣ, аз ҳамон ревочи (чукрии) канда овардагет ба ягон лаълӣ гузошта, пешкаш карда меовардӣ...

— Аз рӯи шунидам, шумо Махсумро дидан мехоҳед — пурсид он мард.

— Махсумро? Махсум гуфтагетон кист?— хӯсида пурсид Низомиддин.

— Махсум,— гуфт андаке мулоҳиза намуда мардак ва риши калонашро сила карда монда, ба рӯи Низомиддин нигоҳ кард:— ҷаноби Асад махсум... Албатта, замони мо замони инқилоб, ба ҳар кӣ ва ба ҳар кас бовар кардан нашояд... Ин эҳтиёткории шумо ба ваҷҳ, албатта. Лекин камина ғуломатон аз одамони содиқи Махсум ҳастам. Бале, бовар кунед, ки ман яке аз одамони бо эътимоди ҷаноби Асад махсум мешавам. Бедарак шуморо ба ин бечорахона ҷо надодаанд! Ин хонае, ки ҳоло шумо нишастаед, яке аз боргоҳҳои ҷаноби Махсум аст. Ду ҳафта пеш он кас дар ҳамин ҷо буданд. Баъд, аз рӯи зарурат ба қишлоқи Оби Кабуд рафтанд... Ҳоло, назар ба шунидам, ба боло, ба Сангқалъа баромадаанд... Ҳамин тавр, он ҷаноб дар ҳар ҷо мешаванд... Одамҳое, ки шуморо пешвоз гирифтанд ва ба ин ҷо оварданд, корро пухта ва диниста мекунанд. Яке аз онҳо писари камина мебошад. Бинобар он, аз ман хавф набаред ҳам мешавад.

Низомиддин дид, ки ҳамсӯҳбаташ чандон «саҳрони нодон» набуда, мардаки ҳолдон ва огоҳ аст ва шояд кӣ будану чӣ будани ӯро ҳанӯз аз наомаданаш пештар фаҳмида мондагӣ, бинобар он, андаке кушода шуду гуфт:

— Мебахшед, ман шуморо дуруст нашнохтем...

— Номи ман Зокирбой, дар вақти ҷаноби олӣ Зокирбой ҷевачӣ мегуфтанд,—гуфт он мард.— Шукр, дар ҳамин гирду атроф мардум мешиносанд ва ҳурмат мекунанд. Ду писар дорам, бӯзбала, баҳодур, бағайрат, аз гуфту фармони ман берун намераванд. Замин дорам, ба худам муносиб молу чорпо дорам. Лекин риши калону ҷомаи қаламини маро дида, мардум маро писанд намекунанд... Майлаш, дар ин замона, то як дараҷа ҳаминаш нағз, ҷадиду ёшбухориҳои шумо дуруст аҳамият надода мегузаранд ва аз шаррашон эмин зиндагӣ мекунем.

— Аҷиб,— гуфт Низомиддин, шумо аз ҷадидҳо қимоб-мӣ?

— Бале, қимоб!— гуфт Зокирбой.— Агар қимоб намешудам, Асад махсум ба ман бовар намекард. Як шаб то ними шаб бо Махсум сӯҳбат кардем, дарди дил кардем. Маълум шуд, ки дар бисьёр мавридҳо ҳамфикр будаем. Дар бораи шумо ба ман Махсум нақл карда дод, гуфт ки худашро ҷадид метарошад, лекин бо ҷадидҳо муросо карда наметавонад. Ин дуруст, кори шумо ду-

руст! Мавридаш шавад, ба байни душман даромада гирифта, ҷонам-ҷонам гуфта ҷонашро баровардан лозим. «Ёшбухориҳо»-и шумо чӣ кор карданашон ва ба кадом роҳ рафтанашонро худашон намедонанд. Бо онҳо муросо кардан мушкил. Офарин ба шумо!

— Бинобар он, мо бо онҳо даст ба гиребон шудем,— гуфт Низомиддин ба мардак ҳусни эътимод зоҳир карда,— мо мамлакатро аз русҳо холӣ карда, давлати миллии худамонро барпо карданӣ ҳастем. Мо ба ин фикри худ боварӣ дорем ва албатта онро ба вуҷуд меорем — ҳарчанд, ки дар ин роҳ ҷону моламон фидо шавад ҳам!

— Фикри бад не...— гуфт мардак ришашро сила карда истода ва ба андеша фурӯ монд.

— Қариб буд, ки Асад махсум ба даст афтад ва торумор гардад,— гуфт ба гапаш давом дода Низомиддин.— Лекин мо ёрӣ додему вай ба ин сӯ ҳиҷрат кард. Ҳамаи молу давлаташро партофта омад. Ман ҳам аз дарун истода кор мекардам, ба дӯстонамон мадад мекардам, лекин нашуд. Қам монда буд, ки чека маро дастгир кунад. Нонлоҷ ман ҳам ба ин сӯ омадам, ҳамаи молу мулку давлатам ба дасти онҳо монд. Акнун, агар худо ёрӣ диҳад ва халқ моро дастгирӣ кунад, бо ғалаба ва зафар боз ба Бухоро бармегардем.

— Мушкил!— гуфт Зокирбой...— Мушкил! Ба урус даст ба гиребон шудан кори осон не. Ман ба Махсум гуфтам, ки ин тосу кӯзаҳо катӣ ба мақсад намерасӣ.

— Наход, ки шумо ба ғалабаи мо боварӣ надоред!

— Ман аз худо мехоҳам, ки шумо ғалаба кунед! Ин айни муддао! Агар ҳамин тавр намебуд, ман ба Асад махсум ёрӣ намедодам.

— Пас гап дар куҷо?

— Гап дар ҳамин, ки бародар,— гуфт худбоварона Зокирбой.— Ман дар вақташ як-ду бор то ба Урунбурун[1] рафта омадагӣ ва ҳар вақт ба Самарканд гузашта мегистам. Ман бо урус нағз шинос ҳастам, медонам, ки барои бо урус, хусусан бо муҷуки[2] урус: бо мардикори урус даст ба гиребон шудан, қувват доштан лозим аст. Он қуввате ки уруси имрӯзаро, аскари сурхи ӯро зада мегардонда бошад, дар мо нест. Бедарак ташвиш мекашетон!

---

[1] Оренбург.

[2] Мужик — яъне деҳқон.

Низомиддин аз дил гузаронид, ки ин мардак ҳоло ба чӣ корҳо қодир будани гурӯҳи моро намедонад ва бинобар он, рӯякӣ фикр карда ин хел гап мезанад.

— Бале, рӯякӣ нигоҳ кунед, гапи шумо ҳақ мебароед,— гуфт вай ва якта папирос оташ дод:— Вале мо ҳам аноӣ нестем. Ҳоло сабр карда истед, корнома акнун сар мешавад. Ин Иброҳимбеку Фузайл Махсуму ин Абдулқаҳҳор, ин Асад махсумино аз нӯги хамир фатираш. Дар ҳамин қарибӣ корҳо ранги дигар мегирад.

— Хайр, кошкӣ, кошкӣ!— гуфта монд Зокирбой, вале дар дилаш хандиду гуфт, ки ту ҳам аз шариконн ҷадидат мондаиӣ надорӣ! Ба ваъдаҳои хому лофу газоф бовар кардагӣ одам охираш фаност. Аммо ман корамро дониста мекунам...

Низомиддин аз хотир мегузаронид, ки ин тавр нобовар шудани одамони худӣ хуб не. Агар Зокирбой барин одами боэътимоди Махсум дар ҳамин фикр бошад, ки бо урус ҷангида ғалаба кардан мумкин нест, большевик мағлубнашаванда аст, аз дигарон чӣ гила! Акнун вазифаи мо, вазифаи ман ва Махсум ва ёру дӯстони мо пеш аз ҳама ташвиқоту тарғибот аст. То сар шудани ҷангҳои калон мардумро тайёр кардан лозим. Агар мардум ба мо боварӣ надошта бошанд, агар мардум аз аскари сурх тарсида монда бошанд, кор пеш намеравад. Як хатои калони Асад махсум дар ҳамин, ки ба халқ аҳамият намедиҳад, ҳама корро ба зарби қамчин ва тири милтиқ кардан мехоҳад. Агар зӯриат асос надошта бошад, агар дар байни мардум пушту паноҳ надошта бошӣ, қувваат зуд мекоҳад ва мағлуб мешавӣ! Асад махсум бошад, дар ин ҷоҳо сиккаю боргоҳашро шинонда, дар ин бораҳо фикр намекунад. Агар фикр мекард, наздикони вай ин тавр нобовар шуда намемонданд... Нобоварӣ ба кори худ — кирмест, ки одамро аз дарун нобуд мекунад! Аммо агар дурусттар фикр кунем, мардум ба чии мо бояд бовар кунанд? Ягон бор ғалаба накарда бошем, ягон бор пешрав нашуда бошем!... Бале, мушкил, хеле мушкил аст зиндагӣ! Зокирбой то андозае ҳақ шуда мебароед. Ин большевик як балои охирзамон шуда баромад. Бо вай заду хӯрд кардан дар ҳақиқат осон не! Магар ки мушкили моро худи омадани Анвар пошшо ҳал кунад. Бале, бале! Анвар пошшо биёяд, корҳо ранги дигар мегирад. Ҳоло дар бораи охири сафар фикр кардан лозим.

Вай боз ба Зокирбой муроҷиат кард:

— Шумо ки ба одамони Махсум ёрӣ медода бошед, чӣ хел ва бо чӣ ёрӣ медиҳед?

— Ман ба онҳо хӯрокворӣ, орду равғану гӯшт ва ба аспҳояшон ему хошок ҷамъ карда расонда меистам.

Дар ин дам аз берун яке аз он ҷавонҳое, ки Низомиддинро мушоийат карда буданд, сулфа карда, салом гуфта даромада омад.

— Ҳа, Сафарҷон,— гуфт Зокирбой,— чӣ хабар овардӣ?

— Махсум дар боло...— гуфта монд Сафар.

Вай ҷавони навмӯхат, тануманд ва чашму абрӯсиёҳ буд. Падарашро ҳурмат карда, дар назди вай оҳиста ва бо мулоимат гап мезад.

— Барои чӣ ин қадар дар боло нишаста мондаанд?— боз пурсид Зокирбой.— Охир, ба ин ҷо омадани меҳмонро медонистанд-ку?..

— Ман то қишлоқи Оби Қабуд рафтам,— гуфт Сафар.— Дар он ҷо одамҳои Махсум бо сардории қаровулбегӣ камин гирифта нишастаанд. Аз худи қаровулбегӣ фаҳмидам, ки ба Сангқалъа баромадани Махсумро аскарҳо пай бурдаанд ва ҳатто пайраҳаи махфиро ҳам дидаанд ва дар он ҷо ҷанги сахте шудааст. Аз одамҳои махсум каси бисьёр талаф шудааст. Ҳозир аскарҳо аз даҳана дур нарафта онро посбонӣ мекардаанд. Хайрият ки бо Махсум одами бисьёр ба боло баромада будааст, ки ба аскарҳо роҳро банд карда, онҳоро ба пайраҳа нагузошта истода будаанд... Ба фикри қаровулбегӣ, акнун Махсум якчанд вақт дар боло мемондаанд...

— Барои чӣ худи қаровулбегӣ ба Махсум роҳро кушода намедиҳанд?— пурсид Зокирбой.

—Қаровулбегӣ мегӯяд, ки зӯраш намерасад. Акнун фурсат ёфта, худаш ҳам аз ин атроф хеста ба тарафи Душанбе — Ҳисор мерафтааст.

— Аҷиб! — гуфт Низомиддин.— Ин ҳам толеи ман...

— Рост!— гуфт Зокирбой.— Намедонам Махсум бо чӣ мақсад дар ҳамин вақти омад-омади шумо ба Сангқалъа, ба пеши оилаашон баромада монданд. Он ҷо дар ҳақиқат ҷои мустаҳкам, фақат як роҳ дорад, ки онро ҳеҷ кас намедонад ва агар дониста монда, аз пайраҳа боло баромаданӣ шавад, як мерган метавонад, аз боло истода, ҳуҷуми ҳазор касро гардонад. Лекин бадии кор дар ин ҷо ки агар даҳанаро аскарҳо дошта истода бошанд, Махсум ҳам поён фаромада наметавонад.

— Дар боло аз гушнагӣ мурдан мумкин...

— Не,— гуфт Зокирбой,— аввалаш ин ки дар боло мову Махсум пешакӣ захиран бисьёр ҷамъ карда мондагӣ, баъд аз ин тараф, аз даруни ғор бо сабад ба боло чизу чора кашида баровардан мумкин... Мо ҳаминашро ҳам дуруст карда мондагӣ...

— Қаровулбегӣ гуфт, ки — гуфт Сафар,— ҳамин рӯз аз ғор ба қишлоқи мо одами Махсум фаромада меомадааст. Мо ӯро мунтазир шавем будааст.

— Майлаш, мунтазир мешавем, канӣ бачаҳо биёянд...— гуфт Зокирбой аз ҷо бархоста,— ман як ҷою дастурхон кунам, гурусна ҳам мондагистед?

«Бачаҳо» бегоҳирӯзӣ омаданд. Онҳо се кас буданд: ду нафар ҳамонҳое, ки ӯро пешвоз гирифтанд ва боз як нафар аз одамони Асад махсум, ки нав аз боло фуромадааст.

— Ҷаноби Махсум ба шумо салом расониданд,— гуфт вай ба Низомиддин мактуберо дароз карда.— Ҳама ба шумо, ба роҳи шумо чашми интизорӣ доранд. Маро фиристоданд, ки шуморо аз ин ҷо сиҳат-саломат боло бароварда, ба он кас расонам.

— Ҳа,— гуфт Зокирбой,— Муҳаммад Ёр яке аз муқаррабони Асад махсум аст. Аслан вай аз ҳамин ҷоҳои мо, лекин баъд Бухоро рафта монду ба дастаи Махсум ҳамроҳ шуд. Муҳаммад Ёр барин кӯҳгарду дорбоз дар дуньё нест. Ҳамин роҳи озуқакашониро вай фикр карда ёфтагӣ...

— Бисьёр нағз!— гуфт Низомиддин,— саломатии ҷаноби Махсум чӣ тавр? Бардаму хурсанд-мӣ?

— Ҳа, бад не...— гуфта монд Муҳаммад Ёр ва андак таваққуф карда илова намуд:— Дар шароити кӯҳистон гоҳ нағз, гоҳ бад... ба ҳар ҳол мегузарад...

Низомиддин, ки боргоҳи Асад махсумро амирона ва бо шукӯҳи тамом пиндошта буд, аз ин сухан ҳайрон шуду зуд пакетро кушода ба мактуб чашм давонд.

«Ҳувалқайюм... Пас аз дуою саломи билониҳоя расида бод, ки ин ҷониб камина сиҳат ва саломат буда, саломатии шумоёнро аз даргоҳи илоҳӣ хоҳон ва ҷӯёнам.

Баъд буда бошад, ки пас аз шунидани хабари омад-омадатон ман хостам чанд рӯз ҳамроҳи шумо дар «Қӯшки» Сангқалъа фориғ аз халал сӯҳбат карда, истироҳат

кунам. Ин ҷо нисбатан эминтар, аз чашми душман дуртар аст. Хусусан ин ки имрӯзҳо дар поён ҳаво гарм, дар ин ҷо ҳаво мӯътадил ва канизатон — Ойиша ва модари ӯ низ дар ҳамин ҷоянд, ки мо аз ҷиҳати хӯроку маишат ҳам тангӣ намекашидем... Бо ҳамин мақсадҳо ду рӯз пеш аз ин ба ин ҷо баромадам, лекин душман дар паи мо будааст, роҳро масдуд карда монд. Тахмин дар ин қарибиҳо роҳ ёфта фаромадани мо муяссар намешавад. Бинобар он, қарор додем шуморо бо роҳи махфӣ ба наздамон даъват кунем. Ин як ғорест, ки аз даруни он шуморо боло мекашанд... Ман худам метавонистам бо он роҳ фаромада, дар хонаи Зокирбой сӯҳбат кунем, лекин дар ин ҷо канизатон Ойиша хеле тараддуд кардагӣ ва, сониян, ин ҷо тавре ки дар боло гуфтам, бехавфтар ва осудатар аст. Дар ин ҷо мо метавонем хуб маслиҳат карда, нақша ва корҳои ояндаро муайян кунем. Баъд, агар маслиҳат донед, як шабохун зада аз қабал озод мешавем ва ба тохтутоз давом медиҳем...

Шуморо дида, ҳаман ёрони бухориро дидагӣ барин мешавам. Шуморо дида бӯи Бухоро ба машомам мерасад. Дар ин муддати бисьёр ки аз шумоён дур, дар ин кӯҳсори сангдил ва ҳавобаланд дам нагирифта, тохтутоз карда мегардам, бо вуҷуди ин, қариб аст ки ғуссамарг шавам. Чунки дар гирду атрофам шумо барин ягон ҳамдам надорам... Гоҳо давру давронҳои Ширбаданро ба ёд оварда, ашки ҳасрат мерезам. Бинобар он, расида омадани шумо маро аз ҳад зиёда мамнун мегардонад.

Боқимонда маслиҳат ва гуфтушунидҳоро дар ҳузуратон мекунем, аммо пеш аз ба ин ҷо омаданатон баъзе чизҳоро ба шумо гуфтанам лозим, ки дониста амал кунед:

Вазъияти шербачаҳои ман (росташро мегӯям) чандон хуб не. Муддати мадид тохтутоз кардан, кам осудан, сахтии қишлоқҳои кӯҳистон, гушнагӣ ва ноумедӣ инҳоро ба танг овардааст. Метарсам ба сарам нашӯранд! Бинобар он, ба онҳо гап задан, хабарҳои «нав»-и хурсандибахш овардан, дилбардорӣ кардан, рӯҳбаланд намудан ва умед бахшидан лозим. Шумо аз худи поён ҳамин корро сар кунед. Ба ҳама ваъдаҳои калон диҳед, рӯзи ғалаба наздик гӯед...

Ман яке аз одамони чаққон ва кӯҳгард ва кӯҳбарон худамро ба овардани шумо фиристодам. Харчанд ки ба ин ҷо баромадан қадре мушкил ва хавфнок аст, лекин

шумо натарсед. Муҳаммад Ёр одами устост, коре карда шуморо сиҳат ва саломат мерасонад, баръакси ҳол сарашро аз танаш ҷудо мекунам. Зокирбой ҳам одами худӣ ва боэътимод аст, вале, ба ҳар ҳол, чандон сир накушоед. Дар ин замона ба ҳеҷ кас бовар карда намешавад. Агар тавонед, бо худатон камтар қанд ва ширинӣ биёред. Қути лоямутро Зокирбой ба ивази пули калон расонида меистад. Хайрият, ки аз Бухоро камтар пул гирифта омада будам!.. Боварӣ дорам, ки шумо ба худатон пул ҳам доред! Хайр, саломат бошед, ба омаданатон чашм дар роҳ ҳастем. Қамина дӯсти шумо».

Мактубро хонда Низомиддин хеле малӯл шуд ва ба дилаш воҳима афтод. Вай донист, ки ҳоло Асад махсум он шери жаён нест, худи ҳаёт ва шароит ӯро аз сад ман ба як ман фаровардааст. Акнун вай ба як лӯнда қанд мӯҳтоҷ шуда ба ӯ илтимос мекунад. Тавба, одаме, ки бо як нигоҳи заҳролуди худ ҷигари баброро об мекард, акнун мисли муллобачаҳои ғариб ва дардманд нолону гирьён ба ӯ хат навиштааст ва ҳатто бардурӯғ ҳам аз ҳашамату боргоҳи худ хабар надодааст.

Пас, ба назди Асад махсум рафтани Низомиддин чӣ зарурате дорад? Дар боргоҳи гуруснагон як ионхӯр зиёд мешавад. «Худам ба дарам, туро ба дари кӣ барам!» Магар беҳтар намешавад, ки аз худи ҳамин ҷо ба тарафи Самарқанд гузарам? Наход ки дар Самарқанд бо номи дигар ва унвони дигар ба мардум худро нашиносонида зиндагӣ карда натавонам? Ба ман чӣ зарур ки боз ба дами аждаҳо равам? Кӯҳ ба кӯҳу дашт ба дашт овора шуда гардам? Гуфтан Зокирбой бо урус даст ба гиребон шудан осон не! Ба ваъдаҳои хушку холӣ, ба омада мӯъҷиза нишон додани Анвар бовар кардан нашояд! Ба бовар кардан асос ҳам не...

— Мо қарор додем, ки,— гуфт ба хаёлҳои Низомиддин халал дода, одами Асад махсум,— худи ҳамин шаб шуморо ба боло расонем.

— Чӣ хел? Кӣ қарор дод?— гуфт, ба маънои гапи мардак дуруст пай набурда Низомиддин.

Одами Асад махсум — Муҳаммад Ёр як дараҷа ҳайрон шуду ба Зокирбой нигоҳ кард. Зокирбой, ки одами рӯздида ва пухта буд, зуд фаҳмид, ки мактуби Асад махсум ба меҳмон таъсири хуб набахшид, гуфт:

— Бачаҳо мехоҳанд, ки худи ҳамин шаб ҷаноби ҷумоφо ба назди ҷаноби Асад махсум расонанд. Лекин ман дида истодаам, ки роҳи дур шуморо хеле монда кардааст, бехтар ки ин корро ба шаби дигар гузорем. Аввалаш, шумо хуб дам гирифта, баъд ба роҳи сахт мебароед, дуюмаш, бачаҳо аз гирду пеш дуруст бохабар шуда, ба тинҷии атроф имон ҳосил мекунанд... Ба ҳар ҳол ба ресмон печида ба қуллаи кӯҳи баланд баромадан осон не!

— Ба ресмон печида?— бо ҳайрат пурсид Низомиддин.

— Дигар роҳ нест!— гуфт Зокирбой. — Мо хӯрокворӣро, ҷаву бедаро ҷамъ карда ба ғори даруни кӯҳ мебарему овоз медиҳем, чақмокак зада ишора мекунем. Моро шунида, аз боло ресмон мепартоянд. Мо ба он ресмон халтаю қанорҳоро баста ишора мекунем, аз боло мекашанд. Насиб бошад, шуморо ҳам ҳамин тавр ба ресмон баста мекашонем...

— Дар ними роҳ ресмон канда шавад-чӣ?

— Ресмон намеканад, — гуфт Муҳаммад Ёр.— Ман ду бор баромада, фаромадам. Фақат андак нотарсӣ ва далерию чаққонӣ лозим!

— Не,— гуфт ба таври қатъӣ Низомиддин.— Ман бо ин роҳ намеравам. Ягон роҳи дигар ёфтан лозим. Наход, ки шумо мардуми маҳаллӣ ҳар рӯз ба шикор, ба ревоҷканӣ рафта, ба баландию пастиҳо гашта ягон роҳи муносибтарро надонед?!

— Дигар роҳ нест!— гуфт Зокирбой ҳам ба таври қатъӣ,— ба сар ки афтид, ночор ба ҳар роҳ меравед ва агар лозим шавад, ба ресмон печида ба кӯҳ мебароед!

— Хайрият, ки ҳамин роҳро ёфтем, набошад, одамони мо аз гуруснагӣ мемурданд,— гуфт Муҳаммад Ёр.— Шукр мегӯем, ки большевикҳо аз ин роҳи мо хабар надоранд!

— Бедарак номи кӯҳро «Сангқалъа» нагуфтаанд,— гуфт Зокирбой.— Қасе, ки ба ин қалъа баромада ҷойгир шавад ва ягон роҳи борики онро муҳофиза кунад, дигар ва инсу на ҷинс ба пеши вай баромада наметавонад. Ин қалъаи худоофарид дар вақташ мусулмонҳои бисьёреро аз ҳуҷуми кофирон наҷот додааст. Бисьёр дастаҳои шикастхӯрда ва маҷрӯҳгашта ба ин Сангқалъа паноҳ бурда қомати худро рост кардаанд, ба захми худ шифо ёфтаанд ва пас аз қувват гирифтан, мисли чақмоқ, мисли сели оташин ба сари душман фурӯ рехтаанд... Насиб бошад,

дастан шумоён ҳам, вақташ меояду ғуррозанон ба поён метозад ва душманро зеру забар мекунад.

Низомиддин суханони Зокирбойро мешунид, вале дуруст намефаҳмид, хаёли вай дар ҷоҳои дигар буд. Вай пас аз шунидани роҳи ресмонӣ ба худ ларзид ва қатъӣ қарор дод, ки на бо ин «роҳ» ва на бо роҳи дигар ба назди Асад махсум намеравад: як рӯз-ду рӯз сафарро ба таъхир андохта, ин мардумро розӣ мекунад, ки ӯро ба Самарқанд гузаронанд. Агар ба Зокирбой пули калон ваъда диҳад, худаш ҳама корро саранҷом медиҳад... Пас, он чи ки суханони Зокирбой ба гӯшаш монда буд, такрор кард:

— Бале, ба поён метозад... Истед, ки аз ин роҳи ресмонии шумо аскарҳои сурх хабардор шуда, омада наметавонанд магар?

— Хабардор шаванд, албатта ба кори мо халал мерасонанд. Лекин мо корамонро дониста мекунем.

— Эҳтиёт шудан лозим,— гуфт Низомиддин.— Дар бораи бо ин роҳ рафтани ман боз фикр карда мебинем. Беҳтар мешуд, ки бе ресмону бе дорбозӣ аспсувор мерафтем...

Зокирбой гап назад.

Пас аз шӯрбо ва ҷои кабуд, Зокирбой ва писараш ба меҳмонҳо ҷои хоб партофтанд ва берун рафтанд. Одами Асад мӯза ва либосҳояшро кашида, ба рӯи ҷогаҳ дароз кашиду як нафаси осудае гирифт.

— Алҳамдулиллоҳ, худоё шукр!— гуфт вай.— Хайрият, ҷогаҳи гарму мулоим ва ба болои сар сақфу хонаи беғашро медидем! Чандин рӯз шуд, ки болиштамон санг, ҷогаҳамон хасу хошок, хӯрокамон оби явғон!..

— Бале, гурезагӣ ва ҳолати ҷанг ҳамин тавр мешавад,— гуфт Низомиддин ва андаке фикр карда истода пурсид:

— Шербачаҳо чӣ мегӯянд? Норозигӣ изҳор намекунанд?

— Норозигӣ мекунанд, аммо чӣ фоида! Баъзеҳо ҳатто ба рӯи Махсум давиданд...

— Махсум чӣ?

— Чӣ мешуд, ҳамаи онҳоро парронда кушт. Баъд гурезогурез сар шуд... Қариб панҷоҳ кас гурехт... Ҳозир Махсум сахт гирифтагӣ; худаш ҳам хоб намеравад, ба мо наздиконаш ҳам роҳат намедиҳад.

— Хеле асабӣ шудагист?

— Асабй ҳам гап! Чанги равғани доғ шудагй! Як оташак бас, ки лаппй карда дар гирад.

— Бечора Махсум, бечора Махсум!— гуфта монд Низомиддин ва дигар суол надод. Муҳаммад Ёр, ки хеле монда шуда буд, сарашро ба болишт мондан ҳамон ба хурроккашй сар кард. Аммо хоби Низомиддин намебурд, хаёлҳои ваҳмангез ӯро ба чоҳои дур бурда буданд.

Вай Махсумро бечора гуфт, аммо худаш аз вай ҳам бечоратар буд. Чй кор карданаш, ба кучо сар заданашро намедонист. Дар Бухоро чунон воҳима шуд, ки ҳеҷ чиз ба назараш нанамуд ва барои фикру хаёл карда шиштан фурсат ҳам набуд. Тақдир ва ҳаёти худро дар дасти фармонфармоён дида, бе ҳеҷ гапу калоча ба фармонашон итоат кард ва ба сӯи Асад махсум раҳсипор гашт. Аммо вай то ба ин дараҷа фано будани ҳоли Махсумро фикр накарда буд. Гумон дошт, ки ҳеҷ набошад ними шароити боғи Дилкушоро муҳайё кардагист ва барои ӯ хонаю чои алоҳида, хизматгор ва ошпази махсус медиҳад... Ана, маълум шуд, ки болишт — санги кӯҳ, хӯрок — оби явғон!

Не, Низомиддин девона нашудааст, ки худашро ба оғӯши бадбахтй ва азобу кулфат партояд! Ягон чораи кори худ, илоҷи дарди бедавои худро диданаш лозим! Ба Самарқанд равад, мабодо ба даст афтад. Дар Самарқанд ба кучо сар мезанад ва чй тавр зиндагй мекунад? Ҳоло кй будан ва бо чй кор машғул шуда гаштани вай ба ҳукумати Бухоро маълум шудагист. Пас, чаро ҳукумати Бухоро ба ҳукумати Туркистон мурочиат намуда, ӯро дастгир накунад! Чй кор кунад! Ба назди Махсум равад гуруснагй, хорию зорй, ваҳму ҳарос ва ба болои ҳамаи ин асабият ва девонагии Махсум! Аввал чй будй, гурба ки лунчи ту варам кард!

Не не, вай ҳаргиз ба назди Махсум намеравад. Номаълум ба Самарқанд гузашта, ба ягон қишлоқаш рафтан лозим, ба ягон қишлоқи дурдаст! Дигар илоҷ не. Аммо то ба Самаркад гузаштан аз сад бандаргаҳи хавфнок гузаштан лозим мешудагист. Баъд, ин мардак, ки ба гирифта бурда, сиҳат-саломат расонидани Низомиддин маъмур шуда омадааст, чй мегӯяд, ӯро чй тавр розй кунондан мешавад? Маълум, ки агар вай бе Низомиддин баргардад, Махсум ӯро зинда намемонад. Вай ба ташвиқоти Низомиддин фода намешавад; хударо аз муқаррабони Махсум мегӯяд, Махсум носанҷида, ҳар касро ба худ муқарраб кардан намегирад!

Беҳтар аз ҳама Зокирбой аст. Агар Зокирбой розӣ шавад, сад ҳила меёбаду Муҳаммад Ёрро гашта узот мекунад. Масалан: ягон чопори қалбакиро оварда, мегӯяд, ки гӯё фармони нав шудааст, ман бояд ба Самарқанд рафта, бо ҳукумати он ҷо гуфтушунид кунам. Бале, бале, ҳалли ин муаммо дар дасти Зокирбой аст!

Рӯзи дигар, вақти ношто Низомиддин ба Зокирбой рӯй овард:

— Имрӯз ҳам ба ревоҷканӣ, яъне ба қавли шумо чуқурканӣ меравед?

— Эҳтимол... Агар дигар коре набарояд, албатта, меравам, ки ба шумо ва ба ҷаноби Махсум камтар чуқурӣ канда биёрам.

— Агар бемалол бошад, ман ҳам бо шумо равам?

— Бемалол.

Зокирбой писараш ва одами Махсумро ба қишлоқи дигар роҳӣ кард, ки ҷаву гандум гирифта биёранд, худаш ҳамроҳи Низомиддин ба тарафи кӯҳ равон шуд.

Ин қишлоқи калон, ки ба музофоти Ғузор тааллуқ дошт, дар доманаи тарафи шимолии кӯҳҳои Бойсун ҷо гирифта буд ва яке аз деҳаҳои обод ва хушманзар ба шумор мерафт. Қишлоқ, ки бевосита дар зери девораҳои кӯҳ меистод, онро дар домони кӯҳ гуфтан ҷоиз набуд. Зеро ки домани кӯҳ пас аз қишлоқ, хеле дар пастӣ буда, қишлоқ дар худи кӯҳ буд. Ҳавлиҳои ин қишлоқ ба китфи ҳамдигар сувор шуда боло мерафтанд ва аз ду тарафи он ду ҷӯи калони об, ки аз чашмасорҳо ташкил шуда буданд, ба поён шорида мерафтанд. Қишлоқ чандон сердарахт набошад ҳам, чандин чинорҳои азим дошт. Масҷиди баланд ва саҳни васеи сангини он аз дур намуда меистод. Дар поёни саҳни масҷид ҳам чашма ва дар канори он дарахти чинор рӯида буд.

Низомиддин бо мушоиати Зокирбой аз назди масҷид гузашта, ба мӯсафедоне, ки дар дамгаҳи масҷид ба рӯи ғӯлаҳои чӯбҳо менишастанд, салом дод ва тааҷҷуб кард, ки онҳо вайро дида аз ҷо бархостанд.

Низомиддин ва Зокирбой аз кӯчаҳои байни хонаҳо ва боғчаҳо гузашта, ба санглохи девораи кӯҳ расиданд. Дар тобиши офтоби хуррами аввали пагоҳ сангҳо мисли ойина шӯълапошӣ мекарданд.

Низомиддин ба оғӯши харсангҳои калон ва сангзори бе долу дарахт ба ревоҷканӣ наомада буд, мақсади вай

Зокирбойро ба чои хилват кашида, дарди дил кардан буд. Ҳамин ки аз қишлоқ як сесад метр болотар баромаданд, Низомиддин мондашавиро баҳона карда ба рӯи тахтасанги ҳамворе нишаст ва ба поёну гирду атроф бо диққат назар карда санҷид, ки дар он қарибӣ касе ҳаст ё не.

Подаи қишлоқ қайҳо ба боло, ба паси девори якуми кӯҳ баромада рафта ва мардуми қишлоқ ҳам дар паи кор ва зиндагии худ овора буданд. Низомиддин Зокирбойро аз паҳлуи худ шинонду пас аз дақиқае сукут гуфт:

— Кӯҳистон мисли духтари паричеҳраи бебок аст, бо вай ду-серӯза ишқбозӣ кардан хуб аст, вале ҳамвора зиндагонӣ кардан мушкил. Нозу адои бисьёр дорад, ки ман барин одам ёрои бардоштани онро надорад.

— Бале,— гуфт Зокирбой,— дар кӯҳистон зиндагӣ кардан осон нест, бурдборӣ ва мардӣ лозим аст.

— Бинобар он,— гуфт Низомиддин диққати ҳамсӯҳбаташро ҷалб када,— ман дар андеша ҳастам, ки ба кӯҳистони Сангқалъа баромада, чӣ кор мекарда бошам, чӣ тавр зиндагӣ мекарда бошам?

— Қамтар мушкил мешавад, албатта,— гуфта монд Зокирбой.— Лекин дар он ҷо якумр намеистед-ку!

— Мушкил мешавад,— такрор кард Низомиддин.— Аммо ҷисми нотавони ман ба мушкилӣ тоб оварда наметавонад. Ман нобуд мешавам...

— Худо нигоҳ дорад, наход ки...

— Бале, бале,— гуфт сухани Зокирбойро бурида Низомиддин,— ман нобуд мешавам. Дидаю дониста сари худро ба даҳони аждаҳо во гузоштан аз рӯи ақлу диёнат нест.

— Ин гапатон дуруст,— гуфт Зокирбой,— одами оқил худашро ба оташ намепартояд. Лекин Сангқалъа ҳам ба он дараҷа даҳшатнок не. Мо, камина, ҳастем, ризқу рӯзиро худо расонида истодааст. Барои Махсум ва оилааш як-ду хонаю айвон ҳаст, ки шуморо ҷойгир мекунад ва насиб бошад, рӯзаш ки расид, бо ғалаба боз ба поён мефуроед.

— Не, Зокирбой,— гуфт Низомиддин.— Ман ба Сангқалъа намеравам!

Зокирбой ҳайрон шудагӣ барин ба рӯи Низомиддин нигоҳ кард.

— Ба Сангқалъа намеравед? Чӣ, аз роҳатон бармегардед, ба Бухоро меравед?

— Не, ба Бухоро ҳам намеравам, ба Самарқанд рафтанӣ ҳастам.

— Ба Махсум чӣ мегӯед?

— Ҳеҷ... Ягон чиз фикр мекунем. Албатта, бе ёрӣ ва дастгирии шумо ман коре карда наметавонам. Барои ҳамин маслиҳат шуда, шуморо ин ҷо овардам. Акнун дасти ману домони шумо! Ҳар чӣ хоҳед, аз они шумо! Марҳамат, гӯед чандто тиллои панҷсӯма диҳам?

— Истед, истед! — гуфт дасти ба сӯяш дарозшудаи Низомиддинро пас тела дода истода, Зокирбой.— Гап ба болои тилло не!.. Ин, аҷиб мешавад-ку! Аз Бухоро, аз тарафи калонҳои шумо ба мо хабар шуда буд, ки дар Қаршӣ шуморо пешвоз гирифта, ба хизмати Махсум расонем. Инро мо ба Махсум гуфтем. Махсум одами худро фиристод. Акнун чӣ хел мешавад, ки мо шуморо ба Сангқалъа набароварда, ба Самарқанд гузаронем? Махсум одам фиристода кабиру сағири моро аз дами теғ мегузаронад.

— Агар бо андеша кор кунем, ҳеҷ бало карда наметавонад! Баъд, аз Сангқалъа фаровардани одаму яроқ осон не.

— Хайр, чи хел андеша?

— Ман фикр кардам, ки шумо ягон чопори дурӯғӣ месозед. Вай ҳамин бегоҳ асп давонда, омада мегӯяд, ки аз тарафи калонҳо супориш шуд, Низомиддин афандӣ бояд ба Самарқанд гузарад ва ба ман як мактуби сохтаро медиҳад. Ман, гӯё маҷбур мешавам ва ба Махсум узрномае навишта бо одамаш мефиристему худам бо ҳидояти шумо ба Самарқанд меравам.

— Ин, ҳилаи моро Махсум фаҳмида монад-чӣ?

— Намефаҳмад, агар шумо одамони боэътимод дошта бошед.

— Ба Самарқанд рафта гаштани шуморо хабар диҳанд-чӣ?

— Ман дар Самарқанд рӯйрост намегардам, пинҳон мешавам.

Зокирбой гапназаду ба андеша фурӯ рафт.

Вай ин ранг гирифтани сӯҳбатро ҳеҷ фикр накарда буд. Гумон дошт, ки Низомиддин яке аз роҳбарон ва саркардагони он тӯдае мебошад, ки Асад махсум кори ҳарбии онро пеш мебарад. Маркази дар Бухоро будаи ин тӯда ба Низомиддин эътимод ва боварии калон дорад.

Бедарак нест, ки барои гурезонидан ва саломат ба Махсум расонидани он ҳамаи чораҳоро дида ва андешидаанд. Акнун ҳамин одам гурехта ба Самарқанд рафтан ва кори ҳамаи тӯдаи худро фурӯхтан мехоҳад! Аҷиб! Агар Низомиддин афандеш ҳамин бошад, мароиу мақсади инҳо чӣ мешавад?! Дурӯғ, ҳамааш дурӯғ! Зокирбой бедарак ҷадидҳоро бад намебинад, инҳо субот надоранд, гапҳояшон ҳама боду лоф, ҳама дурӯғ.

— Чӣ гуфтед?! — овози Низомиддин ӯро ба хуш овард.

— Ман ҳайрон! — гуфт Зокирбой, чӣ гуфтанашро надониста.

— Ҳайрон нашаведу маед, ана ин панҷ тиллоро гиред! Ҳамин ки аз ҳудуд гузашта ба ҷои амну осуда расидем, боз ду баробари ҳамин тилло мегиред!

Зокирбой аввал тиллоро рад кард, вале баъд барқи донаҳои панҷсӯмаи Николай чашмонашро хира карданд ва ӯ беихтиёр даст дароз карда, пулро гирифту ба киса андохт.

— Ман намедонам чӣ кор кунам...— гуфт Зокирбой хеле мулоим шуда.— Сухани шуморо рад карда нашавад, шуморо ба назди Махсум гусел накардан ҳам нашавад... Ё ки ҳамон нақшаи шуморо кунем? Аз худи ҳамин ҷо ба хонаи Ориф қассоб раваму гӯям, ки номаълум карда аз қишлоқ бароядду бегоҳӣ ба назди Муҳаммад Ёр омада шумо гуфтагӣ барин кунад?

— Ориф қассобатон дилпур мешудагӣ-мӣ?

— Вай одами худам ва хеле айёр ҳам ҳаст.

— Набошад, бисьёр нағз, гап ҳамин! Одами Махсумро ба боло мефиристему худамон ба тарафи Самарқанд. Вассалом!

— Хайр, майлаш, гуфтаи шумо шавад.

Зокирбой меҳмонро ба сӯи ҳавлӣ равона карда, худаш дар ҳақиқат ба хонаи Ориф қассоб рафт, ки вай яке аз шарикон, ҳамкасбон ва ҳаммаслакони ӯ буд. Зокирбой ва Ориф қассобро ҳеҷ кас дузд, роҳзан ва босмачӣ намегуфт, умуман онҳоро чун одамони баобрӯ ва бонуфузи қишлоқ мешинохтанд. Лекин дар ҳақиқат ин ду нафар ҳам дузди ашаддӣ, ҳам роҳзан ва ҳам босмачии гузаро буданд. Ин «санъат ва ҳунар»-ҳои онҳоро фақат баъзеҳо медонистанду аз тарс лаб кушода наметавонистанд. Зокирбой дар қишлоқ амину оқсаккол набошад ҳам, маслиҳатгӯ ва фармондеҳ буд. Ягон тӯй, ягон ма-

росим берухсат ва маслиҳати вай барпо намешуд. Ҳатто барои рафтан ба шаҳрҳои дур — Самарқанд, Қаршӣ, Бухоро омада аз вай рухсат мепурсиданд. Агар вай маслиҳат ва рухсат диҳад, сафар ба хубӣ анҷом меёфт ва агар ӯ гӯяд, ки нарав ва он шахс барқасд равад, басо мешуд, ки ба хатар вомехӯрд ва ҳатто зинда бар нагаштанаш мумкин буд.

Ориф қассоб бошад, ба ҳама бо фоида пул қарз медод, судхӯрӣ ва ҳаромхӯрӣ мекард. Аз ҳисоби моли дуздӣ рамаҳои гӯсфандони вай рӯз то рӯз зиёд мешуданд ва дӯконҳои гӯштфурӯшии вай дар шаҳрҳои Китоб, Шаҳрисабз, Ғузор ва Бойсун аз гӯшти гову гӯсфанд пуртар мешуданд... Барои вай одамкушӣ ва гӯсфанд сар задан фарқ надошт.

Ин ҳар ду ҳам писарҳои бӯзбалаи фармонбардор доштанд ва он писарҳо дар зери дасти худ дуздбачаҳои чобук ва ҳушьёр доштанд. Ҳамаи ин ҷавонҳо бо корд, бо таппонча ва милтиқ мусаллаҳ буда, шакли як дастаи махфии роҳзанонро гирифта буданд.

Инак, Зокирбой ва Ориф қассоб дар меҳмонхона зону ба зону монда менишастанд. Ду писари Зокирбой, як писари Ориф қассоб ва инчунин Муҳаммад Ёр, ки барои бурдани Низомиддин аз боло фаромада буд, дар поёнтари хона ба маслиҳати калонҳо гӯш дода менишастанд.

— Тиллои панҷсӯма ва албатта, сангҳои қиматбаҳои бисьёре дорад. Ин хел луқмаи базарба ва қиматбаҳоро худо аввалин бор ба мо насиб мекунад.

— Рост, рост,— мегуфт Ориф қассоб.— Ин хел зотҳо аз ҳавлӣ ғамашонро хӯрда мебароянд.

— Набошад, гап ҳамин! Шабона ман худам меҳмонро ба ҷои гуфтагемон мебарам. Мулло Ориф ва шумо, бачаҳо, аз қафо меоед!

## XIV

Асад махсум дар Бухоро шикаст хӯрда, ба тарафи Ғиждувон гурехт ва аз он ҷо ба сарҳадди Самарқанд рафт. Дар роҳ ҳамаро фиреб медод, ба ҳама — хоҳ ба дастаи аскарони сурх, хоҳ ба милиционерҳо мегуфт, ки барои машқи ҳарбӣ меравад. Як-ду гурӯҳи майдаи аскарони сурх, ки аз гурехтани ӯ бохабар буданд, пеши роҳашро дошта, ба ҷанг сар карданд. Лекин Асад бо онҳо

низ даст ба гиребон нашуда, бо ҳилаю тазвир қафо гашт ва аскарҳоро чапгалат дода халос шуд ва ба ҷои бехтаре расид. Он ҷо дашти ҳамвор набуда, баландию пастӣ ва теппазор буд. Асад ба аскаронаш истироҳат доду худаш бо Оқилов ва Исматҷон ба маслиҳат нишаст. Пас аз маслиҳат ба ҳамин қарор омаданд, ки Оқилов ба Самарқанд равад, ба ҳукуматдорони Туркистон шӯрой таслим шавад ва бо онҳо гуфту шунид карда, имконияте ба даст орад, ки дастаи Асад махсумро қабул кунанд, яроқашонро нагиранд, балки ба мудофиаи ягон сарҳад гузоранд. Асад дар он ҷо кам-кам қувва ҷамъ карда, боз ба Бухоро ҳуҷум хоҳад кард.

Пас аз рафтани Оқилов нохост як дастаи аскарони сурх ба ӯрдугоҳи Асад махсум шабехун зад. Асад махсум ҷанг накарда, ақиб гашт ва худро ба тарафи Бойсун гирифт. Лекин аскарҳо ӯро таъқиб карданд. Асад махсум оташин шуда ба ҷанг даромад. Ду-се бор дастаҳои майдаи аскарони сурхро торумор кард, се-чор пулемёт, чандин қуттӣ тир ва милтиқи бисьёре ғанимат гирифт. Аз ин ғалабаҳо рӯҳбаланд шуда, қарор дод дигар аз сарҳад намегузарад ва дар атрофи кӯҳи Бойсун зада мегардад...

Дар ин ҷо ба дастаи вай ду-се дастаи босмачиёни он тараф ҳамроҳ шуданд. Асад махсум ба Бухоро, бо роҳбарони маънавии худаш муносибат пайдо кард ва онҳо низ ӯро водор карданд, ки дар гирди Бойсун тохту тоз карда гардад, то мумкин аст, худашро пинҳон кунад ва мунтазир шавад, ки дар ҳамин қарибиҳо задухӯрди бузург сар мешавад ва Анвар пошшо омада ҳамаи муҷтаҳидонро муттаҳид месозад ва ба ҳуҷуми калон мегузарад...

Инак аз он рӯз ин ҷониб Асад дастаи худро ба чандин қисмҳои серҳаракат ва чаққон тақсим карда, дар қишлоқҳои он гирду атроф тохта мегашт. Бо ёрии Зокирбой барин шахсон Сангқалъаро ёфт. Дар он ҷо ба худ марказ сохт, зан ва модари занашро овард, яроқ, тиру дору ва хӯрокворӣ захира намуд ва дар ҳар сари чанд гоҳ ба он ҷо баромада, як ҳафта-даҳ рӯз истироҳат мекард...

Дар ин муддат дар ҷангҳои майда хеле одамҳои вай талаф шуданд. Исамтҷон ҳам дар ҷанг тир хӯрда, чанд гоҳ бемор ва захмӣ хобид ва хору зор шуда мурд. Ҳоло Асад махсум аз байни аскарони қаторӣ одамони фидо-

кор ва мухлисро ёфта, ба худаш маовинҳои нав таъин кардааст. Лекин ин маовинҳо ҳеҷ гоҳ ҷои Оқилов, Исматҷон ва Наими талхро гирифта наметавонистанд. Ин маовинҳо аз набудани одам, ба ҳар ҳол пушту паноҳ гуфта таъин карда шуда буданд... Асад махсум ба ҳеҷ кас боварӣ надорад. Дар нобоварӣ, шубҳа ва ҳарос зиндагӣ мекард, вале дандон ба дандон мемонд, мақсади худашро ба вуҷуд овардан мехост...

Он бегоҳ пас аз торик шудани ҳаво, Махсум бо панҷ-шаш нафар наздикони худаш ба канори тарафи шимолии Сангқалъа, ки бурҷи хеле дур буд, рафт то аз ғор хабар гирад ва меҳмони дилхоҳашро пешвоз гирад. Ойиша аз ин фурсат истифода бурда, аз хонаи сангин, аз «кӯшки» болои Сангқалъа берун баромад ва гӯё дар ҳавои кушод сайр мекард. Дар гирду атрофи «кӯшк» касе набуд. Ойиша пас аз каме қадам задан, ба қафои хона гузашт, ки дар он сӯ арчазор буд ва то худи канори ҷарӣ дарахтҳои баланду паст ҷангал шуда рафта буданд. Аз шамоли андак дарахтони арча шуввос мезаданд, ки дар он торикии маҳз ба дил воҳима меандохтанд. Аммо Ойиша натарсид, вай бо пайраҳае ба даруntари арчазор даромаду зери лаб сурудеро оҳиста замзама кард ва баъд хомӯш истода гӯш дод. Ҳеҷ овозе нашунид. Боз пештар рафта, боз ба овози паст замзама кард. Ин дафъа шохаҳои хушк дар зери қадами касе шараққос зада шикастанд ва дере нагузашта дар рӯ ба рӯи ӯ касе пайдо шуд.

— Ғаюрбек! — гуфт бо нимсадо Ойиша.— Шумо-мӣ?

— Ҳа, ман! — гуфт он кас ҳам оҳиста ва илова намуд: — Боз хуб нашуд, ки номи маро гирифтед... Дарахтҳо ҳам гӯш доранд! Ман гуфта будам-ку, номи ман «фалонча»!

— Рост, рост! — гуфт Ойиша.— Мани девонаро мебахшед, аз хотирам баромадааст. Медонед, ки дар ҳар бор шуморо мунтазир шудан чи қадар дилам метапад, чӣ қадар ба ҳаяҷон меафтам... Хӯш? Каримро дидед?

— Не,— гуфт Ғаюрбек,— Қарим ҳанӯз наомадааст. Ман бо ҳамон командири аввала, ки номаш Фатҳуллин аст, вохӯрдам. Хати шуморо ба Қарим фиристодааст, бо маовини худаш фиристодааст. Мегӯяд, ки Қарим барои мағлуб кардани Асад нағз тайёрӣ дида истода будааст...

— Кай ба роҳ мебаромадааст? Кай ба ин ҷоҳо мерасидааст? — бесаброна пурсид Ойиша.

— Инашро нагуфт. Ба ҳар ҳол бояд дар ҳамин наздикиҳо биёяд. Боз ҳаминро гуфт, ки Карим ба ёди шумо будааст. Карим ба ёрии шумо ва ба ёрии дӯстони шумо боварӣ доштааст...

— Бисьёр нағз, мо албатта ёрӣ медиҳем.

— Командир Фатҳуллин ба шумо ва ба ман бисьёр ташаккур ва раҳмат гуфт, ки роҳи Сангқалъаро нишон додем ва аз боло баромадани Махсум хабар расонидем. Акнун, аз Махсум доимо хабардор шуда истем будааст, агар ба поён ҳуҷум карда фаромаданашро пешакӣ фаҳмем, ҳар чӣ кор карда онҳоро огоҳ кунем будааст. То омадани Карим аскарҳои сурх кӯшиш мекарданд, ки Махсум аз боло фаромада натавонад...

— Пас, чаро худашон ҳуҷум карда боло намебароянд?

— Инро худатон медонед-ку! — гуфт Ғаюрбек.— Чор нафар мергани ҷонфидои Махсум роҳи болоро муҳофиза карда истодаанд, ки агар пашша пар занад, бо тири милтиқ мезананд. Аз паси онҳо боз се бандаргоҳ одам мондааст. Агар ба ғайр аз ҳамин роҳ боз ягон роҳи дигар мешуд, худамон хабар медодем.

— Аэроплан чеғ зананд, тӯп кати зананд.

— Аввалаш ин ки тӯпро ба кадом баландӣ монда мезананд, ки ба ин ҷо расад? Аз поён ба ин баландӣ тири тӯп намерасад. Аммо аэропланро намедонам. Карим биёяд, аэроплан ҳам меомадагист...

Ойиша як оҳи чуқуре кашида монду гуфт:

— Хайр, боз чӣ гуфт?

— Ба худатон эҳтиёт бошетон, мабодо Махсум фаҳмида монад, ҳам ба шумо ва ҳам ба кори мо хуб намешавад, гуфт. Акнун, ҷон хоҳарҷон, шумо ба Махсум ба ҳар ҳол муросо карда истед, ҷаҳлашро набиёред... То омадани Каримҷон мо бояд зиндаю саломат бошем.

— Амакатон чи тавр? — пурсид Ойиша.

— Амакам Яҳьё полвон нағз,— гуфт Ғаюрбек.— Оҳиста-оҳиста гапзанон карда одамҳои аз Махсум норозиро ба тарафи мо гардонида истодаанд... Мо ҳоло қариб даҳ кас шудем. Лекин хеле бо эҳтиёт кор мекунем.

— Бале, бале, эҳтиёт кунед, ки бе шумо ман чурғи беболу парам.

— Парво накунед, корҳо хуб мешавад. Акнун ман рафтам, боз пас аз се рӯз, дар ҳамин ҷо шабона вомехӯрем. Супоришҳои нав, хабарҳои навро мерасонам.

— Агар ман омада натавонам, рӯзи дигар биёед.

— Албатта, албатта...— гуфт Ғаюрбек ва оҳиста роҳ гашта ба торикӣ ғоиб шуда рафт.

Ин Ғаюрбек, яке аз ҷавонҳои фиребхӯрдае буд, ки ба дастаи Махсум ҳамроҳ шуда омада, ҳоло ҳақиқати корро дарк кардааст. Вай чанд гоҳ посбони Сангқалъа буд ва дар набудани Махсум бо Ойниша ва модараш шинос шуда, дарди дил карда ва якзабон шуда буданд. Ғаюрбек амак ҳам дошт, ки дар урдугҳои Махсум ошпазӣ мекард. Ҷияну амак оҳиста-оҳиста ба гирди худ се-чор нафар одамони худашон баринро ҷамъ карда буданд ва мехостанд, ки ё фурсат ёфта раванд ва ба аскарҳо таслим шаванд, ё ки тарафдорони бисьёр ҷамъ карда шӯриш бардоранд. Боре ҳатто Ғаюрбек вақти дар поён буданаш, чашм хато карда ба ӯрдугоҳи аскарони сурх рафт ва таслим шуд. Лекин камандир Фатҳуллин ба вай шинос шуда, аҳволу кирдорашро фаҳмида, маслиҳат дод, ки гашта равад ва дар байни ӯ ва дигарон робита пайдо кунад. Ҳамин тавр ҳам шуд.

Ойниша бо далерӣ ва нотарсии худ Ғаюрбекро ҳайрон мекард. Вай ҳар чӣ ки аз нақшаю корҳои Махсум хабардор мешуд, ба Ғаюрбек хабар медод, Ғаюрбек ба Фатҳуллин мерасонид. Ойниша хурсанд буд, ки ба кори аскарҳои сурх ёрӣ дода, худашро дар назди Қарим сафед мекунад ва гуноҳашро мехарад. Бинобар он, рӯҳ гирифта, дар умеди рӯзи нек ва халосӣ аз дасти золим кор мекард ва тарсу бимро ба як сӯ ғундошта монда буд...

Як соат гузашт аз он даме ки Махсум ба канори кӯҳ рафта буд. Урдугоҳ хомӯш ва ҳама ба омадани вай мунтазир буданд.

Дар тамоми урдугоҳ фақат дар хонаҳои дарун ва беруни худи Асад махсум шамъҳои нимчагӣ месӯхтанд. Дигарон дар чодарҳои худ, дар хаскаппаҳо ва заминканҳои худ ё дар торикӣ менишастанд, ё гулхан месӯхтанд.

Дар хонаи начандон калон, ки аз санг бино шуда ва хеле қадима буд (кӣ медонад, аз тарафи кадом сарлашкари гуреза, ё ки дидбонҳои кадом лашкари подшоҳони гузашта сохта шуда бошад), Ойниша ва модари

ӯ дар равшании шамъ нишаста чой менӯшиданд ва бо ҳам дарди дил мекарданд. Он хона фақат як дару (он ҳам қадима, аз чӯби ғафси чинор) ду сӯрохӣ ба ҷои тиреза дошт. Деворҳояш дудхӯрда, сақфаш ба шакли гумбадҳои ҳаммому мадрасаҳо, бе болору васса, вале хеле мустаҳкам сохта шуда буд. Бӯи заҳ ва нам меомад...

— Ҳозир дар Бухоро ҳаво гарм будагист,— мегуфт Ойиша.— Одамҳо ба рӯи ҳавлӣ ва суфаҳо ва ба шабгаҳҳо баромада хоб мекардагиянд... Чи тавр нағз буд, шабона дар шабгаҳи баланд, қатор ҷо партофта, ба ситораҳои дурахшони осмон чашм дӯхта хобидан...

— Ҳа, ҳозир айни чиллаи тобистон,— мегуфт Раҷаббибӣ,— дар Бухоро ҳаво гарм, меваҳо пухтагӣ, ҳама ба берун, ба саҳро баромадагӣ...

— Харбузаи хоҷамуродӣ, амирӣ, шерозӣ пухтагист; зардолу, шафтолу, ангури халилӣ баромадагист...

— Ангури шибирғонӣ, ангури лаъл, ангури ҳусайнӣ ҳам баромадагист.

— Чӣ хел нағз! Ҳамин хел шаби ором бошаду ман шабҳо дар болои ҷоям дароз кашида бошам, ба осмони пурситора нигоҳ карда, якто-якто номҳои ситораҳоро шуморам; ана вай ситораи Ҳафтдодарон, ана вай ситораи Тарозу, ана ваяш Яғлоғуи Бевазанон. Ана баъд, ана баъд шумо якта харбузаи хоҷамуродиро ба лаълӣ андохта биёреду куштанӣ шуда, ҳамгу ба думчааш корд монед, ки якбора тарсос зада кафида равад... Ана баъд... ана баъд шумо ба ман якта шук-қиссаи аҷоиби афсонавиро гуфта диҳед... Ана баъд... ана баъд...

Раҷаббибӣ «ҳа, ҳа...» гӯён ба орзую хаёлҳои духтараш халал намедод ва фақат дилаш лаппида-лаппида об мешуд ва чашмонаш бо ашк пур мегашт, ки хайрият дар нимторикӣ Ойиша онро намедид.

— Ана баъд...— мегуфт хаёл карда истода Ойиша,— ман хоб кунам, ҳеҷ кас ба ман халал надиҳад... Ман дар хобам Каримҷонро бинам...

— Барои чӣ дар хобат? — гуфт эътироз карда модар.— Каримҷон сиҳат ва саломат, ба умеди вохӯрдан бо ту ба ҷанг тайёр шуда истодааст. Ғаюрбек дурӯғ намегӯяд.

— Бале, Ғаюрбек дурӯғ намегӯяд...

— Ғам нахӯр, Карим зинда, тағои қаҳрамонат зинда!

Дар кушода шуду ба хона Асад махсум даромада омад. Дар шӯълаи шамъ дида мешуд, ки дар лабони вай як табассуми то ба имрӯз диданашуда аён аст.

— Тағои қаҳрамонаш! — гуфт бо писханд Махсум, риши расида ва дароз шудаашро даст зада монда.— Тағои қаҳрамонаш ҳамон Ҳайдарқули моҳипаз-мӣ? Ба худо сад ҳазор бор шукр, ки ин дуньёи моро боз аз як большевики ифлос тоза кард!

— Забони фитнаю дурӯғгӯ лухсида равад! — гуфт сахт карда Ойиша.

— Дурӯғ гуфта аз ту ягон эзори кӯҳна мегирам магар?! — гуфт Махсум овозашро баланд накарда ва асабӣ нашуда.— Ду рӯз пеш ба ман ин хабари хуш расида буд, ба ту нагуфтам... ба ту нагуфтам, ки хафа нашавӣ... ба ҳар ҳол тағо мешавад, як тағо ба ҷои ду падар, гуфтаанд.

— Фалак ба сари мо, муштипарҳо, ҳамин қадар ҷафо овард, бас набуд, ки — гуфт Раҷаббибӣ ҳам каме ҷуръат пайдо карда,— боз шумо, Махсум, моро азоб медиҳед, ба додари ман мечаққед, шумхабарҳои бофтаю сохтаро мегӯед!

— Бовар накунед, ихтиёратон, умед карда гаштан гиред! — гуфт мустареҳона Махсум.— Насиб бошад ба Бухоро, ки рафта даромадем, мефаҳмед, ки Ҳайдарқул кай мурдааст, дар кадом касалхона хобида ҷон додааст ва аз тири қасоси кадом диловар ин воқеа рӯй додааст!

— Махсум, фиребу найранг бас не-мӣ? — гуфт Ойиша.— Худат медонӣ, ки ман ба маргам ташна, аз дӯғу ҷазаба ва аз ғазаби ту наметарсам. Ҳар чӣ кор мекунӣ, кардан гир, лекин гапҳои дурӯғро бофта моро бозӣ доштанӣ нашав, ки бефоида!

Махсум каме сурх шуда ба ришаш даст зада монд ва ба сӯи Ойиша тез-тез нигоҳ карду аз кисабағали фиренҷи худ коғазеро баровард.

— Ман ба шумо сагҳо тамаллуқ намекунам,— гуфт вай бо овози баланд.— Дурӯғ гуфта нағз шудан ҳам намехоҳам... Ту ба ман дигар даркор нестӣ. Қайҳо бароварда аз кӯҳ мепартофтаму лекин ҳайсияти мардӣ нигоҳ медорад, аз одамҳои худам шарм мекунам. Бинобар он, ҳоҷат ба дурӯғ гуфтан нест. Ана, ин мактубро чаҳор рӯз пеш аз ин гирифта будам. Ин мактуби махфӣ ва ба касе набояд нишон диҳам буд. Лекин азбаски аз

шумо дилам пур ва медонам, ки ба ғайр аз ман фақат рӯи Азроилро дида метавонед, инро мехонам. Гӯш кунеду фаҳмед, ки гап дар куҷо!

Махсум ба шамъ наздиктар нишасту ба коғаз чашм давонд.

«Бародари мубориз ва қаҳрамон, ғозӣ ҷаноби Асад махсумро буда бошад, ки ин ҷониб моён сиҳат ва саломат буда, саломатӣ ва ҷондарозии шумои азиз ва мӯҳтарамро аз даргоҳи илоҳӣ хоҳон ва ҷӯёнем. Қорҳои мо аз лутфу эҳсон ва марҳамати илоҳӣ ба равнақ буда, ҳар рӯз ва ҳар соат ва ҳар дақиқа ғалаба ва музаффарияти мо наздиктар мешавад. Дар Бухоро ҳаракати зидди большевикӣ торафт авҷ гирифта истодааст. Дар ҳамин карибӣ аз тарафи одамони мо ба котиби фирқа Турсун Хоҷаев тир парронида шуд, вале Ҳайдарқули большевик, ки бо ҳамроҳии ӯ буд, танашро ба вай сипар кард, аз марги яқин наҷот дод. Ҳарчанд, ки ин дафъа котиб наҷот ёфт, вале дафъаи дигар ҷонаш ба сақар хоҳад рафт, чи тавре ки Ҳайдарқули лаин ҳоло аз кирдори худ ба мункар-накирҳо ҳисобот дода истодааст... Мо қарор додем, ки Низомиддин афандиро ба назди шумо фиристонем. Вай пагоҳ бегоҳӣ аз Бухоро ба тарафи Қаршӣ ҳаракат мекунад. Шуморо лозим аст, ки дар станцияи Қаршӣ ӯро пешвоз гиред ва бо роҳҳои ба худатон маълум ба наздатон баред».

— Ин хат чор рӯз пеш аз ин расида буд,— гуфт Махсум таъкид карда.— Ҳоло Низомиддин ба сӯи Сангқалъа омада истодааст. Одамҳои мо рафтанд, ки ӯро пешвоз гиранд. Фаҳмидед, боз тафсили воқеаро аз Низомиддин мефаҳмем... Акнун бовар кардед?

На Ойиша ва на Раҷаббибӣ чизе нагуфтанд, лол шуда хомӯш монданд. Ҳайдарқул, ягона муттако, ягона пушту паноҳ ва ҷону ҷигари онҳо тир хӯрда мурдааст. Дигар аз ҳоли зори онҳо кӣ хабар мегирад, дигар онҳо ба кӣ даркор? Замин сахт, осмон баланд, на дод монд, на фарьёд!.. Наход, ки ин хабар рост бошад?

— Хӯш? Чаро даматон ба даруиатон зад? Гап занед, дод гӯед, во тағом, во додарам гӯед!

— Не,— гуфт бар акси чашмдошти Махсум Ойиша далерона.— Дод намегӯем, фарьёд намезанем! Тағои ман Ҳайдарқул намемурад. Ҳеҷ вақт намемурад!

— Рост мегӯй, бачем,— гуфт Раҷаббибӣ ҳам,— тағои ту намемурад!

— Бале, вай Хизр шудааст,— гуфт бо тамасхур Асад махсум,— вай оби ҳаёт хӯрдааст! Хайр, ин гапҳоро монеду хеста ҳар чӣ дар бисотатон ҳаст, ҷамъ карда ягон хӯроки гарм пазед! Имшаб Низомиддин афандӣ меҳмони мо мешавад.

Занҳо гап назаданд. Махсум аз мех ҷомаи нимдошти алочаи каждумакии худро гирифта ба китф партофт, телпаки баррагии кафкозидӯхти худро дурусттар карда пӯшида ва боз ба занҳо муроҷиат кард:

— Имшаб ман хурсандӣ кардан мехоҳам, бо меҳмон нишаста шароб менӯшам. Ҳар касе ки ба хурсандии ман халал расонад, ё ки монеъ шавад, аз дами теғ мегузаронам!

Дар ин дам аз берун касе Махсумро ҷеғ зад. Вай саросема аз хона баромад, ки хабари расидани меҳмони дилхоҳро фаҳмад. Дар беруни дар, дар дамгаҳи айвон маҳрами хоси Махсум меистод, дар торикӣ ваҷоҳаташ дуруст наменамуд.

— Муҳаммад Ёр омад,— гуфт маҳрам.

— Низомиддин афандӣ чӣ? — пурсид бетоқатона Махсум.

— Низомиддин афандӣ...— гуфту маҳрам хомӯш шуд ва сар хам карду ниҳоят илова намуд: — дар он ҷо...

Дили Асад махсум, ки аз хабари омада истодани Низомиддин гӯё андак равшан шуда истода буд, якбора сип-сиёҳ гашт, даҳонаш хушк шуд ва гап назада беихтиёр аз паси маҳрам равон гашт. Аввалин тахмине ки ба хаёлаш омад, аз тарафи сурхҳо парронда шудани Низомиддин буд. Наход, ки ба ин тарафи кӯҳ ҳам аскарҳо пайдо шуда бошанд? Агар парронда шуда бошад, чаро маҳрам «дар он ҷо» гуфт?

Ниҳоят аз дарвоза баромада, ба майдончаи он қарибӣ расиданд. Дар он ҷо гулхан афрӯхта буданд. Дар пеши гулхан, ба замин, ба рӯи замбар барин чизе ҷасаде афтода буд, ки рӯяшро бо чакман пӯшида буданд. Дар гирду атроф одамони Махсум ҷамъ шуда ҳалқавор майдончаро иҳота карда буданд. Дар сари ҷасад Муҳаммад Ёр малул ва сархам меистод. Махсум тез роҳ гашта ба сари ҷасад хам шуду чакманро бардошта дид ва:

— Эй воҳ, ин чӣ ҳол? — гӯён фарьёд кард.

— Дар вақти ба боло баромада истодан санг омад,— гуфт Муҳаммад Ёр.

— Чӣ хел санг? Чаро ба сари ту назад? Чаро дӯсти маро мачақ кард? — Махсум аз гиребони Муҳаммад Ёр дошта сахт ба тарафи худ кашид.— Гап зан, хоин!

— Ман хоин не! — гуфт Муҳаммад Ёр дасти Махсумро аз гиребони худ канда.— Ман ҳам маиб шудам, поям ба зери санг монд, лекин бо вуҷуди ҳамин ӯро ба ин ҷо кашондам. Хоин мешудам, намеомадам!

— О санги набудагӣ аз куҷо омад?

— Дуздбачаҳои қишлоқ...— гуфт Муҳаммад Ёр,— дуздбачаҳои қишлоқ камин гирифта истода ба сари мо санг рехтанд. Пои маро санг зер карду ҷунбида натавонистам. Зокирбой ва писари ӯ ҳам маиб шуда худро ба қафо кашиданд. Ман ба халосии меҳмон ҳаракат мекардам, ки ба сари ман ҳам санг омад ва беҳуш шуда афтодам. Баъд, вақте ки ба ҳуш омадам, Низомиддин афандиро аз зери санг бароварда, кисаҳояшро холӣ карда рафта буданд.

— Майлаш,— гуфт Махсум ба ришаш даст зада монда.— Инро мо мефаҳмем. Ӯрунбой понсад!

— Лаббай! — гуфт як марди қадбаланди дағале, ки дар он ҷо истода буд.

— Ин хоинро бурда ҳабс карда монед, нағз кофту ков кунед, захми пояшро тафтиш кунед! Убайдулло, ту либосҳои Низомиддин афандиро бин, канӣ шояд мактубе ё ягон чизе бошад. Баъд ҷасадро ба ҳавлӣ, ба тани айвон дароварда пӯшонида монед, пагоҳ ҷаноза мехонем.

Инро гуфту Махсум ҳунгос зада гириста сар дод ва бо рӯмолча чашмонашро пӯшида, худро ба қафо кашид. Одамони вай, ки то ба имрӯз ин ҳолати ӯро надида буданд ва гумон ҳам намекарданд, ҳама ҳайрон ва ҳатто гаранг шуда буданд. Махсум ба қафо гашту оҳиста-оҳиста роҳ гашта ба ҳавлӣ даромад ва ба меҳмонхонаи худ гузашту ба маҳрамаш гуфт, ки касеро ба назди ӯ нагузорад.

«Меҳмонхона» аз хонаи занон фарқе надошт. Ба рӯи фарши сангини он намади чиркине партофта шуда, гирдогирд кӯрпачаҳои ҳархела: чит, сатин, қаламӣ ва болиштҳо, лӯлаҳои якранги хокистарӣ аз читу карбос гузошта шуда буданд. Дар меҳҳо якчанд милтиқу тап-

пончаҳо овезон, дар як кунҷи хона пулемёти чархӣ бо асбобҳояш ва дар дигар кунҷи хона ким-чи хел қуттӣ ва хӯрҷинҳо, шояд доруи милтиқ бошад, меистоданд. Маълум мешуд, ки ин хона ҳам меҳмонхона ва ҳам қӯрхонаи шахсии Асад махсум буд.

Асад ба хона даромаду дарро аз паси худ пӯшид ва ба қарибии пулемёт нишасту як оҳи чуқуре кашид. Берун ва атроф ором буд. Садои чирчиракҳо ба гӯш мерасид. Ин овози тобистони ин ҷо буд. Аз неъматҳои тобистон дар ин қуллаи кӯҳ фақат ҳамин овози чирчиракҳои шабона буд, ки шунида мешуд. Аммо Махсум дер боз ин садоро, ин чир-чири ором ва бетаҳлукаро нашунида буд. Ҳар шаб то ба вақти хоб ё бо йигитҳо ягон мағал мехест ё бо Ойиша баҳсу ҷавоб мешуд, ё воҳимаи омад-омади аскари сурх мерасид, ё ягон кас мегурехт... Аммо имшаб хомӯшӣ ва оромӣ буд... Чаро? Чӣ шудааст? Ҳа, ҳа, мурдаи Низомиддинро оварданд, сари хуншор ва маҷрӯҳи ӯро ҳама диданд ва акнун ё ба хотири марҳум, ё ба хотири ман ҳама хомӯш, ҳама ором, гӯё ҳама ғамгин...

Бале, онҳое, ки чӣ будани ғамро намедонистанд, онҳое, ки табъашон шоҳ, худашон вазир буданд, аз чизе бок надоштанд, ҳоло паси ҳамдигар ҷуръаҳои ғам менӯшанд, мазаи талх ва кушандаи ин ҷуръаро ҳар рӯзу ҳар шаб мачашанд.. Чаро фалак бахти маро сарнагун кард?! Чаро ман ба гирдоби наҳсият ва фалокат афтодам?! Ҳамаи дӯстонам паси ҳамдигар рафтанд — дӯстоне, ки дар ҳама ҳолат, дар ҳар шароит ёри ман буданд, дӯстоне, ки бо ман дар як роҳ дар як мақсад мерафтанд, ҷон мекоҳониданд... Ҳама рафтанд!..

Бечора Низомиддин! Барои ман шуда чӣ азобҳое ки накашид! Дурӯягӣ, тамаллуқи бурдурӯғ, сохтакорӣ карда дар байни душман зистан, ҳар соату ҳар дақиқа ифшо шудани асрори худро мунтазир будан — мурда-мурда зиндагӣ кардан буд. Вай ба ҷои хӯрок заҳр мехӯрд, шабҳо на ба рӯи бистар, балки ба рӯи тахтаи тобут мехобид, рӯзҳо ба рӯяш ниқоб кашида мегашт; ҳар сухан, ҳар ҳарфро бо сад фикру хаёл ба забон меовард; на душмани рӯйрост буд, на дӯсти бениқоб! На коҳ буд, на дон! Бо умед ва орзу зиндагӣ карда, охир дар ин харобот сари худро ба зери санг гузошт. Акнун ниқобро аз рух гирифта буд, акнун ки рӯйрост ба даъво бархоста буд, лоақал чанд рӯз лаззати мубориза ва ғала-

баро чашида натавонист. Кӣ медонад, чӣ хабарҳои мухимро вай бо худаш бурда бошад...

Ман то ба кай дар ин нӯги кӯҳ истиқомат кунам? Наход ки ба поён зада фаромада, ба тарафи Бухорои Шаркӣ рафтан мумкин нашавад?! Сардорҳои тарсончак ва буздили ман чӣ гуна бошанд? Чӣ маслиҳат дода бошанд? Боиси ифшо гаштани асрори Низомиддин чӣ бошад?

Дар мактуби аввала дар ин хусусҳо ғапе набуд...

Вай сар бардошту ба тоқи хона назар кард. Дар он ҷо чойнику пиёла меистод.

— Хой, мардак! — гуфт вай ба сӯи дар нигоҳ карда.

— Лаббай! — гуфт дарро кушода маҳрами хоси вай.

— Чойнику пиёларо ин ҷо гир!

Маҳрам чойнику пиёларо гирифта ба пеши Махсум гузошту баъд аз бағалаш коғази лифофапечеро бароварда ба Махсум дароз кард:

— Аз кисаи Низомиддин афандӣ ёфт шуд.

— Дигар чӣ?

— Дигар чизи казой нест, рӯймолча, қалам, кордча...

— Ҳамаи чизҳои Низомиддин афандиро оварда, ана ба ин токча гузор. Як дандонхилол кам бошад, аз худатон гила кунед!

— Бисьёр хуб.

Маҳрам гули шамъро гирифта, хонаро равшантар карду берун баромад.

Махсум лифофаро кушода ба хат чашм давонд:

«Ҳувалқайюм! Бародари муҷтаҳид ва қаҳрамони моро буда бошад, ки ин ҷониб мо ҳама сиҳат ва саломат буда, саломатӣ ва муваффақияти шуморо аз даргоҳи илоҳӣ хоҳон ва ҷӯёнем. Баъд, ҳамин ки ҷаноби Низомиддин афандиро ба назди шумо фиристодем. Воқеаро батафсил аз худашон мефаҳмед. Дар урдугоҳи шумо ин кас одами муфид ва даркорӣ мешаванд ва боварӣ дорем, ки ба худ муовин таъин мекунед. Дар Бухоро ҳоло вазъият барои одамони мо то як дараҷа сахттар шуда монд. Лекин ин ҳол муваққатист. Насиб бошад, дар аввалҳои тирамоҳ қаҳрамони номдори миллати ислом, лашкаркаш ва ҳомии миллати турку тӯрон — ҷаноби Анвар пошшо ба Бухоро дар мушойиати одамони даркорӣ ташриф меоранд ва мо он касро ба тарафи шумо раҳ-

сипор мекунем. Гумони ғолиб ҳамин ки корномаи бузург аз тарафҳои шумо ва Бухорои Шаркӣ оғоз меёбад. Аз рӯи нақша ва тарҳи коре, ки бо маслиҳати милали бузург сохта шудааст, ба зери байраки баифтихори ҳомиёни миллат садҳо ҳазор лашкари ҷаррор ҷамъ мешаванд ва мо тамоми Осиёи Миёнаро ба зери тасаллути худ медорорем. Аз шумо сабру тоқат ва суботкорӣ орзумандем. Субҳи тантана ва комьёбии мо дар айни тулӯъ аст. Алсабру мин мифтоҳилфараҳ!»

Махсум коғазро чоркат карду ба кисаи фиренчи худ андохт ва даст ба чойник бурда, ба пиёла пур карда шароби сурх рехт ва лочуръа даркашид. Зокирбой аз поён гоҳ-гоҳ барои вай шароб ҳам мефиристод. Лекин нархи шароб аз нархи гӯшту равған ҳам гаронтар буд. Махсум ҳар чӣ ҳам бошад, дар умеди ёрии дӯстони бухорӣ аз ин хел бадхарҷиҳо рӯ наметофт. Вай умеди калон дошт, ки Низомиддин бо худ пулу тилло меорад. Ба ин вай боварии катъӣ дошт ва бинобар он ҳам наздиктарин одами худро ба овардани вай фиристода буд.

...Наход ки Муҳаммад Ёр хиёнат карда бошад? Аз хаёл гузаронид Махсум.— Чаро ҳам накунад? Ҳоло магар ба ягон кас бовар кардан мумкин аст?! Пулу тилло доштани Низомиддинро фаҳмида, бо Зокирбои дузд даст ба ҳам дода ин корро карда бошад-чӣ? Инро чӣ хел карда фаҳмидан мешуда бошад? Албатта, вай мурад ҳам иқрор намешавад. Дар ин кор дуруст андеша кардан лозим. Агар бо наздиконам машварат кунам, аз онҳо ягон гап мебаромада бошад? Агар ба поёни кӯҳ фуромадан ва боз гашта баромадан осон мешуд, худам фуромада, дар қишлоқ таҳқиқ мекардам. Афсӯс ки поён фуромадан барои ман қариб ғайри имкон аст... Хайр, Муҳаммад Ёрро ду-се бор забанча карда пурсам канӣ...

Дар ин дам аз берун садои тирпарронӣ баланд шуд. Махсум давида аз ҷо бархост. Ҳанӯз вай ба дами дар нарасида, маҳрамаш даромада омаду гуфт:

— Муҳаммад Ёр аз ҳабсхона гурехтааст.

— Ба куҷо мегурезад? Ба куҷо?

— Қаровулҳо бехабар мондаанд, дарро шикаста баромадааст... мегӯянд, ки ба тарафи поён рафтааст.

Махсум маҳрамро аз пеши роҳаш тела дод, маузерро даст гирифта аз хона давида баромада рафт...

## XV

Моҳи сентябри соли 1921 ба охир мерасид. Офтоби пурхосият ва ҳаётбахши осмони Бухоро тамоми тобистон бедареғ нурпошӣ кард, боиси пухта расидани меваҳои гуногуни бисьёр ва боиси фаровонӣ гардид; аз баландии ҳарорати худ мардумро ба таҳхонаҳо ҷо кард, аз шаҳр ба саҳро ҳай кард; тафбодҳоро ба амал овард ва фақат ҳамин рӯз ба паси абрҳои хокистарранги чанголуд пинҳон шуду фазои шаҳр дамзиқ гашт.

Дар Бухоро бозорҳоро чавоб дола буданд. Савдогару тоҷирон мисли замбӯруғҳои паси борон аз кунҷу бахилаҳо сар бардошта баромаданд, дӯконҳои бисьёре кушода шуду растаҳои бисьёре аз нав сохта шуданд. Тимҳо мисли аввала аз молу матоъ пур гаштанд ва гӯё давру даврони бойҳо ва бойбачаҳо ва туҷҷору савдогарҳо боз гашта равнақ ёфт. Дар бозори шаҳр, ки чанд моҳ пеш аз ин гӯгирду папирос ёфт намешуд, акнун зажигалкаҳои бензинӣ, папиросҳои навъи аъло, чиниворихо, пойафзолҳо, либосҳои тайёр, читу сатину бахмалу ҳар чӣ пайдо шуда буд. Савдогар аз зери замин ҳам бошад, мол пайдо карда меовард, хусусан дар шароити онрӯза, ки ба Боку, ба Тошканд, ба Кобул барин шаҳрҳо рафта мол овардан мумкин шуда монда буд...

Лекин вазъияти ҳарбию сиёсии мамлакат вазнин буд. Амир Олимхон ба Афғонстон гурехта рафта, аз Кобул ба ҳаракати босмачигарӣ ва фитнаю фасод роҳбарӣ мекард; одамони худаш монда рафтагиро бо пулу бо яроқи англисӣ, немисӣ ва японӣ таъмин мекард. Дар Бухорои Шарқӣ ҳаракати босмачигирӣ рӯз то рӯз вусъат меёфт. Иброҳимбек бо лашкари чандҳазораи худ дар қарибии Душанбе — маркази Бухорои Шарқӣ меистод. Фузайл Махсум музофоти Ғармро дар дасти худ нигоҳ медошт. Давлатманд-бӣ Балчувону Кӯлобро ишғол карда буд ва мисли ҳамин қӯрбошиҳои бисьёре ҳар кадом ба сари худ ҳокимияте барпо намуда, мавзее, шаҳрчае, вилоятеро ишғол карда буданд... Аскарони Сурхе, ки ҳокимияти шӯрой ва сохти навро мудофиа мекарданд ва бо ин қувваи калони босмачиён муборизa мебурданд, дар чанд ҷо мисли ҷазирачаҳои дар байни баҳрмонда буданд. Қисми калони аскарони сурх дар Душанбе ва Кӯлоб, дар Қӯрғонтеппа ва Деҳнав ҷо гирифта буданд. Ба онҳо хӯрокӣ ва барои аспҳояшон улуфа намерасид.

Ҳавои гарми тоқатфарсо, касалии вараҷа ҷанговарони бисьёреро аз по дароварда, аз саф беруи карда буд. Ба болои ин ҳама Асад махсум дар Бойсун мавқеи мустаҳкамеро ишғол намуда, бисьёр вақт ба ҳаракат ва кори аскарони сурх, ба муносибат ва алоқаи онҳо бо марказ халал медод... Бинобар он, аскарҳои сурх тақрибан ҷанг намекарданд ва ҳамеша дар қальъаҳо ба мудофиа менишастанд.

Ин ҳол айни муддаои баъзе давлатҳои ғарбӣ буд; онҳо ба воситаи давлатҳои ҳамсоя ба кори фитнаю фасод ва ҷосусфиристонии худ бемалол давом мекарданд, босмачиҳоро аз яроқ таъмин мекарданд ва ба онҳо боварӣ ва эътимод медоданд, ки большевизм имрӯз не пагоҳ нест шуда меравад.

Вазорати ҳарбии ҷумҳурияти Бухоро ва ҳайати фармондиҳии ҳарбии қӯшунҳои Туркистон қарор дода буданд, ки пеш аз ҳама дастаи Асадро аз мобайн бардоранд ва роҳи Бухоро—Бойсун—Шаҳрисабз ва Бойсун — Бухорои Шарқиро бехатар гардонанд.

Он рӯзе, ки мо дар садади тасвираш ҳастем, дамзиқ ва ҳаво абролуд буд. Дар ин тавр рӯзҳо кас худро вазнин ва ноҳинҷор ҳис мекунад. Дар хона ништан намехоҳед, дар кӯча гашта дуруст ҳаловат намегиред. Қарим ҳам худро чандон бардам ҳис намекард. Лекин бо вуҷуди он ба хобгоҳи аскарон даромада, аз як сар ҳамаро дида ва бо командирон сӯҳбат карда баромад ва баъд ба сафоратхонаи Россия рафт. Хост, ки аз котиби сафоратхона маълумотҳои охиринро, ки аз ҷабҳаҳои Ҷанги Бухорои Шарқӣ расидааст, гирифта хонад. Котиб ба ӯ ду-се саҳифа ахборотро супорида истода гуфт:

— Хайрият, ки омадед. Аввалаш ин ки ба шумо аз Фатҳуллин хат ҳаст. Баъд ин ки аз Комитети Марказии Партияи Коммунистии Бухоро телефон карданд, худи котиби якум рафиқ Турсун Хоҷаев имрӯз дар соати сездаҳ ба шумо мунтазир мешудааст.

— Ташаккур! — гуфт Карим якбора хурсанд шуда.— Агар медонистам, ки шумо маро ин қадар сарфароз мекунед, аввали рӯз, офтоб набаромада дар пеши даратон мунтазир мешудам.

— Ана, дидед! — гуфт котиб.— Ҳар рӯз ба ин ҷо омада истед, ҳар рӯз хурсанд мекунам.

Қарим боз як бори дигар ташаккур баён карду ко-

ғазҳоро гирифта ба сари столи холӣ нишаст ва аввал мактуби Фатҳуллинро кушода хонд.

Фатҳуллин—сардори қӯшунҳои чабҳаи Бойсун, ба Карим менавишт, ки муборизаи бо қӯшунҳои Асад махсум хеле сахт ва мушкил шуда монд. Ҳарчанд, ки худи махсум дар камал аст, лекин дастаҳои дар поён будаи ӯ ба кори фатҳ кардани Сангкалъа ҳамеша халал медиҳанд. Аз тарафи дигар қӯрбошиҳои майда-чуйда, ки дар Шаҳрисабз ва Китоб пайдо шудаанд, низ ба нақшаҳои вай зарба зада меистанд. Ҳукумати Бухоро, хусусан назорати ҳарбияи он дуруст ёрӣ намерасонад. Аскарҳо бисьёр вақт гуштнагӣ мекашанд, озуқа дар вақташ намерасад, дорую даво тақрибан нест. Бинобар он, варача бисьёр касонро аз по афтонда истодааст. Фатҳуллин ду бор ба худи Файзулло Ҳочаев навишта фиристодааст, аммо ақаллан аз расидани мактубаш хабар надодаанд. Акнун Фатҳуллин ба сарфармондеҳи қӯшунҳои Туркистон, ба Тошканд навишта фиристодааст. Ҳар чӣ зудтар ба чабҳаи Бойсун ёрии моддӣ ва кувваи аскарӣ расонидан лозим. Назар ба ахбороти Ойиша ва Ғаюрбек Асад махсум дар ҳамин карибӣ ба поён ҳуҷумро сар мекардааст. Фатҳуллин метарсад, ки мабодо ба урдугоҳи ӯ аз ду тараф ҳуҷум карда, ӯро шикаст диҳанд. Агар босмачиёни атрофи Бойсун ва қӯшунҳои Асад махсум як шаванд, ба шаҳри Бойсун ҳатари сахт таҳдид мекунад. Ин ҳамаро Карим бояд донад ва зудтар ҳаракат кунад, ки ӯро ба Бойсун фиристонанд.

Фатҳуллин аз Карим хоҳиш мекард, ки ин хабарҳоро ба Комитети Марказӣ ва Ҳукумати Бухоро расонад...

Ба даруни мактуби Фатҳуллин боз як мактубчаи дигар буд, ки Карим қариб мехост онро ба чашмонаш молад:

«Каримчони азиз ва меҳрубонам! — гуфта навишта буд Ойиша.— Ин сеюмин мактуби ман аст, ки ба шумо менависам. Аз шумо фақат як бор чавоб расид. Он чанд сатр дастхати Шуморо тӯмор карда, дар мағзи чонам нигоҳ медорам. Мактуби Шумо мани сиёҳсари нотавон ва помолгаштаро аз нав зинда кард. Дасту пои ман аз замин канда, ҳамаи умеду орзуҳои ман пароканда ва худам пажмурда ва мурда будам. Намедонистам чӣ кор кунам. Ба ногоҳ аз тарафи одамони

нек ба рӯи ман дари умед ва омол кушода шуд. Ман акнун зинда, кор кардан ва барои ғалабаи аскарҳои сурх, барои ғалабаи Шумо ёрӣ додан мехоҳам.

Ба воситаи одамони худамон то метавонам хабарҳои даркориро дода мефиристонам. Имрӯзҳо Махсум хеле дар қаҳр ва хашмгин шудааст. Ҳар рӯз бо аскарҳояш машқ мекунад, ким-чӣ тарҳу нақшаҳо мекашад. Намедонам аз куҷо ба вай хату хабар расида меистад. Як бор нохост гуфта монд, ки сарлашкари бузурги миллати турк биёяд, мо ҳамаи большевикҳо ва чадидҳоро ба сақар мефиристонем. Ана баъд бо ғалаба ба Бухоро медароем, Самарқанду Тошкандро мегирем... Намедонам, ки ин сарлашкари турк кӣ бошад. Ба фикри ман, Махсум расида омадани вайро мунтазир шуда, қувваи асосии худашро нигоҳ дошта истодааст. Дигар гапи наве нест. Омадани Шуморо чашм дар роҳ ҳастем. Дар баробари расидан, зуд ба ман маълум кунед ва ҳар супорише, ки дошта бошед, фармоед, ман тайёрам дар ин роҳ ҷонамро фидо кунам. Дӯстдорандаи Шумо».

Қарим мактубро боз ва боз баргашта хонд ва аз ҳад зиёд хурсанд шуда, ба дилаш гуфт ки: азизам Ойиша, қаҳрамонам Ойиша! Боз андак сабр кун! Ман тайёрам худи ҳамин рӯз парвоз карда, ба сӯи Бойсун равам, вале чӣ кунам, ки ихтиёр дар дасти ман нест...

Вай ба ахбороти охирин чашм давонду ба дафтарчаи худ баъзе қайдҳо карда гирифт; баъд саҳифаҳоро боз гардонид ва бо котиби сафоратхона хайру хӯш карда кӯча баромад.

Вай имрӯзҳо рӯҳ гирифта худро пару бол баровардагӣ барин ҳис мекард. Зеро ки ҳамаи машаққати корҳои ташкилӣ ва тайёрӣ ба охир расида, рӯзҳои бойсунравӣ наздик шуда буданд. Дар муддати ин ду-се моҳ, ки ба вай рухсат дода буданд нақшаи худро ба амал биёрад, вай дар худ набуд; шабу рӯз фикр мекард, ки зудтар ба Бойсун расад, бо вазъият ошно шавад, бо Асад махсум даст ба гиребон шавад, ё ба нағзӣ ё ба сахтию зӯрӣ, ё ба ҷанг ӯро таслим кунонад, маҳбубаи дилхоҳашро ёбад. Ҳамаи корҳои тайёрӣ хубу барҷо мерафт, ҳамаи ташкилотҳои даҳлдор аз вай ёрии худро дареғ намедоштанд. фақат як чиз гоҳо ӯро ба андеша

водор намуда, дилашро сиёҳ мекард: оё ҳоли Ойишаино чӣ бошад? Оё Ойиша ӯро фаромӯш накарда бошад? Оё Ойиша сиҳат ва саломат бошад? Оё дар шароити сахти кӯҳистони баланд аҳволаш чӣ шуда бошад? Чанд гоҳ пеш аз ин яке аз гурезаҳои дастаи Асад махсум хабар дода буд, ки Ойишаино сиҳат-саломат, вале Махсум онҳоро хеле азоб медиҳад ва зиндагиашон хуб не. Баъд аз Фатҳуллиин хабар омад, ки бо Ойишаино робита бастааст ва сонӣ, аз худи Ойиша хат омад. Аммо ба ҳар хол аз тақдири Ойиша дар ҳавф буд... Илоҳӣ то рафтани Қарим Ойиша сиҳат бошад. Ин сару кори Асад махсум дер намепояд...

Қарим дар қарибии Кумитаи Марказӣ ба Насимҷон рӯ ба рӯ шуд, ки дар дасташ папкаи чармине тез-тез қадам монда мерафт. Дӯстҳо бо ҳам самимона вохӯрдӣ карданд.

— Хӯш, корҳоят чӣ тавр? — пурсид Насимҷон.— Дастаи фидоиён тайёр-мӣ?

— Тайёр! — гуфт Қарим.— Пагоҳ ё фардо ба роҳ мебароем. Ҳоло ба пеши Турсун Ҳоҷаев меравам, канӣ он кас чӣ мегӯянд... Корҳои худи ту чӣ тавр? Нӯги калоба ёфт шуд, ё не?

— Ёфт шуд ҳам ғап! — гуфт ба атроф чашм давонда Насим.— Як ташкилоти калони аксулинқилобӣ бо сардории домоди амир ва роҳбарии ҷаноби Низомиддин афандӣ ва баъзе аз коммунистони «чап» кушода шуд. Сӯиқасд ба Турсун Ҳоҷаев, кушта шудани раҳматӣ Ҳамроҳхон ва корҳои дигар ҳама аз ҳамин ташкилот сарбар мезадааст. Имрӯз ба хона биё, сӯҳбат мекунем.

— Майлаш, агар фурсат шавад, меравам.

— Албатта биё, сӯҳбат мекунем. Эҳтимол ҳафтаи оянда ба Тифлис равам.

— Чаро ба Тифлис?

— Ба сафоратхона маъмурият дорам.

— Қори бад не. Табрик мекунам!

— Раҳмат! Биё албатта.

— Хуб.

Онҳо аз ҳам ҷудо шуданд. Қарим орзу кард, ки насиб бошад, ҷанҷоли Асад махсум ба анҷом расад, ҳамроҳи Ойиша ба Боку, ба Тифлис ва Москва меравад, саёҳат мекунад... Дар дунё аз саёҳат хубтар чиз нест.

Қарим ба идораи Кумитаи Марказии Фирқаи коммунистии Бухоро даромада, ба кабинети котиб рафт. Дар

хонаи аввал, ки коргузор менишаст, як ду нафари дигар ҳам буданд. Қарим худро ба коргузор шиносониду иҷозати даромадан хост.

— Рафиқ Турсун Хоҷаев шуморо ҷеғ зада буданд,— гуфт ба вай котиб,— лекин фавқулодда кор баромада монд, ҳозир дар назди он кас раиси ҷумҳур Усмонхоҷа афандӣ ҳастанд. Қамтар маътал шудан лозим меояд. Марҳамат, шинед, газета хонед!

— Саломат бошед,— гуфт Қарим ва ба курсии нишондодаи котиб нишасту фикр кард, ки мунтазир шавад, ё кӯча баромада, саёҳат карда биёяд. Чанд гоҳ ин тараф фурсати гашт кардан ҳам надошт... Лекин раваду Усмонхоҷа зуд баромада монад, баъд ба вай маътал шудани Турсун Хоҷаев хуб намешавад. Шояд ба ӯ котиб ягон қори зарур дошта бошад, ки ҷеғ задааст.

# XVI

Дар ин дам Турсун Хоҷаев бо раиси комитаи иҷроияи марказӣ — Усмонхоҷа Пӯлодхоҷаев гуфтугӯи ҷиддӣ дошт.

— Шумо ва додари шумо ҷаноби Атоуллохоҷа хеши наздики Файзулло Хоҷаев, ҷону ҷигари он кас мешавед,— мегуфт Турсун Хоҷаев.— Ғайр аз ин, шумо яке аз лидерҳои ҷавонбухориҳо ва яке аз асосгузорҳои ҳаракати ҷадидии Бухоро ҳастед... Бинобар он, халқ шуморо раиси ҷумҳур интихоб кардааст... Лекин ин ҳама ҳуқуқи онро намедиҳад, ки ба ҳар ҷо хоҳед умури давлатро кашида бурдан гиред! Халқи Бухоро пас аз қурбониҳои бисьёре, пас аз сахтию машаққатҳои ҷонфарсо ба ин рӯзи нек расид ва давлати мустақили худро сохт ва аз дасти золимон халос шудам гуфт. Лекин ҳанӯз дар хонадонҳои бисьёре либоси мотам аз танҳо наафтодааст, ҳанӯз оби чашми ятимон хушк нашудааст... Мо бошем, роҳи осони корро меҷӯем, ҳилаю найранг мекунем, мусоҳилакорӣ мекунем, ё ки умуман намехоҳем, ки дар мамлакат ҳокимияти камбағалон гул кунад ва истеҳком ёбад!

Усмонхоҷа Пӯлодхоҷаев, ки дар ҳақиқат худро раиси давлат ва сардори ҳокимият медонист, аз ин суханҳо ба худ мепечид. Вай марди миёнақад ва ғалча буд, ри-

ши сиёҳаш фақат манаҳашро мепӯшид, айнаки тилло чашмони гирдаи калон-калон ва абрувони барроқи ӯро баръалоинатар карда нишон медод. Дар тани вай костюми сиёҳи базеб, аз рӯи куртаи сафеди гиребонаш оҳарӣ жилеткаи ҳамранги костюм пӯшида, занҷираи тиллои соати кисагӣ сари синаи ӯро оро медод. Вай ангуштони сергӯшти худро шараққос занонда, бо асабияти намоён суханони Турсун Хоҷаевро гӯш мекард.

— Ман намефаҳмам, шай...— мегуфт вай калимаи туркии «шай» (вай, ё ки чӣ)-ро ба тоҷикӣ ҳамроҳ карда.— Шумо бо чӣ мақсад ба ман ин суханҳоро мегӯед? Магар ман, ба қавле, шай, президенти ҷумҳурияти Бухоро, сазовори ин сарзанишҳо ҳастам?

— Ман ҳоло шуморо сарзаниш накардаам,— гуфт Турсун Хоҷаев мулоимона,— лекин шумо ҳам президент, ҳам калонтарини авлоди Файзулло Хоҷаевино, ҳам одами бофаҳм ва дар роҳи инқилоб хизмат кардагӣ... бинобар он, ба гардани шумо масъулият калонтар аст...

— Чӣ, Файзулло ягон гуноҳ кардааст? Гуноҳи вай ба ман чӣ? Ман ҳеҷ вақт ба вай мутасаддӣ намешавам! Агар фаҳмидан хоҳед, ман ба Файзулло чандон эътимод надорам...

Турсун Хоҷаев бо ҳайрат ва норизоёна ба рӯи Усмонхоҷа нигоҳ карду бо қатъият гуфт:

— Ман ба шумо мегӯям, ки ба рафиқ Файзулло Хоҷаев мо эътимод дорем ва медонем, ки вай аз байни ҷадидони Бухоро сазовори сардори ҳукумат шудан аст...

— Бале, Файзулло беҳтаринаш, дигарҳо бадтаринаш! — гуфта истеҳзо карда монд Усмонхоҷа.

— Бале, такрор мегӯям, ки Файзулло Хоҷаев дар ҳоли ҳозир нисбат ба дигарон аз дилу ҷон кор мекунад,— гуфт котиби Кумитаи Марказӣ.— Дар ин ҷо гап дар бораи Файзулло Хоҷаев намеравад, гап дар бораи баъзе авлоди шумост. Бинобар он, шуморо ҷеғ зада, пеш аз маҷлиси бюрои Кумитаи Марказӣ ба худатон бародарона гап задан хостам...

— Маҷлиси бюро? — ҳайрон шуда пурсид Усмонхоҷа.

— Бале, ман маҷбурам ин масъаларо ба бюро монам...

— Масъалаи авлоди моро?

— Бале, масъалаи авлоди шуморо, ба ғайр аз Файзулло Хоҷаев!

— Аҷиб! — гуфт Усмонхоҷа.— Авлоди мо, ки ба ҳаракати инқилобии халқи Бухоро роҳбарӣ кард, авлоди мо ки ҳамаи молу ҷонашро ба роҳи инқилоб сарф кард, авлоди мо, ки ҳоло мавқеъҳои муҳимми давлатӣ ва хоҷагии мамлакатро идора карда истодааст, сазовори он шуд, ки дар бюрои Қумитаи Марказӣ муҳокима шавад?!

— Хоҳишмандам осудатар гап занед! — гуфт сахттар карда Турсун Хоҷаев.— Инчунин босаброна ниҳояти мақсади маро шунавед! Аввалаш ин ки, роҳбари инқилоби Бухоро фирқаи коммунистӣ буд ва ҳаст, инро фаромӯш накунед! Сониян, авлоди шумо, ки мавқеъҳои муҳимми давлатӣ ва хоҷагиро ишғол мекунанд, мансаби худро сӯиистеъмол мекунанд!

— Масалан?

— Хоҳишмандам, сухани маро набуред! — гуфт боадабона Турсун Хоҷаев ва давом кард: — масалан, гирем: Ибод Хоҷаев, додари Файзулло Хоҷаевро... Вай корхое мекунад, ки ҳеҷ як бегиҷон ва ё амирзода накардааст...

— Ибодхоҷа, шай,— гуфт Усмонхоҷа,— ба ман дахл надорад. Вай додари ҷонии Файзулло, эркагӣ мекунад, албатта, лекин кашидани лаҷоми ӯ низ дар дасти шумост. Шай вай ҳам аъзои фирқа, намонед, насиҳат кунед, ҷанг кунед!

— Фоида намекунад! Ваъдаҳои дурӯғ дода, гиребонашро халос мекунад... Файзулло ҳам ҷигархун шудааст. Мегӯяд, ки агар ҷанг кунад, ӯ худро ба девонагӣ зада, беобрӯӣ карданӣ, заҳр хӯрданӣ, бо таппонча худро паррондани мешавад. Намедонам, мегӯяд Файзулло Хоҷаев, бо кӣ муборнза барам; бо босмачиҳо, бо чапҳою ростҳо ё бо бародар ва амакбачаҳои худам?!

— Амакбачаҳояш чӣ гуноҳ карданд? — Як дараҷа бо кинояи ва алам Усмонхоҷа пурсид.

— Мо додаратон Атоуллохоҷаро раиси ҳайати мухтори Бухорои Шарқӣ карда фиристодем,— гуфт Турсун Хоҷаев аз рӯ ба рӯи Усмонхоҷа бархоста ва ба сари столи кории худ рафта,— ҳамаи ихтиёри мамлакатро ба дастӣшон супоридем ва умед бастем, ки он кас аъзои фирқа, инқилобчӣ ва одами оқил, ба мароми мақсади мо боварии том доранд ва бинобар он, аз ҳар ҷиҳат мулоҳиза намуда, дар он қисми дурдасти Бухоро амну амонӣ ва ҳокимияти шӯроиро барқарор мекунанд. Аммо он кас...

— Чӣ кор кардааст?

— Аввалаш ин ки, хешатон дар Душанбе худро ҳокими кул дида, асосҳои ҳокимияти шӯроиро вайрон кардаанд, ба ҷои ба камбағалон ёрӣ додан ва онҳоро ба кор ҷалб кардан, ҳамаи одамони кӯҳна, мансабдорон ва хоинонро ба кор таъин кардаанд. Ҳалимов ном шахси хоин, ки ба аскарони Бухорои Шарқӣ ба ҷои озуқа тайёр кардан дуздӣ ва хиёнат мекардааст, ба зери қаноти он кас даромада, беҷазо мондааст. Пораҳӯрӣ ва фисқу фасод авҷ гирифтааст. ...Ин чӣ гап?!

— Шояд ҳамаи ин гапҳо бӯҳтони душманҳо бошад?

— Ман аз чандин кас ариза гирифтам, ҳамаашон дурӯғ намегӯянд. Особый отдел ҳам инро тасдиқ мекунад.

— Особый отдел худаш кӣ?

— Чашму гӯшу ҳуши давлати мо!

— Чашму гӯши давлати Россия!

— Фарқ надорад.

— Ба ҳар ҳол, шай, ман маслиҳат медодам, ки ин гапҳоро дуруст тафтиш карда дидан лозим.

Турсун Хоҷаев гап назаду аз қуттии столаш папкаеро гирифта, аз байни он коғазеро ёфта гуфт:

— Хуб, майлаш, тафтиш мекунем! Лекин, ана ба ин санад чӣ мегӯед? Ба зери ин имзо ва мӯҳри худи Атоулло Хоҷаев ҳаст.

— Ин чӣ санад? — пурсид Усмонхоҷа.

— Як рӯз пеш аз ин ба номи Қумитаи Марказии фирқаи Коммунистии Бухоро Атоулло Хоҷаев ин мактуби расмиро навишта фиристодаанд...— гуфт Турсун Хоҷаев ва ба коғаз чашм дavонда хомӯш монд.

— Аҷаб! — гуфт Усмон Хоҷаев, гӯё ҳайрон шудагӣ барин.— Чӣ мактуб будааст?

— Дар ин мактуб Атоулло Хоҷаев — раиси ҳайати вакили мухтори Бухорои Шарқӣ аз корҳои «қаҳрамононаи» худ ифтихоран ба Қумитаи Марказӣ чунин хабар медиҳад: «Дар якуми августи соли 1921 аз Душанбе ба тарафи Балҷувон рафтем. Балҷувон хароб ва бекас буд. Мо пеш аз ин ба саркардаҳои босмачиён хату хабар карда будем. Давлатманд-бӣ ба мактуби мо чунин ҷавоб дода буд: «Мо ҷангу хунрезӣ кардан намехоҳем, ҷангро одамони шумо сар мекунанд. Тамоми молу ашёҳои моро тороҷ карданд, ба номусамон таҷовуз карданд...»

Турсун Хоҷаев коғазро рӯи стол гузошта ба Усмонхоҷа нигоҳ кард:

— Мефаҳмед? Одамони мо тороҷ мекардаанд?! Дуэд ҳам меноладу соҳиби хона ҳам! Ва инро Атоулло Хоҷаев бовар карда навиштаанд!

— Рост-дия! — гуфт Усмонхоҷа.— Ато Хоҷа факат фактро, яъне мазмуни мактуби Давлатманд-биро хабар додааст.

— Хабар додан аз хабар додан фарқ дорад! Ман фикр мекунам, ки додари шумо ба ин гуфтаҳои босмачӣ бовар карда менависад ва намедонад, ё донистан намехоҳад. Ана, гӯш кунед! «Ба номусамон таҷовуз карданд, бинобар он, мо теғ бардоштем...» Яъне ки хуни садҳо бегуноҳонро рехтем! Хӯш... «Мо ба амир кор надорем, ӯро намешиносем...». Лекин бо ярок ва пули вай ва фармони вай кор мекунем! Ҳамин тавр фаҳмидан лозим мешавад!.. Ин...

— Рафиқ!—гуфт ба миёни гап даромада Усмонхоҷа.— Шай, агар мумкин бошад, бешарҳу эзоҳ хонед!

— Майлаш,— гуфт табассум карда Турсун Хоҷаев.— Гоҳо асаби худамро нигоҳ дошта наметавонистагӣ шудем, мебахшед! Хӯш... «Мо ба амир кор надорем, ӯро намешиносем ва худамон низ даъвои ҳукумат шудан надорем. Мо бо ноҳаққӣ ва беадолатӣ ва таҳқири дину номусамон тоқат карда наметавонем. Мо ба як ҳукумати одил мӯҳтоҷ ҳастем, мо намехоҳем, ки ҳукумат ба дасти ғайр гузарад...»

— Аҷиб...— гуфта монд Усмонхоҷа.

— Маълум, ки шумо ҳам асаби худро идора карда наметавонистагӣ шудаед! — Турсун Хоҷаев бо табассуми маънидоре ба рӯи Усмон Хоҷа нигоҳ кард.

— Бале, шай...— гуфта монд вай ва саранро ҳам кард.

— Хӯш,— гуфт ба коғаз нигоҳ карда Турсун Хоҷаев,— «мо намехоҳем, ки ҳукумат ба дасти ғайр гузарад. То он ки охирин рус дар мамлакати мо бошад, мубориза мебарем. Мо руспарастонро ҳам намехоҳем...»

Турсун Хоҷаев аз когаз чашм канда ба Усмонхоҷа нигоҳ кард.

— Руси камбағал ба Давлатманд-бӣ чӣ гуноҳ карда бошад?! Мо, коммунистон ва ҷавонбухориҳо, мо мазлумони Бухоро аз дасти зулму ҷабри амир ва ҳокимияти

вай паноҳ ҷуста ба хоки Русия рафтем, мо имдод ва ёрӣ хостем, мо ба Ленин арз кардем, ки дар мубориза ба муқобили ҳокимияти истибдод ба мо дасти ёрӣ дароз кунад, ҳамин тавр не?! Рус, аскари сурхи рус ҷонашро ба кафи даст гирифта, мамлакатро аз зулми амир халос кунад, ба халқи бенавои ин сарзамин нон, либос, асбоби зиндагӣ ва озодӣ бахшад, гуноҳ кардагӣ мешавад магар?! Агар аскари рус намешуд, Давлатманд-бӣ, Иброхим-бекҳо кайҳо республикаро зеру забар мекарданд ва инқилобро ба хун оғушта мекарданд. Наход ки Атохоча инро намедонад?! Ба гумонам раиси ҳайати мухтори Бухорои Шарқӣ то як дараҷа ба таъсири аксулҳаракат дода шудааст!

— Ин аз мактуб аён не!— гуфт Усмонхоча.—Намедонам, шумо аз куҷо ба ин ақида омадед?!

— Касе ки ба ҳукумати худ ва кумитаи марказии фирқаи худ чунин мактуб менависад, ё худаш душман, ё фиреб хӯрда ба таъсири душманон мондааст. Ана, мактубро то ба охир гӯш кунед, мефаҳмед!

— Марҳамат, хонед!

Турсун Хоҷаев боз ба хондани мактуб давом кард:

— «Агар ҳукумат дӯстии моро хоҳад, мамлакатро аз русҳо холӣ кунад ва ба сари ҳукумат одамони батавфиқ, мусулмон ва одамшавандаро гузорад...»

— Ин шай!..— гуфту Усмон Хоча якбора гапашро фурӯ бурд. Шояд гуфтанӣ буд, ки «таклифи бад не!»

— Лаббай? — гуфт Турсун Хоҷаев.— Чӣ гуфтанӣ будед?

— Не, ҳеч, хонед!

— Ба фикри ман,— гуфт Турсун Хоҷаев,— одамшавандаю мусулмон гуфта, Давлатманд худаш, Иброҳим Галлу, Фузайл Махсум ва Атохоҷаро мегуфтагист? Ҳамин тавр не?

— Эҳтимол..— гуфта монд Усмонхоча.

— Хӯш,— гуфт Турсун Хоҷаев ба коғаз чашм дӯхта,— Атоулло Хоча менависанд, ки «Дар Балҷувон аз тарафи босмачиён хабар омад, ки дар 12 август панҷ чақрим аз Балҷувон болотар, дар мавзеи Калта Чинор, дар домани кӯҳ, дар даруни дара марҳамат, вакили мухтор биёянд, мо сӯҳбат ва музокира мекунем. Ноилоҷ қабул карда рафтем. Мо ҳашт нафар будем, бо худ ярок нагирифтем. Дар ҷои муайяншуда мӯру малах барин

одам ҷамъ шуда буд. Қариб ду ҳазор кас аз кух фаромада, дутарафа саф кашида буданд, ҳама мусаллаҳ, ҳама яроқнок буданд... Дар зери чинор Давлатманд-бӣ, Мулло Қамол-бӣ, Кенҷа тӯқсабо, Абдулқайюм тӯқсабо, Муҳаммад Хоҷаи муфтӣ ва дигарон буданд.

Давлатманд ду соат гап зад. Ниҳоят муоҳиданома навиштем, иборат аз ҳашт модда. Даст мондем — имзо кардем. Қоре, ки аз соати даҳи рӯз сар шуда буд, соати сеи баъд аз пешин тамом шуду мо баргаштем.

Қавли инҳо ҳамин: то ба вақте ки бовар кунем, яроқҳоро намесупорем ва баъд аз имон ҳосил кардан яроқҳоро месупорем... Мо ҳам бо овози баланд гуфтем, ки ҳукумат ба касе аз шумоён озор намерасонад. Ҳар кас метавонад ба кору бораш машғул шавад, мо ёрӣ мерасонем ва ҳар чӣ ки тороҷ шудааст, бармегардонем. Пагоҳ дар Кӯлоб намози иди қурбонро мехонем...

Аз ҳукумати Бухоро хоҳиши мо — вакили мухтор ҳаминхост.

1. Аз Балҷувон ва Кӯлоб аскарҳои русро бароварда, ба ҷояшон аскарҳои бухороӣ гузошта шаванд!»

Турсун Хоҷаев аз хат чашм канду ба Усмонхоҷа нигоҳ карда гуфт:

— Мо аз куҷо аскарони соф бухориро меёбем?!

— Фарз кунед, ки ин орзу! — гуфта монд Усмонхоҷа.

— Орзуи намешудагӣ! Зеро ки аскарони сурхи мо дар тахти фармондиҳии умумии аскарони сурхи Россия мешаванд. Дар ин бора баъд сӯҳбат мекунем.

— Майлаш, хонед!

«2. Барои фаҳмидан ва тафтиши хароба ва зарарҳои ин музофотҳо як комиссия фиристода шавад, ки ба ҳайати он аз русҳо фақат ду нафар бошанд. Мумкин бошад, консули собиқи Душанбе, ки ҳоло ба Бухоро меравад,— Дуров ба ҳайати комиссия бошад.

3. Ба зудӣ аз Бухорои Шарқӣ Особый Отдел бардошта шавад...

4. Халқи Бухорои Шарқӣ ба ёрӣ мӯҳтоҷ аст. Ба зудӣ молҳои саноатӣ фиристода шавад.

5. Аз Бухорои Шарқӣ ҳама хизматчиёни ғайрро гирифта, ба ҷояш бухориҳоро мондан лозим.

Агар Бухорои Шарқиро лозим донед, дусад нафар хизматчӣ фиристонед.

Мо хоҳишмандем, ки агар Бухорои Шарқиро доштан

лозим бошад, ба ҳамин шартҳо эътибор дода, зуд иҷро мекунед, набошад истодани мо ҳоҷат надорад!.. Раис: Ато Хоҷаев».

Бале, фақат ҳамин мондааст, ки гӯянд: Амир Олимхонро баргашта оварда ба тахташ шинонем!

— Маълум ки,— гуфт Усмонхоҷа,— додарамон камтар тарсида ба воҳима афтодаанд. Набошад ҳоҷати ин мактуб набуд. Зеро ки... Шай...

— Кумитаи Марказӣ фикр дорад, ки Атоулло Хоҷаро чеғ зада, муваққатан ба ҷои вай шуморо фиристонад...

— Маро? Аҷиб... Хайр, майлаш, шай, худам ҳам барои тафтиши корҳо рафтанӣ будам. Лекин бо худам сесад нафар аскар ва баъзе аз хизматчиёни масъулро бояд гирам.

— Инро маслиҳат мекунем! — гуфт Турсун Хоҷаев ва камтар сукут намуда илова кард: — Бо Давлатмандбӣ гуфтугӯ карданро ба Атоулло Хоҷа мо таклиф карда будем, аммо на бо ин роҳ, на чун тарафи мағлубгашта, балки чун тарафи ғолиб; ҳамаи шартҳо ва шароитҳои мо мехостагиро таклиф кардан лозим буд. Аммо Атоулло Хоҷа аз тарс ё аз чизи дигар, ба мо аз номи босмачиён ултиматум менависанд, ки Особый Отделро нест кунем.

— Хайр, ҳеҷ боке не,— гуфт Усмонхоҷа аз ҷо бархоста,— дар кори давлатдорӣ ин хел, шай, камбудиҳо, нофаҳмиҳо мешавад... Ба ҳар ҳол Атоулло Хоҷа одами содиқ! Ба фикри ман, гапро калон накарда, ӯро аз Душанбе чеғ занед, ба ҷояш муовинашро монда биёяд. Баъд, худам, дастамро камтар сабук карда меравам, ҳамаи он музофотҳоро дида, аз назар мегузаронам ва ҷанҷоли босмачиҳоро ҳам пасанда мекунам.

— Не, ман дигар ба Атоулло Хоҷа бовар карда наметавонам...

— Майлаш, худаш биёяд, дуруст гап мезанем.

Усмонхоҷа хайру хӯш карда, баромада рафт.

Аз берун коргузор даромада хабар дод, ки бинобар даъвати ӯ Карим омада, мунтазир нишастаст.

— Ҳа, ҳа,— гуфт Турсун Хоҷаев,— ман ӯро чеғ зада будам, гӯед дарояд.

Коргузор аз кабинет баромаду пас аз дақиқае Карим даромад.

— Салом,— гуфт вай дар вазъияти низомӣ даст ба чакка бурда.— Рухсат диҳед, дароям?

— Ҳа, биё, Каримҷон! — гуфт бо рӯи кушод Турсун Хоҷаев.— Ман туро хеле мунтазир кардам, мебахшӣ, як кори фавкулодда баромада монд... Хӯш, кору бор, саломатӣ чи тавр?

— Ташаккур, кору бор нағз, саломатӣ ҳам...

— Дастаи ҷавонҳои фидоӣ чӣ тавр? Машқи ҳарбиро хуб омӯхтанд?

— Хуб омӯхтанд! Ҳама ба сафар, ба ҷанг тайёр ҳастанд. Ман худам ба назди шумо омада илтимос карданӣ будам, ки мегуфтед, назорати ҳарбия ба ҳаракати мо иҷозат медод.

— Бисьёр нағз! — гуфт ба андеша фурӯ рафтагӣ барин шуда котиб.— Бисьёр нағз... Агар дастаи ту тайёр бошад, бисьёр нағз!.. Медонӣ, Каримҷон, ман барои чӣ туро чеғ задам, сафари тарафи Бойсунро андак ба таъхир андохтан лозим мешавад...

Карим ҳайрон ва малӯл бо назари суол ба Турсун Хоҷаев нигоҳ карда монд.

— Бале,— гуфт Турсун Хоҷаев,— ба таъхир андохтан лозим мешавад. Мо қарор додем, ки худи пагоҳ дастаи туро ба тарафи Кармина ва Нурато фиристонем...

— Барои чӣ?

— Дар ин тараф хавф калон шуда монд... Дар ин бора ба ту дар назорати ҳарбӣ муфассал баён мекунанд. Ман ҳамин қадар мегӯям, ки собиқ нозири ҳарбия Абдулҳамид Орипов ба мо, ба фирқаи коммунистӣ ва ҳукумати шӯроӣ хиёнат карда, ба тарафи босмачиёни Нурато гузаштааст.

— Орипов? Нозири ҳарбӣ? — ҳайрон шуда боз пурсид Карим.

— Бале, Орипов! Бадии кор дар он аст, ки вай аз ҳамаи асрори давлатии мо, аз корҳои ҳарбӣ, аз захира ва яроқҳои мо хабар дорад. Ин хел одам дар сари дастаи босмачиён дар қарибии маркази ҷумҳурият буданаш хатари калон дорад. Бойсун ва нест карда шудани Асад махсум ҳам зарур, лекин ин аз вай заруртар аст! Мефаҳмӣ, аз вай заруртар аст!

— Мефаҳмам,— гуфта монд Карим ва пас аз даме илова намуд: — Аммо ман ва рафиқонам бачаҳоро ба ҷанги Асад махсум тайёр карда будем, чи қадар таълим додем, бо харитаҳо ошно кардем...,

— Барои ҳамин ҳам туро чеғ задам, ки сари вақт тайёр шав ва ба аскарҳо зарурати ин ҷабҳа ва хавфнок будани онро фаҳмон. Ман аз Кумитаи Марказӣ боз ду нафарро ба ихтиёри ту мефиристонам.

— Майлаш, ман фармони шуморо иҷро мекунам.

— Ҳозир ба шӯрои нозирон, ба назди Файзулло Хоҷаев меравӣ. Ман телефон мекунам, туро қабул мекунанд, маслиҳати лозима ва фармонҳоро медиҳанд.

Номи Файзулло Хоҷаевро шунида, Карим қадаре карахт шуда монд. Зеро вай шунида буд, ки Файзулло Хоҷаев писари миллионери калони Бухоро мебошад. Писари миллионер чӣ хел шуда ба сари давлат, ба сари ҳокимияти шӯрой омадааст, инро ҳеҷ фаҳмида наметавонист. Ҳозир ки хиёнат кардани Абдулхамид Ориповро фаҳмид ва ба дастаи аскарони дар Бойсун буда ёрӣ надодани назорати ҳарбияро аз мактуби Фатҳуллин хонда донист, ихлосаш аз Файзулло Хоҷаев барин касон баргашт.

— Рафиқ Турсун Хоҷаев!—гуфт вай ба таври қатъӣ.— Ба назди Файзулло Хоҷаев рафтани ман шарт-мӣ?

— Албатта,— гуфт ба чизе гумон набурда Турсун Хоҷаев.— Он кас нозири ҳарбӣ.

— Ман,— гуфт андаке мулоҳиза карда Карим,— мерафтаму... лекин ҳамин рӯз аз Фатҳуллин, аз фармондеҳи аскарони Бойсун хат гирифтам. Аҳволашон чандон хуб набудааст, ҳатто аскарони мо гуруснагӣ кашида, ҳеҷ ягон хел дорую дармон намегирифтаанд. Аз як тараф вараҷа онҳоро азоб диҳад, аз тарафи дигар гуруснагӣ...

— Наход? Пас, чаро Фатҳуллин моро хабардор накардааст?

— Вай чандин бор ба назорати ҳарбӣ навишта бошад ҳам ҷавоб нагирифтааст.

— Ин хиёнати Орипов аст!

— Файзулло Хоҷаев чӣ?

— Файзулло Хоҷаев набуд, дар Маскав буд, ба сафари Аврупо рафтанӣ буд, ки мо ӯро чеғ зада овардем. Агар дар ин ҷо мешуд, бешубҳа ёрӣ мерасонд. Ду рӯз шуд, ки омада кор карда истодааст... Агар ҳодисаи Абдулхамид Орипов намешуд, шояд худаш ба Бойсун мерафт.

Карим гап назаду каме хомӯш монд. Вай ҷавоне буд, ки дар дилаш аз касе кина гирифта, гашта наметавонист. Ба дӯст — дӯст буд, ба душман — душмани рӯй-

рост. Дурӯягӣ, тамаллуқи бардурӯғ ва сохтакориро намедонист. Бинобар он, фикр карда ба худ гуфт, ки шубҳа карда гаштан фоида надорад, ба котиби якуми фирқа дилро кушода додан хуб аст.

— Ман аз кай боз мехостам, ки як чизро аз шумо пурсам,— гуфт вай.

— Марҳамат, пурс! — гуфт Турсун Хоҷаев.

— Меҳнаткашон ҷангида, инқилоб карданд, ҷумҳурияти шӯрой сохтанд, бойҳо, амалдорҳои амир, шайху эшонҳоро аз миён дур карданд... боз барои чӣ писари миллионери калони Бухоро дар сари ҳукумат, раиси давлат ва нозири харбӣ шудааст?

Турсун Хоҷаев табассуме карду аз ҷо бархост ва ба рӯи хона каме қадам зада гашта, баъд ба рӯи ба рӯи Карим омада истоду гуфт:

— Саволи ту табиӣ ва қонунӣ аст. Дар сари ҳукумати ҷумҳурияти Бухоро Файзулло Хоҷаев барин одамҳое, ки аз табақаи бойҳо буданд, якто-дуто не... Инқилоби мо соф инқилоби меҳнаткашон набуд, ба он фирқаҳои аз амир норозӣ — ҷадидҳо ва дигарон ҳам иштирок карданд. Ҳоло ки аз байни худи коргарону деҳқонон ва косибони меҳнаткаш одамҳои босаводи ӯҳдабаро кам ҳастанд, ҷадидҳо кор карда истодаанд. Лекин фирқаи коммунистӣ ба онҳо роҳбарӣ мекунад. Инро дурусттар фаҳмидан лозим. Аммо масъалаи Файзулло Хоҷаев дигар аст. Вай садоқати худро ба кори фирқаи коммунистӣ нишон дода истодааст.

— Файзулло Хоҷаев сардори ҷадидон, сардори фирқаи ҷавонбухориҳо будааст,— гуфт Карим.— Ман инро медонам.

— Бале, Файзулло Хоҷаев ҷадид буд,— гуфт котиб,— лекин ҳозир вай аъзои фирқаи коммунистӣ аст. Кӯшиш мекунад, ки хато ва нуқсонҳои худро ислоҳ кунад. Ба ҳар ҳол мо ҳоло ба вай боварӣ дорем.

— Майлаш, набошад ман ба пеши он кас меравам,— гуфт Карим ва аз кабинети котиби Қумитаи Марказӣ берун шуд.

Карим аз назди Турсун Хоҷаев баромада, хост, ки рост ба Шӯрои нозирон равад, лекин чизе ба хотираш расиду аз роҳаш баргашта ба сӯи чека рафт.

— Ман ба раис камтар кор доштам,— гуфт вай ба комендант салом дода.

— Марҳамат,— гуфт комендант, ки Каримро меши-

нохт.— Раис дар кабинеташон, аз котиб пурсед, агар иҷозат бошад, медароед.

Карим ба котиб телефон кард. Ба вай рухсат доданд. Карим ба кабинети раиси чекаи Бухоро — Олимҷон Аминов даромада, бо вай дӯстона вохӯрдӣ кард.

— Хӯш,— гуфт Аминов,— аҳволу саломатӣ чӣ тавр? Корҳо нағз? Қӯшуни сурх ба ҷанги Асад махсум тайёр?

— Тайёр! — гуфт Карим ва пас аз лаҳзае хомӯшӣ илова намуд: — Лекин аз пеш кори дигар баромада монд.

— Абдулҳамид Орипов? — гуфт Аминов.— Медонам. Ба ту кӣ гуфт?

— Дар назди рафиқ Турсун Хоҷаев будам,— гуфт Карим.— Фармон гирифтам...

— Аз назорати ҳарбӣ ҳам?

— Не ҳанӯз,— гуфт Карим ва боз мулоҳизае карду ба суханаш давом дод: — Барои ҳамин ҳам ба назди шумо омадам... Ман аз Файзулло Хоҷаев шубҳа доштам... Писари бойи калони Бухоро мегӯянд... Бой ки шуд, бо ман дӯст намешавад гуфтанӣ ақида дорам. Лекин рафиқ Турсун Хоҷаев фаҳмонида доданд...

— Хӯш, акнун шубҳаат бартараф шуд?

— Бартараф шуду лекин...

— Чӣ?

— Лекин ба ҳар ҳол хушьёр будан лозим, мегӯям!

Аминов табассум кард.

— Маълум, ки ҳанӯз шубҳаат бартараф нашудааст. Шубҳа — падари ҳақиқат аст мегӯянд. Файзулло Хоҷаев писари миллионер бошад ҳам, дар инқилоби Бухоро хизмат кардааст. Албатта, хатоиҳо дорад, лекин фирқа лаҷомашро медорад. Баъд ҳаминро дон, ки ҳамаи онҳое, ки аз синфи бойҳо баромадаанд, хоин нестанд. Гоҳо аз байни онҳо низ одамони дуруст пайдо шуданаш мумкин.

— Эҳтимол...— гуфта монд Карим.

— Ана, барои мисол,— гуфт як делаи дар рӯи миз бударо пеш кашида Аминов,— ҳамин корро гирем. Ин дар натиҷаи аризаи шикоят ва иғвои яке аз ҷадидҳо ҳамин қадар ғафс шуда рафт. Мо тафтиш кардем, маълум шуд, ки худи ин аризадиҳанда писари бои калон, бадҷинс ва дарунсиёҳ будааст, ҳоло ба рӯяш ниқоб кашида дар идораи савдо хизмат карда гаштааст. Шикояти вай аз болои ҷияни худаш мебошад, одами бисьёр нағз ва

бо ҷону дил кори як идораи калонро пеш бурда истодааст. Номаш Ҳалимҷон аст, аъзои фирқаи коммунистӣ... Пас аз тафтиш ва хулосаи мо игвогарро аз кор гирифтанд. Ҳалимҷон нағз кор карда гаштааст. Агар хоҳӣ, ки бо хислати бою бойбаччаҳо шинос шавӣ ва нағзро аз бад ҷудо кардан хоҳӣ, ана ҳамин деларо гирифта хон!

— Майлаш, ҳозир вақтам ҳаст,— гуфт Карим.

— Ана, аз болои диван гузашта шин, ман ба ту халал намедиҳам, корам ҳаст, баромада меравам. То омадани ман хонда мешавӣ.

— Бо мамнуният! — гуфт Карим деларо гирифта.— Ба берун баромада шинам ҳам мешавад.

— Не, дар ҳамин ҷо шин. Ман ба котиб таъин мекунам, ба ту чой медиҳад.

Аминов баромада рафт. Карим деларо кушода ба хондан сар кард. Қисса аз соли 1911 сар мешуд:

Тирамоҳи соли 1911, дар ҳавлии калони гузари Ғозиён тӯй шуда буд. Ҳавлии калон гуфта, ҳавлии бои машҳури Бухоро Аҳмадхоҷаро мегуфтанд, ки дар он гузар ва ҳатто дар гузарҳои он гирду атроф аз ҳавлии вай калонтар ва бошукӯҳтар ҳавлие набуд. Ин ҳавлӣ мувофиқи тарҳу нақшаи соҳибаш бино ёфта, аз кӯчаи калони Ғозиён бо сахлови махсус ҷудо шуда меистод.

Пас аз он ки аз дарвозаи калон медаромадед, соботи васеъ буд, ки он рӯз дар он ҷо ба рӯи суфа ва курсиҳои бисьёре хизматгузорон, оқсаққолон ва як қисм хешу таборон менишастанд ва ба меҳмонҳои меомадагӣ даст пеш гирифта, салом медоданд, онҳоро агар мард бошанд, ба ҳавлии берун ҳидоят мекарданд...

Дар байни онҳо Самадхоҷа — додари Аҳмадхоча низ менишаст, ки хеле пажмурда ва рангпарида ба назар менамуд. Дирӯз қарзхоҳонаш ӯро хеле таҳқир карда, корро ба қозихона кашиданӣ шуданд. Вай ба хона даромада, охирин зинати сару рӯи занаш ва духтарашро кашида гирифта берун баромад ва ба қарзхоҳонаш дода, хоҳиш намуд, ки ба ҳоли ӯ раҳм кунанд ва бо ин якчанд ангуштарӣ ва ҳалқа қаноат намуда, ба вай боз як моҳи дигар мӯҳлат диҳанд. Қарзхоҳон таҳдидкунон рафтанд, вале тарсу ваҳми расвошавӣ аз вай дур нашуда буд. Вай зӯр ба зӯр табассум мекард ва ба саломи ину он ҷавоб медод. Ҳамаи ақлу ҳушаш ба он банд буд, ки чӣ кор карда аз мӯҳлика наҷот ёбад.

Дар шабгаи ҳавлии берун, ки болояш бо чодир пӯ-

шида шуда буд, машҳуртарин ҳофизон ва машшоқон нишаста замзама мекарданд ва бо навоҳон дилпазир ба сурур сурур, ба шавқ шавқ илова мекарданд. Худи Аҳмадхоҷа, ки хеле пир шуда, ҳоло хаста ва дардманд ба назар менамуд, ба рӯи курсии махмалин дар поёни рӯи суфа, дар иҳотаи ду-се нафар аз дӯстонаш, ки дар он миён табиби махсуси ҳиндуи ӯ низ буд, менишаст ва аз рафти меҳмонпазирой ва тӯй бохабарӣ мекард. Ҳар замон сардорон ва хизматгузорони тӯй ба назди ӯ меомаданд, маслиҳатҳо мепурсиданд ва супоришҳо гирифта мерафтанд.

Дар ҳавлии берун, дар ҳавлии дарун, дар ҳама ҷо ҳаракат, ҷӯшу хурӯш ва хурсандӣ буд. Дар ҳавличаи дигаре, ки дар ҳамсоягии он ҳавлӣ буд, дегҳои калон шинонида шуда, кабоб ва оши софӣ пухта мешуд. Ҷавонҳо қатор истода, табақҳои кабоб ва ошро даст ба даст мекарданд. Ходимони гузар ва маҳрамҳо он табақҳоро ба хонаҳо, ба рӯи суфа, ба таи айвон ба рӯи дастурхонҳо мегузоштанд. Мардум ош хӯрда, залла гирифта, дуо карда баромада мерафтанд. Боз мардуми маҳалла ва гузарҳои дигар меомаданд ва менишастанд ва боз ба назди онҳо дастурхонҳо густурда мешуданд...

Дар қатори ҷавонҳои хизмат карда, даромада-баромада гаштагӣ инчунин Ҳалимҷони понздаҳсола ва Алимҷони сездаҳсола менамуданд, ки дар бар ҷомаҳои нави алочаи ҳисорӣ, дар сар саллачаҳои базеб, дар по кафшу маҳсиҳои булғор... гоҳо даст ба даст карда, гоҳо бо бачаҳо ба таи собот ва саҳлов баромада, бозӣ карда, гоҳ ба ҳавлии дарун даромада мегаштанд. Алимҷон, аз ҳавлии дарун чормағз, ҳалво ва кулчаҳо бароварда, ба ҷӯраҳои худаш тақсим мекард ва бештар бо онҳо бозӣ карда мегашт. Вай ҷӯрабоз, шӯх ва баттол буд. Аммо Ҳалимҷон вазнин, боандеша, хеле хушфеъл ва нармдил буд. Бо бачаҳо занозанӣ, шӯхӣ карда намегашт. Хусусан дар он рӯзи тӯй вай каме маъюс ва андешаманд ба назар менамуд.

Вай хоҳараш — Робиахонро хеле дӯст медошт ва ҳамеша ҳамдам, ҳамсӯҳбат ва роздони ӯ буд. Бинобар он, пеш аз тӯй Робиа аз вай чизе хоҳиш карда буд, ки Ҳалимҷон иҷрои онро ба ӯҳда гирифта буд, вале натавонист ва акнун виҷдонаш дар азоб буд.

Робиахон, ки имрӯз тӯй мешуд, бист сол дошт. Он вақтҳо духтари бистсолаи ба шавҳар набаромадаро пир-

духтар мегуфтанд. Сабаби пирдухтар шуда мондани Робиахон аз як ҷиҳат эрка калон шудани вай ва аз тарафи дигар чандон баҳусн набудани ӯ буд. Аз аввал Робиа шавҳар кардан нахост, бисьёр хостгорҳо ва толибонро рад кард. Падару модараш ӯро дӯст медоштанд, пеш-пеши ӯ мерафтанд ва намеранҷониданд. Ниҳоят кор ба ҷое расид, ки дигар ба ҳавлии Аҳмадхоҷа хостгорҳо намеомадагӣ шуданд. Миёнаравҳо, ки чанд бор омада, маъюс шуда рафта буданд, қаҳр карданд ва нисбат ба Робиахон овозаҳои бад паҳн карданд: ӯро бадфеъл, бадномо, маслуқ гуфтанд. Аммо сол гузаштан катӣ синну соли Робиа ҳам меафзуд ва ӯ ҳамоно дар хонаи падару модар монда буд.

Аҳмадхоҷа аввал ба ин аҳамият намедод, вай ба кори савдою тиҷорати худ овора, маскавравӣ, оренбургравӣ карда мегашт. Ниҳоят ин дафъа аз Маскав бемор шуда баргашт. Табибҳо, духтурҳо дорую даво карда баъзӯр ӯро ба по хезонданд ва пас ӯ чанд гоҳ ба ҳеҷ ҷо нарафта, дар хона монд. Ана дар ҳамин муддати дар хона истода монданаш фаҳмид, ки ҳам худаш пир ва бедармон гаштааст, ҳам духтараш ба бист қадам ниҳода, ҳанӯз шавҳар накарда, ба рӯи хона мондааст.

Аҳмадхоҷа одами закӣ, дурандеш ва ботадбир буд. Ҳаёти савдогарӣ ва тиҷорат, ошноӣ бо одамони гуногун, зиндагӣ дар Русия ӯро нахонда мулло ва донишманд карда буд. Вай ба ғайр аз он ки дар корҳои савдо ва тиҷорат маҳорати фавқулодда дошт, зиндагиро низ нағз медонист. Як шаб, вақте ки занаш ба ӯ дарду аламашро гуфта, аз пирдухтар шудани Робиа шикоят кард, гуфт, ки ғам нахӯр, духтарат дар байни як моҳ ба шавҳар меравад.

Аҳмадхоҷа аз хоҳараш як ҷияне дошт, ки номаш Ҳамидхон буд ва дар мадраса мехонд. Ҳамидхон марди калонсол, ришдароз, саллакалон ва чеҳрааш чандон ҷозиб набуд. Лекин зан надошт, камбағал буд, бо модараш бечораҳолона зиндагӣ мекард. Вақте ки Аҳмадхоҷа хоҳаршро ҷеғ зада гуфт, ки мехоҳад Ҳамидхонро ба худаш домод кунад, вай ҳайрону гаранг шуда монд. Зеро ки ҳеҷ гоҳ ин бахту саодатро барои писари худ умедвор набуд.

— Ҳамидхони бенаво кию домодии шумо! — гуфт занак.— Мо қудрати он надорем, ки духтари Аҳмадхоҷаро келин карда, ба вайронахонаи худ дарорем.

— Ҳеҷ гап не! — гуфт Аҳмадхоҷа.— Тӯйро худам мекунам, барои шумо аз шафати ҳавлӣ, дар ялангиш паси хонаи калон фармудам як ҳавлии каршастӣ месозанд. Устоҳо аз худи пагоҳ ба кор сар мекунанд. Аз ин ҷиҳат фикр накунӣ ҳам мешавад. Лекин Ҳамидхонба гӯй, домуллогеша камтар партофта истад; хоки мадрасая лесиданаш кифоя! Саллеша майдатар карда бандад, ришаша зада кӯтоҳ кунад, ҷомаи фаҳӯлаша кашида монад!..

— Ҷомаи фаҳӯлаша аз куроқҳо худам дӯхта будам,— гуфт хоҳараш ба Аҳмадхоҷаи миллионер.— Чӣ кор кунам, аз бозори ҷома, ё ки аз сандуқи тағоеш ба қадду басти вай ҷомаи муносиб ёфтан мушкил...

— Пагоҳ дар хонаи ту ҳам яҳдонҳою сандуқҳои пур аз мол мешавад, сабр карда ист!

— Майлаш, сабр мекунам, додарам! — гуфт кампир.— Агар ин гапҳои ту ҳазл набошад, ман ба авлиёҳо назр мебарам.

— Ба авлиё назр бурдан ҳоҷат не,— гуфт сахт карда Аҳмадхоҷа.— Ба гапи ман гӯш кун! Аз пагоҳ сар карда овоза паҳн кун, ки ту Робиаро ба писарат гирифтанӣ ҳастӣ. Нотарсида, калон партофтан гир!.. Чизу чораи даркориро ман ба хонаат мефиристонам, ҳафтаи оянда лаълию дастурхон карда, хостгор фиристон!

— Хуб, майлаш.

— Лекин ин сӯҳбати мо аз ин хона берун набароянд. Ҳатто ба додарамон ҳам гап назан!

— Ман гап намезанам, лекин аз Самадхоҷа чизи пинҳонӣ ҳаст-мӣ?!

— Ин гапат ҳам рост. Ин қиморбози ношуд ба сари мо як бало шуд! Хайр, ба ҳар ҳол дониста гап зан ки ҳам обрӯи ту, ҳам обрӯи ман!

— Бисьёр хуб.

— Гап ҳамин!

Ин хабар ба Робиа маъқул нашуд. Вай дар назди модараш гирист:

— Омада-омада, акнун ман лоиқи Ҳамидхон шудаммӣ? — мегуфт вай.

— Ҳамидхонро чӣ шудааст?! Хешамон, ҷону ҷигарамон!

— Хешамон! Як мардаки баднамои ришкалони ҷомафаҳӯл!

— Ту ҳам он қадар паризод нестӣ, духтарам! — гуфт модараш, ки сахтгаштар буд.— Дигар чоҳои аз ин муносибтарро худат хуш накардӣ, акнун бахту толеат ба Ҳамидхон будааст.

— Не, ман намерасам! Майлаш, умрам бешавҳар гузарад!

— Қаҳру ғазаби дадета медонӣ! Бисьёр нею нестон накун, ки бароварда ба аробакаш медиҳад!

— Майлаш, аробакаш бошаду муллои фаҳӯл набошад!

— Ту девона шудӣ! Ҳамидхон одами хондагӣ, одами рӯздида, бамаънӣ, мулло ва донишманд!

— Не, не, не!

— Номаъқул кардӣ! Не бошад ҳам ҳамин, ҳа бошад ҳам ҳамин!

Модар аз назди духтар хеста берун баромад. Робиа худро ба рӯи қолин партофта гирист. Вай аз бадбахтӣ ва бетолеии худ мегирист. Давлат ҳаст, боигарӣ ҳаст, ҳама чиз ҳаст, аммо бахт нест. Духтарҳои аллофу наддофи Бухоро ба худ шавҳарҳои муносиб меёбанд; бахту саодати худро ба даст меоранд; аммо вай, духтари миллионери Бухоро ба ин ният расида наметавонад. Ӯро мисли чизи нодаркор ва колаи ночиз бароварда мепартоянд.

Робиа дасту пои худро аз осмону замин канда дид. Вай медонист, ки пирдухтар шуда монданаш ба шаъни падари бадавлаташ намезебад. Аммо ба шаъни падар намезебад гуфта, худро ба оғӯши мардаки дилноқаш партофтан ҳам намешавад. Қошки худо ҷони ӯро гирад, ки аз ҳамаи ин ранҷу азоб халос шавад.

Дар айни ноумедӣ ва шикастахотирии ӯ дар кушода шуду ба хона, додараш Ҳалимҷон даромада омад ва хоҳарашро дар ин ҳол дида, зуд ба наздаш нишаст.

— Ба шумо чӣ шуд, ойбиҷон? Ягон ҷоятон дард мекунад? Нотоб шудед?

Робиа сар ҷунбониду боз гирист.

— Чӣ шуд? Ягон кас ранҷонид?

Робиа медонист, ки дар дунъё фақат ҳамин Ҳалимҷони понздаҳсола, ҳамин ҷавони раҳмдил дарди дили ӯро мефаҳмад ва ҳар чӣ ки аз дасташ ояд, аз ӯ дареғ намедорад.

— Маро... Маро... ба шавҳар... ба Ҳамидхон доданӣ...— гуфт ниҳоят Робиа.

— Ба Ҳамидхон? — Ҳалимҷон низ як дарача ҳайрон шуд, вале гап назад.

— Ман сиёҳбахт, ман бетолеъ будаам, додаракам! — худро ба оғӯши Ҳалим партофта гирист, Робиа. — Акнун чӣ кор мекунам? Бо Ҳамидхони фалма-фаҳӯл чӣ хел зиндагӣ мегузаронам?

— Дадем чӣ мегӯянд? — пурсид ниҳоят Ҳалимҷон.

— Дадем! — гуфт Робиа бо кинояю — Ҳамаи ин кори дадем. То имрӯз аз мо хабар нагирифтанд, акнун ки омада нишаста монданд, пирдухтарро дар хона дида зуд бароварда партофтан мехоҳанд.

— Гап назадед?

— Не, ман гап намезанам. Бибем мегӯянд, ки агар нею нестон кунӣ, ба аробакаш бароварда медиҳанд... Баъд, аҳволи худи дадем хуб не, касал, вазъашон гаштагӣ...

— Майлаш, ман гап мезанам.

— Ҷон додаракам! — гуфт Робиа хурсанд шуда. — Агар ту гап зада нафаҳмонӣ, аз бибем умед нест. Дадемба гӯй, ба ман раҳм кунанд! Ман зани Ҳамидхон шудан намехоҳам.

— Албатта, мегӯям, шумо хафа нашавед. Дадем одами боақл ва шуморо дӯст медоранд.

Ҳалимҷон бо вуҷуди ҷавон буданаш ақлаш ба ҳалли муаммоҳои зиндагӣ мерасид; сиёҳро аз сафед фарқ карда метавонист... Вай дар бораи муаммоҳои зиндагии онрӯзаи Бухоро бисьёр фикру андеша мекард. Гоҳо шабҳо хобаш мепарид ва фикру хаёл ӯро мисли одамҳои калон, ба ҷоҳои дур гирифта мебурд. Ҳаёти мардуми Бухоро ва мардуми Москваро муқоиса мекард ва бадбахтиҳои халқи ин ҷоро дида ҳам ҳайрон мешуд ва ҳам месӯхт. Бисьёр вақт суолоти Носири Хисравро такрор мекард:

Меҳнати мискин чарост дарьё-дарьё,
Роҳати мунъим чарост киштӣ-киштӣ?

Ду-сесола таҳсили хусусӣ дар Маскав, омӯхтани забони русӣ ва дидани ҳаёту зиндагии халқи маданӣ ӯро аз бисьёр ҳамсинион ва балки аз худаш калонсолҳо ҳам баландтар ва пурдонтар карда буд. Вай, вақте ки дар мактаби кӯҳнаи Бухоро, дар дасти устоди пурдон хонда, бармаҳал хату саводашро баровард, ба шеърхонӣ ва китобхонӣ шуғл пайдо кард; шефта ва мафтуни шеър-

хои Ҳофиз, гуфтаҳои Саъдӣ ва Бедил гашт. Дар Москва бо адабиёти ҷаҳоншумули рус шиносо шуда, Пушкин, Лермонтов, Гоголь, Толстой ва Чеховро хонда, тамом одами дигар шуда буд. Муаллими махсус, ки падараш барои вай ва бародараш гирифта буд, марди ҷаҳондида, пурдон ва хеле маданӣ буд. Вай ба онҳо на ин ки забони русӣ хату саводи русӣ меомӯхт, балки онҳоро бо дуньёи маънавии халқи рус, бо адабиёти классикии рус шинос мекард.

Пештар намедонист, ки як лаб нони мехӯрдагии ӯ, либоси мепӯшидагии ӯ, хонаю ҷои ӯ аз куҷо ва чӣ тавр пайдо шуданд ва ба даст меоянд; меҳнат чист, меҳнаткаш кист, бехабар буд. Аммо адабиёти ҳамабинии классикии рус ин чизҳоро ба вай фаҳмонид. Вай пас аз хондани ин асарҳои аҷоиб боз гашта ба адабиёти классикии тоҷик муроҷиат кард ва ин дафъа шеърҳои Ҳофиз, гуфтаҳои Бедил ба ӯ дигархелтар таъсир мекардагӣ шуданд. Пештар вай шеъри Ҳофизро хонда ҳайрон шуда буд:

> Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯстгар доранд,
> Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.
> Ҳадис аз мутрибу май гӯю рози даҳр камтар ҷӯй,
> Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо!

Чаро? мегуфт вай худ ба худ, чаро ман бояд рози даҳрро наҷӯям?! Наход, ки ин муамморо кушодан ҳамин қадар амри маҳол аст? Вале баъдтар донист, ки Ҳофиз дар ин ҷо сахт киноя кардааст. Саркашӣ, бебокӣ ва озодфикрии Ҳофизро донист ва шеърҳои ӯро гаштаю баргашта мехондагӣ шуд ва дар дили ӯ низ осори саркашӣ, бебокӣ ва шубҳа ба ҳар он чӣ танзим шуда буд, пайдо гардид. Чаро? Чаро? мегуфт дилтангона ба ҳаёт назар карда ва ҳеҷ ҷавобе намеёфт. Баъдтар аз дасти баъзе хешу таборони мунавварфикр, баъзе ёру ошноёни пешқадам газетаҳои «Тарҷумон», «Вақт» ва журнали «Мулло Насриддин»-ро гирифта мехондагӣ шуд. Хусусан журнали «Мулло Насриддин» дар баъзе шумораҳояш ба сохти аморати Бухоро, ба зиндагии кӯҳна ва ақибмондаи Бухоро сахт ҳуҷум мекард. Вай ин чизҳоро мехонд ва ба худаш, ба зиндагии хешу таборон ва гирду атроф назар мекард. Медид, ки дар бисьёр мавридҳо танқид ва ҳаҷвияҳои «Мулло Насриддин» дуруст ва рост аст.

Бисьёр вакт ба сарои пўст мерафт. Дар он ҷо пўсти қарокўлӣ мехариданд, мефурўхтанд, той мебастанд, ранг мекарданд, сара мекарданд ва ба шаҳрҳои дигар, ба мамлакатҳои дур мефиристоданд. Дар сарой хоҷаҳо, соҳибони молу давлат ба рўи курсиҳои бахмалин, ба рўи катҳое, ки бо қолину кўрпаю кўрпачаҳо мафруш буданд, менишастанд, чой менўшиданд, пистаю бодом мешикастанд. Хизматгорҳо, маҳрамҳо даст пеш гирифта хизмати онҳоро мекарданд. Дар поёни суфа, дар таҳхонаҳои пурчанг коргарҳо, мардикорҳо пўст сара мекарданд, той мебастанд...

Боре як мардикори кўҳистонии бечораро ба тўҳмат дузд гирифтанд. Ўро кашида ба назди соҳиби пўст оварданд. Мардак зорию тавалло мекард, ки вай чизе надуздидааст. Лекин саркор мегуфт, ки аз рўи тахта як пўсти қарокўлии сур гум шудааст ва ин мардак онро гирифта, бо писараш дода фиристодааст.

— Писарам омад, ки — мегуфт мардикори бечора,— ба ман хабар диҳад, модараш сахт бемор шудааст. Корро партофта рафтани ман лозим буд, лекин нарафтам; ба дасти писарам як мирӣ дода фиристодам, ки ба модараш ду дона анор харида бурда хўронад ва худам боз ба кор машғул шудам. Ман аз мурданам хабар дораму аз пўсти гумшуда не!

— Дурўғ мегўяд, лаънатӣ! — мегуфт саркор,— ба ғайри вай каси дигар намедуздад!

Соҳиби пўст падари Ҳалимҷон буд. Вай ба мардикорҳо ва хизматгорҳояш сахтгирӣ мекард. Хусусан ки ягонтаи онҳо ба duздӣ муттаҳам шаванд! (Одам аҷоиб хислат дорад: худаш дуздӣ кунад, моли мардумхўрӣ кунад хайр, боке не, ба ҳамаи кирдори бади худ «қонун» меёбад, лекин агар дигаре садяки кори ўро кунад, аз молаш хасеро барад, тамом, ўро то ба куштан мебарад!).

Аҳмадхоҷа фармуд, ки мардикорро зада иқрор кунанд, лекин Ҳалимҷони раҳмдил ба миён даромад:

— Дадаҷон! — гуфт вай давида ба сари мардикор рафта,— ўро назанед, ўро назанед! Вай дузд не, рафтани писарашро ман дидам, дар дасташ чизе набуд.

— Ин тараф гузар! Ту ин корҳоро намедонӣ,— фарьёд кард ба вай падараш.

— Не, медонам! — гуфт Ҳалимҷон.— Пўстро худи

ин, худи ин саркоратон гирифта ба ҳуҷрааш бурд. Инро ман бо чашми худам дидам.

Аҳмадхоҷа аз ҷояш бархост ва бо чашмони пурғазаб ба сӯи саркор қадам партофт. Саркор, ки қаҳру ғазаби соҳибдавлаташро медонист, як ба чапу рост нигоҳ карду хез кашида худро аз суфа поён партофт ва ба сӯи дарвозаи сарой гурехт. Баъд, хуҷраи ӯро кофтуков карда, пӯсти сурро ёфтанд ва Аҳмадхоҷа ҳамон мардикори тӯҳматзадашударо саркор таъин намуд...

Тобистон, вақте ки Ҳалимҷон бо модараш, хоҳараш ва додараш дар чорбоғ буданд, ҳодисаи аҷибе рӯй дода буд:

Онҳо аввали рӯз омада, дар сари ҳавзи чорбоғ дам гирифтанд. Ҳавз аз об пур, канори ҳавз рӯфта, об пошида шудагӣ, гилему қолину кӯрпаю кӯрпачаҳо партофта шудагӣ буд. Зану духтарони боғбон ва хизматгорҳои аз шаҳр омадагӣ дарҳол дастурхон партофтанд, ангуру анҷиру себу шафтолу гузоштанд; харбузаю тарбуз буриданд, чойникҳои ҷои кабуд, нонҳои ғафси бомазаи саҳрой, кулчаҳои равғаниро қатор карданд. Баъд, Ҳалимҷону Алимҷон ҷомаҳои фахӯлро кашида монда, бо камзӯлчаҳои сабук ва дар по мӯзачаҳои хиром ба сайру гашт ва бозӣ бархостанд.

Ҳалимҷон дар қишлоқ як ҷӯра дошт, номаш Содиқ буд. Ҳар бор, ки Ҳалимҷон ба сайри чорбоғ меомад, пеш аз ҳама ба дидани Содиқ мешитобид ва бо ӯ ҳамроҳ мегашт. Содиқ бачаи фақир, боақл ва хеле босалиқа буд. Як кордча дошт, ки онро чанд сол пеш Ҳалим ҳадья карда буд. Содиқ бо он кордча аз чӯби дарахти бед таппончаҳои ғалатӣ, обдуздак, асоҳои суратнок месохт. Агар монда шавад, аз миёнбандаш қушнайро мегирифту чунон замзама мекард, ки кас ҳайрон мемонд.

Он рӯз Ҳалимҷон ба тарафи ҳавлии Содиқино равона шуд. Алимҷон бошад, бо писари боғбон ба харсуворӣ рафтанд. Ҳавлии Содиқ аз чорбоғ дур набуд. Дар шафати девори чорбоғ як ҳавличаи вайронае буд, ки дар он падару модари Содиқ зиндагӣ мекарданд ва онҳо ба ғайр аз Содиқ фарзанди дигар надоштанд. Қамтар замин, як андак рӯйдарича доштанд, ки аз ҳосили он зиндагӣ ба сар мебурданд.

Вақте ки Ҳалимҷон дарвозаи Содиқиноро тақ-тақ зад, аз дарун модари вай баромада, бо Ҳалимҷон пур-

су пос кард. Маълум шуд, ки Содиқ бо падараш ба сари банди об рафта аст ва имрӯз навбати об аз они онҳо будааст. Ҳалимҷон мехост, ба сарбанд равад, лекин дар саҳро аз дур Содиқро дид, ки дар даст каланд, ба замин об монда гаштааст. Ҷӯраҳо аз дур ҳамдигарро дида ба пешвози ҳамдигар тохтанд ва мисли калонсолҳо бағал ба бағал гирифта вохӯрдӣ карданд.

— Хуш омадед, ҳар қадам мондед, болои дида! — гуфт Содиқ.— Бутун пазмон кардед-ку ин дафъа!

— Дадем нотоб буданд,— гуфт Ҳалимҷон,— набошад мо кайҳо меомадем. Аҳволи ту чӣ тавр? Дадет сиҳатмӣ?

— Шукр, шукр, бад не! — гуфт Содиқ.— Заминҳо аз беобӣ хушк шуда, ҳосил қариб сӯхта рафта буд... Имрӯз хайрият ба мо навбат расид. Ҳарчӣ тезтар заминҳоро шодоб карда, баъд агар расад, ба дарахтҳо ҳам камтар об додан лозим. Дадем дар сари об, ба ман гуфтанд, ки аз ин ҷо хабар гирам.

— Об ҳам навбат катӣ будааст-дия? — пурсид Ҳалимҷон.

— Барои кӣ навбат, барои кӣ бенавбат! — гуфт Содиқ.— Ба мо агар оби партавшуда монад, навбат мерасад, набошад не...

— Ҳоли деҳқони камбағал чӣ мешавад?

— Чие ки шавад!

— Ин нағз не-ку! Амину оқсаққолу миробҳо чӣ мегӯянд?

— Ба пеши миробу оқасаққол дасти холӣ равед, ба гапатон гӯш намекунанд. Мо ҳеҷ чиз надорем, ки ба мироб дода об гирем. Лекин худо подшоҳ гоҳ-гоҳ об зиёдатӣ карда мемонад, заминҳои мо ҳам андак-андак тар шуда меистанд... Ман ба шумо як асои ғалатӣ сохтам, дар хона... агар ба Маскав бурда ба урусҳо нишон диҳед, ҳайрон мешаванд.

— Саломат бош, ҷӯра, ту ҳунарманд ҳастӣ! Қӯшнай чӣ шуд? Ҳаст-мӣ?

— Ҳаст, камтар навохта диҳам?

— Кошки!

Ҷӯраҳо дар сояи дарахти садае, ки дар як канори замин рӯида буд, ба болои рош нишастанд. Содиқ аз миёнбандаш найро кашида гирифта ба навохтан сар кард. Қӯшнай овози фораме дорад. Яктеш борик, яктеш ғафс, гӯё ки духтари ҷавони бенаво фарьёд карда ме-

гирьяду модари калонаш ба вай мос карда тарона мехонад, тасаллӣ доданӣ мешавад. Ин ду най фарьёд карда мегӯянд, ки об агар нест, зиндагонӣ нест... Лекин барои камбағалон об нест, барои камбағалон об нест... Ҳаво гарм, офтоб заминро қоқ кардааст... об нест, об нест... Эй худо, раҳм кун! Дар ҷӯйҳо обро фаровон гардон! Мардуми лабташнаро сaршор гардон! Эй худо, эй худо, эй худо, эй худо!..

Ин буд таронаи қӯшнай, ки Содиқ менавохту Ҳалимҷон мешунид...

— Чӣ тавр! — гуфт Содиқ.

— Бисьёр нағз! — гуфт Ҳалимҷон.— Хеле усто шудӣ. Навохтанат ба кас сахт таъсир мекунад.

— Онем ҳам хамин хел мегӯянд, овози наят ба кас сахт таъсир мекунад, мегӯянд... Ҳатто, баъзан чашмонашон пуроб мешавад. Лекин дадем... он қадар хушашон нест... Ба ҷои найнавозӣ рафта камтар алаф дарав ё ки ҳезум ғундошта биё мегӯянд.

— Дили модар нармтар аст! — гуфт Ҳалимҷон.— Бибиҷони ман ҳам овози танбӯр, дутор ва найро дӯст медоранд; бибихалифаҳоро ҷеғ зада мехононанд ва баъзан оби чашм мекунанд. Аммо дадем ҳамеша дар фикру андешаи кору савдою тиҷорат.

— Одами бадавлат хамин хел мешавад; — гуфт Содиқ.— Ғами онҳо аз ғами мо ҳам калонтар: Моламу мулкам чӣ шуд? Дӯконам чӣ шуд? Сароям чӣ шуд? Боғам чӣ шуд? Ғами бозор, ғами нарху наво, ғами пул, ғами давлат, ғами чиз... Аммо камбағалҳо фақат як ғам доранд: ғами зиндагӣ — рӯзамонро чи хел гузаронем... Мо аз дузд наметарсем, мо ғами боғу роғу замини бисьёрро намехӯрем. Худо ҳамин рӯзамонро расонад, шукр мекунем, фардо боз худаш подшоҳ!

— Ту калонҳо барин гап мезанӣ! — гуфт табассум карда Ҳалимҷон.— Ин гапҳоро аз кӣ ёд гирифтӣ?

— Дадем мегӯянд,— гуфт Содиқ ва аз ҷояш хест.— Рафтем, ман асои ба шумо сохтагема нишон диҳам.

Онҳо ба қишлоқ даромада, рост ба ҳавлии Содиқино рафтанд. Дар ҳавлии Содиқ модараш гирья мекард, ҳамсояҳо ҷамъ шуда буданд, ғавғое барпо шуда буд. Падари Содиқ ба рӯи кати тахтагини рӯи ҳавлӣ менишаст. Қасе ба сари вай намад сӯхта монда бо латта мебаст. Ба пурсиданҳои Содиқ модараш гуфт, ки барои об шуда задаанд.

— Навбати об аз они мо буд-ку? — гуфт Содиқ.

— Замон замони зӯроварон шудагӣ! — гуфт падараш ва ба Ҳалимҷон чашмаш афтида илова намуд: — Ана, одами ин бойбача мана зада, обро гирифт.

— Одами мо? — ҳайрон шуда пурсид Ҳалимҷон.— Кӣ будааст вай?

— Номашро намедонам, рафта худатон фаҳмед, бойбача! Кошки ҳамсояи мо пес мешуд, махав мешуд, кофир мешуду оби зӯровар намешуд!

Ҳалимҷон гап назаду ба қафо гашта, давон-давон ба сӯи чорбоғашон рафт. Содиқ ба дасти падараш аз офтоба об рехта истода гуфт:

— Ҷӯрем, Ҳалимҷон гуноҳ надорад...

— Холӣ сабр карда ист, ҷӯрет калон шавад,— гуфт падараш,— бо ҳамон асои ту сохтагӣ зада баданатро абгор мекунад. Бедарак нагуфтаанд, ки оқибат гургзода гург шавад!

— Не, вай гург не, вай гург не! — гуфт боз таъкид карда Содиқ...

Дар ин байн Ҳалимҷон оташинона тохта ба чорбоғ расид, дар дами дарвозаи боғ дид, ки фойтуни амакаш Самадхоҷа истодааст ва фойтунчии ӯ аз ҷӯи пуроб бо сатил об гирифта, фойтунро шуста, аз чанг пок карда истодааст.

— Кӣ омад? — пурсид Ҳалимҷон.— Амакам омаданд?

— Ҳа, амакатон омаданд, дар шипанги нав роҳат доранд.

Шипанги нав мисли хонаи чордара, аз тахта ба болои ҳамин ҷӯи калоне, ки аз даруни чорбоғ гузашта меомад, сохта шуда буд. Азбаски ин шипанг аз даруни боғ ва сари ҳавз бо дарахтони қатори болому мурӯд ва гулбуттаҳои калони гули садбарги сурх панаҳ буд, ин қисми пеши дарвозаи боғ то як дараҷа мардона ба шумор мерафт. Ва агар дар чорбоғ занҳо бошанд, хешу таборони наздик метавонистанд дар он шипанг истироҳат кунанд.

Ҳалимҷон рост ба пеши шипанг рафту дид, ки амакаш Самадхоҷа бо писари калонии худ ба рӯи кӯрпачаҳои мулоим нимпаҳлу зада, қартабозӣ мекунад. Ҳалимҷон салом дода, ба рӯи шипанг баромаду гуфт:

— Ин ҷӯй аз об холӣ буд, кӣ об сар дод?

Самадхоҷа бо тааҷҷуб ба вай нигоҳ карда гуфт:

— Кӣ сар медод, мо фармудем, одамҳо рафта обро кушоданд... Ба ҳамин ҳам аклат намерасад?

— Ин об имрӯз аз они Содиқино, навбаташон! Шумо фармудед, одаматон рафта, сари падари Содиқро кафонда обро ба ин ҷӯй гадондааст. Барои мо ин хел оби хунолуд лозимият надорад!

— Чиҳо мегӯй, ҷиянам? — хандид Самадхоҷа — Содиқаш кӣ? Навбаташ чӣ? Об оби худодод, ба ҳар куҷо, ки кушой, рафтан мегирад!

— Не, об имрӯз навбати мо не, навбати дигарон аст. Шумо фармудед, одаматон рафта сари ҳамсояамонро кафондааст. Ман ин гапро ба дадем мегӯям, мо зӯроварӯ одамкуш ном баровардан намехоҳем!

Самадхоҷа гап назаду картаро ба рӯи қолин партофт ва аз ҷо бархоста нишаст, тугмаҳои камзӯлашро гузаронидан гирифт. Писараш, ки ҷавони навомӯхт буд, дар ҳол қартаҳоро ғундошта, даста карда ба кисааш гузошт.

— Мо одамкуш бошем, шумо рафта ба дадатон не, ба миршаби калони Бухоро хабар диҳед! Хез, писарам, рафтем. Дигар пою қадами мо ба ин ҷоҳо намерасад.

— Шинед, дада! — гуфт писари Самадхоҷа.— Ин бачаи беақл номаъқулии бисьёре мекунад, ба ҳамин ҳам хафа мешавед?!

— Худи шумо номаъқулӣ мекунед ва номаъқулии аз ҳадду андоза зиёдашро кардаед! — гуфт сахт карда Ҳалимҷон.— Қанӣ зудтар аз чорбоғи мо қадами номуборакатонро канед, ки гардаш намонад!

— Сагбача! — гуфт Самадхоҷа ба Ҳалимҷон даст бардошта, вале чашмони оташбор ва мардона истодани ӯро дида худро нигоҳ дошт.— Занам, ки гард-гард шавӣ!

— Аз ҷонатон умедатонро канда бошед, ин корро мекунетон! — гуфт Ҳалимҷон.— Ҳамаи ҷабрдидагон бо табару корду бел зада на аз шумо асар мемонанд, на аз писаратон ва на аз фойтуну одамҳоятон! Онҳо ба як овози ман мунтазир. Зудтар дафъ шавед аз ин ҷо, ки хунрезӣ нашавад!

Ин хел ранг гирифтани сӯҳбатро дида, писари Самадхоҷа аз падараш тезтар худро ба сӯи дарвоза кашид, аз паси вай худи Самадхоҷа зери димоғ ғур-ғуркунон, ҳақоратгунон аз дар берун рафт ва пас аз андаке фойтун ба роҳ даромад ва Ҳалимҷон нафаси осудае кашид.

Саркор ҳайрон шуда давида ба пеши шипанг омаду пурсид:

— Гардам бойбача, чӣ воқеа рӯй дод?

— Зудтар рафта ин обро ба тарафи заминҳои Содиқино равона кунед!

Ин фармон чунон ба қатъият гуфта шуда буд, ки саркор фақат «хуб, хуб!» гӯён каландро ба даст гирифта аз дар берун рафт.

Ҳалимҷон ба рӯи кӯрпача нишасту ба оби ҷӯ назар дӯхт. Об лойолуд буд, лекин лойолуд бошад ҳам барои деҳқон давои ҷон буд. Ба заминҳои лабташна, ба заминҳои деҳқонони бенаво ҳар қатраи ин об мисли дурру гавҳар аст. Аммо Самадхоҷа барои шустани фойтуни худ ва салқин шудани шипангаш сари падари Содиқро зада мекафонаду обро аз заминҳои ӯ ба ин тараф мегардонад. Деҳқон мемурад, деҳқон ҷон мекапад, деҳқон сари худро барои ин об ба зери табар мегузорад, хун мехӯрад... Ин ба Самадхоҷа дахл надорад. Яксоата роҳати вай аз ҳаёти ҳазорҳо мардуми меҳнаткаши бенаво афзалтар аст! Аҷоиб мардумони бераҳм ҳастанд дар ин дунъё!..

Ҳалимҷон нафаҳмида монд, ки оби ҷӯй оҳиста-оҳиста кам шуда ва ниҳоят тамоман аз ҷараён монд. Бале, саркор обро ба тарафи заминҳои Содиқино кушод. Инро аз хаёл гузарониду аз ҷо бархост...

Вақте ки ба сари ҳавз, ба назди модару хоҳаронаш рафт, онҳо аз ҳамаи моҷаро аллакай огоҳ буданд.

— Ту раҳмдил ҳастӣ, писаракам, ту инсон! — гуфт модар сари ӯро сила карда.— Нағз кардӣ, офарин!..

Робиа инро медонист, ки Ҳалимҷон раҳмдил аст ва хоҳарашро гирьёну бирьён намемонад ва албатта ба тарафи ӯ гузашта бо падараш гап мезанад, бинобар он, ба ӯ зорию тавалло кард. Ҳалимҷон ҳам ба вай ваъда дод, ки бо падараш дар ин бора суҳбат мекунад.

Боре падару писар дар меҳмонхона танҳо монданд. Аҳмадхоҷа аз Москва касал шуда омаданаш ин ҷониб, ба сарои пӯст ҳам намерафт, бештар дар меҳмонхона менишаст ва албатта, касеро чеғ зада, бо ӯ чақ-чақ мекард. Имрӯз касе набуд, ки бо ӯ суҳбат кунад. Инчунин аз Москва, аз духтури махсуси вай як мактуб расида буд, ки барои хондани он чашмаш камқувватӣ мекард. Бинобар он, Ҳалимҷонро чеғ зада, аввали кор

ба вай мактубро дод, ки баланд-баланд хонад. Духтур навишта буд, ки Аҳмадхоҷа эҳтиёт кунад, бо кори савдою тиҷорат машғул шуда, худашро коҳонданаш хуб не. Вай бояд асабашро табобат кунад. Аз ҳама ҷо хотирашро осуда дорад ва хуб истироҳат кунад.

— Аҳволам хуб не, писарам,— гуфт Аҳмадхоҷа.— Табибҳо як ларача маро ба по хезонда бошанд ҳам, дард аз баданам дур нарафтааст. Метарсам, ки шуморо ятим монда мурам.

— Худо нигаҳ дорад,— гуфт Ҳалимҷон.— Ҳоло шумо боқувват ва тандуруст ҳастед. Духтурҳо барои корнома ишон додан ҳамин тавр муболиға мекунанд.

— Илоҳӣ ҳамин тавр бошад!..— гуфта монд падар ва пас аз каме илова намуд: — Аммо ба ҳар ҳол ман пеш аз мурданам бояд ду кори муҳимро ба иҷро расонам: аввалаш хоҳарат Робиаро ба шавҳар дода, хотирҷамъ шудан, дуюмаш...

— Ман фаҳмидам,— гуфт нохост сухани падарашро бурида Ҳалимҷон ва пешхезии худро дарҳол ҳис намуда хомӯш монд.

— Ҳа, гап зан, чӣ гуфтанӣ будӣ? — гуфт падар.

— Ман фаҳмидам, ки — гуфт Ҳалимҷон,— шумо ойбӣ Робиахонро ба ака Ҳамидхон фотиҳа кардед?

— Ҳа, аз Ҳамидхон беҳтараш нест.

— Аммо Робиа намехоҳад.

— Духтарҳо ҳеҷ вақт рӯйрост намегӯянд, ки онҳо ба шавҳар кардан розӣ ҳастанд. Ин нози духтарӣ аст, ки ҳоло ту намефаҳмӣ.

— Не, дадаҷон! — гуфт бо қатъият Ҳалимҷон.— Ойбӣ Робиаҷонам ба ман асрори дилашро гуфт, Ҳамидхон ба вай маъқул не, бо вай зиндагӣ кардан намехоҳад.

— Хайр ман чӣ кор кунам? — гуфт падар музтарибона ва каме хомӯш истода, ба андеша фурӯ рафт. Ба ғайр аз Ҳамидхон, ки ҷону ҷигари худаш аст, ба дигаре духтари худашро пешкаш карда натавонад. Робиа пирдухтар, гуфта аз ҷои дигар хостгор наояд, дигар дар ҳақиқат вай чӣ кор кунад?

— Ман ба вай аз куҷо шавҳари мувофиқи табъашро ёбам? Ҳамидхон ҷону ҷигари худамон, одами бечора, фақир ва дасти мо ба гиребонаш мерасад. Аз бойбачаҳон бебок, аз бегиҷонҳои нодон, ки ба молу мулки падар ғарқа шуда, аз дунъё чизе нафаҳмидаанд, Ҳамидхон сад бор авло! Робиа ақл надорад, ин ҷиҳатҳои зиндагиро на-

мефаҳмад, писарам. Ман нағз медонам, ки ақли ту ба ин мерасад ва чӣ тавре ки гуфтам, дар зинда буданам, сари хоҳаратро дуто кардан ва ӯро ба хонаи шавҳараш фиристодани ман шарт аст. Агар Ҳамидхонро не гуфта, мунтазири шавҳари дилхоҳи Робиа шуда шинам, вакт мегузарад ва як дасти ман аз гӯр берун мемонад.

— Гапатон дуруст, дадаҷон!— гуфт Ҳалимҷон.— Лекин Робиа бадбахт шуда монад, боз ба шумо мушкил мешавад. Наход, ки ягон илоҷ ёфт нашавад?

— Илоҷи ёфтагии ман ҳамин, писарам! — гуфт Аҳмадхоҷа бо овози хаста.— Ҳамидхон ба худаш нигоҳубин кунад, дили Робиаро мекашад. Ту парво накун, насиб бошад корҳо нағз шуда меравад. Хайрият ки худо туро ба ман додааст. Ҳамаи умедам ба ту, писарам. Дар оянда соҳиби молу мулки ман худат мешавӣ. Додарат, хоҳаратро худат васӣ мешавӣ! Бинобар он, ту ба гапи ман гӯш андоз: Робиаи нодонро фаҳмон, ки ба вай аз Ҳамидхон беҳтар шавҳар намешавад. Ҳамидхон ба вай мутеу мулеъ[1] мешавад, Ҳамидхон ӯро ба сараш бардошта мегардад, модари Ҳамидхон дар хизматаш мешавад... Баъд аз ин ҷо дур намеравад, иморати хавлии нав сар шуд. Ҳамин ки иморат ба охир расид, тӯй мекунем. Робиа мисли маликаҳо дар қасри нав зиндагӣ мекунад.

Ҳалимҷон фикр карда истода, донист, ки падараш рост мегӯяд. Бинобар он, гуфт:

— Майлаш, ман бо вай гап мезанам.

— Ҳа, гап зан, писарам, гап зан! Баъд аз оне ки тӯйро гузаронида, хотирҷамъ шудем, ту маро гирифта ба ҳаҷ мебарӣ, ба хонаи худо рафта зиёрат мекунем.

— Хондани ман чӣ мешавад?

— Баъд гашта омада мехонӣ! Худи сафари Маккатулло як мактаби калон. Ҷаҳон мебинӣ, бо оламу одам шинос мешавӣ!

— Майлаш-ку, лекин шумо он қадар сиҳат не, роҳ дур...

— Насиб бошад, ба роҳи ҳаҷ ки баромадем, дарду ранҷҳо дур мешаванд.

— Қошки...— гуфт Ҳалимҷон.

Инак ҳамаи кор мувофиқи гуфтаи падар шуд. Дар ҳавлии калон тӯй барпо гашта буд. Ҳофизҳо месуру-

[1] Дурусташ: мулаъ.

ланд, навозандагон менавохтанд, хизматгорон медавиданд, мардуми гирду атроф гузар-гузар омада ош мехӯрданд, залла мегирифтанд ва дуо карда мерафтанд.

Дар ҳавлии дарун ҳам одам бисьёр буд. Хонаи калон, хонаи боло, хонаҳои поёни суфа ҳама аз меҳмон пур буд. Созандаҳо дойра зада, хониш карда, мерақсиданд; кайвониҳо дастурхон мепартофтанд. Лаълиҳои ширавор ва табаққои кабобу ошро ба хонаҳо мекашониданд...

Дар ҳавлии навсохт, ки барои келину домод муайян шуда буд, як ҳафта ин тараф Ҳамидхон ва модараш кӯчида омада буданд. Ҳоло дар ин ҳавлӣ баъзе як хешу таборҳо ҷамъ омада буданд ва хонаи келину домодро оро медоданд. Ин хонаи калони ёздаҳболор буд. Нақшу нигори он, ки нав аз зери мӯқаламӣ санъаткорон баромада буд, чашми касро хира мекард.

Ба фарши хона қолини хушобуранги «Қизилаёқ» партофта шуда буд. Дар як кунҷи пешгоҳи хона чимилиқ зада шуда буд. Гирдогирд ба девори хона тор кашида куртаҳо, калтачаҳо, камзӯлҳо, рӯмолҳо ва ғайра либосҳои келин, ки ҳама аз шоҳию бахмалу зардӯзию кундал буд, овехта шуда буданд. Дар меҳҳо ҷома ва камзӯлҳои домод, каллапӯшҳои зардӯзию кундал овехта ва гузошта шуда буданд. Ду-се нафар занҳои наздики домод ҳанӯз ҳам ба зебу ороиши хона машғул буданд.

Дар хонаи майдатари дигар, ки барои модари Ҳамидхон муайян шуда буд, ҳоло Самадхоҷа, худи Ҳамидхон ва модари вай дар сари дастурхон гирд омада, сӯҳбат карда менишастанд.

— Ман, чиянам,—мегуфт Самадхоҷа ба Ҳамидхон,— аз таҳти дил хурсанду шодам, ки ту домоди Аҳмадхоҷа шудӣ. Барои ту аз ин баландтар бахту толеъ намешавад.

— Кӣ медонад, тағоӣ,— мегуфт Ҳамидхон.— Илоҳӣ бо арӯс ситораамон рост ояд, набошад бахту толеъ намешавад.

— Э, арӯс чӣ! Гап дар сари пул, гап дар сари давлат, бачем! Ситораи арӯс рост меояд, ё не, ин ба ту дахл надорад. Ту кори медонистагии худатро мекунӣ: ба пулу давлати занат соҳибӣ мекунӣ!

— Занам чӣ пулу давлат дорад?

— Падари занат давлат дорад! Чунон бонгарӣ дар пешат истодааст, ки ба так-так намеғунҷад. Насиб

бошад, бою бадавлат мешавӣ, аз дунъё бениёз мешавӣ!

Ҳамидхон хандиду гапе назад.

— Ба гапҳои тағоет наханд, писарам,— гуфт модар, ки то ба он дам хомӯш меистод.— Ҳар кӣ давлат дошта бошад, ҳам дар ин дунъё роҳат мебинад, ҳам барои охират тараддудашро мекунад. Ана, додарам Аҳмадхоҷа мехоҳад, ки ҳаҷ рафта, ба даргоҳи худо аз гуноҳонаш омурзиш талабад. Аз Бухоро ба Макка рафтан кори ҳар кас не. Агар давлат дошта бошӣ, ба Макка меравӣ, фарзи худоро ба ҷо меорӣ ва худо дар охират ҷои туро дар ҷаннат мекунад.

— Ба ҳаҷ рафтанӣ шудани бародарамон рост бошад? — пурсид Самадхоҷа.

— Рост,— гуфт хоҳараш,— гуфтааст, ки тӯйро гузаронида ба роҳ мебарояд.

— Худаш базӯр рост гаштаасту боз ба сафар мебарояд?

— Надонам...

— Хайр, агар дар роҳи ҳаҷ кас мурад, шаҳид мешудааст,— гуфт Самадхоҷа ва хомӯш монд.

Вай, ки молу давлаташ сарфи қарзу варшикаст шуда буд, ягона роҳи халосии худро аз мероси бародари бадавлати худ медонист. Шабу рӯз аз худо мехост, ки Аҳмадхоҷа зудтар мураду ӯ соҳиби молу мулки бародараш гардад. Зеро ки писарони Аҳмадхоҷа ҳанӯз ҷавонанд ва аз рӯи шариат васии молу мулки онҳо фақат Самадхоҷа бояд шавад. Хабари ба ҳаҷ равона шудани Аҳмадхоҷа барои ӯ фоли хайр шуд ва ӯ муҳаққақ медонист, ки бародараш ташвиши роҳро тоб оварда наметавонад ва ба зудӣ хабари мурдани ӯ мерасад...

Як рӯз пеш аз ба сафари ҳаҷ баромадани Аҳмадхоҷа табиби хоси ӯ, ки аслаш ҳиндустонӣ буда, муддати чанд сол ин тараф дар Бухоро зиндагӣ мекард, ба дидани ӯ омад.

— Ман худам ҳам,— гуфт Аҳмадхоҷа,— ба шумо кас фиристоданӣ будам, пеш аз ба сафар баромадан баъзе маслиҳатҳо пурсида, баъзе давоҳо гирифтанӣ будам.

— Аммо ман шабу рӯз дар бораи саломатии шума фикр мекунам, ҷанаби бай! — гуфт табиб. Вай бо лаҳҷаи форсии ҳиндустонӣ «о»-ро «а» карда ва ҳарфи «р»-ро хоида сухан мекард.

— Саломат бошед, ҷаноби ҳаким! — гуфт бой.— Ман инро медонам ва барои ҳамин ҳам ба шумо ихлос дорам... Пас чӣ маслиҳатҳо медиҳед? Ман чӣ кор кунам, ки сиҳат-саломат ба Макка рафта расам?

— Расташра агар гӯям, ҷанаби бай,— гуфт табиб,— ин сафар барои шума мушкил! Лекин худо, насиб башад, мушкили шумаро осон мекунад. Натарсед, далер башед дилра қавӣ даред! Ма ба шума баъзе дарӯҳа тайёр карда овардем. Ана ин шарбат барап ҳазми таам аст, ана ин маъҷун барап қувваи дил аст, ана ин ҳаб... ин ҳаб як даруи нав аст, ки шума ҳанӯз истеъмал накардед, ин барап қувваи аъсаб аст...

Табиб аз кулбори худ доруҳоро як-як бароварда ба назди бой гузошт ва баъд гуфт:

— Ҷанаби бай, чӣ тавре ки адати маст, мехаҳем, ки барап итминани хатири ҷанабашан аз ин даруҳа дар назди худатан як-як хӯрда, ба бехатарии инҳа шумара бавари ҳасил кунанем...

— Не, не, ҳоҷат надорад! — гуфт Аҳмадхоҷа, ки ба ин табиб боварӣ дошт. Лекин табиб ба пиёла шарбат рехту чашмашро пӯшида, аз байни ҳабҳо як дона ҳабро гирифта хӯрд ва бо табассум ба рӯи бой нигоҳ кард.

Бой доруҳоро як-як аз назар гузарониду ба табиб ташаккур гуфт ва як тиллои панҷсӯмиро бароварда ба дасти ӯ дод. Табиб набзи бойро диду ба ӯ боз баъзе маслиҳатҳо дод ва пас хайру хӯш карда баромад.

— Ма мехастам, ки — гуфт вай дар рӯи ҳавлӣ,— ҷанаби байра гусел кунем ва та ба Каган мушайиат намаем, амма чӣ илоҷ, ки ҷанаби қазии Ғиҷдуван сахт бемар шудааст ва имрӯз ма маҷбурем, ба дидани ан кас ба Ғиҷдуван равем.

— Ҳеҷ боке не,— гуфт бой.— Ҳамин омаданатон кифоя! Хайр, саломат бошед.

Табиб аз ҳавлии Аҳмадхоҷа баромада, рост ба ҳавлии худаш, ки дар гузари Мехчагарон буд, рафт. Дар меҳмонхонааш даромада, Самадхоҷаро дид, ки мунтазири ӯ нишастааст.

— Хӯш, чӣ кор кардед? — пурсид Самадхоҷа.— Доруҳоро супурдед?

— Ҳаман даруҳара супурдем ва барап итминани хатираш як-як аз ин даруҳара хӯрдем.

— Ҳабро ҳам хӯрдед?

— Хӯрдем.

— Акнун чӣ мешавад? Ё шумо мемуред, ё ҳабатон бекора будааст.

— Не, ҳаби ма караист, ки инра худи шума нағз медонед. Вай ба адамаш каргар мешавад. Ба ма ки пеш аз ан даруҳаи лазимара истеъмал карда будем, зараре намерасанад.

— Ин тавр бошад, бисьёр нағз! — гуфт Самадхоча.

— Ана ин панч дона тиллои чарангосӣ аз нӯги хамир фатираш!

Табиб тиллоҳоро гирифта ба ҳамьёнаш андохту гуфт:

— Мактуб чӣ?

Самадхоча хандид.

— Аз расвоӣ метарсед?

— Ма абрӯй дарем, ба ма мардум бавар мекунанд...

— Майлаш, мактубро ҳам гиред, лекин агар маро фиреб дода бошед, ман бо сад роҳ гуноҳи шуморо исбот карда метавонам.

Табиб гап назаду мактубро гирифта кушод ва ба он чашм давонд. Мазмуни мактуб чунин буд:

«Дӯсти мӯҳтарам, чаноби мустатоб Салоҳиддину давлатро буда бошад, ки ин чавониб мо ҳама сиҳат ва саломат буда, ба дуои чондарозии он чаноб шабу рӯз, балки аладдавом машғулем. Илоҳӣ саломату офияту комьёбу комрон бошед... Баъд, маълуми чанобашон бод, ки камина яке аз дӯстони дуогӯй ва яке аз хайрхоҳон ва муҳиббони чанобашон мебошам, ки ин ба шумо равшан ва хувайдост. Хар муваффақият ва комьёбии шумо сарфарозӣ ва хушбахтии мост, хар ноомад ва сактаи кори шумо бадбахтӣ ва сарпастии мост. Бинобар он, ба чавобашон бо сад хичлат ва ноилочӣ арз мекунам, ки дар ин чо дар Бухорои шариф ба номус ва шарафатон рахна ворид омад ва афифаи мастураатон фирефта ва тасхири як нохалаф гардид. Ин, бадин тариқ аз тарафи камина дӯсти шумо кашф ва ифшо гардид: дар Бухоро Муҳаммад Қаримхон ном як табиби ҳинду ва ё афғон хаст, ки бародари аршади мо — Аҳмадхочаро табобат мекунад. Азбаски бемории бародарам кашол ёфт, рӯзе хостам, ки номаълум аз қафои ин табиб рафта аз кирду кораш ва ахлоқаш хабар гирам ва баъд дар хонаи худаш бо ӯ дар хусуси саломатии бародарам сухан кунам. Вақте ки вай аз ҳавлии бародарам баромад, ман

ҳам номаълум карда, аз паяш равон шудам. Табиби ҳинду ба тарафи ҳавлии худаш нарафта, ба тангкӯча ва паскӯчаи гузари Даббиён даромада рафт. Ман ҳам аз кафои ӯ... Ниҳоят ба гузари шумо расид ва ба гирду атроф бо диққат синча карда, ба дарвозаи ҳавлии шумо дохил шуд. Азбаски ман набудани шуморо медонистам, ҳайрон шудам, ба дил воҳима афтод ва гумон кардам афифаи мастураи шумо ба ягон дарде гирифторанд ва табиб ба илоҷи он омадааст. Бинобар он, аз паси табиб ба ҳавлӣ даромада хабар гирифтан хостам. Аммо, ҳайҳот, ки дарвоза аз дарун занҷир шуда буд. Инро дида ғайрат ва номусам ба ҷӯш омад. Дар шафати ҳавлии шумо як ошнои ман ҳаст, ки ӯро шумо медонед — Абдурасули Намак. Ноилоҷ дарвозаи ӯро тақ-тақ задам, худаш баромада кушод, маҷбур шудам ӯро қасам ба ҳифзи асрор дода, воқеаро ба миён гузорам ва ҳарду ба боми болохонаи ӯ баромада ба ҳавлии шумо назар кардем. Он чиро дидем, ки чашми душманатон набинад: Афифаи мастураи шумо даст ба оғӯш бо табиб аз хона баромад, то ба роҳрави ҳавлии берун ӯро гусел карда, бӯсида ба хона баргашт. Маълум, ки дар хона чӣ ҳодисае рӯй додааст! Азбаски ман ахлоқи ҳасанаи афифаи мастураи шуморо медонам, медонам, ки вай зани мусулмон ва худотарс аст, ба ин варта афтодани ӯ бешак аз ҳилаю макри табиб аст. Шояд вай ба зани шумо ягон доруи шайтонӣ хӯронда бошад, шояд ӯро афсун карда ба дом даровардa бошад; ба ҳар ҳол коре шудааст, ки барои ҳамаи мо сарпастӣ меорад. Азбаски дар ин кор раъй ва савобдиди ҷаноби шумо шарт ва лозим аст, воқеаро ба тафсил навиштам. Он тараф ба ихтиёри худатон мабнист. Ҳар чӣ фармоед, мо, дӯстон, ба иҷрояш ҳозир ҳастем. Аддой Мулло Самадхоҷа».

— Хондед? — пурсид Самадхоҷа.— Агар ин хат ба дасти Салоҳиддин мерасид, агар саратон садто мешуд ҳам, ягонтаашро саломат намебурдед!

— Лекин ту ҳам адами хуб нестӣ, инра ма меданам! — гуфт табиб. — Кудам барадар марги барадарашра хастааст?!

— Гурусна ба шамшери бараҳна мезанад, гуфтанд! — гуфт Самадхоҷа.— Дигар илоҷам нест. Лекин инро донед, ки мо ба ҳамдигарамон вобаст, агар шумо хомӯш бошед, ман хомӯш! Пои мурғ ҷандто!

— Якта!

— Ҳа, офарин! Шумо то фардо бегоҳӣ аз хона намебароед, ба Ғиждувон рафтагӣ!

— Бале, бале! — гуфт табиб ва Самадхоҷаро гусел кард.

---

Пас аз ба сафар рафтани Аҳмадхоҷа ҳавлии калон якбора хомӯш ва бекас барин шуда монд. Аз баски Халимҷон ҳам бо падараш рафта буд, Алимҷон ғамгин ва малӯл ва камтар шӯхӣ мекард.

Аммо Самадхоҷа, ки пештар ба ин ҳавлӣ хеле кам меомад, акнун ҳар рӯз меомадагӣ, мисли падар аз холи хурду калони ин ҳавлӣ хабар мегирифтагӣ ва соатҳо дар меҳмонхонаи майдаи ҳавлии берун бо гумоштагон ва одамони бародараш сӯҳбат карда менишастагӣ шуд. Аз ин кирдори ӯ ҳама хурсанд ва ин рафтори ӯро ҳатто одамони беруна таҳсин мекардагӣ шуданд. Як фақат Ҳамидхон ва модараш пай бурда буданд, ки Самадхоҷа чӣ мақсад дорад. Гоҳо модару писар дар танҳоӣ нишаста, дар ин бора сӯҳбат мекарданд.

— Тағот, Самадхоҷа, имрӯзҳо бисьёр меомадагӣ шуда мондааст, мегӯм...

— Ҳа, ба ҳавлии калон!

— Ба ҳавлии мо омада чӣ кор мекунад?! Аз мо чӣ умед дорад? Аз як даста китоби дарсии ту ба вай чӣ фоида?

— Худашро ба чашми мардум нағз карда нишон медиҳад: донетон, ки ман ягона васӣ ва ғамхори бачаҳо ҳастам! Холо тамошо мекунӣ, ин ҳаромхӯри мурдани давлати худашро барбод дода, акнун чашм ба давлати Аҳмадхоҷа дӯхтааст. Мехоҳад, ки ба ҳама чиз соҳиб шавад, ба ҳеҷ кас чизе надиҳад.

— Шариат ҳаст, ҳокиму қозию адолат ҳаст! Наход, ки ҳамаро ба як сӯ гузоранду Самадхоҷа гӯянд!

— Эй бачем, ту содда ҳастӣ, ҳанӯз ҳам бурудӯз ва кори ин фиребгарҳоро намедонӣ! Ман медонам, ки Самадхоҷа як қадами худро бефоида ба ҳеҷ ҷо намемонад. Агар фоидаи худаш бошад, аз ҳеҷ чиз рӯ наметобад ва ба ҳеҷ кас раҳму мурувват намекунад, хоҳ апа, хоҳ ака ва хоҳ ука!

Дар ҳақиқат Самадхоҷа имрӯзҳо ба вазъияти танг

афтода хеле асабӣ, хеле бераҳм ва бемурувват шуда буд. Аз рафтагон хабаре намерасид, қарзхоҳони ӯ корашро ба қозихона кашиданӣ, ҳавлию чояшро гирифта, ӯро ва аҳли байташро ба кӯча партофтанӣ буданд. Вай мисли саг тайёр буд, ки пои онҳоро лесад, ба назди онҳо думҷунбонӣ кунад ва лобаю зорӣ намояд, то ки боз як моҳи дигар ба вай фурсат диҳанд, аз гиребони ӯ даст бардоранд. Як моҳи фурсатро гирифт, вале дилаш ноором буд, боварӣ надошт, ки дар ин як моҳ хабари марги бародараш мерасад ва ӯ ба молу давлати бепоёни Аҳмадхоҷа соҳиб мешавад.

Шабҳо хобаш намебурд. Шабҳои дарози тирамоҳ торик, ваҳмангез ва сард буданд. Аз сӯрох ва тарқишҳои тирезаҳои хона ҳуввос зада шамол медаромад, ба рӯи ҳавлӣ баргҳои хазон, ки аз ток ва аз ягона дарахти тут рехта буданд, хишрросзанон даву хез мекарданд. Шамол онҳоро гоҳ ба боло, гоҳ ба поён, гоҳ ба тирезаҳо оварда мезад... Дарҳо шарақкос мезаданд, дарахт ва ток ғуррос мезаданд, тирезаҳо ғиҷир-ғиҷир мекарданд, гоҳо дар бом касе давидагӣ барин мешуд...

Ба ҳаман ин овозҳо гӯш дода истода, Самадхоҷа меваҳмид, метарсид ва хобида наметавонист... Ба худаш мегуфт, ки чаро дигар вақтҳо ин тавр набуд? Чаро тирамоҳҳои гузашта вай ин овозҳоро намедонист, ки шабҳои сарди ин айём чӣ ваҳмангез, чӣ пурдаҳшат ва дарозанд...

Бале, он вақтҳо вай давлат дошт, тиҷорат дошт, дастмояи калон дошт ва бинобар он, фароғат дошт. Акнун ки муфлис ва гадо шуда мондааст, акнун қарзхоҳон ӯро ба танг овардаанд, на хоб дорад ва на фароғат! Лаънат ба ин кори савдо ва тиҷорат, ки якеро ба осмони ҳафтум мебардораду якеро ба зери замин мезанад! Чаро вай касби дигар нагирифт, чаро миршаб нашуд, чаро мансабдор нагашт?! Чаро, чаро?! Агар мансабдор мешуд, кор накарда, майна об накарда, беташвиш зиндагӣ мекард! Чаро савдогар шуд, тоҷир шуд ва ӯҳдanобарой кард! Шикаст хӯрду ҳама молу давлаташро аз даст дод. Аҳмадхоҷаи ноинсоф намехоҳад, ки ба вай ду-се ҳазор сӯм дода, аз вартаи муҳлик халос кунад! Майда-чуйда ёрӣ доданҳои вай фақат барои рӯзгузаронӣ мерасад... Аммо барои рост кардани қоматаш, барои боз ба роҳ андохтани осиёби савдо пули калон лозим. Пули калон ё бо тиҷорат, ё бо дуздӣ, ё аз мерос мерасад.

Вай ҳозир аст, барон ба даст овардани пули калон аз ҳеч кор рӯ натобад. Ҳоло осонтарин ва аниқтаринаш —гирифтани мерос аст. Лекин агар вай хомӯш ва осуда гардад, аз мерос ҳам пули калон ба даст намеояд. Зеро ки агар пас аз мурдани бародараш чизу давлатро тарақа кунанд, ба вай чандон давлати калон намерасад. Аҳмадхоча чор писар, чор духтар, чор зан дорад, хоҳар дорад, домод дорад... Боз хешони дуру наздик ёфт шуда мемонанд. Ба ҳаман онҳо тақсим шавад, давлати қорун намерасад!

Не, коре кардан лозим, ки ҳаман молу давлат як дарача ба худи ӯ монад. Вай ки сер шуда, қоматашро рост кард, баъд гиранд, гирифтан гиранд! Эй худо, ба додам рас! Давлати бародарамро насиби ман кун! Маро аз хорию мазаллат раҳон!

Бо ҳамин хаёлҳо хобаш мебурд ва боз ба ҳамин мавзӯъ хобҳои парешон медид. Гоҳо ба ҳавзи пур аз зар ғӯта мезад, тиллоҳоро ба кисаҳо, ба бағал, ба даҳон ва ба ҳар чо ки метавонист, чо мекард; гоҳо сарлучу пойлуч аз паси аробаи тилло давида-давида, ба он расида наметавонист ва бехол шуда дар роҳ афтода мемонд... Субҳ монда шуда, ба обу арақ тар шуда, аз хоби гарон бедор мегашт...

Имрӯз ҳаво беабр, офтоби дурахшон дар осмони нилгун хуррамона нур мепошид. Ҳавои босафои рӯзи тирамоҳ ба вай илҳом бахшид; дасту рӯяшро шуста, бо иштиҳо ношто кард ва баъд як пиёла чои кабудро дар даст дошта истода, андеша намуд: худ ба худ гуфт, ки илочи воқеа қабл аз вуқӯъ бояд кард!

Аз чо бархосту ба мадон даромад. Дар он чо аз байни латтакӯҳнаҳо кӯзачаеро ёфта гирифт. Дар даруни он кӯзача даҳ дона тиллои даҳсӯмӣ, даҳ дона тиллои панчсӯмӣ, як ангуштарии алмос ва як ангуштарии бриллиант буд..

Самадхоча ду тиллои даҳсӯма ва даҳ тиллои панчсӯмаро гирифта ба киссааш гузошту боз даҳони кӯзачаро баста ба чояш монд.

Аз мадон берун баромада, дари онро занчир кард ва дар рӯи ҳавлӣ занашро вохӯрда гуфт:

— Агар касе маро суроғ кунад, гӯй ки намедонам ба кучо рафтанд, баъди пешин дар ҳавлии калон мешаванд.

Занаш хуб гуфт ва дарвозаро аз пасаш занчир кард.

Самадхоҷа бо тангкӯчаю пасткӯчаҳо роҳ гашта, ба қозихона расид. Аз маҳрамҳои назди дарвоза пурсида донист, ки эшони қозикалон дар меҳмонхонаи маҳкама, ҳамин ҳоло аз дарсгӯйӣ халос шуда, бо ҷаноби раиси калон сӯҳбат карда нишастаанд.

Вай ба даҳлези хонаи калон рафта даромаду бо маҳрами хоси эшони қозӣ саломy алейку пурсу пос кард ва азбаски дар даҳлез касе набуд, дарҳол аз кисааш даҳ-понздаҳ танга гирифта, ба дасти ӯ рехт ва бо табассум ба рӯяш нигоҳ кард. Маҳрам як ба тангаҳои нуқраи кӯтур чашм дӯхту ба кисааш андохт ва баъд гуфт:

— Чӣ хизмат? Марҳамат кунед!

— Чӣ хизмат мешуд? Як арзи бандагӣ-дия! Агар тавонед, ана ҳамин чизи ноарзандаро ба ҷаноби эшон дароварда дода, арзи бандагии маро расонед ва гӯед, ки Самадхоҷа, додари Аҳмадхоҷа омадааст.

— Бисьёр хуб, ман ҳозир! — гуфту маҳрам аз ҷояш бархост ва дари хонаи калонро кушода дарун даромад. Самадхоҷа ба кисабағалаш даст дароварда донист, ки тиллоҳои қоғазпеч ҷо ба ҷо истодааст.

— Инаш аз они қушбегӣ,— гуфта аз хаёл гузаронид.

Дар ин дам маҳрам ба назди эшони қозӣ рафта хам шуду ба раис нишон надода ба кафи бузургвор тиллоҳои қоғазпечро гузошт. Эшони қозӣ онро кушода дида чашмонашон барқ пошид ва ба рӯи маҳрам бо назари суол нигоҳ кард.

— Ҷаноби Самадхоҷа омадаанд,— гуфт маҳрам,— як арзи бандагӣ дорам, мегӯянд.

— Гӯй, дароянд! — гуфт эшони қозӣ ва ба раис рӯ овард: — Ин Самадхоҷа додари Аҳмадуллохоҷа аст, ба гумонам, мехоҳад, ки дар мавриди қазо карда мондани бародараш мо ӯро ваcии молу мулк таъин кунем.

— Кароматт кардaнд, тақсирам,— гуфт раис ба тамаллуқи дурӯғӣ.

— Аз ин кор ба ҷаноби шумо ҳам манфиатҳо бояд расад, не нагӯед!

Дар кушода шуду ба хона Самадхоҷа даромад ва зуд рафта дасти қозикалонро гирифта ба чашмонаш молиду баъд ба сӯи раис таъзиме карда аз поёни хона нишаст ва сар фуруд овард.

— Хӯш, ҷаноби Самадхоҷа, аҳволу саломатӣ чӣ тавр?

— Шукр, дар сояи давлати ҷаноби олӣ ва лутфу карами эшонам ба хубӣ даргузар аст! — гуфт Самадхоҷа.

— Бародаратон Аҳмадуллохоҷа ба сафари ҳаҷҷи Қаъбатулло рафта буд, хеҷ хабаре шуд, ё не?

— Ҳеҷ хабаре нест,— гуфт Самадхоҷа гӯё бо ҳасрат.— Бародарам сиҳат набуд, метарсам, ки ҳодисаи ногуворе воқеъ шавад.

— Худо худаш нигаҳдори бандагонаш! — гуфт қозӣ.— Илоҳӣ бародаратон ба нияти пок ва муқаддаси худ ноил гардад!

— Илоҳӣ омин, илоҳӣ омин! — гуфт Самадхоҷа.— Лекин метарсам, ки ҳодисае воқеъ шавад! Шабҳо хобҳои воҳиманок мебинам... Бинобар он, ба ҳузури ҷанобашон омадам, ки илоҷи воқеаро қабл аз вуқӯъ бинем...

— Яъне ки — гуфт қозӣ,— агар ҳодисае воқеъ гардад, шуморо васии молу мулки бародаратон таъин кунем?

— Писарҳояш ҳанӯз болиғ нашудаанд,— гуфт Самадхоҷа хоксорона.— Метарсам, ки душман аз бадбахтии мо истифода бурда, корашро кунад.

— Майлаш,— гуфт қозӣ,— ана ин ҷо ҷаноби раис нишастаанд... Албатта, дар ин кор маслиҳат ва иҷозати ин кас ҳам камокон зарур мешавад. Ана барои ҳар эҳтимол ҷаноби вазоратпаноҳ — қушбегиро ҳам дида монед, бад намешавад.

— Албатта, албатта, каромат карданд,— гуфт раис, вале аз дилаш мегузаронид, ки «ҳалвоя кӣ хӯрад — ҳаким, калтака кӣ хӯрад — ятим!» Пораи лаҳмро аз ин мардак эшони қозию ҷаноби вазоратпаноҳ гирифта ба ҷиғилдонашон зананду маҳзар навишта, ба фатво мӯҳра мо монем! Хобатонро ба об гӯед! Агар аз он тиллоҳо ба мо ҳам насиб шавад...

— Саломат бошанд, ҳазратам,— гуфт Самадхоҷа,— албатта мо ба хизмати ҷаноби раис мерасем, боварӣ дорам, ки лутфу марҳаматашонро аз ин камина дареғ намедоранд! Инчунин ба назди вазоратпаноҳ ҳам рафтанӣ ҳастам...

— Бале, ҳамин тавр кунед!

— Бисьёр хуб.

Самадхоҷа хурсанду шод аз даргоҳи қозикалон баромаду ба сӯи арк равон шуд.

Дар ин дам поезди скорый аз Москва ба сӯи Одесса

мисли бод давида мерафт. Дар вагони мулоими дарачаи якум дар ду купеи алоҳида Аҳмадуллохочаино мерафтанд. Рӯз аз ним гузашта бошад ҳам, дар беруни вагон ҳаво чандон равшан набуд; абрҳои бороний пас фуромада, тирезаҳои вагонҳоро мешустанд. Саҳроҳои васеи Украинаро аз назари равандагон пинҳон карда буданд.

Аҳмадуллохоча дар кати поён дароз кашида шоҳмотбозии Ҳалимчон ва як нафар мусофири дигарро, ки табиби машҳури бемористони ҳарбии Одесса буд, тамошо мекард. Ҳалимчон бо ин шахс дар роҳрави вагон шиносо шуда, ба таклифи вай ки шоҳмотбозй буд, ба аломати ризо чавоб дод. Марди табиб, ки номаш Иван Иванович Боршагов буд, хурсанд шуду ба ҳучраи онҳо даромад. Дар бозии аввал Ҳалимчонро писанд накарда, калонгирона дона ронд ва якбора мот шуда монд. Иван Иванович ба чашмони худаш бовар карда наметавонист, ки ӯро, яке аз шоҳмотбозҳои номии шаҳри Одессаро, як чавони снёҳчашму сиёҳабрӯи осиёй барад ва осонакак мот кунад!

— Чавони хуб, ман номатонро забонзад накардаам, мебахшед,— гуфт Иван Иванович,— гӯё ки Ҳалимхаджа буд, шумо дар шоҳмотбозй хеле моҳир-ку!

— Дар Бухоро устодҳои моҳир ҳастанд! — гуфт Ҳалимчон.

— Шумо худро шогирд медонед?

— Бале, ман ҳанӯз шогирдам.

Иван Иванович табассум карду боз ба тахта дона чид. Ин дафъа вай бо диққат бозй карду Ҳалимчонро мот кард. Ҳоло онҳо дафъаи сеюм бозй мекарданд. Аҳмадхоча диққат карда истода дид, ки Ҳалимчон ба ҳучум рафта истодааст ва афти кор бояд ҳарифашро мот кунад. Бинобар он, дар зери лаб ғурунгос зада гуфт:

— Дуранг кун, хуб намешавад!

— Майлаш,— гуфта монд Ҳалимчон ва пас аз панч дақиқа дуранг карда, аз тахта сар бардошт. Иван Иванович, ки қариб худро мағлубшуда пиндошта буд, якбора хурсанд шуд, вале бо вучуди он Ҳалимчонро таҳсину офарин гуфт:

— Хоби падаратон бурда мондааст,— гуфт вай,— биёед, берун бароем, халал надиҳем...

Онҳо ба роҳрави вагон баромада, дари куперо оҳиста пӯшониданд.

— Падаратон андак нотоб барин? — пурсид Иван Иванович.

— Бале, сиҳат не,— гуфт Ҳалимҷон.— Сахт бемор шуда буданд, ду-се моҳ хоб карда, ҳозир сиҳат шудагешон ҳамин...

— Ба ин ҳол ин касро куҷо мебаред? Ба ягон санатория ё шифохонаи Одесса?

— Не, мо ба хориҷа меравем, ба Макка, ба зиёрати хонаи каъба...

— Аҷаб! — гуфт ҳайрон шуда Иван Иванович.— Ба ин ҳол умуман сафар кардан хатарнок аст, хусусан ба Макка! Ман ба шумо маслиҳат намедиҳам, дӯсти ҷавонам. Беҳтар падарро ба ягон шифохонаи Одесса хобонда, табобат кунед. Ҳаҷҷи Макка гурехта намеравад!

— Намехоҳад. Ба доруҳои табиби ҳинду боварӣ дорад...

— Аҷаб! — гуфт боз ҳайронтар шуда Иван Иванович.— Чи тавре ки ман фаҳмидам, шумо ва падари шумо аз одамони оддӣ ва ҷаҳолатпараст нестед. Бо вуҷуди донистани забони русӣ ва тамос кардан бо маданияти Европа ин рафтори падари шумо тамоман номуносиб аст. Медонам, ки ҳар сол аз олами мусулмонӣ ҳазорҳо мардуми динпараст худро ба Арабистон мезанад ва дар шароити хел сахт ва номувофиқи он ҷо Маккаро зиёрат мекунанд. Инро низ медонам, ки қисми калони он ҳоҷиҳо марги худро дар хоки Арабистон меёбанд ва сиҳат гаштагишон ҳам дардманд мешаванд... Шумо ва падаратон мебоист инро медонистед!

— Шумо дуруст мегӯед! — гуфт Ҳалимҷон.— Лекин эътиқоду диндорӣ дар тарафҳои мо хеле зӯр аст ва мо пеш аз ҳама ба гуфтани шариат ва тариқат бовар мекунем. Ин эътиқоду боварӣ ба тақдир мусулмонҳоро ҳар кас ки бошад, бар акси рафтори аврупоён гирифта мебарад. Набошад, падари маро ҷоҳилу хурофотпараст гуфтан нашояд. Вай на ҳамеша ба аҳкоми дин риоя мекунад. Лекин дар солҳои охир ки хеле пир шудааст, нияти ба Макка рафтан хеле калон шуда монд. Шояд, розист, ки ба Макка рафта ҷун шаҳидон ҷон супорад.

— Афсӯс, хеле афсӯс! — гуфта монд Иван Иванович.

— Хайр, шояд сафари Макка ва тағйири иқлим фоида бахшад...

— Шояд.

— Аз шумо як илтимос! — гуфт ноҳост чизеро ба ёд

оварда Ҳалимҷон.— Агар бемалол бошад, доруҳои вай мехўрдагиро як аз назар мегузаронидед.

— Ман фармацевти хуб набошам ҳам, майлаш, мебинам...

Дар соати дуи рўз Мирзо Вафо, ки ба онҳо хизмат карда мерафт, аз ҳуҷраи дигар дастурхони хўрокро гирифта овард. Ҳалимҷон бо фармони падараш Иван Ивановичро таклиф кард. Дар рўи дастурхон нонҳои равғанӣ, фатир, гўшти мурғ ва гўшти яхнӣ, равғани маска, себ ва шириниворихо буданд.

— Нонат тамом нашуд-мӣ, охир? — пурсид Аҳмадуллоҳоҷа аз Мирзо.

— Ҳамин охиринаш,— гуфт Мирзо.

— Аз вокзали Харьков нон мехарем,— гуфт Ҳалимҷон.

— Ҳа, нони украинӣ бомаза мешавад,— гуфт Иван Иванович.

Аҳмадуллоҳоҷа қуттии маъҷунро бароварда, бо кордча донаи зардолу баринашро хонда хўрд ва баъд, боз чизи дигареро ҷустуҷў карда, халтаи доруҳояшро кофтан гирифт.

— Ду рўз боз мековам, намеёбам,— гуфт вай асабиёна.— Ё дар Маскав монда омадем, ё ки дар ягон ҷо афтондем.

— Чӣ, дада?

— Хаб, хабби хеле нағз буд, барои дил... Табиб аз ким-чӣ гиёҳҳо чанд вакт боз зўр зада сохта пеш аз ба сафар баромаданамон оварда дода буд. Ман нахўрдам, ки дар вақти даркореш нарасида намонад, гуфта. Ҳозир даркор шуда монд.

— Чӣ, дилатон дард карда истодааст?

— Не, андак беқувват шудагӣ барин... Хайр, боке не.

— Дада, ба ин кас доруҳоятонро нишон дода, як маслиҳат мегирифтед!..

— Рост мегўӣ,— гуфт Аҳмадуллоҳоҷа ва баъд ба Иван Иванович мурожиат кард: — Марҳамат, аз гўшт гиред. Афсўс, ки коньяк надорем... мо карздор!

— Не, ман наменўшам, ташаккур! — гуфт Иван Иванович.— Мумкин-мӣ ман ин доруи шуморо бинам? Аҷоиб барин... Ин чӣ бошад?

— Ин маъҷун,— гуфт Аҳмаддуллоҳоҷа,— аз асал, аз халли тилло, мурч, дорчин ва ҳар хел доруҳои наботӣ сохта мешавад.

Иван Иванович маъҷунро бӯиду бо рухсати соҳибаш бо кордча андак гирифта ба рӯи забонаш гузошт.

— О, ин бад не, хеле хуб аст. Ин бояд доруи қувват бошад. Марҳамат, хӯрдан гиред.

Рангу рӯи пажмурдаи бой андаке шукуфту хурсанд шуд.

— Табиби ҳинду хеле донишманд аст,— гуфт вай.— Вай чунон дорухое дорад, ки дар аптекаҳои Маскав ёфт намешавад.

— Шояд,— гуфта монд Иван Иванович ва қуттиро баргашта дод.

— Афсӯс ки хаброро дар Маскав, дар меҳмонхона монда омадем. Вай зӯртарини доруҳояш буд, барои дарди дил... метарсам, ки агар нохост аҳволам бад шуда монад, чӣ кор мекарда бошам...

— Аввалаш ин ки аҳволи шумо бад намешавад,— гуфт Иван Иванович.— Ранги рӯятон бад не. Рухсат диҳед, набзи шуморо бинам.

Бой дасташро дароз кард. Иван Иванович набзи ӯро дошта ба соаташ назар дӯхта истоду гуфт:

— Набзатон ҳам хуб аст. Парво накунед, насиб бошад, ба дору эҳтиёҷ пайдо намешавад. Лекин барои тасаллии дил, ман ба шумо як дору медиҳам. Инро ҳамин сафар аз Германия кофта ёфта гирифтам. Ҳар вакт ки дилатон дард кунад, беҳол шавад, яктои ин ҳаброро ба зери забон монда макед. Худаш хеле хушбӯ ва хуштаъм аст.

Аҳмаддуллохоҷа бо дастони ларзон шишачаи доруи қиматбаҳоро гирифт ва намедонист, ки ба духтур бо кадом забон ташаккур баён кунад. Вай дар ҳақиқат ҳанӯз чандон пири барҷомонда набуд; аз дунё умедҳои бисёре дошт ва аз мурдан метарсид. Ҳамаи корро монда ба сафари ҳаҷ рафтанӣ шуданаш ҳам як дараҷа барои ҳамин аст. Вай фикр карда буд, ки дар Бухоро истад, ҳазор фикру ҳазор хаёл, ҳар хел гапу ғуҷора... одамҳои марғуб ва номарғуб омада, дили ӯро безобита карда истоданашон мумкин: агар ба Маскав равад, хоҳ ноҳоҳ ба кору ба ҷанҷоли савдою тиҷорат қатӣ шуда меравад, боз осудагӣ намешавад. Агар ба Макка сафар кунад, ҳам аз ин савдоҳо халос мешавад, ҳам шаҳрҳои нав, ҷоҳои навро мебинад, ҳам фарзи худоро ба ҷо оварда, дилаш осуда мегардад.

Аммо дар Маскав фаромӯш шуда мондани ҳаб ӯро

боз гашта беқарор ва асабӣ карда буд. Хайрият ки ин духтур ба вай доруи аз хаб ҳам хубтар, доруи аз Германия овардашударо тақдим кард. Ин дору албатта бояд муфид ва корӣ бошад. Лекин ба ивази ин чӣ додан лозим? Агар пул таклиф кунад, шояд духтур ранҷад. Дар ин дам дида монд, ки соати духтур, соати мукаррарӣ, пӯлкин ва занҷираш ҳам нукра... Пас соати тиллои худро бо занҷири тиллояш гирифта ба духтур дод:

— Ин аз ман ба шумо ёдгорӣ! — гуфт вай.

— Не, шумо бахайр, лозим не! — гуфт духтур ба таври ҷиддӣ.— Ман соат дорам ва соати ман кори Павел Бурӣ, яке аз беҳтарин соатҳои дуньёст. Фақат тилло не.

— Бисьёр хуб, аммо ин аз ман ёдгорӣ! Гиред, гиред!

— Марҳамат карда, гиред! — гуфт Ҳалимҷон ҳам.

Духтур соатро гирифту аз хиҷолат сурх шуд.

— Хафа нашавед гуфта мегирам, ташаккур! — гуфт вай.

Пас аз ду соати дигар поезд дар яке аз разъездҳои хеле хурд, ки шояд дар ин солу моҳҳо дар он ҷо ҳатто қаторҳои боркашонӣ ҳам наистода бошанд, таваққуф кард. Хизматгори вагон хабар овард, ки дар пеш, дар ними роҳи байни станцияи дигар ду поезд ба ҳам дакка хӯрда, фалокати сахт ва ҳодисаи ногуворе воқеъ гардида ва бинобар он, поезд дар ин ҷо камаш бист соат меистад.

— Ин ҳам бахти мо! — гуфт Аҳмаддуллохоҷа.— Хайр, майлаш, хонаи моро гарм кунад, оби ҷӯш ёфта диҳад, шудагеш... Мо, Мирзо, хӯрокӣ дорем-а? То як рӯзи дигар мерасидагист-ку?

— Нон тамом шуд! — гуфт Мирзо.— Ҳамаи умеди мо ба Харьков буд.

— Харьков? О, Харьков пагоҳ шаб мешавад,— гуфт Ҳалимҷон.— Аммо шояд дар ҳамин станция ҳам нон ёфт шавад. Мо хабар мегирем, дадаҷон.

— Майлаш, торик нашуда, рафта биёетон! — гуфт Аҳмадуллохоҷа ва аз ҷояш бархоста нишасту ба чашмаш айнак монда, қуттии доруи духтур додагиро ба даст гирифт.

Дар поёни вагон, дар гирду атрофи ягона хонаи чӯбини разъезд се-чаҳор нафари дигар мисли онҳо нон ҷуста мегаштанд. Яке аз бошандагони он ҷо ба суоли онҳо гуфт, ки нони зиёдатӣ надорад.

— Набошад мо чӣ кор кунем? — гуфт як марди рус бо воҳима.— Бачаҳо гурусна...

— Ман ҳеҷ кор карда наметавонам. Ин истода мондани поезди скорый ногаҳонӣ шуд...

— Ба худатон нону хӯрокиро аз куҷо мегиред?

— Мо... аз кишлоқ. Воқеан, шумо ҳам ба қишлоқ рафта нон гирифта метавонед. Вақт ҳаст, поезд дар ин ҷо тамоми шаб бояд истад.

— Қадом кишлоқ?

— Қишлоқ дур не, ху, ана аз дур намуда истодааст.

Пас аз ин сӯҳбат се-чор нафар аз онҳое, ки дар талаби нон мегаштанд, карор доданд, ки ба қишлоқ нонхарӣ раванд.

Борон монда буд, ҳаво кушода мешуд. Ҳалимҷон бо Мирзо машварат карда, бо панҷ нафар аз мусофирон ба сӯи қишлоқ равон шуданд. Қишлоқ аз дур менамуда бошад ҳам, чандон наздик набудааст. Онҳо аз баландию пастиҳои бисьёре гузашта, ниҳоят ба деҳа расиданд. Дар дамгаҳи он ба рӯи чӯбҳои бисьёре, ки барои кадом як иморате оваронида шуда бошад, се-чор нафар аз аҳли қишлоқ нишаста дурнамои поезди скорыйро тамошо мекарданд. Аз поезд омадагон ба онҳо салом доданд ва гуфтанд, ки ноомаде шуду поезди онҳо дар ин ҷо истода монд. То пагоҳ ба хӯрдан нон надоранд. Агар мумкин бошад, ба онҳо ба пул камтар нон диҳанд. Бошандагони қишлоқ аз ин сухан ҳайрон монданд ва ба рӯи ҳамдигар нигоҳ карданд...

— Ҳайрон нашавед,— гуфт Ҳалимҷон ба онҳо,— ҳар чи қадар хоҳед, мо пул медиҳем, ба мо нон диҳед!

— Нон медиҳем,— гуфт яке аз деҳқонҳо,— лекин ба пул фурӯхта шудани нонро ман акнун мефаҳмам.

Яке аз мӯйсафедони қишлоқ ханд\u0438д:

— Ту, Микола бисьёр чизҳоро намедонӣ,— гуфт вай.— Дар шаҳрҳо нонро ҳам, обро ҳам харида, мефурӯшанд. Агар пул надошта бошӣ, ҳеҷ кас ба ту як лаб нон намедиҳад.

— Обро чи тавр мефурӯшанд? — пурсид як ҷавон.

— Обро ба бутилкаҳо андохта мефурӯшанд.

— Аҷоиб! — гуфт Микола ва аз ҷо бархоста ба хонааш даромаду се буханка нони нав аз танӯр баромадаро бароварда дод ва пуле нагирифт. Деҳқони дигар ҳам инчунин се буханкаи дигар нон оварда дод ва мӯйсафед ба

омадагон шарҳ дода гуфт, ки ташвиш кашида ба кисаҳояшон даст наандозанд, мардуми ин ҷо ба пул нон намефурӯшанд, ин гуноҳ аст!

Вақте ки Ҳалимҷонхоҷа ва Мирзо Вафо ба станция расиданд, ҳаво торик шуда буд ва диданд, ки Аҳмаддуллохоҷа худаш берун баромада, бо ташвиш ба ҳар сӯ давида гаштааст. Инро диду ҳуш аз сари Ҳалимҷон парид.

— Дада, шумо чӣ кор карда гаштед?

— Э, омадӣ-мӣ, балота гирам! — гуфт мӯйсафед чашмаш чароғ барин равшан гашта.— Ман қариб девона шуда будам..

— Барои чӣ ин қадар бесабрӣ?! Ман танҳо набудамку!

Онҳо зуд ба вагон даромаданд. Ҳалимҷон падарашро ба ҷогаҳаш хобонид, ба вай чои гарм нӯшонид, доруҳояшро дод, аз муқаррарӣ бисьёртар маъҷун дод ва баъд андак осуд.

— Духтур дар куҷо буд? Наход, ки монд шумо бепӯстин берун бароед?!

— Вай хобидааст магар, дар роҳрав нанамуд.

— Хайр, худатон нафуромада хизматгори вагонро мефармудед.

— Дилам қабул накард.

— Қасал шавед, чӣ мешавад?

— Ҳеҷ боке не, ту сиҳат-саломат омадӣ, ҳаман ғаму ғуссаҳо тамом шуданд. Як рӯз бенон шинем, ҳеҷ боке набуд.

— Ман зуд расида меоям гуфта гумон карда будам.

Рӯзи дигар Аҳмаддуллохоҷа таб бароварда буд... Дар Одесса духтур ба хонаи худаш нарафта, беморро ба шифохонааш бурда, ба ҳуҷраи махсус ҷойгир кунонид ва ба муолиҷа сар кард.

— Аҳволи мӯйсафед хуб не,— гуфт берун баромада духтур ба Ҳалимҷон.— Шумо ба ҳар эҳтимол муҳайё бошед, дӯсти ҷавони ман! Ҳа, ҳа, кори хуб нашуд.

Дар чашмони сиёҳи Ҳалимҷон ашк чарх зад...

Дар ҳавлии калон мотам барпо шуда буд. Аз ҳавлии дарун овози гирьяи занон баланд буд. Дар ҳавлии берун паси ҳамдигар фотиҳахонҳо меомаданд, қориҳо, мулло-

ҳо қуръон мехонданд, баъд омин гуфта мерафтанд. Як қисм ёру дӯстҳои наздик дар рӯи ҳавлӣ ё ки дар тани соботи пеши дарвоза Самадхоҷа ё ки Ҳамидхонро дида мегиристанд ва бо онҳо ҳамоғӯш шуда овози ноларо баланд мекарданд:

— Во падарам!

— Во ҷону ҷигарам!

— Во пушту паноҳам!

Баъзеҳо аз Самадхоҷа мепурсиданд:

— Оварданд-мӣ?

— Не, пагоҳ мерасанд.

— Кӣ оварда истодааст? Аз ин ҷо одам рафт?

— Не, худи Ҳалимҷон вагони махсус гирифта оварда истодааст. Ман телеграмма дода будам, ёру ошноҳо ба вай ёрӣ доданд...

— Қай ҷаноза хонданӣ шудетон?

— Агар пагоҳ расанд, рӯзи ҷумъа мебарорем.

— Хайр, саломат бошед!

Ҳамин тавр, ҳанӯз ҷасади беҷони Аҳмадуллоҳоҷа норасида, дар ҳавлии калон ҳим-ҳимае барпо гашта буд. Самадхоҷа дар худ набуд. Вай акнун аз қарзхоҳон наметарсид, вай дар ҳақиқат аз дилу ҷон хизмат карда, ҳамаи расму русуми азодориро ба ҷо меовард ва аз мондашавӣ ибо намекард, боварӣ дошт, ки имшабҳо осуда хоб мекунад...

Рӯзи дигар бо тантанаю дабдабаи зиёде, одами бисьёре ба Қогон ва ба вокзалчаи Бухоро баромада, мурдаро пешвоз гирифтанд. Рӯзи ҷумъа ба ҷанозаи Аҳмадуллоҳоҷа худи қозии калон, раиси калон, Шайхулислом, аълам ва муфтиҳои бисьёре омаданд. Дар саҳни васеи масҷиди девонбегӣ чунон одами бисьёре ҷамъ шуда буд, ки агар сӯзан партоед, рост меистод...

Пас аз бисту чил, ки дар ҳамаи ин мавридҳо Самадхоҷа ба як по рост меистод ва мурдадорӣ мекард, масъалаи таракаи мерос ба миён омад. Аз қозихона одам омада Самадхоҷа, Ҳалимҷон, Алимҷон, Ҳамидхон ва боз дигар наздикону меросхӯронро ба қозихона даъват кард. Дар он ҷо қозии калон маҳзари аз тарафи раису муфтии калони Бухоро навишта, тайёр кардашударо хонда дод, ки ба фармони шариат ва тасдиқи ҷаноби олӣ то ба воя расидани фарзандони марҳум молу давлати ӯ тарака намешавад ва ҳамаи чизҳо, ҳавлиҳо, боғҳо,

заминҳо, саройҳо, дўконҳо ва ғайра ва ҳоказо ба ихтиёри васии шаръӣ, бародари марҳум — Мулло Самадхоҷа мегузарад.

Аз ин қарор пеш аз ҳама Ҳалимҷон норозигии худро баён кард.

— Бойбача ҳанӯз ба синни рушд нарасидаанд! — гуфтанд ба вай.

Замин сахт буд, осмон баланд!

Карим ҳанӯз деларо хонда, ба охир нарасонида буд, ки раиси чека Аминов баргашта омад.

— Ҳа, Карим,— гуфт вай,— хонда шудӣ?

— Қариб,— гуфт Карим.— Наход ки ҳамин Самадхоҷаи малъун шарм накарда, боз ба идораи ҳукумати шӯрой аз болои Ҳалимҷон ариза менависад?

— Бале, шарм накарда! Гумон мекунад, ки мо ҳам мисли қушбегию қозию раиси Бухоро ба тарафи вай гузашта, аз дасти Ҳалимҷон ва дигарон моли таракашударо гирифта ба вай медиҳем.

— Давлати Аҳмадхоҷа охир тарака шуд?

— Баъд аз ду-се сол бо ёрии адвокатҳои рус ва консулхонаи рус Ҳалимҷон муваффақ мешавад, ки моли падаршро ба байни меросхӯрони бисьёре (чаҳор писар, духтар, зан, хоҳар ва ҳоказо) тарака кунад. Лекин дар солҳои инқилоб, азбаски Ҳалимҷон ба фиркаи ҷавонбухороиҳо аъзо буд, маҷбур шуд, ки аз баҳри молу давлат гузашта муҳоҷират кунад ва бисьёрии давлаташро барбод диҳад. Ҳар чизе, ки боқӣ монда буд, дар роҳи инқилоб сарф кард, ба инқилоб хиёнат накард... Бинобар он, мегӯям, ки Ҳалимҷон бариҳоро аз Самадхоҷа бариҳо фарқ карда тавонистан лозим, ҳар чанд ки онҳо амаку ҷиян ҳастанд!

— Самадхоҷа чӣ шуд?

— Дар бозори кӯҳнафурӯшӣ латта-путта фурӯхта, мардумро фиреб дода мегардад...

— Ҳамин бозорҳоро бастан лозим!

— Вақт мерасад, мебандем. Ҳоло Самадхоҷа бариҳо латта-путтаҳои худро баровардан гиранд...

— Лекин Ҳалимҷон дар ҳақиқат одами дуруст будааст.

— Бале, аз табақаи бойҳо ҳам гоҳо ҳамин хел одамҳо баромаданашон мумкин аст. Файзуллохоҷа ҳам аз

ҳамин қабил одам аст. Албатта ин хел одамҳо хеле мураккаб мешаванд, хатоҳо мекунанд, лекин фирқаи коммунистӣ лаҷомашонро дошта меистад.

— Набошад ба он кас бовар кардан мумкин? — пурсид боз Қарим.

— Мумкин! — гуфт табассум карда Аминов.

# XVII

Қарим аз идораи шӯрои нозирон ба кӯча баромада, ба соати калони бағалии худ нигоҳ кард ва дид, ки аз чор даҳ дақиқа гузаштааст. Аммо ҳаво торик шудагӣ барин ба назар менамуд. Рӯи осмонро абрҳои хокистаририранги чанголуд пӯшида гирифта буданд ва намегузоштанд, ки шамоли сард вазида зиқии фазои Бухороро барҳам занад. Аз ҳаво гӯё ба ҷои борон чанги тира мерехт. Кӯчаҳо, барги дарахтҳо, деворҳо ва дару дарвозаҳо ба назар чанголуд барин менамуданд.

«Хайрият ки тобистон ба охир расид,— гуфта аз хаёл гузаронид Қарим.— Хайрият ки акнун шиддати гармии ҳаво паст мешавад... Набошад дар гармии тоқатфарсо ба ҷанги босмачиён рафта, ҳалқак зада гаштан мушкил... Бале, акнун ба ҷанги босмачиён, барои дастгир намудани хоини дигар, барои дастгир намудани Орипов рафтан лозим мешавад. Кӣ гумон мекард, ки Абдулҳамид Орипов хиёнат мекунад?! Охир вай яксола-дусола инқилобчӣ не-ку! Вақте ки дар роҳи инқилоб ҷонбозӣ мекардааст, ман кӯдак будам... Аҷиб! Одами аҷиб! Ҳам дар роҳи инқилоб ҷонбозӣ куну ҳам ба инқилоб хиёнат! Аммо кӣ медонад, Абдулҳамид Орипов дар роҳи инқилоб, ё ки дар роҳи аксулинқилоб ҷонбозӣ карда бошад?! Ба амир муқобил будан маънои онро надорад, ки тарафдори халқи меҳнаткаш аст! Бойҳо, савдогарҳо, миллатчиҳо ва туркпарастон ҳам ба амир муқобил буданд. Ҳамин ки ба дигар тараф рафта истодани инқилобро диданд, ба инқилоб хиёнат кардан гирифтанд: мисли Асад махсум, Абдулҳамид Орипов ва «чапҳо» ва ростҳо ва дигару дигарҳо...».

Файзулло Хоҷаев ба Қарим гуфт, ки рафта тайёрӣ бинад, пеш аз ҳама ба Кармина ва Нурато рафта фитнаи Абдулҳамид Ориповро зер кардан лозим аст.

— Пагоҳ аз назорати ҳарбӣ фармони махсус ва тар-

зи амалиётро мегирӣ! — гуфт Файзулло Хоҷаев бо ӯ хайру хуш карда.— Пас аз пасанда кардани ин моҷаро, баъд ба тарафи Асад махсум меравӣ. Ин барои дастаи камтаҷрибаи ту як машқи ҳарбӣ мешавад.

Инак, Қарим аз назди Файзулло Хоҷаев баромада, фикр кард, ки чӣ кор кунад, куҷо равад. Як ҳамин рӯз ва бегоҳ барои ӯ фурсати холӣ дода шудааст. Пагоҳ ба фармон мунтазир шуда, ба юриш тайёр шуданаш лозим. Пас, вай қарор дод, ки камтар кӯчаю бозорҳоро давр занад ва баъд ба хонаи Насимҷон равад.

Он рӯзҳо лаби ҳавзи Девонбегӣ ва растаю бозорҳои атрофи он мисли аввала маркази савдою тиҷорат, маркази тамошо ва ҷамъомади мардум буд. Дар шаҳрҳои қадимаи Шарқ аҷоибтарин, серошӯбтарин ва мароқангезтарин ҷо бозору растаҳо буданд ва ҳастанд. Бозори ин шаҳрҳо — ҳаёту зиндагии онҳост. Ҳам хурсандию сурур, ҳам бадбахтию фалокат аз ҳамин бозорҳо сар бар мезанад. Ҳама ҳамдигарро дар бозор меёбанд ва ҳама ҳалли тақдири худро дар бозор меҷӯянд. Бозор ҷои савдо, тиҷорат, хариду фурӯш; ҷои ҷамъомад, вохӯрӣ ва мулоқот; ҷои ваъдаю ваид; ҷои ишқу муҳаббат; ҷои шеъру суруду тамошо... Он рӯзҳо аз Бухорои қадимгӣ ҳанӯз барҳам нахӯрда ва он бо ҳамаи ҳастии зоҳири худ, мустасно аз баъзе намудҳои нав ва манзараҳои ҳаёти нав, дигар ба шаҳрҳои қадимаи шарқ монанд буд ва бозорҳояш ҳам! Пештар бозорҳои тарафи Регистон, тарафи Таи Манор ва тарафи лаби ҳавзи Девонбегӣ буд. Ҳоло тарафҳои Регистон сӯхта, нобуд шудаанд, аммо бозорҳои атрофи Таи Манор ва атрофи лаби ҳавзи Девонбегӣ боқӣ буданд.

Пештар дар гирдо гирди ҳавзи Девонбегӣ дӯконҳои паст-пасти сартарошӣ буд, ки ҳоло ҳамаи онҳоро вайрон карда, дар тарафи шимоли ҳавз бинои клуби дуқабата ва хеле бошукӯҳе сохта буданд, ки онро «клуби Мирзо Назрулло» мегуфтанд. Дар тарафи ғарбии ҳавз чойхона ва ошхонаҳо қатор шуда буданд. Дар саҳни масҷиди девонбегӣ мисли собиқ ҳалвофурӯшҳо, обфурӯшҳо, донашӯраку нахӯди бирьёнфурӯшҳо савдо карда, маддоҳҳо, найрангбозҳо ва баъзан дорбозҳо маърака мегирифтанд, корнома нишон медоданд...

Қарим маддоҳеро дид, ки одами бисьёреро ба гирди худ ҷамъ карда, бо шавқу ҳирси тамом, балки аз дилу ҷон дар бораи ғазот ва қаҳрамониҳои ҳазрати Алӣ нақл

мекард ва дар ҷоҳои аҷоиб ва шавқангезтарини ҳикоя нақлашро қатъ намуда, даст ба дуо мебардошт ва назру ниёз мепурсид. Мардуми содда, ки мафтуни нутқ ва пардозкории ӯ шуда буданд, ҳар чӣ дар кисаю бағал доштанд, баровярда ба ӯ медоданд ва фаромӯш карда буданд, ки барои чӣ коре ба лаби ҳавзи Девонбегӣ омада буданд... Ҳама маҳву моти сухангӯии маддоҳ шуда буданд. Карим аз хаёл гузаронид, ки ана мисли ҳамин маддоҳ гап задан ва мардумро ба худ ҷалб карда истода ба фоидаи ҳукумати шӯрой ташвиқот бурдан лозим.

Дар як сӯи саҳни масҷид найрангбозе бо шогирди худ мардуми бисьёреро гаранг ва ҳайрон намуда, ба гирди худ ҷамъ намуда буд. Вай чашми шогирдашро бо рӯмол сахт баста, ба миёнҷои давра шинонда буд ва бо чӯбчаи дастангиаш ба одамони гуногун ишора карда мепурсид:

— Дар сари ин бародарам чӣ ҳаст?

Шогирдаш дарҳол ҷавоб медод:

— Ин кас телпак пӯшидагӣ.

— Дар танашон чӣ доранд? — мепурсид усто.

— Дар танашон кулӯча-шалвор доранд,— мегуфт шогирд ва назорагиён гарангу моту мабхут мешуданд, ки оё бо чашмони баста ин писар чӣ тавр мебинад, ки дар танаш чӣ пӯшидагӣ!

Карим ҳам аввал гаранг шуд, вале пас тааммул карда донист, ки калиди асрор дар суоли усто аст. Агар пурсад, ки дар сари ин бародар чӣ ҳаст? Ҷавоби он албатта «телпак» мешавад. Агар пурсад ки «ин кас ба сарашон чӣ мондагӣ?» ҷавобаш «салла» мешавад. Аммо халқи авом, хусусан бачаҳо инро дарк намекарданд ва бо ҳайрату таачҷуб ба «ҳунар»-и найрангбоз таҳсину офарин мехонданд.

Пас аз тамошои найрангбоз Карим ба воситаи растаи калон ба тарафи таи тоқи Саррофон равона шуд. Дар он байн чунон одам бисьёр буд, ки вай базӯр ба худ роҳ мекушод. Зеро ки ин раста аз ду тараф бо дӯконҳо, магозаҳои молҳои гуногун ва ширинифурӯшӣ, яхмосфурӯшӣ, шашликпазӣ, биржаи савдои пул, банки давлатӣ ва пассаж иҳота шуда буд. Карим хост, ки ба шашликпазӣ даромада камтар шикам сер кунад, вале боз худдорӣ кард, ки дар хонаи Насимҷон ҳеҷ чиз хӯрда наметавонад ва ӯ хафа мешавад.

Дар таи тоқи Саррофон, ки он рӯзҳо саррофҳо кам

монда буданд, нохост Қарим ба Мирак вохӯрд, ки аз тарафи Қумитаи Марказӣ меомад.

— Ҳа, ҷӯра, монда нашав! — пурсид Қарим бо Мирак вохӯрдӣ намуда.

— Рафиқ Аббос Алиев ба Қумитаи Марказӣ ҷеғ зада буданд,— гуфт Мирак як дараҷа бо ифтихор.— Ба Тошканд хонданӣ фиристодан мехоҳанд...

— Бисьёр нағз, ту чӣ гуфтӣ?

— Ман розӣ, лекин бо модарам машварат кунам, гуфтам.

— Модарат розӣ мешавад, албатта, ба хондан рав, ҷӯра! Дар Тошканд мактабхон нағз будагист, мулло шуда меоӣ.

— Албатта, меравам,— гуфт Мирак хурсандона.— Васияти амаки Ҳайдаркул ҳамин буд.

Қарим ба қадду баст ва гуфтори Мирак нигоҳ карда, худ ба худ хурсанд шуд. Бачаи шӯхи дирӯза, ки парвои ду дуньёро надошт, чӣ тавр тағьир ёфтааст. Аввалаш ин ки қадаш баланд шуда, китфонаш баҳодурона ғафс гаштаанд, маълум ки яксола кори машкобӣ бефоида нагузаштааст. Сониян, ақлаш пурратар шуда, муҳокимаронии ҳояш одамони калон барин, бамаънӣ шудааст. Қарим фикр кард, ки агар Мирак ба Тошканд рафта дуруст хонад дар байни се-чор сол одами даркорӣ ва давлати шуда баргаштанаш мумкин.

— Офарин! — гуфт Қарим ба вай.— Ман боварӣ дорам, ки хонда биёӣ худат соҳиби ягон идора мешавӣ!

— Ба як лаб нон соҳиб мешавӣ гӯед! — гуфта ханд ид Мирак.

— Албатта нон ҳам мешавад, кор ҳам мешавад, мансаб ҳам мешавад!..— гуфт Қарим ҳам табассум карда.— Лекин нағз хондан лозим. Ҳар рӯз ва ҳар соатро ғанимат донистан лозим аст!

— Албатта, албатта! — гуфт Мирак.— Шумо ба куҷо меравед? Биёед ба хонаи мо равем.

— Саломат бош, ҷӯра! — гуфт Қарим.— Ман бояд ба хонаи Насимҷон амакат равам. Ту Асоро надидӣ?

— Не, надидем,— гуфт Мирак,— лекин ман албатта ба хонаашон рафта маслиҳат мекунам.

— Хайр, ба модарат салом гӯй! Ба Тошканд рафтанӣ шавӣ, хабар деҳ, гусел мекунем!

Онҳо аз ҳамдигар ҷудо шуданд. Мирак ба тарафи ҳавзи Девонбегӣ, Қарим ба тарафи Сесӯ равон шуд.

Воқеаи ба Кумитаи Марказӣ ҷеғ зада шудани Мирак аз тарафи Аббос Алиев ҳамин тавр шуда буд. Як рӯз дар вақти танаффуси ними рӯзӣ, ки машкобҳо дар сари ҳавз нишаста дам мегиранд, Мирак худ аз худ дилаш танг шуду ба давраи машкобҳо нанишаста, дар сояи дарахти тут, ба болои суфачаи сангӣ яккаю танҳо нишаста ба хаёл фурӯ рафт. Он рӯз аз вафоти Ҳайдарқул ду моҳи расо гузашта буд. Як-бист рӯз пеш аз ин ёру дӯстон дар ҳавличаи вай ҷамъ шуда «чил» карданд, обу ош карданд ва аз некиҳои вай гуфтугӯ карданд. Мирак дар ҳамин умри кӯтоҳи худ ду талафоти калон дод: Якаш падараш буд, ки ӯро хеле дӯст медошт ва гумон мекард, ки пас аз вафоти падараш вай зинда намемонад; дуввумаш Ҳайдарқул буд, ки ӯро ҳам мисли падараш медонист. Бо мурдани падараш як қаноташ шикаста бошад, ана ҳоло қаноти дуввумаш ҳам шикаст. Акнун вай тамом бемуттако ва бекас шуда монд. Акнун як маслиҳатгӯ ва роҳнамои оқил надорад... Акнун вай то метавонист бисьёртар кор мекарду бисьёртар пул пасандоз мекард. Ҳамаи бозьёфти худро ба модараш бурда медод.

— Ин пулҳоро сариштa кунед,— мегуфт,— агар ман ба хондан рафта монам, ё худо накарда касал шуда монам, даркор мешавад.

Бале, хондан, орзуи хондан дар як кунҷи дили вай ҳамеша хона карда буд. Вай мехост хонад, васияти падар ва Ҳайдарқулро иҷро кунад, аммо ӯро ба хондан кӣ мефиристонад? Ба куҷо? Дар худи Бухоро хондан мумкин, мегӯянд, ки мактаби дорулмуаллимин кушода шудааст. Дар мадрасаи Кӯкалтош! Ҳам либос, ҳам хӯрок, ҳам ҷои хоб, ҳам пул медодааст. Аммо ба он ҷо даромадан осон набудааст. Агар ягон пушту паноҳи кас бошад, бо мудири мактаб гапзанон карда бурда монад, гапи дигар! Набошад, худи кас равад қабул намекунанд... Мардум ҳамин тавр мегӯянд... Кӣ медонад ин рост аст, ё дурӯғ...

— Ҳа, ҷӯра! — гуфта ба ӯ хитоб кардани Боғирҷон ӯро ба ҳуш овард. Мирак сар бардошта дид, ки ба наздаш ҷӯраи наздикаш, ки дар мактаби «Тӯрон» ҳамроҳ мехонданд, омадааст. Вай хурсанд шуду аз ҷояш давида бархост ва Боғирро оғӯш карда, бардошта монд.

— Биё, биё ҷӯраҷон! — гуфт вай.— Хайрият, ки туро медидем! Ҳеҷ даракат не, наменамоӣ!

— Ана, омадам,— гуфт Боғир.— Чанд рӯз шуд, ки дар суроғи ту мегардам. Ба ҳавлиатон равам, мегӯянд, ки ба сари ҳавз рафт; ба сари ҳавз биёям, мегӯянд, ки ба сари ҳавзи дигар рафт... Дар чанд ҷой кор мекунӣ, ҷӯра?

— Эй напурс! Рӯзғор, ки ба сарат афтод, баъд медонӣ!

— Ба сари ман рӯзгор аз ту пештар афтодагӣ, ҷӯра! Лекин ман ин қадар ҷон намекоҳонам; зиндагӣ як навъе карда мегузарад. Хайр, гап ҳамин ки ман ба хондан меравам ва туро ҳам бо худам мебарам.

— Хӯш? — гуфт Мирак ҳайрон шуда.— Ин гапи тоза-ку!

— Ҳа, гапи тоза!— таъкид кард Боғир.— Ду-се рӯз пеш аз ин маро аз ячейкаи комсомолӣ ба Қумитаи Марказӣ, ба пеши Аббос Алиев бурданд. Аббос Алиев гуфт, ки рафта, ҷӯрет Мирак Саидовро ва боз як-ду ҷӯраи дигаратро ёфта биё, ҳамаатонро ба Тошканд, хонданӣ мефиристонем... Ман қабул кардаму ба ҷустуҷӯи ту даромадам.

— Аббос Алиев худаш кӣ? Маро аз куҷо мешиносад?

— Аббос Алиев яке аз калонҳои Қумитаи Марказӣ, корҳои маорифу мактабҳо дар дасти вай. Туро Аббос Алиев мешиносад, албатта! Ту писари Саид паҳлавон!

— Дурӯғата монда исту, гӯй ки бо худат се нафари дигар ҳамроҳ наёбӣ, танҳо намефиристонем, гуфтанд?

— Хайр, ҳар чӣ гӯй ихтиёрат, лекин ба хондан меравӣ, ё не?

— Меравам!

— Набошад, се рӯз баъд, аввали пагоҳ ба кор набаромада, маро дар хона мунтазир шав. Агар ба хондан равӣ, баъд оби онҳоро кӣ мекашонад?

— Рафтанам аниқ шавад, қарориҳоро ба каси дигар месупорам.

— Майлаш! — гуфт Боғир.— Пас аз се рӯз туро аз хонаат меёбам.

* * *

Пас аз се рӯз онҳо ба бинои Қумитаи Марказӣ рафтанд, ки дар дами дарвоза боз ду нафар бачаи дигар ба онҳо мунтазир истодаанд. Ҳар чаҳор ба кабинети Аббос

Алиев, ки мудири шӯъбаи ташвиқот ва тарғиботи Кумитаи Марказии Партияи Коммунистии Бухоро буд, даромаданд. Аббос Алиев онҳоро бо рӯи кушод қабул намуда, чун дӯсти самимӣ сӯҳбат кард. Гуфт, ки дар Тошканд мактаби бисьёр нағз дарҳои худашро ба онҳо мекушояд. Хобгоҳ, либос, пул медиҳад, нағз мехононад ва мулло мекунад. Роҳпулӣ ва дигар харочотро Кумитаи Марказӣ медиҳад.

Ҳама ин таклифро қабул карданд, вале гуфтанд, ки чавоби қатъиро пас аз як рӯз медиҳанд, аз падару модарон иҷозат гирифтан лозим.

— Майлаш,— гуфт Аббос Алиев,— рафта иҷозат талабед. Агар баъзе падару модарон нофаҳмӣ карда монеъ шаванд, онҳоро ба назди ман гирифта биёред, ё омада гӯед, мо худамон онҳоро чеғ зада, мефаҳмонем, албатта розӣ мешаванд.

Ба Кумитаи Марказӣ, ба назди худи рафиқ Аббос Алиев чеғ зада шудан ва ба мактаби олии коргарони Тошканд равона шудан чунон ба Мирак рӯҳ бахшид, ки қадам монданҳояш дигар шуда рафт. Вай дар таи тоқи Саррофон бо Карим вохӯрда, хурсандии худро изҳор намуду боварӣ дошт, ки модараш ҳам хурсанд шуда, ба рафтанаш рухсат медиҳад...

Карим аз Мирак ҷудо шуда, хаёл карда равон пешонааш чин шуд. Ҳайдаркулро ёдоварӣ кардани Мирак хаёлҳои ӯро парешон карданд. Чанд гоҳ шуд, ки мӯсафедро дар қабристони шаҳидони роҳи инқилоб гӯр карданд, лекин Карим ҳамон рӯзҳо ду-се бор ба сари қабр рафту дигар дасташ нарасид. Вай қарор дода буд, ки пеш аз сафари Бойсун албатта, ба сари қабр меравад, бо мӯйсафед хайру хӯш карда, баъд ба сафар мебарояд. Акнун ки нақшаҳои вай тағьир ёфтанд, бояд ҳамин рӯз, нашавад, пагоҳ саҳар қатӣ ба сари қабр равад, як даста гул гузорад ва соате бо хотираи одами пурзӯр ва муқтадир сӯҳбат кунад, шояд ки корҳояш равнақу барор ёбанд... Бале, Ҳайдаркул одами андак-мундак набуд; фидокори роҳи инқилоб, коммунисти ҳақиқӣ ва инсони пуриқтидор буд. Агар вай намемурд, чун падари ғамхор ба вай роҳнамо ва дастгир буд. Мехост бо вай якҷоя ба торумор намудани Асад махсум равад, бо маслиҳат ва ёрии худ дами ғалабаро наздик кунад... Афсӯс, ки ба мақсадаш нарасид! Не... амаки Ҳайдаркул умуман ба

муроду мақсадаш расид, ғалабаи инқилобро дид. Акнун корҳои мондарафтаи ӯро — Карим, Асо, Насимҷон, Мирак ва садҳо ҷавонони дигар, ки дастпарварди вай ҳастанд, ба ҷо меоранд. Дастаи Асад торумор мегардад, Карим боз Ойишаи худро меёбад...

Бо ин хаёлҳо банд шуда, ба Сесӯ расидани худро надониста монд. Вай мехост, ба сӯи растаи чинифурӯшӣ баргардад ва ба таи тоқи Телпак равад( мехост барои сафар як телпаки баррагии саглобадори бухоридӯхт харад) ногоҳ аз қафояш овози Насимҷонро шунид, ки «Ҳӯй, акамулло!» гуфта ӯро чеғ мезад. Карим истод, Насим ба вай расида гирифт.

— Ба куҷо? — пурсид Насим.

— Ба таи тоқи Телпак,— гуфт Карим.— Як телпаки кори калон харидани.

— Ҳа,— гуфт Насим,— ман гумон кардам, ки ҷӯрем рост ба хонаи мо меравад! Хайр, майлаш, биё ман ба ту як телпаки нағзу аъло хуш карда гирифта диҳам, баъд ба хона меравем.

— Майлаш, рафтем...

Онҳо дар таки тоқи Телпак аз телпакфурӯши хушмӯйлаб як телпаки пӯсти кабуди қарокӯлии арзонбаҳо хариданду ба воситаи растаи челонгарӣ ба ҳавлии Насимҷон равон шуданд.

— Телпак ба ту чӣ даркор? — гуфта пурсид Насимҷон.

— Дар Бойсун даркор мешавад,— гуфт Карим. Насимҷон мақсади ӯро фаҳмиду дигар напурсид.

— Дар ҳавлии мо ҳеҷ кас нест,— гуфт Насимҷон.— Холем бо духтарҳои клуби занҳо ба чорбоғ рафтанд, якду рӯз меваю ҳавои тоза хӯрданӣ. Абдуллобой ҳам ба кишлоқ рафтагӣ, хона, ба қавли мардак, бе модари шӯ, худамон ошпаз, худамон меҳмон... Ҳа, воқеан, ҳозир Асо ва Фирӯза ҳам бояд биёянд.

— Меҳмондории калон мешудааст-дия!

— Ҳа, меҳмондории калон!.. Пеш аз сафар бо дӯстҳо як сӯҳбат кунем.

— Апа Фирӯза аз клуб рафтагӣ мегӯянд, рост-мӣ?

— Ҳа, рост,— гуфт Насим,— апа Фирӯза калон шуданд, якбора ба Кумитаи Марказӣ, ба шӯъбаи занон мудира таъин карданд.

Карим хурсанд шуд. Вай Асою Фирӯзаро хеле дӯст медошт ва ғусса мехӯрд, ки чаро Фирӯзаро ба корҳои

калон таъин намекунанд. Вай боварӣ дошт, ки Фирӯза аз як қисм нозирони ноӯҳдабаро ҳазор бор беҳтар кор карда, ба ҷумҳурият фоидаҳои калон расонида метавонад. Дуруст шудааст, ки ӯро ба Қумитаи Марказӣ гирифтаанд.

— Апа Фирӯза,— гуфт Карим,— дар ҳамин клуби занҳо ҳам аз дигарҳо калонтар, вазни корашон бештар буд ва дар ҳамин ҷо нишаста чӣ қадар кор мекарданд...

— Бедарак набуд, ки Низомиддин барин касон ба вай муқобил буданд ва ҳамеша ба роҳи пешравии ӯ ғав мешуданд.

— Рост, рост!

— Дар пленуми Қумитаи Марказӣ бисьёр касон ӯро таъриф карда мебароянд ва таклиф мекунанд, ки ба мудирагии шӯъбаи занҳои Қумитаи Марказӣ боло бардошта шавад. Пленум ин таклифро бо як овоз маъқул меёбад ва ҳоло чанд вақт аст, ки Фирӯза дар ҳайати роҳбарияти Қумитаи Марказӣ кор мекунад.

— Бисьёр нағз, бисьёр нағз! — гуфт Карим.— Ман ба корҳои ҳарбӣ ва тайёрии дастаи фидоиён андармон шуда аз воқеаҳо бехабар мондам.

Онҳо ба ҳавлии дарун, ба хонаи баланде, ки чанд гоҳ пеш аз ин Ҳамроҳхон барои худ ва шавҳараш ороста буд, даромаданд. Хона ҳамон хел буд, ки дар вақти Ҳамроҳхон буд. Баробари ба хона дохил шудани онҳо соати деворӣ панҷ бор занг заду бевосита аз паси он соати қадимӣ, ки дар тоқи хона истода буд, ба кор сар кард. Аз сӯрохи болои ақрабаки он булбулчае баромада болу парзанон ба чаҳчаҳзанӣ оғоз кард ва баъд худро ба қафо кашиду дарчаи сӯрохча баста шуд ва соат панҷ бор занг зад. Насимҷон камзӯлчаашро кашида ба китфи стул овезон кард ва ба Карим аз диван ҷо нишон дода, худаш ба рӯи стул нишаст...

— Ҳамаи асбобу анҷоми ин хона,— гуфт вай оҳ кашида,— бо дасти Ҳамроҳхон гузошта ва оро дода шудагӣ, ман ҳеҷ дигар намекунам. Вай занг задани соатҳоро дӯст медошт, мисли кӯдак шодӣ мекард... Занги охирини соати вай шаши баъд аз наҳор буд...

Карим гап назад. Вай ё чӣ гуфта ҷавоб доданашро надонист, ё ки ёди Ҳамроҳхони марҳума ӯро ба хаёл андохта буд. Карим ӯро як бор дар ҳамин хона ва як бор дар назди Фирӯза апа дар клуби занон дида буд.

Ҳусну латофат, сӯҳбати ширини Ҳамроҳхон ӯро мот карда буд. Вай Насимҷонро бо ин бахти накӯ муборакбод карда буд.

— Ҳар бор, ки ин соатҳо занг мезананд,— гуфт боз хаёлу андешаашро ба забон оварда Насимҷон,— дар пеши назари ман ёри нозанинам зинда барин омада меистад, ба ман табассум мекунад, маро навозиш мекунад, ба ман роз гуфтанӣ мешавад... Росташро гӯям, дар вақти зиндагии ӯ ҳурматашро дуруст ба ҷо оварда натавонистам, кор гуфтам, зиндагӣ гуфтам, бо вай дуруст машғул нашудам ва гумон кардам, ки ин бахту саодат ба ман абадӣ дода шудааст!

Қарим, ки худаш сӯхта буд, худаш азоби ҷонгудози ҳиҷронро кашида, ба тобаҳо бирьён шуда буд, сӯзиши дили Насимҷонро ҳис мекард ва ба маънии гуфтаҳои ӯ нағз пай мебурд. Бале, дар дунъё то алам накашед, то насӯзед, ба дарду алами дигаре дуруст пай намебаред. Бедарак нагуфтаанд, ки «пеши бедардон гиребон пора кардан мушкил аст!».

— Чӣ илоҷ! — гуфт, ниҳоят Қарим ба забон омада,— акнун афсӯсу надомат фоида надорад! Марҳума ишқу ошиқиро ба субуташ расонид, ҷонашро барои ёраш фидо кард. Агар дар замони мо Низомию Фузулию Навоӣ барин шоирҳо мешуданд, Лайлию Маҷнун гуфта намегаштанд, достони Ҳамроҳхон қалами мӯшикофи онҳоро ба худ банд мекард.

— Рост мегӯӣ, ҷӯра! — гуфт Насимҷон аз ҷо барҳоста.— Ман шоир нестам, лекин лаззати шеъру адабиётро Ҳамроҳхон ба ман чашонда рафт. Вай бе шеър ва бе китоб зиндагӣ надошт. Як рӯз пас аз вафоташ китобхояшро варақ задам. Ноҳост аз байни саҳифаҳои куллиёти Саъдӣ як варақ коғаз ба дастам омад, ки Ҳамроҳхон барои худ дар он коғаз шеъреро рӯбардор кардааст ва дар болои он навиштааст: «Дар ҳаққи ман Саъдӣ чунин мегӯяд».

Насимҷон аз рӯи стол, аз даруни ҷузъгире коғазро ёфта гирифту ба Қарим хонда дод:

— Гӯш кунед, Саъдӣ дар ҳаққи Ҳамроҳхон, ба қавли худаш, чӣ гуфтааст:

Ёр он бувад, ки сабр кунад бар ҷафои ёр,
Тарки ризои хеш кунад, дар ризои ёр.
Гар бар вуҷуди ошиқи содиқ ниҳанд тег,
Бинад хатои хешу набинад хатои ёр.

Ер аз барои нафс гирифтан тариқ нест,
Мо нафси хештан бикушем аз барои ёр.
Ерон, шунидаам, ки биёбон гирифтаанд,
Бетоқат аз маломати халқу ҷафои ёр.
Ман рах намебарам, магар он ҷо ки кӯи дӯст,
Ман сар намениҳам, магар он ҷо ки пои ёр!

Насимҷон когазро ба ҷояш гузошту аз мехи хона танбӯрро ба даст гирифт.

— Ин шеърро хондаму девона шудам ва намедонам аз куҷо дилам ба ҷӯш омаду худ ба худ ҳамин мақомро навохтам ва он шеърро ба мақом мос карда хондам. Ҳар бор ки ёди Ҳамроххон гиребонгирам кунад, танбӯрро гирифта менавозаму ҳамин шеърро мехонам.

Насимҷон, пеш аз он ки Қарим аз вай навохтан ва хонданашро илтимос кунад, худаш симҳои танбӯрро зилу-бом карду навои дилхарошеро навохт. Азбаски наво аз дилу ҷон баромада буд, азбаски нохуни Насимҷон торҳои сими танбӯрро не, балки торҳои ҷони касро черт мекард, шунаванда осудаю мустареҳ гӯш карда наметавонист, беқарор мешуд, баробари танбӯр менолид ва ба дарьёи шавқ гарқ мегашт...

Танбӯр олитарин ихтирои санъаткор ва мусиқисози классикии тоҷик аст. Се тори симин, дар дастаи дароз ва косахонаи майда, ки аз чӯби дарахти тут сохта мешуд, дар дасти соҳибаш чунон садо бароварда, чунон менолид, ки мор аз хонааш бароянд, дилҳои санг об шавад ва ҳатто ҷаллод барин бераҳмон хун бигирьянд!.. Танбӯр аз тамоми эҳсосоти кас хабар медиҳад, дилро навозиш мекунад, ғамгинро тасаллӣ медиҳад, хурсандро ба шавқ меорад, хомӯшро ба шӯр меандозад... Навое, мақоме нест, ки бо танбӯр навохта нашавад; фиғоне, нолае нест, ки аз торҳои он шунида нашавад; ғулғула ва шавқе нест, ки аз косахонаи он берун наояд!

Насимҷони аламзада тамоми ҳасрати дили худро ба торҳои танбӯр гузаронида буд, ки ҳоло он менолид ва шунавандаро ба шӯр меовард. Насимҷон овози форамe дошт ва азбаски ҳам сухан ва ҳам наво аз дилу ҷони ӯ мебаромад, шунавандаи ӯ Қарим ҳамаи дарду алам ва ҳасрати ҷудоиро дар он оҳанг ҳис намуд, мафтун гашт, маҳзун гашт, аламу ҳасрати худи ӯ бедор гаштанд. Ба ёдаш ёри худаш — Ойшаи мазлума, Ойшаи асира ва гирифтораш расид. Худашро бо Насимҷон муқоиса мекард: то як дараҷа Насимҷонро хушбахт медид. Ба ҳар

ҳол Насимҷон ба васли ёраш расид, бо Ҳамроҳхон чанд гоҳ ба як болин сар гузошт, нафаси рӯҳбахши ӯро шамид... Аммо вай, Карим, аз дарвозаи бахту саодат, аз арафаи рӯзи васл яке якбора ба бадбахтӣ ва шаби торики ҳиҷрон партофта шуд; дасти хиёнат умеду орзуҳои ӯро барбод дод. Агар Валериян Владимирович намешуд, агар раҳматӣ Ҳайдарқул дасти ёрӣ дароз намекард, агар апа Фирӯза ва Асо ӯро дистгирӣ намекарданд, ҳоли вай чӣ мешуд? Вай ки худро ба хоки мазаллат афтода, ноумед ва мағлуб пиндошта буд, гашта ҷон гирифт, гашта аз ҳавои соф ва беғубор нафас кашида, дилаш аз шавқу умед пур гашт ва ҳоло боварӣ дорад, ки рафта ёрашро аз дасти деви зулмат наҷот медиҳад... Аммо ёраш — Ойшаи маҳзуна дар чӣ ҳол бошад! Оё баъд аз ин, ишқи ноками онҳо гул мекарда бошад? Оё дарахти муҳаббат бор меоварда бошад? Не, не, не! Вай дар бораи он тарафаш ҳоло фикре намекунад, вай бо ҳамин умед зиндагӣ ва шавқ дорад, ки Асад махсумро, фитнаи ӯро зеру забар ва пасанда мекунад ва дар ин кор ба вай Ойиша мадад мерасонад ва пас худи Ойишаро наҷот медиҳад.

— Ман туро ғамгин кардам! — гуфт Насим ба хаёл фурӯ рафта мондани Каримро дида.

— Не, не! — гуфт бо табассуми сохта Карим.— Ғазали батаъсир хондед. Ҳақиқатан аз дилу ҷон суруда шудааст.

— Ха,— гуфт оҳи сабуке кашида Насимҷон,— мусиқию суруд ҳамин-дия, ё шодию хурсандӣ ва ё дарду ҳасрати касро тараннум мекунад... Хайр, акнун ҳамин, ки то омадани Асою Фирӯза ману ту бояд як оши палави кори калон пазем. Қанӣ, хез ба ошхона рафтем. Меҳмон шудан кифоя!

Асо худаш танҳо омад.

— Мудира ба Галаосиё рафтанд,— гуфт вай,— маҷлиси калони занҳо мешудааст.

— Танҳо худаш рафт? — пурсид бесаранҷом шуда Насим.

— Не, аз комсомол, аз Иттифоқи касаба ва намедонам, боз аз кучоҳо одам ҳаст. Бачаҳои мо пештар рафта буданд. Эҳтимол, аз милиция ҳам кас рафта бошад, хотирҷамъӣ.

— Хотирҷамъӣ-ку,— гуфт боз Насим,— лекин ба маҷлиси занҳо бо чашми бад ва нияти ифлос нигоҳ ме-

кардагиҳо кам нестанд... Хайр, исто ки барои чӣ димоғат сӯхтагӣ барин?

— Не, сӯхтагӣ не... Монда шудам... Баъд, хабарҳои нохуш, аз Бухорои Шарқӣ... Дар Карминаю Нурато ҳам ҳаракати босмачиён зӯртар шудааст.

— Аз Низомиддин чӣ хабар? — пурсид Насим.

— Низомиддинро намедонам киҳо сангбарон карда куштаанд. Асад махсум ба мурдан вай соҳиб шудааст.

— Афсӯс,— гуфт Насим,— хеле асрорро бо худаш бурд!

— Ҳа,— гуфт Асо,— Низомиддин хеле чизро медонист ва агар ба даст меафтод, кори моро хеле сабук мекард...

Онҳо оши палавро дам карда ба хона рафтанд. Карим ва Асо ба дуруст кардани дастурхон ёрӣ доданӣ шуданд, Насимҷон нагузошт.

— Ҳоҷат не,— гуфт вай,— ин тарафаш ҳаман кор аз они ман, шумо меҳмон! Канӣ, ҳардуятон ҳам басавлат гузашта аз боло шинед!

Насимҷон дастурхон партофт, нон майда карда монд, турб реза кард, анор пора кард, як коса оби хунук оварда монд ва баъд пурсид:

— Ҷӯраҳо, яккадаҳӣ май мезанем ё не?

— Дуқадаҳӣ шавад чӣ? — хандида пурсид Карим.

— Нуран ало нур! — гуфт Насим ва аз шикофи деворӣ як шишаи чорраҳи май дастиро бо се қадаҳ гирифта, ба рӯи дастурхон гузошт.

Қадаҳи аввал нӯшида шуд. Май гуворо ва хушбӯй ба ҳар се ҳам таъсири хубе кард. Дили ҳар се ҳам бо эҳсосоти аҷибе пур гашт.

— Шукр, ман ду васияти амаки Ҳайдаркулро ба ҷо овардам! — гуфт Асо.— Аввалаш, хонаю ҷо ва каму беш чизу чораи мӯйсафедро ба Мираку модараш гирифта додам. Ҳозир, Мираку модараш дар хонаи раҳматӣ манзил карда, чароғашонро дармегиронанд. Сониян, Миракро ба хондан розӣ кардам ва ба рӯйхат даровардам. Ҳа нагуфта бояд ба Тошканд равад.

— Ман ӯро дидам,— гуфт Карим,— аз назди Аббос Алиев омада истода буд, хурсанд, ки ба хондан меравад.

— Нағз,— гуфт боз Асо,— хонда биёяд, одами даркорӣ мешавад.

— Ман худи пагоҳ барои торумор кардани Асад махсум рафтанӣ будам,— гуфт Карим,— вале нашуд.

— Барои чӣ? — пурсиданд дӯстон.

— Дастаи мо барои дастгир кардани хоини дигар, барои дастгир кардани Абдулҳамид Орипов меравад.

— Ҳа, фаҳмидам,— гуфт Насимҷон.— Орипов дар Нурато ба тарафи босмачиён гузаштааст.

— Хиёнат аз паси хиёнат! — гуфт бо ғазаб Асо.

— Дар ҳар ҷо сар бардошта истодани хоинҳо бедарак не,— гуфт Насимҷон.— Онҳо аллакай фаҳмидаанд, ки Анвар пошшо меояд. Ба гумонашон Анвар пошшо бо дасти холӣ намеояд, омадани вай, зеру забар шудани ҳокимияти шӯрой қатъӣ баробар!..

— Гурба дар хобаш мушро мебинад, мегӯянд! — гуфт Асо.— Ин хоинхои инқилоб ҳам умедашон ба хорича ва дасти ёрии англисҳост.

— Бале, бале ҳамин тавр,— гуфт Насим,— умеди онҳо аз Анвар калон!

— Анвар дар куҷо будааст? — пурсид Карим.

— Анвар,— гуфт Насим.— Намедонам бо чӣ роҳе ба Боку, ба анҷумани халқҳои Шарқ омадааст. Ҳоло чанд нафар аз бухориҳои мо ҳам ҳамин анҷуман — курултойро баҳона карда ба Боку рафта истодаанд. Қанӣ бинем-чӣ, дар Боку инҳо чӣ кор карданӣ?

— Набошад, ту ҳам ба пешвози Анвар ба Боку меравӣ, на ба Тифлис? — пурсид Карим.

— Бале,— гуфт Насим.— Чӣ тавре ки ба Бойсун рафтани ту таъхир ёфт, ба Тифлис рафтани ман ҳам ба таъхир афтод... Турку исломпарастони мо гумон доранд, ки ман ошиқи зани турк шуда, ба доми ӯ гирифторам. Бинобар он, бо тавсияи баъзеҳо маро ҳам ба қатори вакилон даровардаанд. Майлаш, рафта бинам қанӣ, Анвар пошшо чиҳо мегӯяд.

— Хуб эҳтиёт шав, ҷӯра! — гуфт Асо.

— Парво накун, хотирҷамъ бош! — гуфт Насим ва ба қадаҳҳо май рехт.— Инро барои пешравии корҳои ҳамаи мо, барои ғалабаи мо менӯшем!

Се рафиқи ҷонӣ, се дӯст ва се қадрдон, ки инқилоб ва мубориза онҳоро ба ҳам пайваста буд, қадаҳҳоро ба ҳам заданд ва шароби ғалабаро нӯшиданд. Ҳоло ҳар қадоми онҳо ба худ фикр мекард, ки оё пас аз ин боз ҳамин тавр ба ҳам як ҷо ҷамъ омада, қадаҳ бардошта метавонанд, ё ки дар заду хӯрдҳои дар пеш истода ҷон фидо мекунанд...

*Охири фасли аввал*



## ФАСЛИ СОНӢ

### I

Аввали моҳи октябрь дар Бухоро бо боронгарӣ ва ҳавои бад сар шуд. Аввал чанд рӯз ҳаво гарм шуду баъд шамоли сахт ва хунук чанги кӯчаҳоро ба осмон бардошт, ҳаво абрнок шуд ва борон сар кард. Борони маҳин бо шамоли сард ба кас хеле нофорам мерасид. Лекин мӯйсафедон мардумро осуда мекарданд: ин ҳеҷ гап не, ин фақат огоҳ кардани тирамоҳ аст, ки ба мардуми фориғбол мегӯяд: зудтар ғами зимистонро хӯред, бомҳоро андова кунед, хаммаҳоро аз ангишт пур кунед, сандалиҳоро кушода монед! Ҳоло боз ҳавои хуб мешавад...

Дар охири рӯзи кор Асо баробари дигарон корашро тамом карду ба кӯча баромад. Тирагии ҳаво, борони дилбазан ба вай ҳам таъсир карда буд магар, ки гиребони камзӯли чарминашро боло карда, телпаки гирдаи баррагиашро поёнтар фароварда аз канори роҳ ба сӯи ҳавлии худ равон шуд. Димоғаш сӯхтагӣ, хаёлаш парешон буд.

Вазъияти кори вай ва умуман вазъияти ҳарбӣ ва сиёсии Бухоро нағз набуд. Нозири ҳарбии мамлакат хиё-

нат карда ба тарафи босмачиҳо гузаштан ин тараф, аҳолии шаҳру деҳот нисбат ба ҳама бо шубҳа нигоҳ мекардагӣ, кам бовар мекардагӣ шуда монда буданд. Дар худи ҳайати ҳукумати Бухоро ягонагӣ ва қатъият набуд. Як қисми нозирон ва роҳбарони давлат ба ҷои пеш бурдани кор ба гурӯҳбозӣ, иғвогарӣ ва фитнаю фасод овора буданд. Мансабталошӣ, ҷоҳпарастӣ, дуздӣ, хазинабарбоддиҳӣ равнақу ривоҷ ёфта буд. Душман аз ҳамаи ин бадбахтиҳо истифода мебурд, дар байни аҳолӣ ташвиқоташ бештар паҳн мешуд ва оҳиста-оҳиста ҳаракаташ зӯртар мешуд. Дар натиҷаи ин аҳвол дар мамлакат вазнинӣ, тангии иқтисодӣ пайдо шуда буд. Агар Россия намешуд, агар ёриҳои моддӣ ва маънавии Москва намешуд, дар Бухоро кайҳо гӯшти одамхӯрӣ мешуд. Чунки босмачиён намемонданд, ки деҳқон ба кори осудаҳолонаи худ машғул шуда, ризқи рӯзии халқро рӯёнад, бехтарин ҷавонҳои қишлоқ ё аз тарс ё фиреб хӯрда ба дастаҳои босмачиён ҳамроҳ шуда буданд.

Дастаи мусаллаҳи Карим, ки ба Карминаю Нурато рафта буд, Абдулҳамид Орипови хоинро дошта натавонист; вале он атрофро аз босмачиён пок намуда, имкон пайдо кард, ки мардум осуда зиндагӣ кунанд. Мегӯянд, ки Абдулҳамид Орипов бо дастаи босмачиён гурез-гурез карда, ба сӯи Ғузор ва Қитоб гузашта, бо қӯрбошиҳои он ҷо муттаҳид шудааст...

Аз Насимҷон хабар омада менстод. Бо намояндагони ҷадидони Бухоро ба қурултои халқҳои Шарқ иштирок карда, Зиновьевро, Анвар пошшоро дидааст. Намояндаҳои Бухоро бо Анвар вохӯрдаанд, вале ӯро, Насимҷонро, ба ин вохӯрӣ даъват накардаанд. Назар ба ахбороти вай, онҳо — ҷадидҳои Бухоро Анварро ба Бухоро даъват карда овардани будаанд...

Дар Бухорои Шарқӣ вазъият тамоман хароб шудагӣ барин. Иброҳимбек қӯрбошӣ бо лашкари ду-сеҳазорини худ атрофи Душанберо ҳалқавор печонида гирифтааст. Дар идораҳои давлатии он ҷо аз дӯст дида, намояндаи душман бисьёр шудааст. Чека ва Особый Отдел ҳар рӯз телеграмма фиристода одам мепурсанд... Имрӯз раиси чека ӯро, Асоро, ҷеғ зада вазъиятро ба ӯ фаҳмонид, ва маслиҳат пурсид, ки ба Душанбе аз рафиқони масъул киро фиристонем. Вай нагуфт, ки худи Асоро фиристодан мехоҳад, вале рамузи гапро фаҳмиду гуфт:

— Маро фиристоданӣ бошед, ихтиёр доред, лекин...

— Чӣ «лекин»?

— Корҳои нотамом бисьёр,— гуфт Асо, вале хиҷолат кашид, ки мақсади асосии «лекин»-и ӯ ин набуд. Вай наметавонист ба ин таклиф дарҳол «хӯш» гуфта рафтан гирад, вазъияти оилавии худро мулоҳиза мекард ва баъд дар ҳақиқат ҳам корҳои муҳиммаш нотамом буданд.

— Корҳоятонро зудтар тамом мекунед,— гуфт раис,— мо ёрӣ медиҳем...

— Майлаш, пагоҳ ҷавоби саҳеҳ дода метавонам.

Бо ҳамин аз назди раис баромад.

Инак ба димоғчоқии ӯ василае набуд. Ба болокорӣ ин ҳавои бад!

Дар кӯчаҳо мардум кам монда буданд. Ҳама кӯшиш мекарданд, ки зудтар худро ба хона гиранд. Он вақтҳо дар Бухоро соябон набуд, либосҳои обногузар набуданд ва агар ҳар кӣ дар борон монад, сар то по тар мешуд, ба лой меҷӯлид ва маҷбур мешуд, ки ҳар чӣ зудтар худро ба паноҳӣ гирад.

Асо, дар ҳавлии оймуллои Танбӯр, дар хонаи калони болои суфаи онҳо манзил дошт ва он ҳавлӣ дар гузари Мирдӯстим буд. Аз Сесӯ ба гузари Мирдӯстим ба воситаи кӯчаҳои Говкушон, Ғозиён ва Хиёбон хеле роҳи дур буд. Имрӯз бар акси кор ягон ароба ё фойтун ҳам ёфт нашуд, ки вай савор шуда равад. Инак, аз канори роҳ якта-якта қадам зада, хаёлкунон роҳ мегашт, майнааш беист кор карда, вазъияти ҳозира ваояндаашро аз назар мегузаронид.

Фирӯза ба Кумитаи Марказӣ гузашту кораш аз ҳад зиёд шуда монд; ҳар рӯз маҷлис, ҳар рӯз командировка, ҳар рӯз одамқабулкунӣ, аризақабулкунӣ, ҷанҷолҳои зану шӯ, занталоқкунӣ, занзанӣ ва ғайра ва ҳоказо... Як рӯз ба назди Фирӯза зани як шахси баландмартаба (раиси як ташкилоти калон) ва коркуни масъул омада арз мекунад: шавҳарам ба болои ман зан гирифтан мехоҳад, мегӯяд вай. Аввал Фирӯза ба ин бовар намекунад, зеро шавҳари он занро — раиси ташкилотро нағз мешинохт, вай яке аз тарафдорони озодии занҳо ва баробарҳуқуқии онҳо ва душмани фаранҷию чашмбанд буд. Маҷлисе набуд, ки дар ин хусус гап назанад ва ҷамъомаде набуд, ки вай дар бораи озодии занҳо ваъз нагӯяд... Азбаски занак зорию тавалло мекунад, Фирӯза маҷбур мешавад бо он занак ба ҳавлиаш биравад. Маъ-

лум мешавад, ки аз музофоти Пиримаст як духтаре гурехта иттифоқан ба идораи шавҳари он зан паноҳ мебарад ва ба ҷаноби раис арз мекунад, ки падари золими вай бо таҳрики модари ӯгай ӯро ба як шайхи пир, ба болои ду зан бароварда додан мехоҳад. Ҷаноби раис духтарро осуда карда, ба ҳавлии худашон мебаранд ва оҳиста-оҳиста ӯро фиреб карда, ба худашон зан карда гирифтан мехоҳанд. Духтарак, ки дигар ҳеч илоҷ намеёбад, маҷбур мешавад, ки таклифи раисро қабул кунад... Фирӯза духтарро тасаллӣ дода мегӯяд, ки раис ӯро фиреб додааст, беҳтар мешуд, ки вай ба клуби занҳо паноҳ мебурд. Духтар ба ин таклиф аз дилу ҷон розӣ шуда, бо Фирӯза ба клуб меравад... Лекин ҷаноби раис аз масъала огоҳ шуда, дар пай никоргирӣ меафтанд. Ба Пиримаст рафта падари духтарро меёбанд, ба ӯ роҳу равишро меомӯзанд ва худашонро ба канор мекашанд. Падари духтар, ки мардаки ҷоҳил ва беобрӯ буд, ба милиция ва ба суд ариза медиҳад, ҳар рӯз ба ҳавлӣ омада доду бедод мекунад ва ба ҷони Фирӯза мерасонад. Фирӯза ба Қумитаи Марказӣ муроҷиат мекунад. Қумитаи Марказӣ ба идораҳои дахлдор месупорад ва дар байни андак вақт рӯи масъала кушода шуда, ҷаноби раис аз сафи фирқа хориҷ карда мешаванд, падари золимро суд мекунанд ва Фирӯзаю духтар осуда мешаванд... Ҳамин тавр, ҳар рӯз ҷанҷоле, моҷарое шуда меистад. Ба ҳамаи ин моҷароҳо иштирок кардан ва ба арзу доди мардум гӯш кардани Фирӯза лозим шуда монд.

Хайрият, ки Оймуллои сарсахт ҳаст ва ба духтарчаи онҳо нигоҳ мекунад. Агар Асо ба Душанбе рафта монад, ҳоли инҳо чӣ мешавад? Бобо заргар ва Оймулло хеле пир шуда мондагӣ, онҳо офтоби сари девор, имрӯз ҳастанд, пагоҳ не! Фирӯза танҳо чӣ мекунад? Инчунин ба Душанбе нарафтан ҳам намешавад. Одамҳои ба он ҷо рафтагӣ магар зану фарзанд надоранд? Агар ӯро нафиристода, дигареро фиристонанд, мардум, аҳли идора чӣ мегӯянд? Ба Бухорои Шарқӣ рафтан лозим! Дар он ҷо ба Асо барин одамҳо эҳтиёҷ калон аст. Бедарак раиси чека фиристода шудани Асоро дар назар надоштааст. Асо нағз медонад, ки ҳозир аз ин ҷо, аз зери дасти худ беҳтарин ёридиҳандаро дода фиристодан барои раис чандон осон не. Вале вай аҳамият ва лузумияти корро беҳтар медонад. Дар Бухоро ба ҳар ҳол одам ҳаст, ба ҳар ҳол дар ин ҷо корҳо чандон бад не, аммо дар Ду-

шанбе мӯро аз хамир ҷудо карда метавонистагиҳо лозиманд. Дар он ҷо кор меҷӯшад. Агар дер кунанд, душман ғолиб мешавад.

Вай ба ҳавлӣ расиду дарвозаро аз дарун занҷир накарда даромад, медонист, ки ҳанӯз Фирӯза барнагаштааст. Дар ҳақиқат ҳам аз роҳрави берун ба ҳавлии дарун қадам ниҳоду овози аллагӯии Оймуллоро шунид, ки бо як оҳанги ҳузноваре бачаро алла гуфта мехобонид:

Алла гӯям аллаё, хобаш биёд аллаё,
Додош биёд аллаё, онеш биёд аллаё.

Аз хоб хезад гул барин, хандаҳош булбул барин,
Онеш катӣ ош хӯрад, додош катӣ мош хӯрад.

Алла гӯям аллаё, хобаш биёд аллаё,
Сунбулакам аллаё, булбулакам аллаё...

Овоз аз хонаи поён, аз хонае, ки Оймулло ва бобо заргар меистоданд, шунида мешуд. Асо нӯг-нӯги по ба хона наздик шуду охиста дари шишагии онро кушода, ба пойгаҳ қадам гузошт. Дид, ки дар пешгаҳи хона алвонҷ карда, Оймулло бачаро хобонида, алла мегуфт, дар поёнтари хона бобо заргари мӯйсафед корашро монда ба алла гуфтанҳои Оймулло бо диққат гӯш медод ва чашмонаш аз ашк пур буданд. Асо медонист, ки бобо заргар овози занашро дӯст медорад, вале намедонист, ки ба алла гуфтанҳои вай ҳатто аз чашмонаш ашк рехта гӯш медиҳад. Ишқу муҳаббат ва муомилаи ин ду пири нурониро дида, дили вай ба зиндагӣ гармтар мешуд, дили вай бо муҳаббат ва ишқ саршортар мегашт. Дар дунъё муаммои зиндагиро ана ҳаминҳо, ҳамин пирони доно фаҳмидаанд, мегуфт ба худаш...

Ба хона даромадани ӯро аввал Оймуллои Танбӯр диду бо сараш ишора кард, ки боло гузашта шинад ва баъд ба алвонҷ нигоҳ карда бо овози паст гуфт:

— Ҳар чӣ хобаш бурд. То навакак дадем канӣ, бибем канӣ гуфта мана хӯрд. Худо хайри бобоша тияд, ки ҳамин алвонҷро карда доданду дасти маро сабук карданд... Дароед, камзӯлатонро кашед, шиб-шилтиқ шудааст.

— Зарар надорад, ҳозир хона рафта мекашам,—гуфт Асо.— Онеш ҳанӯз наомадааст?

— Не, даракаш нест,— гуфт Оймулло.— Шумо гушна ҳам будагед? Шӯрбо кашида биёрам?

— Ҳозир не, аввал ман либосҳоямро иваз кунам! — гуфт Асо ва боз оҳиста дари шишагиро кушода берун баромад.

Оймулло аз ҷояш бархосту ба бобо заргар наздик шуда оҳиста гуфт:

— Димоғаш сӯхтагӣ барин...

— Қори давлат осон не,— гуфт бобо заргар оби чашмашро бо рӯмолча пок карда.— Ғам мехӯрад...

— Босмачиҳо ба Ситорамоҳхосса омадаанд,— гуфт сухани шавҳарашро тасдиқ намуда Оймулло.— Мардум нотинҷ, ҳар хел хабарҳои ваҳмангез паҳн шуда истодааст. Ана ҳаминҳо ба Асо барин хизматчиҳо таъсир мекунад, албатта.

— Рост, рост,— мегуфт бобо заргар,— нозирҳо бепарво, кайфу сафо мекунанд ва ҳамаи ғаму ғусса ба ин одамҳои чека!... Ана, боз ким-ки омадагӣ барин шуд.

— Фирӯза будагист... Ин ҷо наомада, рост ба хонаи калон рафт. Дар борон тар шудагист духтаракам. Кошки хонаҳо гарм бошанд.

Ҳақиқатан Фирӯза буд ва дар борон тар шуда буд. Вай нахост, ки ба он ҳол ба назди Оймулло дарояд, хусусан ин ки агар Гулбаҳор бедор бошад, давида худашро ба бағали ӯ мепартояд, ки хуб намешавад. Бинобар он, қарор дод аввал ба хонаи худаш рафта либос иваз кунад ва баъд ба пеши мӯйсафедон равад. Ба хонаи калон даромада, шавҳарашро диду ҳайрон монд. Вай ҳатто камзӯли чарминашро ҳам накашида буд, сараш ҳам ба рӯи курсӣ нишаста, кадом як мактуберо мехонд.

— Ҳа, худаш чӣ гап? Хотирҷамъӣ-мӣ? — пурсид Фирӯза.

Асо аз мактуб сар бардошту зӯран табассум кард ва гуфт:

— Ҳа, омадед? Ҳаво чӣ тавр бад! Шумо ҳам шибшилтиқ шудагед. Ягон фойтун набуд-мӣ?

— Не, пиёда омадам,— гуфт Фирӯза ва камзӯли дарозашро кашид.— Худо хайри фаранҷиро диҳад, ки ба ҳар ҳол боронро даст мегирад. Шумоба чӣ шуд? Аз кӣ хат?

— Ҳеҷ... омадам, ки аз Сангин хат расидааст. Ба гумонам, Оймулло ба рӯи стол мондаанд.

— Чаро камзўлатонро намекашед? Телпакатон ҳам шиб-шилтиқ. Канӣ, дарров хезед!

Хат аз Душанбе, аз Сангин омада буд. Сангин, ки аз сипоҳи Асад махсуми хоин Саид паҳлавон ва Ҳайдарқулро ба ёрии рафиқонаш халос карда баровардa буд, ҳоло дар Душанбе, бо тавсияи Асо дар Особый Отдел кор мекард. Вай аз мушкилиҳои кор ва хиёнатҳои хоинҳои давлат менавишт. Дар Душанбе ҳокими мутлақ вакили мухтор аст. Вай ҳар касро хоҳад, ба ҳар кор таъин мекунад, ҳар касро хоҳад, бекор мекунад. Сардори милиция яке аз зобитҳои турк — Сурайё афандӣ мебошад, ки худаш дузди таъин аст, бо босмачиҳо алоқа дорад. Бо фармони вай дувоздаҳ нафар деҳқонҳои камбағалро аз қишлоқи Тўда оварда ҳабс кардаанд. Онҳоро рўзонаҳо маҷбуран баровардa кор мефармоянд. Дар Особый Отдел ҳам кор бисьёр, делаҳои дида мешудагӣ ҳафтаҳо, моҳҳо мехобанд. Кас намерасад. Агар кор ба ҳамин роҳ рафтан гирад, ҳоҷати ҳуҷуми босмачӣ нашуда, ҳокимияти шўрой худ аз худ нест мешавад. Агар зудтар чора дида, якчанд нафар одамони дилсўз наоянд, дер мешавад...

— Мактуби Сангин ба гуфтаҳои раис илова шуд! — гуфт Асо.— Намедонам чӣ кор кунам.

— Раис чӣ гуфтанд? — пурсид Фирўза.

— Ҳамин, вазъияти вазнини Бухорои Шарқиро шарҳ дода, маслиҳат пурсиданд, ки аз рафиқони дилпур мешудагӣ киро фиристонем? Албатта, он кас одами дурандеш, рўйрост нагуфтанд, ки худатон равед. Ба фикрам, аз Комитети Марказӣ ҳам маро маслиҳат додагӣ...

— Шумо чӣ гуфтед?

— Ҳоло чизе нагуфтем, маслиҳат карда ҷавоб доданӣ шудам.

— Хуб, бо кӣ маслиҳат карданӣ?

— Бо кӣ мешуд? бо шумо, бо Оймулло!.. Охир, ман одами салт мешудам, худам ба як қарор омада, ҳа ё не мегуфтам.

— Хайр, фарз кунед, ки шумо одами салт ҳастед, рафтан мехоҳед?

— Бале, агар салт мешудам, бегуфтугў мерафтам. Дар он ҷо одам даркор, кор кардан лозим. Лекин афсўс, ки ман шумою Гулбаҳорро танҳо монда рафта наметавонам. Оймулло ва бобо заргар пир шудагӣ, ба худи инҳо нигоҳубин кардан лозим.

— Ман чӣ?
— Шумо бо кор овора!
— Шумо будан катӣ, рӯзона дар хона ёфт мешаведмӣ?
— Ба ҳар ҳол ман дар ҳамин ҷо, дилам пур...
— Хайр, агар ман бо шумо ҳамроҳ шуда равам-чӣ?
— Гулбаҳорро чӣ мекунем?
— Гулбаҳорро ҳам бо худ гирем...
— Не, Бухорои Шарқӣ пури босмачӣ, дар он ҷо аскарона зиндагӣ кардан лозим мешавад. Зану бача азоб мекашад.

Фирӯза медонист, ки Асо на танҳо барои духтараш дил мезанад, на танҳо ғами Гулбаҳорро хӯрда аз рафтан ибо мекунад, балки аз вай, аз Фирӯза ҷудо шудан ба вай гаронӣ мекунад. Агар даъвати партия ва ҳукуматро рад карда наравад, боз ҳам азоб мекашад, азоби виҷдонӣ мекашад. Вай шавҳарашро нағз медонист, бинобар он, гуфт:
— Пагоҳ рафта гӯед, ки ба Душанбе меравед!
— Чӣ тавр?
— Ман ҳам бо шумо меравам.
— Комитети Марказӣ шуморо намемонад.
— Мемонад! Балки худашон мефиристонанд.
— Гулбаҳор чӣ мешавад?
— Гулбаҳорро муваққатан монда меравем. Ба он ҷо рафта, саранҷоми корро дуруст кунем, баъд гирифта барем, мешавад.

Ин қарори ҷасуронаи занашро шунида, Асо ҳайрон ва гаранг шуда монд. Дар Бухоро дар он дам ҳеҷ як зан бо ризою рағбат ба Бухорои Шарқӣ рафтан намехост. На ин ки зан, балки мардҳо низ моҳиёна ва шароити бисьёр хуби Душанберо паси по зада, аз рафтан сар метофтанд. Бухорои Шарқиро чун бадарға гумон мекарданд. Дар ҳақиқат ҳам дар охирҳои соли 1921 Бухорои Шарқӣ даҳанаи кӯҳи оташфишон буд. Қӯрбошиҳои гуногун ҳар қадом вилояте, сарзаминеро ба худ тобеъ карда гирифта, тохту тоз мекарданд ва хусусан одамҳои ҳукуматро бераҳмона мекуштанд ва поймол мекарданд. Ҳамаи инро Фирӯза медонист ва бо вуҷуди ин ҳама на ин ки шавҳараш — Асоро аз роҳ намезад ва гирья карда ба ӯ намечаспид, балки баръакс, худаш ҳам ҳамроҳ шуда рафтан мехост. Вай ба хотир овард, ки Фирӯза наберани дастпарвари Дилором каниз аст. Агар Ди-

лором каниз дар ҳамин вазъият мешуд, албатта ба ҳамин қарор меомад. Пас гуфт:

— Азизи ман, Фирӯзаи ҷасури ман, меҳрубони ман! Шумо чиҳо мегӯед? Мефаҳмед ба чӣ қароре омадаед? Барои ман шуда?!

— Чаро барои шумо? — гуфт бо табассум Фирӯза.— Худам мехоҳам, ки кӯҳистонро рафта бинам, ба занҳои он ҷо кӯмак кунам, ба паҳн кардани маорифу маданият ёрӣ расонам.

— Шумо қаҳрамон, шумо ҷасур — гуфт Асо ва занашро дар оғӯш карда ба дилаш сахт фишурд.

## II

Корвони хурде, ки ҳомили китобу дафтару қаламу асбобҳои дарсӣ буд, бо азобу машаққат роҳ гашта, бегоҳӣ, пас аз торик шудани ҳаво маҷбуран ба қишлоқи Равотак, ки дар сари роҳ буд, манзил кард. Корвонро даҳ нафар аскари сурх, шаш нафар хизматчиёни идораҳо, Асо ва Фирӯза мушойиат мекарданд. Онҳо саҳари барвақт аз Деҳнав баромада, ният доштанд, ки бегоҳӣ ба Душанбе мерасанд ва аз азоби сафар халос мешаванд. Вале нашуд. Тақрибан ҳамаи дарьёҳои шӯхоби кӯҳии ин байн бепул буданд. Дар натиҷаи борони чандинрӯза, ки гӯё, ҳеҷ охир надошт, ин дарьёҳо аз об пур шуда ва пеши роҳи корвонро гирифта буданд.

— Боз аз се дарьё гузаштан лозим,— гуфт корвонбошӣ, ки марди сиёҳчеҳраи қадбаланд ва тану тӯшнок буд.— Насиб бошад, пагоҳ дар равшанӣ роҳ гашта, бемалол, сиҳат ва саломат ба Душанбе медароем. Қишлоқи майда бошад, ҳам, қишлоқи Равотак барои мо сарпаноҳе дорад.

— Чӣ,— гуфт Асо, ки ба кӯҳистон аввалин бор меомад,— дар ин қишлоқ ягон корвонсарое ҳаст?

Корвонбошӣ хандид:

— Агар корвонсарой медошт, Равотак намешуд. Дар майдони пеши масҷид улавҳоро мемонем, худамон дар масҷид хоб мекунем. Ман дар ин ҷо як ошно дорам, мефармоям, шумо катӣ хоҳарамро ба хонааш бурда ҷойгир мекунад... Ба ҳар ҳол занфа, дар байни мардҳо хуб не.

«Заифа» дар ин дам дар тан чакмани сафеди шинам,

ба сар рӯмоли пашмин, дар по мӯза ба фаровардан ва ҷо ба ҷо кардани тойҳои китобу дафтарҳо ба аҳли корвон ёрӣ медод ва болои молҳои қиматбаҳоро бо брезент ва ҷуволҳои пашмин ва тахтаю тунукаҳо мепӯшонид, ки дар борон тар нашаванд. Масъули расонидани ин молҳои қиматбаҳо Фирӯза буд. Уро ба ихтиёри маориф командировка карда буданд. Вай мебоист ба зану марди шаҳри Душанбе, ба ҷавонҳо ва бачаҳои мактабхои китобхои нави дарсӣ мерасонид ва мактабҳоро аз ҳамаи лавозимоти хониш таъмин мекард.

Асо бошад, маъмурияти махсусаи худашро дошт. Вай дар ду папкаи чармини мустаҳкам пул ва санадҳоро мебурд, ки ҳеҷ кас аз аҳли корвон ҳам аз ин хабар надошт.

Омада расидани корвон барои аҳли қишлоқчаи Работак як воқеаи калон, як ходисаи таърихӣ барин буд. Зеро ки ба ин қишлоқ ҳеҷ гоҳ корвоне намеистод ва бошандагони он ки ҳамааш шуда иборат аз даҳ хонавода буданд, аз тирамоҳ то расидани баҳор фақат ба ҳамдигар меҳмон мешуданд ва рӯи одами бегонаро камтар медиданд.

Имому оқсаққоли Работак корвонбоширо мешинохтанд. Онҳо бо вай вохӯрдӣ карда, хуш омадед, гуфтанд ва фармуданд, ки дар айвон ва меҳмонхонаи масҷид ҳезум ҷамъ кунанд ва гулхан афрӯзанд. Солдатҳо аспҳои худро ба зери суфаи масҷид — дар кӯча қатор мех зада баста, беда ва ем доданд ва баъд ба гирди оташи зери айвон нишаста, пойтобаҳо ва гимнастёркаҳои таршудаи худро ба хушк кардан сар карданд. Хизматчиёни идораҳо ба меҳмонхона даромаданд.

Асо корвонбоширо ба як канор даъват карда пурсид:

— Ошнои инҷоии шумо ҳамин оқсаққол-мӣ?

— Не, чӣ буд?

— Ҳеҷ,— гуфт Асо бо табассум,— надонам барои чӣ ин оқсаққол ба ман чандон маъқул нашуд.

— Ба ман ҳам маъқул не... Ба ҳар ҳол ҳушьёр мешавем,— гуфт мардаки пурдон.— Ҷӯраи ман одами дилпур мешудагӣ, ҳозир пайдо шуда мемонад... Э, ана омадааст, бо командир гап зада истодааст, биёед ман шинос кунам.

Корвонбошӣ Асоро бо як ҷавони сисола, ки дар танаш аз зери ҷомаи нимдошти сатини сиёҳи пахтанок шолвори хокистаррангн аскарӣ дошт, шиносонид.

— Ин ҷӯраи ман, номаш Латиф Қутул[1]. Ҳукумати ҳамин гирду атроф ҳавай. Босмачӣ номашро шунааад ба ҳафт санг роҳ мегурезад. Ман шумоюю хоҳарам Фирӯзахонро ба ихтиёри вай месупорам ва баъд худам осуда шуда, роҳат мекунам.

— Салом! — гуфт Латиф ба Асо даст дароз карда.— Биёед, хуш омадед! Равотаки мо аз қадами шумо чароғону гулистон гашт.

— Саломат бошед,— гуфт Асо.— Маҷбур шудем, ки шуморо ба ташвиш андозем. Насиб бошад, пагоҳ аввали рӯз қишлоқро холӣ мекунем.

— Аз ташвиш худо нигоҳ дорад,— гуфт Латиф,— ба ростӣ мегӯям, ки Равотаки мо имшаб тӯй дорад. Қанӣ, марҳамат, хоҳарам дар куҷо?

— Ҳозир ӯро меёбем,— гуфт Асо ва бо корвонбошию Латиф ба майдони назди масҷид фаромад.

Фирӯзаро дар назди шутурбонҳо ёфтанд. Вай ба онҳо мефаҳмонид, ки китобу дафтару дигар асбобҳо набояд дар борон тар шаванд, онҳо аз тойҳо бохабар бошанд, мабодо касе брезент ё ҷуволеро аз рӯи онҳо бардорад. Ҳамроҳи вай духтарчаи фатиламӯе ва писарчаи харобаки қаддарозе низ буданд, ки гӯё ба вай ёрӣ медоданд.

— Ана, ман дӯстҳои нав пайдо кардам,— гуфт Фирӯза Асоинро дида.

— Ин фатиламӯяк — Занҷира ном дорад, инаш акаи вай, номаш Шанбе...

— Ҳамаи инҳо аскарҳои Латиф Қутул! — гуфт корвонбошӣ ва ба бачаҳо муроҷиат кард: — Хӯш, шумо аз кадом даста?

— Аз дастаи аввал,— гуфт Шанбе далерона,— номамон «Оташ».

— Э, бале! — гуфт корвонбошӣ.— Писари кӣ мешавӣ?

— Писари Аваз мерган!

— Ба аскарҳо хезум овардӣ?

— Овардам.

— Офарин! Набошад, акнун меҳмонро то ба қӯшхонаашон бурда монетон!

— Хуб шудааст,— гуфтанд бачаҳо.

---

[1] Ин қаҳрамони ҳикояи Ҳаким Карим, ки ба хотири дӯстам ман дар ин ҷо овардам. *Муаллиф.*

Пеш-пеш бачаҳо ва Фирӯза аз паси онҳо Асо ва Латиф ба тарафи канори қишлоқ равон шуданд. Қишлоқ дар доманаи теппаҳои баланду паст ҷойгир шуда буд, ки охири он теппаҳо ба кӯҳ мечаспид. Ҳавлии Латиф дар баландӣ ва аз дигар ҳавлиҳои қишлоқ дар канортар, алоҳида афтода буд. Он ду кулбаю як айвону як оғилро ҳавлӣ ҳам гуфтан ноҷоиз буд, вале нисбат ба ҳавлиҳои ин тараф он хароба номи ҳавлиро гирифта буд.

Латиф чароғи сиёҳро даргиронду ба гирди оташдоне, ки дар наздикии сӯрохи тирезамонанди хона ба замин канда шуда буд, як-ду пӯстак ва ду кӯрпаю кӯрпачаро партофта меҳмонҳоро ба нишастан даъват кард. Бачаҳо хезум оварданд, ба оташдон қала карданд ва дар як дам тамоми шифти хонаро дуд фаро гирифт.

— Хонаҳои кӯҳистонии моро айб намекунед! — гуфт Латиф.— Ман худам дар ин ҷо ҳар рӯз намешавам, хоҷаҳои ин хона ана ҳамин сағираҳо. Падарашонро босмачиҳо куштанд, ман аз онҳо қасос гирифтаму бачаҳоро ба ин ҷо овардам.

— Бисьёр кори нағз кардед,— гуфт Фирӯза.— Пагафардо Занҷира як духтари чаққони рӯзғордор мешавад. Худаш ош мепазад, худаш хона мерӯбад.

— Ҳозир ҳам ман хона мерӯбам...— гуфта монд Занҷира.

— Акнун хоб кунетон! — гуфт Латиф аз ҷо бархоста.— Занҷира ба шумо хизмат мекунад, ман катӣ Шанбе дар ҷои дигар мешавем.

— Шумо ташвиш накашед! — гуфт Асо.— Як шаб ҳеҷ гап не, ҳамаамон дар ҳамин хона ҷо мешавем.

— Не, гап дар ин не,— гуфт Латиф.— Мо ҳар шаб бо Шанбе навбатдорӣ мекунем. Одамҳои Ҳайит полвони кӯрбошӣ нохост-нохост шабохун мезананд. Агар мо бедор ва навбатдор бошем, коре карда натавониста бармегарданд. Шумо боҳузур хобед, ҳеҷ парво накунед.

— Набошад ман ҳам бо шумо навбатдорӣ кунам? — пурсид Асо.

— Не, лозим не. Насиб бошад, воқеае намешудагист... Босмачиҳо дур, аз корвон бехабар.

— Лекин оқсаққолатон аз ҳад зиёд тамаллуқ кард,— гуфт Асо,— метарсам, ки хабар накашад.

— Аз дасти вай омадани ин кор аҷаб не... Вай рӯбоҳ ягон рӯз фош мешаваду худи мардуми қишлоқ ҷазоашро медиҳанд

— То ҳоло ба даст наафтод? — пурсид Фирӯза.

— Не,— гуфт Латиф,— вай хеле айёр... Лекин ман дар паяш ҳастам... Имшаб, ба ҳар ҳол шайтанат намекардагист... Хайр, шумо хотирҷамъ бошед, ки мардуми қишлоқ як сари мӯи шуморо кам кардан намемонанд. Баъд мо чораҳои дигар дорем. Қаратоғ дур не, дар он ҷо аскарҳо ҳастанд, хотирҷамъ! Агар шумо лозим шавед, ман ҷеғ мезанам.

— Хайр майлаш.

Латиф ва Шанбе аз хона баромаданд. Фирӯзаю Асо каме ба андеша монданд.

— Дар пеши аскарҳои сурх мешудем, нағзтар буд,— гуфт ниҳоят андешаи худро ба забон оварда Фирӯза.

— Ҳеҷ гап не, натарсед! — гуфт Асо.— Ман ба Латиф боварӣ дорам.

— Агар босмачӣ биёяд,— гуфт ногост ба миёни гап даромада Занҷира,— дар ин ҷо дар ҳамин қарибӣ як чоҳ ҳаст, чоҳи хушк, ҳеҷ кас онро намедонад, ба ғайр аз Латиф амакам ва Шанбе... Мо дар ҳамон ҷо руст мешавем.

— Босмачӣ намебиёяд! — гуфт Асо.— Аз аскарҳои сурх метарсад.

— Рост, аз аскарҳо метарсанд...— гуфт сухани Асоро тасдиқ карда Занҷира ва дастонашро ба зери сараш болишт карда, ба рӯи пӯстак дароз кашид.

— Ана, дидед! — гуфт Асо ба Фирӯза, ки аз афташ ба воҳима афтодагӣ барин менамуд.— Занҷира наметарсад, боҳузур хоб мекунад. Шумо ҳам хоб кунед!

Аз Қаршӣ то ба ин ҷо расидан осон набуд. Ба воситаи Бойсун ва кӯҳҳои пурхатари он, ба воситаи он чоҳое, ки Асад махсум метавонист шабохун занад, сиҳат ва саломат гузашта омаданд. Дар ҳама ҷо Фирӯза далер, нотарс ва хуррам буд. Вай аввал ба сараш фаранҷӣ ва ба рӯяш чашмбанд дошт. Баъди Қаршӣ фаранҷию чашмбандро лӯнда карда гирифту лекин сару рӯяшро бо рӯмоли калони пашмин пинҳон кард. Баъд оҳиста-оҳиста бо ҳамаи аҳли корвон шинос ва аз они худӣ шуд ва мисли ҳама ба корҳо ёрӣ медодагӣ ва ҳатто гоҳо фармон медодагӣ шуда монд. Аммо чӣ шуда буд, ки имшаб дар чашмонаш воҳима пайдо шуда буд.

— Боиси ин қадар воҳимаи шуморо намефаҳмам!— гуфт Асо ниҳоят пас аз хобидани Занҷира.— Ба шумо чӣ шуд?

— Хеҷ гап не,— гуфт бо табассум Фирӯза ҳам бо овози паст: — Ба ман оқсаққол маъқул нашуд, имоми ришкалон маъқул нашуд, баъд ҳамин Латиф одами нағз менамояду лекин дарундор барин... Ҳамеш ҳамин! Ба ҳар ҳол милтиқу таппончаҳоро тайёр карда монед, эҳтиёт шарт!

— Ҳамааш тайёр!

— Майлаш, ман камтар сар монда гирам.

Асо ба оташдон ду-се чӯб партофту дар борак гуфтаҳои Фирӯза фикр ронд: наход Латиф Қутул одами дарундору шубҳанок бошад? Не, агар бовар намекард, корвонбошӣ моро ба ӯ намесупорид... Баъд, агар вай одами бад мешуд, бачаҳоро ба тарбияи худ намегирифт. Фирӯза бедарак аз вай шубҳа мекунад... Лекин мегӯянд, ки шубҳа падари ҳақиқат аст! Беҳтар аз ҳама он аст, ки одамро худат санҷӣ ва ба ӯ боварӣ ҳосил кунӣ! Пас, беҳтар ки берун баромада, аз худи вай хабар гирам, канӣ бо чӣ кор машғул аст...

Асо милтиқашро ба даст гирифта, аз хона берун баромад. Аввал дар таки айвон истода ба рӯи ҳавлӣ ва атроф синча кард. Борони майда меборид. Ҳама ҷо торик, хомӯшӣ ва оромӣ буд, фақат аз тарафи масҷид баъзе овозҳои одамон ва сулфидани аспҳо шунида мешуд. Асо як сулфиду ду-се қадам ба тарафи дарвозаи ҳавлӣ равон шуд. Аз болои теппаи хурде, ки бевосита дар ақиби дарвоза буд, овози Латиф Қутул шунида шуд:

— Ҳа, меҳмон! — гуфт вай ва тӯппӣ карда худро ба поён партофта, аз дарвоза ба дарун даромад.— Хобатон намебарад?

— Ҳа, як хабар гирам гуфта баромадам. Чӣ гап?

— Хотирҷамъӣ? — гуфт вай.— Аз сари масҷид хабар гирифтам. Аскарбачаҳо ҳушьёр. Ба ҳама ҷо посбон гузоштаанд, командирашон бохабар.

— Имому оқсаққол дар куҷо? Онҳоро надидед?

— Наменамоянд, рафта хобидагиянд! — гуфт Латиф ва аз оринҷи Асо гирифта, ба тарафи айвон бурд.— Агар хобатон набарад, биёед, дар зери айвон, ба болои кат камтар шинем.

Онҳо ба болои кати борик нишастанд ва милтиқҳояшонро ба паҳлуяшон гузоштанд.

— Аҷоиб зиндагӣ шуда монд,— гуфт Латиф.— Қас дар ҳавлии худаш осуда хобида наметавонад. Аз он рӯзе, ки ман барои падари ҳамин сағираҳо қасос гириф-

там ва кушандагони ӯро ба ҷаҳаннам фиристодам, оромӣ надорам. Шабҳоро дар ҳар ҷо рӯз мекунам. На босмачӣ, на имом ва на оқсаққол намедонанд, ки ман имшаб дар куҷо будам ва пага шаб дар куҷо мешавам... Чӣ даркор ҳамин азобу кулфат?!

— Дар ин ҷо истиқомат карданатон зарур-мӣ?!

— Зарур! — гуфт Латиф.— Ман ба босмачӣ дигархелтар нигоҳ мекунам. Ҳамаи босмачӣ, ки имрӯз милтиқ бардошта, ба асп сувор шудааст, босмачӣ не. Урусҳо инро фарқ намекунанд. Ҳукумати Душанбе — ин одамони вакили мухтор бошанд, ба урусҳо ёрӣ дода, мӯро аз ҳамир ҷудо кардан намехоҳанд. Вакили мухтор ба Сурайё афандӣ ном як мардаки бадҷинс тақдири халқи ин атрофро дода мондааст, гоҳ-гоҳ бо босмачӣ ҷанг мекунем, гуфта бо одами бисьёр мебароянд, ҳамаро баробар кушта, хонаҳои мардумро толону тороҷ мекунад. Ба босмачӣ зӯраш ки нарасид, омада деҳқони бечораро мебарад. Ман ба ин корҳо тоқат карда наметавонам. Дар ҳамин ҷо истода, мардуми ин гирду атрофро ҳам аз босмачӣ, ҳам аз Сурайё афандӣ ва ҳам аз дигарон мудофиа мекунам. Урусҳо ба ман боварӣ доранд, аз қалъаи Худашон баромада, ягон корнома нишон доданӣ шаванд, маро ҳамроҳ мегиранд ва бо маслиҳати ман кор мекунанд. Набошад босмачиҳо дар кӯҳистон онҳоро як қадам роҳ гаштан намемонанд...

Даҳони Асо кушода шуда монд. Ин мардаки назарногир, як деҳқони кӯҳистонӣ аз куҷо ин қадар ақлу тадбирро ба даст дароварда бошад!

— Ман ҳам ба ин фикратон ёр ки,— гуфт Асо.— ҳамаи босмачӣ босмачӣ не! Онҳоро фарқ карда тавонистан лозим.

— Бале, фарқ карда тавонистан лозим! — гуфт оҳ кашида Латиф.— Аммо кӣ ин корро мекунад?! Халқҳои бечора бисьёр талаф шуда истодаанд... Босмачӣ омада мекушад, солдат омада мекушад, Сурайё афандӣ омада мекушад! Ба ин як ҳад мондан даркор, бародар! Шумо ба Душанбе, ки рафтед, ҳаминро ба ҳукумат фаҳмонед. Иброҳимбек, Ҳайит қӯрбошӣ, Давлатманд, Фузайл ва дигару дигаронаш аз ӯҳданобарони ҳукуматдорони мо, аз одамро фарқ карда натавонистани онҳо истифода мебаранд, халқро бар зидди давлат мешӯронанд. Ҷое ки гурба набошад, муш сар мебардорад, мегӯянд, рост!

— Аскари рус ҳам,— гуфт Асо,— ҳар хел мешавад.

Як бӯлакашон аз соли 1919 ин ҷониб аз по мӯза, аз тан либоси аскариро накашида, аз ҷабҳа ба ҷабҳа мегарданд, чӣ будани ҳаёти осуда ва фароғатро фаромӯш кардаанд. Онҳоро, ки ба ҷанг сар доланд, дигар ҳеҷ касро фарқ намекунанд, ҳаман онҳое, ки аз тарафи душман меоянд, зада қир кардан мехоҳанд ва парвои ҷони худашонро ҳам надоранд. Лекин ҳастанд, коммунистҳо, комиссарҳо, мефаҳмидагиҳо ҳастанд ва онҳо ҳамеша ҷон коҳонда ташвиқоту тарғибот мекунанд. Лекин ҷанг ки шуд — мисли оташе, ки ба ҷангал меафтад, ҳам хушк месӯзад, ҳам тар!

— Ин гапатон ҳам дуруст,— гуфт Латиф.— Ба онҳо фаҳмонидан лозим. Бинобар он, ҳам ман дар ин ҷо истиқомат мекунам, ҳам хушку ҳам тар насӯзад, мегӯям. Насиҳати падари ман ҳамин буд: аз хизмати халқ сар натоб, он касро ҳурмат кун, ки барои халқ қадаме бардошта бошад!

— Офарин, ҷӯра! — гуфт Асо.— Ба шумо сад раҳмат ва шумо сазовори ҳурмат ҳастед!

— Ман чӣ — гуфт хоксорона Латиф,— халқ агар раво донад, ай лой ёқут месозад!

— Шумо дар куҷо хондагӣ? — пурсид тоқат нокарда Асо.— Гап заданҳоятон одами мадраса тамом кардагӣ барин.

— Ман дар мактаби зиндагӣ хондам,— гуфт Латиф.— Баъд чанд вақт дар аскарӣ хизмат кардам... Хайр, ман шуморо аз хоб монондам. Барвақттар хоб карда, барвақттар хестан лозим. Ман рафта аз қаровулхои худам хабар гирам.

Инро гуфту Латиф аз ҷо бархост ва милтиқро ба китф партофта, ба сӯи дарвоза равон шуд ва дар торикӣ аз назар пинҳон гашт. Асо дар ҷои худ нишаста монд. Дарду андешаҳои ин марди аҷоиброро фаҳмида, вай худашро дар назди ӯ ночиз дид. Мардак дар аскарӣ хизмат карда, барои ҳокимияти шӯроӣ ҷон ба каф гирифта, ҷангида ва аз ҷафоҷӯёни мардум ниқор кашида, яккаю танҳо дар дами бало истиқомат дорад, сари худро халос карда, ба даруни қалъа даромада руст намешавад. Халқ мегӯяд, ғами халқро мехӯрад. Таҳдиди босмачӣ ва кушта шудани худашро ба эътибор намегирад. Гӯё шабу рӯз дар майдони ҷанги хунин зиндагӣ дорад. Ана ҳамин хел одамро раиси ҳайати вакили мухтор кардан лозим буд, на Атохоҷа ё ки Мирбобо Мӯҳсинзодаро!

Дилаш месӯзад, ки босмачӣ аз ӯхданобарони ҳукуматдорони мо истифода бурда, халқро ба худаш мекашад ва деҳқони бечора кӯркӯрона паи Иброҳимбек ва дигару дигарашонро мегирад. Инро Ленин дар Маскав истода дидааст ва гуфтааст, ки афви умумӣ эълон кунанд ва аммо Сурайё афандиҳо деҳқони бегуноҳро аз хонааш гирифта бурда, ҳабс карда мемонанд, тавба! Тавба! Пагоҳ ба Душанбе рафта мерасем. Аммо чӣ қадар кор, чӣ қадар мубориза мебояд! Бале, ба Душанбе сафар кардани вай кори ҳақ ва кори савоб шуд. Дар ин роҳ Фирӯзаи меҳрубон ба вай ёриҳо мерасонад.

Асо аз ҷо бархост ва оҳиста, нӯг-нӯги по қадам гузошта ба хона даромад. Оташи гулхан хомӯш гашта, хона тамом торик шуда буд. Фирӯза ва Занҷира, гӯё дар хоб буданд. Асо оҳиста ба кунҷе хазиду либосҳояшро накашида, сар ба болишт гузошт...

Азоби роҳи сахт ва мондашавӣ кори худро карданд, вай хоб кард. Лекин чӣ қадар ҳобид, як соат ё даҳ дақиқа, намедонад, фақат овози аввалин милтиқпарронӣ ӯро бедор карду зуд яроқашро ба даст гирифт.

— Фирӯза, шумо аз хона берун набароетон!.. Ман хабар гирам!

— Не, ман ҳам...

Сухани Фирӯза ба даҳонаш монду ба хона зада Латиф даромад ва гуфт:

— Меҳмон, шумо бо ман биёед, ҳар чӣ яроқ дошта бошед, бо худатон гиред! Занҷира, ту апаатро ба ҷоҳ гирифта бар, баъд ба шохаҳо оташ зан!

Инро гуфту аз хона давида баромад. Берун торик буд, борон меборид ва аз поён, аз тарафи масҷид овози тирпарронӣ шунида мешуд.

— Зудтар! — гуфт Латиф аз болои теппа.

Асо зӯран Фирӯзаро бо Занҷира гусел карда, худашро ба болои теппа, ба назди Латиф гирифт.

— Ба гумонам,— гуфт Латиф,— ин дафъа худи Хайит полвон бо ҳамаи лашкараш омадагӣ. Онҳо ҳавлии моро медонанд, чапғалат зада ба ин ҷо аз паси хона омаданашон мумкин. Бинобар он, ман шуморо ба ташвиш монондам. Аз хоҳарам хотирҷамъ бошед! Занҷира худаш он касро сариштa мекунад.

Онҳо дар баландӣ, дар ҷои бисьёр нағз ва мувофиқ шинак гирифта буданд. Поён то хеле ҷо дар мадди назари онҳо буд. Ҳарчанд торик бошад ҳам, дидан мум-

кин буд, ки босмачиён аз тарафи ғарб ва ҷануби қишлоқ иҳота карда тир мепарронанд. Аскарҳо ва одамони корвон масҷиди баланд ва ҳавлию хонаҳои атрофи онро ба худ сангар қарор дода буданд.

— Лаънатиҳо ҳеҷ вақт аз ин тараф, аз тарафи Қаротоғ ҳуҷум намекунанд! — гуфт Латиф.— Метарсанд, ки аскарҳо расида омада, миёнагир нашаванд... Лекин, ҳӯ ана, дидед, як қисмашон қишлоқро аз поён давр зада ба ин тараф меронанд. Мехоҳанд, ки одамони моро миёнагир кунанд. Аммо аз будани мо бехабаранд. Майлаш, биёед, наздиктар биёед, мо ба шумо нишон медиҳем!

Асо диққат карда истода, базӯр дид, ки дар ҳақиқат як тӯда босмачиҳо ба тарафи онҳо ҳаракат доранд... Аммо Латиф нагузошт, ки онҳо ба мақсадашон расанд, масҷидро ҳалқавор иҳота кунанд... Дар дасти вай милтиқ не, пулемёти дастӣ буд. Дар айни ҳаёҳу карда ба ҳуҷум сар кардани босмачиҳо пулемёти вай ба қаҳқаҳа даромад. Чанд нафар босмачиҳо аз болои асп сарозер шуданд ва дигарашон рӯ ба гурез ниҳоданд. Асо ҳам фурсатро аз даст надоду нишон гирифта тир задан гирифт...

Дар ин дам Фирӯза ва Занҷира дар даруни чоҳи хушке, ки дар пои теппаи начандон баланде воқеъ гашта буд, милтиқпарронро гӯш карда менишастанд.

— Ба ин ҷо намеоянд,— мегуфт, гӯё ба Фирӯза тасаллӣ дода Занҷира.— Онҳо ин чоҳро намедонанд. Мо чанд бор дар ҳамин ҷо паноҳ шудагӣ... Баъд ман охиста баромада ба шохаҳо оташ мезанам. Барои ин гӯгирд дорам. Командири аскарҳо додагӣ... Ана, дар дастам...

— Барои чӣ ба шохаҳо оташ мезанӣ? — пурсид Фирӯза.

— Барои он ки Шанбе бинаду дар баландӣ ба шохаҳои худаш оташ занад. Оташи ӯро дида аскарҳо меоянд.

— Ту аз босмачиҳо наметарсӣ?

— Метарсам...

— Агар тарсӣ, чи хел ба шохаҳо оташ мезанӣ?

— Ин кори осон... Шохаҳо дар болои ҳамин теппа, охиста мебароям-у ана ин латта катӣ гӯгирдро мебарам-у чирт-чирт гӯгирд зада латтаро дармегиронам ва ба зери шохаҳо мемонам... тамом.

— Шанбе дар куҷо?

— Вай аз ин чо дур... дар баландӣ... Як ғор ҳаст, вай дар ҳамон ҷо... ҷои вайро ҳам босмачиҳо намедонанд.

Дар ин дам аз боло, аз кучое овози Латиф шунида шуд, ки Занчира мегуфт:

— Ана вақт шуд, ман рафтам... Шумо натарсида шинед, ман зуд бармегардам. Оташи Шанберо дида, аскарҳо меоянд, босмачиҳо мегурезанд.

Инро гуфту Занчира бо ду хез аз даруни чоҳ боло баромада рафт.

— Исто, Занчира! — гуфт Фирӯза аз паси вай.—Ман ҳам бо ту меравам!

Аммо Занчира инро нашунид, вай мисли бузғолачаи чаққон ба болои теппача хез карда мебаромад...

Фирӯза аз чоҳ баромада, ба чор ҷиҳат нигоҳ карду Занчираро надид, аммо теппача аз он чо дур набуд. Фирӯза ду-се қадам ба сӯи теппача монда буд, ки ногоҳ як чир задани Занҷираро шуниду гӯё якбора дахони ӯро бастанд. Дили Фирӯза ҷиггӣ карду таппончаро ба даст гирифт ва бо ду хез худро болои теппа расонида, ба сӯи марде, ки бо Занҷира талош мекард, ду тир холӣ кард. Мардак гурсос зада афтод. Фирӯза наздик рафта, оқсаққолро шинохт, ки ба хуни худаш ҷӯлида буд. Занчира бошад, ба сӯи дигар афтода буд.

Овози милтиқ ва пулемёт ҳама ҷоро фаро мегирифт. Фирӯза ба чизе аҳамият надода, Занчираро аз замин бардошт. Ба вай осебе нарасида, фақат ғаш карда буд. Занчира аз навозишҳои Фирӯза андаке ба ҳол омаду:

— Шоха... Оташ! — гуфт базӯр ва ба дасти Фирӯза гӯгирду латтаро дод.

Фирӯза ба гирду атрофаш нигоҳ карда дид, ки дар пасхамии байни девори теппа як миқдор шоха истодааст. Вай зуд ба зери шоха латтаи сӯзонро монда онро оташ дод ва худаш дар шӯълаи оташи фурӯзон Занҷираро бардошта ба поён фаровард...

## III

Субҳ борон боз истод, абрҳо пора шуданд ва ҳатто дар тарафи шарқ уфуқ лолагун гашт. Манзараи дилгиркунандаи ин қишлоқ, ки дирӯз бегоҳӣ корвонро қабул карда буд, имрӯз аввали пагоҳ фараҳафзо буд. Дар доманаи теппаҳои баланду паст ҳавлию хонаҳои қишлоқ

мисли подаи дар як ҷо ғун шуда хобида менамуд. Дар поён водии васеъро санглохҳои дарьёҳои кӯҳӣ бурида мегузаштанд. Баргони дарахтони бисьёре, ки дар боғоти қишлоқ ва атрофи он раста буданд, бо афсуни ҳавои тирамоҳ гуногунранг шуда буданд: сабз, нофармон, зард, сурх, гулобӣ... Дар рӯи замин аз паҳлуи сабзаҳои зардгаштаи баҳорӣ, боз сабзаи навхез дамида баромада буд. Ҳарчанд ки дар натиҷаи боронҳои чандинрӯза ҳама ҷо обу лой шуда буд, лекин теппаҳо, баландию пастиҳо ва даштҳо хуррам ба назар метофтанд. Дар ҳаво аз борон ва намигарӣ асаре намонда, баръакс як ҳаловат ва бӯи хуши гулу гиёҳҳо пур шуда буд. Андак шамоли форами субҳгоҳӣ абрҳои порагаштаро қамчин зада меронд ва нӯги теппаю кӯҳсоронро шӯълаи зарнигори офтоб мунаққаш карда буд. Умуман табиат аз тирагии дишаба пушаймон гашта, бо ҳамаи хуррамиҳояш ҷилвагарӣ мекард.

Лекин одамҳо ин тавр набуданд. Тирагӣ ва оташбории дишаба имрӯз онҳоро то дараҷае ғамнок ва андӯҳгин карда буд. Ҳарчанд ки корвони маърифат ғалаба кард ва саворони ҷаҳолатро зеру забар намуд, ҳарчанд ки дар айни мушкилии кор аскарони сурх аз Қаротоғ расида омада, босмачиёнро торумор карданд, лекин дар саҳни масҷид се нафар захмӣ ва дар поёни суфа ду тобут гузошта шуда буданд.

Дар ду тобут ду аскари сурх, ду нафар руси ҷавон мехобиданд. Дишаб дар вақти шабохун задани босмачиён посбонӣ мекарданд ва аввалин қурбониҳои ҷинояти онҳо гаштанд. Дар саҳни масҷид ду нафар аз аҳли корвон ва Асо, ки тир хӯрда захмӣ шуда буданд, мехобиданд ва ягона духтуре, ки хушбахтона бо корвон буд, дар сари болини онҳо нишаста, бо мададгории Фирӯза ёрии аввалини тиббӣ мерасонид.

Ҳикояти тир хӯрдани Асо чунин буд: вай бо Латиф Қутул дар сангаргоҳи худ нишаста, ба босмачиён тир мезад, ки ногоҳ овози чир задани Занҷира ва баъд ду бор холӣ шудани тири таппончаро шунид. Истода натавониста хез кашид ва ба манъ карданҳои Латиф аҳамият надода, ба сӯи овоз давид. Лекин ҳанӯз панҷ-шаш қадам нагузошта, аз китфаш тир хӯрд ва чаппа шуда ба замин афтод. Латиф Қутул ӯро бардошта, ба сангараш бурд ва захмашро сахт баста, рафтани хунро боз дошт.

— Хайрият ки дар сари вақт захми шуморо сахт бастаанд,— гуфт духтур ба Асо,— набошад хун бисьёр рафта, шуморо лоҳаз мекард... Ҳозир мо андак тоза карда, даво карда, аз нав мебандем. Ҳеҷ гап не, тир гузашта рафтааст, устухони шона андак зарар дидагӣ барин, дигар чизе нест...

Асо ба Латиф Қутул, ки ӯ ҳам ба духтур ёрӣ медод, бо назари миннатдорӣ нигоҳ карда монд. Латиф ба вай бо табассуми меҳрубонӣ ҷавоб гардонид. Ин меҳмони якшаба ҳам бо амал, ҳам бо гуфтори худ дили ӯро бурда буд ва ба ӯ чунон таъсире бахшида буд, ки шояд дар мактаби яксола ин қадар дарс омӯхта наметавонист...

Латиф ба поёни саҳни масҷид фуромад ва ба тобутҳои ду ҷавони қурбонгашта наздик шуд. Аз рӯи қоидаи русӣ қурбоншудагонро дар либоси худашон ба даруни тобут хобонида, дастҳояшонро ба сари дилашон гузошта буданд. Латиф фикр кард, ки мусулмонҳо низ дар ғазо шаҳидшудагонро аз рӯи қоида, бо либосашон, ана ҳамин тавр гӯр мекунанд. Инҳо низ шаҳид шудагӣ, шаҳиди роҳи озодӣ ва ҳақиқат! Вай диққат карда дид, ки дар симои ҳар дуи онҳо ҳам акси таъсири он дарди ногаҳонӣ, ки боиси ба фано рафтани ҳамаи умеду орзуҳои ҷавонии онҳо буд, акси таъсири дасти хиёнат, акси таъсири ҷудо гаштан аз ҷони ширин баръало намоён буд. Латиф аз хаёл гузаронид, ки ин ду ҷавон дар шаҳри худ, дар қишлоқи дури худ падару модар доштагиянд, номзадҳо — арӯсҳо доштагиянд ва онҳо ба роҳи ин ду ҷавон чашми интизорӣ дӯхта истодагиянд. Афсӯс, ки ҳамааш барбод рафт! Ба ин ду ҷавон чӣ зарур буд, ки марги худро дар ин кӯҳистони дурдаст ёбанд? Онҳоро чӣ лозим буд, ки ин қадар роҳ тай кунанд, ин қадар азоб кашанд ва лаззати дуньёро надида, чашм аз ҷаҳон пӯшанд?! Бале, онҳо барои халосии вай, барои халосии Фирӯза, барои халосии Занҷира ва Шанбе ҷон доданд, онҳо барои беталаф ва пурра бурда расонидани китобу дафтару қалам ба фарзандони тоҷик корвони маърифатро ҳимоя карда омада, қурбон гаштанд... Онҳо ба касе ҷафо накарда буданд, онҳо нони касеро аз даҳонаш кашида нагирифта буданд. Онҳо сулҳу амонӣ ва осудагиро, дӯстӣ ва рафоқатро посбонӣ мекарданд ва бо дасти хиёнат кушта шуданд. Кӣ медонад, шояд ба кушта шудани онҳо то андозае вай, Латиф Қутул, ҳам сабабгор шуда бошад!

Дишаб ҳам Асо, ҳам Фирӯза шубҳаи худро аз имому оқсаққол баён карданд, аммо вай, Латиф бошад, ба онҳо аҳамият надод. Гумон кард, ки аз ташвиши рӯзона монда шуда, ҳар ду ҳам ба хонаҳояшон рафта хобидаанд. Аммо дар ҳақиқат онҳо сӯиқасд ташкил додаанд. Чи тавре ки маълум шуд, ба Ҳайит полвон кас фиристода, хабар додаанд, ки ба қишлоқи Работак корвони калон бо молҳои қиматбаҳо омада фуромад ва худашон аз дарун истода ба хиёнат сар кардаанд. Оқсаққол аз куҷо фаҳмидааст, ки ба шоха оташ задан — ба аскарҳо хабар додан аст ва барои пешгирии он махсусан пойда рафта, Занҷираро буғӣ карда куштанӣ шудааст.

Хайрият, ки Фирӯза дар сари вақт расида, ӯро ба ҷазои сазовораш расонидааст. Ана, ҳамаи ин ба вай дарс, дарси ибрат мешавад...

Фирӯза бошад, сафо ва латофати саҳарии кӯҳистонро намедид, ҳис намекард, дар дил ва эҳсосоти ӯ ҳанӯз ҳам мисли дишаба тирагӣ ва сиёҳӣ ҳукм меронд. Дар назди болини шавҳари меҳрубонаш нишаста зӯраки бо табассум ба рӯи ӯ чашм медӯхт, аз рӯҳои қуташ канда ва лабони карахшбастаи ӯ ҳар замон бӯсаҳо мегирифт. Вай ба худаш борҳо таъкид карда мегуфт, ки не, ба Асо чизе намешавад, Асо чанд рӯз нотоб мехобаду боз сиҳат шуда мехезад. Вай ҷавон, вай боқувват, ҳунаш бисьёр нарафтааст, тир безарар баромада рафтааст... Ҳеҷ боке не, ҳеҷ боке не! Аммо қаъри дилаш, кадом як нихонхонаи дилаш сиёҳ буд ва он сиёҳӣ ҳастии ӯро тира мекард. Яъсу умед ҳар замон ҷои худро иваз карда меистоданд. Гоҳо бовар мекард, ки дар Душанбе онҳоро рӯзҳои нек ва муваффақияту комьёбиҳои бузург интизор аст. Ҳар ду дасту остин бар зада кор мекунанд; бар зидди вайронкорон ва душманон, бар зидди танбалон ва худписандон мубориза мебаранд; дӯстон ва муҳиббони нав — мисли Латиф Қутул меёбанд... Баъд Гулбаҳорро, ҷони ширинашонро, гирифта меоянд. Бо вай баҳорро меоранд, гулу лоларо, хандаю шодиро меоранд... Гоҳо ба худ мегуфт, ки агар Асо, худо накарда, ягон чиз шавад, аз даст равад, вай чӣ кор мекунад? Магар бе Асо зиндагӣ кардани вай мумкин мешавад?! Дар он ҳол на рӯз, на шаб, на моҳ ва на сол мемонад! Дар он хол баҳору тобистон, тирамоҳу зимистон якранг мешаванд! Дар он ҳол вай на дӯстро медонад, на душманро меши-

носад! Не, не! Илоҳӣ он рӯз нашавад! Илоҳӣ он рӯзро надида аз ҷаҳон чашм пӯшад!

Асо бошад, дардро чандон ҳис намекард. Хусусан пас аз он ки духтур захмашро кушоду хунҳоро тоза карда, чӣ як доруе молид, ки сӯзиши яраро хеле кам кард, лекин ҳарораташ баланд шуда истода буд, ҳалқаш қоқ мешуд, сараш дард мекард ва пеши чашмаш гоҳ-гоҳ тира мешуд. Ба ҳар ҳол вай дар худ ноумедие ҳис намекард. Мурдан ба хаёлаш ҳам намеомад.

— Кас дар ҷанг тир мехӯрад, захмӣ мешавад, лекин боз гашта шифо меёбад, сиҳат шуда мехезад,— мегуфт худ ба худ. Вай барои мурдан ё ки маиб шуда хобидан ба ин ҷо наомадааст. Ин таб, ин дарди сар ҳам мегузарад. Тоқат кардан лозим. Ба Фирӯза тасаллӣ дода, рӯҳи ӯро бардоштан лозим. Набошад, вай бисьёр хафа ва ноумед шуда монданаш мумкин...

Дар ин байн корвонбошӣ корҳои лозимаро ба ҷо оварда, ба командири отряд хабар дод, ки тобутҳоро бардоштан мумкин аст. Командир фармон дод, аскарҳо тобутҳоро ба китф бардоштанд ва бо ҳидояти корвонбошӣ ба сӯи теппае, ки дар он ҷо ду қабр канда шуда буд, равон гаштанд. Аз паси тобутҳо аскарҳо ва фармондеҳони онҳо, баъд аҳли корвон ва аҳолии қишлоқ қатор шуда буданд. Дар назди беморон духтур, Фирӯза ва се нафар аскари мусаллаҳ ба посбонӣ монданд.

Фирӯза ба беморон парасторӣ мекард ва яке дид, ки Занҷира ба як хурма шиpу дуто нони гарм бардошта омада истодааст. Ин меҳрубонии духтарчаро дида, қариб буд аз чашмони вай ашк ҷорӣ шавад.

— Э саломат бош, хоҳаракам! Дастонат насӯхтанд? Чӣ тавр нони гарм овардӣ!

Занҷира ба назди болини Асо нишаста, бо чашмони пур аз навозиш ба рӯи ӯ нигоҳ кард:

— Дард мекунад? Ҳеҷ гап не, сиҳат мешавад!

Асо бо дасти сиҳаташ сари ӯро ва мӯҳои фатилаашро навозишкунон сила кард.

— Дард намекунад... Ту омадӣ, акнун сиҳат мешавам! — гуфт вай ва аз шири доғи Занҷира овардагӣ як пиёла нӯшид.— Дилам нон намехоҳад. Худатон хӯред, ба рафиқон диҳед!

Фирӯза ба дигар беморон нону шир хӯронда истода буд, ки аз болои теппаҳо овози тирпарронӣ баланд шуд. Занҷира тарсида аз ҷо ҷаҳид.

— Натарс, духтарам! — гуфт духтур ба вай.— Ин аскарҳои мо, ба сари қабри рафиқонашон ба аломати хайру хӯш тир холӣ мекунанд. Расми аскарҳо ҳамин, дар вақти гӯр кардан тир холӣ мекунанд.

Ҳақиқатан се бор тирпарронӣ шуду баъд оромӣ ҳукмронд. Пас аз соате ҳама ба роҳ омода шуданд. Захмиҳо ба рӯи хасу кӯрпаҳо дар аробаҳо хобида буданд, дигарҳо ба аспҳо савор, корвон ба роҳ баромад.

## IV

Шаҳри Душанбе дар баландӣ, дар пояи теппаҳое, ки ниҳояташон ба кӯҳҳои Ҳисор рафта мерасиданд, воқеъ гаштааст. Пештар ҳатто ин ҷоро шаҳр гуфтан мумкин набуд. Ин ҷо қишлоқи калоне буд, ки мирони Ҳисор тобистонҳо ба боғу бӯстони он манзил карда худро аз гармии тоқатфарсои шаҳри Ҳисор эмин мегардониданд. Ҳарчанд ки дарьёи Душанбе аз поёни шаҳр мегузашт, вале ҷӯи калони «Ҳазора» боғу бӯстонҳои шаҳрро аз оби ҷонбахши он саршор мекард.

Пас аз инқилоб амир гурехта омада, бинои гарнизони аскарони ҳукумати собиқи русро, ки аз хишти пухта ва ба тарзи европоӣ сохта шуда буд, ба худ «қаср» сохт ва Душанберо «пойтахт» эълон кард. Пас аз гурехтани амир ҳукумати шӯроӣ ва ҳайати вакили мухтори ҷумҳурияти Бухоро низ Душанберо маркази Бухорои Шарқӣ эълон намуданд ва дар як ҳавлии калон, ки ба қалъаи хурде монандӣ дошт, манзилгузин гаштанд. Бинои хиштини гарнизонро акнун аскарони сурх ишғол карда буданд.

Он рӯзҳо Иброҳим-бек дар Кӯктош нишаста, одамони вай то ба соҳили Кофарниҳон ва дар тарафи Янгибозор ҳатто ба ин тарафи ин дарьё тохтутоз карда мегаштанд. Одамони ҳукумат аз шаҳр чандон дур рафта наметавонистанд. Фақат роҳи Бухоро гӯё боз буд, ки аз он тараф ҳам бе посбонии аскарон омадан илоҷ надошт.

Ҳар корвоне, ки аз тарафи Бухоро мерасид, барои аҳли шаҳр шодмонӣ ва тантана меовард. Он рӯз мардум ид мекарданд. Хусусан онҳое, ки аз Бухоро ба ин ҷо командировка шуда ба кор омада буданд! Онҳо аз ҳар кадом аҳли корвон, аз чизу чораҳои овардагии онҳо,

носад! Не, не! Илохӣ он рӯз нашавад! Илохӣ он рӯзро надида аз ҷаҳон чашм пӯшад!

Асо бошад, дардро чандон хис намекард. Хусусан пас аз он ки духтур захмашро кушоду хунҳоро тоза карда, чӣ як доруе молид, ки сӯзиши яраро хеле кам кард, лекин харораташ баланд шуда истода буд, халқаш қоқ мешуд, сараш дард мекард ва пеши чашмаш гоҳ-гоҳ тира мешуд. Ба ҳар ҳол вай дар худ ноумедие хис намекард. Мурдан ба хаёлаш ҳам намеомад.

— Кас дар ҷанг тир мехӯрад, захмӣ мешавад, лекин боз гашта шифо меёбад, сиҳат шуда мехезад,— мегуфт худ ба худ. Вай барои мурдан ё ки маиб шуда хобидан ба ин ҷо наомадааст. Ин таб, ин дарди сар ҳам мегузарад. Тоқат кардан лозим. Ба Фирӯза тасаллӣ дода, рӯҳи ӯро бардоштан лозим. Набошад, вай бисьёр хафа ва ноумед шуда монданаш мумкин...

Дар ин байн корвонбошӣ корҳои лозимаро ба ҷо оварда, ба командири отряд хабар дод, ки тобутҳоро бардоштан мумкин аст. Командир фармон дод, аскарҳо тобутҳоро ба китф бардоштанд ва бо ҳидояти корвонбошӣ ба сӯи теппае, ки дар он ҷо ду қабр канда шуда буд, равон гаштанд. Аз паси тобутҳо аскарҳо ва фармондеҳони онҳо, баъд аҳли корвон ва аҳолии қишлоқ қатор шуда буданд. Дар назди беморон духтур, Фирӯза ва се нафар аскари мусаллаҳ ба посбонӣ монданд.

Фирӯза ба беморон парасторӣ мекард ва яке дид, ки Занҷира ба як хурма ширу дуто нони гарм бардошта омада истодааст. Ин меҳрубонии духтарчаро дида, қариб буд аз чашмони вай ашк ҷорӣ шавад.

— Э саломат бош, хоҳаракам! Дастонат насӯхтанд? Чӣ тавр нони гарм овардӣ!

Занҷира ба назди болини Асо нишаста, бо чашмони пур аз навозиш ба рӯи ӯ нигоҳ кард:

— Дард мекунад? Ҳеҷ гап не, сиҳат мешавад!

Асо бо дасти сиҳаташ сари ӯро ва мӯҳои фатилаашро навозишкунон сила кард.

— Дард намекунад... Ту омадӣ, акнун сиҳат мешавам! — гуфт вай ва аз шири доғи Занҷира овардагӣ як пиёла нӯшид.— Дилам нон намехоҳад. Худатон хӯред, ба рафиқон диҳед!

Фирӯза ба дигар беморон нону шир хӯронда истода буд, ки аз болои теппаҳо овози тирпарронӣ баланд шуд. Занҷира тарсида аз ҷо ҷаҳид.

— Натарс, духтарам! — гуфт духтур ба вай.— Ин аскарҳои мо, ба сари қабри рафиқонашон ба аломати хайру хӯш тир холӣ мекунанд. Расми аскарҳо ҳамин, дар вақти гӯр кардан тир холӣ мекунанд.

Ҳақиқатан се бор тирпарронӣ шуду баъд оромӣ ҳукмронд. Пас аз соате ҳама ба роҳ омода шуданд. Захмиҳо ба рӯи хасу кӯрпаҳо дар аробаҳо хобида буданд, дигарҳо ба аспҳо савор, корвон ба роҳ баромад.

## IV

Шаҳри Душанбе дар баландӣ, дар пояи теппаҳое, ки ниҳояташон ба кӯҳҳои Ҳисор рафта мерасиданд, воқеъ гаштааст. Пештар ҳатто ин ҷоро шаҳр гуфтан мумкин набуд. Ин ҷо қишлоқи калоне буд, ки мирони Ҳисор тобистонҳо ба боғу бӯстони он манзил карда худро аз гармии тоқатфарсои шаҳри Ҳисор эмин мегардониданд. Ҳарчанд ки дарьёи Душанбе аз поёни шаҳр мегузашт, вале ҷӯи калони «Ҳазора» боғу бӯстонҳои шаҳрро аз оби ҷонбахши он саршор мекард.

Пас аз инқилоб амир гурехта омада, биноҳои гарнизони аскарони ҳукумати собиқи русро, ки аз хишти пухта ва ба тарзи европоӣ сохта шуда буд, ба худ «қаср» сохт ва Душанберо «пойтахт» эълон кард. Пас аз гурехтани амир ҳукумати шӯроӣ ва ҳайати вакили мухтори ҷумҳурияти Бухоро низ Душанберо маркази Бухорои Шарқӣ эълон намуданд ва дар як ҳавлии калон, ки ба қалъаи хурде монандӣ дошт, манзилгузин гаштанд. Биноҳои хиштини гарнизонро акнун аскарони сурх ишғол карда буданд.

Он рӯзҳо Иброҳим-бек дар Кӯктош нишаста, одамони вай то ба соҳили Кофарниҳон ва дар тарафи Янгибозор ҳатто ба ин тарафи ин дарьё тохтутоз карда мегаштанд. Одамони ҳукумат аз шаҳр чандон дур рафта наметавонистанд. Фақат роҳи Бухоро гӯё боз буд, ки аз он тараф ҳам бе посбонии аскарон омадан илоҷ надошт.

Ҳар корвоне, ки аз тарафи Бухоро мерасид, барои аҳли шаҳр шодмонӣ ва тантана меовард. Он рӯз мардумид мекарданд. Хусусан онҳое, ки аз Бухоро ба ин ҷо командировка шуда ба кор омада буданд! Онҳо аз ҳар кадом аҳли корвон, аз чизу чораҳои овардагии онҳо,

ҳатто аз шутурҳояшон бӯи Бухоро, бӯи шаҳри худро фаҳмидан, ҳис кардан ва даме аз бӯи муаттари Ватан масту бехабар шудан мехостанд...

Ҳарчанд ки аҳли Душанбе ба қишлоқи Шоҳмансур (панҷ чақрим дур), яккаю танҳо рафта наметавонистанд, лекин рӯзи бозор ба ин ҷо одами бисьёр ҷамъ мешуд. Аз қишлоқҳои Варзоб, Янгибозор, аз шаҳрҳои Ҳисор, Қаротоғ ва Кӯктош ва аз ҷоҳои дигар бозорчӣ меомад. Бозор хеле обод мешуд. Гӯсфанду гову хару аспу шутур; гандуму ҷаву ҷуворӣ; меваҳои гуногун; молҳо ва асбобҳои ҳунармандӣ; табар, теша, каланд, қайчӣ ва ҳоказо харида мешуд, фурӯхта мешуд. Як сабаби ин қадар ободии бозор, ҳамин буд, ки дар ин ҷо мардум омада, бехавфу ҳарос савдояшон, хариду фурӯшашонро мекарданд. Ба ин ҷо ҳуҷум ва тохту този босмачиён намешуд. Аз гарнизони пурзӯри аскарони сурх метарсиданд.

Он рӯзе, ки корвони мо ба Душанбе расид, рӯзи бозор буд. Дар майдони васеъ, ки ба болои роҳи Корвон воқеъ гашта буд, халоиқи бисьёре ҷамъ шуда буданд. Мардум омадани корвонро аз дур дида, ба канори дарьё ба пешвоз баромаданд. Аз куҷо нақораю сурнайнавозон пайдо шуданд, раққосон ба даст қайроқ гирифта мерақсиданд, ҷавонҳо, бачаҳо, ҳаё-ҳуро баланд карда буданд. Аз гарнизон як даста аскар фуромад, ароба ва чорчархаҳои холиро, ки дар онҳо бистарҳо ва рӯҷоҳои сафед густурда шуда буд, оварданд. Мардум ин аробаҳоро дида чизе нафаҳмиданд. Вале баъзе бохабарҳо донистанд, ки ин аробаҳо ва ин ходимони тиб бедарак ба пешвози корвон нафаромадаанд, албатта дар корвон беморон будагиянд.

Корвон бо ҳидояти корвонбошии моҳир аз ҷои гузари дарьё сиҳат ва саломат гузашт. Намояндагони ҳукумат, ки дар байни онҳо аз маориф, аз молия ва аз банки давлатӣ одамҳо буданд, бо аҳли корвон хушу хурсандона вохӯрдӣ карданд ва ҳолу аҳволпурсӣ намуданд. Командири аскарҳо ба сардори дастаи аскарони пешвозгиранда рапорти мухтасаре доду аскарҳоро машқ дода, ба гарнизон бурд. Аҳли тиб беморонро гирифта ба аробаҳои худ бор карданд, ки Фирӯза низ бо шавҳараш ба аробаи беморхонаи гарнизон нишаст. Лекин Асо бетоқатӣ кардан гирифт:

— Пурс, аз чека ва аз банк одам будагист! — мегуфт вай.

Ниҳоят Фирӯза маҷбур шуду ба кофтукови одами чека афтод. Дере нагузашт, ки худи вай,— одами Особый Отдел ба назди онҳо омад. Аҳволпурсӣ карду тасаллӣ дод. Баъд бо илтимоси Асо рафта одами банкро, ки вай ҳам саргардон шуда, дар байни аҳли корвон мегашт, ёфта овард. Асо дар худи ҳамон ҷо, бо шаҳодати одамҳои Особый Отдел ду портфель пул ва санадҳоро супурда, расидхат гирифту баъд осуда шуда ба болишт сар гузошт...

Дар бемористон пеш аз ҳама Асоро ба ҷарроҳӣ гирифтанд. Пеш аз ба замбар бор кардан Фирӯза ӯро сахт дар оғӯш карда, аз сару рӯяш бӯсид ва ҳарчанд ки дилашро гургон тала мекарданд, зӯран табассум карда, ба шавҳар тасаллӣ медод, ӯро осуда мекард ва ба дилаш умеду орзуҳои бисьёреро бедор мекард.

Ин кори ӯ бад набуд. Умеду орзу ба кас қувват мебахшанд, одамро ба зинда мондан, ба умр дидан ва ба фаъолияти ҳаётӣ мекашанд... Ҳамин умеду орзуи оянда ҳаст, ки мо ҳамаи кулфат ва машаққати зиндагиро ба гардан гирифта, умр ба сар мебарем. Фирӯза ҳамчун зани оқила ба шавҳараш мегуфт, ки ноумед нашавад, насиб бошад, онҳо калон шудан, ба воя расидан, олима ва коркун шудани духтарашон Гулбаҳорро мебинанд, насиб бошад тобистон ба Душанбе омада, зимистон ба Бухоро мераванд. Рӯзе мерасад, ки аз худи Душанбе ба поезд савор шуда, то ба Бухоро мераванд. Асо ба ин ҷо омадааст, ки корҳои Особый Отделро ба роҳ монад; ба бечорагон, ба дармондагон мадад расонад.

— Ту худатро накоҳон! — гуфт ба вай Асо.— Дар ин ҷо духтурҳои ҳарбии нағз ҳастанд. Онҳо ботаҷриба ва пурдонанд. Насиб бошад... Насиб бошад...

Вай суханашро тамом карда натавонист. Чизе гулӯяшро гирифт. Санитарҳо замбарро бардошта бурданд. Фирӯза мехост, ки аз паси онҳо рафта ба хонаи ҷарроҳӣ дарояд, ӯро нагузоштанд. Вай дар дами дар, дар даҳлиз ба рӯи курсӣ нишаста монд ва оби чашмаш шаш қатор шуд. Ин дар ҳаёти вай ҳолати мустасност. Фирӯза дар ҳеҷ маврид оби дида намекард, магар ки ғаму ғусса аз ҳад нагузарад. Вай дар марги модаркалонаш гирист, баъд дар марги Шамсия гирист ва ниҳоят охирин бор дар марги Ҳамроҳхон оби дида рехт. Лекин

дар ин тавр мавридхое, ки ба сараш сахтӣ, беморӣ ва ғаму ғусса хуҷум оварда бошад, вай хеҷ гоҳ нагириста-аст. Баръакс бо таҳаммул ва андеша сахтиҳоро, ғаму ғуссаҳоро бартараф карда, хандидааст. Ҳоло чаро гиръя мекунад? Чаро оби чашмаш шаш қатор аст, худаш ҳам дуруст хисобот дода наметавонист. Ё пир шудааст, ё кулфату машаққат ӯро хеле монда кардааст... Набошад дар ин ҷо ҳоҷати гиристан нест. Асоро ҷарроҳӣ карда, захмашро аз нав мебанданд ва ӯ пас аз ин ёрии тиббӣ зуд сиҳат мешавад... Агар зуд сиҳат нашавад-чӣ? Муддати дурма-дароз хобида монад-чӣ? Дар ин ҳол ба ин ҷо, ба Душанбе ин қадар ташвиш кашида, хароҷот карда барои чӣ омадед, ба беморпой омадед магар, намегӯянд? Ҳукумати Бухоро шуморо барои кор, барои ташкил кардани мактаб ва сағирхонаҳо фиристод? Шавҳари беморатонро духтурҳо табобат мекунанд, шумо кор кунед!

Не, ҳаргиз вай Асои худашро партофта намеравад, агар равад ҳам, ду соат, се соат кор карда, боз ба сари болини вай меояд, бо меҳру муҳаббат ва бо навозиши худ ӯро ба по мехезонад. Кори духтурҳо карда натавонистагиро ӯ мекунад. Майлаш, ҳозир духтурҳо ҷароҳаташро шӯянд, тоза кунанд, гашта банданд, аммо баъд давои ҷони Асо меҳру муҳаббати вай мешавад...

Дари ҷарроҳӣ кушода шуд, хаёлҳои вай парешон гаштанд ва давида аз ҷо бархост. Лекин аз дарун як табиби сафедпӯш баромаду зуд роҳ гашта ба хонае рафта даромад. Ба Фирӯза ҳатто имкон нашуд, ки аз вай чизе пурсад. Оё ба шавҳари вай чӣ карданд? Ҷарроҳӣ сабук гузашт ё не?

Фирӯза ҳанӯз гашта ба ҷояш нанишаста буд, ки боз ҳамон мардак зуд роҳ гашта омаду ба пасу пеш нигоҳ накарда, ба ҷарроҳӣ даромада рафт. Фирӯза ба дар наздик шуда гӯш кард. Ғурунг-ғурунг баъзе овозҳоро шунид, вале чизе нафаҳмид. Чаро овози Асо намебарояд. Чаро нолиш намекунад? Шояд дандон ба дандон монда истодагист....

Вай дар ҳамин хаёл буд, ки ногоҳ «ӯҳ» гуфта нолидани Асоро шунид, баданаш ваҷаррос зада рафт ва худро аз дар қафо кашид. На истода метавонист, на шишта метавонист. Ба назараш касе ва чизе наменамуд. Ва ҳол он ки дар бемористон чандин хонаҳо буданд, ба он хонаҳо ҳам баъзе касон даромад-баромад мекарданд ва

баъзеҳо ҳатто бо тааҷҷуб ба вай нигоҳ мекарданд... Зани мусулмони бефаранҷӣ дар ин ҷо чӣ мекунад, мегуфтагиянд. Вале Фирӯза дар ин бораҳо фикр намекард. Тамоми ақлу ҳуши вай ба пасн ин дар буд...

Аз гирифта бурдани Асо чӣ қадар вақт гузашт, вай намедонад, ба ҳар ҳол пас аз соате ки барои ӯ чун соле гузашт, дар кушода шуду Асоро ба замбар андохта баровард ва аз назди ӯ гузарониданд. Асо ранг надошт. Чашмонаш пӯшида ва ҳудаш мисли мурда хобида буд.

Фирӯза дод нагуфт, фиғон набардошт ва ҳатто аз касе чизе напурсид. Фақат чун тасхиршудагон аз қафои замбаркашон якта-якта қадам монда, ба хонае, ки Асоро бурда даровардаид, равон шуд.

Дар хонае ки Асоро ба рӯи кати симин хобониданд рафтанд, боз се нафари дигар беморон, ба гумон ҳама солдатҳои рус буданд. Яке аз онҳо аз ҷо бархоста, ба назди кати Асо курсие монду Фирӯзаро ба нишастан даъват кард. Фирӯза нишаст. Ҳис мекард, ки дасту пояш сард ва беҳис шудаанд ва забонаш ҳам лол шудааст. Вай ба курсӣ нишаст ва беҳаракат ба рӯи рангаш кандаи шавҳараш назар дӯхт ва дигар ҳеҷ...

Чаро худро ба пои вай напартофт, чаро аз сару рӯи вай набӯсид, чаро чашмонашро боз кунонида, аҳволашро напурсид? Худаш ҳам намедонад.

Духтуре, ки дар тан либоси сафед ва дар чашм айнак дошт ба хона даромаду ба назди кати Асо наздик шуд ва аз дасти ӯ дошта набзашро шумурд.

— Бад не,— гуфт ба забони русӣ ба Фирӯза нигариста.— Набзаш дуруст. Ҷарроҳӣ нағз гузашт. Офарин ба вай, батоқат будааст. Ҳозир вай чашм мекушояд, ҳозир. Ҳо, бародар, номат чӣ буд, номат?

— Ас... со! — гуфт базӯр вай ва андаке чашм кушод.

— Албатта монда шуд, камтар ба дард тоқат кардан лозим омад... хафа нашавед! Мо ҳозир ба вай як сӯзан мекунем, ба роҳат мехобад, баъд бардам шуда мехезад.

Бо фармони табиб яке аз ёридиҳандагони вай аз китфи Асо сӯзане кард. Пас, духтур гӯё хотирҷамъ шуда баромада рафт. Аммо Фирӯза хотирҷамъ набуд. Чашмашро аз рӯи Асо намеканд. Акнун вай ба сари зонуи ба поёни кати Асо нишаста, дастони ӯро бӯса мекард,

мемолид ва бӯ мекашид... Асо аз ин навозишҳо андаке чашм кушоду нимтабассум кард ва оҳиста гуфт:

— Ман сиҳат мешавам... Ҳозир монда шудам... Камтар хоб... камтар...

Боз чашм пӯшид ва хобаш бурд. Чӣ тавре ки Фирӯза медонист, ин дафъа вай осуда ва бемалол хоб мекард. Аз чеҳрааш аломати дарду ранҷ бархам хӯрда буд. Иро дида Фирӯза каме осуда гашту ба рӯи курсӣ нишаст ва як оҳи сабуке кашид.

Дар ин дам санитар омада ба Фирӯза гуфт, ки ба дидани вай омадаанд. Фирӯза ҳайрон шуд, ки дар ин мулки мусофирӣ ба дидани вай кӣ омада бошад. Сарбандашро ба сараш дуруст карду аз ҷо бархост ва берун баромад. Дар дами дари бемористони гарнизон корвонбоширо дид, ки бо ду нафар марди ношиноси дигар омадааст. Онҳо ҳама бо вай саломи алейк, пурсу пос карданд, аҳволи саломатии Асоро пурсиданд ва баъд худҳояшонро шиносониданд:

— Мо аз шӯъбаи маориф омадем. Ҷаноби раиси ҳайати мухтор фармуданд, ки ба шумо хона, асбоби рӯзгор ва пул ҷудо карда шавад. Ҳама чиз тайёр шуд. Агар мумкин бошад, рафта хонаи худатонро бинед ва ҷаноби корвонбошӣ чизу чораҳои шуморо бурда монданд, як аз назар гузаронед.

Фирӯза фикр кард, ки то аз хоб бедор шудани Асо рафта, хабар гирифта биёяд хуб мешавад.

— Майлаш, меравем,— гуфт вай.— Хона аз ин ҷо дур аст?

— Фойтун ҳаст,— гуфт намояндаи маориф.

Асо пас аз торик шудани рӯз чашм кушод. Хонаро як лампаи даҳум равшан мекард. Дар пеши кати ӯ Фирӯза нишаста, ба рӯяш бо табассум менигарист. Хоби сахт ва амиқ ва истироҳат ҳоли Асоро хеле беҳ карда, чашмаш равшан, авзоаш хуб буд.

— Ҳамин қадар хобидем, ки — гуфт вай дасти занашро ба дасти ларзонаш гирифта,— ҳаво торик шуда, лампа гиронданд. Хайрият, ки дар хонаи мо ду шамъ ҳаст.

Фирӯза ҳайрон шуду гуфт:

— Қадом ду шамъ?

— Як лампа,— гуфт бо табассуми андак Асо.— Як рӯи шумо!

Ба маънои сухани ӯ пай бурда, Фирӯза хурсанд шуд. Модоме ки шӯхӣ мекунад, маълум ки табъаш чоқ аст.

— Аҳволатон чӣ тавр? Дард монд-мӣ? — пурсид Фирӯза.

— Дард? — боз шӯхӣ кард Асо.— Дард аслан буд-мӣ? Ман ҳис накардам. Фақат фаҳмидам, ки духтурҳо захми тирро тоза кардаанду дӯхтанду марҳам молиданд. Ба гумони ман бисьёр монда шуда будам, бинобар он хобидаам. Оҳ, хӯрок ҳам тайёр шудааст? Майлаш ҳамроҳ мехӯрем.

Фирӯза ба шавҳараш як пиёла ҷурғоти тоза хӯронда, баъд ба шӯрбои мурғ нон пора кард.

— Ба мо як хонаи нағз тайёр карда мондаанд,— гуфт, ба Асо хӯрок дода истода Фирӯза.— Як тиреза дорад, даҳлиз дорад; кати калон монда шудагӣ, намаду гилем партофта шудагӣ... Чизҳоямонро корвонбошӣ оварда мондааст.

— Бисьёр нағз! — гуфт Асо.— Ман сиҳат шуда хезам, дар хонаи навамон тӯй медиҳем...

— Албатта тӯй медиҳем!

— Ту имшаб ба ҳамон хонаи навамон рафта мехобӣ?

— Не, ман дар ҳамин ҷо мешавам.

— Дар куҷо?

— Дар пеши ту.

Асо дақиқае гап нозада ба рӯи занаш нигарон монд. Ҳар гоҳ, ки лутфу эҳсону марҳамати Фирӯзаро нисбат ба худаш ҳис кунад (ва ин аксар вақт рух медод) ба чашми Асо ашк пур мешуд, ё гап зада натавониста мемонд. Ҳоло ҳам ба вай ҳамон ҳолат рӯй дод. Асои далер ва нотарс, Асои ҷанговар ва чекист дар рӯ ба рӯи ин зани зебо ва меҳрубон чун кӯдак мешуду мемонд Чӣ кор кунад, ба ин худи Асо гунаҳгор нест, ин ҳолати табиии вай аст. Ин бо шири модар омадагӣ ва ба ҷон мебарояд.

— Ман бо духтурҳо гап задам, онҳо майлаш гуфтанд, якчанд рӯз, то ба қувват омаданатон ба ман ҳам ҷо доданд... То вақти хоб дар пеши шумо мешавам, баъд ба хонаи шафат гузашта мехобам... Аз ман парво накунед!

— Шумо азизи ман! Шумо меҳрубони ман! — гуфт Асо ва хомӯш монд. Аз чашмони вай якчанд қатра об ҷӯшида баромада ба рухсорааш шориданд. Фирӯза бо

рӯмолчааш оби чашми шавҳарашро пок карду аз пешонаи ӯ бӯсид.

— Шумо ҷони ман! — гуфт вай.— Осуда бошед, осуда! Гирья барои чӣ?!

— Ман осуда! — гуфт Асо.— Ман осуда... Лекин аз шумо як илтимос дорам... Беҳтар, ки ҳозир гуфта монам... Хафа нашавед!

— Гӯед, азизам! — гуфт бо навозиш Фирӯза.— Фармон дорам гӯед, ман ба ҷонам!!!

— Не, илтимос! — гуфт Асо ва каме хомӯш истода ба гапаш давом дод: — Агар рафту ҳодисае шавад... Агар рафту ман дар ин ҷо, дар ин шаҳр абадӣ мемондагӣ шавам... Шумо ҳамроҳи Гулбаҳор биёед, ҳар баҳор ба сари хоки ман гул монед!

— Оҳ, Асоҷон! — гуфт Фирӯза ва худро дошта натавониста гирист.

Оё ин чӣ ҳолат аст? Ин, магар ба Фирӯза, ба ҳамоч Фирӯзаи наберан Дилором каниз монанд аст!!

## V

Охирҳои моҳи октябрь, нимирӯзӣ дар яке аз платформаҳои пасхами станцияи Қогон қатори махсус, ки иборат аз вагонҳои сурх ва як вагони кабуди мусофирбарӣ дар охираш буд, тайёр ба рафтан шуда меистод. Дар ин қатор одамҳои Карим командир ба сӯи Қаршӣ раҳсипор буданд. Дар вагонҳои сурх, ки дарҳояшон боз буд, аскарбачаҳо пур буданд. Дар як қисм вагонҳо аспҳо ва дар як қисм вагонҳое, ки дарҳояшон баста буд, аслиҳа ва чизу ҷораи дастаи Карим ҷо карда шуда буд.

Карим бо ин дастаи худ қариб як моҳ дар даштҳои Кармина ва Нурато аз паси босмачиён тохта гашт. Мақсадаш Абдулҳамид Ориповро дошта гирифтан буд, ки нашуд. Вай — Орипов аз ҳама маккортар ва гузаротар баромад. Дид, ки дар ин тараф арсаро ба ӯ танг карда истодаанд, зуд гурехта ба сӯи Ҳисору Боботоғ рафт. Пас дастаи Каримро ба Бухоро ҷеғ заданд, аз нав муҷаҳҳазониданд ва камтар истироҳат дода, ана имрӯз ба сӯи Бойсун равона карда истодаанд. Карим хурсанду шод буд, ки ниҳоят барои амалӣ кардани нақшаҳои тартиб додааш меравад, бо душмани ашаддиаш рӯ ба

рӯ мешавад, ӯро мағлуб карда, маҳбубааш — Ойишаро озод мекунад.

Насимҷон ҳам ҳамроҳи ӯ то ба Қаршӣ мерафт. Вай аз чека супориши махсус дошт. Мебоист дар он ҷо бо Файзулло Хоҷаев, ки барои аз назар гузаронидани корҳои хоҷагии вилоятҳо рафта буд, вомехӯрд ва дар бораи омадани Анвар пошшо ва пешвоз гирифта шудани вай аз тарафи як гурӯҳ ҷадидони рост ва тафсилоти он нақл мекард. Лекин қариби ба вагон савор шудани онҳо, аз вокзал хабар омад, ки камтар сабр карда истанд, аз Бухоро кас омада истодааст.

— Албатта, худи раис телефон кардагист,— гуфт Насим,— набошад барои ҳар чи тавр кас поезди рафта истодагиро нигоҳ намедоштанд.

— Чӣ кор баромада бошад?

— Ягон кори муҳим будагист.

Онҳо «пойсӯхта» дар саҳни платформа нигарон меистоданд. Дигар командирон ва аскарон, ки фармони ба вагон нишастанро гирифта буданд, ҳама ҷо ба ҷо буданд. Дақиқаҳо охиста мегузаштанд, бекарории умумро изҳор намуда, ронандаи паровоз ҳар замон ҳуштак зада мемонд ва худи паровоз ҳам аспи ба пойга тайёр шудагӣ барин фаш-фашкунон, гӯё мехост, ки ба рӯи рельсҳо давида равад...

Ниҳоят се нафар аспакӣ асп тохта расида омаданд. Яке аз онҳо, ки худи раиси чека буд, аз асп пиёда шуда, бо Насимҷон ва Карим рӯ ба рӯ шуд.

— Дар Бухоро ҳодисаҳои калон мешудагӣ барин,— гуфт раис.— Маҷбур шудам худам биёям. Ана ин пакетро шахсан ба Файзулло Хоҷаев супоред ва иҷчунин мегӯед, ки ҷадидҳо аз номи ҳукумати Бухоро ва шахсан аз номи Файзулло Хоҷаев амрҳо дода, ба Анвар ёрӣ расонидан мехоҳанд. Баъзеҳо ҳатто дар фикри шӯриш барпо кардан ҳастанд. Ду-се рӯз ин тараф дар ҳавлиҳои маълум, бо номашон дар ин мактуб навишташудагон маҷлисҳои махфӣ гузаронида истодаанд. Одамҳои мо низ дар байнашон амал карда истодаанд. Мо пеши корро мегирем ва кӯшиш мекунем, ки дар Бухоро ҳеҷ як ҳодисае рух надиҳад. Лекин умуман авзоъ хатарнок аст. Дар ин бора донистани раиси давлат зарур аст. Рафиқ Юреньев ҳам аз масъала хабар дорад. Гап ҳамин. Метавонед, ба роҳ дароед!

— Хайр, саломат монед!

— Ҳа, Карим! — гуфт раис онҳоро боз дошта,— дар Бойсун аз Усмон Хоҷаев бохабар бош, вай аз номи ҳукумат фармон дода, ба кори ту халал расонида метавонад! Аммо ту итоат накун!

— Усмон Хоҷаев дар Бойсун чӣ мекунад? Рафтагист?

— Эҳтимол рафтагист, лекин истода мондаанаш ҳам аз эҳтимол холӣ нест. Анвар асосан меҳмони вай будааст, мо инро дар ҳамин қарибӣ донистем.

— Маълум! — гуфт Карим.— Хайрият, ки гуфтед. Хайр, раҳмат ба шумо!

— Хайр, роҳи сафед!

Бо ишораи Карим сардори поезд ҳуштак зад, паровоз наъра зада ба ҳаракат омад. Насим ва Карим ба вагони охирин савор шуда бо раис дастафшонӣ карданд. Паровоз суръаташро афзуд, вагонҳои сурхро, ки дар он ҷавонҳо суруд мехонданд, ба сӯи Қаршӣ гирифта бурд...

Дар вагони охирин, ки барои фармондеҳон ва роҳбарони қисми ҳарбӣ буд, Насим ва Карим дар як купеи алоҳида ҷойгир шуда буданд. Пас аз он ки Карим аз тобеони худ хабар гирифта, ҳолпурсӣ карда шуд, ба купе ба назди Насим даромад ва фармуд, ки чой биёранд. Хизматгори вагон чой овард. Насим аз борхалтааш нону гӯшти яхнӣ ва ҳалво гирифта ба рӯи столча гузошт ва онҳо ба роҳат нишаста хӯрок хӯрданд.

— То ба Қаршӣ қариб шаш — ҳафт соат роҳ,— гуфт Насим.— Ба ҳузур истироҳат кун, дам гир! Имрӯз бисьёр монда шудӣ.

— Саломат бошед,— гуфт Карим,— ман монда нашудем...

Ду рафиқ дақиқае хомӯшона нону гӯшт хӯрданд ва чой нӯшиданд. Баъд Карим гуфт:

— Дар Боку корҳоятон ба чӣ анҷомид?

— Ҳеҷ...— гуфт аз рӯи одаташ Насим. Вай чун чекист одат карда монда буд, ки ё аз суоли додашуда бо як калима халос шавад ё гапро ба шӯхию ханда гузаронида, суолро беҷавоб монад. Лекин ҳоло дар ин ҷо бо Карим пинҳон кардани розро лозим надонист: — Дар Боку вазифаи ман донистани муносибати одамҳои мо— яъне бухориҳо ва Анвар буд. Ман медонистам, ки вакилҳои мо маҳз барои бо Анвар вохӯрдан мераванд, ле-

кин муносибати Анвар бо онҳо чӣ хел бошад, намедонистам. Ин кор хеле мушкил шуд. Чунки бухориҳои мо, намедонам барои чӣ маро дар вохӯрӣ бо Анвар ҳамроҳ накарданд. Дар ин кор ба ман дӯстони озарӣ ёрӣ доданд. Онҳо қариб тамоми сӯҳбатро навишта гирифтаанд. Маълум шуд, ки гурӯҳи ҷадидони рост ба вакилҳо супориш додаанд, ки Анварро ба Бухоро таклиф кунанд. Анвар ҳам бо мамнуният таклифи онҳоро қабул карда гуфтааст, ки мурод аз омадани ӯ сафари Бухоро будааст ва дар он ҷо корҳои муҳим доштааст. Ман хостам, ки коре карда ба сафари ӯ монеъ шавам, лекин роҳбарияти чекаи Озарбойҷон рухсат надод. Ҳукумати Руссия ҳам ба омадани вай монеъ накард, намедонам чӣ шуд, ки вай ба Бухоро сафар кард. Ба гумонам Зиновьевро фиреб дод, маккор!

— Зиновьев дар Боку буд?

— Ҳа, маҷлиси намояндагони мусулмонҳои Шарқро вай роҳбарӣ мекард. Албатта ба ин тараф омадани Анвар бе иҷозати вай нашудагист...

— Шояд Зиновьев аз марому мақсади Анвар бехабар бошад?

— Гумон намекунам! Дар ин ҷо чи як сиёсати дигар ҳаст, ки мо намефаҳмем. Хайр, ба ҳар ҳол Анвар ба Бухоро омада корнома нишон дода гаштааст.

— Чӣ корнома? Дар регистон митингро комсомолҳо қариб вайрон карда буданд, Анварро ба минбар роҳ надоданд. Пас вай маҷбур шуд, ки аз болои автомобиль гап занад. Овозаш дуруст набаромад, мардум туркии ӯро ҳеҷ нафаҳмиданд.

— Аммо дар хонаҳои ҷадидҳои гурӯҳи рост маҷлисҳо карда, ба сӯиқасд ва аксулҳаракат тайёрӣ дида истодаст.

— Чаро гирифта ҳабс намекунед?

— Аввалаш ин ки дар дасти мо санадҳои қатъӣ нестанд, баъд ин ки вай одами хориҷӣ, барои гирифтани вай розигии Москва ва Тошкент лозим.

— Акнун шумо рафта Файзулло Хоҷаевро огоҳ мекунед? Магар вай худаш намедонад?

— Не, намедонад. Ман ҳам огоҳ мекунам, ҳам ӯро аз сӯиқасд эҳтиёт кардан лозим. Супориши асосии ман ҳамин. Бояд дар Қаршӣ ё Каркӣ ба вай ҳуҷум шавад. Пеши ин корро нагирем, намешавад.

— Ба ин омадани Анвар ягон дахле дорад?

— Бале, дахли калон доштагӣ барин...— гуфт Насим ва каме хомӯш истода, ба гапаш давом кард: — Мо бо ҳайати вакилони Бухоро Анварро ҳамроҳ гирифта овардем. Ӯро бо одамонаш дар бошишгоҳи назорати хориҷӣ ҷойгир карданд. Ҳама хайру хӯш карда рафтанд, ба ғайр аз ду нафар Мирзо Латиф ва Нӯъмонҷон махсум. Ман ҳам бо баҳонаи ҷо ба ҷо кардани чизу чораҳои меҳмонҳо ва фароҳам овардани асбоби истироҳати онҳо истода мондам. Пас, Мирзо Латиф, ки туркиро дуруст гап зада наметавонад, ба Анвар чизе гуфтанӣ шуд, Анвар нафаҳмида ба ман муроҷиат кард (мен чи тавре ки медонӣ, ба туркии усмонӣ бало барин гап мезанам).

— Чӣ гуфтанӣ будед, ака Мирзо? — гуфтам.— Ман тарҷима карда диҳам.

Мирзо Латиф як ба Нӯъмонҷон махсум нигоҳ карду гӯё розигии ӯро гирифта гуфт:

— Гӯед, ки ҷаноби пошшо ҳозир ба хонаи ҷаноби Нӯъмонҷон махсум мукаллаф ҳастанд. Дар он ҷо як миқдор аз ҷавонҳои инқилобчии Бухоро қадам ранҷа фармудани ин касро чашм доранд.

Ман тарҷима карда додам. Анвар таклифро қабул карда, шарт монд, ки ман ҳам бояд ӯро мушойиат кунам. Пас мизбонҳо маҷбур шуданд, ки маро ҳам таклиф кунанд. Бинобар он ман ҳам рафтам. Дар меҳмондорӣ як ҳашт нафар аз ҷавонҳои навбаромади туркпараст буданд, ки ба забони туркӣ дуруст гап зада натавонанд ҳам, худашонро ва авлоду аҷдодашонро турк мегуфтанд ва ҳозир буданд, ки барои миллати турк ва ислом ҳамин дақиқа шӯриш бардоранд. Лекин калонҳо ва худи Анвар дами онҳоро гирифта, осуда карданд ва гуфтанд, ки барои ҳар кор аввал маслиҳат мебояд. Дар он маҷлис шояд суханони бисьёре шуданаш лозим буд, лекин аз чӣ (шояд аз будани ман) шубҳа карда, дуруст гапназаданд. Дар охиртари сӯҳбат Анвар пурсид, ки Файзулло Хоҷаев дар куҷо? Ҷавоб доданд, ки дар Бухоро нест, ба вилоятҳои Қаршию Каркӣ бо кор рафтаast. Пас Анвар гуфт:

— Ман дар хориҷа, дар Ғарб номи ин шахсро шунида будам. Аз авлоди турк, ҷавони рашид ва доно ва писари одами бадавлат аст. Тамом боварӣ доштам, ки

вай барои иттиҳод намудани миллати турк корҳои калон мекунад. Зеро ки аз хонадони бузург аст ва тарбияи хуб гирифтагӣ... Аммо дар Боку фаҳмидам, ки ғалат карда будам. Вай миллати турк ва Бухорои шарифро ба Москов фурӯхта аст!

— Бале, бале! — гуфтанд майда-суйдаҳо,— вай хоин, вай миллатфурӯш!

— Ба фикрам,— гуфт диққати ҳамаро ба худ ҷалб карда соҳиби хона.— Дар вақти ташриф овардани шумо дар Бухоро набудани вай ҳам бечиз нест.

— Мо бо вай созиш карда наметавонем! — гуфт яке.— Ҳатто авлоди худаш,— ҷаноби Усмонхоҷа афандӣ ҳам аз вай норозӣ...

— Пас ӯро аз кор дур кардан лозим, ки халал надиҳад! — гуфт Анвар.

— Ӯро куштан лозим! — гуфт яке аз ҷавонҳо.

— Мо дар тараддуд ҳастем,— гуфт соҳиби хона, маънидорона ба Анвар нигоҳ карда...

Ин хабарро ба раис расондам. Дар чека дар ин хусус, яъне дар бораи тайёр шуда истодани сӯиқасд ба Файзулло Хоҷаев боз маълумотҳои дигар ҳам будааст. Ана бинобар он маро ба ин тараф фиристоданд. Илоҳӣ пеши корро гирифта тавонам, ки ҳодисае нашавад.

— Ҳа, шумо усто, таҷриба доред! — гуфта монд Карим.

— Таҷриба...— гуфту боз хомӯш монд Насимҷон ва пас аз дақиқае давом кард: — Дар соли 1918, дар вақти сар шудани ҷадидкушӣ таҷриба надошта бошам ҳам, артистӣ карда худам ва боз рафиқони дигарро аз марги яқин халос карда будам.

— Чӣ хел? — бо мароқ пурсид Карим.

— Набошад,— гуфт Насимҷон ба шавқ омада,— аввал барои табъчоқӣ як пиёлагӣ майи гуворо нӯшем. Инро ба ман Яъқуби рангрез — ҷӯраи нағзам ҳаст, аз яҳудиҳо,— дод: исту бисташ фоида!

Дӯстҳо як пиёлагӣ нӯшиданд ва аз гӯшти яхнӣ газак карданд. Майи ҳақиқатан гуворо ба тани онҳо лаззат бахшид ва пас Насимҷон ба сухан сар кард:

— Амир манифест эълон карду дар байни ҷадидҳо як ғулғула барпо шуд. Аз Самарқанд Беҳбудӣ омада буд. Медонӣ-а? Яке аз ҷадидҳои калони Самарқанд, журнали «Ойина» мебаровард. Баъд дар вақти ба хо-

риҷа гурехта рафта истоданаш, дар Қаршӣ ба дасти одамони амир афтоду кушта шуд. Бинобар он ҳоло Қарширо шаҳри «Беҳбудӣ» мегӯянд. Хӯш ки бошад, ҷадидҳо дар гузари Бозори Гул, дар ҳавлии Ҳалим Ашӯров ҷамъ шуда машварат карданд. Таклиф афтода буд, ки ба муносибати ҳамин эълон шудани манифест, баҳона карда намоиш барпо кардан лозим. Хеле кашмакаш шуд. Баъзеҳо дуруст пешбинӣ карда буданд, ки ин намоиш ҳоҷат надорад ва ба кори инқилоб зарар меорад, аммо ҷавонҳо сабукӣ карданд, ба намоиш қарор доданд.

Рӯзи дигар намоиш аз пеши дӯкони китобфурӯшии «Баракат» сар шуд. Чунон одаме ҷамъ шуда буд, ки ман ҳайрон мондам. Дар лаби ҳавзи Девонбегӣ митинг шуд. Нотиқҳо аз болои боми сартарошхонаҳо баромада, бо ҳарорат нутқ мекарданд ва халқро бо рӯзи озодӣ муборакбод мекарданд, ба амир ташаккур гуфта, манифестро марҳамати ӯ мегуфтанд... Бисьёртар яҳудиҳои бечора, ки он вақт аз ҳуқуқ маҳрум буданд ва инчунин пирсиёнҳо ба намоиш баромада буданд. Пешпеш байроқи сурх ва шиорҳоро бардошта мебурданд.

Ман бошам аз шавқу хурсандӣ ба пӯстам намеғунҷидам. Хеле ҷавон будам, серҳаракат ва чаққон будам ва ҳамин хел намоишҳо айни муддаои ман буд...

Намоиш ба сӯи тан тоқи саррофон равон шуд. Дар он ҷо ҳам нотиқҳо гап заданд ва шиорҳо партофтанд. Баъд дар гузари Говкушон ба намоиш одами бисьёре ҳамроҳ шуд, ки миқдори намоишкунандагон қариб ба 5—6 ҳазор нафар расид. Пас аз он ки дар гузари Говкушон нотиқҳо нутқ карданд, намоиш ба тарафи кӯчаи Ғозиён равон шуд. Як сели калон, як иди пурғулғула ва як тантанаи дар Бухоро ҳеҷ диданашуда барпо гашта буд.

Худат медонӣ, ки кӯчаи васеи Хиёбон дар Бухоро яке аз кӯчаҳои калон ба шумор меравад. То ба расидани мо дар ин кӯча як ду ҳазор одам чамъ шуда истода буданд, ки аксарияти онҳо форсҳо ва эрониҳои Бухоро буданд. Аз бому дар ба сари намоишкорон қанду набот, чормағзу бодом мерехтанд; сурудҳои хурсандӣ месуруданд, дойраю дунбак менавохтанд. Дар ин ҷо ҳатто барои митинг минбаре сохта буданд. Мардум ба гирди минбар чун баҳри пурталотум гирд омада буданд, Файзулло ва дигарон ба он минбар баромада нутқ карданд. Дар ин ҷо таклиф афтод, ки барои боз ҳам ба-

ландтар бардоштани рӯҳи намоиш дастаи мусиқии сарбозони амирро даъват кунанд, ки пеш-пеши намоиш мусиқӣ навохта ба майдони Регистон дохил шаванд.

— Одамони содда! — гуфта монд. Қарим.

— Бале,— гуфт Насимҷон,— то як дараҷа соддагӣ ҳам буд, як дараҷа нодонӣ ва бемулоҳизагӣ ҳам буд, лекин дар байни он ҳафт-ҳашт ҳазор нафар мардум, ки бо хурсандию шодмонӣ намоиш мекарданд, ягон нафар ҳам бар қасди тоҷу тахти амир сухане ба забон наронда буд. Баръакс дар шиорҳое, ки навишта мебурданд, ба амир барои эълони манифест ташаккур баён карда, саломатӣ ва умри дарози ӯро мехостанд. Бинобар он боварӣ доштанд, ки ҳокимияти амирӣ ин намоиши бузурги хурсандии фуқарои худро дастгирӣ мекунад ва дастаи оркестри сарбозонро мефиристад, ки хурсандиро дуболо кунад...

Лекин дар ин вақт хабар омад, ки дар Регистон шаш-ҳафт ҳазор мулло ва муллобача ва шӯрапуштон бо калтаку найзаю табар ҷамъ шуда, мунтазири расидани мо ҳастанд. Инчунин боз хабар омад, ки сесад нафар аскари пиёда ва дусад нафар аскари савора ҳам ба фармони «Зану тороҷ кун!» мунтазир шуда истодаанд. Инро шунида ман донистам, ки муқобилати як қисм рафиқони ботаҷрибаамон дуруст будааст, намоиш аз фоида бештар зарар оварданаш мумкин...

Ин хабарро шунида калонҳои мо ба машварат нишастанд. Чӣ кунанд? Бо ин мардуми беаслиҳа ва беяроқ, бо ин мардуми сулҳу амниятталаб ба муқобили панҷсад нафар аскари мусаллаҳ ва шаш ҳазор шӯрапушти калтак ба даст раванд, ё парешон шаванд? Баъзеҳо гуфтанд, ки дар ин ҷо як номафҳумие бояд шуда бошад, шояд онҳо гумон карда бошанд, ки мо ба ҷанг ба тарафи онҳо меравем? Ин, ё фитнаю фасоди муллоҳо бошад? Ба ҳар ҳол ба парешон шудан ва хона ба хона рафтан фармон доданд; мардум ба воҳима афтода, зуд хона ба хона шуданд. Лекин роҳбарият се нафарро — Мирбобо Мӯҳсинзода, Атоуллохоҷа ва Юсуфзодаҳоро ба назди қушбегӣ фиристод, ки мақсади сулҳҷӯёнаи намоишро фаҳмонида диҳанд. Пас аз рафтани намояндаҳо хабар омад, ки шӯрапуштон ба ҳуҷум сар карданд, одамони қушбегӣ намояндаҳои моро гирифта, ба зиндон партофтанд ва кӯча ба кӯча гашта «ҷадидковӣ» мекардаанд...

Файзулло Хочаев ба рафиқон фармуд, ки ҳар чӣ зудтар аз Бухоро баромада, худро ба Когон расонанд ва худаш ба ҳавлиаш рафт...

Насимҷон майро нӯшиду камтар гӯшт хӯрд на аз дарчаи вагон ба берун нигоҳ кард. Поезд аз дашти бегиё оҳиста-оҳиста қадам монда мерафт. Осмонро абрҳои яклухт фаро гирифта, уфуқро саросар пӯшида буданд. Пага-пага дуди буғаралаши паровоз, ки аз пеши тирезаи вагон гузашта мерафт, даруни вагонро гоҳ тира, гоҳе равшан мекард. Ду пиёла май зӯр ба тамоми аъзои бадани вай як ҳарорати гуворое паҳн карда, чашмоняшро андак хумор карда буд. Насимҷон гап задан, чақчақ кардан мехост. Ба ин ҷавони далер воқеаҳои гузаштаро нақл карда, ба дилаш қувват ва ҳарорат бахшидан мехост. Вай бо мамнуният ба ҳикоят давом кард:

— Дар намоишгоҳ пас аз парешон шуда рафтани мардум, фақат ташкилотчиён монда буданд. Чи тавре ки гуфтам, Файзулло ба хонааш рафт, баъд ману Мукаммил Бурҳонов, Ҳалим Ашӯров ва боз як нафари дигар гурехта, ба гузари Собунгарон рафтем, хостем, ки ба ҳавлии як мири маъзул,— ошнои Мукаммил махсум даромада руст шавем.

— Ҳавлии мири маъзулро ҳеҷ кас кофтуков намекунад,— гуфт Махсум худбоварона.— Баъд ман ба ин мардак нағзиҳои бисьёре кардагӣ, наход, ки дар из соати пурхавф ба мо ёрӣ надиҳад?

Ғарқшаванда ба хаспора мечаспад, мегӯянд, рост. Мо ҳам ба чаҳор тараф нигоҳ карда, набудани одами шубҳанокро фаҳмидему дарвозаи мири маъзулро тақтақ задем. Дере нагузашту худи мир баромада дарвозаро кушод, моро дида ҳайрон шуду саломи алейк кард ва таклиф намуд, ки зудтар ба роҳрав дароем.

— Ба ин ҷо омадани шуморо касе дид, ё не?

Аввалин суоле, ки бе ҳеҷ муқаддима ба мо дода шуд, ҳамин буд. Худи ҳамин як суол маълум кард, ки мо чи тавр меҳмонему вай чӣ тавр мизбон.

— Не,— гуфт Мукам махсум,— ба ин ҷо омада даромадани моро касе надидааст. Мо гуреза ва ёғӣ ҳам нестем, ки боиси хавфу ҳароси шумо бошем... Фақат андак дӯлобӣ, ҳарҷу-марҷ шуда монд; мо то хобидани фитна ба ҳавлии шумо паноҳ овардем.

— Ҳа, ҳа, маълум,— гуфт мир.— Омадетон, хуш омадетон, лекин ҳавлии ман ҷои амну осуда не...

— Барои чӣ ин тавр мегӯед? — гуфт сухани ӯро аз миён бурида, Махсум.— Ҳавлии шумо, ки яке аз одамони мӯътамади дарбор ҳастед, чаро ҷои амн набошад?! Наход, ки шумо...

— Маро маъзур медоред, Махсумҷон! — гуфт мир.— Дар ҳавлии ман ҷину аҷинаҳо хона мондагӣ: ҳар рӯзу ҳар соат буғҷомаҳо, тарошаю ҳезумҳо, ангиштҳо худ аз худ оташ мегиранд. Шабу рӯз кулӯхборон шуда меистад. Ҳозир дар ҳавлии беруну дар ҳавлии дарун шаш нафар қорӣ қуръон тиловат карда нишастаанд... Худам қариб ки девона шавам. Ба болокорӣ ин шӯришу ин ғавғо! Агар ман шуморо ба ҳавлӣ дарорам, қориҳо албатта, мебинанд ва рафта хабар доданашон будагӣ гап! Аз барои ҳамин, аз гуноҳи ман гузаред, Махсумҷон!

Мо дидем, ки намешавад, оҳиста дарвозаро кушода, ба кӯча баромадем ва маслиҳат кардем, ки ба куҷо равем. Ман гуфтам, ки аз болои пушта амнтар ҷой нест. Шарикҳо аввал ҳайрон шуда монданд, аммо баъд қабул карда, аз паси ман омадан гирифтанд. Мо ба болои пуштаи Хоҷааспгардон баромада, ба як сағонаи вайрона ҳар чорамон даромада руст шудем. Шарики мо, ки номашро фаромӯш кардам, аз мурда бисьёр метарсидааст. Вайро ба қарибии сӯрохи сағона гузоштем, ки бисьёртар ҳаво гирад ва аз тарс ҷонаш набарояд, лекин бо вуҷуди он дағар-дағар меларзид. Мукаммил махсум ва Ҳалим Ашӯров аз мурда натарсанд ҳам, лекин хеле нозук ва озода буданд, андак бӯй ба димоғашон расад, дарҳол абру чин мекарданд; андак гард ба доманашон расад, сад бор меафшонданд. Ҳоло ба рӯи хоки мурда, ба даруни сағонаи заҳзеркардагӣ ва бӯйнок овоз набароварда менишастанд. Ҷон аз ҳама чиз ширинтар аст. Ман аз ҳамаи онҳо ҷавонтар ва хушьёртар ки будам, гӯшам ба девори сағона буд ва ҳамаи овозҳои берунаро шунида меистодам: ана аз кӯча фойтун гузашт, ана ароба гузашт, ана хари саҳрой ҳанг зад, ана як тӯда сагҳо ба болои пушта давида гаштаанд ва ҳоказо ва ғайра...

Ниҳоят шаб шуд, чодари зулмат ба болои шаҳри пурфитна ва пурғавғои Бухоро фуруд омад... Бале, мо на ҳамеша равшаниро, баъзан торикию зулматро низ орзу мекунем ва ғанимат медонем. Дар зиндагӣ торикӣ ҳам лозим шуда мемондааст. Торикие, ки ҷони одамро

аз сӯиқасд ва хавфу хатар халос мекунад! Вақте ки аз кӯчаҳо пои мардум канда шуд, мо аз сағона баромада, якта-якта ба кӯча фаромадем ва бо тангкӯчаю паскӯчаҳо роҳ гашта, ба ҳавлии Мукаммил махсум расидем, ба як хонаи назарногир даромада, пардаҳоро партофтем, дарро аз дарун занҷир карда нишастем.

Рӯзи дигар машкоб омаду мо аз вай хабарҳои кӯчаю шаҳрро фаҳмидем. Маълум шуд, ки одамони амир ва қушбегӣ ва инчунин муллоҳо ва муллобачаҳои шӯрапушт дар кӯчаҳо тохту тоз карда мегаштаанд ва ҳар кӣ аз ҷадидҳо ва ё дӯсти ҷадидҳо ба дасташон афтад, кашида ба арк мебурдаанд ва аз он ҷо ба зиндон мепартофтаанд. Машкоб гуфт, ки одамон ҳавлии Файзулло Хоҷаро толон кардаанд. Лекин худаш ва оилааш ба даст наафтодаанд...

Дар он хона мо чаҳор рӯз маҳбус будем. Ниҳоят қарор додем, ки ҳар чӣ кор карда аз шаҳр берун бароем ва худро ба Когон расонем. Дар ин кор артист будани ман ёрӣ расонид. Ман ба шарикҳоямон ришу мӯйлабҳои сохта часпондам, саллаҳои калон бастем ва ҷомаҳои фаҳӯл пӯшидем. Машкоб аз биржа як фойтунчии олуфтаро бо фойтуни дуаспааш гирифта овард ва мо бо ёрии он олуфта зада аз шаҳр баромадем ва аз таъқиби одамони амир дар қарибии кӯли шағолон халос шуда, ба Когон расидем...

Дар ин дам поезд ба станцияи «Қаровулбозор» расиду истод. Карим ва Насим аз вагон пиёда шуда, сар то сари қатор рафтанд ва аз аскарбачаҳо хабар гирифтанд. Ҳама сиҳат-саломат ва осуда буданд. Карим аз сардори қатор пурсид, ки ба Қаршӣ кай мерасанд. Сардор гуфт, ки агар воқеае рӯй надиҳад, пас аз панҷ соат дар Қаршӣ мешаванд.

Вақте ки поезд пас аз соате боз ба роҳ даромад, Карим ва Насим боз дар купеи хурд рӯ ба рӯи ҳамдигар нишаста, ба сӯҳбат сар карданд:

— Ман,— гуфт Насимҷон,— Мукаммил махсумро аз дасти аскарҳои Дутов ҳам халос кардагӣ...

— Чӣ хел? Канӣ ҳикоят кунед!

— Тобистони соли 1918, дар Тошкент қумитаи инқилобии ҷавонбухориҳо қарор дод, ки ба Маскав, барои бо ҳукумати РСФСР ва худи Ленин воҳӯрдан ва ёрӣ талабидан як комиссия фиристода шавад. Ба он комиссия Файзулло Хоҷаев, Мукаммил Бурҳонов, Аҳмадҷон

махсуми Ҳамдӣ ва ман дохил шудем. Лекин хабар расид, ки генерали сафед Дутов ба тарафҳои Оренбург таҳдид карда истодааст. Комиссия оё гузашта метавонад, ё не. Азбаски кори инқилоб таъхирпазир набуд, азбаски мо ҳамаи умедамонро ба ёрӣ ва мадади Русия баста будем, ҳар чӣ бодо бод гуфта ба роҳ баромадем...

## VI

— Пас аз як соат ба Оренбург мерасем,— гуфт кондуктори поезд.— Лекин поезд дигар ба пеш намеравад. Бинобар он чизу чораҳоятонро ғундошта тайёр шаветон!

— Барои чӣ ин тавр? — пурсид Файзулло.— Билети мо то ба Москва-ку!

— Ман ҳам ба Москва рафтан мехостам,— гуфт он мард,— лекин ой афсӯс! Роҳ банд, сафедҳо Самара ва дигар ҷоҳоро зер карда гирифтаанд.

Шарикони Файзулло Хоҷаев, ки мунтазири ин гешомад набуданд, ҳайрон ва музтар шуда ба рӯи ӯ нигаристанд. Аммо дар симои Файзулло ҳолати ваҳму ҳарос дида намешуд, вай осуда буд:

— Хайр, чӣ илоҷ? — гуфт вай.— Сабр мекунем. Оренбург шаҳри мусулмонобод, ман ёру ошноҳо дорам, қӯшхонаҳои бухориҳо ҳаст...

— Ба қӯшхонаи бухориҳо намеравем,— гуфт Мукаммил махсум.— Дар он ҷо ҳар хел одамҳо буданаш мумкин... Бехтараш ба ягон ҷои дигар!

— Ба штаби аскарони Сурх муроҷиат мекунем,— гуфт Аҳмадҷон махсум.— Онҳо ба мо нағз ёрӣ ва маслиҳат медиҳанд.

— Хайр, рафта фароем, мебинем! — гуфт Файзулло ва чизу чораҳояшро ғундоштан гирифт.

Поезд ба вокзали Оренбург расида қарор гирифт. Намояндагони қумитаи инқилобии ҷавонбухориҳо аз вагон баромаданд, ки дар саҳни вокзал Олимҷон Ҷӯраев, яке аз дӯстони наздики Файзулло Хоҷаев ба пешвози онҳо баромадааст.

— Ассалому алайкум, дӯстони азиз! — гуфт Олимҷон, ки ҷавони барно, қадбаланд, тануманд ва тақрибан ҳамсинни Файзулло буд. Вай бо оғӯши кушод омадагонро пешвоз гирифта, бӯсид.

— Ҳар қадам мондед, болои дида, тоҷи сар! Хуш омадетон! Канӣ, марҳамат, дар паси вокзал фойтун тайёр.

Файзулло Хоҷаев ва рафиқони ӯ аз ин боздид хурсанд шуданд ва таклифи Олимҷонро бо мамнуния: қабул намуда, ба тарафи беруни вокзал равон шуданд. Вақте ки аз даруни бинои вокзал гузашта мерафтанд, боз як марди шикамкалон, кулӯтариш, бо саллаю ҷомаҳои бухорӣ ба онҳо рӯ ба рӯ шуд ва саламу алейк карду худашро муаррифӣ намуд:

— Мана шинохтагетон,— гуфт вай,— ман Ҳоҷӣ Ғуломи Қалъарав мешавам. Дар ин ҷо барои ҳамшаҳриҳои худамон кӯшхона сохта, ба хизмати онҳо камар баста мегардам. Расидани поездро шунида, тахминан баромадам, ки шояд мусофирони ҳамшаҳриамонро бинам ва ба корашон ёрӣ расонам. Канӣ, марҳамат, ба бечорахонаи камина!

— Саломат бошед, Ҳоҷӣ-амак! — гуфт Файзулло.— Ман шуморо мешиносам, ҳақиқатан мусофирпарварӣ мекунед. Лекин чӣ илоҷ, ки дӯстамон Олимҷон тараддуд кардаанд, аз шумо пештар моро ба даст гирифтанд...

— Ҳамин тавр-мӣ? Хайр майлаш, хайр майлаш! — гуфт Ҳоҷӣ-Ғулом.— Ин кас ҳам фарзанди худамон, ҳавлии ин кас ҳам ҳавлии худамон барин!

— Ҳа, марҳамат кунед, шаб биёед! — гуфт аз рӯи забон Олимҷон ва меҳмонҳоро сар карда ба паси вокзал бурд.

Олимҷон Ҷӯраев яке аз савдогарони баобрӯй ва машҳури Бухоро буда, дар Оренбург истиқомат мекард. Аз баски тарафдори инқилоб буд ва ба ҳокимияти амир хайрхоҳ набуд, мусофират ихтиёр карда, ба Оренбург маскангузин гашт ва дар ин ҷо ҳавлию ҷо, дӯкону саройи кард. Бо Файзулло Хоҷаев аз хурдӣ ёру бародар шуда, тарҳи дӯстӣ андохта буд. Файзулло Хоҷаев борҳо дар Москва ӯро дастгирӣ карда, аз фалокати варшикаст ва бенавоӣ наҷот дода буд. Бинобар он, омад-омади Файзулло Хоҷаев ва шарикони ӯро шунида хеле хурсанд шуд ва ба пешвозашон баромад.

Дар ҳавлии Олимҷон Файзулло Хоҷаев ва рафиқони ӯ чун меҳмонони бафайз қабул шуданд. Дарҳол ошу об ва зиёфат сар шуд. Дар меҳмонхонаи калони европоисохт ба сари столи калон давра нишаста таом хӯрданд. Баъд дар сари чойнӯшӣ сӯҳбат сар шуд.

— Акнун чӣ кор мекунем,— гуфт Файзулло ба Олимҷон муроҷиат карда.—Фаҳмидан лозим, ки аҳволи фронт чӣ тавр аст. Агар умеди ғалабаи аскарони сурх ва торумор гардидани генерал Дутов наздик бошад, майлаш сабр карда истем, набошад ягон чора дидан лозим.

— Ман ба гарнизон ва ё штаби шаҳр меравам,— гуфт Аҳмадҷон махсум.— Дар он ҷо як тотор ҷӯрем ҳаст гуфта шунида будам, вай командири кадом як қисми аскарӣ аст. Агар бошад, бояд вай ҳама гапро донад ва ба кори мо маслиҳати дуруст диҳад.

— Ман ба пеши Ҳоҷӣ Ғулом меравам,— гуфт Олимҷон.— Вай пирсаг бо сафедҳо муносибат дорад ва аз рафти кори онҳо бохабар будагист... Лекин шумо то бегоҳӣ камтар истироҳат кунед, аз роҳ монда шуда омадед.

Рӯз аз нисф гузашта буд. Ҳаво абрӣ бошад ҳам, борон набуд. Андак шамол чангу хоки кӯчаро ба осмон мебардошт. Пас аз рафтани рафиқон (Насимҷон бо Мукам Махсум барои тамошои шаҳр баромада рафтанд), Файзулло ба рӯи диван дароз кашиду ба фикру андеша фурӯ рафт.

Бегоҳӣ, пас аз торик шудани рӯз аз ҳама пеш Олимҷон омад. Дар симои ӯ аломати ғазаб ва ҳаяҷон намоён буд, лекин ба Файзулло рӯи хуш намуд ва аз аҳволаш пурсид.

— Дигарҳо канӣ? Ҳанӯз наомадаанд? Хайр, ҳозир омада мемондагиянд... Шумо, хайрият, андак истироҳат кардед. Гушна ҳам мондагед?

— Не, ман сер,— гуфт Файзулло.— Хӯш, гап занед канӣ, сӯҳбататон бо Ҳоҷӣ Ғулом ба куҷо анҷомид?

— Э, напурсед! — гуфт Олимҷон ва даст ба пешона бурда каме фикр карду аз ҷо бархоста берун баромад. Файзулло ҳайрон шуд. Аҷабо, чӣ воқеа рӯй дода бошад?

Олимҷон ба хона баргашту ба Файзулло наздиктар нишаста, бо овози паст ба сухан сар кард:

— Хоин ва ҷосус будани ин пирсагро тахмин карда будаму ба ин дараҷа гумон надоштам. Вақте ки маро дид, хурсанд шуду май зиёфат кард ва баъд хабар дод, ки сафедҳо ба Оренбург наздик расидаанд, бояд пагоҳ ё фардо шаҳр ба дасти онҳо дароянд.

— Агар ҷосус бошад, бодигӣ карда дурӯғ гуфтанаш ҳам мумкин,— гуфта монд Файзулло.

— Ба ҳар ҳол шаҳр аз дасти сурхҳо мерафтагӣ ба-

рин,— гуфт Олимҷон.— Ман шумоёнро дар даври сафедҳо ҳам нигоҳ медоштам ва илоҷи корро меёфтам. Лекин агар ин пирсаг хиёнат намекард. Вай, ҳатто ба хиёнати худ маро шарик кардан хост. Гуфт, ки дар бораи омада истодани Дутов ба шумо хабар надода, баръакс осуда кунам ва ҳамин, ки сафедҳо омаданд, шумоёнро, хусусан шуморо бо ду дасти адаб бурда супорам. Аз ин ба ман ду фоида мешудааст: якеш ба эътимоди генерал Дутов соҳиб мешудаам, баъд ба молу мулки ман осебе намерасидааст.

— Шумо чӣ гуфтед?

— Ман ҳамаи таклифҳои ӯро қабул кардам ва ҳатто аз худам илова намудам, ки ин хабарро пештар ҳанӯз сафедҳо наомада ба онҳо расонидан лозим...

— Нағз кардед! — гуфта монд Файзулло.

— Бале, ман хостам фаҳмам, ки вай ин корро кардааст, ё не. Маълум шуд, ки пирсаг аллакай ба штаби генерал Дутов бо дигар хабарҳои шаҳр ин хабарро ҳам расонидааст.

— Пас чӣ бояд кард?

— Ҳар чӣ зудтар аз шаҳр баромада рафтан лозим.

— Бо чӣ ва ба куҷо?

— Ман ду аспи нағз пайдо карда метавонам.

— Мо чаҳор нафар!

— ...

Олимҷон ҳайрон шуда, чӣ гуфтанашро надониста истода буд, ки Файзулло Хоҷаев гуфт:

— Майлаш, ғам нахӯред, рафиқон ҷамъ шаванд, маслиҳат мекунем.

Рафиқон ҳама ҷамъ шуданд. Ҳанӯз ки онҳо аз даҳшати воқеа хабар надоштанд, бо вуҷуди он ҳама як дараҷа ғамгин менамуданд. Як фақат Аҳмадҷон Махсум, ки аслан камгап ва одами мустареҳ буд, ором меистод ва дар лабонаш табассум буд.

— Хӯш,— гуфт Файзулло Хоҷаев, ба вай муроҷиат карда.— Дар штаби аскарҳои сурх будед, ҷӯретонро ёфтед?

— Ҳа, ёфтам,— гуфт Абӯсаидзода Аҳмадҷон.— Ҷӯрем дар ҷояш, дар штаб кор мекунад. Бедарак омадетон мегӯяд, сафедҳо Оренбургро аз ҳар тараф иҳота кардаанд, пагоҳ-фардо штаб ба тарафи Шарқ мекӯчидааст. Таклиф мекунад, ки ба онҳо ҳамроҳ шуда ба ҷанг дароем.

— Шумо чӣ ҷавоб додед?

— Ман, маслиҳат карда ҷавоб доданӣ шудам. Ба фикрам аз ҳамин дигар илоҷ нест.

— Гапатон дуруст,— гуфт Файзулло,— ману шумо метавонем ба аскарҳо ҳамроҳӣ кунем, аммо ин рафиқон чӣ кор мекунанд?

— Шумо аз мо парво накунед! — гуфт Мукаммил махсум.— Ману Насимҷонро Ҳоҷӣ Ғулом аз ҳоло ба худ тобеъ кард ва сиҳат-саломат монданамонро кафил шуд.

— Чӣ тавр?

— Имрӯз моро дар кӯча дида, ба дӯконаш таклиф карда даровард. Чой зиёфат кард. Баъд хабарҳои нохушро гуфтан гирифт. Чунон тасвир кард, ки гӯё сафедҳо ба қарибии дарвозаи шаҳр омадаанд. Мо гуфтем, ки чӣ бояд кард. Наход ки омада-омада ба дасти сафедҳо кушта шавем. Ҳоҷӣ хандиду не гуфт. Шумо махсум ва муллозода ҳастед. Ман як тор мӯи шуморо кам шудан намемонам, фақат ба як шарт, ки аз Файзулло ҷудо шавед. Мо ҳайрон шуда, чӣ гуфтанамонро надонистем. Вай гуфт, ки як баҳона карда, худи пагоҳ ба хонаи ман кӯчида биёед, ба он тарафаш коратон набошад...

— Шумо чӣ гуфтед? — пурсид Олимҷон.

— Мо чӣ мегуфтем,— гуфт Насим,— мо розӣ шудем.

— Офарин! — гуфт Файзулло пас аз андак мулоҳиза.— Акнун гап ҳамин: пагоҳ саҳар катӣ Насимҷону Махсум кӯчида ба хонаи Ҳоҷӣ Ғулом мераванд. Абӯсаидзода бошанд, ба штаби армия, ба назди рафиқашон мераванд: ману Шумо,— Олимҷон,— ба ҳамон ду асп савор шуда ба тарафи Саратов меронем. Дар вақти омадани сафедҳо дар ин ҷо будани шумо ҳавфнок аст.

— Дуруст аст,— гуфт Олимҷон.— Аз Саратов ба Москва расидан мумкин мешудагист.

Аз дарун табақи оши палав баромад, дӯстҳо ба гирди дастурхон наздик нишастанд.

Саҳари барвақт ношто карданд. Ҳамаи корҳо мувофиқи нақшаи дишаба анҷом ёфт. Аввал Насимҷон ва Мукаммил Махсум чизҳояшонро гирифта, пиёда, гӯё қаҳру ҷанг карда бошад, ба сӯи ҳавлии Ҳоҷӣ Ғулом рафтанд. Баъд Аҳмадҷон Махсум Абӯсаидзода хайру хӯш карда рафт ва ниҳоят ду ҷӯра ба ду асп хӯрҷинҳоро бор карда, савор шуданд ва роҳи Саратовро пеш гирифтанд.

Олимчон ба ҳавлиаш, ба-зану бачаҳояш гуфт, ки овоза паҳн кунанд: гӯё Олимчон бо кори савдо ба Қазон рафта бошад.

Аспҳо бардам буданд. Ҳаво соф шуда буд, офтоби хуррам роҳи онҳоро равшан мекард. Аз шаҳр баромада, аз дарьёи обаш кам шуда мондаи Урал бемалол гузашта ба даруни беша даромаданд. Дар бешаи зебои қарибии шаҳр, ки чои сайру саёҳати аҳолии Оренбург буд, холо касе дида намешуд. Ба ғайр аз овози чаҳчаҳи мурғон ва шибир-шибири дарахтон дигар овозе ҳам набуд. Милтиқпаррониҳо шабона, ки аз дур шунида мешуд, холо хомӯш гашта буданд.

— Чӣ тавр нағз! — гуфт Файзулло эҳсосоти чӯшида омадаро дошта натавониста.

Олимчон, ки дар ин дам дар фикру андешаҳои дигар буд:— илоҳӣ сиҳат-саломат аз муҳосираи сафедон халос шуда бароем, илоҳӣ аз паси мо таъқиб накунанд, илоҳӣ пирсаг Ҳочӣ Ғулом аз рафтани мо хабардор нашуда бошад...— охири сухани Файзуллоро шунида монда:

— Рост,— гуфт,— аз Ленин мадад чустан лозим!

Дар ин дам онҳо аз шаҳр хеле дур шуда буданд. Бешазор ба охир расиду заминҳои кишт, сабзавоткории деҳқонҳои қишлоқи он атроф сар шуд. Аммо дар сари заминҳо касе наменамуд.

— Илоҳӣ роҳро ғалат накарда бошем! — гуфта монд Олимчон.

— Ба тарафи чанубӣ-ғарбӣ гуфтед,— гуфт Файзулло ба қибланамои соаташ чашм дӯхта,— ба гумонам дуруст рафта истодаем.

— Ягон кас ҳам нест, ки пурсем... Э ана, роҳ намуда истодааст.

Онҳо ба сӯи як роҳи калон, ки аз тарафи бешазори дар чануб намоён гашта кашол шуда меомад, асп ронданд. Роҳи калон ҳақиқатан ба сӯи чануби ғарбӣ мерафт ва ба гумон Саратов ҳам дар ҳамон тараф буд. Лекин онҳо ҳамин ки аз роҳи калон ба беша наздик шуданд, як даста суворони мусаллаҳ ба муқобилашон асп тохта баромада омаданду ба онҳо ишора карда «истед!» гуфтанд...

Илоч набуд. Ҳар ду лачоми аспҳоро дошта, истоданд. Ба қафо баргашта асп тохтан ҳам мумкин набуд, ё ба тир мезаданд ё асп давонда онҳоро дастгир

мекарданд. Ранги рӯи Олимҷон канд, дастонаш ба ларза даромаданд. Вай аз худаш не, бештар аз Файзулло метарсид. Дар ин дам Файзулло ҳамаи санадҳои худро лӯнда ва ғиҷим карда, номаълумак ба даруни ҷӯи канори роҳ партофт, ки касе надид ва бинобар он рангаш ҳам наканда буд ва дастонаш ҳам намеларзиданд. Вай воқеаро дида, ба тараддуди илоҷи воқеа сар мекард.

Саворони мусаллаҳ дартоз омада, онҳоро печонида гирифтанд ва ба забони русӣ пурсиданд, ки кистанд ва ба куҷо роҳ доранд. Олимҷон гуфт, ки савдогарони бухороӣ хастанд ва ба Саратов мераванд.

— Мо ба шумо Саратовро нишон медиҳем! — гуфт сардори саворон ва фармуд, ки онҳоро кофту ков кунанд. Дар асной кофту ков аз кисаи Олимҷон як таппончаи майда ва қабчуқи пур аз пули Керенскийро ёфтанд. Аз кисаи Файзулло ҳам пулҳояшро гирифтанду таппонча наёфтанд. Пас лаҷоми аспҳояшонро дошта, сӯи ҷангал равон шуданд...

## VII

— Дар ин дам ману Мукам Махсум дар ҳавлии Ҳоҷӣ Ғулом, дар сари дастурхон нишаста, суҳбат мекардем,— гуфт Насимҷон ба Қарим ва якто папирос оташ дода, дудашро пуф карду даме хомӯш монд.

— Ман ҳанӯз ҳам дуруст намефаҳмам, ки Ҳоҷӣ Ғулом барои чӣ ин қадар ба ману ба Мукам Махсум эътиқод баста, ба гапҳои мо бовар кард,— гуфт ба хомӯшӣ халал дода Насимҷон.— Ба фикрам, сухани мо, далелҳои мо ӯро қонеъ кунонида буд ва дар кору хиёнатиояндааш моро ба худ шарик карданӣ буд.

— Шумо чӣ гуфтед? Чӣ далел овардед? — пурсид Қарим.

— Мо аввали рӯз локу парамонро бардошта омадему гуфтем, ки Ҳоҷӣ-амак, моро халос кунед! Дод аз дасти Файзулло ва шарикҳои ӯ! Ҳоҷӣ Ғулом ҳайрон шуду моро ба меҳмонхонааш даровард, чою нон кард. Мо гуфтем, ки имшаб Олимҷони бадахлоқ моро хобидан намонд, Файзулло ба ҷои тарафи моро гирифтан ҷӯраашро ҳимоя кард, моро одамони кӯҳна, динпарасту хурофотчию ақибмондагӣ гуфт. Баъд мо тоқат накардему

ҷулу чиҳозамонро бардошта ба ин ҷо омадем. Инқилобчигӣ агар ҳамин хел фурӯхтани дину диёнат ва фурӯхтани шарафу номус бошад, мо аз баҳраш гузаштем...— Сухани Мукам Махсум гӯё, аз дилу ҷон мебаромад. Ҳоҷӣ Ғулом рост бовар карда хурсанд шуду моро ба болои сар бардошт. Баъд якта-якта нақшаҳои худашро гуфтан гирифт. Хафа намешаветон гуфт, ман онҳоро соз кардам ва сознар мекунам. Пагоҳ не, фардо шаҳр ба дасти сафедҳо мегузарад. Ман аллакай ба штаби сафедҳо омадани Файзулло ва мақсади нопоки ӯро хабар додам. Ҳамин ки сафедҳо ба шаҳр дохил шуданд, бо дасти худам гирифта Файзуллоро ба ҳабс меандозам. Ана, дар он вақт шумо ҳам шоҳид шуда, кусуратонро мегиред. Мо қабул кардем, аммо дили моро гургҳо тала мекарданд. Оё Файзуллоино аз ихотаи сафедон сиҳат саломат халос шуда баромада бошанд, оё ба Саратов роҳ гирифта бошанд? Ҳоҷӣ моро нағз зиёфат мекард, лекин аз гулӯи мо хӯрок дуруст намегузашт, орому қарор надоштем...

Ҳоҷӣ бошад, тантана мекард. Аз кӯча хабарҳои барои мо нохушро оварда, калонигарӣ мекард. Ин даву този большевикҳо дурӯза буд, мегуфт, насиб бошад, боз давлат ба дасти соҳибаш мегузарад ва аз ин гушнапурзӯрҳо халос шуда, ба кори савдою тиҷорат ривоҷ медиҳем, мегуфт. Вақте ки фаҳмид Файзулло бо Олимҷон Ҷӯраев ба ким-куҷо рафтаанд, дар ғазаб шуд, дидетон-мӣ, мегуфт, ба шумо хиёнат карда, ҷони худашонро гирифта гурехтаанд... Лекин дур рафта наметавонанд, албатта ба даст меафтанд!

Рӯзи дуюми «ғоиб» шуда рафтани Файзуллоино, дар ҳақиқат шаҳр ба дасти сафедҳо афтод. Ҳоҷӣ Ғулом як рӯз аз хона набаромад, баъд аз андак осуда шудани кӯчаҳо ба бозуяш латтаи сафед печонида, як лаълӣ тӯҳфаю ҳадьяҳоро бардошта баромада рафт. Пас аз ду-се соат хурсанду шод баргашта ба мо хабар дод, ки дӯстонаш давлат ва ҳокимиятро ба даст гирифтаанд ва акнун то ба худи Москва рафта мерасанд. Мо аз Файзулло пурсидем, вай гуфт, ки одамони генерал Дутов ду нафар шахси номаълумро доштаанд ва дар яке аз қишлоқҳо ҳабс карда мондаанд, бояд ҳамин шаб, ё пагоҳ бандиҳоро биёранд ва дар хабсхонаи шаҳр қаба карда, тафтишро сар мекунанд. Ман гуфтам, ки гуфт Ҳоҷӣ, худам кӣ будани онҳоро ба шумо кушода дода,

бо шоҳидҳои пухта ҳамаи асроращонро фош мекунам ва ана баъд суд карда мепарронед.

Ин хабар рост буд ва нақшаҳои ин пирсаг ҳам ҳама амалӣ ва шуданӣ буданд. Бинобар он мо ба ғаму ғусса ғӯтидем. Ман хостам, ки бо баҳонаи тамошои шаҳр ба ҳавлии Олимҷон равам ва аз аҳли байти вай хабар гирам, лекин имкон нашуд. Ҳоҷӣ Ғулом як хизматгори тотор дошт, ки ба назар хеле луттӣ ва маккор менамуд, гӯё ба валинеъматаш содиқ ва фидокор буд, чунин менамуд, ки аз гуфтаи хоҷаааш сари мӯе барнамегардад. Кӯча баромаданӣ шудани маро шунида, аввал манъ кард, баъд гуфт, ки майлаш бо Мустафо абзӣ (ҳамон хизматгор) равед. Албатта бо шоҳид ба кӯча баромада, ман коре карда наметавонистам. Пас, дар набудани мизбонон ману Мукам Махсум бо овози паст ва эҳтиёт шуда гап зада, роҳу чораи кор меандешидем. Ман гуфтам, ки агар ин пирсагро аз миён набардорем, вай дӯстони моро ба куштан медиҳад. Лекин бо чӣ роҳ ӯро аз миён бурдан лозим! Бо худаш шабона ба кӯча баромада парронда партофтан чӣ тавр мешуда бошад? Худатон ба дасти сафедҳо меафтед, моро ҳам мебаранд ва кори дӯстонамон боз ҳам вазнинтар мешавад, гуфт Мукам Махсум. Ман тайёр будам, ки худамро ба Файзулло қурбон кунам, лекин Мукам Махсум он тавр қурбониҳои бефоидаро манъ кард ва гуфт, ки бо панду насиҳат ва зорию тавалло худи Ҳоҷиро ба роҳ медорем ва бо дасти худаш рафиқонамонро халос мекунем. Ин то як дараҷа фикри маъқул тофт, лекин вақте ки дурусттар андешидем ва кию чӣ будани Ҳоҷӣ Ғуломи хоинро дар назар овардем, донистем, ки ҳеҷ гоҳ вай ба ин тадбири мо розӣ намешавад, баракс аз худи мо шубҳа карда бурда ҳабс мекунонад...

Ниҳоят мушкили моро худи Ҳоҷӣ Ғулом осон кард. Бегоҳӣ аз ҳавлии дарун либосҳои киборона, костюми сиёҳ, куртаҳои сафеди гиребонаш оҳарӣ, галстукҳои фарангӣ ва туфлиҳои амрикоӣ пӯшида баромад. Ман имшаб ба зиёфати худи генерал даъват шудам, гуфт, ин зиёфати генерал ва зиёфати ман аст. Чунки ҳамаи гӯшту равған ва машрубот аз анбори ман рафта буд. Бинобар он ман имшаб хурсандӣ кардан мехоҳам. Эҳтимол бевақт баргардам. Дар ин ҷо Мустафо абзӣ аз шумо хабардорӣ мекунад, бемалол роҳат карда хобетон.

Роҳати гӯр! Файзулло Хоҷаев ва Олимҷон дар дами марг, Аҳмадҷон махсум намедонем бо аскарҳо кораш ба куҷо анҷомид, мо гӯё мазҳабфурӯшӣ карда, дар хонаи ин пирсаги хоин нишастаем, аҷаб не ки пагоҳ ё фардо моро ба шоҳидӣ ҳам кашола кунанд! Не, агар роҳат гуфта шинем ба сари мо рӯзҳои аз ин ҳам мушкил меафтанд. Ман фикр карда-фикр карда ба як қарор омадаму қарибӣ ними шаб ҷаста аз ҷо бархостам ва либосҳоямро дар бар кардам. Мустафо абзӣ сар бардошта пурсид, ки ба куҷо меравам. Гуфтам, ки хоби сиёҳӣ пахш кард, дилам зада истодааст, камтар дар берун гашта ҳаво мехӯрам. Мардак ё ба гапи ман бовар кард, ё танбалӣ кард, ё чизи дигар, ба ҳар ҳол боз гашта сарашро ба болин гузошт ва ба ман кордор нашуд. Мукам Махсум, ки бедор буд, ба ман бо даст таҳдид карду овоз набаровард. Ман ба кӯча баромадам, намедонистам, ки ба куҷо равам. Он рӯзҳо эълон шуда буд, ки аз соати шаши бегоҳӣ ба кӯча баромадани мардум манъ аст. Агар пештар равам, ба дасти посбонҳо афтоданам мумкин. Бинобар он ба атроф синча карда, дар ҳамон қарибӣ, дар майдончаи назди ҳавлии Хоҷӣ як аробаи чаҳорчарха ва дар назди он як бочкаи оҳанинро дидам. Зуд ба паси ароба ва бочка пинҳон шуда, омадани Хоҷиро пойда нишастам. Дасти ростам ба кисабағал, дар таппонча буд...

Дере нагузашту як фойтун ба ҳавлӣ омада расид ва дар назди дарвоза истод. Аз фойтун се нафар одамони ҳарбӣ фаромаданд ва ман дар шӯълаи камнури фонуси фойтун дидам, ки онҳо Хоҷӣ Ғуломи беҳушро дасту по овезон бардошта ба ҳавлиаш даровардаанд ва пас аз фосилае баромада, ба фойтун нишаста рафтанд. Ман худро сарзаниш мекардам, ки аз ӯҳдаи коре набаромада, аҳмақ шуда мондам. Лекин ба хона даромада бинам, ҳама ба по хестагӣ, гирьяндагӣ ва мотам. Маълум шуд, ки Хоҷӣ дар базм бисьёр нӯшида, бисьёр даво-давӣ ва хурсандӣ карда, ниҳоят нохост дилашро дошта афтода мондааст. Бо фармони генерал духтури ҳарбӣ, ки ӯро ба хонааш оварда мондааст, гуфтааст, ки ба зинда монданаш умед кам аст.

Ману Мукам Махсум дарун-дарун шодӣ ва тантана мекардем. Аввали рӯз фиғони зану духтарҳои Хоҷӣ баланд шуд. Лаънатӣ ягон даҳон гап зада натавониста

ба чаҳаннам рафтааст. Албатта ману Мукам Махсум хеле «хафаю ғамнок» шудем ва ба дафни вай иштирок кардем ва мурдадорӣ намудем...

Пас аз ду рӯз Мустафо абзӣ, ки мо аз вай хеле дар шубҳа будем, худашро ба мо кушода дод:

— Бародарони азиз! — гуфт вай ба мо.— Аз ман шубҳа накунед ва натарсед. Ман дӯсти шумо, ман ҳам инқилобчӣ ҳастам. Ман кӣ будан ва дар чӣ фикр будани шуморо нағз медонам. Худораҳматӣ гӯям ё ки лаънатӣ гӯям, Ҳоҷӣ Ғулом ба ҳаққи комиссияи инқилобии шумо хиёнат кард ва боз хиёнат карданӣ буд, ки ҳар чӣ аз миён рафт. Акнун ба он ду рафиқи шумо ки ҳабс -шудаанд, ҳеҷ гап намешавад. Насиб бошад, худам роҳи озод кардани онҳоро меёбам. Лекин пеш аз ҳама чораи кори шуморо дида, хотирчамъ шуданиам: мехоҳам, ки худи ҳамин рӯз шуморо ба як савдогари бухорой ҳамроҳ карда, баргашта ба сӯи Туркистон фиристонам. Ана ин ба шумоён иҷозатхат, дар роҳ аскарҳои Дутов ба шумо монеъ намешаванд. Ба аскарҳои сурх вохӯред, худатон медонед...

Мо аввал ҳайрон шудем, баъд аз хурсандӣ Мустафо абзиро дар оғӯш карда бӯсидем ва ҳамроҳи ӯ ба кӯча баромада, то ба қӯшхонаи савдогарони бухорой рафтем. Дар он ҷо бо як аробаи чорчарха, чамадонҳояшро гузошта, як савдогари шикамкалон мунтазири мо истода буд. Мустафо абзӣ моро ба ароба шинонду худоҳофизӣ кард.

Аспу ароба азони савдогар буд, лекин аробакаш надошт. Бинобар он ман лаҷоми аспро ба даст гирифта, аробакаш шудам; Мукам Махсум гӯё хизматгори савдогар буд... Ҳамин тавр мо ба роҳ баромадем. Роҳро намедонистем, пурсида-пурсида ниҳоят ба роҳи калоне баромадем, ки сӯи дашти қазоқ мерафт. Савдогар моро нашинохт, мо ҳам худро нагуфтем, аз Ғиҷдувон мешавем, гуфтем. Намедонам, бовар кард, ё не, ба ҳар ҳол бо мо сӯҳбаткунон мерафт ва хурсанд буд, ки хайрият аз шаҳри пурошӯб халос шуда баромад...

То ба қарибии ғуруби офтоб дар чандин бандаргоҳ моро дошта иҷозатхат пурсиданд. Мо иҷозатхат нишон дода мегузаштем. Ниҳоят ба ҷое расидем, ки дар як каппаи хасин чор нафар аскарони мусаллаҳ гӯё ба хун ташна шуда нишаста буданд. Моро диданду ҳар чор ба пешвозамон тохтанд.

— Ба кучо меравед? — пурсиданд онҳо.— Кӣ ичозат медиҳад, ки шумо ба тарафи сурхҳо гузаред?!

— Мо ба тарафи сурхҳо не,— гуфтам ман,— мо ба Бухоро меравем, мо савдогар ҳастем, мо одамони бетараф. Ана ичозатхат ҳам дорем.

— Ичозатхататро бурда ба модарат нишон деҳ! — гуфт яке аз онҳо.— Қанӣ аз ароба фароед!

Мо аз ароба фаромадем. Онҳо моро тела дода ба даруни хаскаппа даровароданд, дари чӯбини аз химчаҳо бофташудаи онро пӯшонида, худашон дар берун барои маслиҳат монданд. Ҳарчанд ки оҳиста гап мезаданд, вале ман мешунидам. Аз гуфтугӯи онҳо мӯи баданам рост мешуд. Яке мегуфт, ки ба касе мунтазир нашуда, ҳар сеи моро бо найза кушта (то ки овози милтиқ набарояд), моли моро дар байни худ тақсим кунанд. Дигаре мегуфт, ки даҳбошӣ омада мефаҳмаду моро чазо медиҳад ва бинобар он омадани ӯро мунтазир шудан лозим.

Ба гумон, инҳо пешқаровулони аскарони сафед буданд, ки одатан нишонаи аввалини тири душман мешуданд ва азбаски чонашонро ҳамеша ба кафи даст гирифта мегаштанд, хеле бадчаҳл, хеле дағал ва нотарсу бепарво ҳам буданд. Бинобар он ман марги худамонро ба чашм дидам, вале ба шарикҳо изҳор накардам. Савдогари бухороӣ аз тарс дараг-дараг меларзид. Мукам Махсум гаранг шуда монда буд ва азбаски суханони берунангиҳоро дуруст намешунавид, ба ман бо назари суол нигоҳ мекард...

Лекин, ҳанӯз маслиҳати берунангиҳо ба охир нарасида, ҳанӯз мо ҳам дар байни худ сухане нагуфта аз тарафи дашт овози тирпарронии бисьёре баланд шуду касе аз дур ким-чӣ гуфта фарьёде кард. Ман аз роғҳои хаскаппа дидам, ки он чор нафар ҳама чизро фаромӯш карда, милтиқҳои худро гирифта ба тарафе тохтанд.

— Мо ҳам баромада мегурезем! — гуфтам ба рафиқон.

— Девона шудед! — гуфт савдогар.— Ҳамаамонро дошта тирборон мекунанд.

— Хоҳ-нохоҳ тирборон мекунанд,— гуфтам.— Беҳтар ки бахтамонро санчида бинем. Аспҳои аробаамон пурзӯранд, моро аз дасти ин пиёдахунхорҳо начот дода метавонанд. Ба фикрам чабҳаи сурхҳо аз ин чо дур не...

— Ин гапатон дуруст, аммо...— гуфт Мукам Махсум дудила.

— Дудилагиро монед, ака Махсум!— гуфтам сахт карда.— То аммо-паммо гуфтани мо фурсат мегузарад. Рафтем!

Савдогар муқобилат карданӣ шуд, ману Мукам Махсум ӯро дошта зӯран ба ароба бор кардем. Ман ба аспҳо қамчин зада ба сӯи дашт рондам...

Пас аз ним соат асп давондан ба ҳалқаи аскарони сурх даромада мондем. Моро асир карда ба назди командирашон бурданд. Иттифоқан дар он ҷо Аҳмадҷон Махсуми Ҳамдӣ моро пешвоз гирифт ва мо ба дастаи аскарони сурх ҳамроҳ шудем...

— Баъд чӣ тавр ба Бухоро баргаштед?— пурсид Карим.

— Ба Бухоро не, ба Тошкент,— гуфт Насимҷон.— Ба Тошкент бо машаққати бисьёре расидем. Аммо Файзулло Хоҷаев аз маҳбаси Дутов бо ёрии дӯстон наҷот ёфта, вай ҳам бо машаққати бисьёре фақат дар охири сол ба Маскав рафта мерасад...

— Дар Маскав чӣ кор мекунад?

— Дар Маскав программаи нави фирқаи ҷавонбухориҳоро менависад ва дар миёнаҳои соли 1919 ба Тошкент бармегардад.

— Раҳмат ба шумо! — гуфт Карим, нақли аҷоиби Насимҷонро гӯш карда шуда.— Маро аз бисьёр масъалаҳо огоҳ кардед.

Дар ин дам хабар доданд, ки поезд ба Қаршӣ наздик мешавад. Карим ва Насимҷон чизу чораҳояшонро ғундоштанд...

## VIII

Раиси чекаи Бухоро — Аминов дар Когон поезди махсуси аскарони Каримро гусел карда, бо ду нафар ёридиҳандагони худ асп давонда, ба Бухоро баргашт ва рост ба кабинети худ даромад. Дар қабулгоҳи вай муовинаш — Фёдоров, як-ду нафар аз мудирони шӯъбаҳо ба вай мунтазир менишастанд.

— Марҳамат, биёетон! — гуфт раис ба онҳо ва ба кабинет даромада, ба сари столи худаш гузашту рафиконашро ба нишастан даъват кард:— Сӯҳбатамонро да-

вом медиҳем. Гап дар бораи Анвар пошшо буд. Ман гумон мекунам, ки ҳамаи мо мароми мақсади ин авантуристи гузаро ва ғуломи ҷаҳонгиронро нағз медонем. Анвар бо пул ва ҳимояи капиталистони давлатҳои ба мо маълум дар Аврупо кашола шуда мегашт. Шубҳа нест, ки илми ҷангу фитнагарию шӯр ангехтанро нағз медонад. Бинобар он барои ташкил кардан ва ба по хезондани унсурҳои зидди шӯрой ва аксулҳаракат дар Бухоро аз вай муносибтар касе нест. Вай ҳам домоди халифаи Рум, ҳам лашкаркаши машҳур, ҳам турк, ҳам мусулмон ва ғайра... Бинобар он бо чӣ найрангу фиреб ӯро ба анҷумани мусулмонони халқҳои Шарқ ба Боку вакил карда, ё ки меҳмон карда фиристоданд. Зиновьев ӯро пазируфт, ба маҷлис роҳ дод, вале Анвар нутқ карда натавонист. Зиновьев ҳайати барандаи маҷлисро маҷбур карда натавонист, ки ба вай сухан диҳанд. Аммо дар Боку намояндагони Бухоро бо ӯ вохӯрданд ва аз номи ҳукумати Бухоро ба меҳмонӣ даъват карданд. Анвар рӯзи 21 октябрь ба воситаи баҳри Каспӣ, шаҳри Красноводск, Ашқобод, Байрамалӣ, Морӣ, Чаҳорҷӯй ва Қогон ба Бухоро омад. Лекин дар ин шаҳрҳои ном бурдашуда наистод. Рост ба Бухоро омад, зеро ки дар ин ҷо ба ӯ мунтазир буданд ва хеле нағз пешвоз гирифтанд. Анвар хеле афсӯс хӯрдааст, ки Усмонхоҷа афандӣ — раиси давлати миллии Бухороро дар байни пешвозгирандагон дида натавонист...

— Дар ҳақиқат, дар ҳамин дам аз Бухоро рафта мондани Усмонхоҷа чӣ маъно дорад? — пурсид яке аз мудирони шӯъба.

— Дар Бухорои Шарқӣ Атохоҷаев бо босмачиҳо сулҳу салоҳ мекунам гуфта, баракс қариб худашон ба тарафи онҳо гузашта буданд,— гуфт раис.— Дар ин ҷо, дар Кумитаи Марказӣ ва дар шӯрои нозирон масъала монданд, ки кори вайрон кардани Атохоҷаевро худи Усмонхоҷа рафта дуруст кунад. Азбаски омада истодани Анварро медонистем, мо ҳам ба ин қарор чизе нагуфтем. Лекин Усмонхоҷа барои зер кардани дастаҳои босмачиён бо худаш ҳафтсад нафар аскар, ҳафт тӯп, сардори милицияи ҷумҳурияти Бухоро — Али Ризо афандӣ ва Дониёрбекҳоро ҳамроҳ гирифт. Метарсам, ки худи вай дар Бухорои Шарқӣ фитнае барпо кунад.

— Ба Усмонхоҷа чӣ намерасад, ки фитна кунад? — пурсид як рафиқи дигар.

— Ба вай русҳо халал медиҳанд! — гуфта монд Фёдоров

— Ба ҳар ҳол ба Бойсун ва Душанбе хабар додан лозим, ки бо диққат муроқиби кори ин афандиҳо шаванд! — гуфт раис ва ба сухани аввалаш давом кард:— Гап дар бораи Анвар меравад! Ҳамроҳи Анвар ду нафар аз зобитҳои турк ҳастанд. Яке аз онҳо Ҳоҷӣ Самеъ ном дорад, ки ҷосус ва фитнагари номдор аст. Инчунин ӯро Салим Самеъ низ мегӯянд. Дигараш Муҳиддин-бек ном дорад. Ин ҳам дузди аз таи дор гурехтагӣ. Муддати меҳмонии онҳо дар паспортҳояшон навишта нашудааст. Намояндаи назорати хориҷӣ расман меҳмондори онҳост, аммо дар ҳақиқат мизбонон дигаранд. Мо аз рафиқ Файзулло Хоҷаев ҳанӯз хабаре нагирифтаем. Имрӯз Насимҷон рафт, бояд пагоҳ ӯро дида, фикрашро фаҳмаду ба мо маълум кунад. Ба ҳар ҳол вазифаи мо аз чӣ иборат. Як дақиқа ғофил намонда, ҳар қадами ин меҳмонҳоро дида ва қайд карда истем. Ба ягон фитнаю фасод роҳ надиҳем ва ҳар дасисае ки фикр карда мешавад, дар сари вақт ошкор бояд шавад.

— Чаро худи ин меҳмонҳои нохондаро дошта гирифта, аз шаррашон эмин нашавем? — гуфт як чекисти ҷавон, мудири шӯъба.

— Дар дасти мо ҳанӯз санадҳои лозима, факт нест,— гуфт раис.— Анвар ва одамони ӯ аз хориҷа меҳмон шуда омадаанд. Мувофиқи қоидаи байналхалқӣ, фақат бо шубҳаи андак ва ё тахмини онҳоро ҳабс кардан мумкин нест. Ҷанҷоли калон хеста монданаш мумкин.

— Анвар бесоҳиб-ку!

— Мо ки ҳабс кардем, аз чаҳор тараф соҳибонаш баҳона карда сар мебардоранд. Хуб, ҳамаи шербачаҳоятонро сафарбар кунед! Бо диққат ва хушьёрӣ муроқибат кунанд. Лекин меҳмон хабардор нашавад... Бале, нафақат меҳмон!

— Ба ин кор бачаҳои туркидонро кашидан лозим,— гуфт Фёдоров.— Албатта маҷлисҳо ва сӯҳбатҳо ба забони туркӣ меравад.

— Бале, бале ба забони туркӣ меравад!— гуфт раис ва дастаи телефонро бардошта, котиби Кумитаи Марказиро пурсид.

Дар аввали моҳи ноябрь рӯзҳо хеле кӯтоҳ шаванд

ҳам, лекин ҳаво чандон хунук намешавад. Дар аксарияти хонаҳо сандалиҳо кушода нашуда, вале тирезаҳо ва дарҳоро сахт мепӯшонанд ва шабҳо дар хона ба боло кӯрпаи ғафс гирифта мехобанд. Ин рӯзҳо бо он хуб аст, ки кас меваҳои канда ва овехта шуда мондаро мехӯрад. Масалан ангури биҳиштӣ, ки тобистон, дар вақти пухтанаш пӯсташ ғафс мешавад, ҳоло тамом ба тунги шакар баргашта, хеле ба хӯрдан боб мешавад. Харбузаи Қараканди Бухоро рӯзҳои охирини худро гузаронад ҳам, лекин харбузаҳои найшакар, кулуштрумӣ ва гулобии Чорҷӯй айни давронашонро мегузаронанд. Биҳӣ, биҳиҳои форобӣ, анори ғурбунӣ ва ношпотии атрофи Бухоро бо бӯю лаззату ширинии худ сари дастурхонҳоро обод мекунанд. Дар ин дам ба бозор шинии асалмонанди Пиримаст мебароянд. Ҳалвои оби набот, қаймоқҳои Тошкӯпрук, балаза нахӯд ва монанди он хӯрданиҳои балаззат дар ҳама ҷо пур мешаванд ва одам ҳам аз гармиҳои тобистон халос шуда ба иштиҳо медароянд...

Дар ин рӯзҳо тӯю меҳмондорӣ ҳам авҷ мегирад. Хонадонҳои ба худашон тинҷ аллакай ғами зимистонашонро хӯрда, орду биринҷу сабзию пиёзу шалғамро ҷувол-ҷувол гирифта монда, аз гӯсфандҳои парвои аввалинашро кушта, гӯшту равғанро ба кӯзаҳои махсус гирифта монда, хаммаҳоро пури ангишт ва зери айвонҳоро то ба шифт аз ҳезуми хушк анбор карда мемонанд. Бомҳо андова карда шудагӣ, ба тирезаҳо шиша гузаронида шудагӣ, сандалиҳо тайёр... Дигар ҳеҷ ғаме нест. Меҳмон бошаду хурсандӣ бошад...

Аммо меҳмондории оншабаи ҳавлии калони Саид Аҳрорӣ аз он хел меҳмондориҳои оддӣ ва муқаррарӣ набуд. Ҳавлии вай дар тарафи Регистон, дар паси Қӯшмадраса, дар як гузаре, ки аз роҳи калон дуртар ва дар ҷои назарногирак воқеъ гашта, лекин хеле бошукӯҳ ва ускунадор буд. Аз дарвозаи начандон калони дутабақа ба роҳрави болопӯшидаи торик дохил мешавед. Баъди як хамгашт ба рӯи ҳавлиӣ васеъ мебароед, ки суфаи хиштфарши баланд ва айвони нақшу нигорин дошт. Дар таки айвон ба хонаи калон аз даҳлези васеъ ва деворҳояш гаҷкорию нақшин медароед. Хонаи калон сездаҳболор буда, он шаб ба тарзи нимаврупоӣ оро дода шуда буд. Ба фарши хона қолини патдори нақшин бошад ҳам, ба болои он столи калони дароз ва дар гир-

догирди он стулҳои ранги чӯби чанор гузошта шуда буд. Дар тоқ ва тоқчаҳо мису мисина ва чиниворихои нодири зебо чида шуда, барои истироҳати меҳмонҳо дар пешгоҳи меҳмонхона як дивани калони махмалпӯшидае низ мавҷуд буд. Рӯи стол аз неъмат, аз шириниҳо меваю пистаю руста ва шишаҳо ва ҷомҳо ва қадаҳҳо пур буд.

Хонаро ду лампаи сиюми даврапилтаи овеза равшан мекарданд. Дар равшании чароғ дида мешуд, ки ба рӯи диван ва атрофи он Абдуваҳҳоб Мусоев, Мирзо Муин, Мирзо Латиф, Баротбек, Мирзо Абдураҳим ва боз се-чор нафар аз ҷадидони Бухоро нишастаанд ва дар байни худ сӯҳбат доранд. Соҳиби хона Саид Аҳрорӣ ба меҳмонҳо чой кашида медод.

— Афсӯс, ки — мегуфт Мусоев,— дар ин рӯз Асад махсум дар зери дасти мо нест, дар кӯҳҳои Бойсун банд шуда мондааст. Агар вай саросемагӣ намекард, баракс хомӯшона кор бурда, қувва ҷамъ мекард, ана дар ин рӯз, ки сарлашкари белашкар ба мо меҳмон шуда омада аст, нағз ба кор мерафт!

— Асад махсум саросемагӣ кард ё накард, намедонам,— гуфт Мирзо Муин,— лекин дигар илоҷ ҳам надошт. Ҳайдарқул бо чека забон як карда, қариб буд, ки банд карда гиранд ва аскаронашро халъи силоҳ кунанд.

— Ба ҳамон ҳолат овардан лозим набуд! — гуфта монд Мусоев ва пас аз фурсате илова намуд:— Ба ҳар ҳол, дӯстони мӯҳтарам, умедҳои мо аз ташриф фармудани меҳмони азизамон ин набуд. Ман гумон доштам, ки вай бо ҷоҳои даркорӣ гапро пухта қувваи лозимаи мусаллаҳ, яроқу пулро ба даст даровардан, пешакӣ худаш ба ин ҷо омада истодааст. Маълум мешавад, ки ҳазрати Алӣ барои мағлуб кардани деви сафед яккаю танҳо ба пурти кӯҳи Қоф рафтагӣ барин, ин кас ҳам бо ду шогирдашон барои банд кардани деви сурх омадаанд...

— Наход, ки дар бағал чизе надошта бошанд? — пурсид Саид Аҳрорӣ.

— Аз рӯи гапаш чизе надорад.

— Пас чӣ бояд кард?

— Аз ду кор яктоашро!—гуфт Мусоев.—Ё меҳмонро хуш омадед гуфта, кафшашонро пеш мемонед ё машварат карда, чун сарлашкари моҳир ба корҳои дохилии худамон истифода мебаред.

— Ман аввал ҳам мегуфтам,— гуфт Баротбек фақат ба қувваҳои дохилии худамон такья кардан лозим, фақат ба қувваҳои худамон! Лекин кӯшиш кардан лозим, ки ин қувваҳо мусаллаҳ бошанд.

— Халқи Бухоро Анварро мо мегуфтагӣ барин пешвоз нагирифтанд,— гуфт Мирзо Абдураҳим.— Ба митинги Регистон одам дуруст ҷамъ нашуд. Ба болокорӣ комсомолбачаҳо гирди минбарро печонида гирифта, ҳеҷ касро намонданд, ки боло барояд.

— Хайр, аз болои автомобиль нутқ кардани Анвар ҳам хуб шуд! — гуфт Саид Аҳрорӣ.— Барои мардуми Бухоро ин як кори нав буд. Ман диққат кардам, ҳама салласафедҳо ҳайрон шуда буданд.

— Ба фикри ман,— гуфт боз Мирзо Абдураҳим,— Анварро ба Афғонистон гурезонда монем, то ки дар он ҷо бемалол кор карда, бо давлатҳои манфиатдор гапзанон карда, қувва ва пул ғундорад ва ана баъд якбора бо дили пур аз сарҳад гузарад. Муҷтаҳидони мо Иброҳимбек, Асад махсум, Фузайл махсум ва монанди онҳо низ муттаҳид шуда ба зери байрақи Анвар ғун шаванд ва...

— Ин гапҳои мо бе Анвар фоида надорад,— гуфт Мусоев.— Худаш биёяд, маслиҳат мекунем. Аҳрорӣ, меҳмонатон чӣ шуд?

— Бояд ҳозир омада монад! — гуфт Саид Аҳрорӣ.

— Вай аз ҳайати меҳмонони имшаба огоҳонида шудааст?

— Бале, медонад, ки дар ин ҷо киҳо мешаванд ва тахмин дар бораи чӣ гуфтушунид мешавад...

Дар ин дам, аз берун бача омада хабар дод, ки меҳмонҳо омаданд. Саид Аҳрорӣ ва Баротбек давида берун, ба рӯи ҳавлӣ баромаданд. Дар рӯи ҳавлӣ бо мушойиати одамони соҳиби хона се кас меомаданд. Пеш-пеш худи Анвар меомад, ки вай марде буд қадаш аз миёна пасттар, на фарбеҳ на лоғар; рӯяш лӯнда, чашму абрӯ сиёҳ, мӯйлабчаи борике лаби болояшро зеб медод; ришаш тоза тарошида шудагӣ, ба чашм айнак (пенснэ), ба тан кулӯча-шолвори ҳарбӣ, англисидӯхт аз моҳути хокистарранг, ба сар телпаки баррагӣ, дар по мӯза. Аз паси ӯ Самеъ пошшо меомад, ки қадбаланд, лоғарандом, рӯйдароз ва хеле бадқавоқ ба назар менамуд. Ба тани вай низ кулӯча-шолвори ҳарбӣ аз моҳути сиёҳ буд. Муҳиддинбек марди миёнақад, ғалча

ва сергӯшт буд. Лекин либосҳои ҳарбӣ тани бесулуқаи ӯро хеле гирдуғун карда нишон медод. Вай ҳам ба чашм айнак дошт ва мӯйлаби сиёҳи сихча задаистодааш баболо тоб дода шуда буд, ки аз ду тарафи биниаш намуда меистоданд.

Омадагон низомиёна ба соҳиби хона честь гирифта, салом доданд ва ҳар кадом худро таоруфӣ карда, бо Саид Аҳрорӣ ва Баротбек вохӯрдӣ карданд.

— Хуш омадед, хуш омадед! — гуфт Саид Аҳрор ба забони туркӣ,— ҳар қадам мондед, болои дида. Ман ифтихормандам, ки қаҳрамони номдори ҷанги ҷаҳонӣ, домоди халифаи Рум, сарлашкари исломро дар хонаи муҳаққиронаи худ мебинам. Марҳамат, марҳамат!

Саид Аҳрорӣ инчунин ба он ду зобити турк меҳрубониҳо кард ва суханони пурдабдаба гуфт ва баъд Баротбекро шиносонида гуфт: Нозири муваққатии корҳои дохилӣ мешаванд.

Меҳмонҳо ба хона даромаданд. Саид Аҳрорӣ як қисми хонабудагонро, ки бо Анвар шинос набуданд, шиносониду пас аз гуфта шудани хушомадҳои бисьёре Абдуваҳҳоб Мусоев ба меҳмонҳо аз болотари стол ҷой нишон дод. Худаш, Муинҷон ва Мирзо Абдураҳимхон аз рӯ ба рӯи онҳо нишастанд. Дигарон низ ба мартаба ва қадри худ муносиб ҷо ишғол карданд ва соҳиби хона боз як бори дигар хуш омадед гуфт ва даст ба дуо бардошт, ҳама омин гуфтанд.

Пас чанд дақиқае хомӯшӣ ҳукм ронд. Ба меҳмонҳо чой рехта доданд, ба ширинӣ ва нозу неъмати рӯи дастурхон мурьат карданд. Ниҳоят Абдуваҳҳоб Мусоев аз Анвар пурсид:

— Аҳволатон, саломатиатон хуб аст? Ҳар чӣ зиқ нашуда гаштед-мӣ?

— Ташаккур мекунам,— гуфт Анвар,— бад не. Аз ҳавои Бухорои шариф нафас кашидан, дар хоки поки ин сарзамин қадам монда гаштан маро хушбахт кардааст.

— Бале,— гуфт Ҳоҷӣ Самеъ,— ин шаҳр — шаҳри муқаддаси ислом ва зодгоҳи мардуми турк мебошад!

— Бухоро ва Самарқанд,— гуфт Анвар,— шаҳрҳое мебошанд, ки ҳазрати алияи Темури Курагон асос партофтаанд. Мо ҳама авлоди Темурем, мо ҳам аз наҷоди бузурги туркоием! Бинобар он мо дар ин ҷо, гӯё дар ватани худ ҳастем.

— Мо хеле сарфарозем, ки шуморо дар Бухорои шариф мебинем! — гуфт Мусоев.— Аммо аз як ҷиҳат хиҷил ҳастем, ки шояду бояд иззат ва ҳурмати шуморо ба ҷо оварда натавониста истодаем... Ба худатон маълум аст, ки дасту пои мо чандон озод нест ва мо дар ватани худ истода, ҳатто як меҳмони оликадрро ба дараҷаи лозима меҳмоннавозӣ карда наметавонем.

— Ин асафангез аст! — гуфт Анвар.— Ин масъала дили маро хун мекунад. Ман токат ва сабру тавонамро гум мекунам! Ватани ман, маъвои ман, Туркистони ман ба зери бегонагон поймол бошаду ман осуда гардам! Боиси ба ин ҷо омадани ман ҳамин буд, ки бо шумо маслиҳат карда, як роҳи наҷот ҷӯем. Инро аз мо миллат, ватан ва дили муқаддасамон талаб мекунад!

— Мо ҳам,— гуфт Мусоев,— омадани шуморо мунтазир будем, ки бо ҳам кор мекунем. Мо умедвор будем, ки шумо пеш аз ба ин ҷо ҳаракат кардан бо давлатҳои манфиатдор, бо давлатҳое, ки ба мо дасти ёрӣ дароз кардан мехоҳанд, гапзанон карда, барои кори хайри мо қувваи аскарӣ, яроқу аслиҳа ва каму беш маблағ ҷудо карда меоед.

— Ҳамаи ин гуфтаҳои шумо мешавад!— гуфт Анвар ва папирос оташ дода ба гапаш давом кард:— Давлатҳои Англия, Франция ва Германия ҳозиранд, ки ба мо ёрӣ расонанд; ҳам аз ҷиҳати қувва, ҳам аз ҷиҳати аслиҳа ва ҳам аз ҷиҳати маблағ. Лекин онҳо давлатҳои капиталистӣ ҳастанд, пулу маблағу қувваро бедараку бекора, ба ҷои нобудаш сарф намекунанд. Онҳо маро фиристоданд, ки бо шумо гапзанон карда, бо қувва ва яроқи мавҷудаи шумо корро сар кунем. Ҳамин ки мо ба ҳаракат даромадем, аз хориҷа ҳама чиз ба ихтиёри мо омадан мегирад.

— Зотан,— гуфт Ҳоҷӣ Самеъ ба гап ҳамроҳ шуда,— ҷаноби сардор Анвар ба лашкару қувваи хориҷиён чандон аҳамият намедиҳанд. Мӯъҷизаи кор дар ҳамин аст, ки ин зот дар куҷое пайдо шаванд, ғалаба ва зафар дар он ҷо мешавад.

— Як аскари оддии турки мусулмон,— гуфт Муҳиддинбек ба гап ҳамроҳ шуда,— ба даҳ кофир ҷавоб медиҳад, як зобити турк ба ҳазор!

— Бале,— гуфт Анвар зоҳиран аз бетамизиҳои ҳамроҳонаш хиҷил шуда,— ман боварӣ дорам, ки мо бо маслиҳат ба корҳои калон сар мекунем. Барои сар шу-

да рафтани ин корҳои азими ҷаҳоншумул дар хоки муқаддаси Бухоро ҳамаи шароит муҳайё шудааст. Инро дида тавонистан лозим аст.

— Албатта, албатта,— гуфта монд Мусоев.

Дар ин дам табақҳои кабобро гирифта оварданд. Ба хонаи калон бӯи иштиҳоовари кабоб пахн шуда рафт, ки он бо мурчу зираю чаҳор дору маҳлул гашта буд. Соҳиби хона ба қадаҳҳо коньяк ва арақ рехта ба саломатии меҳмони азиз қадаҳ бардошт. Мусоев қадаҳ бардошта истода фикр мекард, ки дар хоки муқаддаси Бухоро чӣ шароитҳо муҳайё бошад, ки ба сар шуда рафтани корҳои азим имконият медода бошад. Шояд, Анвар босмачиёни Бухорои Шарқиро дар назар дорад? Ба муқобили милтиқҳои панҷтираю пулемёти Максим ва тӯпҳои бисьёре як тӯда босмачии беяроқ чӣ карда метавонад?! Амир бо ҳамаи яроқу тӯпу аслиҳа ва лашкараш мағлуб шуду акнун Анвар бо милтиқҳои шикорӣ ва корди ошу калтак аскари русро задани мешавад! Аскари рус ҳоло дар ҷангҳо обутоб ёфта, ба сахтиҳо одат карда, соҳиби яроқу аслиҳаи ҳозиразамон гаштааст. Агар бо плану нақшаи Анвар дар ҳол рӯйрост ҳаракат кунем, ҳамаамон нобуд мешавем. Аввалаш ин ки агар маслиҳат шавад, Анварро ба Афғонистон, барои мустаҳкам кардани таҳкурсии кор фиристодан лозим. Агар не гӯяд, майлаш, сарашро хӯрад, ба Бухорои Шарқӣ гузаронда мондан лозим. Лекин кӯре шавад, ки ҳамроҳии моро русҳо нафаҳманд.

— Рухсат диҳед, ҷаноби мӯҳтарам раис афандӣ — гуфта ба Мусоев яке аз ҷавонбухориҳои ҷадид мурочиат кард, хеле туркпараст ва яке аз ташкилкунандагони омадани Анвар буд. Мусоев бо сар ишора кард, ки сухан кунад. Ҷавон ба гапаш давом кард: — Дар ин даҳ-дувоздаҳ рӯз, ки писари қаҳрамони халқҳои туркнажод — сардор Анвар пошшо ба хоки Бухорои шариф ташриф овардаанд, фазои Бухоро, ҳавои Бухоро, рӯҳи мардуми Бухоро ба файз, муаттар ва улвӣ гаштааст. Ба ин шубҳа нест. Мо дар чанд ҷой бо эшон сӯҳбатҳо гузаронидем, марому мақсадамонро гуфтем. Ман таклиф мекардам, ки ин зиёфатро, ин ҷамъомадро чун ҷамъомади ботантанаи меҳмондорӣ нашуморида, маҷлиси корӣ ва амалӣ ҳисобидан лозим. Мо метавонем дар сари ин дастурхони пурнозу неъмат дар бораи ватани харобамон, дар бораи миллати афтодаамон сухан

кунем ва ба ин маҷбурем. Бас, акнун бас аст хомӯш нишастан! Ҷавонҳои миллии Бухоро ҳозиранд, ки худи ҳамин шаб қиём кунанд ва хоки муқаддаси ватанашонро аз душман пок кунанд. Лекин ба мо ярок диҳед, ба мо сардор диҳед, ба мо роҳбарӣ кунед! Ман ба саломатӣ ва муваффақияти корҳои сардор Анвар пошшои бузург менӯшам!

Анвар қадаҳро ба лабаш бурду каме нӯшида, ба рӯи дастурхон гузошт ва баъд аз гӯшти кабоб бо чангча гирифта андаке тановул кард. Вай хомӯш нишаста, сухани Мусоевро бо суханони ин ҷавон муқоиса карда медид. Гурги борондида барин менамояд ин марди ғалчаи бемӯ! Ба гумон сиёсат ва найрангбозиҳои фарангиҳоро нағз медонаду намехоҳад, ки ба ваъдаи пуч бовар карда, мансаби тайёру давлати накдро аз даст диҳад. Ин аз як ҷиҳат хуб аст. Ман бо одами ҳавоӣ ва бемағз сару кор карданро нағз намебинам. Бо вай ҷиддӣ гапзанон карда, зудтар ба тарафи кӯҳистон, ба назди босмачиён рафтан лозим. Дар он тарафҳо одамони худӣ ҳастанд; Ҳасанбек дар Тирмиз, Алӣ Ризо афандӣ ва Донёрбек бо ҳамроҳии Усмонхоҷа ба ҳамон тарафҳо рафтагӣ... Бале, дар Бухоро дер мондан хавф дорад!

— Ҷанобон, афандиҳо!— гуфт Анвар аз ҷо бархоста. Ҳама хомӯш шуданд. Вай қадаҳро ба даст гирифту ба суханаш давом дод:— Ман ва рафиқонам аз лутфу эҳсону марҳамати шумо хеле миннатдорем. Мо равшан дида истодаем, ки ҷавонони миллии Бухоро бо ҳисси миллатпарастӣ, ватанпарастӣ ва эътиқод ба дини мубини ислом саршоранд; мехоҳанд, ки ҳар чӣ зудтар ба ватан ва ба миллат вафо кунанд, шӯриш бардоранд; зананд, шикананд ва ҳамаю ҳар чизе ки ба эътиқоди онҳо, ба миллияти онҳо, ба ватандӯстии онҳо халал мерасонанд, аз миён бардошта партоянд. Ин хеле хурсандиовар аст. Ин ба ману ба рафиқони ман рӯҳ, боварӣ ва ҷасорат мебахшад... Бале, ҷасорат! Ба диққати аҳбоб мерасонам, ки ману рафиқони ман аз одамони камҷуръат нестем, ба ин шарҳу эзоҳ лозим нест. Лекин вақте ки дасисаи душманӣ, фиребу макр дар миён аст, шери жаён ҳам қадамашро бояд дониста монад. Ман рӯйрост мегӯям, аз рӯзе, ки мо ба Бухоро ворид шудем, муомилаи идораҳои сиёсӣ, одамони ҷудогона ва хусусан русҳо нисбат ба мо душманона аст. Дар атрофи мо

ҳамеша одамони номаълум мегарданд, ҳамеша моро таъқиб мекунанд, ба мо рӯи хуш нишон намедиҳанд... Дар ин маҷлисе, ки аз агъёр холист... (дар ҳақиқат дар он маҷлис ягонто ҳам аз одамони чека даромада натавониста буд, вале...). Дар ин маҷлисе, ки ҳама дӯстон ва хайрхоҳони мо ҳузур доранд, пинҳон накарда мегӯям, ки пас аз сӯҳбат бо сафири Русия — Юреньев азми мо ҷазм шуд, ки ҳар чӣ зудтар аз Бухоро баромада равем. Дар вақти сӯҳбат Юреньев аз мо ҳаминро таъкидан мепурсид, ки мо аз Бухоро кай меравем. Чӣ тавре ки мо медонем, большевикони рус суханро ба ҳаво намепартоянд. Онҳо дар паси ин сухан амал ҳам мекунанд. Бинобар он ақл мегӯяд, ки ҳар чӣ зудтар дар ин ҷо суханро хотима дода, ба сари кор рафтан лозим. Ман ба саломатии он ҷавонҳое менӯшам, ки мисли сонка ҷӯшону хурӯшонанд ва ба ҳар даъвати ватан ва миллат ҳозир ва омодаанд.

Дар он шаби зиёфат ва маҷлис хеле суханҳо гуфта шуд, хеле қадаҳҳои тамаллуқкорона бардошта шуд ва ниҳоят тарафайн, ҳам Анвар ва шариконаш, ҳам ҷадидони Бухоро лозим донистанд, ки ба гуфтори амалӣ гузаранд.

Ба ҷадидҳо маълум шуд, ки Анвар бо шариконаш бе ҳеҷ чиз, фақат бо ваъдаи хом омадааст. Кӣ медонад, шояд дар Фарангистон сар-сарӣ гаштан ба ҷонаш расидагисту аз хоҷагонаш ягон коре пурсидагист. Хоҷагонаш низ ба вай ҳамин кори номуайян ва бепулро таклиф кардагистанд: ба фалон ҷо меравӣ, миллати турк, дини исломро дастак мекунӣ, сардори босмачиён мешавӣ, онҳоро муттаҳид мекунӣ, мо ба ту яроқу аслиҳаю пул расонида меистем. Агар муваффақ шудӣ, нонат ба равған, агар нашудӣ, аз толеат. Анвар ҳам бахт аз таваккал гуфта хеста омадагӣ... Хайр, коре кардан лозим, ки худи Анвар бо дӯстонаш баромада раванд, инҷангиҳо ба ин кор ҳамроҳӣ накунанд.

— Набошад гап ҳамин,— гуфт дар охир Мусоев,— пас аз ду рӯз шумо ва рафиқонатонро коркунони милиция, ки онҳо низ туркони усмонӣ мебошанд, бо яроқу аслиҳа ва ғайра таъмин намуда, бо мақсади шикор ба беруни шаҳр мебаранд ва рост ба тарафи Қаршӣ гузашта, ба воситаи Тирмизу Қубодиён ба атрофи Душанбе, ба назди муҷтаҳидон меравед.

— Албатта дар он ҷо бо ҷаноби Усмонхоҷа афанди вомехӯрем,— гуфт Анвар.

— Ба ин шубҳа нест. Боқимондаи кор ҳама дар дасти он кас мешавад. Ман гумон мекунам, ки иншоolloҳ Душанберо холӣ карда гирифта, ҳам ба ярок соҳиб мешавед, ҳам ба пойтахт!

— Иншооллоҳ, иншооллоҳ! Фатҳу нусрат анқариб аст!

Ҳама даст бардоштанд ва омин гуфтанд...

## IX

Бухоро, Бухорои пурдида ва азобкашидаи ман! Чӣ рӯзҳои тира ва шабҳои пурташвишро гузаронида, чӣ бадбахтӣ ва кулфатҳои тоқатфарсо дидӣ; чӣ аламу уқӯбатҳоро паси сар кардӣ! Аз дувоздаҳ дарвозаи ту сол аст дувоздаҳ моҳ кинаю буғзу ғараз; душманию торочгарӣ дохил мешуд; беҳтарин фарзандони туро мекуштанд; ширaю шарбати туро мемакиданд, илму маданияти туро поймол мекарданд ва бойигарии туро ба ғорат мебурданд... Магар онҳое, ки ба гузоштани буньёди ту араки ҷабин рехтаанд; ба шукӯҳу ҷалоли қасрҳои маданият, мадрасаҳо, китобхонаҳо, меҳмонхонаҳо ва кошонаҳои зебои ту ҳамаи дониш ва ҳунари худро ба кор бурдаанд; асоси ҳамаи ҳунарҳо ва касбҳоро гузоштаанд, барои тороч карда шудани ту меҳнат карда буданд?! Магар заргарони заррипдасти нозукҳунар; мисгарони мӯъҷизакор, бофандагони сеҳркор, дуредгарони беҳамто барои роҳзанон, муфтхӯрон ва каллабурон кор мекарданд?!

Не, ҳаргиз не! Ман медонам, ки аз дувоздаҳ дарвозаи ту ба ғайр аз он ки гуфтам, инчунин илм, маданият, дӯстӣ, садоқат ва рафоқат ҳам дохил мешуд. Ман медонам, ки дар оғӯши пурлутфу эҳсони ту қаҳрамонон, далерон, ҳимоягарони ту низ тарбия мееёфтанд. Онҳоро ту мепарвардӣ, ту ба воя мерасонидӣ, ту калон мекардӣ! Ту боварӣ доштӣ, ки онҳо аз хоки покат ҳамаи олоишҳоро дур карда мепартоянд; ба фарзандони ту, ба халқи заҳматкаши ту ҳамаи он чӣ аз меҳри пурхосияти ту ба амал меомад, насиб мегардонанд! Ман медонам, ки Асад махсум, Иброҳим Галлу, Анвар

пошшо, Ҳоҷӣ Самеъ ва боз дигару дигарон несту нобуд мешаванд! Бале.

Бигзарад ин рӯзгори талхтар аз заҳр,
Бори дигар рӯзгори чун шакар оянд![1]

Ҳамин тавр ҳам шуд!

Лекин ман, ки бори дигар як қисми он таърихро варақ зада мебинам; ман, ки аз пардаҳои дилам дарду аламу азобҳои туро боз як бори дигар фушурда мегузаронам (то ки он аз нӯги хомаам ранги ҳастӣ гирад), метапам, мегирьям, азоб мекашам! Нафратам меоянд аз онҳое, ки аз ту рӯида, туро зери по карданӣ, фурӯхтанӣ шуданд! Ғазабам ҷӯш мезанад бар онҳое, ки барои кайфу сафои худ, барои мақсадҳои ифлоси худ, аз рехтани хуни фарзандони неки ту парҳез накарданд!

Ҳамаи онҳоеро, ки ба ту хиёнат карданд ва ё хиёнат карданӣ хастанд, маҳкум мекунам! Ман ҷонамро аз ту дареғ надоштам ва дарег намедорам ва то қатраи хун дар баданам ҳаст, хайрият, пешравӣ ва бахту саодати туро мехоҳам.

Ин амирони вопасин, ин лаънатиҳои хиёнаткор, ки бо номи Асад махсум ва Анвар пошшо ба рӯи хоки муқаддаси ту фитна бардошта буданд, анқариб зеру забар мешаванд ва ман ҳамроҳи ту, гӯё он рӯзҳоро боз аз сар гузаронида бошем, осуда нафас мекашем!

Ҳоло ки Асад махсум дар Бойсун ва Анвар пошшо дар Бухорост, биёед дар паи кори онҳо шавем.

Аввали рӯзи ҳафтуми ноябри соли 1921, дар саҳарии пурфайзи солонаи иди Кабири Октябрь Анвар пошшо чи як хоби даҳшатноке дида, бо талвоса чашм кушоду худро дар хонаи ёздаҳболори озодае дид, ки дар рӯи кати мулоим ёзидааст ва дар поёни кати ӯ ба рӯи қолини патдор чоғаҳ партофта ду ҳамроҳаш хобидаанд.

— Ба шумо чӣ шуд? — гуфт Ҳоҷӣ Самеъ, ки аз нолиданҳои Анвар бедор шуда буд.— Ин қадар талвоса карда нолидед? Магар ягон хоби бад дидед?

— Э, напурс! — гуфт Анвар.— Ҳам хоби нағз дидем, ҳам бад. Намедонам, чӣ таъбир кунам.

— Ман ба хоб боварӣ надорам, — гуфт Ҳоҷӣ Самеъ,— лекин гӯед канӣ, чӣ хоб дидед, шояд таъбир карда тавонам!

---

[1] Ҳофиз.

— Хоб дидем, ки — гуфт Анвар.— дар як майдони васеи беканор лашкари бекарон ҷамъ шудааст. Ман дар аспи сафеди маст савор, дар танам либосҳои домодӣ... Бале, бале, нағз дар хотирам мондааст, либосҳои домодӣ, хурсанду шод асп давонда, сафи лашкарро аз назар мегузаронидаам... Баъд аз пешам як дарьё баромад пур аз хун, мефаҳмӣ, дарьёи пур аз хун! Аспи ман бе ҳеҷ тарсу ваҳме аз дарьё гузаштааст. Аммо лашкарҳо, ки аз қафои ман меомаданд, ҳамин ки ба дарьё мерасиданд, нест мешуданд. Ниҳоят танҳо мондам. Як вақте бинам амири Бухоро — кошки ман ӯро дида бошам — як мӯйсафеди бадқавоқ ба пеши ман омада, саллаи тоҷдорашро гирифта, ба сари ман пӯшонидааст. Салла чунон вазнин будааст, ки сарам бардошта натавониста хам шудааст ва салла ба рӯям хамида пеши роҳи нафаси маро мегирифтааст, ҳарчанд мекардам, ки салларо аз сару рӯям дур кунам, ҳарчанд мехостам нафас рост кунам, наметавонистам... Дар ҳамин кашмакаш бедор шудам..

— Амири Бухоро мешавед, лекин камтар нафасатон танг мешавад, азоб мекашед!

— Таъбират ҳамин?

— Ха, чӣ мешуд?.

— Нодуруст! Ман амир намешавам. Ман диктатор мешавам ва диктатори тамоми Туркистон!

Дар ин дам аз кӯча овози мусиқӣ ва ғулғулаи идкунандагон ба гӯши онҳо расид.

— Ин чӣ моҷаро?— пурсид Анвар.

— Надонам,— гуфт Ҳоҷӣ Самеъ.

— Ин, намоиши иди Ӯктабрь,— гуфт хобу хоболуд Муҳиддинбек.— Имрӯз иди Ӯктабрь-ку, ҳафтуми новамбир.

— Ҳа иди Октябрь!— гуфту Анвар хомӯш монд. Вай идро, боиси ин идро — инқилоби кабирро, ки тамоми дуньёро ба ларза оварда буд, бад медид. На фақат бад медид, балки бо тамоми ҳастии худ нестии онро мехост. Солҳои аввалини ҷанги ҷаҳон вай чун ҷосуси Германияи кайзерӣ ном баровард ва лашкари Туркияро ба муқобили Россия ва Англия бурд. Барои ном баровардани худ ва манфиати капитали Германия фарзандони бегуноҳи Туркияро тӯъмаи тӯп кард. Пас аз ҷанг ва инқилоби кабири Туркия, ки онро Мустафо Қамол роҳбарӣ мекард, чун ватанфурӯш ва хоин аз Туркия

ронда шуд, дар ғурбат хорузор шуда гашт. Вай нағз медонист, ки ба инқилоби миллии Туркия — инқилоби кабири Октябрь бетаъсир намонда буд. Агар инқилоби Октябрь намешуд, агар Ленин ба ҷаҳон нидои сулҳро намедод, агар шуои офтоби Октябрь болу пари шабпаракони ҷангҷӯро намесӯхт, кӣ медонад, шояд дар Туркия инқилоб намешуд; шояд ҳоло Анвар — домоди халифаи Рум дар Безанси қадим ҳукмрони кул мешуд...

Инқилоби Октябрь сарзамини Туркистонро, ки як қисми Осиёи Миёна буд ва Анвар барин зотҳо бо ин ном тамоми Осиёи Миёнаро меномиданд, низ аз зулму асорат озод кард; инқилоби Октябрь Қавказро, нимҷазираи Қримро, ки анварҳо аз ҷузви Туркия меномиданд, низ ба соҳибони ҳақиқии ин сарзаминҳо бахшид. Пас, инқилоби Октябрь арсаро дар рӯи олам ба Анвар танг карда буд. Бинобар он буд, ки бо шунидани номи иди Октябрь авзоъи ӯ дигар гашт ва хомӯш монд.

Дар ҳамин ҷо, дар сарзамини Бухорои қадим ҳам, ки вай гӯё паноҳ ҷуста, роҳи пешравии кори сарбастаашро ҷуста омадааст, низ ӯро инқилоби Октябрь таъқиб мекунад! Ин ғул-ғула, ин нидоҳои хурсандонаи мардуми озод, ин суруду мусиқӣ, ҳама, ҳама ба гӯши вай тир барин мерасанд.

— Хезед, ба ин моҷарои большевикон гӯш дода хоб кардан ба шумо маъқул барин!— гуфт вай, худаш аз ҷо ҷаҳида бархост. Анвар мехост, ки ҳеҷ набошад, бо ҳамроҳонаш баҳсу мунозира карда, худро ба девонагӣ зада, аз таъқиби андешаҳои ғамовар наҷот ёбад.

— Ин хел моҷарои хурсандӣ ба ман маъқул не,— гуфт Ҳоҷӣ Самеъ ҳам аз ҷо бархоста.— Ман ғавғои ҷангу талошро дӯст медорам. Хусусан, ки ба деҳкада ё ки шаҳри фатҳ кардашудае дохил шавӣ, нолаю фарьёди душмани захмхӯрда, доду фарьёди зану бачагони вай, шартшурти сӯхторҳо, наъраи мастонаи зери дастони ту ҷунон лаззате дорад, ки ман аз ҳеҷ як опера онро гирифта наметавонам.

— Ту хунхӯри кӯҳна!— ғуфт Анвар қасдан баҳсро тезониданӣ шуда.— Агар ба хонаи қину қасос даромада бинӣ, ки большевикон маро ба чорчӯба кашида азоб медиҳанд ва ман ба хоку хун ҷӯлида менолам ва фарьёд мекашам, ту ҳамон лаззати ҳақиқиро гирифтан мегирӣ!

Ҳоҷӣ Самеъ абрӯ чин кард. Дар ҳақиқат ин марди золим ва бераҳм, ки ин хусусияти худро яке аз ҳусну

бартариҳояш дониста фахр мекард, агар ба манфиати худаш бошад, агар ба вай зараре нарасад, аз тасвири болони Анвар ҳазар намекард, балки бо лаззат ба ҷон додани ӯ синча мекард ва хурсанд мешуд, ки дигар дар роҳи болоравии ӯ дар пеш рақибе нест.

— Ту аз таҳқир кардани бародари худ лаззат, мегирӣ Анвар!— гуфт вай дар зери лаб ва берун баромад.

— Не, ман аз ҳамаи овозхо биқ-биқ ҷӯшидани деги ошро дӯст медорам!— гуфт Муҳиддинбек ҷоҳоро ғундошта истода,— ин мизбонхо чӣ шуданд, наход, ки моро ба холамон гузошта ба намоиш рафта бошанд?

— Наход ки ҳамин қадар берӯ бошанд ин бухориҳо!— гуфт Анвар.— Не, ана касе омада истодааст.

Дар ҳақиқат мизбонхо — ду нафар аз хизматчиёни назорати хориҷӣ, ки Анвар дар ҳавлии меҳмонпазироии онҳо манзил карда буд, салом дода аз дар дохил шуданд ва ба ғундоштани ҷогаҳи меҳмонҳо ба Муҳиддинбек ёрӣ дода аз саломатӣ ва кайфияти ҳоли меҳмонхо ҷӯё шуданд.

— Саломат бошед,— гуфт Анвар.— Дар берун чӣ навигарӣ?

— Навигарӣ нест,— гуфт яке аз мизбонҳо.— Имрӯз ид, идораҳо баста, ҳама ба намоиши Регистон рафта истодаанд.

— Ҳа, намоиш!— гуфту Анвар аз хона баромад.

Вақте ки онҳо ба сари дастурхони наҳор нишастанд, яке аз мизбонон ба хотир овард:

— Воқеан, мебахшед,— гуфт вай,— як нафар одам...

— Сардори милицияи шаҳри Тирмиз Ҳасанбек!— гуфт мизбони дигар.

— Ҳасанбек?— гуфт қошуқро аз даст монда Анвар,— бародарам Ҳасанбек канӣ?

— Вай дар ҳамин ҷо, ба фармони шумо мунтазир шуда истодааст,— гуфт мизбони аввала.

— Чаро то ба ҳол нагуфтед? Чаро ӯро, бародари маро маътал кардед?

— Мо надонистем... Мувофиқи қонуну қоида...

— Қонуну қоида! Қонуну қоида! Ба ман ин хел қонуну қоида лозим нест. Зуд ӯро ба ин ҷо ҳозир кунед!

Яке аз мизбонон давида аз хона баромад ва пас аз фурсате бо як нафар марди турк, ки қадбаланд, чашму абрӯсиёҳ ва тану тӯшнок буда, дар тан либосҳои ҳарбӣ дошт, ба хона даромад.

— Ҳасанбек, бародари азизам,— гуфт ба истиқболи ӯ ба по хеста Анвар. Дигарон низ ба по чаҳиданд. Анвар ва Ҳасанбек оғӯш ба оғӯш гирифта вохӯрдӣ карданд, ҳамдигарро бӯсиданд. Баъд Ҳасанбек бо Ҳоҷӣ Самеъ ва Муҳиддинбек вохӯрдӣ кард.

— Наход ки ин рост аст, наход ки ман Ҳасанбекро мебинам?!— мегуфт Анвар.— Бисту як рӯз дар роҳи ту чашми интизор доштам.

— Мо ҳанӯз дар Ботум аз ту ҷӯё шудем,— гуфт Ҳоҷӣ Самеъ.— Ба мо гуфтанд, ки ту дар Бухоро макон гирифтаӣ.

— Бале,— гуфт Ҳасанбек.— Дар Тирмиз, дар шаҳри сарҳаддӣ вазифаи хубе дорам. Гарнизони шаҳр дар дасти худам. Зиёда аз чаҳорсад нафар савору пиёдаи низом дорам.

— Офарин, офарин!— гуфт Анвар.— Ту омадани маро аз куҷо шунидӣ? Ба ту хабар доданд?

— Бале,— гуфт Ҳасанбек ва бо рамз ба мизбонон нигоҳ карда монду фаҳмонид, ки дар назди онҳо гуфтан мумкин нест ва илова намуд:— Ҳамин ки шунидам, шумо омадаед, орому карорамро гум кардам ва зуд ба сӯи Бухоро асп давондам. Шабу рӯз дам нагирифта омадам. Саҳар расидам бар дари ин ҳавлӣ, вале шумо дар истироҳат будед...

— Азизам Ҳасанбек, чӣ нағз омадӣ!— гуфт Анвар.— Чӣ дар сари вақт омадӣ! Хусусан ки имрӯз дилам тангӣ мекард. Ту омадӣ, ҳаман ғаму ғуссаҳо нест шуданд. Хуб, азизон, канӣ дастурхонро ғундоред ва моро монед ки камтар дарду ҳасрат кунем!

Мизбонон зуд аз ҷо бархостанд, дастурхонро ғундошта берун баромаданд. Бо ишораи Анвар Муҳиддинбек низ бо онҳо баромад, ки аз ҳолашон ва кирдорашон бохабар шуда намонад, ки касе ба сӯҳбати меҳмони кибор халал расонад.

— Хӯш, гап зан канӣ, азизам!— гуфт худро ба рӯи диван партофта Анвар.— Аҳволат? Кору борат чӣ тавр?

— Ман дар Тирмиз қувваи андак бошад ҳам қувваи боэътимод ҷамъ кардам,— гуфт Ҳасанбек.— Ҳамеша мунтазири омадани шумо будам. Ниҳоят се рӯз пеш аз ин раиси ҷумҳур ҷаноби Усмонхоҷа афандӣ аз Бойсун бо телефон ба ман мухобира карда фаҳмониданд, ки шумо дар Бухоро ҳастед... Он кас хеле орзуи дидори

шуморо доранд. Ба ман телефон карданашон ҳам маҳз барои ҳамин буд...

— Чаро вай дар Бухоро наистода, баромада рафтааст?— пурсид ба гап ҳамроҳ шуда Ҳоҷӣ Самеъ.

— Ман дуруст хабар надорам,— гуфт Ҳасанбек.— Лекин тахмин мекунам, ки инҳо...

— Қиҳо?— пурсид Анвар.

— Усмонхоҷа, Алӣ Ризо афандӣ ва Дониёрбек бедарак ҳафтсад нафар аскар, чаҳор тӯп ва пулемётҳои навро бо худ нигирифтаанд...

— Барои нест кардани босмачиён рафтанд, мегӯянд дар ин ҷо,— гуфт Анвар.

— Шояд ин баҳона бошад,— гуфт Ҳасанбек.— Ба тахмини ман ана ин мактуби шахсии ҷаноби Усмонхоҷа низ қувват медиҳад. Ин мактубро дар роҳ ба ман расониданд. Ҷаноби Усмонхоҷа ба тарафи Душанбе ҳаракат дорад, шояд ҳоло дар он ҷо бошад.

Анвар аз дасти Ҳасанбек мактубро гирифт. Мактуб мухтасар буд. Усмонхоҷа меҳмони иззатмандро табрику таҳният гуфта, хеле орзу кардааст, ки ӯро дар шаҳри Душанбе бинад. Бо фармони ман, гуфтааст, вай, зимомдорони Бухоро шуморо бемалол ва беосеб ба ин сӯ гусел мекунанд. Дар Душанбе машварат карда, якҷоя нақшаи ояндаи корро месозем...

— Ин ҳам маро ба Душанбе таклиф мекунад,— гуфт Анвар.— Метарсанд, ки дар худи Бухоро шӯриш хезонда наметавонанд, русҳо наздик ва роҳи оҳан халал медиҳад.

— Ин фикрашон ҷон дорад,— гуфт Ҳасанбек.— Дар ин ҷо кор бурдан ҳатто ба шумо ҳам мушкил мешавад. Дар Бухорои Шарқӣ, ки ҳаракати босмачигарӣ авҷ гирифта истодааст, майдони тохтутоз фарох аст.

— Ту ҳам ба ман ҳамин маслиҳатро медиҳӣ.

— Ҳа, сардор.

— Пас, қарор додем!— гуфт Анвар ба Ҳоҷӣ Самеъ нигоҳ карда,— худи пагоҳ баромада меравем. Ба дӯстонамон хабар деҳ, тадоруки корро бинанд.

— Ин корро ман ба ӯҳда мегирам,— гуфт Ҳасанбек.— Дар ин ҷо ҳамаи сардорҳои милиция ва қувваҳои харбии миллӣ аз туркони худамон. Ман роҳу равиши корро дида, омӯхта шуда мондагӣ. Худи ҳамин рӯз бо дӯстам Бортанлӣ — муовини сардори идораи милиция сӯҳбат карда, бегоҳӣ нақшаро ба арз мерасонам.

— Майлаш,— гуфт Анвар ва аз чо бархост.— Имрӯз ҳам ба зиёфат меравем.

Рӯзи ҳаштуми ноябрь, рӯзи чумъа буд. Он рӯз қариби вақти намози чумъа ба одамони дахлдор, дар он қатор ба чека ва сафоратхонаи Россия ва вазорати хоричӣ хабар доданд, ки Анвар пошшо бо рафиқонаш ба шикори дурӯза ба атрофи туманҳои Бухоро баромада рафт. Мардум ҳайрон монданд. Зеро ки дирӯз бегоҳӣ қарор буд, ки Анвар дар масчиди Калони Бухоро бо чамоаи мусулмонон намози чумъа мехонад ва аз чекаю чоҳои дигар мардум дар ташвиш буданд, ки мабодо вай дар назди халоиқ ягон баромад накунад, нутқи вайронкунандае эрод накунад. Аммо Анвар, Ҳочӣ Самеъ, Ҳасанбек, Муҳиддинбек, зобит Нафӣ аввали рӯз ба аспҳои бодпо савор шуда, аз дарвозаи Намозгоҳ баромаданд ва ба сӯи роҳи Қаршӣ равон шуданд.

Муовини сардори милицияи шаҳр Борталӣ, зобит Халилбекҳо бошанд аз дарвозаи Қавола савора баромада, дар роҳи Қаршӣ ба дастаи Анвар мулҳақ шуданд ва дам нагирифта ба сӯи Қаршӣ асп ронданд. Дар хӯрчинҳои пурбор, ки дар зери пои аксарияти суворон буд, хӯроки чандрӯза, пул, тилло, тиру таппончаҳо чо карда шуда буданд. Дастаи Анвар бе ҳеч мамониат аз Қаршӣ ҳам гузашта, ба сӯи Қубодиён равона гардид...

Ин роҳ — роҳи охирин ва роҳи марги вай буд.

## X

Дар лагери Асад махсум, дар Сангқалъаи болои кӯҳ кайҳо зимистон шуда буд. Дар охирҳои моҳи ноябрь барфи калон борид; хаскаппаҳо, чодирҳо аз вазни барф чӯкидан гирифтанд. Аксарияти одамон ба заминканҳо чо шуданд. Хайрият, ки ҳезуми бисьёре захира карда монда буданд, дар ин ҳавои хунук ба кор омад. Аммо хӯрокӣ тамом шуда буд. Аз поён Зокирбой хабар медод, ки аскарони сурх ба вай арсаи корро танг кадаанд, хӯрок ғундоштан хеле мушкил шуда монд ва каму беш чамъ шудаашро ба боло фиристодан аз вай ҳам мушкилтар...

Аскарҳои Асад тахмин ҳамаи озуқаи захираашонро хӯрда буданд, ки ҳоло чашми ҳама ба якчанд сар аспи боқимонда буд. Махсум ҳар рӯз худаш даҳ-понздаҳ бор

аз аспҳо хабар мегирифт ва эълон карда буд, ки ҳар кас ба куштани ягон асп ҷуръат кунад, аз сараш маҳрум мешавад. Рӯзҳои аввал, ки камтар-камтар гандумуни қоқ буд, мардум сабр мекарданд, вале ду рӯз боз касе чизе нахӯрда буд ва лоҷарам ба аспҳо ҳуҷум карданн гуруснагон ҳатмӣ мегардид. Махсум инро ҳис мекард. Вай ба худ қарор дод, ки боз як бори дигар ба канори ҷар одам фиристад, балки худаш ҳамроҳ биравад ва агар аз поён хабаре нашавад, амр медиҳад, ки аспи нисбатан пиртарро кушанду дар байни мардум тақсим кунанд.

Дар канори ҷарӣ, дар он ҷое, ки ҳамеша аз поён дар сабадҳои калони махсус озуқа мекашиданд, касе набуд. Махсум бо панҷ-шаш нафар одамонаш омада, бо дурбин ба поён нигоҳ кард. Дар поён барф камтар буд. Қишлоқ зиндаю солим ва хуррам тофт. Дар кӯчаҳои он бачаҳо давутоз карда мегаштанд. Дар баъзе ҳавлиҳо аз ошхонаҳо дуд мебаромад. Маълум, ки дар он ҷо нон мепазанд ё ки барои оши палав равған доғ мекунанд. Дар болои боми идораи ҷамоаи қишлоқ байрақи сурх парафшонӣ мекунад. Дар майдони сари масҷид панҷ-шаш нафар ба рӯи кати дӯкони баққол сӯҳбат карда менишастанд. Бузу бузғолаҳо, гӯсфанду гӯсолаҳои мардум дар нишебии зери кӯҳ, дар он ҷое, ки барфаш хеле кам монда буд, ҷаро карда мегаштанд. Дар гирду атрофи қишлоқ аскаре, сарбозе, низомие наменамуд...

Асад махсум бо дурбин нигоҳ карда истода, боз ҳамон фикреро, ки чанд бор ба хотираш расида буд, ба ёдаш овард; оё аз ҳамин ҷо ба воситаи ресмонҳо ва сабадҳо оҳиста-оҳиста аскарҳоро фароварда, ба тарафи Душанбею Ҳисор роҳ ёфтан мумкин бошад? Не, мумкин не! Аз ин ҷо ба сӯи Қаршию Ғузор роҳ ҳаст, ки пур аз хатар мебошанд, ин як, сониян, ин қадар касро фаровардан осон не. Онҳо, мумкин аст пеш-пеш гурехта раванд ё ки аскарҳои сурх хабардор шуда биёянд... Не, не ин фикри беҷост!

Махсум дурбинро аз чашм гирифт. Бо фармони вай яке аз одамонаш ба хастӯдаи лаби ҷарӣ оташ дод. Дуд фаввора зада рост ба сӯи осмон мебаромад. Ҳаво ором ва осуда буд.

Ин хасдуд аломати махсусе буд, ки дар ҳолати мушкилӣ дода мешуд ва мебоист Зокирбой ё одамони вай медиданду ба холи сахти болонгиҳо пай мебурданд.

Махсум ба сӯи ҳавлии Зокирбой бо диққат синча карда меистод. Лекин аз он сӯ касе нанамуд.

— Эҳ лаънатии хоин!— гуфт Махсум.— Нағзиҳои ман кӯр кунад! Хайр, сабр карда ист, ту ҳам ба дастам меафтӣ.

— Ба ин тараф, ба зери ҷарӣ нигоҳ кунед!— гуфт одами Махсум ва фарьёд баровард:— Ҳо, ҳо, ҳо, ҳо!

— Овозата гир, нодон!— гуфт Махсум ва ба тарафи нишон дода шуда бо дурбин нигарист. Дид, ки аз даруни ғоре се-чор нафар бо сардории худи Зокирбой халтаҳои пур аз борро бардошта, ба зери девори кӯҳ кашонда истодаанд. Ин аввалин бор буд, ки ҳам болоиҳо ва ҳам поёниҳо аз ҳеҷ чиз ибо накарда, ба хӯроккашонӣ омада буданд. Гурусна худро ба шамшер мезанад, мегӯянд, рост аст. Ҳоло ба чашми Махсум ва одамони вай халтаҳои пур аз бор менамуданду бас ва ҳамаи таваҷҷӯҳи онҳо ба ҳамон сӯ буд. Ба бахти онҳо он дам дар қишлоқ ва атрофи он аскарони сурх набуданд ва ба поёниҳо муяссар шуд, ки кори худро ба ҷо оранд. Дере нагузашту аз поён ресмони ғафсро, ки ба танаи харсангҳо баста шуда буд, ҷунбонида маълум карданд, ки ба боло кашанд. Одамони махсум ресмонро боло кашиданд ва пас аз каме арақшор шудан сабади мақсуд ба боло расид ва аз даруни он ду халта ордро гирифта, сабадро боз ба поён фиристоданд. Ин дафъа ду халтаи калон гӯшту равған баромад. Дар дафъаи сеюм як ҷувол мош, як ҷувол биринҷ баромад ва ҳамин тавр сабад боло баромада, поён фаромадан гирифт ва дар ҳар бор ҷувол-ҷувол хӯрокӣ аз қабили нон, майиз, қанд, чой чаҳормағз, сабзию пиёз ва ҳоказо аз поён омад. Ниҳоят поёнангиҳо дастонашонро фотиҳа мехондагӣ барин ба рӯяшон карданд ва омин гуфтанд, ки бор тамом шуд, худо ёратон бод.

Бо фармони Махсум одамҳо рафта аспҳоро оварданд ва хӯрокиҳоро бор карда ба лашкаргоҳ бурданд. Дар лашкаргоҳ хабари расидани озуқаро шунида, мардум як тӯе барпо карданд. Бо фармони Махсум ошпазҳо ба зери дегҳои калон оташ гиронда, шӯрбо ва мошоба пухтанд. Дар самовор ва чойҷӯшҳо об ҷӯшонида, чою нону майиз хӯрданд ва деви бадҳайбати гуруснагӣ то як дараҷа аз болои лашкаргоҳи Махсум ғоиб гашт.

Дар заминкане, ки ба ҷои анбори хӯрокворни лашкар буд, худи Махсум рост истода, фармонҳо медод:

— Имрӯз майлаш, лекин аз пагоҳ тори нафақаро мекашед! Бакавулҳои шумо хеле бадмафс, агар монед, дар як рӯз ҳамаи захираи хӯрокиро ба дегҳо меандозанд. Аммо шумо дурандеш бошед. Баъд, барои рӯзи сахт орду бириичу равған сариште карда монед. Онро фақат бо фармони ман тақсим мекунед.

Маълум буд, ки Махсум ба оянадааш чандон боварӣ надошт. Намедонист, ки то тамом шудани ин озуқа аз поён боз озуқа мерасад ё не; намедонист, ки рӯзи аз ин нӯги кӯҳ поён фаромадан мерасад ё не.

Дар ин дам аз байни коғазҳои чой покет ёфт шуда монд, ки онро зуд ба Махсум доданд. Махсум бо ҳаячон ва ташвиш мактубро гирифта, ба кисааш андохт ва ба аввалин муовинаш — ба Ӯрунбой понсад фармуд, ки пас аз хӯрок ҳамаи шербачаҳоро ба майдони машқ барорад, ки вай нутқ кардан мехоҳад.

Дар хона ба ғайри чашмдошти ӯ Ойиша ва модараш хурсанд буданд ва бо шодкомӣ кор карда, дар тараддуди пухтани оши палав буданд (одамони махсус ва маҳрамҳои Махсум ба хавлӣ ҳамаи гӯшти гӯсфанд, як лингчаи калон биринч, равған, сабзию пиёз, чой, қанду майизу нон оварда буданд).

— Муборак бошад!— гуфт Махсум ҳам бо табассум.— Ба охир расидани гуруснагӣ ба шумо ҳам таъсири хубе кардааст.

— Ҳо, албатта!— гуфт Ойиша.— Ҳам ҳуси, ҳам қувва аз даҳои медароянд. Хӯроки нағз хӯрем, шояд мо хушрӯйтар шавем, шумо мардҳо пурзӯртар шаведу ба ҷанг омода гашта моро аз нӯги кӯҳ ба поён баред.

— Ба ин шубҳа нест, офарин! — гуфт Махсум ва ба хонаи худаш гузашт.

Дар ҳақиқат боиси хурсандии Ойиша ва модараш дар ҷои дигар буд, ки инро мо баъдтар мефаҳмем, холо аз Асад махсум дур шудан хуб нест, зеро ки вай дар хонаи хоси худ даромада, пакетро кушоданӣ ва мактуберо, ки аз поён омадааст, хонданӣ. Ин мактуби муҳим ҳам ба рафти кори Махсум ва ҳам ба рафти кори мо тағайюроте бояд биёрад.

Мактуб аз Зокирбой буд. Вай менавишт, ки аскарҳои сурх ба ҳама қишлоқҳои атроф ба тафтиш мебаромадагӣ шудаанд. Онҳо мехоҳанд, ки манбаъи озуқарасонии моро кофта ёбанд. Бинобар он харниду захираи озуқаворӣ хеле мушкил шуда монд. Назар ба гуфтугӯи

мардум аҳволи аскарҳои сурх ҳам чандон хуб нест, ҳатто хеле бад шуда истодааст. Анвар пошшо дар Душанбе лашкари бекаморе ҷамъ карда истода будааст, ҳамаи қӯрбошиҳоро ба зери байрақаш ҷамъ мекардааст, агар Асад махсум ҳам коре карда аз кӯҳ фарояду ба Анвар муттаҳид шавад, рӯзи ғалаба наздиктар мешавад.

Асад мактубро хонда ба фикру хаёл фурӯ рафт. Чӣ кор кунад? Дар поён корҳои калон шуда истодааст, вай бошад, дар ин мушкаппак банд шуда мондааст. Агар бачаҳоро бардам карда, худи ҳамин рӯз зада поён фарояд, чӣ мешавад? Албатта ҷанг беталафот намешавад. Лекин қисми асосии аскарҳоро халос карда, аз ҳалқа баромадан мумкин. Дигар роҳ нест. Агар таваккал карда истодан гирад, ҳам шербачаҳо нобуд мешаванд, ҳам аз корҳои калон маҳрум шуда, бенасиб мемонад. Бо бачаҳо маслиҳат карда дидан, онҳоро ба ҷанг тарғиб кардан лозим.

Вай аз ҷо бархоста, берун баромад. Дар дами дар Ӯрун понсад бо маҳрамҳои вай гап зада меистод.

— Ҳа, понсад,— гуфт Махсум,— чӣ кардед?

— Ҳама дар майдон тайёр, мунтазири шумоянд.

— Аз Зокирбой ва аз Бухоро хат гирифтам,— гуфт Асад худро хурсанд нишон дода.— Биёед, ин хушхабарро ба ҳама эълон кунем.

— Ҳай, ҳай, муборак бошад?— гуфт понсад ва аз паси хоҷааш ба сӯи майдонча рафт.

Дар майдончаи болоикӯҳӣ қариб саду панҷоҳ-дусад нафар аскарҳои дар хунук ларзида истода ба ӯ мунтазир буданд. Асад махсум бо понсад ба рӯи тахтасанги баландтаре баромаданд. Асад махсум бо табассум ба сафи аскаронаш нигоҳ карду бо овози баланд гуфт:

— Бародарони қаҳрамон, бародарони вафодор ва ҷанговари ман! Мақсад аз ин ҷамъомади мо ду чиз аст. Аввалаш ин ки ба шумо як хабари хуши аҷоиберо, ки ҳамин рӯз гирифтам, расонидан мехоҳам. Ба ман аз поён ва аз Бухоро, аз тарафи одамони мӯътабар хабар расид, ки соату дақиқаи озодӣ ва ғалабаи мо наздик шудааст. Ба ин маънӣ ки сарлашкари қаҳрамон, домоди халифаи Рум, ҷаноби Анвар пошшои машҳур, ки дар ҷангҳои ҷаҳон ном бароварда буданд, барои наҷот ва халосии мардуми мо аз тарафи давлатҳои бузурги хориҷӣ фиристода шуданд. Анвар пошшо фақат дар ихтиёри худаш дусад ҳазор лашкари ҷаррор дорад,

ки бо тамоми яроқу аслиҳаи англисӣ, франсавӣ ва германӣ мусаллаҳ шудаанд. Анвар пошшо аллакай шаҳри Душанберо ба дасти худ даровардa, ҳамаи муҷтаҳидони исломро ба зери байрақи фатҳовараш ҷамъ карда истода будааст. Бо супориши худи Анвар пошшо дўсти бухороии ман менависад, ки то лашкари Асад махсум зада рафта ба лашкари Анвар пошшо ҳамроҳ нашавад, онҳо аз Душанбе ба пеш ҳаракат намекунанд. Зеро ки ин лашкар миқдоран кам ҳам бошад, аз ҷиҳати таҷрибаи ҷангӣ бой аст ва ҳар як шербачаи он ба даҳ, бист лашкари душман баробарӣ карда метавонад ва Анвар пошшо дастаи моро дастаи ғозиёни ғолиб ном мондааст...

Онҳо ба мо маътал, зафару ғалабаю музаффарият ба мо интизор аст. Бинобар он ман бо шумо маслиҳат карданӣ будам чӣ кор кунем? Таваккал ба худо карда, ҳамаи қувваро ҷамъ намуда, худи ҳамин рўз баногоҳ ба сари лашкари душман худро мезанему роҳи наҷот мекушоем, ё ки боз сабр карда истода, мунтазири расидани фурсати дигар мешавем?

Аз байни аскарҳо овозе набаромад. Лекин Ўрун понсад бо овози дағали худ фарьёд кард:

— Таваккал карда мезанем!

— Шаб ё рўз?— пурсид кадоме.

— Ба ман бошад, намози асрро хонда, ба хуҷум меравем,— гуфт Махсум.— Зеро ки хуҷуми инвақтаро онҳо чашмдор нестанд. Шабона ҳам бад не, лекин душман муҳайё меистад. Баъд дар торикӣ роҳу пайраҳаро ёфта рафтан мушкил мешавад. Охир, мақсади мо ҷанг карда душманро торумор кардан нест, мақсади мо роҳ кушода, ба тарафи Анвар пошшо гузаштан аст.

— Дуруст, дуруст!— гуфтанд якчанд кас.

— Агар дуруст бошад,— гуфт Махсум,— ҳозир ману Ўрун понсад ҳамаро як-як аз назар мегузаронем, канӣ, милтиқро чӣ тавр нигоҳ доштед, тиратон чандто, чӣ ҳаст, чӣ нест, ҳамаро дидани худам лозим!

Махсум бо понсад поён, ба пеши сафи аскарҳо фаромаданд, аз фурсат истифода бурда, мо ба ҳавлии Махсум, ба назди Ойиша меравем. Пеш аз ба ҳавлӣ рафта даромадан, боиси хурсандии Ойиша ва модари ўро баён кунем:

Ойиша имрўз ба ғайри чашмдошти худ, дар вақти ба канори ҷарӣ рафтани Махсум аз Қарим мактуб ги-

рифт. Мактубро яке аз посбонони сарҳаддии дастаи Махсум, ки дар сафи пеш ягона роҳи баромадро посбонӣ карда меистоданд, оварда дод. Маълум мешавад, ки Қарим аллакай бо як қисми одамони Асад робита баста, онҳоро ба тарафи худ кашидааст. Оварандаи хат дирӯз навбатдорӣ мекардааст ва имрӯз, вақте ки иваз мешавад, чашми дигаронро хато карда, ба Ойиша мактубро мерасонад.

Дар мактуб Қарим ишқу муҳаббат ва самимияти худро ба Ойиша изҳор карда, аз вай илтимос намудааст, ки аввало худаш ва модарашро эҳтиёт кунад, бо Махсум мувaққатан муросо созад, зеро ки фурсати ба ҳам расидани онҳо наздик омадааст. Қарим ҳаман ҷораҳоро дида истодааст, ки то мумкин аст беҷангу хунрезӣ Асад махсумро таслим кунонад. Агар ҳеҷ нашавад, Асад махсумро бо аскаронаш ба поён фароварда торумор мекунанд. Дар он ҳолат ҳам бояд Ойиша худаш ва модарашро эҳтиёт кунад. Қарим маслиҳат медод, ки ба ҳар эҳтимол Ойиша барои худаш ва модараш ягон ҷои пинҳон мешудагӣ ёфта монад. Баъд илтимос мекард, ки хеле эҳтиёт карда аз қасду нақшаҳои Асад махсум ба воситаи дорандаи мактуб ӯро огоҳ карда истад.

Ин мактуб ба Ойиша ва модараш ҷон бахшид. Зеро ки онҳо чанд гоҳ боз аз Қарим хат нагирифта, хеле маъюс ва ноумед гашта буданд, хандаю табассуму хурсандиро тамом фаромӯш карда буданд. Мактуби Қарим мӯъҷиза барин буд. Модару духтар якбора ба ҳуш омаданд, ба дилашон ҳарорати ҳаёт гармӣ бахшид, дар чашмонашон нури умед дурахшид.

— Аз ин ҷаҳаннам — қалъа рӯзи халосӣ бошад? — мегуфт модари Ойиша.

— Рӯзи халосӣ ҳаст! — мегуфт Ойиша. — Қарим ба мо бедарак хат наменависад, вай ба халосии мо сахт боварӣ дорад.

Ойиша бо ҷавоне ки мактубро оварда буд, чунин шарт бастанд: дар қафои хонаи онҳо пастие буд, ки бо буттаҳои бисьёре аз поёну боло иҳота ва мисли боғи сайру гашт ба Ойиша хизмат мекард. Дар он ҷо як ниҳоли борики дарахти чинор яккаю танҳо рӯида буд. Ойиша номи он ниҳолро Қарим монда буд ва аксар вақт рафта онро оғӯш мекард ва ба пояш ашк мерехт. Ана ба зери ҳамин чинори ҷавон, ба зери баргони хазон тахтачае ва дар зери тахтача мактуб ва ҷавоби он бояд

гузошта шаванд ва ҳар рӯз тарафайн номаълумак карда аз ҳамон ҷо гавҳари мақсудро ба даст меоранд. Ин шарт ба ҷавон хеле маъқул шуд ва гуфт, ки пас аз ду соат омада ҷавоби мактубро гирифта мебарад.

Ойиша дар набудани Махсум ба ҷавобнависӣ сар кард:

Ибтидои мактуби ӯро лисонулғайб Ҳофизи Шерозӣ гӯё аз номи ӯ гуфта буд:

Ё раб, сабабе соз, ки ёрам ба саломат
Боз ояду бирҳонадам аз чанги маломат!
Хоки раҳи он ёри сафаркарда биёред,
То чашми ҷаҳонбин кунамаш ҷои иқомат.
Фарьёд, ки аз шаш ҷиҳатам роҳ бубастанд,
Он холу хату зулфу руху оразу қомат...
Имрӯз, ки дар дасти туам марҳамате кун,
Фардо, ки шавам хок, чӣ суд ашки надомат.
Эй он, ки ба таҳриру баён дам занӣ аз ишқ,
Мо бо ту надорем сухан хайру саломат!

«Мо ҳамаи гуфтаҳои шуморо бо ҷону дил ба ҷо меорем ва шабу рӯз интизор ҳастем,— гуфта навишт Ойиша ва мехост, ки боз нависад, аз берун роҳ гашта омадани касе маҷбур кард, ки мактубро пинҳон карда, аз ҷо бархезад. Шахси омада Махсум буд. Вай ба Ойиша нигоҳе накарду ба хонаи худаш даромад ва пас аз дақиқае маҳрамашро чеғ зад ва қуттии тири милтиқро ба китфи ӯ дода, аз хона баромад ва рафта истода гуфт:

— Ошро қариби намози аср тайёр кунед, хӯрда ба ҳуҷум меравем. Худатон ҳам чизҳои даркориро ба халтаҳо ҷо карда, тайёр шаветон, агар ҳуҷуми мо барор ёбад ва мо гуфтагӣ барин шавад, одам мефиристонам, шуморо гирифта мебарад. Дар куллаи кӯҳ нишастан бас аст, кифоя!

— Набошад, оши охирати мо будааст, ин ош!— гуфт Ойиша сахт карда.

— Барои чӣ ин тавр мегӯӣ?

— Мо занҳои муштипар ба дами тири душман ки рафтем, албатта ҳалок мешавем.

— Аҳмақӣ накун!— гуфт бо ғазаб ба сӯи Ойиша нигоҳ карда Махсум.— Шумо баъд аз ҳуҷум карда гузаштани мо меравед, он вақт дар роҳи шумо ҷонзоте намешавад, ҳамаро кир мекунем!

Асад махсум тез роҳ гашта, берун баромад. Модару духтар ба рӯи ҳамдигар нигоҳ карда монданд.

— Инро Карим медониста бошад?— гуфт ҳам ба худаш ва ҳам ба модараш хитоб карда Ойиша.— Беҳтар ки дар охири хат нависаму огоҳ кунам. Агар хат дар сари вақташ расад, дасти Карим боло!

Ойиша мактуби руст карда мондаашро бароварду дар поёни он хабари ба ҳуҷум рафтани Махсумро навишт ва баъд оҳиста аз хона берун баромада, дар ваъдагоҳ мактубро ба зери тахтача гузошт. Ҳамин, ки Ойиша ба хона рафта даромад, ҷавони ришу мӯйлабсиёҳе аз байни буттаҳо баромада, ба зери чинори борик омада коғазро аз зери тахтача гирифта рафт.

Рӯз торик нашуда, Махсум аскарҳои худашро ба ҳуҷум бурд. Дар хамгашти кӯҳ, ки ягона роҳи борик сар мешуд, пешқаровулони аскарони Махсум хабар оварданд, ки дар роҳ ва атрофи он ҷонзоде наменамояд ва гӯё аскарони сурх ягон иде доранд, ки аз дур овози дойраю нақораю карнай ба гӯш мерасад.

— Ин овозҳоро аз кай боз мешунавед? — пурсид Махсум.

— Навакак... намози дигар боз...

— Ба пеш одам фиристодед?

— Фиристодем. Ду кас қариб то ба ними роҳ рафта омаданд. Хотирҷамъӣ...

— Иншооллоҳ худо ба мо ёр мешавад, душманро дар ғафлат монда ҳуҷум мекунем, якто намонда қир мекунем!— гуфт Махсум ва оҳиста ба аскаронаш фармон дод.— Барои халосӣ ва ғалаба ба пеш!

Пеш-пеш Ӯрун-понсад ва аз қафояш аскарҳо милтиқҳоро ба даст гирифта, дута-дута, сета-сета аз назди ӯ гузашта ба роҳ даромадан гирифтанд. Онҳоро вай бо дӯғу ҷазаба, гоҳ бо суханҳои ширин ва ваъдаи ғалаба ба тез роҳ гаштан ва ҳушьёрӣ водор мекард. Пеши аскарон ба поён ба кӯчаи нахустини қишлоқи зерикӯҳӣ, ки дар он ҷо аскарони Карим камин гирифта буданд, рафта расиданд. Шербачаҳои нӯгикӯҳӣ худро дар водӣ, дар кӯчаи қишлоқ дида хурсанд шуданд, аммо Ӯрун-понсади маккор аз он оромӣ ва бекасии қишлоқ ҳатто ба шубҳа афтод. Дар миёнҷои кӯча рост истода, фармуд, ки дарвозаҳои як-ду ҳавлиро кушоянд ва ҳар кӣ аз зоти мард ба дасташон афтад, кашида биёранд.

Шербачаҳои нотарс давида рафта, ду нафар деҳқонро кашида оварданд.

— Инҳо дар паси дарвозаҳояшон пойда истода буданд!— гуфтанд шербачаҳо.

— Натарсед,— гуфт ба деҳқонҳо Ўрун-понсад,— мо барои халосии шумо омадем. Гўед, канӣ аскарҳои сурх дар куҷо?

— Мо намедонем,— гуфт як деҳқон.

— Аҷаб!— гуфт понсад,— худи ҳамин рўз бо аскарҳои сурх чой менўшидеду ҳоло намедонед?!

— Не, намедонем — гуфт деҳқони дигар ҳам.— Мо бо онҳо чой нахўрдем ва намедонем, ки ба куҷо рафтанд.

— Шумо ба мо — халоскоронатон ки сир накушоед, пас маълум, ки душман ҳастед! Шуморо мисли саг кушта партофтан равост. Облоқул, инҳоро ба нишон гир!

Облоқул ва ду нафари дигар деҳқонҳоро баканортар тела дода, милтиқҳояшонро ба синаи онҳо рост карданд.

— Як!— гуфт понсад овозашро сар дода.

Деҳқонҳо хомўш истодан гирифтанд.

— Ду!— гуфт понсад, вай дасташро бардошта боз чизе гуфтанӣ буд, ки овози милтиқ аз паси девор баланд шуду понсад наъра зада ба замин афтод. Шербачаҳо аввал ғаранг шуданд, баъд якбора ба қафо гурехтанд. Лекин якбора, аз ҳар тараф ба сари онҳо тири ачал рехтан гирифт. Аскарҳои Махсум худро ба замин партофта, ба қафои деворҳо паноҳ шуда бетартибона тирпарронӣ кардан гирифтанд. Аммо ин бефоида буд. Аскарони сурх, ки ҷоҳои муносибро ишғол карда гирифта буданд, ба болои онҳо чунон борони тирро резонданд, ки ҳеҷ кас сар бардошта наметавонист. Онҳое, ки ҳанўз ба қишлоқ надаромада буданд, зуд ба қафо баргаштанд ва ба боло, ба паноҳи кўҳ давиданд. Махсум ҳарчанд ки ба онҳо фармон медод, ҳарчанд ки пеши роҳи онҳоро доштанӣ мешуд, фоида намебахшид. Вақте ки ҳама ҷо торик шуд, қариб саду панҷоҳ нафар боқимондаҳои дастаи Махсум ба лашкаргоҳи худ баргаштанд ва зиёда аз панҷоҳ нафар шарикони худро мурдаю зинда дар қишлоқ монданд.

Махсум дар ҳамгашти кўҳ одамони боэътимоди худро монда, хуб эҳтиёт карда ба лашкаргоҳ баргашт. Аз қавоқи ў барф мебориḍ, ранги рўяш кандагӣ, чашмонаш аз косахона баромадагӣ, дар ғазаб ва оташин буд.

— Урун-понсад чӣ шуд?— пурсид вай аз онҳое, ки халос шуда баргашта буданд.

— Аввалин тир ба вай расид!— гуфтанд шербачаҳо.

— Маълум мешавад, ки онҳо моро мунтазир будаанд!— гуфт ғурунгос зада Махсум.— Аз нақшаю кори мо хабардор шудаанд. Набошад ҳеҷ ин тавр шуданаш мумкин набуд. Дар байни мо, дар байни худи мо хоинҳо пайдо шудаанд.

— Худо нигаҳ дорад!— гуфт маҳрами хоси Махсум.— Мо ҳама ба шумо содиқу вафодорем!

— Содиқу вафодор бошед,— гуфт Махсум бо алам,— бовафо бошед, гӯед, барои чӣ ин тавр шуд? Барои чӣ ин тавр шуд?! Ман аз шумо мепурсам!

Ҳама хомӯш буданд. Махсум бо панҷаҳояш сарашро фишурда гирифта гирист, ҳунгос зада гирист ва баъд ба болои тахтасанге нишаста, чанд дақиқа хомӯш монду якбора ҷаҳида аз ҷо бархост:

— Хоинро ёфта гирифтан, пора-пора кардан лозим!

— Гап дар хоин ҳам не! — гуфт як сарбози солхӯрда, ки аз аввал то ба имрӯз ҳамроҳи Махсум буд.— Худи тақдири аввал ҳамин будааст.

— Чӣ, ман ба тақдир тан диҳам?!— пурсид бо ғазаб Махсум.

— Ҳама бояд ба тақдиру насиба тан диҳем!— гуфт он мард,— ҳар чанд ки задам — дар нагирифт, мондам, ки равад! Аз дасти аскари сурх поён фаромада натавонем, дар ин боло аз хунукию гушнагӣ мемуреему гӯштамон еми каргасон мешавад!

— Даҳонатро пӯш, аблаҳ!—гуфт Махсум бо дағ-дағ гиребони ӯро гирифта.— Акнун ту мехоҳӣ ба ман ақл шавӣ?! Ё ки ту ҳам ба большевикон фурӯхта шудӣ?!

— Айб аст, ҷаноби Махсум, айб аст!— гуфт он мард гиребонашро аз чанголи Махсум раҳо карда.— Шумо киро хоин гуфта истодаед? Дар байни ҳамин қадар издиҳом аз ман кӯҳнатар, аз ман вафодортар боз кӣ ҳаст?! Як нигоҳ кунед! Ман аз баҳри хонаю ҷо, аз баҳри зану фарзанду зиндагӣ гузашта, қариб як сол аст, ки хизмати шуморо мекунам. Акнун дар ин рӯзи сахт, ба ҷои раҳмат хоин ном гирифтам?!

Махсум гап назад. Марди солхӯрда овозашро баландтар карда ба суханаш давом дод:

— Аскари сурх гирдогирд моро печонида гирифтааст. Имкон намедиҳад, ки сарамонро аз ин ҷаҳаннам

берун кунем. Бачаҳо рӯз то рӯз лоғар шуда, касал шуда, мурда истодаанд. Тиру дору тамом шуда истодааст... Пас, чаро сулҳ намекунем? Чаро?

Касе ба вай ҷавоб надод ва ногоҳ садои тири таппонча баланд шуду он мард чаппа шуда афтод ва бевосита садои наъраи девонаворонаи Махсум баланд шуд:

— Қасе, ки хиёнат мекунад, ҷазояш ҳамин!

Дар қишлоқи поён, дар хонаи на чандон калоне Карим командири хурдеро, ки сардори дастаи пешгарди қӯшун буд, ба итоб мегирифт:

— Чаро пеш аз вақт ва бе иҷозати ман тирпарронӣ кардед?!

— Тоқат карда натавонистам...

— Барои он ки шумо тоқат карда натавонистед, мо нақшаи чандин моҳаро барбод додем. Шумо мефаҳмед?! Акнун ман чи кор кунам бо шумо?!

— Агар нигоҳ карда меистодем, понсад деҳқонҳои бегуноҳро тирборон мекард.

— Намекард, тир холӣ намекард!— гуфт таъкид карда Карим.— Ҳамаи гап дар он буд, ки онҳо моро дар ғафлат монда зер карда гирифтанӣ буданд. Ту бошӣ, бо аблаҳии худ ҳамаи нақшаҳои моро вайрон кардӣ!

— Бедарак ва бегуноҳ нобуд шудани деҳқонҳоро нахостам...

Дар ин вақт дар кушода шуду ба хона як солдати рус даромада омад ва бо Карим саломи низомӣ дода, аз бағалаш пакети таъҷилиро бароварда супорид.

Карим пакетро кушода дид, ки аз Бухоро, аз нозорати ҳарбӣ навишта шудааст. Дар он мактуб хабар дода мешуд, ки Анвар дар атрофи Душанбе чандин қӯрбошиҳоро ба зери дасташ дароварда, ба сӯи Бойсун ҳаракат кардан мехоҳад. Бинобар он Карим бояд ба ҳалли имкон кори Асад махсумро зудтар ба охир расонад ва инчунин хушьёр бошад, ки Асад махсум ба Анвар ҳамроҳ шуда натавонад...

Карим қосидро рухсат дод, ки равад ва худаш боз рӯ ба командири хурд овард:

— Марказ моро сарзаниш мекунад, ки ҳанӯз бо Асад корамонро тамом накардаем. Ман ба онҳо чӣ тавр гӯям, ки ҳамин рӯз кори мешудагиро як нодони раҳмдил расво карду нашуда монд?! Хайр, гап фоида надорад. Ба Бухоро равам, ҷораи кори туро худам меби-

нам. Ҳозир ба Амон командири туркман рафта гӯй, ки ман туро... серӯза ҳабс кардам!

Командири хурд хӯш гуфта аз хона баромад. Карим ба наздаш муовин ва ёридиҳандагонашро чеғ зад. Онҳо чаҳор нафар буданд: ду нафар рус, ду нафар маҳаллӣ.

— Дӯстон, аз марказ хабарҳои нохуш расид!— гуфт Карим ва мактубро хонда доду пурсид:— Чӣ кор кунем?

— Ман одамони асир афтодаи Асад махсумро пурсу пос кардам,— гуфт Владимиров.— Аҳвол дар боло хеле сахт: гуруснагӣ, касалӣ, муромурӣ мегӯянд. Тиру доруҳояшон ҳам тамом шуда истодааст...

— Яъне ки ҳамин тавр сахт муҳосира кунем, як рӯз не як рӯз худашон таслим мешаванд?!— пурсид боз Карим.

— Хоҳ-нохоҳ бояд ҳамин тавр шавад!

— Агар ба ин мо фурсат медоштем, майлаш буд,— гуфт Сидоров,— лекин аз Душанбе Анвар омада истодааст, ба ғайр аз ин худи Махсум сахт тангӣ кашида, метарсам, ки ягон роҳи халосиашро меёбад.

— Чи тавр?— пурсид Владимиров.

— Чӣ тавре ки то холо хӯроку яроқу аслиҳа ба даст медарорад!— гуфт Сидоров.— Маълум, ки роҳ дорад!

— Ин гапатон дуруст! — гуфт Карим.— Бинобар он дар ин дам таъхир кардан ҷоиз нест. Ман фикр кардам, ки худи ҳозир ба пеши имоми қишлоқ меравам. Мегӯянд, ки вай одами хуб ва хайрхоҳи мост. Бо машварати вай боз ягон каси дигарро гирифта, пагоҳ боло мебароям, ба Махсум сулҳ таклиф мекунам.

— Махсум ба сулҳ розӣ мешуда бошад?— пурсид Ёр командир.

— Аҳволаш танг, одамонаш бояд ӯро маҷбур кунанд!— гуфт Карим.

— Набошад, ба ин кор,— гуфт боз Ёр командир,— шумо нараведу ман равам чӣ?

— Шумо хислатҳои Махсумро дуруст намедонед,— гуфт Карим,— метарсам, ки марди маккор ё шуморо фиреб медиҳад ё зараре мерасонад. Баъд, рафтани худи ман ба одамҳои вай низ таъсири калон мебахшад. Шумо, ҳамаатон аз рӯи машварати онрӯза ба назди пешқаровулҳо меравед, ки онҳоро мо бо имоми қишлоқ хеле ром карда мегузарем.

— Майлаш, ихтиёратон!— гуфт Ёр командир.

— Набошад, дўстонам, шумо плану накшаҳоро боз як бори дигар дида бароед, вазифаҳоро низ тақсим кунед, ман ба пеши имоми кишлоқ рафтам.

— Рафиқ командир!— гуфт Бердӣ командир, ки худаш аслаш аз ҳамин тарафҳо буд.— Имоми қишлоқ хам нағз-ку... лекин аввал ба пеши Алии оҳангар мерафтед, беҳтар буд. Вай кадом рўз ҳатто худаш ҳамин хел як фикрро таклиф карда истода буд.

— Бисьёр нағз! — гуфт Карим. — Набошад, биёед ҳамроҳ ба назди Алии оҳангар меравем. Хонаашро медонед?

— Медонам,— гуфт Бердӣ ва аз ҷо бархост.

Дўкони оҳангарӣ ва ҳавлии Алии оҳангар дар як ҷо буд. Имрўз аз баски аз кўҳ фаромадани одамони Асал махсумро мунтазир буданд, Алӣ маҷбур шуд, ки пеш аз намози аср, аз ҳаррўза чанд соат пештар дўконашро бандад. Лекин пас аз гурехта рафтани аскарони Асал махсум ва пас аз ҷо ба ҷо шудани аскарони сурх боз рухсат гирифта дўконашро кушод ва дар шўълаи лампаи овеза ва кўраи оҳангарӣ ба кор сар кард. Вай мебоист то рўзи дигар бо шогирдаш сад ҷуфт наъли асп месохт, ки супориши фармондеҳ Карим буд.

Кўраи оҳангарӣ ба атроф оташакҳо парронда, гуррросзанон месўхт. Лампаи овеза, ки онро худи Алӣ соз карда, шишаашро ҳар шаб ду бор аз чангу дуд тоза карда мемонд, даруни дўкон ва як дўкон ҷои кўчаро равшан карда буд. Алӣ бо анбўри дароз оҳанпораи дар оташ сурх гаштаро ба рўи сандон монда, бо бўлға мекўфт ва аз он ҳам оташакҳо парида ба ҳар сў пош мехўрданд. Ҳаво хунук бошад ҳам, рўи калони гирдаи Алӣ аз ҳарорати оташ ва меҳнат сурх гашта, дар пешонаи пурчинаш ҳатто донаҳои майдаи арақ пайдо шуда буданд. Ба риши калони ў, ки қисми асосии рўяшро пўшида буд, торҳои сафеди бисьёре пайдо шуда, мўи сараш тамоман сафед гашта буд. Лекин дасту бозуяш ҷавонона ҳаракат мекарданд ва зарбаҳояш аз таҷриба, аз меҳнати бисьёр, аз қувваю тавоноии ў хабар медоданд.

Ҳар рўз ва ҳар бегоҳ дар суфачаи пеши дўкони ў се-чор нафар пиру ҷавон нишаста, кору ҳунари ўро тамошо мекарданд ва чақ-чақ карда менишастанд. Аммо имрўз касе набуд. Зеро ки ҷанги андаки дамгаҳи қишлоқ мардумро хона ба хона карда буд. Баъд, агар

одамҳо биёянд ҳам, имшаб вай фурсати бо онҳо сӯҳбат кардан надошт. Ҳар чӣ зудтар наълҳоро сохта, пои аспҳои аскаронро наълбанд кардан лозим буд. Алӣ ба кораш сахт банд буд, ки ногоҳ ба даруни дӯкон (на ба назди пештахтаи тарафи кӯча), Карим ва Бердӣ командир даромада омаданд. Онҳоро дида Алӣ аз кор даст кашид:

— Салом, салом,— гуфт вай ба ҷавоби саломи омадагон,— биёетон, марҳамат! Лекин даруни дӯкони мо камтар ифлостар, як ҷои дурусти нишаст надорад...

— Хеҷ боке не,— гуфт Карим,— монда нашавед. Наълҳо қариб тайёр шуданд?

— Ҳа, қариб,— гуфт усто,— насиб бошад аз пагоҳ сар карда, ба аспҳо кафши нав мепӯшонем. Ҳо, бача, як чой!

— Ҳоҷат не, амак,— гуфт Бердӣ.— Мо барои як маслиҳат омадем... Агар мумкин бошад, бача тахтаи дӯконро аз берун баста ба хона равад. Лозим бошад, ман худам кори ӯро бачо меорам.

— Саломат бошед, саломат бошед!— гуфт усто ҳайрон шуда ин чӣ таклиф бошад, дӯконро банд мегӯянд...— Набошад корро бас кунем?

— Ҳа, амак,— гуфт Карим,— имрӯз монда шудед...

Бо фармони усто шогирдаш дари бардошта мешудагии тарафи кӯчаи дӯконро фароварда, аз берун қулф кард ва калидро ба усто оварда дода, худаш ба хонааш рафт. Баъд, Карим, ки ба болои кадом як қуттие макон гирифта буд, ба гап сар карду усторо аз ҳайрат берун кард:

— Ҷангро тамом кардан, мардумро осуда мондан лозим, амак,— гуфт вай.— Барои ҳамин мо ба пеши шумо омадем, ки машварат кунем...

— Ман ба шумо чӣ машварат медодам, сардор?— гуфт усто.— Ҳамаи илми ҷанг ба худи шумо аён!

— Мо беҷанг ҷангро тамом карданӣ ҳастем,— гуфт ба гап ҳамроҳ шуда Бердӣ.— Ҳӯ, як бор худатон дар бораи сулҳу салоҳ гап зада будед-ку!

— Ҳа-а,— гуфт суханашро ба ёд оварда усто.— Охир, боло будагиҳо ҳам одами худамон буданд, онҳо ҳам ҳукумати шӯроӣ гуфта ба даст милтиқ бардоштагӣ... пас, чӣ даркор бародаркушӣ?! Чӣ шавад, ки онҳо биёянд, таслим шаванд, ман фикр мекунам, ҳукумат аз гуноҳашон мегузарад...

— Бале, бале, аз гуноҳашон мегузарад!— гуфт Карим.— Лекин ҳаминро фаҳмиданашон ва ба сулҳу салоҳ омаданашон лозим. Барои ин мо қарор додем, ки ба назди Асад махсум аз се кас иборат як ваколат фиристем ва ба вай фаҳмонида диҳем, ки хунрезии бефоида бас аст, таслим шавад, ҳукумат аз гуноҳаш мегузарад.

— Бисьёр нағз, бисьёр нағз,— гуфта монд усто. Вай ҳанӯз намедонист, ки ба ин машварат вай чӣ дахл дорад.

— Агар нағз бошад,— гуфт Карим,— бо мо вакил шуда меравед.

— Ман?

— Ҳа, шумо! Одами меҳнаткаш, одами сулҳҷӯ, намояндаи ҳақиқии халқ.

Усто Алӣ ҳайрон шуда монду зуд ҷавоб надод. Чӣ хел мешавад, ки вай аз номи ҳукумат, аз номи аскарҳои сурх барои таклифи сулҳ ба назди баттолтарин одам, ба назди Асад махсуми хунхор мерафтааст? Сухани як устои оҳангарро вай гӯш мекунад? Бисьёр кунад, бо як тири ҷонгудоз ҷавоб медиҳаду халос! Вай аз мурдану аз тири ҷонгудоз чандон наметарсад, лекин бедарак ва бефоида мурда рафтан чӣ лозим! Агар бо марги вай сулҳ мешуда бошад, майлаш...

— Агар хайр гӯед, ҳозир ба хонаи имоми қишлоқ меравем,— гуфт Карим гапро хунук накарда.— Аввал шумо, баъд ман он касро ба ин кор, яъне ба ваколат ташвиқ мекунем, ана баъд, пагоҳ секаса байрақи сафед бардошта боло мебароем.

— Ману домулло имому шумо? — пурсид усто.

— Ҳа, ҳамин се кас кифоя!

Боз оҳангар хомӯш монд. Вай акнун фаҳмид, ки Карим қуввату зӯрии худро нишон додан намехоҳад. Қарор додааст, ки ин масъалаи сулҳро одамони бетараф, одамони ба ҳама маълум, одамони мусулмон ва худотарс иҷро кунанд.

— Секаса,— гуфт хаёл карда истода усто ва ниҳоят аз ҷо бархост.— Майлаш, ба хонаи домулло имом равем, машварат кунем, канӣ, он кас чӣ мегӯянд. Охир, имоми мо одами пок, одами донишманд ва дилсофанд. Некӣ ва хайрияти мардумро мехоҳанд. Бояд он кас ягон гапи пухта гӯянд. Ҳар чизе ки он кас гӯянд, мо ёр.

— Ин гапатон дурусту,— гуфт Бердӣ,— лекин шумо бояд аз ҷониби мо шуда гапро сар кунед ва ҳазрати имомро ба рафтан ташвиқ кунед.

— Магар ташвиқи ман катӣ ҳазрат ягон кор мекунанд? Он кас аллома, худашон медонанд.

— Аллома бошанд, боз беҳтар, маънии гапи моро зуд мефаҳманд.

— Хайр, равем канӣ...

Домулло имом дар пеши дарвозаи худ ҳамроҳи усто Алии оҳангар ду нафар командири аскарони сурхро дида, аввал як дарача тарсид, ба воҳима афтод, дасту поҳояш ларзиданд ва ҳазор фикру андеша дар як он аз хотираш гузашт, ки оё вай чӣ гуноҳ карда бошад, барои чӣ ин аскарҳо ба хонаи ӯ омада бошанд? Наход, ки ҳабс мекунанд? Усто Алӣ дар ин миён чӣ кор мекунад?..

— Аз шумо хеле узр мехоҳем, ки — гуфт Карим,— дар ин бевақтӣ бесаранҷом кардем ва бетакаллуф омада даратонро тақ-тақ задем.

— Марҳамат, марҳамат,— гуфт имом, қадаре ба ҳол омада,— хизмат?

— Мо бо шумо як машварат доштем.

— Бале, як машварат карданӣ ҳастем, ҷаноби ҳазрат!— гуфт усто.— Бародар командир ва ана ин бародари худамон Бердибой ба шумо ихлосу ҳурмат доштаанд. Ман гуфтам, ки гарчӣ дар бевақтӣ нағз намешавад, лекин ҷаноби домулло ҳазрат аз донистани ихлосу ҳурмати шумо хурсанд мешаванд ва бинобар он инҳоро пеш андохта овардам.

— Нағз кардед, бисьёр нағз кардед,— гуфт домулло ва меҳмонҳоро ба ҳавлӣ даъват кард.

Домулло имом дар ҳақиқат одами бамаънӣ баромад. Вай суханони омадагонро хуб гӯш карда истоду пас аз мулоҳиза гуфт:

— Ба сулҳу амнияти мамлакат ва халқи худо хизмат кардан вазифаи ҳар мӯъмин аст. Бисьёр дуруст фикр кадед, ки ба пеши Асад махсум вакилони ҳарбиро нафиристода, усто Алӣ ва каминаро интихоб кардед. Мо, аввалаш ин ки одамони бетараф ҳастем, яъне ки бо Махсум дар ҳолати ҷанг нестем. Сониян ин ки усто Алӣ чун одами ботаҷриба ва рӯзидида аз номи мардум, аз номи халоиқ вай баттолро ба сулҳ даъват мекунанд. Камина бошам, бо роҳи дину диёнат ва шаръи шариф дилашро нарм ва ба сулҳ ташвиқ мекунам.

— Саломат бошед, тақсир!— гуфт Карим.— Мақсади моро дуруст фаҳмидед. Набошад, мо равем, пагоҳ насиб бошад, пас аз наҳорӣ раҳсипор мешавем.

— Бисьёр хуб! — гуфт имом. — Ман имшаб баъзе китобҳоро дида, аз ояту ҳадисҳо мисолҳо меёбам.

— Бисьёр хуб мешавад. Набошад, омин гӯед!

Имом таклифи чою дастурхон кард, меҳмонҳо ташаккур карда аз ҷо бархостанд.

Аммо пагоҳии барвақт имкон нашуда монд, ки вакилон бо байрақи сафед ба сари кӯҳ раванд.

Пас аз тулӯъи офтоб ва равшан шудани олам дар фазои лоҷувардӣ аэроплан пайдо шуд. Ҳама ба кӯча ва майдонҳо баромада нигоҳ мекарданд, ки аэроплан чӣ кор мекунад. Қарим фикр мекард, ки аэроплан бомба партофта, аскарҳои Асадро тарсонда монад, боз ҳам беҳтар мешуд. Вай аллакай дар ин бора чӣ гуфтанашро ҳам ба дил такрор карда монд. Лекин аэроплан бомба напартофт, баръакс бо болҳояш чӣ ишораҳо карда, ба сари кӯҳ, даста-даста коғазҳои сафеду кабуду сурх бориду баъд аз ҳамон коғазҳо ба болои қишлоқи поён ҳам партофта, тоб хӯрду рафт. Бачаҳо ва аскарҳо тохта аз он коғазҳо якчанд нусхаро ба Қарим оварда доданд. Дар он коғазҳо ба забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ муроҷиат ба аскарҳои фиребхӯрдаи Асад махсум навишта шуда буд. Гуфта мешуд, ки харчанд онҳо сазовори ҳар гуна ҷазоянд, лекин агар таслим шаванд, ҳокимияти шӯроӣ аз гуноҳашон мегузарад ва имконияти ҳаёти осудаҳолонаро фароҳам меоварад.

Баъд аз рафтани аэроплан, аз тарафи шаҳри Бойсун як даста суворон омада расиданд, ки онро раиси чека Аминов сардорӣ мекард. Қарим ӯро бо хушнудӣ ва бо иззату эҳтирм пешвоз гирифт. Аминов бо ҳама командирон вохӯрдӣ намуда, аз саломатиашон пурсид.

Пас дар штаби дастаи Қарим бо командирон сӯҳбати хоси Аминов барпо шуд.

Баъд аз он ки Аминов аз нақшаи далеронаи Қарим воқиф гашт, ба вай офарин гуфт:

— Лекин, — илова намуд вай, — дониста мон, ки Асад маккор, фиребгар ва ба хун ташна аст. Вай ҳеҷ бовар намекунад, ки агар таслим шавад, ба ӯ амон медиҳанд. Бинобар он чӣ бояд кард? Аввало, шумо мебоист аз байни худи аскарони Асад ба худатон такьягоҳ тайёр мекардед.

— Ин корро кардем, рафиқ раис! — гуфт Қарим, — дар байни пешқаровулони Асад қариб даҳ нафар тарафдорони мо ҳастанд. Худи онҳо аз Асад пинҳонӣ бо пеш-

қаровулони мо муомила карда, аз ҳаёташон норозигӣ баён кардаанд ва хостаанд, ки ба тарафи мо гузаранд. Лекин мо онҳоро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намуда, илтимос кардем, ки боз андак фурсати дигар чун такьягоҳи мо хизмат кунанд. Онҳо розӣ шуданд. Ҳоло ба ёрии онҳо миқдори тарафдорони мо бисьёртар шудагӣ.

— Ин тавр бошад, бисьёр нагз!— гуфт Аминов.— Шумо такьягоҳ доред, лекин ин боз кам аст. Ман ҳозир ба шумо коғазеро бо имзо ва мӯҳри роҳбарони ҳукумати Бухоро медиҳам, ки ба Асад махсум нишон медиҳед. Мувофиқи он коғаз агар вай бегуфтугӯ таслим шавад, амонӣ мегирад, кор мегирад, ҳавлию ҷой мегирад. Ин ду. Кори сеюми шумо ҳамин ки ҳозир аз назди пешқаровулони Асад гузашта истода, мефаҳмонед, ки ба боло баромадани пешқаровулони мо монеъ нашаванд.

— Ин кори мушкил, рафиқ Аминов!— гуфт Карим.— Чунки худо медонад, имрӯз чанд кас аз тарафдорони мо пешқаровулӣ мекунанд ва ё ки онҳо умуман ҳастанд ё не.

— Аҳа,— гуфту каме ба андеша фурӯ рафт раиси чека ва баъд бо табассум ба рӯи ҳозирон нигоҳ карда, ба суханаш давом дод:— Ин гапат ҳам дуруст. Ба ҳар ҳол донista бош, ки дар боло баъзе одамони мо ҳастанд ва аз паси шумо рафта, мо ҳам коре мекунем...

— Мебахшед,— гуфт Карим,— ман мақсади шуморо нафаҳмида истодаам.

— Ҳеҷ боке не,— гуфт Аминов.— Ту бо мӯйсафедҳо байрақи сафед гирифта рав, баъд мефаҳмӣ! Ман то ба охири кори шумо дар ин ҷо мешавам.

— Ташаккур ба ғамхориатон!— гуфт Карим ва бо ҳаман дӯстон ва ҳамсафонаш хайру хуш карда аз хона берун баромад. Дар берун усто Алӣ ва имоми қишлоқ ба вай маътал меистоданд.

## XI

Дар он дам дар боло, дар хонаи сангин Ойиша ва модараш танҳо буданд ва аз воқеаи дишаба байни худ сӯҳбат мекарданд. Ойиша афсӯсу надомат мехӯрд, ки дирӯз бегоҳӣ худи Асад махсум ба дасти одамони Карим наафтод. Вай гурги борондида, одамонашро пеш ан-

дохта, худаш дар баландӣ мондааст. Поён будагон ҳам бетоқатӣ кардаанд, то фаромадани ҳамаи даста сабр накарда, тирпарронӣ кардаанд. Афсӯс, сад афсӯс! Акнун ин лаънатӣ ба ин зудиҳо поён фаромаданро орзу намекунад.

— Метарсам,— гуфт Бибираҷаб,— ин гурги посӯхта ба аламу азоб тоқат накарда ягон фитна ва корномаи дигарро ёфта набарорад.

— Дигар чӣ кор карда метавонад?— гуфт бепарвоёна Ойиша,— Аз ин болои кӯҳ худашро ба ҷарӣ мепартояд?! Ягона роҳро одамони Карим ҳалқавор печонида гирифтаанд. Зиёд кунад, боз ба поён ҳуҷум мекунад.

— Не,— гуфт кампири рӯздида.— Вай метавонад бо ҳамон роҳе, ки хӯрокӣ мекашонид, ба поён фаромада равад.

— Бале, метавонист!— гуфт табассум карда Ойиша,— лекин ҳозир наметавонад. Аскарҳои Карим охирин бор чиз кашонданн ӯро дидаанд ва одамони поёнии ӯ, пушту паноҳи ӯро доштаанд ва дар поён посбон гузоштаанд. Акнун ҳамаи роҳҳо ба рӯи ӯ баста аст. Каримҷони ман, насиб бошад ғолиб мешавад. Асад махсумро зеру забар мекунад. Лекин ба он рӯзу ба он дақиқа расидани ману шумо муяссар мешавад ё не, худо медонад!

— Барои чӣ муяссар намешудааст?! Албатта мешавад!

— Кошкӣ, кошкӣ!— гуфта монд Ойиша.

Ранги арғувонии рӯяш заҳир, аз кам хӯрдан ва аз ғаму ғусса гӯшти баданаш об шуда, лоғар гашта монда буд. Чашмони як вақтҳо шӯх, бебок ва пур аз барқи умеди вай ҳоло маъюсона менигаристанд. Маъюс буданд он чашмҳо, вале гоҳо оташакҳои аҷоиб, оташакҳои ғазаб ва интиқом дар онҳо намоён мегашт. Ҳамин оташ дар қалби ӯ низ ҳарорат ва қувват бахшида буд. Ҳарчанд вай ба васли Карим, ба ишқу муҳаббати ӯ ноил шуданро орзуи ғайри имкон медонист, вале барои Карим, барои ғалабаи ӯ, барои дидани интиқом гирифтани ӯ зинда монданро ба худ аҳд карда буд. Бале, бале, вай худашро таҳқиргашта, олуда ва ночиз медонист. Каримро бошад, ба дараҷаи улвият боло бардошта буд. Чӣ тавр мешавад, ки як зани олуда ва таҳқиргашта, як зани аз нодонӣ ба фиребу найранги ҳуққабоз гирифтор гашта ба васл ва ишқу муҳаббати Каримҷон, ба васлу муҳаббати қаҳрамони даврон, поктарин инсон мерасидааст?! Не, не, ин ҳаргиз намеша-

вад. Ин ҳол дар ин олам, дар рӯи ин дуньёи пурҷафо ғайри имкон аст.

Азбаски сахтию машаққат кашида, азбаски гириста, нолида ва тапидааст, баҳорро надида хазон, ҳаловати зиндагиро начашида пажмурда гаштааст, бинобар он дар табиати ӯ як навъ сахтӣ, бебокӣ, на ба худаш ва на ба дигарон раҳм накардан, ғазаб ва кинаҷӯӣ пайдо шудааст. Дар урфият мегӯянд, ки бо моҳ нишинӣ моҳ шавӣ, бо дег нишинӣ сиёҳ шавӣ! Шояд сӯҳбат ва ҳамхонагӣ бо Асад махсум ба Ойиша ҳамин қадар бахшоиш карда буд, ки ӯ ҳам дағал ва нотарс шавад. Ба мақсад норасида, ба маҳрумиятҳо тоқат кардан ва дасту дилро аз беҳтарин умеду орзуҳо шустан ӯро аз ҷон сер карда буд. Барои ҳамин на аз Махсум метарсид, на аз таҳдиди вай.

Ҳаман ин тағайюроти рӯҳии ӯро Асад махсум медонист ва гоҳо ҳатто ин ҳолати Ойиша ба вай маъқул мешуд. Ба назди ӯ медаромаду гурба бо муш бозӣ мекардагӣ барин, бозӣ мекард ва аз қаҳру ғазаби Ойиша лаззат мегирифт. Бале, барои Асад махсум дигар тасаллии рӯҳӣ боқӣ намонда буд, дар дили вай на ишқ буд, на ҳавас!

— Очаҷон!— мегуфт Ойиша, гоҳо дар дақиқаҳои яъсу ноумедӣ.— Наход, ки кас дар он дуньё ҳам бо шавҳари аввалинаш сар аз хок мебардорад?! Наход, ки ҳатто дар он дуньё ҳам аз ин золими бемурувват халосӣ нест?

— Ин тавр нагӯй, баррекам!— мегуфт Бибираҷаб.— Шавҳари аввалини ту Қарим аст. Худо васлатонро дар ин дуньё муяссар накарда бошад ҳам, дар қолу бало ба ҳамдигар супурдагӣ. Ин золим бошад, пеш аз ту чандин зан доштааст.

— Хайрият, ки ба ман,— мегуфт Ойиша,— ин золим намедонам барои чӣ таппонча паррониданро омӯхта монд, очаҷон. Таппонча ба кас дар ҳар маврид даркор мешавад. Афсӯс ки ягон таппончаи зиёдатӣ нест, ки гирифта ҷогаҳ карда монам, ё ки дар бағалам ҷо карда гардам...

— Ба ту таппонча чӣ даркор, бачем? Шайтонро ҳай зан, астағфирулло гӯй, бачем, таппончабозӣ кори мардхост.

— Агар лозим шавад, занҳо ҳам таппончаю милтиқ парронда метавонанд.

— Нагӯй, нагӯй, нагӯй, ки ман нашунавам! Насиб бошад бетаппончаю бемилтиқ аз дасти ин золим халос мешавем, Қаримҷони қаҳрамон худаш омада моро наҷот медиҳад.

Вай хомӯш шуда буд. Вале дар дилаш мегуфт, ки дигар бас аст, осуда ва хомӯш, ба тақдир тан дода нишастан кифоя!

Ҳамон рӯзи офтобӣ ҳам, ки Карим бо ду мӯйсафед ба тарафи боло равон буд, Ойиша ба худо шукр мекард, ки хайрият таппончапарронипо омӯхтааст!

— Имрӯз ҳаво чӣ тавр нағз!— хаёлҳои духтарашро парешон кард Бибирачаб.— Аз кай боз офтобро надидаем. Биё камтар ба рӯи ҳавлӣ баромада нафас кашем.

— Ин гапатон ҳам дуруст,— гуфт Ойиша хамьёза кашида ва илова намуд.— Ин шумшакл дар куҷо бошад?

— Ба дидани гирду атроф рафта буд,— гуфт модар,— ҳоло намеомадагист...

Лекин дар кушода шуду вуҷуди наҳси Махсум дар даруни хона зоҳир гашт. Ойиша ва Бибирачаб ҳар ду хомӯш ба рӯи ҳамдигар нигоҳ карда монданд. Ҳолати онҳо бараломна мегуфт, ки аз куҷо пайдо шуд ин хари лаин!

— Салом, модар!— гуфт Махсум боадабона ба кампир.— Камтар берун баромада, дар офтобрӯя кӯҳистонро тамошо кунед! Ин кӯҳу ин манзараҳо ҳам ғанимат. Дар қарибӣ, насиб бошад ба шаҳр меравем.

Кампир аввал гапе назаду хомӯш монд. Лекин Махсум боз ба вай таклиф кард, ки берун равад. Бибирачаб ба духтараш нигоҳ кард.

— Майлаш, шумо берун баромада камтар ҳаво хӯред— гуфт Ойиша.— Лекин сарбандатонро, дурусттар бандед, ҳаво хунук.

— Хайр, бачем, ман аз ҳамин қарибӣ дур намеравам!— гуфт кампир ва сарбанди шолашро ба сару гардан печонида берун баромад. Асад махсум аз дарун дарро баста занҷир кард.

Вай пас аз шикасти дишаба тамом маъюс шуда буд. Боз ба ӯ хабар расониданд, ки Зокирбой ба дасти аскарони сурх асир афтодааст ва дар поён, дар сар то сари деворан кӯҳ, ки аз он ҷо хӯрок мекашониданд, посбонҳои аскарони сурх истодаанд. Он ягона роҳи наҷот, ки Махсум барои дақиқаи охирин монда буд, низ аз даст рафт. Пас, баъд аз ин ё бояд таслим шавад, ё аз гуруснагӣ мурад ё бо дасти аскарони худаш кушта шавад. Аз ҳамин дигар илоҷе нест. Замин сахт, осмон баланд. Ба болокорӣ, боз имрӯз аэроплан омада коғази бисьёре партофта рафт. Аскарҳо аллакай аз мазмуни он огоҳ шудаанд. Ху-

кумат ба онҳо бахшиш ва озодӣ ваъда кардааст. Акнун, дигар онҳоро боздошта намешавад. Онҳо имрӯз не, пагоҳ шӯриш мекунанд, худи ӯро дасту бозу баста, бурда таслим мекунанд. Пас чӣ илоҷ? Чӣ бояд кард?!

Аммо вай ба ҳеҷ ваҷҳ таслим намешавад! Аз гурусна-гӣ мурдан ҳам намехоҳад! Ба дасти одамони худаш асир афтодан ва ё нобуд шудан ҳам беобрӯист!.. Беҳтар, ки мардона мурад: содиқтарин одамони худро гирифта, пеш-пеш худаш ба ҳуҷум меравад, ё кушта мешавад, ё халос шуда мегузарад. Аз ҳамин дигар илоҷе нест. Бале, бале, ин ягона роҳи наҷот аст. Ин роҳи наҷот талқин мекунад, ки вай аз баҳри ҳама ва ҳар чиз гузарад; аз баҳри лашкар, аз баҳри зан, пулу давлат, аз баҳри ҳаёт ва ҷони ширин гузарад... Аммо чӣ хел мешавад, ки вай мурад ё ки навъе карда худаш бо чанд нафар гузашта раваду занаш ва хонаю ҷояш ба дасти Қарим афтад?! Қарим ба ҷои ӯ бо занаш айш кунад?!. Не не, ин мумкин не! Вай ба ин роҳ намедиҳад. Вай бо дасти худаш Ойиша-ро кушта, ба он дунё мефиристонад, баъд агар рост ояд, ба Қарим ҳам дараки Ойишаро дода аз пасаш узот мекунад.

Ҳоло вай бо ҳамин мақсад ба хона даромада буд. Ба хона даромаду овози маҳин ва ларзони Ойишаро шунид, чашмаш ба чашмони маъюс ва ғамгини ӯ афтод ва аз хона мутеона баромада рафтани модари кампири ӯро дид ва ногоҳ ба дилаш як ҳарорат, як гармии аз кай боз ғайбгашта пайдо шуд. Вай дар як дақиқа рӯзҳои аввали вохӯрдан бо Ойиша, шефта ва шайдо шудан ба ҳусну ҷамоли вай, қарору тоқати худро гум карда, девона шу-данашро ба ёдаш овард. Ин гармие, ки ҳоло вай дар ди-лаш ҳис кард, шамоле аз ёди ҳамон давраҳост! Бале, ин зани пажмурда ва парешонҳол ҳамон Ойишаи барност, ки як вақтҳо ба Махсум ишқу муҳаббат, самимият ва ҳатто шеърият бедор карда буд ва ӯ — ҳамин Асад мах-суми баттол ва бебок, ҳамин Асад махсуми ҷанговар ва саркаш мутеъ ва фармонбардори он нозанин, мутеъ ва фармонбардори ана ҳамин занак шуда буд. Чӣ рӯзҳои нек, чӣ айёми хушбахтӣ буд он рӯзҳо! Ин мурғаки пар-канда аз дунё бехабар буд, ҳамаи оламро дар илтифот ва муҳаббати Махсум медид, ба ӯ бовар мекард ва мисли лӯхтаки ширини сухангӯ боиси хурсандӣ ва хушбахтии ӯ буд...

Акнун даме расидааст, ки ҳамон Махсуми ошиқ ва

фидокор, ҳамон Махсуми дилбохта, ҳамон нозанини худро бо дастони худ бояд бикушад! Эй, вой дод аз дастат, фалак!

— Ту, Ойша, китоби бисьёр хондӣ,— гуфт ба замин чашм дӯхта истода Махсум,— ва намедонӣ, ки шоир чӣ гуфтааст! Бале, ба ҳасби ҳоли ману ту, ба рӯзгори ману ту муносиб карда, дод задааст, гӯш кун!

> Эй чафопеша фалак, нолаю фарьёд аз ту,
> Нест чое зи ту обод, диле шод аз ту.
> Ҳар ниҳоле, ки дар ин даҳр барӯманд шудаст,
> Канда гардида ба буньёд зи бедод аз ту [1].

...Медонӣ, Ойша, ту як вақтҳо маро аз олами ваҳшат ва ҳайвоният ба олами ишқу шеърият оварда будӣ! Дар ёдат ҳаст, ман садақаю қурбони ту будам; ту ёри меҳрубон, ёри вафодор ва дилдори ман будӣ? Шабҳо дар оғӯшам қиссаи ишқу муҳаббат мехондӣ; рӯзҳо дар ёдам соатҳои дароз мешуморидӣ?! Канӣ, он рӯзҳо ба куҷо рафтанд? Ту чӣ шудӣ? Ба чӣ ҳол афтодӣ?!

Ин навъ сар шудани гуфтугӯи имрӯза Ойшаро ҳайрон кард. Вай, ки ба заҳри забон ва муомилаи дағали Асад махсум одат карда монда буд, намедонист, ки ин чӣ ҳол аст, ба Асад чӣ шудааст?!

— Гап зан, азизам,— гуфт боз Махсум ба хаёлҳои ширини гузашта тамом фурӯ рафта,— канӣ он ширинзабониҳо? Канӣ он лутфу навозиш ва эҳсону марҳамат? Канӣ он нозу истиғно? Ба куҷо рафтанд? Ба ту чӣ шуд? Ба чӣ ҳол афтодӣ?!

— Аз худат пурс!— гуфт аз тамаллуқи бечони Асад дар ғазаб шуда Ойша.

— Чаро аз худам пурсам? Магар номеҳрубонӣ аз ман сар зад? Магар ту набудӣ, ки ба суханҳои бегонагон бовар карда, аз ман рӯ тофтӣ? Магар ту набудӣ, ки суруди бевафоиро сурудӣ?!

— Ман ба кӣ вафо кунам буд? Ба кӣ меҳрубонӣ кунам буд? Ба ту?!

— Ҳа, ба ман!

— Ту медонӣ, ки кистӣ? Магар ту золим, фиребгар ва дурӯғгӯ нестӣ? Магар ту набудӣ, ки бо лофу казофи дурӯғ ва бо хабарҳои бофтаю сохта маро аз ёри меҳрубонам чудо карда, ба қайди макру ҳилаи худ даровардӣ?

---

[1] Шеъри С. Айнӣ.

Магар ту набудӣ, ки ин қадар моҳҳои дароз маро дар азобу шиканҷа нигоҳ медорӣ?! Магар ту нестӣ, ки гулгунчаи ҳаёти маро ношукуфта хазон кардӣ?!

— Бас, бас, бас!— гуфт дағалона овоз баланд карда Махсум.— Боз ту маро ба олами ҳастӣ ва ҳақиқат баргардонидӣ! Афсӯс, ки дақиқаи ширини хаёл ғоиб шуд, афсӯс, сад афсӯс! Мани содда рӯи пажмурдаи туро дида, гулгуниатро ба ёд овардам ва дилам сӯхт. Надонистам ва фаромӯш кардам, ки ту морбача будӣ ва акнун сар то по захру зақум шуда мондаӣ!

— Дар доми аждаҳои хунхор нишаста ба хуну чирк барнагашта, захри мор шуда бошам ҳай-ҳай! Бо ҳамин захре, ки худат дар ман тайёр кардӣ, насиб бошад, худат ба ҷаҳаннам меравӣ!

Якбора ғазаби Махсум ҷӯш зад ва дунъё ба назараш торик гашта, бо як навъ овози пурдаҳшати даруни фарьёд карда натавонисту ғурунгос зад, чун мор фашшос зад:

— Ҳа, ба ҷаҳаннам равондани худатро ҳам ба ёдам расонидӣ! Пас ба маргат ҳозир шав, занаки фалокат!

Вай таппончаи браунингро, ки ҳамеша дар миёнаш баста мегашт, аз ғилоф кашиду ба тирдонаш нигарист, хост, ки қаровулакашро пас кашида ба паррондан ҳозир шавад, якбора:

— Не!— гуфт ва таппончаро ба рӯи кат партофт.

Ойиша, ки ба мурдан тайёр шуда буд, аз даҳон фарьёде набаровард, нагурехт (ба куҷо ҳам мегурехт!) ва ба имдод одамонро ҷеғ назад. Лекин рангаш канд ва чашмонаш аз косахона баромада, ба рӯи кушандаи худаш нигарон шуд.

— Не! — гуфт боз Махсум.— Ман тири таппончаро барои ту сагбача нобуд намекунам ва боиси ташвиши одамони худам намешавам. Туро ана бо ҳамин дастони худам буғӣ карда мекушам! Фикр накун, ки пас аз ман ту насиби Карим мешавӣ!

Инро гуфту чун хирси хунхӯр ба сари Ойиша бо панҷаҳои кушоди ҷонгудоз ҳаракат кард. Ойиша беихтиёр чанд қадам ба тарафи девор худро кашид ва дастони ларзонашро ба мудофиаи гарданаш гузошт...

Дар ҳамин дам аз сӯрохие ки ба ҷои тиреза дар он хона монда шуда буд, овози маҳрамаш баланд шуд:

— Хӯҷаин, ҳо хӯҷаин! Зуд бароед, ки вакилонц аскарҳои сурх байрақи сафед бардошта омаданд!

— Ҳа, — гуфт ба ҷояш калавида Асад,— вакилҳо мегӯӣ?

— Ҳа, вакилҳо... Бо ду мӯйсафед худи Карим командир омадааст!

— Ҳа, Карим омадааст, бисьёр нағз! Набошад, мо аввал Каримро ба ҷаҳаннам мефиристем ва ҷон кандани ёри меҳрубонатонро хуб тамошо карда шуда, баъд аз пасаш шумо меравед!

Инро гуфту девонаворона қадам гузошта Махсум аз дар баромад. Ойнша ҳам беихтиёр ба ҳеҷ чиз аҳамият надода, давида рафту аз болои кат таппончаро гирифт ва ба сӯрох наздик шуда, аз қафои Махсум нишон гирифт. Лекин ҳанӯз забонаки таппончаро зер накарда модараш тохта ба хона даромад ва бо тамоми баданаш худашро ба духтараш партофта, дасти ӯро аз сӯрох кашид.

— Ҷон духтарам, ҷонон духтарам! — мегуфт кампир.— Шайтонро ҳай зан, ин корро накун, ки баъд пушаймон мешавӣ! Ту кию таппонча паррондан! Батар аз ӯҳдаи коре баромада натавониста, ҷони ҷавонатро ба хатар мегузорӣ.

Ойнша дар айни замон ҳам дар ғазаб ва ҳам чунон маъюс шуд, ки аз дарду алам гириста сар дод:

— Эҳ, модар, модарҷон!— гуфт вай гириста истода.— Шумо чӣ кор кардед? Медонед, чӣ кор кардед?!

Дар майдончаи пеши хонаи худ, ки он ҷо аз даруни хона равшан менамуд ва овозҳо ба гӯши хонанишинон мерасид, Асад махсум вакилонро қабул кард. Домулло имом, усто Алии оҳангар ва Карим ба рӯ ба рӯи ӯ омада дар фосилаи се-чор қадам истоданд. Атрофи онҳоро сардорони дастаҳо ва одамони мусаллаҳи Асад махсум ба таври сегӯша иҳота карда буданд. Ҳама бо ҳаяҷон ва изтироби бузург ин вохӯрӣ ва ин гуфтугӯро диданӣ ва шуниданӣ буданд.

— Ассалому алайкум, ҷаноби Асад махсум!— гуфт домулло имом. Асад махсум, ки аз зери пешонааш ба онҳо нигоҳ карда меистод, як сар ҷунбонида монду гап назад.— Мо,— гуфт ба суханаш давом карда имом,— вакили сулҳу амният шуда ба назди шумо омадем. Аз барои худо ва пайғамбари худо ба ҳолу ҷони худатон, аҳли байти худатон ва ба ҳоли ин бечорагони аз хонумон ҷудогашта раҳм кунед, таклифи ҳукуматро қабул карда, ба роҳи сулҳу салоҳ дароед.

— Ҷангу хунрезӣ ба дили ҳама, ба дили пиру ҷавон задагӣ! — гуфт усто Алӣ. — Мо омадем, ки восита шавем, шуморо бо ҳукумат оштӣ диҳем!

Махсум ҳамон тавре ки нигоҳ карда меистод, зери лаб ғурунгос зад:

— Ту, ту, мулло Карим, чӣ мегӯӣ?

— Ман сулҳномаеро, ки сардори ҳукумати Бухоро — Файзулло Хоҷаев имзо кардааст, гирифта овардам, — гуфт Карим ва аз кисаи бағалиаш коғазеро бароварда, як қадам пеш гузошту ба Махсум дароз кард. — Дар ин сулҳнома гуфта шудааст, ки, — гуфт бо овози баланд Карим, — агар шумо таслим шавед, ҳукумат ҳамаи гуноҳонатонро мебахшояд ва ба шумо имкон медиҳад, ки ҳаёти осудаҳолонаро сар кунед! Инчунин ба ҳамаи ҷанговарони шумо озодӣ ва ёрии моддӣ дода мешавад.

Мардуми дар атроф буда бо умед ва ҳаяҷон ба рӯи Асад чашм дӯхтанд. Аммо вай ба коғаз нигоҳе ҳам накард. Онро гирифту пора-пора карда ва пас наъра зад:

— Ин макру фиреби худро ба дигар ҷо кор фармоед! Дар байни мо ҳеҷ гоҳ сулҳу салоҳ намешавад!

Мардуми маъюсгашта якбора ғул-ғула бардоштанд. Онҳо рӯйрост мегуфтанд, ки ба сулҳу салоҳ розӣ шудан лозим. Махсум даст бардошта мардумро хомӯш кард.

— Ин одаме, ки шумо бо номи Карим командир мешиносед, — гуфт вай, — як бор аз тири милтиқи ман қариб аз миён рафта буд. Вай хоин ва ҷосус аст. Вай ба номуси ман, ба номуси зани ман даст задан мехоҳад. Ҳамаи ин найрангҳо барои Ойиша аст! Ба гапҳои вай бовар накунед!

— Шарм кунед, Махсум! — гуфт Карим. — Ин қадар ҳам пастӣ ва разолатро ба худ роҳ надиҳед!

— Хайр, ҳамин тавр-мӣ? — гуфт беихтиёр ба ғилофи бетаппонча даст дароз карда Махсум. — Ман разил, ман паст! Набошад ана ин ханҷар ҷавоби маро медиҳад!

Махсум дар як чашм задан аз миёнаш ханҷарро кашиду чун бабр ҷаҳида мехост, ки онро ба сари дили Карим зер кунад, ногоҳ садои гулдуроси таппонча баланд шуду аз сӯрохи хона тири ҷонгудоз дар айни вақташ омада ба банди дасти Махсум расид ва ханҷар аз панҷаи ӯ ба замин афтод. Карим ҳам, ки ба ҳуҷуми ногаҳонӣ тайёр шуда буд, бо як зарба Асад махсумро ба замин ғалтонд. Одамони вай, ҳатто маҳрамҳои хоси ӯ ба ёрӣ

натохтанд, баракс аз куҷо арғамчин пайдо карда, бозувони ӯро сахт бастанд.

Дар айни ҳамин ҳол аз тарафи поён ғул-ғула бархост ва аскарони сурх расида омада, он майдонро ҳалқавор печонида гирифтанд. Қарим Асад махсуми захмиро аз замин бардошта ба по гузоштау фармуд, ки захми дасти ӯро банданд ва ба Аминов, ки дар сари аскарони сурх ба он ҷо ҳозир шуда буд, рапорт дод:

— Рафиқ раиси чекаи Бухоро! Вазифае, ки ба дастаи фидоиёни мо аз тарафи ҳукумат супорида шуда буд, ҳамин ҳоло ба анҷом расонида шуд ва Асад махсуми хоин дастгир, одамонаш таслим шуданд.

— Офарин, офарин, дӯстон ва рафиқони азизам!— гуфт Аминов.— Шумо ба мардуми Бухорои озод осудагӣ ва сулҳу амният овардед, шумо ба ҳар гуна эҳтиром меарзед! Ҳамаи онҳоеро, ки яроқашонро супурда таслим шудаанд, ҳукумат афв мекунад ва барои хоини давлат ва душмани халқро суди одили шӯрой маҳкум ба ҷазои олӣ мегардонад.

— Не, хобатро ба об гӯй!— гуфт Асад махсум ва бо як хез ҷаҳида худро ба пеш зад, чандин нафарро зада афтонда, худро ба канори ҷарие расонид, ки аз он ҷо худаш гунаҳгоронашро ба партгоҳи бетак мепартофт ва наъраи бадҳайбате кашида, худро ба поён партоб намуд...

Бо ҳамин вопасин амири Бухоро ҳаёташро ба охир расонид.

# МУНДАРИҶА

Фасли аввал . . . . . . . . . . 5
Фасли сонӣ . . . . . . . . . . 240

*Дж. Икрами*

**СВЕРГНУТЫЙ ТРОН**

**(Третья часть трилогии**
**«Двенадцать ворот Бухары»)**

Муҳаррир *У. Холиқов*
Рассом *Д. Винокуров*
Муҳаррири расмҳо *Т. Королёва*
Муҳаррири техникӣ *Р. Анисимова*
Мусаҳҳеҳон *Ю. Аҳмадов* ва *Ч. Тағайбердиев*

Ба матбаа 3/IX-1973 супурда шуд. Ба чопаш 21/-1974 имзо шуд. Формати $84 \times 108^1/_{32}$. Коғази № 1. Ҷузъи чопӣ 10.625. (17.85). Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 18.16. Адади нашр 14000. Супориши № 1739. КЛ 04543. Нархаш 83 тин.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Шевченко, 10.

Комбинати полиграфии Комитети Давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.